*АХТАРОНИ АДАБ*

**21**

**ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Гулназар*
*Акбар Турсун*
*Фарҳоди Карим*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

# ХАМСА

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2012

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Баргардон, пешгуфтор ва таҳияи*
***ҶОБУЛҚО ДОДАЛИШОЕВ, АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ ВА МУБАШШИР АКБАРЗОД***

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Низомии Ганҷавӣ*** *Хамса: Искандарнома* — Душанбе: «Адиб», 2012. - 480 саҳ.

Зода ва парвардаи Ганҷаи Озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ аз бузургтарин устодони каломи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, «Хамса»-и дилписанду бегазанди ӯ аз шоҳкорҳои фарҳанги дунё эътироф гардидааст.

Шоир бо ин шоҳасар мактаби адабии «Хамса»-сароиро дар адабиётамон поя гузоштааст, ки баъд аз он дар пайравии ин асар ва достонҳои алоҳидаи он дар адабиёти Шарқ асарҳои зиёде офарида шудаанд.

Дар Тоҷикистон «Хамса» ё достонҳои алоҳидаи он борҳо ба нашр расидааст. Инак, нашри тозаи ин асар дар се ҷилд бо тасҳеҳи нав пешкаши хонанда мегардад.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2012.**

# *ИСКАНДАРНОМА*

# ШАРАФНОМА

## БА НОМИ ЭЗИДИ БАХШОЯНДА

Худоё, ҷаҳонподшоӣ туробст,
Зи мо хидмат ояд, худоӣ туробст.
Паноҳи баландию пастӣ туӣ,
Ҳама нестанд, он чи ҳастӣ, туӣ.
Ҳама офаридаст болову паст,
Туӣ офаринандаи ҳар чӣ ҳаст.
Туӣ бартарин донишомӯзи пок,
Зи дониш қалам ронда бар лавҳи хок.
Чу шуд ҳуҷҷатат бар худоӣ дуруст,
Хирад дод бар ту гувоӣ нахуст.
Хирадро ту равшанбасар кардаӣ,
Чароғи ҳидоят ту бар кардаӣ.
Туӣ, к-осмонро барафрохтӣ,
Заминро гузаргоҳи ӯ сохтӣ.
Туӣ, к-офаридӣ зи як қатра об
Гуҳарҳои равшантар аз офтоб.
Ту овардӣ аз лутф ҷавҳар падид,
Ба ҷавҳарфурӯшон ту додӣ калид.
Ҷавоҳир ту бахшӣ дили сангро,
Ту дар рӯи ҷавҳар кашӣ рангро.
Наборад ҳаво, то нагӯӣ: «Бибор!»
Замин н-оварад, то нагӯӣ: «Биёр!».
Ҷаҳоне бад-ин хубӣ оростӣ,
Бурун з-он ки ёригарӣ хостӣ.
Зи гармию сардию аз хушку тар
Сириштӣ ба андозаи якдигар.
Чунон баркашидию бастӣ нигор,
Ки беҳ з-он наёрад хирад дар шумор.
Муҳандис басе ҷӯяд аз розашон,
Надонад, ки чун кардӣ оғозашон.
Наёяд зи мо ҷуз назар кардане,
Дигар хуфтане боз ё х(в)ардане.
Забон баркушудан ба иқрори ту,
Наянгехтан иллати кори ту.
Ҳисобе, к-аз ин багзарад, гумраҳист,
Зи рози ту андеша бе огаҳист.
Ба ҳар-ч офаридию бастӣ тироз,
Ниёзат на, эй аз ҳама бениёз!
Чунон офаридӣ замину замон,
Ҳамон гардиши анҷуму осмон,

Ки чандон ки андеша гардад баланд,
Сари худ бурун н-оварад з-ин каманд.
Набуд офариниш, ту будӣ Худой,
Набошад ҳаме ҳам, ту бошӣ ба ҷой.
Кавокиб ту барбастӣ афлокро,
Ба мардум ту оростӣ хокро.
Туӣ гавҳаромои чор охшиҷ,
Мусалсалкуни гавҳарон дар мизиҷ.
Ҳисори фалак баркашидӣ баланд,
Дар ӯ кардӣ андешаро шаҳрбанд.
Чунон бастӣ он тоқи нилуфарӣ,
Ки андешаро нест з-ӯ бартарӣ.
Хирад то абад дарнаёбад туро,
Ки тоби хирад барнатобад туро.
Вуҷуди ту аз ҳазрати тангбор
Кунад пайки идрокро сангсор.
Напаркандаӣ, то фароҳам шавӣ,
Наяфзудаӣ низ, то кам шавӣ.
Хаёли назар холӣ аз роҳи ту,
Зи гардандагӣ дур даргоҳи ту.
Саре к-аз ту гардад баландигарой,
Ба афкандани кас наяфтад зи пой.
Касеро, ки қаҳри ту дар сар фиканд,
Ба помардии кас нагардад баланд.
Ҳама зердастему фармонпазир,
Туӣ ёваридеҳ, туӣ дастгир.
Агар пои пил аст, агар парри мӯр,
Ба ҳар як ту додӣ заифию зӯр.
Чу неру фиристӣ  ба тақдири пок,
Ба мӯре зи море барорӣ ҳалок.
Чу бардорӣ аз раҳгузар дудро,
Хурад пашшае мағзи Намрудро.
Чу дар лашкари душман орӣ раҳил,
Ба мурғон кушӣ пилу Асҳоби пил.
Гаҳ аз нутфае некбахте диҳӣ,
Гаҳ аз устухоне дарахте диҳӣ.
Гаҳ орӣ Халиле зи бутхонае,
Гаҳе ошное зи бегонае.
Гаҳе бо чунон гавҳари хонахез
Чу Бӯтолиберо кунӣ сангрез,
Киро заҳраи он, ки аз бими ту
Кушояд забон ҷуз ба таслими ту?!
Забоноваронро ба ту бор нест,
Ки бо машъала ганҷро кор нест.
Ситонӣ забон аз рақибони роз,
Ки то рози султон нагӯянд боз.
Маро дар ғубори чунин тирахок
Ту додӣ дили равшану ҷони пок.

Гар олуда гардам ман, андеша нест,
Ҷуз олудагӣ хокро пеша нест.
Гар ин хок рӯй аз гунаҳ тофтӣ,
Ба омурзиши ту кӣ раҳ ёфтӣ?
Гуноҳи ман, ар н-омадӣ дар шумор,
Туро ном кай будӣ омурзгор?
Шабу рӯз дар шому дар бомдод
Ту бар ёдӣ, аз ҳар чӣ дорам ба ёд.
Чу аввалшаб оҳанги хоб оварам,
Ба тасбеҳи номат шитоб оварам.
Чу дар нимшаб сар барорам зи хоб,
Туро хонаму резам аз дида об.
В-агар бомдод аст, роҳам ба туст,
Ҳама рӯз то шаб паноҳам ба туст.
Чу хоҳам зи ту рӯзу шаб ёварӣ,
Макун шармсорам дар ин доварӣ.
Чунон дорам, эй довари корсоз,
К-аз ин бониёзон шавам бениёз.
Парастандае, к-аз раҳи бандагӣ
Кунад, чун туеро парастандагӣ,
Дар ин олам обод гардад ба ганҷ,
Дар ин олам озод гардад ба ранҷ.
Маро нест аз худ ҳисобе ба даст,
Ҳисоби ман аз туст, чандон ки ҳаст.
Баду некро аз ту ояд калид,
Зи ту неку аз ман бад ояд падид.
Ту некӣ кунӣ, ман на бад кардаам,
Ки бадро ҳаволат ба х(в)ад кардаам.
Зи туст  аввалин нақшро саргузашт,
Ба туст охирин ҳарфро бозгашт.
Зи ту ояте дар ман омӯхтан,
Зи ман девро дида бардӯхтан.
Чу номи туям ҷоннавозӣ кунад,
Ба ман дев кай дастёзӣ кунад?!
Надорам раво бо ту аз хештан,
Ки гӯям туву боз гӯям, ки ман.
Гар осуда, гар нотавон мезиям,
Чунон к-офаридӣ, чунон мезиям.
Умедам чунон аст аз он боргоҳ,
Ки чун ман шавам дур аз ин коргоҳ,
Фурӯ резам аз назму тартиби хеш,
Дигаргуна гардам зи таркиби хеш,
Кунад бод парканда хоки маро,
Набинад касе ҷони поки маро.
Пажӯҳандаи ҳоли сарбасти ман,
Ниҳад тӯҳмати нест бар ҳасти ман.
Зи ғайб он намудораш орӣ ба даст.
К-аз ин ғоиб огоҳ бошад, ки ҳаст.

Чу бар ҳастии ту мани сустрой
Басе ҳуҷҷат ангехтам дулкушой,
Ту низ, ар шавад маҳди ман дар ниҳуфт,
Хабар деҳ, ки ҷон монд, агар хок хуфт.
Чунон гарм кун азми роям ба ту,
Ки хуррамдил оям, чу оям ба ту.
Ҳама ҳамраҳон то ба дар бо мананд,
Чу ман рафтам, ин дӯстон душмананд.
Агар чашму гӯшат, агар дасту пой,
Зи ман бозмонданд як-як ба ҷой,
Туӣ он ки, то ман манам, бо манӣ,
Дар ин дар мабодам тиҳидоманӣ.
Дар ин раҳ, ки сар бар даре мезанам,
Ба уммеди тоҷе саре мезанам.
Саре, к-он надорам аз ин дар дареғ,
Беҳ, ар тоҷ бахшӣ бад-он сар, на теғ.
Ба ҳукме, ки он дар азал рондаӣ,
Нагардад қалам, з-он чи гардондаӣ.
Валекин ба хоҳиш мани ҳукмкаш
Кунам з-ин суханҳо дали хеш х(в)аш.
Ту гуфтӣ, ки «ҳар кас, ки дар ранҷу тоб
Дуое кунад, ман кунам мустаҷоб».
Чу оҷиз раҳонанда донам туро,
Дар ин оҷизӣ чун нахонам туро?!
Бале, кори ту банда парвардан аст,
Маро кор бо бандагӣ кардан аст.
Шикаста чунон гаштаам, балки хурд,
Ки ободиямро ҳама бод бурд,
Туӣ, к-аз шикастам раҳоӣ диҳӣ,
В-агар бишканӣ, мӯмиёӣ диҳӣ.
Дар ин нимшаб, к-аз ту ҷӯям паноҳ,
Ба маҳтоби фазлам барафзӯз роҳ.
Нигаҳ дорам аз рахнаи раҳзанон,
Макун шод бар ман дили душманон.
Ба шукрам расон аввал, он гаҳ ба ганҷ,
Нахустам сабурӣ деҳ, он гоҳ ранҷ.
Балое, ки бошам дар он носабур,
Зи ман дур дор, эй зи бедод дур!
Гарам дар балое кунӣ мубтало,
Нахустам сабурӣ деҳ, он гаҳ бало.
Гарам бишканӣ в-ар ниҳӣ дар навард,
Кафе хок хоҳӣ зи ман, хоҳ гард,
Бурун афтам аз худ ба паркандагӣ,
Наяфтам бурун бо ту аз бандагӣ.
Ба ҳар гӯша, к-афтам, сано хонамат,
Ба ҳар ҷо, ки бошам, Худо донамат.
Қарори ҳама ҳаст бар нестӣ,
Туӣ он ки бар як қарор истӣ.

Пажӯҳандаро ёва з-он шуд калид,
К-аз андозаи хештан дар ту дид.
Касе, к-аз ту дар ту назора кунад,
Варақҳои беҳуда пора кунад.
Нашояд туро ҷуз ба ту ёфтан,
Инон бояд аз ҳар даре тофтан.
Назар то бад-ин ҷост, манзил шинос,
К-аз ин бигзарӣ, дар дил ояд ҳарос.
Сипурдам ба ту мояи хешро,
Ту донӣ ҳисоби каму бешро.

## МУНОҶОТ БА ДАРГОҲИ БОРӢ АЗЗА ШАЪНАҲУ

Бузурго, бузургидиҳо, бекасам,
Туӣ ёварибахшу ёрирасам!
Наёвардам аз хона чизе нахуст,
Ту додӣ, ҳама чизи ман чизи туст!
Чу кардӣ чароғи маро нурдор,
Зи ман боди машъалкушон дур дор!
Ба киштан чу додӣ танумандиям,
Ту деҳ, з-он чи киштам, барумандиям.
Гарева баланд асту селоб сахт,
Мапечон инони ман аз роҳи бахт.
Аз ин селгоҳам чунон деҳ гузор,
Ки пул нашканад бар ман ин рӯдбор.
Уқубат макун, узрхоҳ омадам,
Ба даргоҳи ту рӯсиёҳ омадам.
Сиёҳи маро ҳам ту гардон сапед,
Магардонам аз даргаҳат ноумед.
Сиришти маро, к-офаридӣ зи хок,
Сиришта ту кардӣ ба нопоку пок.
Агар некаму гар бадам дар сиришт,
Қазои ту ин нақш дар ман набишт.
Худованди моию мо бандаем,
Ба нерӯи ту як ба як зиндаем.
Ҳар он-ч офаридаст бинандаро,
Нишон медиҳанд офаринандаро.
Маро ҳаст биниш назаргоҳи ту,
Чӣ гуна набинам бад-ӯ роҳи ту?!
Туро бинам, аз ҳар чӣ пардохтаст,
Ки ҳастӣ ту созанда, ӯ сохтаст.
Ҳама суратӣ пеши фарҳангу рой,
Ба наққош сурат бувад раҳнамой.
Басе манзил омад зи ман то ба ту,
Нашояд туро ёфт, илло ба ту.
Асосе, ки дар осмону замист,
Ба андозаи фикрати одамист.

Шавад фикрат андозаро раҳнамун,
Сар аз ҳадду андоза н-орад бурун.
Ба ҳар пояе даст чандон расад,
Ки он пояро ҳад ба поён расад.
Чу поён пазирад ҳади коинот,
Намонад дар андеша дигар ҷиҳот.
Наяндешад андеша афзун аз ин,
Ту ҳастӣ на ин, балки берун аз ин.
Бар он дорам, эй маслиҳатхоҳи ман,
Ки бошад суи маслиҳат роҳи ман.
Раҳе пешам овар, ки фарҷоми кор
Ту хушнуд бошию ман растгор.
Ҷуз ин нестам чорае дар сиришт,
Ки сар барнагардонам аз сарнавишт.
Нависам хате з-ин ниёишгарӣ,
Мусаҷҷал ба имзои пайғамбарӣ.
Гувоҳӣ дар ӯ аз кӣ? Аз чорёр,
Ки сад офарин бод бар ҳар чаҳор!
Нигаҳ дорам он хатти хунираҳон
Чу таъвиз бар бозуи худ ниҳон.
Дар он доваригоҳ чун теғи тез,
Ки ҳам растхез асту ҳам растахез.
Чу паррон шавад номаҳо сӯи мард,
Ман он номаро баркушоям навард.
Намоям, ки чун ҳукм ронӣ дуруст,
Бар ин ҳукмрон в-он дигар ҳукми туст.
Умедам ба ту ҳаст аз андоза беш,
Макун ноумедам зи даргоҳи хеш.
Зи ту гарчи маркаб бурун рондаам,
Ба роҳи ту дар нимраҳ мондаам.
Фуруд ор маҳдам ба даргоҳи хеш,
Магардон сари ришта аз роҳи хеш.
Зи ман коҳишу ҷон фузудан зи ту,
Нишон ҷустан аз ман, намудан зи ту.
Чу бозори ман бе ман оростӣ,
Бад-он расму оин, ки мехостӣ,
Зи равнақ мабар нақши ороишам,
Насибе деҳ аз ганҷи бахшоишам.
Чӣ хоҳӣ зи ман бо чунин буди суст,
Ҳамон гир нобуда будам нахуст.
Маро чун назар бар ман андохтӣ,
Мазан микраа, чун ки бинвохтӣ.
Ту додӣ маро пойгоҳи баланд,
Туам даст гир андар ин пойбанд.
Чу додим номуси номоварон,
Бидеҳ додам, эй довари доварон.
Сареро, ки бар сар ниҳодӣ кулоҳ,
Маяндоз дар пои ҳар хоки роҳ.

Дилеро, ки шуд бар дарат роздор,
Зи дарюзаи ҳар даре боздор,
Накӯ кун чу кирдори худ кори ман,
Макун кор бо ман ба кирдори ман.
Низомӣ бад-ин боргоҳи рафеъ
Наёрад ба ҷуз Мустафоро шафеъ.

## ДАР НАЪТИ ХОҶАИ КОИНОТ

Фиристодаи хоси парвардгор,
Расонандаи ҳуҷҷати устувор.
Гаронмоятар тоҷи озодагон,
Гиромитар аз одамизодагон.
Муҳаммад, к-азал то абад, ҳар чӣ ҳаст,
Ба ороиши номи ӯ нақш баст.
Чароғе, ки парвона биниш бад-ӯст,
Фурӯғи ҳама офариниш бад-ӯст.
Замондори олам сияҳ то сапед,
Шафоатгари рӯзи биму умед.
Дарахте сиҳисоя дар боғи шаръ,
Заминӣ ба асл, осмонӣ ба фаръ.
Зиёратгаҳи аслдорони пок,
Валинеъмати фаръхорони хок.
Чароғе, ки то ӯ наяфрӯхт нур,
Зи чашми ҷаҳон равшанӣ буд дур.
Сиёҳидиҳи холи Аббосиён,
Сапедибари чашми Шаммосиён.
Лаб аз боди Исо пуразнӯштар,
Тан аз оби ҳайвон сияҳпӯштар.
Фалак бар замин чортоқафганаш,
Замин бар фалак панҷнавбатзанаш.
Сутуни хирад маснади пушти ӯ,
Маҳ ангушткаш гашта з-ангушти ӯ.
Хироҷвараш ҳокими Руму Рай,
Хироҷаш фиристода Кисрову Кай.
Муҳите, чӣ гӯям, чу боранда меғ,
Ба як даст гавҳар, ба як даст теғ.
Ба гавҳар ҷаҳонро биёроста,
Ба теғ аз ҷаҳон доди дин хоста.
Агар шаҳнаи теғ бар сар барад,
Сари теғи ӯ тоҷу афсар барад.
Ба сар бурдани хасм чун пай фишурд,
Ба сар бурд теғе, ки бар сар набурд.
Қабои ду олам ба ҳам дӯхтанд,
В-аз он ҳар ду як зевар афрӯхтанд.
Чу гашт он муламмаъ қабо ҷои ӯ,
Ба дасте кам омад зи болои ӯ.
Ба болои ӯ, к-Эзид ороста ст,
Ҳам ороиши эзидӣ рост аст.

Калиди карам буда дар банди кор,
Кушода бад-ӯ қуфли чандин ҳисор.
Фарохӣ бад-ӯ даъвати тангро,
Гувоҳӣ бар эъҷози ӯ сангро.
Тиҳидаст султони дарвешпӯш,
Ғуломихару подшоҳифурӯш.
Зи меъроҷи ӯ дар шаби турктоз
Муарриҷгарони фалакро тироз.
Шаб аз чатри меъроҷи ӯ сояе,
В-аз он нардбон осмон пояе.

## ДАР МЕЪРОҶИ ПАЙҒАМБАРИ АКРАМ

Шабе, к-осмон маҷлисафрӯз кард,
Шаб аз равшанӣ даъвии рӯз кард.
Саропардаи ҳафт султон сарир
Баромуда гавҳар ба чинӣ ҳарир.
Сари сабзпӯшони боғи биҳишт
Ба сарсабзӣ ороста кору кишт.
Муҳаммад, ки султони ин маҳд буд,
Зи чандин халифа валиаҳд буд.
Сари нофа дар байти ақсо кушод,
Зи нофи замин сар ба ақсо ниҳод.
Зи банди ҷаҳон дод худро халос,
Ба маъшуқии аршиён гашт хос.
Буна баст аз ин кӯи ҳафтодроҳ,
Ба ҳафтум фалак барзада боргоҳ.
Дил аз кори нуҳ ҳуҷра пардохта,
Ба нуҳ ҳуҷраи осмон тохта.
Бурун ҷаста з-ин кундаи чорбанд,
Фарас ронда бар ҳафт чархи баланд.
Буроқе шитобанда зераш чу барқ,
Ситомаш чу хуршед дар нур ғарқ.
Суҳайле бар авҷи Араб тофта,
Адими Яман ранг аз ӯ ёфта.
Бирешимдуме, балки луълусуме,
Раванда чу луълу бар абрешиме.
На оҳу, вале нофаш аз мушк пур,
Чу дандони оҳу баромуда дур.
Аз он хушъинонтар, ки ояд гумон,
В-аз он тезравтар, ки тир аз камон.
Шитобандатар ваҳми улвихиром
Аз ӯ бозпас монда ҳафтод гом.
Ба оламкушоӣ фариштаваше,
На оламкушое, ки оламкаше.
Ба шабрангӣ аз шабчаро гашта маст,
Чу моҳ омада шабчароғе ба даст.

Чунон шуд, ки аз тезии гоми ӯ
Сабақ бурд бар ҷунбиш ороми ӯ.
Қадам бар қиёси назар мекушод,
Магар худ қадам бар назар мениҳод.
Паямбар бад-он хатлии раҳнавард
Баровард аз ин оби гарданда гард.
Ҳам ӯ роҳдон, ҳам фарас роҳвор,
Зиҳӣ, шоҳи маркаб, зиҳӣ, шаҳсавор!
Чу з-ин хонақаҳ азми дарвоза кард,
Ба дасташ фалак хирқаро тоза кард.
Саводи фалак гашта гулшан бад-ӯ,
Шуда равшанон чашмравшан бад-ӯ.
Дар он парда, к-аз гардҳо буд пок,
Нашоист шуд доманолудахок.
Ба дарёи ҳафтахтар омад нахуст,
Қадамро ба ҳафт оби хокӣ бишуст.
Раҳо кард бар анҷум асбобро,
Ба Маҳ дод гаҳвораи хобро.
Пас, он гаҳ қалам бар Уторид шикаст,
Ки уммӣ қаламро нагирад ба даст.
Талоқи табиат ба Ноҳид дод,
Ба шукрона курсе ба Хуршед дод.
Ба Миррих дод оташи хашми хеш,
Ки хашм андар он раҳ намерафт пеш.
Руунат раҳо кард бар Муштарӣ,
Нигине дигар зад бар ангуштарӣ.
Саводи сафина ба Кайвон супурд,
Ба ҷуз гавҳаре пок бо худ набурд.
Бипардохт нузле ба ҳар манзиле,
Чунон к-ӯ фурӯ монду танҳодиле.
Шуда ҷони пайғамбарон хоки ӯ,
Зада даст ҳар як ба фитроки ӯ.
Камар бар камар, кӯҳ бар кӯҳ ронд,
Гарева-гарева ҷанибат ҷаҳонд,
Ба ҳоруннияш Хизру Мӯсо давон,
Масеҳо, чӣ гӯям, зи мавкиб равон.
Ба андозаи он ки як дам зананд,
Ба як чашмзахме, ки бар ҳам зананд,
Зи харпуштаи осмон даргузашт,
Замину замонро варақ дарнавашт.
Надида зи таъҷили новарди ӯ
Кас аз гирд бар гирди ӯ гарди ӯ.
Зи партоби тираш дар он турктоз
Фалак тирпартобҳо монда боз.
Танида танаш дар расадҳои дур,
Ба рӯҳониён – бар ҷасадҳои нур.
Дар он роҳи бероҳ аз оворагӣ
Ҳамаш бор монда, ҳамаш борагӣ.

Пари Ҷабраил аз раҳаш рехта,
Сирофил аз он садма бигрехта.
Зи рафраф гузашта ба фарсангҳо,
Дар он парда бинмуда оҳангҳо.
Зи дарвозаи сидра то соқи арш
Қадам бар қадам исмат афканда фарш.
Зи девонгаҳи аршиён баргузашт,
Ба дарҷ омаду дарҷро дарнавашт.
Ҷиҳатро вилоят ба поён расид,
Қатиат ба паргори даврон расид.
Заминзодаи осмонтохта
Замин в-осмонро пас андохта,
Муҷаррадравиро ба ҷое расонд,
Ки аз буди ӯ ҳеч бо ӯ намонд.
Чу шуд дар раҳи нестӣ чархзан,
Бурун омад аз ҳастии хештан.
Дар он доира гардиши роҳи ӯ,
Намуд аз сари ӯ қадамгоҳи ӯ.
Раҳӣ рафт бе зеру боло далер,
Ки дар доира нест болову зер.
Ҳиҷоби сиёсат барандохтанд,
Зи бегонагон ҳуҷра пардохтанд.
Дар он ҷой, к-андеша нодида ҷой,
Дуруд аз Муҳаммад, қабул аз Худой.
Каломе, ки беолат омад, шунид,
Лиқое, ки он диданӣ буд, дид.
Чунон дид, к-аз ҳазрати зулҷалол
На з-он сӯ ҷиҳат буд, на з-ин сӯ хаёл.
Ҳама дида гашта чу наргис танаш,
Нагашта яке хор пероманаш.
Дар он наргисин ҳарф, к-он боғ дошт,
Магӯ зоғ, к-ӯ муҳри мозоғ дошт.
Гузар бар сари хони ихлос кард,
Ҳам ӯ хӯрду ҳам бахши мо хос кард.
Дилаш нури фазли илоҳӣ гирифт,
Ятиме, нигар, то чӣ шоҳӣ гирифт.
Суи олам омад рухафрӯхта,
Ҳама илми олам даромӯхта.
Чунон рафтаву омада бозпас,
Ки н-ояд дар андешаи ҳеч кас.
Зи гармӣ, ки чун барқ паймуд роҳ,
Нашуд гармии хобаш аз хобгоҳ.
Надонам, ки шабро чӣ аҳвол буд,
Шабе буд, ё худ яке сол буд.
Чу шояд, ки ҷонҳои мо дар даме
Барояд ба пиромани оламе,
Тани ӯ, ки софитар аз ҷони мост,
Агар шуд ба як лаҳза в-омад, равост.

Беҳ, ар гавҳари ҷон нисораш кунам,
Санохонии чорёраш кунам.
Гуҳархар чаҳоранду гавҳар чаҳор,
Фурӯшандаро бо фузулӣ чӣ кор?
Ба меҳри Алӣ гарчи муҳкампаям,
Зи ишқи Умар низ холӣ наям.
Ҳамэдун дар ин чашми равшандимоғ
Абӯбакр шамъ асту Усмон чароғ.
Бад-он чор султони дарвешном
Шуда чор такбири давлат тамом.
Зиҳӣ, пешвои фиристодагон,
Пазирандаи узри афтодагон.
Ба оғози мулк аввалин роятӣ,
Ба поёни давр охирин оятӣ.
Гузинкардаи ҳар ду олам туӣ,
Чу ту гар касе бошад, он ҳам туӣ.
Туӣ қуфли ганҷинаҳоро калид,
Дари неку бад карда бар мо падид.
Ба шаб рӯз моро ба безимматӣ
Сиҷил барзада, к-умматӣ, умматӣ.
Ман аз умматон камтарин хоки ту,
Бад-ин лоғарӣ сайди фитроки ту.
Низомӣ, ки дар Ганҷа шуд шаҳрбанд,
Мабод аз саломи ту нобаҳрманд.

## ДАР СОБИҚАИ НАЗМИ «ШАРАФНОМА»

Шабе чун саҳар зевар ороста,
Ба чандин дуои саҳар хоста.
Зи маҳтоби равшан ҷаҳон тобнок,
Бурун рехта нофа аз нофи хок.
Тиҳӣ гашта бозори хок аз хурӯш,
Зи бонги ҷарасҳо баросуда гӯш.
Рақибони шаб гашта сармасти хоб,
Фурӯ бурда сар субҳи содиқ ба об,
Ман аз шуғли гетӣ барафшонда даст,
Ба занҷири фикрат шуда пойбаст.
Кушода дилу дида бардӯхта,
Ба раҳ доштан хотир афрӯхта,
Ки чун боядам матраҳе сохтан,
Шикоре дар он матраҳ андохтан.
Фиканда суринро саросемавор,
Чу болини гӯрон ба гӯрон нигор.
Сарам бар сари зону оварда ҷой,
Замин зери сар, осмон зери пой.
Қароре на дар рақси аъзои ман,
Сари ман шуда курсии пои ман.

Ба ҷавлони андешаи раҳнаворд
Зи паҳлӯ ба паҳлӯ шуда гирдгард.
Тани хеш дар гӯша бигзошта,
Ба саҳрои ҷон тӯша бардошта.
Гаҳ аз лавҳи нохонда ибратпазир,
Гаҳ аз суҳфи пешинагон дарсгир.
Чу шамъ оташ афтода дар боғи ман,
Шуда боғи ман оташин доғи ман.
Гудозанда чун мум дар офтоб,
Ба муме чунин баста бар дида хоб.
Магар ҷодувон аз ман омӯхтанд,
Ки аз мум худ хобро дӯхтанд?
Дар он раҳгузарҳои андешанок
Пароканда шуд бар сарам мағз пок.
Даромад ба ман хобе аз ҷӯши мағз,
Дар он хоб дидам яке боғи нағз,
К-аз он боғи рангин рутаб чидаме,
В-аз ӯ додаме, ҳар киро дидаме.
Рутабчин даромад зи нӯшина хоб,
Димоғе пуроташ, даҳоне пуроб.
Бароварда муъзин ба аввалқунут,
Ки «субҳона ҳайяллазӣ лоямут».
Баромад зи ман нолае ногаҳӣ,
К-аз андеша пур гаштам, аз худ тиҳӣ.
Чу субҳи саодат баромад пагоҳ,
Шудам зинда чун бод дар субҳгоҳ.
Шабафрӯз шамъе барафрӯхтам,
В-аз андеша чун шамъ месӯхтам.
Дилам бо забон дар суханпарварӣ,
Чу Ҳоруту Зуҳра ба афсунгарӣ,
Ки бешуғл чандин набояд нишаст,
Дигарбора тарзе нав орам ба даст.
Навои ғариб оварам дар суруд,
Диҳам ҷони пешинагонро дуруд.
Барорам чароғе зи парвонае,
Дарахте баророям аз донае,
Ки ҳар-к-афканад мевае з-он дарахт,
Нишонандаро гӯяд, эй некбахт!
Ба шарте, ки муште фурӯмоягон
Надузданд колои ҳамсоягон.
Гирифтам, сари тезҳушон манам,
Шаҳаншоҳи гавҳарфурӯшон манам.
Ҳама хӯшачинанду ман донакор,
Ҳама хонапардозу ман хонадор.
Бар ин чорсӯ чун ниҳам дастгоҳ,
Ки эмин набошам зи duздони роҳ,
Ки дорад дуконе дар ин чорсӯ,
Ки рахна надорад зи бисёр сӯ.

Чу дарё чаро тарсам аз қатрадузд,
Ки абрам диҳад беш аз он дастмузд.
Агар барфурӯзӣ чу маҳ сад чароғ,
Зи хуршед бошад бар ӯ номи доғ.

## ТАМСИЛ АНДАР ИН МАЪНӢ

Шунидам, ки ринде ҷигартофта
Дурусте куҳан дошт навёфта.
Шунид аз дабирони динорсанҷ,
Ки зар зар кашад дар ҷаҳон, ганҷ ганҷ.
Ба бозор шуд, то ба зар зар кашад,
Ба як мағрибӣ мағрибӣ даркашид.
Ба дуккони гавҳарфурӯше расид,
Ки зар бештар з-он ба як ҷо надид.
Фурӯрехта зар як анбони чуст,
Қуроза-қуроза дурустодуруст.
Ба уммеди он ганҷ девор баст,
Барандохт динори худро зи даст.
Чу динораш аз даст парвоз кард,
Суи ганҷи сарроф сар боз кард.
Фурӯ монд мард аз зар ангехтан,
В-аз он як адад дар сад омехтан.
Ба зорӣ намуд аз паи зар хурӯш,
Бинолид дар марди ҷавҳарфурӯш,
Ки аз мулки дунё ба чандин диранг
Дурусте зар оварда будам ба чанг.
Шунидам на аз зиракӣ, з-аблаҳӣ,
Ки зар зар кашад, чун баробар ниҳӣ.
Ба ганҷинаи ин дукон тохтам,
Зари худ баробар барандохтам.
Магар гардад он зар бад-ин рехта,
Худ ин зар бад-он зар шуд омехта.
Бихандид саррофи озодмард,
В-аз омезиши зар бад-ӯ қисса кард,
Ки бисёр н-ояд бари андаке,
Яке бар сад ояд, на сад бар яке.
Бар он кас, ки шуд дузди бунгоҳи ман,
Бас аст ин масал шаҳнаи роҳи ман.
Басо осиё, к-ӯ ғиревон бувад,
Чу бинанд, муздури девон бувад.
Зи duздон маро бас шуд ин дастмузд,
Ки бар ман наёранд зад бонги дузд.
Сиёҳон, ки тороҷи раҳ мекунанд,
Ба дуздӣ ҷаҳонро сияҳ мекунанд.
Ба рӯз оташе барнаёранд гарм,
Ки дорад ҳаме дида аз дида шарм.
Дабирон, нигар, то ба рӯзи сапед
Қалам чун тарошанд аз мушки бед.

Ниҳони маро ошкоро баранд,
Зи Ганҷа-ст агар, то Бухоро баранд.
Нахоҳанд коло, ки пинҳон бувад,
Ки колои duздида арзон бувад.
Валекин чу ғайб ошкоро шавад,
Дили дӯстон бемудоро шавад.
Агар duздбурда надорад нафир,
Бувад duзд худ шаҳнаи duздгир.
Беҳ, ар ман гузорам, ки худ рӯзгор
Ба ҳар неку бад бошад омӯзгор.
Тарозуи гардуни гардишбасеч
Намонду намонад насанҷида ҳеч.

## ДАР ҲАСБИ ҲОЛ ВА АНҶОМИ РӮЗГОР СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май нишон деҳ маро,
Аз он доруи беҳушон деҳ маро.
Бад-он доруи талх беҳуш кунам,
Магар хештанро фаромуш кунам.

## АНДАРЗ

Низомӣ, бас ин соҳибовозагӣ,
Кухан гаштану ҳамчунон тозагӣ.
Чу шерон зи сарпанҷа бикшой чанг,
Чу рӯбаҳ маёрой худро ба ранг.
Шунидам, ки рӯбоҳи рангин ба Рус
Худорой бошад ба ранги арӯс.
Чу борон бувад рӯз ё боду гард,
Бурун н-оварад мӯи хеш аз навард.
Ба кунҷе кунад беалаф ҷои хеш,
Налесад магар даст ё пои хеш.
Паи пӯсте хуни худро х(в)арад,
Ҳама кас тан, ӯ пӯстро парварад.
Саранҷом, к-ояд аҷал сӯи ӯ,
Ваболи тани ӯ шавад мӯи ӯ.
Бад-он мӯина қасди хунаш кунанд,
Ба расвоӣ аз сар бурунаш кунанд.
Бисоте чӣ бояд барорostан,
К-аз ӯ ногузир аст бархостан.
Ҳар он ҷонвар, к-ӯ худорой нест,
Тамаъро бар озори ӯ рой нест.
Бурун ой аз ин пардаи ҳафтранг,
Ки зангӣ бувад оина зери занг.
Бас ин ҷодуиҳо барангехтан,
Чу ҷоду ба кас дарнаёмехтан.
На гӯгирди сурхӣ, на лаъли сапед,
Ки ҷӯянда бошад зи ту ноумед.

Ба мардум даромез, агар мардумӣ,
Ки бо одамӣ хӯгар аст одамӣ.
Агар кони ганҷӣ, чу н-ой ба даст,
Басе ганҷ аз ин гуна дар хок ҳаст.
Чу дур афтад аз мевахур мевадор,
Чи хурмо бувад нахлбунро, чи хор.
Ҷавонӣ шуду зиндагонӣ намонд,
Ҷаҳон, гӯ, мамон, чун ҷавонӣ намонд.
Ҷавонӣ бувад хубии одамӣ,
Чу хубӣ равад, кай бувад хуррамӣ!
Чу пай сусту пӯсида гашт устухон,
Дигар қиссаи сахтрӯӣ махон.
Ғурури ҷавонӣ чу аз сар нишаст,
Зи густохкорӣ фурӯшӯӣ даст.
Баҳӣ чеҳраи боғ чандон бувад,
Ки шамшод бо лола хандон бувад.
Чу боди хазонӣ дарояд ба боғ,
Замона диҳад ҷои булбул ба зоғ.
Шавад барг резон зи шохи баланд,
Дили боғбонон шавад дардманд.
Раёҳин зи бустон шавад нопадид,
Дари боғро кас наҷӯяд калид.
Бинол, эй, куҳанбулбули солх(в)ард,
Ки рухсораи сурхгул гашт зард.
Дуто шуд сиҳисарви ороста,
Кадивар шуд аз соя бархоста.
Чу таърихи панҷаҳ даромад ба сол,
Дигаргуна шуд баршитобанда ҳол.
Сар аз бори сангин даромад ба санг,
Ҷамоза ба так омад аз роҳи танг.
Фурӯ монд дастам зи май хостан,
Гарон гашт поям зи бархостан.
Танам гунаи лоҷвардӣ гирифт,
Гулам сурхӣ андохт, зардӣ гирифт.
Ҳаюни равандам зи раҳ монда боз,
Ба болингаҳ омад сарамро ниёз.
Ҳамон бӯри чавгонии бодпой
Ба сад захми чавгон наҷунбад зи ҷой.
Тарабро ба майхона гум шуд калид,
Нишони пушаймонӣ омад падид.
Баромад зи кӯҳ абри кофурбор,
Мизоҷи замин гашт кофурхор.
Гаҳе дил ба рафтан гароиш кунад,
Гаҳе хобро сар ситоиш кунад.
Итоби арӯсон наёяд ба гӯш,
Сурохӣ тиҳӣ гашту соқӣ хамӯш.
Сар аз лаҳв печиду гӯш аз самоъ,
Ки наздик шуд кӯчгаҳро видоъ.

Ба вақте чунин кунҷ беҳтар зи кох,
Ки даврон кунад дастёзӣ фарох.
Тамошои парвона чандон бувад,
Ки шамъи шабафрӯз хандон бувад.
Чу аз шамъ холӣ кунӣ хонаро,
Набинӣ дигар нақши парвонаро.
Ба рӯзи ҷавонию навзодагӣ
Задам лофи пирию афтодагӣ,
Кунун гар ба ғам шодмонӣ кунам,
Ба пиронасар чун ҷавонӣ кунам?!
Чу пӯсида чӯбе, ки дар кунҷи боғ
Фурӯзанда бошад ба шаб чун чароғ.
Шабафрӯз кирме, ки тобад зи дур,
Зи бенурии шаб занад лофи нур,
Агар дидаме дар худ афзоише,
Талаб кардаме ҷои осоише.
Ба осудагӣ умри нав кардаме,
Ҷаҳонро ба шодӣ гарав кардаме,
Чу рӯзи ҷавонӣ ба поён расид,
Сапедадам аз машриқ омад падид.
Ба тадбири онам, ки сар чун ниҳам,
Чӣ гуна пай аз кор берун ниҳам.
Саре, к-ӯ сазовор бошад ба тоҷ,
Сурингоҳи ӯ мушк бояд, на оҷ.
Аз он пеш, к-ин ҳафтпаргори тез
Кунад хатти умри маро рез-рез,
Дарорам ба ҳар захмаи дасти хеш,
Нигаҳ дорам овозаи ҳасти хеш.
Ба ҳар муҳрае ҳуққабозӣ кунам,
Ба вомонди худ чорасозӣ кунам.
Чу раҳвори гелим аз ин пул гузашт,
Ба Гелон надорам сари бозгашт.
Дар ин раҳ чу ман хобанида басест,
Наёрад касе ёд, к-он ҷо касест.
Ба ёд овар, эй тоза кабки дарӣ,
Ки чун бар сари хоки ман бигзарӣ,
Гиё бинӣ, аз хокам ангехта,
Сурин суда, поин фурӯрехта.
Ҳама хоки фарши маро бурда бод,
Накарда зи ман ҳеч ҳамаҳд ёд.
Ниҳӣ даст бар шӯшаи хоки ман,
Ба ёд орӣ аз гавҳари поки ман.
Фишонӣ ту бар ман сиришке зи дур,
Фишонам ман аз осмон бар ту нур.
Дуои ту бар ҳар чӣ дорад шитоб,
Ман «омин» кунам, то шавад мустаҷоб.
Дурудам расонӣ, расонам дуруд,
Биёӣ, биёям зи гунбад фуруд.

Маро зинда пиндор чун хештан,
Ман оям ба ҷон, гар ту ой̣ ба тан.
Мадон холӣ аз ҳамнишинӣ маро,
Ки бинам туро, гар набинӣ маро.
Лаб аз хуфтае чанд хомуш макун,
Фурӯхуфтагонро фаромуш макун.
Чу он ҷо расӣ, май дарафкан ба ҷом,
Суи хобгоҳи Низомӣ хиром.
Напиндорӣ, эй Хизри пирӯзпай,
Ки аз май маро ҳаст мақсуд май.
Аз он май ҳама бехудӣ хостам,
Бад-он бехудӣ маҷлис оростам.
Маро соқӣ аз ваъдаи эзадист,
Сабӯҳ аз харобӣ, май аз бех(в)адист.
Вагарна ба Яздон, ки то будаам,
Ба май домани лаб наёлудаам.
Гар аз май шудам ҳаргиз олудаком,
Ҳалоли Худояст бар ман ҳаром.

## ДАР ШАРАФИ ИН НОМА БАР ДИГАР НОМАҲО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз сар бинеҳ хобро,
Маи ноб деҳ ошиқи нобро.
Мае, к-ӯ чу оби зулол омадаст,
Ба ҳар чор мазҳаб ҳалол омадаст.

### АНДАРЗ

Дило, то бузургӣ наёрӣ ба даст,
Ба ҷои бузургон нашояд нишаст.
Бузургит бояд дар ин дастрас,
Ба ёди бузургон баровар нафас.
Сухан то напурсанд, лаб баста дор,
Гуҳар нашканӣ, теша оҳиста дор.
Напурсида ҳар к-ӯ сухан ёд кард,
Ҳама гуфтаи хешро бод кард.
Ба бедида натвон намудан чароғ,
Ки ҷуз дидаро дил нахоҳад ба боғ.
Сухан гуфтан он гаҳ бувад судманд,
К-аз он гуфтан овоза гардад баланд.
Чу дархурди гӯянда н-ояд ҷавоб,
Сухан ёва кардан набошад савоб.
Даҳанро ба мисмор бардӯхтан
Беҳ аз гуфтану гуфтаро сӯхтан.

Чӣ мегӯям, эй нонинюшанда мард,
Туро гӯш бар қиссаи хобу х(в)ард.
Чӣ донӣ, ки ман худ чӣ фан мезанам,
Духул бар дари хештан мезанам,
Матоъи гаронмоя дорам басе,
Наёрам бурун, то нахоҳад касе.
Харидори дур чун садаф дида дӯхт,
Бад-ин косидӣ дур нашояд фурӯхт.
Маро бо чунин гавҳаре арҷманд
Ҳаме ҳоҷат ояд ба гавҳарписанд.
Ниюшандае хоҳам аз рӯзгор,
Ки гӯям бад-ӯ рози омӯзгор.
Биковам ба алмоси ӯ кони хеш,
Кунам баста дар ҷони ӯ ҷони хеш.
Замона чунин пешаҳо пур диҳад,
Яке дур ситонад, яке дур диҳад.
Диле ку, ки бе ҷонхарошӣ бувад,
Каманде, ки бе дурбошӣ бувад?
Магар мор бар ганҷ аз он рӯ нишаст,
Ки то ройгон муҳра н-ояд ба даст.
Агар нахли хурмо набошад баланд,
Зи тороҷи ҳар тифл ёбад газанд.
Ба шаҳна тавон поси раҳ доштан,
Ба хокистар оташ нигаҳ доштан.
Аз ин хӯи хуш, к-ӯ сиришти ман аст,
Басе рахна дар кору кишти ман аст.
Дигар раҳравон, к-ин камар бастаанд,
Ба хӯи бад аз раҳзанон растаанд.
Бад-он, то гурезанд тифлони роҳ,
Чу зангӣ чаро гашт бояд сиёҳ?!
Ба роҳе, ки хоҳам шудан рахткаш,
Раҳоварди ман бас бувад хӯи х(в)аш.
Ба хӯи хуш омуда беҳ гавҳарам,
Бад-ин зистам, ҳам бад-ин бигзарам.
Чу аз баҳри ҳар кас дуре суфтанист,
Суруде ҳам аз баҳри худ гуфтанист.
Зи чандин сухангӯ сухан ёд дор,
Суханро манам дар ҷаҳон ёдгор.
Сухан чун гирифт истиқомат ба ман,
Қиёмат кунад то қиёмат ба ман.
Манам сарвперои боғи сухун,
Ба хидмат миён баста чун сарвбун.
Фалаквор дур аз фусӯси ҳама,
Саромад, вале пойбӯси ҳама.
Чу Бирҷис дар ҷанги ҳар бадгумон
Камон дораму барнадорам камон.
Чу Зуҳра дирам дар тарозу ниҳам,
Вале чун диҳам, бе тарозу диҳам.

Нахандам бар андӯҳи кас барқвор,
Ки аз барқи ман дар ман афтад шарор.
Ба ҳар хор чун гул салое занам,
Ба ҳар захм чун най навое занам.
Магар, к-оташ аст ин дили сӯхта,
Ки аз хор хӯрдан шуд афрӯхта.
Чу дарё шавам душмани айбшӯй,
На чун оина дӯсте айбгӯй.
Ба хоҳанда он бахшам аз молу ганҷ,
Ки аз боз додан наёям ба ранҷ.
Намоям ҷаву гандум орам ба ҷой,
На чун ҷавфурӯшони гандумнамой.
Пасу пеш чун офтобам якест,
Фурӯғам фаровон, фиреб андакест.
Паси ҳеч пуште чунон нагзарам,
Ки дар пеши рӯяш хиҷолат барам.
Зи бадгӯйи бад гуфта пинҳон кунам,
Ба подоши некаш пушаймон кунам.
Нагӯям бадандешро низ бад,
К-аз он гуфта бошам бадандеш х(в)ад.
Бад-ин некӣ орандам аз дашту рӯд
Зи некону аз некномон durуд.
В-аз ин ҳол агар низ гардон шавам,
Зиёратгаҳи некмардон шавам.
Шавам бар дирамрези худ дурфишон,
Кунам саркашӣ, лек бо саркашон.
Зи беолатӣ во намондам ба кунҷ,
Ҷаҳон боду аз бод тарсад турунҷ.
Зи шоҳони гетӣ дар ин ғори жарф
Киро буд чун ман ҳарифе шигарф?
Кӣ дидаст бар ҳеч рангин гуле
Зи ман олиовозтар булбуле?
Ба ҳар донише дафтар ороста,
Ба ҳар нуктае хомае хоста.
Пазируфта аз ҳар фане равшане,
Ҷудогона дар ҳар фане як фане.
Шакар донам аз ҳар лаб ангехтан,
Гулобе зи ҳар дидае рехтан.
Касеро, ки дар гиря орам чу об,
Бихандонамаш боз чун офтоб.
Ба дастам-дар аз давлати хушъинон
Табарзад чунин шуд, табархун чунон.
Тавонам дари зуҳд бардӯхтан,
Ба базм омадан, маҷлис афрӯхтан,
Валекин дарахти ман аз гӯша руст,
Зи ҷо гар биҷунбад, шавад бех суст.
Чиҳилла чиҳил гашту хилват ҳазор,
Ба базм омадан дур бошад зи кор.

Ба ҳангоми сел ошкоро шудан
Нашояд зи Рай то Бухоро шудан.
Ҳамон беҳ, ки бо инчунин боди сахт
Бурун н-оварам чун гул аз гӯша рахт.
Ба худ кам шавам халқро раҳнамой,
Ҳумоюн зи кам дидан омад ҳумой.
Сарам печад аз хуфтану тохтан,
Надонам ҷуз ин чорае сохтан,
Ки аз ҳар сухан бартарошам гуле,
Бар он гул занам нола чун булбуле.
Агар беҳ зи худ гулбуне дидаме,
Гули сурх ё зард аз ӯ чидаме,
Чу аз рони худ хӯрд бояд кабоб,
Чӣ гардам ба дарюза чун офтоб?
Нишинам чу симурғ дар гӯшае,
Диҳам гӯшро аз даҳан тӯшае.
Малолат гирифт аз ман айёмро,
Ба кунҷи Ирам бурдам оромро.
Дари хонаро чун сипеҳри баланд
Задам бар ҷаҳон қуфлу бар халқ банд.
Надонам, ки давр аз чӣ сон меравад,
Чи неку чи бад дар ҷаҳон, меравад.
Яке мурда шахсам ба мардӣ равон,
На аз корвонею дар корвон.
Ба сад ранҷи дил як нафас мезанам,
Бад-он то нахусбам, ҷарас мезанам,
Надонам касе, к-ӯ ба ҷону ба тан
Маро дӯсттар дорад аз хештан.
Зи меҳри касон рӯй бартофтам,
Каси хеш ҳам хешро ёфтам.
Бари ошиқон нек, агар бад шавам,
Ҳамон беҳ, ки маъшуқи худ х(в)ад шавам.
Гарам нест рӯзӣ зи меҳри касон,
Худоят раззоқу рӯзирасон.
Дари ҳоҷат аз халқ барбаста беҳ,
Зи дарбонии одамӣ раста беҳ.
Маро, кошкӣ, будӣ он дастрас,
Ки нагзораме ҳоҷати кас ба кас.
Дар ин мандали хокӣ аз бими хун
Наёрам сар овардан аз хат бурун.
Бад-ин ҳолу мандал касе чун бувад,
Ки зиндонии мандали хун бувад.
Дари халқро гил барандудаам,
Дар ин дар бад-ин давлат осудаам.
Чиҳил рӯз худро гирифтам зимом,
К-адим аз чиҳил рӯз гардад тамом.
Чу дар чорболиш надидам диранг,
Нишастам дар ин чордевори танг.

Зи ҳар ҷав, ки андохтам дар харос,
Дуре боздодам ба ҷавҳаршинос.
Ҳазор офарин бар суханпарваре,
Ки барсозад аз ҳар ҷаве ҷавҳаре.
Тару хушкии ашки рухсори ман
Ба каҳгил баранду девори ман.
Тан ин ҷо ба писти ҷавин сохтан,
Дил он ҷо ба ганҷина пардохтан.
Ба бозӣ набурдам ҷаҳонро ба сар,
Ки шуғле дигар буд ҷуз хобу х(в)ар.
Нахуфтам шабе шод бар бистаре,
Ки накшодам он шаб зи дониш даре.
Замирам на зан, балки оташзан аст,
Ки марямсифат бикру обистан аст.
Тақозои он шӯй чун оядаш,
Ки аз сангу оҳан бурун оядаш.
Бад-ин дилфиребӣ суханҳои бикр
Ба сахтӣ тавон зодан аз роҳи фикр.
Сухан гуфтани бикр ҷон суфтан аст,
На ҳар кас сазои сухан гуфтан аст.
Ба дурре сафолинаи суфта гир,
Суруде ба гармоба-дар гуфта гир.
Бияндеш аз он даштҳои фарох,
К-аз овоз гардад гулӯ шох-шох.
Чу бар сиккаи шоҳ зар мезанӣ,
Чунон зан, ки гар бишканад, нашканӣ.
Ҷуҳуде мисеро зарандуд кард,
Дукон ғоратидан бад-он суд кард.
На анҷир шуд номи ҳар мевае,
На мисли Зубайдаст ҳар бевае.
Гар анҷирхур мурғ будӣ фарох,
Намондӣ як анҷир бар ҳеч шох.
Ду ҳинду бaрояд зи Ҳиндустон,
Яке дузд бошад, дигар посбон.
Ман аз оби ин нуқраи тобнок
Фурӯ шустам олудагиҳои хок.
Аз ин пайкар он гаҳ кушоям паранд,
Ки бошад расида чу нахли баланд.
Чу дар меваи норасида расӣ,
Бичунбонияш, норасида касӣ.
Кунад сӯқие себро хонарас,
Вале хуш наёяд ба дандони кас.
Шавад нарм аз афшурдан анҷири хом,
Вале чун хурӣ, хун бaрояд зи ком.
Шукуфа, ки бегаҳ нахандад ба шох,
Кунад меваро бар дарахтон фарох.
Замине, ки дорад бару бум суст,
Асосе бар ӯ баст натвон дуруст.

Ба равнақ тавонам ман ин кор кард,
Ба беравнақӣ кор н-ояд зи мард.
Чу дурдона бошад таманнои суд,
Кадивар дарояд ба кишту дуруд.
Ғала чун шавад косиду камбаҳо,
Кунад барзгар кор кардан раҳо.
Тараннумшиносони дастонниюш
Зи бонги муғаннӣ гирифтанд гӯш.
Зарурат шуд ин шуғлро сохтан,
Чунин номаи нағз пардохтан,
Ки чун дар китобат шавад ҷойгир,
Ниюшандаро з-он бувад ногузир.
Ба нақше, ки назди калон нест хурд,
Намудам бад-ин достон дастбурд,
Аз ин ошнорӯйтар достон
Ханида наёмад бари ростон.
Дигар номаҳоро, ки ҷӯӣ нахуст,
Ба ҷумҳури миллат набошад дуруст.
Набошад чунин нома тазвирхез,
Набишта ба чандин қаламҳои тез.
Ба нерӯи нӯги чунин хомаҳо
Шараф дорад ин бар дигар номаҳо.
Аз он хусрави май, ки дар ҷоми ӯст,
«Шарафномаи хусравон» номи ӯст.
Сухангӯи пешина-донои Тӯс,
Ки орост рӯи сухан чун арӯс,
Дар он нома, к-он гавҳари суфта ронд,
Басе гуфтаниҳои ногуфта монд.
Агар ҳар чӣ бишнидӣ аз бостон,
Бигуфтӣ, дароз омадӣ достон.
Нагуфт, он чи рағбатпазираш набуд,
Ҳамон гуфт, к-аз вай гузираш набуд.
Дигар аз паи дӯстон залла кард,
Ки ҳалво ба танҳо нашоист х(в)ард.
Низомӣ, ки дар ришта гавҳар кашид,
Қаламдидаҳоро қалам даркашид.
Ба носуфта дурре, ки дар ганҷ ёфт,
Тарозуи худро гуҳарсанҷ ёфт.
«Шарафнома»-ро фарруховоза кард,
Ҳадиси куҳанро бад-ӯ тоза кард.

## ТАЪЛИМИ ХИЗР ДАР ГУФТАНИ ДОСТОН

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он арғавонӣ шароб
Ба ман деҳ, ки то маст гардам хароб.
Магар з-он харобӣ навое занам,
Харօботиёнро салое занам.

## ДОСТОН

Маро Хизр таълимгар буд дӯш,
Ба розе, ки н-омад пазирои гӯш,
Ки «Эй ҷомагихори тадбири ман,
Зи ҷоми сухан чошнигири ман.
Чу савсан сар аз бандагӣ тофта,
Нам аз чашмаи зиндагӣ ёфта.
Шунидам, ки дар номаи хусравон
Сухан ронд хоҳӣ чу оби равон.
Машав нописандидаро пешбоз,
Ки дар пардаи каж насозанд соз,
Писандидагӣ кун, ки бошӣ азиз,
Писандидагонат писандида низ.
Фурӯ бурдани аждаҳо бедиранг,
Биянбоштан дар даҳони наҳанг
Аз он хуштар ояд ҷаҳондидаро,
Ки бинад ҳаме нописандидаро.
Магӯй, он чи донои пешина гуфт,
Ки дар дур нашояд ду сӯрох суфт.
Магар дар гузарҳои андешагир,
Ки аз бозгуфтан бувад ногузир.
Дар ин пеша чун пешвои навӣ,
Куҳанпешагонро макун пайравӣ.
Чу нерӯи бикрозмоит ҳаст,
Ба ҳар бева худро маёлой даст.
Махур ғам ба сайде, ки нокардаӣ,
Ки яхнӣ бувад, ҳар чӣ нох(в)ардаӣ.
Ба душворӣ ояд гуҳар сӯи санг,
Зи сангаш ту осон кай орӣ ба чанг.
Ҳама чизе ар бингарӣ лахт-лахт,
Ба сахтӣ бурун ояд аз ҷои сахт.
Гуҳар ҷуст натвон ба осудагӣ,
Бувад нуқра муҳтоҷи полудагӣ.
Касе, к-ӯ барад бар тару хушк ранҷ,
Зи моҳӣ дирам ёбад, аз гов ганҷ.
Хуми нуқра хоҳию заррина ташт,
Зи хоки Ироқат набояд гузашт.
Зи Рай то Диҳистону Хоразму Ҷанд
Наванде набинӣ ба ҷуз Лурканд.
Бухорию хазрию гелию курд
Ба нонпора ҳар чор ҳастанд хурд.
Нахезад зи Мозандарон ҷуз ду чиз,
Яке девмардум, яке дев низ.
Нарӯяд гиёҳе зи Мозандарон,
Ки сад нӯки зӯбин набинӣ дар он.
Ироқи дилафрӯз бод арҷманд,
Ки овозаи фазл аз ӯ шуд баланд.

Аз он гул, ки ӯ тоза дорад нафас,
Арақрезае дар Ироқ асту бас.
Ту низ он беҳ, эй пайки улвинажод,
Ки гирди ҷаҳон барнагардӣ чу бод.
Ба гавҳарканӣ тешаро тез кун,
Арӯси суханро шакаррез кун.
Ту гавҳар кан аз кони искандарӣ,
Сикандар худ ояд ба гавҳархарӣ.
Ҷаҳондоре ояд харидори ту,
Ба зудӣ шавад бар фалак кори ту.
Харидор чун бар дар орад баҳо,
Нашояд раҳи байъ кардан раҳо.
Чу дарё харад гавҳар аз кони танг,
Диҳад киштии дур ба як пора санг.
Зи дарёи ӯ ганҷи гавҳар мапӯш,
Дуре меситон, гавҳаре мефурӯш.
Миёнҷӣ чунон кун барои савоб,
Ки ҳам сих бар ҷо бувад, ҳам кабоб.
Чу дилдории Хизрам омад ба гӯш,
Димоғи маро тоза гардид ҳуш.
Пазиросухан буд, шуд ҷойгир,
Сухан, к-аз дил ояд, бувад дилпазир».
Чу дар ман гирифт он насиҳатгарӣ,
Забон баркушодам ба дурри дарӣ.
Ниҳодам зи ҳар шева ҳангомае,
Магар дар сухан нав кунам номае.
Дар он ҳайратободи беёварон
Задам қуръа бар номи номоварон.
Ҳароина, к-аз хотираш тофтам,
Хаёли Сикандар дар ӯ ёфтам.
Мабин сарсарӣ сӯи он шаҳрёр,
Ки ҳам теғзан буду ҳам тоҷдор.
Гурӯҳеш хонанд соҳибсарир
Вилоятситон, балки офоқгир.
Гурӯҳе зи девони дастури ӯ,
Ба ҳикмат набиштанд маншури ӯ.
Гурӯҳе зи покию динпарварӣ
Пазиро шудандаш ба пайғамбарӣ.
Ман аз ҳар се дона, ки доно фишонд,
Дарахте баруманд хоҳам нишонд.
Нахустин дари подшоӣ занам,
Дам аз кори кишваркушоӣ занам.
Зи ҳикмат баророям он гаҳ сухан,
Кунам тоза поранҷҳои куҳан.
Ба пайғамбарӣ кӯбам он гаҳ дараш,
Ки хонад Худо низ пайғамбараш.
Се дар сохтам, ҳар даре кони ганҷ,
Ҷудогона бар ҳар даре бурда ранҷ.

Бад-он ҳар се дар ё бад-он ҳар се дур
Кунам домани олам аз ганҷ пур.
Тирозе нав ангезам андар ҷаҳон,
Ки хоҳад зи ҳар кишваре навраҳон.
Дареғ оядам, к-ин нигорин навард
Бувад дар сафина гирифтори гард.
Дари давлате ку, к-аз ин дасткор
Ба девори ӯ барнишонам нигор?!
Паранде чунин зиндадораш кунам,
Зи гарди замин растгораш кунам.
Бад-ин номаи номвар дер боз
Бимонам бар ӯ номи ӯро дароз.
Нишастангаҳе созамаш з-ин сарир,
Ки бошад бар ӯ ҷовидон ҷойгир.
Ба ҳарфе мусаҷҷал кунам номи ӯ,
Ки монад дар ин ҷунбиш ороми ӯ.
На ҳарфе, ки олам зи ёдаш барад,
На борон бишӯяд, на бодаш барад.
Ба шарте, ки чун ман дар ин дастгоҳ
Расонам сарашро ба хуршеду моҳ.
Маро низ аз ӯ пойгоҳе расад,
Ба андозаи сар кулоҳе расад.
Зи хуршеди равшан тавон ҷуст нур,
Ки шуд роҳи соя аз ин кор дур.
Ғаливожро бо кабӯтар чӣ кор,
Ба бози малик дархур аст ин шикор.
Низомӣ, ки назми дарӣ кори ӯст,
Дарӣ назм кардан сазовори ӯст.
Чунон гӯяд ин номаи нағзро,
Ки равшан кунад ханданаш мағзро.
Дили дӯстонро бад-ӯ нур бод,
В-аз ӯ дидаи душманон дур бод!
Наво гар навои чаковак бувад,
Чу душман занад, тезновак бувад.
Дар он доира, к-ин сухан рондаам,
Дарунпарвари хешро хондаам,
Ки ин номаро нағзу номӣ кунад,
Гиромикунишро гиромӣ кунад.
Чунон баркушояд пару боли ӯ,
Ки некахтарӣ хезад аз фоли ӯ.
Нишот андарорад ба хонандагон,
Муфарриҳ расонад ба донандагон.
Фусурдадилонро дарорад ба кор,
Ғамолудагонро шавад ғамгусор.
Навозиш кунад синаи хастаро,
Кушоиш диҳад кори дарбастаро.
Гараш нотавоне таманно кунад,
Худояш ба хондан тавоно кунад.

В-агар ноумедеш гирад ба даст,
Ба даст оварад ҳар умеде, ки ҳаст.
Ҳар он-ч аз Худо хостам з-ин қиёс,
Худо доду бар дода кардам сипос.
Ҳумоюнтар он шуд, ки ин базмгоҳ
Ҳумоюн бувад, хоса дар базми шоҳ.

## СИТОИШИ АТОБЕКИ АЪЗАМ НУСРАТУДДИН АБӮБАКР ИБНИ МУҲАММАД

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он оби ёқутвор,
Дарафкан бад-он ҷоми ёқутбор.
Сафолина ҷоме, ки май ҷони ӯст,
Сафолин замин хоки райҳони ӯст.
Алам баркаш, эй офтоби баланд,
Хиромон шав, эй абри мушкинпаранд.
Бинол, эй дили раъд, чун кӯси шоҳ,
Биханд, эй лаби барқ, чун субҳгоҳ.
Бибор, эй ҳаво, қатраи нобро,
Бигир, эй садаф, дур кун ин обро.
Баро, эй дур, аз қаъри дарёи хеш,
Зи тоҷи сари шоҳ кун ҷои хеш.
Шаҳе, к-орзуманди меъроҷи туст,
Заминбӯси ӯ дурратуттоҷи туст.
Сикандаршукӯҳе, ки дар ҷумла соз
Шукӯҳи Сикандар бад-ӯ гашт боз.
Заминзиндадор, осмонзиндакун,
Ҷаҳонгир, душманпарокандакун.
Тарафдори мағриб ба мардонагӣ,
Қадархони машриқ ба фарзонагӣ.
Ҷаҳонпаҳлавон Нусратуддин, ки ҳаст
Бар аъдои худ чун фалак чирадаст.
Мухолиф пасандешу ӯ пешбин,
Бадандеш каммеҳру ӯ бешкин.
Худованди шамшеру тахту кулоҳ,
Сенавбатзани панҷнавбатпаноҳ.
Ба рустамрикобӣ равон карда Рахш,
Ҳам аврангперою ҳам тоҷбахш.
Шаҳонро зи расме, ки оин бувад,
Калидоҳанин ганҷи заррин бувад.
Ҷуз ӯ, к-оҳани теғ равшан кунад,
Калид аз зару ганҷ аз оҳан кунад.
Чу оби Фурот ошкоронавоз,
Чу сарчашмаи Нил пинҳонгудоз.
Агар соя бар офтоб афканад,
Дар он чашмаи оташ об афканад.

В-агар моҳи навро бароте диҳад,
Зи нақси камолаш наҷоте диҳад.
Гар инъоми ӯ баршуморад касе,
Бад-он то кунад шукри неъмат басе.
Зи шукри вай он неъмат афзун бувад,
Валинеъматӣ беш аз ин чун бувад?
Фалаквор бо ҳар кӣ бандад камар,
Бар об афканад чун заминаш сипар.
Бирезад дар ошӯб чун меғи ӯ,
Сари теғи кӯҳ аз сари теғи ӯ.
Ҳар он-ч ӯ намуда гаҳи корзор,
На Рустам намуда, на Исфандёр.
Салоҳи ҷаҳон он шаб омад падид,
Ки аз мавлид ин субҳи содиқ дамид.
Куҷо гом зад хинги падроми ӯ,
Замин ёфт сарсабзӣ аз гоми ӯ.
Ба ҳар доира, к-ӯ зада турктоз,
Зи паргори хатташ гиреҳ карда боз.
Бар он буқъа, к-ӯ борагӣ тохта,
Замин ганҷи Қорун барандохта.
Бар он диж, ки ӯ роят ангехта,
Сари кӯтвол аз диж овехта.
Агар дигарон, к-аслашон одамист,
Ҳама мардуманд, ӯ ҳама мардумист.
Надонам кас аз мардуми рӯшинос,
К-аз он мардуме нест бар вай сипос.
Зи бас нозу неъмат, к-аз ӯ рондаанд,
Валинеъмати оламаш хондаанд.
Агар мурдае сар барорад зи гӯр,
Бигирад ҳама шаҳру бозор шӯр.
Ҳазорон дили мурда аз адли шоҳ
Шавад зиндаву хасм н-ояд ба роҳ.
Чу Исо басе мурдаро зинда кард,
Ба хулқе чунин халқро банда кард.
Ҷаҳон буд чун кони гавҳар хароб,
Ба ободӣ афтод аз ин офтоб.
Замин дӯзахе буд бе кору кишт,
Ба абре чунин тоза шуд чун биҳишт,
Зи ҳар неъмате, к-оядаш нав ба нав,
Диҳад бахши хоҳандагон ҷав ба ҷав.
Ба ҳар некуӣ чун хирад пай барад,
Ҷаҳон ёди нек аз ҷаҳон кай барад.
Гар аз нахли тӯбо расад дар биҳишт
Ба ҳар кӯшке шохи анбарсиришт,
Расад шарқ то ғарб эҳсони ӯ,
Ба ҳар хонае неъмати хони ӯ.
Зиҳӣ боргоҳе, ки чун офтоб
Зи машриқ ба мағриб расонад таноб!

Ба кайхусравӣ номаш афтода чуст,
Насаб карда бар кайқубодӣ дуруст.
Ба ҳар водие, к-ӯ инон тофта,
Дарамна ба доман дирам ёфта.
Зи ганҷаш замин киса бардӯхта,
Суман симу хайрӣ зар андӯхта.
Куҷо ганҷдоне пашизе дар ӯ,
Ки аз ганҷи ӯ нест чизе дар ӯ.
Чу аз тоҷи ӯ шуд фалак сарбаланд,
Сараш бод аз он тоҷ фирӯзманд.
Зиҳӣ Хизру Искандари коинот,
Ки ҳам мулк дорӣ, ҳам Оби Ҳаёт.
Чу Искандарӣ, шоҳи кишваркушой,
Чу Хизр азраҳафтодаро раҳнамой,
Ҳама чиз дорӣ, ки он дарх(в)ар аст,
Надорӣ яке чизу он ҳамсар аст.
Чу дарё, нагӯям, гаронсояӣ,
Ҳамоно, ки чун кон гаронмояӣ.
Чу дар сайди шерон шиор афканӣ,
Ба тире ду пайкар шикор афканӣ.
Чу дар ҷанги пилон кушоӣ каманд,
Диҳӣ шоҳи Қаннуҷро пилбанд.
Агар шер гӯр афканад вақти зӯр,
Ту шерафканӣ, балки Баҳроми Гӯр.
Чӣ давлат, ки дар банди кори ту нест,
Чӣ мақсуд, к-он дар канори ту нест.
Басо гардани сахти кемухти чарм,
Ки шуд чун давол аз рикоби ту нарм.
Ду шахс эминанд аз ту, к-оӣ ба ҷӯш,
Яке нармгардан, яке суфтагӯш.
Ба узр аз ту бадхоҳ ҷон мебарад,
Бад-ин аҳд роят ҷаҳон мебарад.
Чу баргашт гирди ҷаҳон рӯзгор,
Зи шаш подшаҳ монд шаш ёдгор.
Кулоҳ аз Каюмарси тахтгир,
Зи Ҷамшед теғ, аз Фаридун сарир.
Зи Кайхусрав он ҷоми гетинамой,
Ки аҳкоми анҷум дар ӯ ёфт ҷой.
Фурӯзанда оинаи гавҳарӣ,
Намудори таърихи искандарӣ,
Ҳамон хотами лаъл бардӯхта,
Ба муҳри сулаймонӣ афрӯхта.
Бад-ин гуна шаш чиз дар ҳарфи туст,
Гувоҳи сухан номи шаш ҳарфи туст.
Ҷуз ин низ бинам туро шаш хисол,
Ки бодӣ барӯманд аз ӯ моҳу сол!
Яке он ки аз ганҷи ороста
Диҳӣ орзуҳои нохоста.

Дувум, мардумӣ кардани беқиёс,
Иваз бозночустан аз ҳақшинос.
Севум, дил ба шафқат бароростан ,
Ситамдидаро доди дил хостан.
Чаҳорум, алам бар Сурайё задан,
Чу хуршед лашкар ба танҳо задан.
Ҳамон панчум аз муҷрими узрхоҳ
Зи рӯи карам афв кардан гуноҳ.
Шашум, аҳду паймон нигаҳ доштан,
Вафодорӣ аз ёд нагзоштан.
Зи ту шаш ҷиҳат беравоӣ мабод,
В-аз ин шаш хисолат ҷудоӣ мабод!
Ба парвози мулкат ду шоҳин ба кор,
Яке дар хазина, яке дар шикор.
Ду мор аз барои ту тавфирсанҷ,
Яке мори муҳра, яке мори ганҷ.

## ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Ҷаҳонхусраво, зери ҳафт осмон
Тарафдори панҷум туӣ бегумон.
Ҷаҳонро ба фармони чандин билод
Сутуни дари туст зотулимод.
Ҳама шаб, ки маҳ тавфи гардун кунад,
Чароғи туро равған афзун кунад.
Ҳама рӯз хуршед бо тоҷи зар
Ба поини тахти ту бандад камар.
Супорандаи подшоҳӣ ба ту
Супурд аз ҷаҳон, ҳар чӣ хоҳӣ, ба ту.
Бад-он дод мулкат, ки шоҳӣ кунӣ,
Чу довар шавӣ, додхоҳӣ кунӣ.
На бозе кунад бар пари пашша зӯр,
На пиле ниҳад пой бар пушти мӯр.
Сипос аз Худованди гитипаноҳ,
Ки беш аст аз ин қисса инсофи шоҳ.
Ба инсофи шаҳ чашм дорам яке,
Ки бинад дар ин достон андаке.
Гар афсонае бинад аз кор дур,
На соя бар ӯ густаронад, на нур.
В-агар бинад аз дур дар ӯ мавҷ-мавҷ,
Сарояндаро сар барорад ба авҷ.
Дар ин ганҷнома зи рози ҷаҳон
Калиди басе ганҷ кардам ниҳон.
Касе, к-он калиди зар орад ба даст,
Тилисми басе ганҷ донад шикаст.
В-агар ганҷи пинҳон наёрад падид,
Шавад хуррам охир ба зарринкалид.
Ту донӣ, ки ин гавҳари нимсуфт,
Чӣ ганҷинаҳо дорад андар ниҳуфт.

Нишот аз ту дорад гуҳар суфтанам,
Сазовори туст офарин гуфтанам.
Хирад, к-осмонро замин мекунад,
Бар ин офарин офарин мекунад.
Чу фармон чунин омад аз шаҳрёр,
Ки бар номи мо нақш банд ин нигор,
Ба гуфтори шаҳ мағзро тар кунам,
Ба гуфти касон мағз дар сар кунам.
Фиристам арӯсе бад-он базмгоҳ,
К-аз ӯ чашмравшан шавад базми шоҳ.
Арӯсе чунин шоҳро банда бод,
Бар он фаҳли офоқ фархунда бод!
Ба андозаи он ки наздику дур
Чароғи ҷаҳонтобро ҳаст нур.
Гули боғи шаҳ оламафрӯз бод,
Чароғи шабаш машъали рӯз бод!
Даридадаҳан бадсиголаш чу доғ,
Забонсӯхта душманаш чун чароғ.
Низомӣ чу давлат дар айвони ӯ,
Шабу рӯз бод офаринхони ӯ.
Зи чашми бадон кас наёбад газанд,
Ки пайваста сӯзад бар оташ сипанд.
Зи сеҳр он сароро наёбӣ хароб,
Ки дорад сафолинаи пурсудоб.
Судобу сипанди рақибони шоҳ
Дуои Низомист дар субҳгоҳ.

## ФУРӮ ГУФТАНИ ДОСТОН БА ТАРИҚИ ЭҶОЗ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он роҳатангез рӯҳ
Бидеҳ, то сабӯҳӣ кунам дар сабӯҳ.
Сабӯҳӣ, ки бар оби Кавсар кунам,
Ҳалол аст, агар то ба маҳшар кунам.
Ҷаҳон дар баду нек парвардан аст,
Басе неку бадхоҳ дар гардан аст.
Шабу рӯз аз ин пардаи нилгун
Басе бозии чобук орад бурун.
Гар ояд зи ман бозие дилпазир,
Ҳам аз бозии чархи гарданда гир.
Зи найранги ин пардаи дерсол
Хаёлӣ шудам, чун набозам хаёл?!
Бар онам, ки ин парда холӣ кунам,
Дар ин парда ҷодухаёлӣ кунам.
Хаёле барангезам аз пайкаре,
Ки н-орад чунон ҳеч бозигаре.

Нахуст ончунон кардам оғози ӯ,
Ки сӯз оварад нағмаи сози ӯ.
Чунон гуфтам, аз ҳар чӣ дидам шигифт,
Ки дил роҳи боваршудаш баргирифт.
Ҳисобе, ки буд аз хирад дурдаст,
Суханро накардам бар ӯ пойбаст.
Пароканда аз ҳар даре донае
Баоростам чун санамхонае.
Бинобар асосе ниҳодам нахуст,
Ки девори он хона бошад дуруст.
Ба тақдиму таъхир бар ман магир,
Ки набвад гузорандаро з-он гузир.
Дар «Артанг» ин нақши чинипаранд
Қалам нест бар Монии нақшбанд.
Чу мекардам ин достонро басеч,
Сухан рострав буду раҳ печ-печ.
Асарҳои он шоҳи офоқгард
Надидам нигорида дар як навард.
Суханҳо, ки чун ганҷ оганда буд,
Ба ҳар нусхате-дар пароканда буд.
Зи ҳар нусха бардоштам мояҳо,
Бар ӯ бастам аз назм перояҳо.
Зиёдат зи таъриххои навӣ,
Яҳудию насронию паҳлавӣ.
Гузидам зи ҳар номае нағзи ӯ,
Зи ҳар пӯст пардохтам мағзи ӯ.
Забон дар забон ганҷ пардохтам,
Аз он ҷумла сарҷумлае сохтам.
Зи ҳар як забон ҳар кӣ огаҳ бувад,
Забонаш зи байғора кӯтаҳ бувад.
Дар он парда, к-аз ростӣ ёфтам,
Суханро сари зулф бартофтам.
В-агар рост хоҳӣ, суханҳои рост
Нашояд дар ороиши назм хост.
Гар ороиши назм аз ӯ кам кунам,
Ба каммоя байташ фароҳам кунам.
Ҳама кардаи шоҳи гетихиром
Дар ин як варақ коғаз орам тамом.

## ФЕҲРИСТИ ТАЪРИХИ ИСКАНДАР ДАР ЯК ВАРАҚ

Сикандар, ки шоҳи ҷаҳонгард буд,
Ба кори сафар тӯшапарвард буд.
Ҷаҳонро ҳама чор ҳад гашту дид,
Ки бе чор ҳад мулк натвон харид.
Ба ҳар тахтгоҳе, ки бинҳод пай,
Нигаҳ дошт оини шоҳони Кай,

Ба ҷуз расми Зардушти оташпараст
Надод он дигар расмҳоро зи даст.
Нахустин кас ӯ шуд, ки зевар ниҳод,
Ба Рум-андарун сикка бар зар ниҳод.
Ба фармони ӯ заргари чирадаст,
Талиҳои зар бар сари нуқра баст.
Хирадномаҳоро зи лафзи дарӣ
Ба юнонзабон кард кисватгарӣ.
Ҳамон навбати пос дар субҳу шом
Зи навбатгаҳи ӯ баровард ном.
Ба оина шуд халқро раҳнамун,
Зи торикӣ овард ҷавҳар бурун.
Зидуд аз ҷаҳон шӯриши зангро,
Зи Доро ситад тоҷу аврангро.
Зи савдои Ҳинду зи сафрои Рус
Фурӯ шуст олам чу байтуларӯс.
Шуд оинаи чиниён рои ӯ,
Сари тахти кайхусравӣ ҷои ӯ.
Чу умраш варақ ронд бар бист сол,
Ба шоҳаншаҳӣ бар духул зад давол.
Дувум раҳ, ки бар бист афзуд ҳафт,
Ба пайғамбарӣ рахт барбасту рафт.
Аз он рӯз, к-ӯ шуд ба пайғамбарӣ,
Набиштанд таърихи искандарӣ.
Чу бар дини ҳақ донишомӯз гашт,
Чу давлат бар офоқ пирӯз гашт.
Басе ҳуҷҷат ангехт бар дини пок,
Иморат басе кард бар рӯи хок.
Ба ҳар гардише гирди паргори даҳр
Бино кард чандин гаронмоя шаҳр.
Зи Ҳиндустон то ба ақсои Рум
Барангехт шаҳре ба ҳар марзу бум.
Ҳам ӯ дод зевар Самарқандро,
Самарқанд не, к-ончунон чандро.
Бино кард шаҳре чу шаҳри Ҳирӣ,
К-аз он сон кунад шаҳр кардан кирӣ.
Дару банди аввал, ки Дарбанд ёфт,
Ба шарти хирад з-он хирадманд ёфт.
Зи Булғор бигзар, ки аз кори ӯст,
Биногоҳи аслаш буни ғори ӯст.
Ҳамон садди яъҷуҷ аз ӯ шуд баланд,
Ки баст ончунон кӯҳ то кӯҳ банд.
Ҷуз ин низ бисёр бунёд кард,
К-аз ин беш натвон аз ӯ ёд кард.
Чу азм омад он пайкари покро,
Ки бахшиш кунад пайкари хокро,
Салибӣ хате дар ҷаҳон баркашид,
Аз он пеш, к-ояд салибӣ падид.

Бад-он чоргӯша хати атласӣ
Барангехт андозаи ҳандасӣ.
Яке навбате чор ҳад барфарохт,
Ки бар нуҳ фалак панҷ навбат навохт.
Ба қутби шимолӣ яке мехи ӯй,
Ба арзи ҷанубӣ дигар бехи ӯй.
Танобе аз ин сӯи машриқ кашид,
Таноби дигар з-ӯ ба мағриб расид.
Бад-ин тӯлу арз андар ин коргоҳ
Киро буд дигар чунон боргоҳ?
Чу азми ҷаҳон гаштан оғоз кард,
Ба ришта задан риштаҳо соз кард.
Зи фарсангу аз милу аз марҳала
Ба дасте заминро накардӣ яла.
Масоҳатгарон дошт андозагир,
Бар он шуғл бигмошта сад дабир,
Расан баста, андоза пайдо шуда,
Мақодири манзил ҳувайдо шуда.
Зи хушкӣ ба ҳар ҷо, ки зад боргоҳ,
Зи манзил ба манзил бипаймуд роҳ.
В-агар роҳ бар рӯи дарёш буд,
Тариқи масоҳат муҳайёш буд.
Ду киштӣ ба ҳам боз пайваста дошт,
Миёни ду киштӣ расан баста дошт.
Якеро ба лангаргаҳи хеш монд,
Якеро ба қадри расан пеш ронд.
Дигарбора ин бастаро пой дод,
Шитобандаро дар сукун ҷой дод.
Гаҳ онро, гаҳ инро расан тохтӣ,
Хатар бин, к-аз ин сон расан бохтӣ.
Бад-ин гуна массоҳи манзилшинос
Зи соҳил ба соҳил гирифтӣ қиёс.
Ҷаҳонро, ки аз ғам ба роҳат кашид,
Бад-ин ҳандаса дар масоҳат кашид.
Заминро, ки чанд асту раҳ то куҷост,
Тарозуи тадбири ӯ кард рост.
Ҳамон рубъи маскун аз ӯ шуд падид,
Бад-он маскан аз мо кӣ донад расид?!
Ба ҳар марзу ҳар бум, к-ӯ ронд рахш,
Аз ободӣ он бумро дод бахш.
Ҳама чорае кард дар кӯҳу дашт,
Чу марг омад, аз марг бечора гашт.
Зи таърихи он хусрави тоҷдор
Ба кор омад, ин аст, к-омад ба кор.
Ҷуз ин ҳар чӣ дар хориш орад қалам,
Сабуксангие бошад аз бешу кам.
Чу назми гузориш бувад роҳгир,
Ғалат кардани раҳ бувад ногузир.

Маро кор бо нағзгуфторӣ аст,
Ҳама кори ман худ ғалаткорӣ аст.
Бале, ҳар чӣ нобовараш ёфтам,
Зи тамкини ӯ рӯй бартофтам.
Гузориш чунон кардамаш дар замир,
Ки хонандагонро бувад дилпазир.
Басе дар шигифтӣ намудан тавоф,
Инони суханро кашад дар газоф.
В-агар бе шигифте гузорӣ сухан,
Надорад навӣ номаҳои куҳан.
Суханро ба андозае дор пос,
Ки бовар тавон карданаш дар қиёс.
Сухан гар чу гавҳар барорад фурӯғ,
Чу нобовар афтад, намояд дурӯғ.
Дурӯғе, ки монанда бошад ба рост,
Беҳ аз росте, к-аз дурустӣ ҷудост.
Низомӣ, сабук бош, ёрон шуданд,
Ту мондию ғам, ғамгусорон шуданд.
Сикандар-шаҳи ҳафт кишвар намонд,
Намонад касе, чун Сикандар намонд.
Махур май ба танҳо, бар ин тарфи ҷӯй,
Ҳарифони пешинаро бозҷӯй.
Гар оянд ҳозир, маят нӯш бод!
В-агар не, ҳисобат фаромӯш бод!

## РАҒБАТИ НИЗОМӢ БА НАЗМИ «ШАРАФНОМА»

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз хунби деҳқони пир
Мае дар қадаҳ рез чун шаҳду шир.
На он май, ки омад ба мазҳаб ҳаром,
Мае, к-асли мазҳаб бад-ӯ шуд тамом.

### ВАСФИ БАҲОР

Биё, боғбон, хуррамӣ соз кун,
Гул омад, дари боғро боз кун.
Низомӣ ба боғ омад аз шаҳрбанд,
Биёрой бустон ба чинипаранд.
Зи ҷаъди бунафша барангез тоб,
Сари наргиси маст баркаш зи хоб.
Лаби ғунчаро, к-оядаш бӯи шир,
Зи коми гули сурх дардам абир.
Сиҳисарвро бол баркаш фарох,
Ба қумрӣ хабар деҳ, ки сабз аст шох.

Яке мужда деҳ сӯи булбул ба роз,
Ки маҳди гул омад ба майхона боз.
Зи симои сабза фурӯшӯй гард,
Ки равшан ба шустан шавад лоҷвард.
Дили лоларо, к-омад аз хун ба ҷӯш,
Фурӯмолу хуне ба хоке бипӯш.
Сари настаранро зи мӯи сапед
Сиёҳӣ деҳ аз сояи мушкбед.
Лаби норванро майолуд кун,
Ба хайрӣ заминро зарандуд кун.
Суманро дуруде деҳ аз арғавон,
Равон кун суи гулбун оби равон.
Ба наврустагони чаман боз бин,
Макаш хат дар он хиттаи нозанин.
Ба сарсабзӣ аз ишқи чун ман касон
Саломе ба ҳар сабзае мерасон.
Ҳаво муътадил, бӯстон дилкаш аст,
Ҳавои дили дӯстон з-он х(в)аш аст.
Дарахтон шукуфтанд бар тарфи боғ,
Барафрӯхта ҳар гуле чун чароғ.
Ба мурғи забонбаста овоз деҳ,
Ки парвози поринаро соз деҳ.
Сароянда кун нолаи чангро,
Даровар ба рақс ин дили тангро.
Сари зулфи маъшуқро тавқ соз,
Дарафкан бад-ин гардан он тавқ боз.
Раёҳини серобро даста банд,
Барафшон ба болои сарви баланд.
Аз он симгун сиккаи навбаҳор
Дирамрез кун бар сари ҷӯйбор.
Ба пиромани биркаи обгир
Зи савсан бияфкан бисоти ҳарир.
Дар он базмаи хусравонӣ хиром,
Дарафкан маи хусравонӣ ба ҷом.
Ба ман деҳ, ки май хӯрдан омӯхтам,
Хурам хоса, к-аз ташнагӣ сӯхтам.
Ба ёди ҳарифони ғурбатгарой,
К-аз эшон набинам якеро ба ҷой.
Чу даврони мо ҳам намонад басе,
Хурад низ бар ёди мо ҳар касе.
Ба фасле чунин фарруху созманд,
Ба бустон шудам зери сарви баланд.
Зи бӯи гулу сояи сарвбун
Ба булбул даромад нишоти сухун.
Ба гул чидан омад арӯсе ба боғ,
Фурӯзандарӯе чу равшанчароғ.
Сари зулф дар атф доманкашон,
Зи чеҳра гул аз ханда шаккарфишон.

Рухе чун гулу бар гул оварда хай,
Ба ман дод ҷоме пур аз ширу май,
Ки бар подшоҳи ҷаҳон нӯш кун,
Ҷуз ин ҳар чӣ дорӣ, фаромӯш кун.
Нишастам ҳаме бо ҷаҳондидагон,
Задам достони писандидагон.
Ба чандин суханҳои зебову нағз,
Ки полудам аз чашмаи хуну мағз,
Ҳанӯзам забон аз сухан сер нест,
Чу бозу бувад, боки шамшер нест.
Басе ганҷҳои куҳан сохтам,
Дар ӯ нуктаҳои нав андохтам.
Суи махзан овардам аввал басеч,
Ки сустӣ накардам дар он кор ҳеч.
В-аз ӯ чарбу ширинӣ ангехтам,
Ба «Ширину Хусрав» даромехтам.
В-аз он ҷо саропарда берун задам,
Дари ишқи «Лайлию Маҷнун» задам.
В-аз ин қисса чун боз пардохтам,
Суи «Ҳафт пайкар» фарас тохтам.
Кунун дар бисоти суханпарварӣ
Занам кӯси иқболи искандарӣ.
Сухан ронам аз фарру фарҳанги ӯ,
Барафрозам иклилу авранги ӯ.
Пас аз давраҳое, ки бигзашт пеш,
Кунам зиндаш аз оби ҳайвони хеш.
Сикандар, ки роҳи маонӣ гирифт,
Паи чашмаи зиндагонӣ гирифт.
Магар дид, к-аз роҳи фархундагӣ
Шавад зинда аз чашмаи зиндагӣ.
Суи чашмаи зиндагӣ роҳ ҷуст,
Кунун ёфт он чашма, к-он гоҳ ҷуст.
Чунин зад масал шоҳи гӯяндагон,
Ки «ёбандагонанд ҷӯяндагон».
Низомӣ, чу май бо Сикандар хурӣ,
Нигаҳ дор адаб, то зи худ бар хурӣ,
Чу ҳамхони Хизрӣ бар ин тарфи ҷӯй,
Ба ҳафтоду ҳафт об лабро бишӯй.

## ОҒОЗИ ДОСТОН ВА НАСАБИ ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он оби ҳайвонгувор
Ба давлатсарои Сикандар супор,
Ки то давлаташ бӯса бар сар диҳад,
Ба меросхори Сикандар диҳад.

## ДОСТОН

Гузорандаи номаи хусравӣ
Чунин дод назми суханро навӣ,
Ки аз ҷумлаи тоҷдорони Рум
Ҷавондавлате буд аз он марзу бум,
Шаҳе номвар, номи ӯ Филқус,
Пазирои фармони ӯ Руму Рус.
Ба Юнонзамин буд маъвои ӯ,
Ба Мақдуния хосатар ҷои ӯ.
Навоинтарин шоҳи офоқ буд,
Навозодаи Иси Исҳоқ буд.
Чунон додгар буд, к-аз доди хеш
Думи гургро баст бар пои меш.
Гулӯи ситамро бад-он сон фишурд,
Ки Доро бад-он доварӣ рашк бурд.
Сабақ ҷуст бар вай ба шамшеру тоҷ,
Фиристод кас, то фиристад хироҷ.
Шаҳи Румро буд рои дуруст,
Ризо ҷусту бо ӯ хусумат наҷуст.
Касеро, ки давлат кунад ёварӣ,
Кӣ ёрад, ки бо ӯ кунад доварӣ?!
Фиристод чандон бад-ӯ ганҷу мол,
К-аз дур шуд молиши бадсигол.
Бад-он харҷ хушнуд шуд роҳи Рум,
Зи сӯзанда оташ нигаҳ дошт мум.
Чу фатҳи Сикандар даромад ба кор,
Дигаргуна шуд гардиши рӯзгор.
На давлат, на дунё ба Доро гузашт,
Синонро сар аз санги хоро гузашт.
Дар ин достон довариҳо басест,
Маро гӯш бар гуфтаи ҳар касест.
Чунин омад аз ҳушёрони Рум,
Ки зоҳидзане буд аз он марзу бум.
Ба обистанӣ рӯз бечора гашт,
Зи шаҳру зи шӯи худ овора гашт.
Чу танг омадаш вақти борафканӣ,
Бар ӯ сахт шуд дарди обистанӣ.
Ба вайронае бор бинҳоду мурд,
Ғами тифл меҳӯрду ҷон месупурд,
Ки гӯӣ, «кӣ парвард хоҳад туро,
Кадомин дада х(в)ард хоҳад туро?»
В-аз ин бехабар буд, ки парвардгор
Чӣ гуна варо парварад вақти кор.
Чӣ ганҷинаҳо зери бораш кашанд,
Чӣ иқболҳо дар канораш кашанд.
Чу зан мурду он тифл бекас бимонд,
Каси бекасонаш ба ҷое расонд,

Ки мулки ҷаҳонро зи фарҳангу рой,
Шуд аз Қоф то Қоф кишваркушой.
Малик Филқус аз тамошои дашт
Шикорафканон сӯи он зан гузашт.
Зане дид мурда бад-он раҳгузар,
Ба болини ӯ тифле оварда сар.
Зи бширӣ ангушти худ мемазид,
Ба модар-бар ангушти худ мегазид.
Бифармуд, то чокарон тохтанд,
Ба кори зани мурда пардохтанд.
Зи хоки раҳ он тифлро баргирифт,
Фурӯ монд аз он рӯзи бозӣ шигифт.
Бибурду бипарварду бинвохташ,
Пас аз худ валиаҳди худ сохташ.
Дигаргуна деҳқони озарпараст
Ба Доро кунад насли ӯ бозбаст.
Зи таъриххо чун гирифтам қиёс,
Ҳам аз номаи марди эзадшинос,
Дар он ҳар ду гуфтор ҷустӣ набуд,
Газофа суханро дурустӣ набуд.
Дуруст он шуд аз гуфтаи ҳар диёр,
Ки аз Филқус омад он шаҳрёр.
Дигар гуфтаҳо чун иёре надошт,
Сухангӯ бар он ихтиёре надошт.
Чунин гӯяд он пири деринасол
Зи таърихи шоҳони пешина ҳол,
Ки «дар базми хоси малик Филқус
Буте буд покизаву наварӯс.
Ба дидан ҳумоюн, ба боло баланд,
Ба абрӯ камонкаш, ба гесӯ каманд.
Чу сарве, ки пайдо кунад дар чаман,
Зи гесӯ бунафша, зи ораз суман.
Ҷамоле чу дар нимрӯз офтоб,
Карашмакунон наргисе нимхоб.
Сари зулф печон чу мушки сиёҳ,
В-аз ӯ мушкбӯ гашта мушкуи шоҳ.
Бар он моҳрӯ шаҳ чунон меҳрубон,
Ки ҷуз ёди ӯ н-омадаш бар забон.
Ба меҳраш шабе шоҳ дар бар гирифт,
Зи хурмои шаҳ нахлбун бар гирифт.
Шуд аз абри найсон садаф бордор,
Падидор шуд луълуи шоҳвор.
Чу нуҳ маҳ баромад бар обистанӣ,
Ба ҷунбиш даромад раги рустанӣ.
Ба вақти валодат бифармуд шоҳ,
Ки доно кунад сӯи ахтар нигоҳ.
Зи рози ниҳуфта нишонаш диҳад,
В-аз он ҷунбиш ороми ҷонаш диҳад.

Шиносандагон баргирифтанд соз,
Зи даври фалак бозҷустанд роз.
Ба сайри сипеҳр анҷуман сохтанд,
Тарозуи анҷум барафрохтанд.
Асад буд толеъ худованди зӯр,
К-аз ӯ дидаи душманон гашт кӯр.
Шараф ёфта офтоб аз ҳамал,
Гароянда аз илм сӯи амал.
Уторид ба ҷавзо бурун тохта,
Маҳу Зуҳра дар сур ҷо сохта.
Баророста қавсро Муштарӣ,
Зуҳал дар тарозу ба бозигарӣ.
Шашум хонаро карда Баҳром ҷой,
Чу хидматгарон гашта хидматнамой.
Чунин толиъе, к-омад он нур аз ӯ,
Чӣ гӯям, зиҳӣ, чашми бад дур аз ӯ!
Чу зод он гиромӣ ба фоле чунин,
Барафрӯхт боғ аз ниҳоле чунин.
Дар аҳком ҳафт ахтар омад падид,
Ки дунё бад-ӯ дод хоҳад калид.
Аз он фаррухӣ марди ахтаршинос
Хабар дод, то кард хусрав сипос.
Шаҳ аз меҳри фарзанди пирӯзбахт
Дари ганҷ бикшоду баршуд ба тахт.
Ба шодӣ гароид аз андӯҳу ранҷ,
Ба хоҳандагон дод бисёр ганҷ.
Ба пирӯзии он маи машкбӯй
Маю мушк мерехт бар тарфи ҷӯй.
Чу шуд нозпарварда он шохи сарв,
Хироманда шуд чун хиромон тазарв.
Шуд аз чанбари маҳд майдонгарой,
Зи гаҳвора дар маркаб овард пой.
Камон хост аз дояву чӯбатир,
Гаҳе коғазаш бар ҳадаф, гаҳ ҳарир.
Чу шуд рустатар, кори шамшер кард,
Зи шерафканӣ ҷанг бо шер кард.
В-аз он пас нишоти саворӣ гирифт,
Паи шоҳию шаҳрёрӣ гирифт.

## ДОНИШ ОМӮХТАНИ ИСКАНДАР ДАР НАҚУМОҶИСИ ҲАКИМ – ПАДАРИ АРАСТУ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он роҳи райҳонсиришт
Ба ман деҳ, ки бар ёдам омад биҳишт.
Магар з-он май ободкиштӣ шавам,
В-агар ғарқа гардам, биҳиштӣ шавам.

## АНДАРЗ

Хушо, рӯзгоро, ки дорад касе,
Ки бозори ҳирсаш набошад басе.
Ба қадри басандаш ясоре бувад,
Кунад коре, ар марди коре бувад.
Ҷаҳон мегузорад ба хушхорагӣ,
Ба андоза дорад таки борагӣ.
На базле, ки тӯфон барорад зи мол,
На сарфе, ки сахтӣ дарорад ба ҳол.
Ҳама сахтӣ аз бастагӣ лозим аст.
Чу дар бишканӣ, хона пурҳезум аст.
Чунон зӣ, к-аз он зистан солиён
Туро суду касро набошад зиён.

## ДОСТОН

Гузорандаи дурҷи деҳқоннаворд,
Гузорандагонро чунин ёд кард,
Ки чун шоҳи Юнон малик Филқус
Баророст мулки ҷаҳон чун арӯс,
Ба фарзона фарзанд шуд сарбаланд,
Ки фаррух бувад гавҳари арҷманд.
Чу фарзанди худро хирадманд ёфт,
Шуд эмин, ки шоиста фарзанд ёфт.
Надорад падар ҳеч боистатар,
Зи фарзанди шоиста шоистатар.
Нишондаш ба дониш – дар омӯхтан,
Ки гавҳар шавад санг аз афрӯхтан.
Нақумоҷис он, к-ӯ хирадманд буд,
Арастуи донош фарзанд буд.
Ба омӯзгорӣ бар ӯ ранҷ бурд,
Биёмӯхташ, ончи натвон шумурд.
Адабҳои шоҳӣ, ҳунарҳои нағз,
Ки нерӯи дил бошаду нури мағз,
Зи ҳар донише, к-ӯ бувад дар қиёс,
В-аз ӯ гардад андеша маънишинос,
Баророст он гавҳари покро,
Чу анҷум, ки орояд афлокро.
Хабар додаш, аз ҳар чӣ дар парда буд,
Касе кам чунон тифл парварда буд.
Ҳамасола шаҳзодаи тезҳуш
Ба ҷуз илмро раҳ надодӣ ба гӯш.
Ба борикбинӣ чу биштофтӣ,
Суханҳои борик дарёфтӣ.
Арасту, ки ҳамдарси шаҳзода буд,
Ба хидматгарӣ дил бад-ӯ дода буд.
Ҳар он-ч аз падар моя андӯхтӣ,
Гузоришкунон дар вай омӯхтӣ.

Чу устоди доно ба фарҳангу рой
Маликзодаро дид бар ганҷ пой,
Ба таълими ӯ бештар бурд ранҷ,
Ки хушдил кунад мардро поси ганҷ.
Чу маншури иқболи ӯ хонд пеш,
Дар ӯ баст унвони фарзанди хеш.
Ба рӯзе, ки толеъпазиранда буд,
Нигини сухан муҳргиранда буд.
Ба шаҳзода биспурд фарзандро,
Ба паймон дарафзуд савгандро,
Ки «чун сар барорӣ ба чархи баланд,
Зи мактаб ба майдон ҷаҳонӣ саманд.
Сари душманон бар замин оварӣ,
Ҷаҳон зери муҳри нигин оварӣ.
Ҳумоюн кунӣ тахтро зери тоҷ,
Фиристандат аз ҳафт кишвар хироҷ.
Бар офоқи кишвар худоӣ кунӣ,
Ҷаҳон дар ҷаҳон подшоӣ кунӣ.
Ба ёд орӣ ин дарсу таълимро,
Парастиш насозӣ зару симро.
Назар барнадорӣ зи фарзанди ман,
Ба ҷой оварӣ ҳаққи пайванди ман.
Ба дастурии ӯ шавӣ шуғлсанҷ,
Ки дастури доно беҳ аз теғу ганҷ.
Туро давлат, ӯро ҳунар ёвар аст,
Ҳунарманд бо давлате дарх(в)ар аст.
Ҳунар ҳар куҷо ёфт қадри тамом,
Ба давлатхудоӣ баровард ном.
Ҳамон давлате, к-арҷмандӣ гирифт,
Зи рои баландон баландӣ гирифт.
Чу хоҳӣ, ки бар маҳ расонӣ сарир,
Аз ин нардбон бошадат ногузир».
Маликзода бо ӯ ба ҳам дод даст,
Ба пазруфтгорӣ бар он аҳд баст,
Ки «шоҳӣ чу бар ман кунад шуғл рост,
Вазир ӯ бувад бар ман, Эзад гувост.
Натобам сар аз раъю паймони ӯ,
Набандам камар ҷуз ба фармони ӯ».
Саранҷом, к-иқбол ёрӣ намуд,
Бар он аҳди шоҳ устуворӣ намуд.
Чу устод донист, к-он тифли хурд
Бихоҳад зи гарданкашон гӯй бурд.
Аз он ҳандасиҳарф шакле кашид,
Ки мағлубу ғолиб дар ӯ шуд падид.
Бад-ӯ дод, к-ин ҳарфро вақти кор
Ба номи худу хасми худ баршумор.
Агар ғолиб аз доира номи туст,
Шумори зафар дар саранҷоми туст.

В-агар з-он ки ноғолибе дар қиёс
Зи ғолибтар аз хештан дар ҳарос.
Шаҳ он ҳарф бистад зи донои пир,
Шуд он доварӣ пеши ӯ дилпазир.
Чу ҳар вақт, к-он ҳарф бингоштӣ,
Зи пирӯзии худ хабар доштӣ.
Бар ин гуна мезист бо рою ҳуш,
Зи ҳар дониш оварда деге ба ҷӯш.
Ҳам ӯ ҳиммати зиракандеш дошт,
Ҳам андешаи  зиракон беш дошт.
Ба фармони корогаҳон кор кард,
Бад-ин огаҳӣ бахтро ёр кард.
Ҳунарпеша фарзанди устоди ӯ,
Ки ҳамдарси ӯ буду ҳамзоди ӯ,
Аҷаб меҳрубон буд бар марзбон,
Дили марзбон ҳам бад-ӯ меҳрубон.
Накардӣ яке мурғ бар бобзан,
К-Арасту набудӣ бар он ройзан.
Наҷустӣ зи тадбири ӯ дурие,
Ба ҳар кор аз ӯ хост дастурие.
Чу паргори чарх аз бари кӯҳу дашт
Бар ин доира муддате чанд гашт,
Малик Филқус аз ҷаҳон рахт бурд,
Ҷаҳонро ба шоҳаншаҳи нав супурд.
Ҷаҳон чист, бигзар зи найранги ӯ,
Раҳоӣ ба чанг овар аз чанги ӯ.
Дарахтест шашпаҳлую чорбех,
Тане чандро баста бар чормех.
Якояк варақҳои мо з-ин дарахт
Ба зер уфтад, чун вазад боди сахт.
Муқимӣ набинӣ дар ин боғ кас,
Тамошо кунад ҳар яке як нафас.
Дар ӯ ҳар даме навбаре мерасад,
Яке меравад, дигаре мерасад.
Ҷаҳон кому ноком, хоҳӣ супурд,
Ба худкомагӣ пай чӣ хоҳӣ фишурд?
Дар ин чорсӯ ҳеч ҳангома нест,
Ки киса бари марди худкома нест.
Ба доми ҷаҳон ҳастӣ аз воми ӯ,
Бидеҳ воми ӯ, растӣ аз доми ӯ.
Шабе наълбандею полонгаре
Ҳақи хештан хостанд аз харе.
Хар аз пой ранҷидаву пушт реш,
Бияфкандашон наълу полон ба пеш.
Чу аз вомдорӣ хар озод гашт,
Баросуду аз хештан шод гашт.
Ту низ, эй ба хоке шуда гарднок,
Бидеҳ вому берун ҷаҳ аз гарду хок.

## ПОДШОҲИИ ИСКАНДАР БА ҶОИ ПАДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз худ раҳоим деҳ,
Зи рахшанда май равшаноим деҳ.
Мае, к-ӯ зи меҳнат раҳоӣ диҳад,
Ба озурдагон мӯмиёӣ диҳад.

### АНДАРЗ

Сухансанҷе омад тарозу ба даст,
Дурустӣ, зарандудро мешикаст.
Тасарруф дар он сикка бигзоштам,
К-аз он сим дар зар хабар доштам.
Гар ангушти ман ҳарфгирӣ кунад,
Надонам касе, к-ӯ дабирӣ кунад.
Вале то қавидаст шуд пушти ман,
Нашуд ҳарфгири кас ангушти ман.
Набинам ба бадхоҳӣ андар касе,
Ки ман низ бадхоҳ дорам басе.
Раҳи ман ҳама заҳр нӯшидан аст,
Ҳунар ҷустану айб пӯшидан аст.
Бад-он раҳ, ки худро намудам нахуст,
Қадам доштам то ба охир дуруст.
Дибоғат чунон дорам ин чармро,
Ки бартобад осебу озармро.
Чунон хоҳам аз пок парвардгор,
К-аз ин раҳ нагардам саранҷоми кор.

### ДОСТОН

Гузоройнақши гузоришпазир,
Ки нақш аз гузориш надорад гузир,
Чунин нақш бандад, ки чун шоҳи Рум
Ба мулки ҷаҳон нақш барзад ба мум,
Вилоят зи адлаш пуровоза гашт,
Бад-ӯ тоҷу тахти падар тоза гашт.
Ҳамон расмҳо, к-аз падар дида буд,
Намуд, он чи рояш писандида буд.
Ҳамон аҳди дерина бар ҷой дошт,
Аламҳои пешина бар пой дошт.
Ба Доро ҳамон ганҷи зар месупурд,
Бар он аҳди пешина пай мефишурд.
Зи фармонбарони малик Филқус
Нашуд кас дар он шуғл бо вай шамус,
Ки буд аз падар дӯстангезтар,
Ба душманкушӣ теғи ӯ тезтар.

Чунон шуд, ки бо зӯри бозуи ӯ
Начарбид кас дар тарозуи ӯ.
Чу дар зӯр печидӣ андомро,
Гиреҳ барзадӣ гӯши зарғомро.
Кабода зи чархакамон сохтӣ,
Ба ҳар гаштане тире андохтӣ.
Ба нахҷиргаҳ шер кардӣ шикор,
Зи гӯру гавазнаш нарафтӣ шумор.
Рабуд аз далерон тавонотарӣ,
Сари зиракон шуд ба донотарӣ.
Чу хатташ қалам ронд бар офтоб,
Яке ҷадвал ангехт аз мушки ноб.
Фалак з-он хати ҷадвал ангехта,
Саводи Ҳабашро варақ рехта.
Ҳисоби ҷаҳонгирӣ овард пеш,
Ҷаҳонро забун дид дар дасти хеш.
Ҳамаш ҳуши дил буду ҳам зӯри даст,
Бад-ин ҳарду бар тахт шояд нишаст.
Ба ҳар кор, к-ӯ ҷуст номоварӣ,
Дар он кор додаш фалак ёварӣ.
Ҳама Рум аз он сарви навхоста
Ба райҳони сарсабзӣ ороста.
Аз ӯ баста нақше ба ҳар хонае,
Расида ба ҳар кишвар афсонае.
Гаҳе роз бо анҷуман мениҳод,
Гаҳ аз рози анҷум гиреҳ мекушод.
Ба анбӯҳ май бо ҷавонон гирифт,
Ба хилват паи кордонон гирифт.
На он кард бо мардум аз мардумӣ,
Ки ояд дар андешаи одамӣ.
Ба озурдани кас наёвард рой,
Бурун аз хати адл нанҳод пой.
Ба бозоргонон раҳо кард боҷ,
Наҷуст аз муқимони шаҳрӣ хироҷ.
Зи девони деҳқон қалам баргирифт,
Ба бемоягон ҳам дирам даргирифт.
Иморат ҳамекарду зар мефишонд,
Ҳама хор меканду гул менишонд.
Ба ҳар ноҳият номи доғаш кашид,
Ба Мисру Ҳабаш бӯи боғаш кашид.
Кушода ду дасташ чу равшан дурахш,
Яке теғзан шуд, яке тоҷбахш.
Тарозу худ он беҳ, ки дорад ду сар,
Яке ҷои оҳан, яке ҷои зар.
Ҳар он кор, к-иқболро дарх(в)ар аст,
Ба оҳан чу оҳан, ба зар чун зар аст.
Чунон додгар шуд, ки ҳар марзу бум
Задӣ достон, к-«эй хушо марзи Рум!

Арасту, ки дастури даргоҳ буд,
Ба ҳар неку бад маҳрами шоҳ буд,
Сикандар ба тадбири доновазир
Ба кам рӯзгоре шуд офоқгир.
Вазире чунин, шаҳрёре чунон,
Ҷаҳон чун нагирад қароре чунон?!
Ҳама кори шоҳони гетинакӯҳ
Зи рои вазирон пазирад шукӯҳ.
Маликшоҳу Маҳмуду Нӯшервон,
Ки бурданд гӯй аз ҳама хусравон,
Пазирои панди вазирон шуданд,
Ки аз ҷумлаи давргирон шуданд.
Шаҳи мо, ки бадхоҳро кард хурд,
Ба рои вазир аз ҷаҳон гӯй бурд.
Марову туро гар шавад пой суст,
Тани шоҳ бояд, ки монад дуруст.
Мабодо, ки шаҳро расад пойлағз,
Ки гардад сари мулк шӯридамағз.
Чу бо шаҳ кунад чашми бад бозие,
Кунад дев бо фитна дамсозие.
Ҷаҳон додхоҳ асту шаҳ додгир,
Зи довар набошад ҷаҳонро гузир.
Ҷаҳонро ба соҳибҷаҳон нур бод,
В-аз ин доварӣ чашми бад дур бод!»

## ТАЗАЛЛУМИ МИСРИЁНАЗ ЗАНГИЁН ПЕШИ ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он шарбати ҷонфазой
Ба ман деҳ, ки дорам ғами ҷонгазой.
Магар чун бад-он шарбат орам нишот,
Ғаме чандро дарнавардам бисот.

### АНДАРЗ

Чу субҳ аз дами гург барзад забон,
Ба гуфтан даромад саги посбон.
Хурӯси ғунуда фурӯ кӯфт бол,
Дуҳулзан бизад бар табира давол.
Ман аз хоби осуда бархостам,
Ба ҷавҳаркашӣ хотир оростам.
Талабгори гавҳар, ки коне канад,
Ба пиндори уммед ҷоне канад.
Ба хуноб лаъле, ки орад ба чанг,
Ситеза кунад бо дили хорасанг.

Чӣ пиндорӣ, эй марди осонниюш,
Ки осон пур аз дур тавон кард гӯш?
Гар анҷирхур мурғ будӣ фарох,
Набудӣ як анҷир бар ҳеч шох.

## ДОСТОН

Гузорандаи пайкари ин паранд
Гузориш чунин кард бо нақшбанд,
Ки «чун бомдодон чароғи сипехр
Ҷамоли ҷаҳонро барафрӯхт чеҳр,
Ба ҷилва баровард хуршед даст,
Арӯсона бар курсии зар нишаст.
Сикандар ба оини шоҳони пеш
Баророст базме дар айвони хеш.
Ғуломони гулчеҳраи дилрабой
Камар бар камар гирди тахташ ба пой.
Гаҳе бода мехӯрд бо ёди Кай,
Гаҳе ганҷ мерехт бар ҷоми май.
Нишаста чунин чун яке чашма нур,
Ки овоз дод, омад аз роҳи дур.
Хабар бурд соҳибхабар назди шоҳ,
Ки муште ситамдидаи додхоҳ
Тазаллумзанонанд бар шоҳи Рум,
Ки бар мисриён танг шуд марзу бум.
Расиданд чандон сиёҳони Занг,
Ки шуд дар биёбон гузаргоҳ танг.
Саводи ҷаҳонро чунон дарнабашт,
Ки савдо даромад дар он кӯҳу дашт.
Биёбониёне чу қатрон сиёҳ,
Аз он беш, к-андар биёбон гиёҳ.
Чу кӯса ҳама пири кӯдаксиришт,
Ба хубӣ раванд, арчи ҳастанд зишт.
На рӯе, ки пайдо кунад шармашон,
На бар ҳеч кас меҳру озармашон.
Ҳама одамихору мардумгазой,
Надорад дар ин диварӣ Миср пой.
Гар ояд ба ёригарӣ шаҳрёр,
В-агар не, ба тороҷ рафт он диёр.
На Мисру на Афранҷа монад, на Рум
Гудозанд аз он кӯҳи оташ чу мум.
Зи ҷамъе чунин дилпарокандаем,
Дигар ҳукм шаҳрост, мо бандаем».
Шаҳи додгар-довари динпаноҳ,
Чу донист, к-оварда зангӣ сипоҳ,
Ҳаросон шуд аз лашкари беқиёс,
Набояд, ки доно бувад беҳарос.
Арастуи бедордилро бихонд,
В-аз ин дар басе қисса бо ӯ биронд.

Вазири хирадманди пирӯзрой
Ба пирӯзии шоҳ шуд раҳнамой,
Ки «бархезу бахтозмоӣ бикун,
Ҳалоки чунон аждаҳое бикун.
Барояд магар коре аз дасти шоҳ,
Ки шаҳро қавитар кунад пойгоҳ,
Шавад Мисру он ноҳият роми ӯ,
Барояд ба мардонагӣ номи ӯ.
Дигар душманонро дарорад ба хок,
Шавад дӯст пирӯзу душман ҳалок».
Сикандар ба дастурии раҳнамун
Зи Мақдуния бурд роят бурун.
Яке лашкар ангехт, к-аз тарку теғ
Фурӯзанда барқаш баромад ба меғ.
Зи дарё суи хушкӣ овард рой,
Далелаш суи Миср шуд раҳнамой.
Ҳама мисриён-шаҳрию лашкарӣ
Пазира шудандаш ба некахтарӣ.
Бифармуд шаҳ, к-аз лаби рӯди Нил
Кунад лашкараш сӯи саҳро раҳил.
Ба пархоши зангӣ шитобон шуданд,
Дуасба ба сӯи биёбон шуданд.
Далерон ба саҳро кашиданд рахт,
Ба кинхоҳи зангӣ камар карда сахт.
Чу зангӣ хабар ёфт, к-омад сипоҳ,
Ҷаҳон гашт бар чашми зангӣ сиёҳ.
Ду лашкар баробар шуд ороста,
Шуд озармҳо пок бархоста.
Зи наъли самандони пӯлодмех,
Заминро зи ҷунбиш барафтод бех.
Зи бас наъра, к-омад бурун аз камин,
Фуруд уфтод осмон бар замин.
Зи гурзи гаронсанги чолишгарон
Шуда моҳию говро сар гарон.
Зи шӯридани бонг чун растхез
Ба ваҳши биёбон даромад гурез.
Чу бар ҷанг шуд сохта созашон,
Гурезанда шуд дев аз овозашон.
Ба ҷое гирифтанд ҷои набард.
Ки гармо зи мардум баровард гард.
Замине зи гӯгирд беобтар,
Ҳавое зи дӯзах ҷигартобтар,
На обе дар ӯ сард, ҷуз захри ноб,
На меҳре дар ӯ гарм, ҷуз офтоб.
Зи тиннин ба ғавр омада ғорҳо,
Дар ӯ фитнаро рӯзи бозорҳо.
Дар он ҷой ғӯлон ватан сохтанд,
Чу ғӯлон ба ҳар гӯша метохтанд.

Чу гавҳар фурӯ бурд гови замин,
Бурун ҷаст шери сиёҳ аз камин.
Ба офоқ шуд гови гардун далер,
Баромад ситора чу дандони шер.
Шаб аз нофи худ атрсоӣ кушод,
Ҷаҳон зевари равшаноӣ ниҳод.
Бурун шуд язакдори душманшинос,
Ятоқе камар баст бар ҷои пос.
Ситора даромад ба тобандагӣ,
Баросуд халқ аз шитобандагӣ,
Ба як ҷой ҳам Руму ҳам Зангбор,
Фурӯ монда зангию румӣ зи кор.

## ПАЙКОРИ ИСКАНДАР БО ЛАШКАРИ ЗАНГБОР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май, ки румиваш аст,
Ба ман деҳ, ки табъам чу зангӣ х(в)аш аст.
Магар бо ман ин бемуҳобо паланг
Чу румию зангӣ набошад дуранг.

### АНДАРЗ

Фиребандарохе шуд ин роҳи дур,
Ки бар чархи ҳафтум тавон дид нур.
Дар ин раҳ фаришта зи раҳ меравад,
Ки ояд яке деву даҳ меравад.
Ба меъёри ин чорсӯ раҳраве
Насанҷад ду ҷав, то надуздад ҷаве.
Қуроза-қуроза рабояд нахуст,
Рабоянд аз ӯ, чунки гардад дуруст.
Ба ҷав меситонад зи деҳқони пир,
Ба ман мефиристад ба девони мир.
Зи ман рахти ин ҳамраҳон дур бод,
Забонам бар ин нукта манзур бод.
Аз ин ошноёни бегонахӯй
Дурӯӣ нигар, якзабонӣ маҷӯй.
Ду сӯрох чун рӯбаҳи ҳиласоз;
Яке сӯи шаҳват яке сӯи оз.
Валекин чу каждум ба ҳангоми ҳуш
На сӯрохи дида, на сӯрохи гӯш.

### ДОСТОН

Гузоришгари розҳои ниҳуфт
Зи таърихи деҳқон чунин бозгуфт,

Ки «чун шоҳи Чин зин бар абраш ниҳод,
Фалак наъли зангӣ бар оташ ниҳод.
Сипеҳр аз камин меҳр берун ҷаҳонд,
Ситора зи каф муҳра берун фишонд.
Ҷаҳон аз далерони лашкаршикан
Кашида чу анҷум басе анҷуман.
Аз оинаи пилу занги шутур
Садафро шаба руст бар ҷои дур.
Зи пӯя, ки пай бар замин мефишурд,
Дар андоми гов устухон гашт хурд.
Шаҳи Рум расми каён тоза кард,
Зи навбат ҷаҳонро пуровоза кард.
Баророст лашкар ба оини Рум,
Чу ороиши нақш бар муҳру мум.
Зи румӣ тане буд бас меҳрубон,
Забоноваре огаҳ аз ҳар забон.
Далеру сухангӯю донишпараст,
Ба тиру ба шамшер густохдаст.
Кашида дамаш тӯтиёнро ба дом,
Суханпарваре, Тӯтиёнӯш ном.
Ба ширинсуханҳои мардумфиреб
Рабуда ниюшандагонро шикеб.
Надими Сикандар ба бегоҳу гоҳ,
Муҳосиб дар аҳкоми хуршеду моҳ.
Сикандар ба ҳукми паёмоварӣ
Бари хеш хондаш ба номоварӣ.
Бифармуд, то ҳеч н-орад диранг,
Шитобон шавад сӯи солори Занг.
Расонад бад-ӯ бими шамшери шоҳ,
Магар бишнавад, бозгардад зи роҳ.
Ба зангизабон раҳнамунӣ кунад,
Ки оҳан дар оташ забунӣ кунад».
Ҷавонмарди гулчеҳра чун сарвбун
Зи румӣ ба зангӣ расонд ин сухун,
Ки «дорандаи тоҷу шамшеру тахт
Равон кард роят ба нерӯи бахт.
Ҷавондавлату тезу гарданкаш аст,
Гаҳи хашм сӯзанда чун оташ аст.
Чу бар шохи оҳу кашад чарми гӯр,
Бидӯзад сари мӯр бар пои мӯр.
Чунон беҳ, ки бо ӯ мудоро кунӣ,
Бинолию узр ошкоро кунӣ.
Набояд, ки он оташ ояд ба тоб,
Ки наншинад он гаҳ ба дарёи об.
Ба меҳраш равон бояд оростан,
Муборак нашуд кин аз ӯ хостан.
Ҷаҳонаш гаҳе сулҳу ҷанг озмуд,
Зи ҷангаш зиён диду аз сулҳ суд».

Шаҳи Занг чун гӯш кард он сухан,
Бипечид бар худ чу мори куҳан.
Димоғаш зи гармӣ баромад ба ҷӯш,
Баровард чун раъди ғуррон хурӯш.
Бифармуд, то Тӯтиёнӯшро
Кушанду баранд аз танаш ҳушро.
Рабудандаш он девсорон зи ҷой,
Чу каҳбаргро мухраи қаҳрабой.
Буриданд дар ташти заррин сараш,
Ба хун ғарқа шуд нозанин пайкараш.
Чу пурхун шуд он ташти заррин, чӣ кард?
Бихӯрдаш чу обею обе нах(в)ард.
Касоне, ки буданд бо ӯ ба роҳ,
Шуданд об дар дида наздики шоҳ.
Намуданд, к-он румии хубчеҳр
Чӣ бад дид аз он зангии сардмеҳр?!
Шаҳ аз баҳри он сарви шамшодранг
Чунон сӯхт, к-аз тоби оташ хаданг.
Ба хун рехтан шуд дилангехта,
Зи хуни чунон бегунаҳ рехта.
Шуд аз румиён ранг якборагӣ,
Ки диданд аз он гуна хунхорагӣ.
Сиёҳон аз он кор дандонсафед,
Зи ханда лаби румиён ноумед.
Шаб он беҳ, ки пӯшидадандон бувад,
Ки он лаҳза мирад, ки хандон бувад.
Сикандар ба оҳистагӣ як-ду рӯз
Гузашт аз сари хашми андешасӯз.
Шабоҳанг чун барзад аз кӯҳ дуд,
Бар оҳанги шаб мурғ дастон намуд.
Баровехт ҳиндуи чарх аз камар
Ба ҳорунии шаб ҷарасҳои зар.
Ҷалоҷилзанон гуфт Ҳоруншоҳ,
Ки «шаҳ тоҷвар боду душман табоҳ!»
Талоя бурун шуд ба раҳ доштан,
Ятоқе ба навбат нигаҳ доштан.
Дигар рӯз, к-овард гардун шитоб,
Бурун зад сар аз кунҷи кӯҳ офтоб.
Биғуррид кӯс аз дари шаҳрёр,
Ҷаҳон шуд зи бонги ҷарас беқарор.
Табиразан аз хориши чарми хом,
Лабиша дарафканд шабро ба ком.
Даромад ба шӯриш дами говдум,
Ба хумбак задан хоми рӯинахум.
Тарозуи пӯлодсанҷон ба майл
Зи каффа ба каффа ҳамеронд сайл.
Синони сари хишти хафтоншикоф
Бурун рафт аз фулкаи пушту ноф.

Зи қорураву ёсиҷу бедбарг
Қавора-қавора шуда диръу тарк.
Зи ҳуррини ҳамла, зи ҳуррои теғ
Шуда об хун дар дили тундмеғ.
Чу лашкар ба лашкар даровард рӯй,
Мубориз бурун омад аз ҳарду сӯй.
Басе як ба дигар даровехтанд,
Басе хун ба новардгаҳ рехтанд.
Сабақ бурд бар лашкари Рум Занг,
Чу бар гӯр пай баркашида паланг.
Харобӣ даровард зангӣ ба Рум,
Зи ҳар бум афғон баровард бум,
Зи «румӣ битарсид аз он пешх(в)ард,
Ки бо Тӯтиёнӯши зангӣ чӣ кард?»
Дарафканд хуни диловар ба ҷом,
Бихӯрд аз сари хомӣ он хуни хом.
Чу зангӣ намуд ончунон бозие,
Зи румӣ наёмад инонтозие.
Бидонист солори лашкаршинос,
Ки дар румӣ аз зангӣ омад ҳарос.
Чу лашкар ҳаросон шавад дар ситез,
Сиголиш насозад, магар бар гурез.
Вазири хирадмандро хонд пеш,
Хабар додаш аз рози пинҳони хеш.
Ки баддил шуданд ин сипоҳи далер,
Зи шамшери нохӯрда гаштанд сер.
Ба лашкар тавон кардан ин корзор,
Ба танҳо чӣ бархезад аз як савор?
Зи хун хӯрдани Тӯтиёнӯши гурд
Ҳама лашкар аз бим хоҳанд мурд.
Кунад ҳар як оини тарс ошкор,
Наёяд зи тарсандагон ҳеч кор.
Чу баддил шуд ин лашкари ҷангҷӯй,
Биёр обу даст аз далерӣ бишӯй.
Ҳамон зангиён чирадастӣ кунанд,
Чу пилони ошуфта мастӣ кунанд.
Чӣ дастон тавон овaридан ба даст,
К-аз он зангиёнро дарояд шикаст?!
Барандоз рое, ки ёрӣ диҳад,
Аз ин ваҳшатам растгорӣ диҳад».
Ҷаҳондида дастури фарёдрас
Кушод аз сари кордонӣ нафас,
Ки «шоҳо, хирад раҳнамуни ту бод,
Зафар ёру душман забуни ту бод!
Ҷаҳондовари офаринишпаноҳ
Паноҳи ту бод, эй ҷаҳонгиршоҳ!
Ба ҳар ҷо, ки рӯй орӣ аз кӯҳу дашт,
Беҳӣ бодат аз чархи пирӯзгашт!

Сиёҳон, ки морони мардумзананд,
На мардум, ҳамоно, ки аҳримананд.
Агар румӣ андешад аз ҷанги Занг,
Аҷаб нест, к-ин моҳӣ аст, он наҳанг.
Зи мардумкушӣ тарс бошад басе,
Зи мардумхурӣ чун натарсад касе?
Гар озарм хоҳем аз ин сагдилон,
Нахонандамон оқилон оқилон.
В-агар ҷой холӣ кунем аз набард,
Зи гетӣ бароранд якбора гард.
Бале, гар зи мо доштандӣ ҳарос,
Миёнҷӣ бар эшон ниҳодӣ сипос.
Миёнҷӣ кӣ бошад, ки бас беҳушанд,
В-агар рост хоҳӣ, миёнҷикушанд.
Яке чора бояд барандохтан,
Ба тазвир мардумхурӣ сохтан.
Гирифтан тане чанд зангӣ зи роҳ,
Гирифтор кардан дар ин боргоҳ.
Нишастан туро хомушу хашмнок,
Дарандохтан зангиёнро ба хок.
Якеро сар аз тан буридан ба дард,
Ба матбах фиристодан аз баҳри х(в)ард.
Ба зангизабон гуфтан: «Инро бишӯй,
Бипаз, то хурад хусрави номҷӯй»,
Бифармой, то матбахе дар ниҳуфт
Ниҳад ҷуфта в-онро кунад хокҷуфт.
Биҷӯшад сари гӯспанде сиёҳ,
Тиҳӣ з-устухон оварад назди шоҳ.
Шаҳ он чарми нопухтаи нимхом
Бидаррад, бихояд ба ҳирсе тамом.
Бигӯяд, ки «мағзаш биёред низ,
К-аз ин нағзтар кас нахӯрдаст чиз.
Агар ҳеч донистаме дар нахуст,
Ки зангихурӣ дорадам тандуруст,
Асирони румӣ напарвардаме,
Ҳама зангии хушнамак х(в)ардаме».
Чу он одамихора ёбад хабар,
Ки ҳаст одамихорае з-ӯ батар,
Бад-ин тарс бигзорад он кини гарм,
Ки оҳан ба оҳан тавон кард нарм.
Гар ин чорасозӣ ба даст оварем,
Бар он чирадастон шикаст оварем.
Ба гургӣ зи гургон тавонем раст,
Ки бар ҷаҳл ҷуз ҷаҳл н-орад шикаст».
Бифармуд шаҳ, то далерони Рум
Намоянд чолиш дар он марзу бум.
Камин бар гузаргоҳи Занг оваранд,
Тане чанд зангӣ ба чанг оваранд.

Шуданд он далерони фармонпазир,
Гирифтанд аз он зангие чанд асир.
Ба навбатгаҳи шоҳ бурдандашон,
Ба сарҳанги навбат супурдандашон.
Даровардашон навбатидори шоҳ,
Қафое зи хун сурху рӯе сиёҳ.
Шаҳ аз хашмнокӣ чу ғуррандашер,
Ки орад гавазни гаронро ба зер.
Якеро бифармуд, то з-он гурӯҳ
Бибурранд сар чун яке поракӯҳ.
Ба матбах супурданд, к-«инро бигир,
Бисоз, он чи шаҳро бувад ногузир.
Дигаргуна бо матбахӣ рафта роз,
Ки чун соз мебояд он турктоз.
Дигар зангиён пеши хусрав ба пой,
Фурӯ монда оҷиз дар он расму рой.
Чу фармуд хусрав, ки хон оваранд,
Бисоти хуриш дар миён оваранд,
Биёвард хон зираки ҳушманд,
Ба ӯ лафчҳои сари гӯспанд.
Шаҳ аз ҳам дарид он хуришро ба зӯр,
Чу шере, ки ӯ бардарад чарми гӯр.
Ба боистагӣ хӯрду ҷунбонд сар,
Ки хӯрде надидам бад-ин сон дигар.
Чу зангӣ ба хӯрдан чунин дилкаш аст,
Кабобе дигар хӯрданам нох(в)аш аст.
Ҳама соқи зангӣ хурам дар шароб,
К-аз он хушнамактар наёбам кабоб.
Ба рағми сиёҳон шаҳи пилбанд
Музаввар ҳамехӯрд аз он гӯспанд.
Чу тарсандаи аждаҳо кардашон,
Чу морон ба саҳро раҳо кардашон,
Шуданд он сиёҳон бари шоҳи Занг,
Хабар боздоданд аз он рӯзи танг,
Ки «ин аждаҳохӯи мардумхаёл
Наҳангест, к-оварда бар мо завол.
Чунон мехурад зангии хомро,
Ки зангӣ хурад мағзи бодомро.
Сари лафчи онро, ки орад ба банд,
Хурад чун сару лафчаи гӯспанд».
Дили зангиёнро даромад ҳарос,
Ки аз парниён сар бурун зад палос.
Фурӯпажмурид оташангезашон,
Зи гармӣ нишаст оташи тезашон.
Чу рӯзи дигар мурғ бикшуд бол,
Тиҳӣ шуд димоғи сипеҳр аз хаёл.
Ба ғӯли сияҳ бонг барзад хурӯс,
Даромад ба ғурридан овози кӯс.

Шағабҳои шайпур аз оҳанги тез
Чу сури Сирофил дар растахез.
Зи наъра баровардани говдум
Шуда з-осмон заҳраи гов гум.
Дуҳулҳои гургиначарм аз хурӯш
Дароварда мағзи ҷаҳонро ба ҷӯш.
Зи шӯридагий тунбаки захмрез
Димоғи фалак суфта аз захми тез.
Дили турктозон дар он доругир
Баровардa аз нои туркӣ нафир.
Заминларзаи миқраъа дар димоғ
Зада оташин миқраъа чун чароғ.
Раворавзанон тири пӯлодсой
Дар андоми шерони пӯлодхой.
Палорак чунон тофт аз рӯи тeғ,
Ки дар шаб ситора зи торикмeғ.
Ду лашкар дигарбора бархостанд,
Дигаргуна сафҳо барoростанд.
Ду абр аз ду сӯ дар хурӯш омаданд,
Ду дарёи оташ ба ҷӯш омаданд.
Баромехта лашкари Руму Занг,
Сапеду сияҳ чун гурози дуранг.
Суми бодпоёни пӯлоднаъл
Ба хуни далерон замин карда лаъл.
Таранги камонҳои бозушикан
Басе халқро бурда аз хештан.
Дурафшидани теғи оинатоб
Дурафшонтар аз чашмаи офтоб.
Зада лашкари Рус роят баланд,
Замин дар камон, осмон дар каманд.
Ба қалб-андар Искандари Филқус
Ҷанохе барoроста чун арӯс.
Зи пеши сипаҳ зангии қиргун
Ҷанохе баровардa чун Бесутун.
Сафи зиндапилон ба як ҷо гурӯҳ,
Чу гирди гирева камарҳои кӯҳ.
Мижа чун синон, чашмҳо чун ақиқ,
Зи хартум то дум дар оҳан ғариқ.
Дигаргуна бар ҳар яке тахти оҷ,
Бар ӯ зангие бар сар аз мушк тоҷ.
Чу овоз бар пили саркаш задӣ,
Задӣ оташ, ар худ бар оташ задӣ.
Зи бас пил, к-омад ба чолиш бурун,
Шуд аз пои пилон замин нилгун.
Пиёдаравон гирди пили баланд,
Ба ҳар гӯшае карда сад пилбанд.
Чу оини пайкор шуд сохта,
Манишҳо шуд аз меҳр пардохта.

Ситамгар сиёҳе, Зароҷа ба ном
Зи лашкаргаҳи занг бикшод гом.
Даромад чу пил устухоне ба даст,
К-аз ӯ пилро устухон мешикаст.
Сияҳморе, афсуни гургӣ дар ӯ,
Саромосе аз сарбузургӣ дар ӯ.
Даҳонаш фароху сияҳ чун лавид,
К-аз ӯ чашми бинанда гаштӣ сапед.
Хуме аз хумоҳан барангехта,
Ба хумҳо сикоҳан бар ӯ рехта.
Бар ӯ синае ҳамчу пӯлодтурс,
Ҳадиси танумандӣ он худ мапурс.
Аламдидае парчаме бар сараш,
Намегашт як мӯй аз он пайкараш.
Гар он ҷо бувад тосаке сарнигун,
Ду дида бар ӯ ҳамчу ду тоси хун.
Басе хештанро ба зангӣ ситуд,
Ки «сӯзонтар аз оташам зери дуд.
Зароҷа манам пили пӯлодхой,
Ки бар пушти пилон кашам пилпой.
Чу дар пилпои қадаҳ май кунам,
Ба як пилпо пилро пай кунам.
Чу дар маърака баркашам теғи тез,
Ба кӯҳа кунам кӯҳро рез-рез.
Гарам шер пеш ояду гар ҳижабр,
Бар ӯ сел борам чу ғурранда абр.
Фарас бифканад ҷӯши ман Нилро,
Рухи ман пиёда ниҳад пилро.
Силоҳ аз танам руста чун шери нар,
Зи пӯлод дорам силоҳи дигар.
Чу алмосу оҳан раги тан маро,
Чӣ ҳоҷат ба алмосу оҳан маро?
Чу гардан барорам ба гарданкашӣ,
На з-обе ҳаросам, на аз оташе.
Дарам паҳлуи паҳлавонон ба теғ,
Хурам гурдаи гарданон бедареғ.
Ба мардумкушӣ аждаҳопайкарам,
На мардумкушам, балки мардумх(в)арам.
Маро дар ҷаҳон аз касе шарм нест,
Ситеза басе ҳасту озарм нест,
Ситезандаро дорад озарм суст,
Хар аз зери полон барояд дуруст.
Чу ман зангӣ он гаҳ, ки хандон бувад,
Сияҳшери алмосдандон бувад».
Бигуфт ину барзад ба абрӯ шиканҷ,
Чу море, ки печад зи савдои ганҷ.
Зи румӣ саворе тавонову чуст,
Бар он оташ афканд худро нахуст.

Ба оташкушӣ бозмолид гӯш,
Чу парвонае, к-оядаш хун ба ҷӯш.
Даромад бар ӯ зангии ҷангсуд,
Ба як зарбат аз тан сарашро рабуд.
Дигар кинахоҳе даромад ба ҷанг,
Фалак ҳам даровард пояш ба санг,
Чунин то ба миқдори ҳафтод мард
Ба теғ омад аз румиён дар набард.
Дигар ҳеч касро наёмад ниёз,
Ки бо он забонӣ шавад размсоз.
Дил аз ҷой шуд лашкари Румро,
Чу аз кӯраи оташин мумро.
Чу кард он забонӣ сипаҳро забун,
Наёмад ба новарди ӯ кас бурун.
Сари гарданон, шоҳи гардунгирой
Зи паргори мавкиб тиҳӣ кард ҷой.
Баророст бар ҷанги зангӣ басеч,
Ба зангикушӣ найзаро дод печ.
Зада бар миён гавҳарогин камар,
Дароварда пӯлоди ҳиндӣ ба сар.
Ба тан-бар яке осмонгун зиреҳ,
Чу марғули зангӣ гиреҳ бар гиреҳ.
Ямонӣ яке теғи заҳробҷӯш
Ҳамоил фурӯҳишта аз тарфи дӯш.
Каманде чу абрӯи тамғочиён
Ба ҳам чун камонгӯшаи чочиён.
Лаҳифе барафканда бар пушти бӯр,
Даромад ба зин он тани пилзӯр.
Инони таковар ба давлат супурд,
Намуд он қавидастро дастбурд.
Ба кабки дарӣ чун дарояд уқоб,
Чӣ гуна ҷаҳад бар замин офтоб?
Аз он тезтар хусрави пилтан
Ба тундӣ даромад ба он Аҳриман.
Бизад бонг бар вай, ки «эй зоғи пир,
Уқоби ҷавон омад, ором гир!
Агар барнатобӣ инонро зи роҳ,
Кунам бар ту олам чу рӯят сиёҳ!
Сияҳрӯй аз онӣ, ки аз теғи тез
Дар ин ҳарбгаҳ кард хоҳӣ гурез.
Марав, то ба хун сурхрӯят кунам,
Мусалсалтар аз ҷаъди мӯят кунам.
Фитад занг бар теғи оинаранг,
Ман оинаам, к-аз ман афтод занг.
Сапеда барад рӯй аз чашмдард,
Барад теғи ман сурхӣ аз рӯи зард.
Чӣ лофӣ, ки ман деви мардумх(в)арам,
Маро хур, ки аз дев мардум барам.

Надонӣ ту пайкори шамшер сахт,
Биёмӯзамат ман ба бозуи бахт.
Гар оӣ зи ҷое, нигаҳ дор ҷой,
В-агарна сарат биспарам зери пой.
Ман он румсолори тозиҳушам,
Ки чун дашнаи субҳ зангикушам.
Чу ҳиндӣ занам бар сари зиндапил,
Занад пилбон ҷома дар хумми нил.
Чу з-оҳан кунам ҳалқа дар гӯши санг,
Ба занга равад гӯши солори Занг».
Чу гуфт ин сухан, дар рикоб истод,
Баровард бозу, инон баркушод.
Бар ӯ ҳамлае бурд чун шери маст,
Яке гурзаи шерпайкар ба даст.
Зи сахтӣ, ки зад бар сараш гурзро,
Барафтод табларза Албурзро.
Ба як захм он гурзи пӯлодлахт
Ситад ҷон аз он обнӯсӣ дарахт.
Сару гардану синаву пою даст,
Зи по то ба сар хурд дарҳам шикаст.
Чу кори Зароҷа зи роҳат бурид,
Яке меҳнати дигар омад падид.
Сиёҳе ба кирдори нахли баланд,
Ҳаросон аз ӯ дидаи нахлбанд.
Ба хусрав даромад чу тундаждаҳо,
Бар ӯ кард захме чу оташ раҳо.
Нашуд коргар теғ бар диръи шоҳ,
Биғуррид зангӣ чу абри сиёҳ.
Чу дорои Рум он сияҳро бидид,
Наҳанги сиёҳ аз миён баркашид.
Чунон зарбате зад бар он нахлбун,
Ки шери ҷавон бар гавазни куҳун.
Сари зангии нахл боло фитод,
Чу зангӣ, ки аз нахли хурмо фитод.
Дигар зангие рафт сӯи масоф,
Забон баркушода ба муште газоф,
Ки абри  сиёҳ омад аз кӯҳи Занг,
Наборад магар аждаҳову наҳанг.
«Сияҳкӯлаи гурдбозу манам,
Гаронкӯҳро ҳамтарозу манам.
Зи тан барканам гардани пилро,
Ба дам даркашам чашмаи Нилро.
Бар он кас, ки ҷонаш ба оҳан газам,
Басе ҷомаҳо дар сикоҳан разам».
Ҷаҳонҷӯй чун дид, к-он ёфагӯй
Зи хун нофи худро кунад нофабӯй,
Сари  теғ бар гардан афрохташ,
Дар он ёфа гуфтан сар андохташ.

Аз он саҳмгинтар сиёҳе қавӣ
Инон ронд бар чолиши хусравӣ,
Чунон зад бар ӯ теғи зангорх(в)ард,
Ки зангӣ зи гардиш даромад ба гард.
Сиёҳе дигар зин бар адҳам ниҳод,
Ба захме дигар дида бар ҳам ниҳод.
Дигар то шаб аз номдорони Занг
Наёмад касеро таманнои ҷанг.
Ҷаҳондор бо фатҳ дамсоз гашт,
Шабонгаҳ ба оромгаҳ бозгашт.
Чу гулноргун кисвати офтоб
Кабудӣ гирифт аз хуми нил об,
Нигаҳбони ин морпайкар дирафш
Зар андуд бар парниёни бунафш.
Рақибони лашкар бар оини пос,
Нигаҳбонтар аз марди анҷумшинос.
Язакдоре аз дида нагзоштанд,
Ятоқе, ки расмист, медоштанд.
Саҳаргаҳ, ки омад ба некахтарӣ
Гули сурх бар тоқи нилуфарӣ,
Сикандар бурун омад аз хобгоҳ,
Баророст бар ҳарби душман сипоҳ.
Равон кард рахши инонтобро,
Барангехт чун оташ он обро.
Ба қалб-андарун пои худро фишурд,
Ба ҳар паҳлаве паҳлуеро супурд.
Чапу ростро баст аз оҳан ҳисор,
Фурӯ бурд чун кӯҳи бехустувор.
Ҳамон лашкари Зангу хайли ҳабаш
Ба ҳар гӯшае гашта шамшеркаш.
Ҳабаш бар ямин, барбарӣ бар ясор,
Ба қалб-андарун зангии девсор,
Чу навбатзани шоҳ зад кӯси ҷанг,
Ҷарасдори зангӣ бичунбонд занг.
Даромад ба ғурридан абри сиёҳ,
Зи моҳӣ тафи теғ баршуд ба моҳ.
Чунон омад аз ҳар ду лашкар ғирев,
К-аз он ҳавл девона шуд мағзи дев.
Гиреҳ бар гулӯҳо фурӯ баст гард,
Зи бехунӣ андомҳо гашт зард.
Зи гурзи гаронсангу шамшери тез
Миёнҷӣ ҳамеҷуст роҳи гурез.
Зи бас шӯриши риққи рӯйинатос
Ба гардуни гардон даромад ҳарос.
Зи хармуҳрае мағз пардохта,
Замин мағзи кӯҳ аз сар андохта.
Зи рӯйиндизи кӯси тундархурӯш
Ба дизҳои рӯйин дарафтод ҷӯш.

Зи нои дамида бар оҳанги дур
Гумон буд, к-омад Сирофилу сур.
Зи бас кӯфтан бар замин гурзу теғ
Зи ҳар ғор баршуд ғуборе ба меғ.
Зи минқори пӯлоди парронхаданг
Гиреҳ баста хун дар дили хорасанг.
Камони качабрӯ ба мижгони тир
Зи пистони ҷавшан бароварда шир.
Каманди гиреҳдодаи печ-печ
Ба ҷуз гирди гардан намегашт ҳеч.
Чу ҳиндуи бозигари гармхез
Муаллақзанон ҳиндуи теғи тез.
Зи мавзунии зарбаҳои синон
Ба рақс омада асб зери инон.
Ба занбӯраи тири занбӯрнеш
Шуда оҳану сангро рӯй реш.
Замин хаста аз хуни анҷидагон,
Ҳаво баста аз оҳи ранҷидагон.
Чу кӯҳе, ки он бошад аз лоҷвард,
Баророста қалби шоҳ аз набард.
Ҳамон теғзан зангии сахткӯш,
Бароварда чун занги зангӣ хурӯш.
Кафида дилу бар лаб оварда каф,
Даҳан боз карда чу пушти кашаф.
Чу аз ҳарду сӯ гашт қалб устувор,
Зи ҳарду сипаҳ рафт берун савор.
Намуданд бисёр мардонагӣ,
Ҳам аз иракӣ, ҳам зи девонагӣ.
Баровард зангӣ зи румӣ ҳалок,
Ки ин нозанин буду он ҳавлнок.
Шаҳ аз нозанинлашкар андеша кард,
Ки аз нозанинон наёяд набард.
Ба дил гуфт: «Он беҳ, ки шерӣ кунам,
Дар ин тарснокон далерӣ кунам.
Чу лашкар забун шуд дар ин тохтан,
Ба худ бояд ин размро сохтан».
Бурун шуд дигарбора чун офтоб,
Ки орад ба хунрезии шаб шитоб.
Тане чандро з-он сипоҳи дурушт
Ба як захм, як захм чун саг бикушт.
Касе, к-ончунон дид бунёди ӯ,
Тиҳӣ кард паҳлӯ зи пӯлоди ӯ.
Сипаҳдори румӣ чу беҷанг монд,
Таковар суи лашкари Занг ронд.
Палангар, ки ӯ буд солори Занг,
Бидонист, к-омад зи дарё наҳанг.
Ба ёрони худ гуфт, к-«ин сайди хом
Куҷо ҷон барад, чун дарояд ба дом?

Силеҳе маликвор тартиб кард,
Ба ҷавшан-бар аз теғ таркиб кард.
Бипӯшид хафтоне аз каркадан,
Макавкаб ба зар з-остин то бадан.
Яке хӯди пӯлоди оинафом
Ниҳод аз бари фарқ чун сими хом.
Дурафшон яке теғ чун чашми гӯр,
Палорак дар ӯ рафта чун пои мӯр.
Бароҳехт в-омад бари тундшер,
Нашояд шудан сӯи шерон далер.
Биғуррид, к-«эй шери сайдозмой,
Ҳамовардат омад, машав боз ҷой.
Марав, то набарди далерон кунем,
Дар ин размгаҳ ҷанги шерон кунем.
Бибинем, к-аз мо баландӣ кирост,
Дар ин кор фирӯзмандӣ кирост».
Зи ҷӯшидани зангии хомкор
Биҷӯшид хун дар дили шаҳрёр.
Чу бадхоҳ кин дар хурӯш оварад,
Ситезандаро хун ба ҷӯш оварад.
Сикандар бад-ӯ гуфт: «Чандин малоф,
Марон беҳуда пеши мардон газоф.
Зи мардонагӣ лоф чандин мазан,
Ҳаросон шав аз сояи хештан.
Битарс, арчи шерӣ, зи шерафканон,
Далерӣ макун бо далерафканон.
Танеро, ки натвонӣ аз ҷой бурд,
Ба пархоши ӯ пай чӣ хоҳӣ фишурд?
Ба паҳлӯи шер он гаҳе даст каш,
Ки дорӣ ба шерафканӣ дастх(в)аш.
Ба тороҷи худ турктозӣ кунӣ,
Ки гунҷишк бошию бозӣ кунӣ.
Биё, то бигардем, майдон х(в)аш аст,
Бибинем, к-аз мо кӣ сахтикаш аст.
Гирифта мазан дар ҳарифафканӣ,
Гирифта шавӣ, гар гирифта занӣ».
Барошуфт зангӣ зи гуфтори шоҳ,
Ба чолиш даромад чу дуди сиёҳ.
Фурӯ ҳишт бар тарки шаҳ теғро,
Зи барқ оташе кай расад меғро?!
Барошуфта шуд шоҳ аз он зиштрӯй,
Чу теғ аз танаш сар баровард мӯй,
Ба тундӣ яке теғ зад бар танаш,
Нашуд коргар захм бар ҷавшанаш.
Басе ҳамла бар якдигар сохтанд,
Яке захми корӣ наяндохтанд.
Бад-ин гуна то шаб даромад ба сар,
Нашуд захми кас дар миён коргар.

Чу зангӣ шуд аз ҷанги хусрав сутӯҳ,
Бад-ӯ гуфт: «Хуршед шуд сӯи кӯҳ.
Шаб омад, шабехун раҳо карданист,
Ба миъоди фардо вафо карданист.
Сияҳкор шаб чун шавад шаҳнасуд,
Бурун ояд оташ зи гарданда дуд.
Кунам бо ту коре дар ин корзор,
Ки андаргурезӣ ба сӯрохи мор.
Ба шарте, ки чун субҳ ронад сипоҳ,
Туро низ чун субҳ бинам пагоҳ».
Бигуфт ину аз ҳарбгаҳ бозгашт,
Бар ин достон шоҳ дамсоз гашт.
Ба муҳлат зи шаб узрхоҳ омаданд,
Зи майдон суи хобгоҳ омаданд.
Чу рӯзи дигар чашмаи офтоб
Барангехт оташ зи дарёи об,
Ду лашкар ба ҳам баркашиданд кӯс
Чу шатранҷе аз оҷу аз обнӯс,
Тазарвони румию зоғони Занг
Шуда синаи боз, яъне дуранг.
Сиёҳон чу шаб, румиён чун чароғ,
Каму беш чун зоғу чун чашми зоғ.
Баромад яке абри зангоргун,
Фурӯ рехт аз дида дарёи хун.
Дар он сел, к-аз пой шуд то ба фарқ,
Яке ташна монда, яке гашта ғарқ.
Ҷаҳонхусрав оҳанги пайкор кард,
Ба бадхоҳ-бар чашми бад кор кард.
Бароросит бозори новардро,
Барангехт з-оби равон гардро.
Кажоганде аз кӯрчашма ҳарир
Бипӯшиду фориғ шуд аз теғу тир,
Яке диръи рахшандаи чашмадор,
Ки дар чашм н-омад яке чашмавор.
Синонкаш яке найзаи сиариш
Ба оби ҷигар ёфта парвариш.
Ҳамоил яке теғи ҳиндӣ чу об,
Багавҳартар аз чашмаи офтоб.
Кулоҳе зи пӯлоди Чин бар сараш,
Ки гавҳар ба рашк омад аз гавҳараш.
Баровехта ночахе заҳрдор
Ба вақти задан талх чун заҳри мор.
Нишаст аз бари бораи кӯҳфаш,
Ба дидан ҳумоюн, ба рафтор х(в)аш.
Равон кард маркаб ба миъодгоҳ,
Пазира, ки душман кай ояд зи роҳ.
Наёмад Палангар, ки пажмурда буд,
Ба андеша лангар фурӯ бурда буд.

Дигар зангиеро, ки ифрити маст
Фиристод, то гавҳар орад ба даст,
Ба як ночахи шаҳ, ки бар вай расид,
Зи зангӣ раги зиндагонӣ бурид.
Дигар деве омад чу як пора кӯҳ,
К-аз ӯ чашми бинандагон шуд сутӯҳ.
Ҳамон хурд, к-он носазои дигар
Чунин чандро хок хорид сар.
Сияҳрӯйтар з-он яке девсор
Ба печиш даромад чу печанда мор.
Бар ӯ низ шаҳ ночахе ронд зуд,
Ба захме баровард аз ӯ низ дуд.
Сиёҳе дигар з-он ситамкоратар,
Ба ҳарб омад аз шер хунхоратар.
Ҳамон шарбати ёри пешина х(в)ард,
Замона ҳамон кори пешина кард.
Наёмад дигар кас ба майдон далер,
Ки тарсида буданд аз он тундшер.
Инон дод хусрав суи хайли Занг,
Бурун хост бадхоҳи худро ба ҷанг.
Палангар чу дид ончунон дастбурд,
Шуд андомаш аз захми нохӯрда хурд,
Агар хост в-арна ҷанибат ҷаҳонд,
Суи ҳарбгаҳ кому ноком ронд.
Инон бар шаҳ афканд чолишкунон,
Ба сад хорияш бахт нолишкунон.
Басе захмҳо зад ба нерӯи сахт,
Нашуд коргар бар худованди бахт.
Шаҳи шерзаҳра бар он пилзӯр
Бичӯшид чун шер бар сайди гӯр.
Паноҳандаро ёд кард аз нахуст,
Ният кард бар комгорӣ дуруст.
Тариде ба новарди зангӣ намуд,
Ки бар нуқта паргор тангӣ намуд.
Ба чолишгарӣ сӯи ӯ ронд рахш,
Бар абри сияҳ ханда зад чун дурахш.
Чунон зад бар ӯ ночахе нуҳгиреҳ,
Ки ҳам колбуд суфта шуд, ҳам зиреҳ.
Ба як бод шуд киштии хасм хурд,
Фурӯ монд лангар, Палангар бимурд.
Бифармуд шоҳ аз сари борагӣ,
Ки лашкар бичунбад ба якборагӣ.
Сипоҳ аз ду сӯ ҷунбиш ангехтанд,
Шабу рӯзро дар ҳам омехтанд.
Зи бими чакочак, ки омад зи тир,
Кафан гашт дар зери ҷавшан ҳарир.
Таранготаранги дурафшанда теғ
Ба маҳ даркҳоро баровара меғ.

Танӯра зи тафсидани офтоб
Ба сӯзандагӣ чун танӯре ба тоб.
Зи ҷӯшидани сар ба сарсоми тез
Ҷаҳон карда аз равшаноӣ гурез.
Зи бас зангие кушта бар хоки роҳ
Замин гашта дар осмон рӯсиёҳ.
Ақиқ аз шаба оташ афрӯхта,
Шаба гашта з-оташ сияҳсӯхта.
Сабук шуд шаба, гашт гавҳар гарон,
Чунин аст худ расми гавҳаргарон.
Асири суманбарг шуд мушкбед,
Ғуроби сияҳ сайди бози сапед.
Саросемагӣ дар маниш тохта,
Зи рахти хирад хона пардохта.
Зи дил додани човушони далер
Диловар шуда гӯр бар ҷанги шер.
Зи гуфтан, ки «ҳу»-ю дигарбора «ҳон»,
Бароварда сар «ҳоюҳуй» аз ҷаҳон.
Ситези ду лашкар чу аз ҳад гузашт,
Замона якеро варақ дарнавашт.
Қавидастро фатҳ шуд раҳнамун,
Ба зинҳорхоҳӣ даромад забун.
Дар он тохтан лашкари румиён
Ба зангикушӣ баста ҳар сӯ миён.
Сикандар ба шамшер бикшод даст,
Ба бозори зангӣ даромад шикаст.
Чу зангӣ даромад ба зангонаруд,
Зи шаҳруди румӣ баромад суруд.
Сари рояти шоҳ баршуд ба моҳ,
Зи ғавғои зангӣ тиҳӣ гашт роҳ.
Фурӯ рехт борони раҳмат зи меғ,
Фурӯ шуст зангори зангӣ зи теғ.
Ситода малик зери заррин дирафш,
Зи сайфур бар тан қабои бунафш.
Зи ҳар сӯ кашон зангие чун наҳанг,
Ба гардан-дар афсор ё полаҳанг.
Касеро, ки зери алам тохтанд,
Ба фармони хусрав сар андохтанд.
Дар он водӣ аз зангиён кас намонд,
В-агар монд, ҷуз бахши каргас намонд.
Гурӯҳе, ки бар пил карданд зӯр,
Фитоданд чун пила дар пои мӯр.
Киробанда, к-ӯ бори мардум кашад,
Гаҳе шум кашад, гаҳ бирешум кашад.
Чу хасмон гирифтори хорӣ шуданд,
Ҳабаш дар миён зинҳорӣ шуданд.
Шаҳ он ваҳшиёнро, ки буд аз Ҳабаш,
Нафармуд куштан дар он кашмакаш.

Бибахшуд дар сахтии корашон,
Ба шамшери худ дод зинҳорашон.
Бифармуд, то доғашон баркашанд,
Ҳабаш з-ин сабаб доғ бар оташанд.
Фӯрӯзандашон кард аз он гармдоғ,
К-аз оташ фурӯзанда гардад чароғ.
Зи бас ғорат овардан аз баҳри шоҳ
Ғанимат нагунҷид дар арзгоҳ.
Чу шоҳ он матоъи гаронсанҷ дид,
Чу дарё яке дашти пурганҷ дид.
Ба ҷуз гавҳаринҷому зарринамуд,
Ба харвор анбар, ба анбор уд.
Ҳам аз зарри конӣ, ҳам аз лаълу дур
Басе чарму қинторҳо карда пур.
Зи кофур чун сим саҳро сутӯҳ,
Зи симе чу кофур сад пора кӯҳ.
Ҳамон зиндапилони ганҷинакаш,
Ҳамон тозиасбони товусваш.
Ҳамон бардаи бумию барбарӣ
Сабақ бурда бар Моҳу бар Муштарӣ.
Зи баргустувонҳои гавҳарнигор,
Ҳамон чарми заррофаи обдор
Ҳама рӯи саҳро пур аз хоста,
Ба ганҷинаву гавҳар ороста.
Шаҳ аз фатҳи зангию тороҷи ганҷ
Баросуду эмин шуд аз дарду ранҷ.
Ба ибрат дар он куштагон бингарист,
Бихандид пайдову пинҳон гирист,
Ки чандин халоиқ дар ин доругир
Чаро кушт бояд ба шамшеру тир?!
Гунаҳ гар бар эшон ниҳам, норавост,
В-ар аз худ хато бинам, ин ҳам хатост.
Фалакро сар андохтан шуд сиришт,
Нашояд кашидан сар аз сарнавишт.
Чу дуд аз паи лоҷвардӣ ниқоб
Сар аз гунбади лоҷвардӣ матоб.
Фалакро, ки чун лоҷвардӣ хазанд,
Ҳама ҷомаи лоҷвардӣ разанд.
Дар ин пардаи каҷ суруде магӯй,
Дар ин хоки шӯрида обе маҷӯй.
Кӣ донад, ки ин хоки ангехта
Ба хуни чӣ дилҳост омехта.
Ҳама роҳ агар нест бинанда кӯр,
Адими гавазн асту кимухти гӯр.

## БОЗГАШТАНИ ИСКАНДАР АЗ ҶАНГИ ЗАНГ БО ФИРӮЗӢ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз май маро маст кун,
Чу май дардиҳӣ, нуқл бар даст кун.
Аз он май, ки дилро бад-ӯ х(в)аш кунам,
Ба дӯзах-дараш талқи оташ кунам.

### АНДАРЗ

Баруманд бод он ҳумоюн дарахт,
Ки дар сояи ӯ тавон бурд рахт.
Гаҳ аз мева ороиши хон диҳад,
Гаҳ аз соя осоиши ҷон диҳад.
Ба мева расида баҳоре чунин,
Зи равнақ маяфтод коре чунин!
Чу шуд борвар мевадори ҷавон,
Ба дасти табар доданаш чун тавон?
Зимистон бурун рафту омад баҳор,
Баровардa сабза сар аз ҷӯйбор.
Дигарбора сарсабз шуд хоки хушк,
Бунафша баромехт анбар ба мушк.
Ба анбархарӣ наргиси хобнок
Чу кофури тар сар бурун зад зи хок.
Кушодам ман аз қуфли ганҷина банд,
Ба саҳро алам баркашидам баланд.
Ниҳонпайкар он ҳотифи сабзпӯш,
Ки хонад сароянда онро Суруш,
Ба овози пӯшидагон гуфт: «Хез,
Гузориш кун аз хотири ганҷрез,
Ки чун румӣ аз зангӣ он кин кашид,
Сикандар куҷо рахш дар зин кашид».

### ДОСТОН

Гузорандаи достони дарӣ
Чунин дод назми гузоришгарӣ,
Ки чун фаррухӣ шоҳро гашт ҷуфт,
Чу гулнор хандиду чун гул шукуфт.
Дари ганҷ бикшод бар ганҷхоҳ,
Тавонгар шуд аз ганҷу гавҳар сипоҳ.
Баросуд як ҳафта бар ҷои ҷанг,
Ба ёқути майранг дод озаранг.
Чу саққои борону фарроши бод
Заданд обу руфтанд раҳ бомдод,
Шуд аз роҳи ӯ гард бархоста,
Ки бегард беҳ роҳи ороста.

Чу бегард шуд, роҳро кард роҳ,
Даромад ба зин шоҳи гетипаноҳ.
Раворавзанон нои заррин заданд,
Саропарда бар пушти Парвин заданд,
Зи дарёи Афранҷа то рӯди Нил
Ба ҷӯш омад аз бонги табли раҳил.
Дароянда ҳар сӯ дарои шутур
Зи бонги тиҳӣ мағзро кард пур.
Даҳони ҷалоҷил ба ҳуррои зар
Зи шӯри ҷарас гӯшҳо карда кар.
Ба мавкиб  равон лашкар аз ҳар канор,
На чандон, ки донад кас онро шумор.
Ҷаҳондор дар мавкиби хоси хеш,
Хироманда бар кабки raққоси хеш.
Чу лахте замин з-он тараф дарнавашт,
Зи паҳлӯи водӣ даромад ба дашт,
Зи бас роятангезии сурху зард
Муқарнас шуда гунбади лоҷвард.
Зи саҳро ғанимат бароварда кӯҳ,
Зи гавҳар кашидан ҳаюнон сутӯҳ.
Зи бас ганҷи оганда бар пушти пил,
Ба сад ҷой пул баста бар рӯди Нил.
Бад-ин фаррухӣ шоҳи фирӯзманд
Барафрохта сар ба чархи баланд.
Ба Миср омаду мисриёнро навохт,
Ба оини худ кори он шаҳр сохт.
В-аз он ҷо равон шуд ба дарёканор,
Пазируфт якчанде он ҷо қарор.
Ба ҳар манзиле, к-ӯ алам баркашид,
Дар он манзил омад иморат падид.
Ба ганҷу ба фармон дар он регбум
Иморат басе кард бар расми Рум.
Бар ободии роҳ мебурд ранҷ,
Бар он рег мерехт чун рег ганҷ.
Нахустин иморат ба дарёканор
Бино кард шаҳре чу хуррамбаҳор.
Ба ободию хуррамӣ чун биҳишт,
Ҳамаш ҷои бозору ҳам ҷои кишт.
Ба Искандар он шаҳр чун шуд тамом,
Ҳам Искандария-ш ниҳоданд ном.
Чу пардохт он нағзбунёдро,
Ки монанд шуд Мисру Бағдодро,
Ба Юнон шудан гашт азмаш дуруст,
Ки он ҷо равад мард, к-ояд нахуст.
Зи дарё гузар карду омад ба Рум,
Ҷаҳон нарм дар зери мӯҳраш чу мум.
Бад-он мум чун рағбаташ хостӣ,
Бикардӣ аз ӯ, ҳар чӣ мехостӣ.

Бузургони Рум офаринхон шуданд,
Ба он гавҳарӣ гавҳарафшон шуданд.
Ҳама шаҳри Юнон биёростанд,
Ки диданд аз ӯ, он чи мехостанд.
Нишонданд мутриб, фишонданд мол,
Ки омад чунон бозие дар хаёл.
Мухолифшикан шоҳи пирӯзбахт
Ба фирӯзболӣ баромад ба тахт.
Зи фирӯзии давлати комгор
Нишоти нав ангехт дар рӯзгор.
Басе армуғоне зи тороҷи Занг
Ба ҳар сӯ фиристод бе вазну санг.
Зи ганҷе, ки ӯро фиристод даҳр,
Ба ҳар ганҷдоне фиристод баҳр.
Чу навбат ба сарбахши Доро расид,
Шутурбори зар то Бухоро расид.
Гузин кард марде бафарҳангу рой,
Ки оини он хидмат орад ба ҷой.
Гузид аз ғанимат тароиф басе,
К-аз он сон набинад тароиф касе.
Гаронмояҳое, ки бошад ғариб,
Зи маркубу гавҳар, зи дебову тиб.
Бурун аз табақҳои пурзарри хушк,
Ба сандуқ анбар, ба харвор мушк.
Яке хирман аз сими бигдохта,
Яке хона кофури нософта.
Зи уди гиреҳ борҳо баста танг,
Ки ҳар бор аз ӯ буд сад ман ба санг.
Мурассаъ басе теғи гавҳарнигор,
Наматҳои зарробафаи обдор.
Канизони чобук, ғуломони чуст,
Ба ҳангоми хидматгарӣ тандуруст.
Ҳамон тахтҳои мукаллал зи оҷ,
Ба гавҳар баромуда бо тавқу тоҷ.
Асирони занҷир бар пову даст,
Ба болову паҳно чу пилони маст.
Зи гӯши бурида шутурборҳо,
Зи сарҳои пуркоҳ харворҳо.
Зи пилони пайкор даҳ зиндапил,
Гаҳи разм ҷӯшанда чун рӯди Нил.
Бад-ин сон гаронмояҳои сара
Фиристод бо қосиде яксара.
Чу омад фиристодаи роҳсанҷ,
Ба Доро супурд он гаронмоя ганҷ.
Шикӯҳид Доро зи нузле чунон,
Ҳасадро бар ӯ тезтар шуд инон.
Пазируфт ганҷинаи беқиёс,
Пазируфтаро н-омад аз вай сипос.

На бар ҷои худ посухе соз кард,
Дари кини пӯшидаро боз кард.
Фиристода он посухи сарсарӣ,
Напӯшид бар рои искандарӣ.
Сикандар шуд озурда аз кори ӯ,
Ниҳонӣ ҳамедошт озори ӯ.
Зи пирӯзии давлату ҷоҳи хеш
Набудаш сари кини бадхоҳи хеш.
Зи ҳар сӯ хабар турктозӣ намуд,
Ки «румӣ ба зангӣ чӣ бозӣ намуд».
Зи ҳар кишваре қосидон тохтанд,
Бад-ин чирагӣ таҳният сохтанд.
Дари таъна бар румиён баста шуд,
Ҳамон румӣ аз баддилӣ раста шуд.
Замона чу оҷизнавозӣ кунад,
Ба тундаждаҳо мӯр бозӣ кунад.
Дар ин осиё дона бинӣ басе,
Ба навбат дар ос афканад ҳар касе.

## СИГОЛИШ НАМУДАНИ ИСКАНДАР БАР ҶАНГИ ДОРО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май, ки фаррухпай аст,
Ба ман деҳ, ки доруи мардум май аст.
Мае, к-ӯст ҳалвои ҳар ғамкаше,
Надида ба ҷуз офтоб оташе.

### АНДАРЗ

Ҷаҳон бинам аз майли ҷӯянда пур,
Яке сӯи дарё, яке сӯи дур.
Набинам касеро дар ин рӯзгор,
Ки майлаш бувад сӯи омӯзгор.
Чу ман булбулеро бувад ногузир,
К-аз ин гӯшгирон шавам гӯшагир.
Ба машғулии нағмаи ин суруд
Шавам фориғ аз шуғли дарёву рӯд.
Чу берун ҷаҳам гаҳ-гаҳ аз кунҷи боғ,
Турунҷе ба дастам чу равшанчароғ.
Набинам кас аз ҳушёрони маст,
Ки додан тавон он турунҷаш ба даст.
Дигарбора аз дасти ин дӯстон
Гурез оварам сӯи он бӯстон.
Тамошои ин боғи дилкаш кунам,
Бад-ӯ хотири хешро х(в)аш кунам.

## ДОСТОН

Гузоришгари коргоҳи сухан
Чунин гӯяд аз мӯбадони куҳан,
Ки чун шоҳи Рум аз шабехуни Занг
Баросуду омад муродаш ба чанг,
Пазира шуд осоишу хобро,
Равон кард бар каф маи нобро.
Ба Наврӯз биншасту май нӯш кард,
Суруди сароянлагон гӯш кард.
Набудӣ зи шаҳ дур то вақти хоб
Муғаннию соқию руду шароб.
Ҳисобе ба ҷуз комронӣ надошт,
Аз он беҳ касе зиндагонӣ надошт.
Нишаста ҷаҳондори гетифурӯз,
Ба фирӯзӣ оварда шабро ба рӯз.
Ба пероманаш файласуфони даҳр,
Ҷаҳонро ба доду диҳиш дод баҳр.
Арасту ба соғар, Фалотун ба ҷом
Маи хом резанда бар хуни хом.
Муғаннӣ сароянда бар бонги руд
Ба наврӯзии шаҳ навоин суруд,
Ки давлатпаноҳо, ҷавонбахт бош!
Ҳамасола бо афсару тахт бош!
Гарав кун ба умри абад ҷомро,
Гаравгир кун бодаи хомро!
Бисоти маи арғавонӣ бинеҳ,
Тараб сози доди ҷавонӣ бидеҳ.
Чу дорӣ ҷавонию иқбол ҳаст,
Ба руду ба май шод бояд нишаст.
Чу тартиби шамшер кардӣ тамом,
Баророй маҷлис ба тартиби ҷом.
Ҷаҳон гир дар сояи тоҷу тахт,
Нагирад ҷаҳон бо ту ин кор сахт.
Сиёҳе гирифтӣ, сапеде бигир,
Чунин аблақе бошадат ногузир.
Алам бар фалак зан, ки олам туростh,
Ба давлат даровез, к-он ҳам турост.
Шаҳ аз нусрати Мисру тороҷи Занг
Ба чеҳра даровардa буд обу ранг.
Забун кардани душман осон гирифт,
Ҳисоби хироҷ аз Хуросон гирифт.
Ба ҳамсангии хеш дар Руму Шом
Наёмад касаш дар тарозу тамом.
Ба Доро надод, он чи дод аз нахуст,
Ҳамон додаро низ аз ӯ бозҷуст.
Аз он ҷо, ки рӯзи ҷавониш буд,
Таманнои кишварситониш буд,

Камарбанди эрониён суст кард,
Ба Эрон гирифтан камар чуст кард.
Дарахте, ки ӯ сар барорад баланд,
Ба дигар дарахтон расонад газанд.
Ба нахчир шуд шоҳ як рӯз каш,
Ҳам ӯ хушманиш буду ҳам рӯз х(в)аш.
Шикорафканон даштҳо дарнавашт,
Ҳамекард нахчир дар кӯҳу дашт.
Фалаквор мешуд саре пуршукӯҳ,
Гаҳе сӯи саҳро, гаҳе сӯи кӯҳ.
Гузашт аз қазо бар яке кӯҳсор,
Ки буд аз басе гуна дар вай шикор.
Ду кабки дарӣ дид бар хорасанг,
Ба оини кабкони чангӣ ба чанг.
Гаҳ он мағзи инро ба минқор хаст,
Гаҳ ин боли онро ба нохун шикаст.
Дар он маърака ронд шаҳ борагӣ,
Ҳамебуд бар ҳарду наззорагӣ.
Зи сахтӣ, ки кабкон даровехтанд,
Зи наззораи шоҳ нагрехтанд.
Шигифтӣ фурӯ монд шаҳ з-он шумор,
Ки дар мағзи мурғон чӣ буд он хумор.
Якеро нишон кард бар номи хеш,
Бар ӯ баст фоли саранҷоми хеш.
Дигар мурғро ном Доро ниҳод,
Бар он фол чашм ошкоро ниҳод.
Ду мурғи диловар дар он доварӣ
Замоне намуданд ҷанговарӣ,
Ҳамон мурғ шуд оқибат комгор,
Ки бар номи худ фол зад шаҳрёр.
Чу пирӯз дид ончунон ҳолро,
Далели зафар ёфт он фолро.
Хироманда кабки зафарёфта
Парид аз бари кабки бартофта.
Суи пуштаи кӯҳ парвоз кард,
Уқобе даромад, сараш боз кард.
Чу бишкаст кабки дариро уқоб,
Малик кабк бишкасту омад ба тоб.
Зи парвози пирӯзии хештан
Набудаш ҳамоно ғами ҷону тан.
Бидонист, к-иқбол ёрӣ диҳад,
Ба Доро-дараш комгорӣ диҳад.
Валекин дар он давлати комгор
Набошад басе умри ӯ пойдор.
Шунидам, ки буд андар он хоракӯҳ
Муқарнас яке тоқи гардуншукӯҳ,
Ки пурсандагон з-ӯ ба овози хеш
Хабар бозҷустандӣ аз рози хеш.

Садое шунидандӣ аз кӯҳ сахт,
Бар ин сон, ки будӣ намудор бахт.
Бифармуд шаҳ, то яке ҳушманд
Хабар бозпурсад зи кӯҳи баланд,
Ки чун дар ҷаҳон резиши хун бувад,
Саранҷом иқболи ӯ чун бувад.
Бипурсид пурсандаи нағзфол,
Ки «чун менамояд саранҷоми ҳол?
Сикандар шавад бар ҷаҳон чирадаст?
Ба Дорои доро дарорад шикаст?»
Садое баровард кӯҳ аз ниҳуфт,
Ҳамонро, ки ӯ гуфта буд, боз гуфт.
Аз он фоли фаррух дили хусравӣ
Чу кӯҳи қавӣ ёфт пушти қавӣ.
Ба хуррамдилӣ з-он тараф бозгашт,
Суи базмгоҳ омад аз кӯҳу дашт.
Ба тадбир биншаст бо анҷуман,
Чу сарви сиҳӣ дар миёни чаман.
Сухан ронд з-андозаи кори хеш,
Зи пирӯзии сулҳу пайкори хеш,
Ки «чун ман ба нерӯи гетипаноҳ
Ба гардуни гардон расонам кулоҳ,
Газити рибохорагон чун диҳам,
Ба худ-бар чунин хорие чун ниҳам?
Ба Доро чаро дод бояд хироҷ,
К-аз ӯ кам надорам на гавҳар, на тоҷ.
Гар ӯ тоҷ дорад, маро теғ ҳаст,
Чу теғам бувад, тоҷам ояд ба даст.
Гар ӯ лашкар орад ба пайкори ман,
Нигаҳдори ман бас нигаҳдори ман.
Маро нусрати эзадӣ ҳосил аст,
Ки роям қавӣ, лашкарам якдил аст.
Сипаҳро, ки фирӯзмандӣ расад,
Зи ёрони якдил баландӣ расад.
Ду дарзе зи дил бишканад кӯҳро,
Парокандагӣ орад анбӯҳро.
Умедам чунон шуд ба нерӯи бахт,
Ки бистонам аз душманон тоҷу тахт.
Чӣ бояд расад гоҳи Доро шудан,
Ба ҷизятдиҳӣ ошкоро шудан,
Шумо, зиракон аз сари ёварӣ
Чӣ гӯед, чун бошад ин доварӣ?!
Чӣ ҳуҷҷат бувад пеши Доро маро,
Ниҳонӣ кунед ошкоро маро?»
Шиносандагони саранҷоми кор
Дуо тоза карданд бар шаҳрёр,
Ки «то чархи гардандаву ахтар аст,
В-аз ин ҳарду омезиши гавҳар аст,

Чароғи ҷаҳон гавҳари шоҳ бод,
Рухи шоҳ равшантар аз моҳ бод!
Туӣ он, ки нерӯи биниш ба туст,
Барумандии офариниш ба туст.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ, худованд бош,
Зи тухме, ки пошӣ, баруманд бош.
Чу пурсидӣ аз мо, ба фархундарой
Бигӯем, чун бахт шуд раҳнамой.
Чунон аст рухсат ба рои савоб,
Ки шаҳ бар мухолиф наёрад шитоб.
Ту биншин, гар ӯ бо ту ҷанг оварад,
Бар ӯ теғи ту кор танг оварад.
Зи дасти ту як теғ бардоштан,
Зи душман сару теғ бигзоштан.
Гавазне, ки бо шер бозӣ кунад,
Заминҷои қурбон намозӣ кунад.
Зи Доро наёяд ба ҷуз ною нӯш,
Гар ояд ба ту, хунаш ояд ба ҷӯш.
Ту з-ӯ беш дар лашкар оростан,
Хироҷ аз забунон тавон хостан.
Шабехуни ту то биёбони Занг,
Тамошои ӯ то шабистони танг.
Ту динпарварӣ, хасм кинпарвар аст,
Фаришта дигар, Аҳриман дигар аст.
Ту шамшергирию ӯ ҷомгир,
Ту бар сар нишинию ӯ бар сарир.
Ту бododӣ, ӯ ҳаст бедодгар,
Ту мизони зӯр, ӯ тарозуи зар.
Ту бедорӣ, ӯ бех(в)адӣ мекунад,
Ту некӣ кунӣ, ӯ бадӣ мекунад.
Бад-он бад, ки аз ҷумла шаҳру сипоҳ
Зи некон надорад касе некхоҳ.
Бибинӣ, ки рӯзе ҳам озори ӯ
Касоде дарорад ба бозори ӯ.
Навозишгариҳои бадроми ту
Барорад ба ҳафтум фалак номи ту.
Зи ҳақдушманӣ чанд ботилситез?
Макун, чун кунад ботил аз ҳақ гурез.
Камарбанди бедории бахт гир,
Кулаҳдорие кун, сари тахт гир.
Набояд, ки бандад туро ин хаёл,
Ки давлат ба мулк асту нусрат ба мол.
Сарӣ кардани мардум аз мардумист,
В-агарна ҳама одамӣ одамист.
Ҳама мардумӣ сарфарозӣ кунад,
Сар он шуд, ки мардумнавозӣ кунад.
Даду домро шер аз он аст шоҳ,
Ки меҳмоннавоз аст дар сайдгоҳ.

Ҷаҳон хуш бад-он нест, к-орӣ ба даст,
Ба занҷиру қуфлаш кунӣ пойбаст.
Зи айши хуш он гаҳ нишонаш диҳӣ,
К-аз инаш ситонӣ, ба онаш диҳӣ.
Ҷавонмард пайваста бо кас бувад,
Кас онро набошад, ки нокас бувад.
Бад-он кас, ки ӯро хамирест хом,
Ҳама кас диҳад нони пухта ба вом.
Мурувват ту дорию мардӣ турост,
Бадандешро ганҷ бо аждаҳост.
Гар ӯ тундар омад, ту ҳастӣ дурахш,
Гар ӯ ганҷдон шуд, туӣ ганҷбахш.
Падар гарчи бо қуввати шер буд,
Ба кин хостан нармшамшер буд.
Ту он шергирӣ, ки дар вақти ҷанг
Зи шамшери ту хун шавад хорасанг.
Чӣ гӯӣ сиёҳони зангисиришт,
Ки буданд чун деви дижхим зишт,
Чу бо теғи ту саркашӣ сохтанд,
Ба ҷуз сар чӣ дар поят андохтанд?
Чу з-он селҳо барнагаштӣ чу кӯҳ,
Аз ин қатраҳо ҳам надорӣ шикӯҳ.
Наҳанге, ки ӯ пилро пай кунад,
Аз оҳубара оҷизӣ кай кунад?
Ҳизабри жаён кай шавад сайди гӯр,
Сияҳмор кай рӯй тобад зи мӯр?
Уқобе, ки нахҷирсозӣ кунад,
Ба фарруҷагон дастбозӣ кунад.
Дигар, к-ахтарон некхоҳи туанд,
Ҳамон хокиён хоки роҳи туанд.
Намудори гетикушоӣ турост,
Халал хасмро, мӯмиёӣ турост.
Ба чандин нишонҳои фирӯзманд
Бадандешро чун наёяд газанд?
Ба фоле, к-аз ахтар тавон баршумурд,
Ту дорӣ дар ин доварӣ дастбурд.
Ҳамон дар ҳуруфи хати ҳандасӣ
Ту ғолибтарӣ, гар сухан баррасӣ.
Палангар, ки лашкаркаши Занг буд,
Ба вақте ки бо қуввати ҷанг буд,
Ба мағлубу ғолиб чу биштофтем,
Дар он фатҳ ғолиб туро ёфтем.
Чу пирӯз буд он намунаш ба фол,
Дар ин ҳам тавон буд пирӯзҳол».
Шаҳ аз нусрати раҳнамоёни хеш
Ҳисоби ҷаҳонгирӣ овард пеш.
Ба ҳар ҷо, ки шамшеру соғар гирифт,
Ба некахтарӣ фоли ахтар гирифт.

Ба фархундагӣ фолзан моҳу сол,
Ки фаррух бувад фоли фаррух ба фол.
Мазан фоли бад, к-оварад ҳоли бад,
Мабодо касе, к-ӯ занад фоли бад.

## ОИНА СОХТАНИ ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он лаъли полударо,
Биёвар, бишӯй ин ғамолударо.
Фурӯзанда лаъле, ки райҳони боғ
Зи қандили ӯ барфурӯзад чароғ.

### АНДАРЗ

Чу фаррух бувад рӯзе аз бомдод,
Ҳама мардро некӣ ояд ба ёд.
Ба хубӣ ниҳад расми бунёдҳо,
Зи давлат ба некӣ кунад ёдҳо.
Сар аз кӯи некахтарӣ барзанад,
Ба некахтарӣ фоли ахтар занад.
Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
К-аз абри сияҳ борад оби сапед.
Дари чорасозӣ ба худ дармабанд,
Ки бисёр талхӣ бувад судманд.
Нафас беҳ, к-аз уммед ёрӣ диҳад,
Ки Эзад худ уммедворӣ диҳад.
Гиреҳ дармаёвар бар абрӯи хеш,
Дар оинаи фатҳ бин рӯи хеш.

### ДОСТОН

Гузорандаи нақши дебои Рум
Кунад нақши дебочаро мушкбум,
Ки чун шуд Сикандар ҷаҳонро калид,
Зи шамшераш оина омад падид.
Арӯси ҷаҳонро, ки шуд ҷилвасоз,
Бад-он равшаноина омад ниёз.
Набуд оина пеш аз ӯ сохта,
Ба тадбири ӯ гашт пардохта.
Нахустин амал, к-оина сохтанд,
Зару нуқра дар қолиб андохтанд.
Чу афрӯхтандаш, ғараз барнахост,
Дар ӯ пайкари худ надиданд рост.
Расид озмоиш ба ҳар гавҳаре,
Намуданд ҳар як дигар пайкаре.

Саранҷом, к-оҳан даромад ба кор,
Пазиранда шуд гавҳарашро нигор.
Чу пардохт рассоми оҳангараш,
Ба сайқал фурӯзанда шуд пайкараш.
Ҳама пайкареро бад-он сон, ки ҳаст,
Дар ӯ дид рассоми гавҳарпараст.
Ба ҳар шакл месохтандаш нахуст,
Намеомад аз вай хаёле дуруст.
Ба паҳнӣ шудӣ чеҳраро паҳнсоз,
Дарозиш кардӣ ҷабинро дароз.
Мураббаъ мухолиф намудӣ хаёл,
Мусаддас нишон дур додӣ зи ҳол.
Чу шакли мудаввар шуд ангехта,
Тафовут нашуд бо вай омехта.
Биайниҳ зи ҳар сӯ, ки бардоштанд,
Намояш яке буд, бигзоштанд.
Бад-ин ҳандаса з-оҳани тирамағз
Барафрӯхт шоҳ ин намудор нағз.
Ту низ, ар дар он оина бингарӣ,
Ба даст орӣ оини искандарӣ.
Чу он гирдрӯй оҳани сахтпушт
Ба нармӣ даромад зи хӯи дурушт,
Сикандар дар ӯ дид пеш аз гурӯҳ,
Зи гавҳар ба гавҳар даромад шукӯҳ.
Чу аз дидани рӯи худ гашт шод,
Яке бӯса бар пушти оина дод.
Арӯсе, ки ин суннат орад ба ҷой,
Диҳад бӯса оинаро рӯнамой.

## ХИРОҶ ХОСТАНИ ДОРО АЗ ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он ҷоми оинафом,
Ба ман деҳ, ки бар даст беҳ ҷои ҷом.
Чу з-он ҷом кайхусравоин шавам,
Бад-он ҷоми равшан ҷаҳонбин шавам.

### АНДАРЗ

Биё, то зи бедод шӯем даст,
Ки бе дод натвон зи бедод раст.
Чӣ бандем дил дар ҷаҳон солу моҳ,
Ки ҳам деви хонасту ҳам ғӯли роҳ.
Ҷаҳон воми хеш аз ту яксар барад,
Ба ҷуръа фиристад, ба соғар барад.
Чу борон, ки як-як муҳайё шавад,
Шавад селу он гаҳ ба дарё шавад.

Биё, то хурем, он чи дорем, шод,
Дирам бар дирам чанд бояд ниҳод?!
Наҳанге ба мо-бар гузаркарда гир,
Ҳама ганҷи нохӯрдаро х(в)арда гир.
Аз он ганҷ, к-овард Қорун ба даст,
Саранҷом дар хок бин, чун нишаст.
В-аз он хишти заррини Шаддоди Од
Чӣ омад ба ҷуз мурдани номурод?
Дар ин боғи рангин дарахте наруст,
Ки монд аз қафои табарзан дуруст.

## ДОСТОН

Гузоришкуни зевари тоҷу тахт
Чунин гуфт, к-он шоҳи фирӯзбахт
Яке рӯз фориғдилу шодбахр
Баросуда буд аз ҳавасҳои даҳр,
Маи ноб дар ҷоми шоҳаншаҳӣ
Гаҳе пур ҳамекарду гоҳе тиҳӣ.
Ҳакимони ҳушёрдил пеши ӯ,
Хирадманд мӯнис, хирад хеши ӯ.
Ба ҳар нисбате, к-омад аз бонги чанг,
Сухан шуд басе дар наматҳои танг.
Ба ҳар ҷуръаи май, ки шаҳ мефишонд,
Муҳандис дарахте дар ӯ менишонд.
Дурахшон шуда май чу равшан дурахш,
Қадаҳ шаккарафшону май нӯшбахш.
Димоғи ниюшандаро сар гарон
Зи нӯши маю руди ромишгарон.
Сиришки қадаҳ, нолаи арғанун
Равон карда аз рудҳо рӯди хун.
Зиҳӣ захм, к-аз захмаи чун шакар
Шавад руди хушке ба ду рӯд тар.
Дар он базми ороста чун биҳишт,
Гулафшонтар аз моҳи урдибиҳишт,
Сикандар-ҷаҳонҷӯи фаррухсарир
Нишаста чу бар чарх бадри мунир.
Зи Доро даромад фиристодае,
Сухангӯю равшандил озодае.
Чу хусравпарастон парастиш намуд,
Ҳам ӯрову ҳам шоҳи худро ситуд.
Чу кард офарин бар ҷаҳонпаҳлавон,
Шунида сухан кард бо ӯ равон.
Зи Доро дуруд оваридаш нахуст,
Надода хироҷи куҳан бозҷуст,
Ки «чун буд, к-аз гавҳару тавқу тоҷ
Зи даргоҳи мо вогирифтӣ хироҷ?
Забунӣ чӣ дидӣ ту дар кори мо,
Ки бурдӣ сар аз хатти паргори мо?

Ҳамон расми деринаро кор банд,
Макун саркашӣ, то наёбӣ газанд.
Сикандар зи гармӣ чунон барфурӯхт,
Ки аз оташи дил забонаш бисӯхт.
Камонгӯшаи абруяш хам гирифт,
Зи тундиш гӯяндаро дам гирифт.
Чунон дид дар қосиди роҳсанҷ,
Ки аз ҷӯши дил мағзаш омад ба ранҷ.
Забон чун зи гармӣ барошуфта шуд,
Суханҳои ногуфтанӣ гуфта шуд.
Фурӯ гуфт лахте суханҳои сахт,
Чу гӯяд худованди шамшеру тахт.
Киро дар хирад рой бошад баланд,
Нагӯяд суханҳои носудманд.
Забон гар ба гармӣ сабурӣ кунад,
Зи дурикуни хеш дурӣ кунад.
Сухан гарчи бо ӯ зеҳозеҳ бувад,
Нагуфтан ҳам аз гуфтанаш беҳ бувад.
Чӣ хуш гуфт фарзонаи пешбин,
Забон гӯштин асту теғ оҳанин.
Набошад ба худ-бар касе марзбон,
Ки гӯяд, ҳар он-ч оядаш бар забон.
Гузоранда пири каёнисиришт,
Гузориш чунин кард аз он сарнабишт,
Ки вақте ки аз гавҳару теғу тоҷ
Зи Юнон шудӣ пеши Доро хироҷ,
Дар он гавҳарин ганҷбун нопадид
Будӣ хояи зар худойофарид.
Мунаққаш яке хусравонӣ бисот,
Ки бинандаро тоза кардӣ нишот.
Чу қосид забон теғи пӯлод кард,
Хироҷи куҳангаштаро ёд кард.
Бар ӯ бонг зад шаҳрёри далер,
Ки натвон ситад ғорат аз тундшер.
Замона дигаргуна оин ниҳод,
Шуд он мурғ, к-ӯ хоя заррин ниҳод.
Сипеҳр он бисоти куҳан дарнавашт,
Бисоти дигар мулкро тоза гашт.
Ҳамасола гавҳар нахезад зи санг,
Гаҳе сулҳ созад ҷаҳон, гоҳ ҷанг.
Ба гарданкашӣ бармаёвар нафас,
Ба шамшер бо ман сухан гӯю бас.
Туро он кифоят, ки шамшери ман
Наёрад сари тахти ту зери ман.
Чу ман бо рикобе, ки бардоштам,
Инони ҷаҳон бар ту бигзоштам.
Ту бо он ки дорӣ чунон тӯшае,
Раҳо кун маро дар чунин гӯшае.

Бар онам маёвар, ки азм оварам,
Ба ҳампанҷае бо ту разм оварам.
Ба як сӯ ниҳам меҳру озармро,
Ба ҷӯш оварам кинаи гармро.
Магар шаҳ надонад, ки дар рӯзи ҷанг
Чӣ сарҳо буридам дар ақсои Занг?
Ба як тохтан то куҷо тохтам,
Чӣ гарданкашонро сар андохтам.
Касе, к-армуғонӣ диҳад тавқу тоҷ,
Чу зинҳориён чун фиристад хироҷ?!
Зи ман Миср бояд, на зар хостан,
Сухан чун зари мисрӣ оростан.
Бибин пойгоҳи маро, то куҷост,
Бад-он поя бояд зи ман моя хост?!
Маянгез фитна, маяфрӯз кин,
Харобӣ маёвар дар Эронзамин!
Туро мулки осуда бе доғу ранҷ,
Макун носипосӣ дар он молу ганҷ!
Машӯрон ба худ коми айёмро,
Қалам даркаш андешаи хомро!
Зи ман он чи барн-оядат, дармахоҳ,
Чунон бош бо ман, ки бо шоҳ шоҳ!»
Фиристода, к-ин достон гӯш кард,
Суханҳои худро фаромӯш кард.
Суи шоҳ шуд доғ бар дил кашон,
Шитобанда чун барқи оташфишон.
Фурӯ гуфт пайғомҳои дурушт,
К-аз ӯ сарвбунро дуто гашт пушт.
Чу Доро ҷавоби Сикандар шунид,
Яке «дурбош» аз ҷигар баркашид.
Ки бесиккаеро чӣ ёро бувад,
Ки ҳамсиккаи номи Доро бувад!
Ба тундӣ басе достон ёд кард,
К-аз он шуд ниюшандаро рӯй зард.
Бихандиду гуфт андар он заҳрханд,
Ки «афсӯс бар кори чархи баланд.
Фалак, бин, чӣ зулм ошкоро кунад,
Ки Искандар оҳанги Доро кунад.
Сикандар на гар худ бувад кӯҳи Қоф,
Кӣ бошад, ки ман бошамаш ҳаммасоф?!
Чунон пашшаеро ба ҷанги уқоб
Кам аз қатра дон пеши дарёи об».
Сабук қосидеро ба даргоҳи ӯ
Фиристоду шуд чашм бар роҳи ӯ.
Яке гӯю чавгон ба қосид супурд,
Қафизе пур аз кунҷиди ношумурд.
Даромӯхташ рози он пешкаш,
Бад-он таъбия шуд дили шоҳ х(в)аш.

Суи Рум шуд қосиди тезгом,
Зи Доро пазируфта бо худ паём.
Зи раҳ чун даромад бари шоҳи Рум,
Фурӯзанда шуд ҳамчу оташ зи мум.
Сар афканда дар пояи бандагӣ,
Намудаш нишони парастандагӣ.
Нахустин гиреҳ, к-аз сухан боз кард,
Суханро ба чарбӣ сароғоз кард,
Ки «фармондиҳон ҳокими ҷон шуданд,
Фиристодагон бандафармон шуданд.
Чӣ фармоядам шоҳи фирӯзрой,
Ки фармони фармондеҳ орам ба ҷой».
Сикандар бидонист, к-он узрхоҳ
Паёме дурушт орад аз назди шоҳ.
Ба байғора гуфто: «Биёвар паём».
Паёмовар аз банд бикшод ком.
Матоъе, ки дар саллаи хеш дошт,
Биёварду як-як фаро пеш дошт.
Чу оварда пеши Сикандар ниҳод,
Ба пайғоми Доро забон баркушод.
Зи чавгону гӯй андаромад нахуст,
Ки «тифлӣ ту, бозӣ ба ин кун дуруст.
В-агар орзуи набард оядат,
Зи беҳудагӣ дил ба дард оядат».
Ҳамон кунҷиди ношумурда фишонд,
К-аз ин беш хоҳам сипаҳ бар ту ронд.
Сикандар-ҷаҳондовари ҳушманд
Дар ин фолҳо дид фатҳе баланд.
Масал зад, ки ҳар-ч он гурезад зи пеш,
Ба чавгон кашидаш тавон пеши хеш.
Магар шоҳ аз он дод чавгон ба ман,
Ки то з-ӯ кашам мулк бар хештан.
Ҳамон гӯйро марди ҳайатшинос
Ба шакли замин мениҳад дар қиёс.
Чу гӯйи замин шоҳ моро супурд,
Бад-ин гӯй хоҳам аз ӯ гӯй бурд.
Чу з-ин гуна кард он гузоришгарӣ,
Ба кунҷид даромад дари доварӣ.
Фурӯ рехт кунҷид ба саҳни сарой,
Талаб кард мурғони кунҷидрабой.
Ба як лаҳза мурғон дар ӯ тохтанд,
Заминро зи кунҷид бипардохтанд.
«Ҷавобест, гуфто, дар ин раҳнамун,
Чу равған, ки аз кунҷид ояд бурун,
Агар лашкар аз кунҷид ангехт шоҳ,
Магар мурғи кунҷидхур омад сипоҳ».
Пас он гаҳ қафизе сипандони хурд
Ба подоши кунҷид ба қосид супурд,

Ки «шаҳ гар кашад лашкаре з-он қиёс,
Сипоҳи маро ҳам бад-ин сон шинос».
Чу қосид ҷавобе чунин дид сахт,
Ба пушти хари хеш барбаст рахт.
Ба Доро расонд аз Сикандар ҷавоб,
Ҷавобе гулӯгир чун заҳри ноб.
Барошуфт аз он тирагӣ шоҳро,
Ки ҳуҷҷат қавӣ буд бадхоҳро.
Ҷаҳондор Доро дар он доварӣ
Талаб кард аз эрониён ёварӣ.
Зи Чину зи Хоразму Ғазнину Ғур,
Замин оҳанин шуд зи наъли сутур.
Сипоҳе ба ҳам кард чун кӯҳи Қоф,
Ҳама сангфарсою оҳаншикоф.
Чу ориз шумори сипаҳ баргирифт,
Фурӯ монд ақл аз шумурдан шигифт.
Зи ҷангисаворони чобукрикоб
Ба нуҳсад ҳазор андаромад ҳисоб.
Ҷаҳонҷӯй чун дид, к-аз лашкараш
Ҳаме мавҷи дарё занад кишвараш,
Сипоҳе чу оташ суи Рум ронд,
Куҷо ӯ шуд, он бумро бум хонд.
Ба Арман даромад чу дарёи тунд,
Саборо шуд аз гарди ӯ пой кунд.
Замин дар замин то ба ақсои Рум
Биҷӯшид дарё, биларзид бум.
Алаф дар замин гашт чун ганҷ гум
Зи наъли сутурони бегонасум.
Паи шоҳ агар офтобӣ кунад,
Ба ҳар ҷо, ки тобад, харобӣ кунад.

## ШИТОФТАНИ ИСКАН ДАР БА ҶАНГИ ДОРО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он роваҳи рӯҳбахш
Ба коми дилам дарфишон чун дурахш.
Ман ӯро хурам, дилафрӯзӣ бувад,
Маро ӯ хурад, хок рӯзӣ бувад.

### АНДАРЗ

Чӣ некӯ матоъест корогаҳӣ,
К-аз ин нақд олам мабодо тиҳӣ!
Зи олам касе сар барорад баланд,
Ки дар кори олам бувад ҳушманд.
Ба бозӣ напаймояд ин роҳро,
Нигаҳ дорад аз дузд бунгоҳро.

Наяндозад он олат аз бори хеш,
К-аз ӯ рӯзе осон кунад кори хеш.
Маяфкан кавал, гарчи хор оядат,
Ки ҳангоми сармо ба кор оядат.
Касе бар гарева зи сармо бимурд,
Ки аз коҳилӣ ҷома бо худ набурд.

## ДОСТОН

Гузорандаи шаҳри шоҳаншаҳӣ
Чунин дод пурсандаро огаҳӣ,
Ки Доро ду лашкар ба Арман кашид,
Ту гуфтӣ, ки омад қиёмат падид.
Набуд огаҳ Искандар аз кори ӯ,
Ки орад қиёмат ба пайкори ӯ.
Расиданд зинҳориён хайл-хайл,
Ки тӯфон ба дарё даровард сайл.
Шабехуни Доро даромад зи роҳ,
Зи пӯлодпӯшон замин шуд сиёҳ.
Пажӯҳандае гуфт: «Бадхоҳи маст
Шабу рӯз ғофил шуд он ҷо, ки ҳаст.
Бар ӯ шоҳ агар як шабехун кунад,
Зи мулкаш ҳамоно, ки берун кунад».
Сикандар бихандиду додаш ҷавоб,
Ки «пинҳон нагирад ҷаҳон офтоб.
Маликро ба вақти инон тофтан
Ба дуздӣ нашояд зафар ёфтан».
Пажӯҳандаи дигар оғоз кард,
Ки «Доро начандон сипаҳ соз кард,
Ки онро шумурдан тавон дар қиёс,
Касоне, ки ҳастанд лашкаршинос».
Сикандар бад-ӯ гуфт: «Як теғи тез
Кунад пиҳи сад говро рез-рез.
Сипаҳро ҷавоби чунон арҷманд
Баланд омад аз шаҳрёри баланд.
Хабар гармтар шуд ҳаме ҳар замон,
Ки омад ба Рум аждаҳои дамон.
Сикандар чу донист, к-он тундмеғ
Ба тундар барорад ҳаме барқи теғ,
Фиристод, то лашкар аз ҳар диёр
Равона шавад бар дари шаҳрёр.
Зи Мисру зи Афранҷаву Руму Рус
Шуд ороста лашкаре чун арӯс.
Чу анбӯҳ шуд лашкари бекарон,
Адад хост аз номи номоварон.
Хабар дод ориз, ки сесад ҳазор
Баромад далерони муфрадсавор.
Чу шуд сохта кори лашкар тамом,
Яке анҷуман сохт бе руду ҷом.

Нишастанд бедормағзони Рум,
Ба муҳри малик нарм карданд мум.
Шаҳ аз кори Дорову пайкори ӯ
Сухан ронду печид дар кори ӯ.
Чунин гуфт, к-ин номвар шаҳрёр
Камар баст бар ҷустани корзор.
Чӣ созем тадбираш аз сулҳу ҷанг,
Ки омад ба овехтан кор танг?!
Агар барнаёрем теғ аз ниём,
Ба мардӣ зи мо барнаёранд ном.
В-агар тоҷ бистонам аз тоҷвар,
Ба бедоди худ баста бошам камар.
Каёнро кай аз мулк берун кунам,
Ман ин раҳзанӣ бо каён чун кунам?
Битарсам, ки ахтар бад-ин тирагӣ
Бадандеши моро диҳад чирагӣ.
Чӣ тадбир бошад дар ин расму роҳ,
К-аз ӯ кор бар мо нагардад табоҳ?
Ба андешаи хубу рои савоб
Падид оваред ин суханро ҷавоб».
Ҷаҳондида пирони бедорҳуш
Чу гуфтори гӯянда карданд гӯш,
Ба посух кушоданд яксар забон,
Дуо тоза карданд бар марзбон,
Ки «сарсабз бод ин ҳумоюн дарахт,
Ки шохаш баланд асту нерӯш сахт.
Ба тоҷу ба тахташ ҷаҳон тоза бод,
Сари хасми ӯ тоҷи дарвоза бод!
Ҳама рои ӯ ҳаст чун ӯ дуруст,
Дурустӣ, чӣ бояд зи мо бозҷуст?
Валекин зи фармони ӯ нагзарем,
Ба ҷуз роҳи фармони ӯ наспарем.
Чунон дар дил ояд ҷаҳондидаро,
Ҳамон зиракони писандидаро,
Ки чун кинавар шуд дили кинахоҳ,
Ҳама хори ваҳшат баромад зи роҳ.
Ту низ оташи кинаро барфурӯз,
Ки фаррух бувад оташи кинасӯз.
Ту сарви навӣ, хасм беди куҳун,
Куҷо сар кашад бед бо сарвбун?!
Куҳанбоғро вақти нав кардан аст,
Навон дар ҳисоби дарав кардан аст.
Ба дебои ин давлати тозаахд
Арӯси ҷаҳонро баророй маҳд.
Бадандеши ту ҳаст бедодгар,
Бипечад раият зи бедод сар.
Чӣ бояд ҳаросиданат з-он касе,
Ки дорад ҳам аз хона душман басе.

Қалам даркаш оини бедодро,
Кифоят кун аз халқ фарёдро.
Зи хасми ту чун мамлакат гашт сер,
Ба хасмафканӣ пой дарнеҳ далер.
Танӯре чунин гарм дарбанд нон,
Раҳанҷомро гармтар кун инон.
Куҷо шоҳро пой, моро сар аст,
Диле ку, к-аз ин доварӣ бар дар аст?
Таманнои шаҳро кӣ барҳам занад?
Киро заҳра бошад, ки ин дам занад?»
Бар ин хатм шуд рухсати раҳнамун,
Ки шаҳ пешдастӣ наёрад ба хун.
Нигаҳ дорад озарми тахти каён,
Ба хунрезӣ аввал набандад миён.
Сикандар чу дар ҳукми он доварӣ
Зи лашкаркашон ёфт он ёварӣ,
Ба дастурии рухсати ростон
Ба лашкаркашӣ гашт ҳамдостон.
Яке рӯз, к-аз гардиши рӯзгор
Ба даст омадаш толеи ихтиёр,
Ба фоле ҳумоюн, ба тартиби роҳ
Бифармуд, к-аз ҷой ҷунбад сипоҳ.
Инонтоб шуд шоҳи пирӯзҷанг,
Миён баста бар кини бадхоҳ танг.
Зи шамшери пӯлод чун шери маст,
Ба кишваркушоӣ калиде ба даст.
Сипоҳе чу занбӯри бонештар,
Зи ғавғои занбӯр ҳам бештар.
Нишон ҷуста буд аз дирафши баланд,
Ки монд аз Фаридуни фирӯзманд.
Ба вақте ки он вақт созанда буд,
Фалак дӯстонро навозанда буд.
Басе бартар аз ковиёнӣ дирафш
Ба манҷуқ барзад паранде бунафш.
Санавбарсутуне ба панҷаҳ ариш
Ба перостан ёфта парвариш.
Бар ӯ аждаҳопайкаре аз ҳарир,
Ки бинандаро з-ӯ баромад нафир.
Зада бар сар аз ҷаъди парчам кулоҳ,
Чу дар қуллаи кӯҳ абри сиёҳ.
Ба фарсангҳо буд пайдо зи дур
Уқобе сияҳпарру болаш зи нур.
Шуд он аждаҳо бо чунон лашкаре,
Ба сар-бар чунон аждаҳопайкаре.
Ҷаҳон кард аз ошӯби худ дарднок,
Зи баҳри чӣ? Аз баҳри як мушт хок.
Аз ин гурбагун хок то чанд-чанд
Ба шерӣ тавон карданаш гургбанд?!

Ҷаҳон як навола-ст печидасар,
Дар ӯ гоҳ ҳалво бувад, гаҳ ҷигар.
Фалак дар баландӣ, замин дар мағок
Яке ташти хун шуд, яке ташти хок.
Набишта бар ин ҳар ду олуда ташт
Чу хуни Сиёвуш басе саргузашт.
Замин гар бизоат бурун оварад,
Ҳама хок дар зери хун оварад.
Наяфтад дар ин ташт фарёди кас,
Ки барбаста шуд роҳи фарёдрас.
Чу фарёдро дар гулӯ баст роҳ,
Гулӯбаста беҳ марди фарёдхоҳ.
Беҳ, ар пардаи худ ҳисорӣ кунӣ,
Ба хомӯшии хеш ёрӣ кунӣ.

## РОЙ ЗАДАНИ ДОРО БО БУЗУРГОНИ ЭРОН

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он оташи тавбасӯз
Ба оташгаҳи мағзи ман барфурӯз.
Ба маҷлисфурӯзӣ дилам х(в)аш бувад,
Ки чун шамъ бар фарқам оташ бувад.

### АНДАРЗ

Хирадмандро хубӣ аз доди ӯст,
Паноҳи Худо эминободи ӯст.
Касе, к-ӯ бад-ин мулк хурсанд нест,
Ба наздики доно хирадманд нест.
Хирад нек ҳамсоя шуд, он бад аст,
Ки ҳамсояи кӯй нобихрад аст.
Чу дар кӯи нобихрадон дам занӣ,
Беҳ, ар достони хирад кам занӣ.
Дар ин деҳ касе хона обод кард,
Ки гардан зи деҳқонӣ озод кард.
Ту низ, ар ниҳӣ бори гардан зи дӯш,
Зи гарданзанон барнаёрӣ хурӯш.
Чу дарё ба сармояи хеш бош,
Ҳам аз буди худ суди худ бартарош.
Ба меҳмонии хеш то рӯзи марг
Дарахте шав, аз хештан соз барг.
Чу пила зи барги касон хӯрд гоз,
Ҳама тан шуд ангушту қай кард боз.

### ДОСТОН

Гузорандатар пире аз мӯбадон
Гузориш чунин кард бо бихрадон,

Ки чун шоҳи Рум омад ороста,
Ҳамаш теғ дар дасту ҳам хоста.
Хабар гарм шуд дар ҳама марзу бум,
Ки омад бурун аждаҳое зи Рум.
Ба пархоши Доро сар афрохта,
Ҳама олати доварӣ сохта.
Ҷаҳонро бад-ин мужда Наврӯз буд,
Ки бедоди Доро ҷаҳонсӯз буд.
Аз ӯ буму кишвар ба якборагӣ
Сутӯҳ омаданд аз ситамкорагӣ.
Зи Доропарастӣ маниш хоста,
Ба меҳри Сикандар биёроста.
Чу Дорои дарёдил огоҳ гашт,
Ки мавҷи Сикандар зи дарё гузашт,
Зи пирони равшандили ройзан
Бароро пинҳон яке анҷуман.
Зи ҳар кордоне ба рое дуруст,
Дар он доварӣ чорае бозҷуст,
Ки бадхоҳро чун дарорад шикаст,
Бади чархро чун кунад пойбаст?
Чӣ афсун даромӯзад аз раҳнамун,
Ки ояд зи кори Сикандар бурун?
Чу дар ҷанг пирӯзияш дида буд,
Зи пирӯзҷангиш тарсида буд.
Накардаш дар он кор кас чорае,
Нахӯрдаш ғаме ҳеч ғамхорае.
Чу doниста буданд, к-ӯ саркаш аст,
Ба сӯзандагӣ гарм чун оташ аст.
Суханҳои кас дарнаёрад ба гӯш,
Дар он кор буданд яксар хамӯш.
Ба тухма-дар аз Зангаи Шоварон
Саре буд номӣ зи номоварон.
Фарибурзноме, ки аз фарру бурз
Тани ҷавшанаш буду бозуи гурз.
Ба байъат дар он анҷумангоҳ буд,
Зи аҳволи пешина огоҳ буд.
Сано гуфт бар гоҳу бар базми шоҳ,
Ки «ободбод аз ту ин базмгоҳ!
Мабодо тиҳӣ олам аз номи ту,
Ҳамон ҷунбиши давр аз ороми ту.
Гузашта ниёи ман аз аҳди пеш,
Чунин гуфт бо ман дар андарзи хеш,
Ки чун кард Кайхусрав оҳанги ғор,
Хабар дод аз он ҷоми ҷавҳарнигор,
Ки дар толеи мулки мо, то на дер
Фуруд ояд ахтар зи боло ба зер.
Бурун ояд аз Рум гарданкаше,
Занад дар ҳар оташкада оташе.

Ҳама мулки Эрон ба даст оварад,
Ба тахти каён-бар нишаст оварад.
Ҷаҳон гираду ҳам намонад ба ҷой,
Саранҷом рӯзе дарояд зи пой.
Мабодо, ки ин марди руминажод
Дар ин қолиб афтад, ки ҳаргиз мабод!
Беҳ, ар шоҳ бар ях занад номи ӯ,
Наёрад дар ин кишвар ороми ӯ.
Набояд, к-аз ӯ давлат ояд ба ранҷ,
Ки муфлис ба ҷон кӯшад аз баҳри ганҷ.
Фиребе фиристад, ки тоат кунад,
Ба як Рум танҳо қаноат кунад.
Фиреби хуш аз хашми нох(в)аш беҳ аст,
Барафшондани об аз оташ беҳ аст.
Макун такя бар зӯри бозуи хеш,
Нигаҳ дор вазни тарозуи хеш.
Бар оташ маёвар, ки кин оварад,
Сикоҳан бар оҳан камин оварад.
Агар саҳми шерӣ бияфтад зи шер,
Ҳарун астаре мағзаш орад ба зер.
Ба номус шояд ҷаҳон доштан,
В-аз он ҷост роят барафроштан.
Бурун ораш аз даъвии ҳамсарӣ,
К-аз ин поя Доро кунад сарварӣ.
Ҳар он ҷав, ки бо зар бувад ҳамъиёр,
Ба нархи зар орандаш андар шумор.
Басо шери  даррандаи саҳмнок,
Ки аз нӯги хоре дарояд ба хок.
Чу бо каждуме гармкинӣ кунӣ,
Мабин хурдаш, ар хурдабинӣ кунӣ,
Бияндеш аз он пашшаи нешдор,
Ки Намрудро гуфт: «Сар пеш дор».
Ҷаҳон он касерост, к-андар набард
Паи мард нагзошт бар ҳеч мард.
Гурусна чу бо сер хояд кабоб,
Ба фарбеҳтарин захме орад шитоб.
На бегона, гар ҳаст фарзанду зан,
Чу ҳамҷома гардад, шавад ҷомакан.
Чу шуд ҷома бар қадди фарзанд рост,
Набояд дигар меҳри фарзанд хост.
Чу боло барорад гиёҳе баланд,
Сиҳисарвро бошад аз вай газанд.
Зи панди бузургон набояд гузашт,
Суханро варақ дарнабояд навашт,
Ки чун озмуда шавад рӯзгор,
Ба ёд оядат панди омӯзгор.
Сиголишгаре, к-ӯ насиҳат шунид,
Дари ҷораро дар каф орад калид».

Шаҳ аз панди он пири полудамағз
Ҳаросон шуд аз кори он пойлағз.
Валекин накушт оташи гармро,
Ба саркӯчакӣ дошт озармро.
Шуд аз гуфтаи ройзан хашмнок,
Бипечид чун мор бар рӯи хок.
Гиреҳ барзад абрӯи пайвастаро.
Кушод аз гиреҳ чашми дарбастаро.
Дар ӯ дид чун аждаҳо дар гавазн,
Ба чашме, ки дур афтад аз санг вазн,
Ки «дар ман чӣ нарм оҳане дидаӣ,
Ки пӯлоди ӯро писандидаӣ?!
Намоӣ ба ман мардии аҳли Рум,
Раҳи кӯҳи оташ барорӣ ба мум.
Ба каҳбарг сокин кунӣ бодро,
Ҳаросонӣ аз бед пӯлодро.
Уқобон ба бозию кабкон ба чанг,
Сари бозёрон дарорад ба нанг.
Чӣ бандам камар дар масофи касе,
Ки дорам камарбаста чун ӯ басе.
Далерӣ кунад бо ман он нодалер
Чу гӯри гурозанда бо шарзашер.
Сараш лекин он гаҳ дарояд зи хоб,
Ки шер аз танаш хӯрда бошад кабоб.
Бувад хояи мурғ сахту гарон,
На бо путку хойиски оҳангарон.
Кӣ донист, к-ин кӯдаки хурдсол
Шавад бо бузургон чунин бадсигол?!
Ба аввалқадаҳ дурде орад ба пеш,
Гузорад шукӯҳи ману шарми хеш.
Ба худ нангро раҳнамунӣ кунам,
Ки пеши забунон забунӣ кунам.
Агар худ шавад ғарқа дар заҳри мор,
Нахоҳад наҳанг аз вазағ зинҳор.
Зи румӣ куҷо хезад он дасти зӯр,
Ки киштӣ бурун ронад аз оби шӯр?
Бишӯронад авранги хуршедро,
Таманно кунад ҷои Ҷамшедро.
Ба тороҷи Эрон барорад алам,
Барад тахти Кайхусраву ҷоми Ҷам.
Шукӯҳи каён пеш бояд ниҳод,
Қадам дархури хеш бояд ниҳод.
Саги кист рӯбоҳи нозӯрманд,
Ки шери жаёнро расонад газанд?!
Зи шерон бувад рӯбаҳонро наво,
Нахандад замин, то нагиряд ҳаво.
Тиҳидаст, к-ӯ моядорӣ кунад,
Чу лангест, к-ӯ роҳворӣ кунад.

Ту худ нек донӣ, ки бо ин шукӯҳ
Зи як тифли румӣ наёям сутӯҳ,
Ба дасти ғуломони масташ диҳам,
Ба чӯби шубонон шикасташ диҳам.
Ҳижабре, ки аз саг забунӣ кунад,
Хари пир бо ӯ ҳарунӣ кунад.
Уқобе, ки аз пашша гирад гурез,
Гар афтоданаш ҳаст, гӯ, бармахез.
Паланге, ки тарсад зи рӯбоҳи пир,
Бишӯрод мағзаш ба сарсоми тир!
Бибинӣ, ки фардо мани пилзӯр
Сараш чун супорам ба сумми сутур,
Ки бошад забуне хироҷи саре,
Ки ҳамсар бувад бо баландафсаре.
Нишинанда бар базмгоҳи каён
Манам тоҷ бар сар, камар бар миён.
Киро ёрагӣ, к-аз сари гуфтугӯй
Зи ман ҷои обо кунад ҷустуҷӯй?!
Кулоҳи каён ҳам каёнро сазад,
Дар ин хаз тани румиён кай хазад?!
Ман аз тухмаи Баҳману пушти Кай,
Чаро тарсам аз румии сустпай?
Зи рӯйиндизу диръи Исфандёр
Бар авранги заррин манам ёдгор.
Агар бозгардад ба пешина роҳ,
Бар ӯ рӯзи равшан нагардад сиёҳ.
В-агар киштӣ орад ба дарёи ман,
Саре бинад афканда дар пои ман.
Чу дарё ба талхӣ ҷавобаш диҳам,
Зи хокаш ситонам, ба обаш диҳам.
Аз он абри осӣ чунон резам об,
Ки н-орад дигар даст бар офтоб.
Ситезанда чун рустоӣ бувад,
Шикасташ беҳ аз мӯмиёӣ бувад.
Хар аз зини зар беҳ, ки полон кашад,
Ки то рахти харбанда осон кашад.
Ман он сайдро кардаам сарбаланд,
Манаш боз дар гардан орам каманд.
Ту, эй мағзпӯсидаи солх(в)ард,
Зи густохии хусравон бозгард.
На чобук шуд ин чобукӣ сохтан,
Каманде ба кӯҳе дарандохтан.
Чароғе ба саҳро барафрӯхтан,
Фалакро ҷаҳондорӣ омӯхтан.
Макаш ҷуз ба андозаи хеш пой,
Ки ҳар гавҳареро падид аст ҷой.
Қабо, к-ӯ на дархурди боло бувад,
Ҳамон кори duздидаколо бувад.

Туро фитрати пирӣ аз ҷой бурд,
Куҳангаштагит аз сари рой бурд.
Чу пири куҳан гардад озурдапушт,
Зи найза асо беҳ, ки гирад ба мушт.
Зи пирӣ дигаргун шавад рои нағз,
Фаромӯшкорӣ дарояд ба мағз.
Зи пирон ду чиз аст бо зебу соз-
Яке дар сутудон, яке дар намоз.
Ҷаҳон бар ҷавонони ҷангозмой
Раҳо кун, фурӯ каш ту піронапой.
Тани нотавон кай саворӣ кунад,
Силеҳи шикаста чӣ ёрӣ кунад?!
Сипаҳ беҳ, ки барно бувад, з-он ки пир
Миёнҷӣ кунад, чун расад теғу тир.
Ба ҳангоми худ гуфт бояд сухун,
Ки бевақт бар н-оварад норбун.
Харӯсе, ки бегаҳ наво баркашид,
Сарашро пагаҳ боз бояд бурид.
Забон банд кун, то сар орӣ ба сар,
Забон хушк беҳ, то гулӯгоҳи тар.
Сари безабон, к-ӯ ба хун тар бувад,
Беҳ аст аз забоне, ки бесар бувад.
Забонро нигаҳ дор дар коми хеш,
Нафас бармазан ҷуз ба ҳангоми хеш.
Забон беҳ, ки ӯ комдорӣ кунад,
Чу комаш расад, комгорӣ кунад.
Забони тарозу, ки шуд ростном,
Аз он шуд, ки берун наёяд зи ком.
Чу аз коми худ гоме ояд бурун,
Ба ҳар сӯ, ки ҷунбад, шавад сарнигун.
Басо гуфтаниҳо, ки бошад ниҳуфт,
Ба дигар забон боядаш бозгуфт.
Ба гуфтан касе, к-ӯ шавад сахткӯш,
Ниюшандаро дарнаёяд ба гӯш.
Сухан беҳ, ки бо соҳиби тоҷу тахт
Бигӯянд сахта, нагӯянд сахт».
Чу з-ин гуна тундӣ басе кард шоҳ,
Пушаймон шуд он пиру шуд узрхоҳ.
Хатарҳост дар кори шоҳон басе,
Ки бо шоҳ хешӣ надорад касе.
Чу аз кинае барфурӯзанд чеҳр,
Ба фарзанди худ барнаёранд меҳр.
Ҳамоно, ки пайванди шоҳ оташ аст,
Ба оташ-дар аз дур дидан х(в)аш аст.
Насиҳат мувофиқ бувад шоҳро,
Гар аз кибр холӣ кунад роҳро.
Насиҳатгарӣ бо худованди зӯр
Бувад тухме афканда дар хоки шӯр.

Чу огоҳ гашт он насиҳатгузор,
Ки аз панди ӯ гарм шуд шаҳрёр,
Суханро дигаргуна бунёд кард,
Ба ширин забон шоҳро ёд кард,
Кӣ Дорои давр ошкоро туӣ,
Мухолиф чӣ дорад, чу Доро туӣ.
Ки бошад Сикандар, ки орад сипоҳ,
Зи дорои давлат ситонад кулоҳ?!
Туро ин кулоҳ осмон дӯхтаст,
Ситора чароғи ту афрӯхтаст.
Кулӯхе, ки бо кӯҳ созад набард,
Ба санге тавон з-ӯ баровард гард.
Дарахти каду то на бас рӯзгор
Кунад даъвии ҳамсарӣ бо чанор.
Чу гардад зи дӯлобаи нол сер,
Расан баста дар гардан ояд ба зер.
Кадуест ӯ гарданафрохта,
Зи соқи гиёе расан сохта.
Расан зуд пӯсад, чу бошад гиёҳ,
Дигарбора далваш дарафтад ба чоҳ.
Чу хуршед машъал дарорад ба боғ,
Ба парвонагӣ пеш мирад чароғ.
Ба ҳангоми сарпанҷа рӯбоҳи ланг
Чӣ гуна ниҳад пой пеши паланг?!
Гиреҳ з-абруи хеш бар гӯша неҳ,
Ки бар гӯша беҳтар камонро гиреҳ.
Ба оҳистагӣ кори олам барор,
Ки дар кор гармӣ наёяд ба кор.
Чароғ ар ба гармӣ наяфрӯхтӣ,
На худро, на парвонаро сӯхтӣ.
Хамир омада в-оташ андар танӯр,
Набошад забон то даҳан роҳ дур.
Шикеб оварад бандҳоро калид,
Шикебандаро кас пушаймон надид.
На некӯст шатранҷ бад бохтан,
Фарас дар таку пил дартохтан.
Басо руд, к-аз захм хӯрдан шикаст,
Ки то захмаи руде омад ба даст.
Ту шоҳӣ, қиёси ту афзун кунам,
Ҳисоби ту бо дигарон чун кунам?»
Ба таъзими Доро ҷаҳондида мард
Басе гуна з-ин достон ёд кард.
Ҷаҳондор Дорои ҷӯшидамағз
Нашуд нармдил з-он суханҳои нағз.
Дар он тундию оташ афрӯхтан,
К-аз ӯ хост мағзи сухан сӯхтан,
Талаб кард, к-ояд зи девон дабир,
Ба кор оварад мушкро бо ҳарир.

Дабире нависанда омад чу бод,
Навишт, он чи Доро бад-ӯ кард ёд.
Равон кард килки шабаҳрангро,
Бибурд оби Монию Аржангро.
Яке номаи нағзпайкар навишт,
Ба нағзӣ ба кирдори боғи биҳишт.
Суханҳое аз теғ пӯлодтар,
Забон аз сухан сахтбунёдтар.
Чу шуд номаи нағз пардохта,
Бар ӯ муҳри шоҳона шуд сохта.
Расонандаи номаи хусравон
Зи Доро ба Искандар омад равон.
Бад-ӯ дод нома, чу сар боз кард,
Дабир омаду хондан оғоз кард.

## НОМАИ ДОРО БА ИСКАНДАР

Ба номи бузург Эзади додбахш,
Ки моро зи ҳар бониш ӯ дод бахш.
Худованди рӯзидиҳи дастгир,
Паноҳандаро аз дараш ногузир.
Фурӯзандаи кавкаби тобнок,
Бамардумкуни мардум аз тирахок.
Тавонову доно ба ҳар буданӣ,
Гунаҳбахши бисёр бахшуданӣ.
Аз ӯ ҳар замон рӯҳро мояе,
Хирадро дигаргуна перояе.
Якеро чунон тангӣ орад ба пеш,
Ки ноне набинад дар анбони хеш.
Якеро ба даст афканад кӯҳи ганҷ,
Насанҷидаҳое диҳад кӯҳсанҷ.
На он кас гунаҳ кард, к-он ранҷ ёфт,
На саъйе намуд он, ки он ганҷ ёфт.
Кунад, ҳар чӣ хоҳад, бар ӯ ҳукм нест,
Ки ҷон додану куштан ӯро якест.
Нашояд сар аз ҳукми ӯ тофтан,
Ҷуз ӯ ҳокиме кай тавон ёфтан?!
Друди Худо бод бар бандае,
Ки афканда шуд бо ҳар афкандае.
Чӣ суд аст, к-ин қавми ҳақношинос
Кунад офаринро ба нафрин қиёс?!
Ба ҷое, ки бадхоҳи хунӣ бувад,
Тавозуъ намудан забунӣ бувад.
Накӯ достоне зад он шери маст,
Ки бо зердастон машав зердаст.
Ту, эй тифли нопухтаи хомрой,
Мазан панҷа дар шери ҷангозмой.
Ба ҳампанҷаӣ бо манат ёр ку?
Сипоҳат куҷову сипаҳдор ку?

Чу каждум туӣ, морхӯӣ кунӣ,
Ки бо аждаҳо ҷангҷӯӣ кунӣ?!
Агар кардӣ ин хӯи морон раҳо,
В-агар не, ману теғи чун аждаҳо.
Чунонат диҳам молиш аз теғи тез,
Ки ё марг хоҳӣ зи ман, ё гурез.
Ба рахшанда озар ба «Асто»-ву «Занд»,
Ба хуршеди равшан, ба чархи баланд,
Ба Яздон, ки Аҳриманаш душман аст,
Ба Зардушт, к-ӯ хасми Аҳриман аст,
Ки аз Руму румӣ намонам нишон,
Шавам бар сари ҳарду оташфишон.
Гирифтам, ҳама оҳан орӣ зи Рум,
Дар оташгаҳи мо чи оҳан, чи мум!
Зи румӣ чӣ бархезаду лашкараш,
Ба пои сутурон барам кишвараш.
Гар орӣ ба харворҳо диръу тарг,
Куҷо бошадат барги як бедбарг.
Магар тири туркони яғмои ман
Нахӯрдӣ, ки тундӣ ба ғавғои ман?!
Саре ку, ки сарбахши Доро кунӣ,
Беҳ, ар пеши Доро мудоро кунӣ.
Камон бишканӣ, пар бирезӣ зи тир,
Зиреҳ дарнавардӣ, бипӯшӣ ҳарир.
В-агарна чунонат диҳам гӯшпеч,
Ки донӣ, ки ҳечию камтар зи ҳеч.
Ҳазар кун зи хашми ҷигаргӯши ман,
Мабош эмин аз хоби харгӯши ман.
Ба харгӯши хуфта мабин зинҳор,
Ки чандон ки хусбад, давад вақти кор.
Тавонам, ки ман бо ту, эй хомхӯй,
Кунам пухтагӣ, гардам озармҷӯй.
Валек он масал рост бошад, ки шоҳ
Беҳ ар вақти хорӣ дарафтад ба чоҳ.
Бидеҳ ҷизят, аз мо бибар кинаро,
Қалам дармакаш расми деринаро.
Нашояд ҳамасола гургина дӯхт,
Хару ришта як бор бояд фурӯхт.
Мазан рахна дар хонадони куҳун,
Ту дар рахна бошӣ, далерӣ макун.
Ба ҷое маёвар, ки ҷунбам зи ҷой,
Надорад пари пашша бо пил пой.
Ба мулки худодода хурсанд бош,
Макун з-оҳанин чанги шерон тарош.
Калоғе таки кабк дар гӯш кард,
Таки хештанро фаромӯш кард.
Бисоз анҷуман, к-анҷум омад фароз,
Фаришта дари осмон кард боз.

Надонам, ки дайҳими кайхусравӣ
Зи фарқи кӣ хоҳад гирифтан навӣ.
Замона киро корсозӣ кунад,
Ситора ба ҷони кӣ бозӣ кунад.
Зи хоке, ки бар осмон афканӣ,
Сару чашми худ дар зиён афканӣ.
Манам сар, дигар сарварон пою даст,
Сари хештанро чӣ бояд шикаст?
Тапонча бар аъзои худ мезанӣ,
Табар хира бар пои худ мезанӣ.
Ғурури ҷавонӣ бар он дорадат,
Ки гардан ба шамшери ман хорадат.
Хилофам на танҳо туро кард паст,
Басо гарданонро, ки гардан шикаст.
Маро зебад аз хусравони Аҷам
Сари тахти Ковусу иклили Ҷам.
Ба сахтикашӣ сахт чун оҳанам,
Ки аз пушти шоҳони рӯйинтанам.
Зи борон куҷо тарсад он гурги пир,
Ки гургина пӯшад ба ҷои ҳарир.
Зи доранда натвонситад бахтро,
Нашояд харид афсару тахтро.
Гар Исфандёр аз ҷаҳон рахт бурд,
Насабномаи ман ба Баҳман супурд.
В-агар Баҳман аз подшоҳӣ гузашт,
Ҷаҳонподшоҳӣ ба ман бозгашт.
Ба ҷуз ман кӣ дорад гаҳи корзор
Дили Баҳману зӯри Исфандёр?!
Ба ман мерасад бозуи баҳманӣ,
Ки Исфандёрам ба рӯйинтанӣ.
Нажода манам, дигарон зердаст,
Нажоди каёнро кӣ ёрад шикаст?!
Дар андозаи ман ғалат будаӣ,
Ба бозуи Баҳман напаймудаӣ.
Худованди мулкам ба пайванди хеш,
Машав осӣ андар худованди хеш.
Пушаймон кунун шав, ки чун кор буд,
Надорад пушаймонӣ он гоҳ суд.
Ҷавонӣ макун, гарчи ҳастӣ далер,
Манеҳ пой густох дар коми шер.
Дуруштӣ раҳо кун, ба нармӣ гарой,
Зи ҷоям мабар, то бимонӣ ба ҷой.
Ба тундӣ ба ғорат барам кишварат,
Ба хоҳиш диҳам кишваре дигарат.
Ман аз сокинӣ ҳастам он кӯҳи санг,
Ки дар ҷунбиш оҳиста дорам диранг.
Маҷунбон маро, то наҷунбад замин,
Ҳамин гуфтамат, боз гӯям ҳамин».

Чу хонандаи номаи шаҳрёр
Бипардохт аз номаи чун нигор,
Сикандар бифармуд, к-орад шитоб,
Сазои навишта нависад ҷавоб.
Дабири қаламзан қалам баргирифт,
Ҳама нома дар ганҷи гавҳар гирифт.
Ҷавобе навишт ончунон дилписанд,
Ки бӯсид дасташ сипеҳри баланд.
Чу сарбаста шуд номаи дилнавоз,
Расонандаро дод, то бурд боз.
Дабир омаду номаро сар кушод,
Зи ҳар нукта сад ганҷро дар кушод.
Фурӯ хонд нома зи сар то ба бун,
Баромуда чун дур сухан дар сухун.

## ПОСУХИ НОМАИ ДОРО АЗ ҶОНИБИ ИСКАНДАР

Сари нома номи ҷаҳондори пок,
Барорандаи рустаниҳо зи хок,
Баландидиҳи осмони баланд,
Кушояндаи дидаи ҳушманд,
Ҷаҳонофарин в-аз ҷаҳон бениёз,
Ба ҳангоми бечорагӣ чорасоз
Заминро ба мардум баророст чеҳр,
Камар баст гирдаш зи гардонсипеҳр.
Ниёми заминро ба шамшери об
Барафрӯхт чун чашмаи офтоб.
Худованд бе нисбати бандагӣ,
На пирӣ дар ӯ, на парокандагӣ.
Яке к-ӯ на монандаи ҳар якест,
Ҳама ҳастӣ аз мулки ӯ андакест.
Қавиҳуҷҷат аз ҳар чӣ гирӣ шумор,
Бариҳоҷат аз ҳар чӣ ояд ба кор.
Марову туро моя бояд нахуст,
Ки то з-ӯ бисозем чизе дуруст.
Ҳар он к-офарид ӯ, ба асбоб нест,
Ба дарёфтан ақлро тоб нест.
Хирад донишомӯзи таълими ӯст,
Дил аз доғдорони таслими ӯст.
Пур аз ҳикмату ҳукми ӯ шуд ҷаҳон,
Ба ҳукм ошкоро, ба ҳикмат ниҳон.
Фариштапаронро бар ин содадашт
Аз ӯ омадан, ҳам бад-ӯ бозгашт.
Дилу дидаро равшаноӣ аз ӯст,
Марову туро подшоӣ аз ӯст.
Зи фармони ӯ нест касро гузир,
Худой ӯст, мо-банда, фармонпазир.

Маро гар кунад дар ҷаҳон тоҷдор,
Аҷаб нест аз бахшиши кирдгор.
Ту низ, эй ҷаҳондори пирӯзбахт,
На к-аз модар овардаӣ тоҷу тахт?!
Худо додат ин чирадастӣ, ки ҳаст,
Машав бар худододагон чирадаст.
Сипоси Худо кун, ки бар носипос
Нагӯяд сано марди мардумшинос.
Мабодо ба ҳушёрию беҳушӣ
Касеро зи фармони ӯ фармушӣ.
Маро гар Худованд ёрӣ диҳад,
Аҷаб нест, гар шаҳрёрӣ диҳад.
Тавонам, ки гарданфарозӣ кунам,
Ба шамшер бо шер бозӣ кунам.
Ба теғ афсару гоҳ хоҳам гирифт,
Бад-ин аждаҳо моҳ хоҳам гирифт.
Нахондӣ зи таърихи Ҷамшедшоҳ,
Ки он аждаҳо чун фурӯ бурд моҳ?
Фаридун бад-он аждаҳобора мард
Ҳам аз қуввати аждаҳоӣ чӣ кард.
Ба дорандаи осмону замин,
К-аз ӯ моя дорад ҳамону ҳамин.
Худое, к-аз ӯ ҳар кӣ огоҳ нест,
Хирадро бад-он бехирад роҳ нест.
Ба роҳи ниёгони пешини мо,
Ки буданд пайғамбари дини мо,
Ба суҳфи Бироҳими эзадшинос,
К-аз он дин кунам пеши Яздон сипос,
Ки гар даст ёбам бар эрониён,
Барам дини Зардуштро аз миён.
На оташ гузорам, на оташкада,
Шавад оташ аз дастам оташзада.
Чунин расми покизаву роҳи рост
Раҳи мову расми ниёгони мост.
Бар ин мушк хошок натвон фишонд,
Ки бӯи хуши мушк пинҳон намонд.
Касерост хурмо зи нахли баланд,
Ки бар нахли хурмо расонад каманд.
Ба бустон гулерост гардан фароз,
Ки бӯеву ранге диҳад дилнавоз.
Зи гӯрон сарафроз гӯре бувад,
Ки бо фаҳлияш дасти зӯре бувад.
Зи шерон ҳамон шер хунрезтар,
Ки дандону чангаш бувад тезтар.
Ду шери гуруснасту як рони гӯр,
Кабоб он касерост, к-ӯрост зӯр.
Ду пиланд хартум дарҳамкашон,
Зи бурдан яке бурд хоҳад нишон.

Ту мардию ман мард вақти набард,
Ба мардӣ падид ояд аз мард мард.
Ман он гаҳ инон бозпечам зи роҳ,
Ки ё сар ниҳам, ё ситонам кулоҳ!
Чӣ пиндоштӣ, дар ҷаҳон нест кас,
Ҷаҳондор танҳо ту бошию бас?!
Ба ҳар зери барге шитобандаест,
Ба ҳар манзиле роҳёбандаест.
Ба море чу ман муҳрабозӣ макун,
Набард ору найрангсозӣ макун!
Зи мулки ман иқтоъи ман медиҳӣ,
Бароти Суҳайл аз Яман медиҳӣ?!
Паниროб додан нашояд ба меш,
Ки ёбад дар ӯ қатраи хуни хеш.
Мазан беш аз ин лофи гарданкашӣ,
Ки хокӣ ба гавҳар, на аз оташӣ.
Биёрому тундӣ раҳо кун зи даст,
Ки алмос аз арзиз ёбад шикаст.
Ҳамон шишаи май, ки дорӣ ба чанг,
Нигаҳ дору мастез бо хорасанг.
Ҷаҳоне чунин пур зи нафти сапед,
Зи тӯфони оташ нигаҳ дор бед.
Ба осудагӣ айш хуш мегузор,
Ҷаҳонҷӯйиро худ ба ҷизят чӣ кор?
Яке дод боғе ба бетӯшае,
Надодаш зи боғ он дигар хӯшае.
Забунтар зи ман сайде овар ба зер,
Ки чарбӣ нахезад зи паҳлӯи шер.
Ба шохе чӣ бояд даровехтан,
Ки натвон аз ӯ меваe рехтан?!
Таманнои шаҳ он гаҳ ояд ба даст,
Ки дар рӯи дарё тавон пул баст.
Чӣ бояд ғуруре бароростан,
На бар ҷои хеш орзу хостан.
Чу Баҳман ҷавонӣ бар он дорадат,
Ки тундаждаҳое биявборадат.
Занад дев роҳат чу Исфандёр,
Ки бо Рустам ойӣ суи корзор.
Чу бо дев дорад Сулаймон нишаст,
Кунад ёва ангуштариро зи даст.
Битарс аз ғалаткории рӯзгор,
Ки чун мо басеро ғалат кард кор.
Ҳисобе, ки бо худ барандохтӣ,
Чунон нест бозӣ, ғалат бохтӣ!
Инон бозкаш з-ин таманнои хом,
Ки симурғро кас наёрад ба дом.
Зи зангӣ найӣ одамихортар,
На аз барбарӣ мурдумозортар.

Бибин, то ба ҳангоми кингустарӣ
Чӣ хун рондам аз зангию барбарӣ.
Мудоро кун, аз кинкашӣ бозгард,
Ки мардум наёзорад озодмард.
На ман бастам аввал бад-ин кин камар,
Ту афкандӣ аз саллаи мор сар.
Ба хунрези ман лашкаре сохтӣ,
Шабехункунон сӯи ман тохтӣ.
Бад-он, то ба ҳам барзанӣ ҷои ман,
Ситонӣ зи ман мулки обои ман.
Маро низ боист бархостан,
Камар бастану лашкар оростан.
Сипаҳ рондан аз жарфи дарё бурун,
Кушодан ба шамшер дарёи хун.
Ту гар ҳушёрӣ, на ман бех(в)адам,
Ҳамон ҳушёрам, ҳамон бихрадам.
Гар афканд бар кори ту бахт нур,
Ман аз бахтёрӣ наям низ дур.
Ҷаҳон гар туро дод коре ба даст,
Маро низ дасте дар ин кор ҳаст.
Туро тоҷ ёвар, маро теғ ёр,
Манам теғзан, гар туӣ тоҷдор.
Мазан такя бар маснаду тахти хеш,
Ки ҳар тахтро тахтае ҳаст пеш.
Мабин гунбади кӯҳро сангбаст,
Магӯ, сангро кай дарояд шикаст?
Чу орад заминларза ногаҳ набард
Барорад ба осонӣ аз кӯҳ гард.
Чу даврони мулке ба поён расад,
Бад-ӯ дасти ҷӯянда осон расад.
Ҷаҳон чун набошад баҷономада,
Манию туӣ дар миён омада.
Ҷуз ин аз манат ҳеч вохост нест,
Ки дар як тарозу ду ман рост нест.
Ба ҳамсангии худ маро бармасанҷ,
Ки аз аждаҳо Баҳман омад ба ранҷ.
Гарам сангу обе ниҳӣ дар ҷавоб,
Чу кӯҳ афканам санги худро дар об.
Зиреҳ пӯшам, ар теғёзӣ кунӣ,
Камар бандам, ар сулҳсозӣ кунӣ.
Ба ҳар-ч он намоӣ ту аз гарму сард,
Пазирандаам з-оштию набард.
Биё, то чӣ дорӣ зи шамшеру ҷом,
Ки дорам дар ин ҳар ду дасте тамом».
Ҷаҳондор чун номаро кард гӯш,
Димоғаш зи гармӣ даромад ба ҷӯш.
Фиристоду бар ҷанг таъҷил ҷуст,
Сикандар наёмад дар он кор суст.

Даровард лашкар ба якбор танг,
Баророста як ба як сози ҷанг.
Чу Доро хабар ёфт, к-он аждаҳо
Нахоҳад паи шер кардан раҳо,
Биҷунбид, ҷунбидане бошукӯҳ
Чу аз зилзила колбудҳои кӯҳ.
Расиданд лашкар ба лашкар фароз,
Замона дари кина бикшод боз.
Замини ҷазира, ки ӯ Мавсил аст,
Хуш оромгоҳ асту хуш манзил аст.
Масофи ду хусрав дар он марз буд,
К-аз ошӯбашон кӯҳ дар ларз буд.
Ҳанӯз, ар биҷӯянд аз он хусравон,
Тавон ёфтан дар замин устухон.

## ҶАНГИ ДОРО БО ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз бода бардор банд,
Бипаймой, паймудани бод чанд?!
Харобам кун аз бодаи ҷоми хос,
Магар з-ин харобот ёбам халос.

### АНДАРЗУ ҲИКМАТ

Хиромидани лоҷвардӣ сипеҳр,
Ҳамон гирд баргаштани моҳу меҳр
Мапиндор, к-аз баҳри бозигарист,
Саропардае инчунин сарсарист.
Дар ин парда як ришта бекор нест,
Сари ришта бар мо падидор нест.
Кӣ донад, ки фардо чӣ хоҳад расид,
Зи дида кӣ хоҳад шудан нопадид?!
Киро рахт аз хона бар дар ниҳанд,
Киро тоҷи иқбол бар сар ниҳанд?!

### ДОСТОН

Гузорандаи неку бадҳои хок
Сухан гуфт аз он подшоҳони пок,
Ки чун субҳро шоҳи Чин бор дод,
Арӯси Адан дур ба динор дод.
Расиданд лашкар ба ҷои масоф,
Ду паргор бастанд чун кӯҳи Қоф.
Хасак бар гузаргоҳи кин рехтанд,
Нақибон хурӯшидан ангехтанд.

Язак бар язак, сӯ ба сӯ дар шитоб,
На дар дил сукунат, на дар дида об.
Зи бисёрии лашкар аз ҳарду ҷой
Фурӯ баст кӯшандаро дасту пой.
Дурӯя ситоданд бар ҷои ҷанг,
Намуданд бар пешдастӣ диранг.
Магар дар миён сулҳе ояд падид,
Ки шамшерашон барнабояд кашид.
Чу буд аз ҷавонию гарданкашӣ,
Ҳам он ҷониб обе, ҳам ин оташе.
Падид омад аз бурдборӣ ситез,
Дили кинавар гашт бар кина тез.
Аз он пас, ки бар кина раҳ ёфтанд,
Сар аз ҷустани меҳр бартофтанд.
Даромад ба ғурридан овози кӯс,
Фалак бар даҳони дуҳул дод бӯс.
Шағабҳои оинаи пилмаст
Ҳаме шона бар пушти пилон шикаст.
Баровард хармуҳра овози шер,
Димоғ аз дами говдум гашт сер.
Чунон омад аз нои туркӣ хурӯш,
Ки аз нои туркон баровард ҷӯш.
Тароқе, ки аз миқраъа хоста,
Бурун рафта з-ин тоқи ороста.
Раворав баромад зи роҳи набард,
Ҳизоҳиз даромад ба мардони мард.
Замин, гуфтӣ, аз якдигар бардарид,
Сирофил сури қиёмат дамид.
Ғубори замин бар ҳаво роҳ баст,
Инони саломат бурун шуд зи даст.
Зи бас гард бар тораку тарку зин
Замин осмон, осмон шуд замин.
Ҷигартоб шуд наъраҳои баланд,
Гулӯгир шуд ҳалқаҳои каманд.
Зи тоби нафас бар ҳаво баст меғ,
Ҷаҳон сӯхт аз оташи барқи теғ.
Зи бас атсаи теғ бар хуну хок
Димоғи ҳаво пур шуд аз ҷони пок.
Сипаҳдори Эрон ҳам аз субҳи бом
Баророст лашкар ба созе тамом.
Нахустин сафи маймана соз кард,
Зи теғ аждаҳоро даҳан боз кард.
Сафи майсара ҳам баророст чуст,
Яке кӯҳ, гуфтӣ, зи пӯлод руст.
Ҷаноҳ ончунон баст дар пешгоҳ,
Ки пӯшида шуд рӯи хуршеду моҳ.
Зи қалбе, ки чун кӯҳи пӯлод буд,
Паноҳандаро қалъа обод буд.

Зи дигар тараф лашкаророи Рум
Баророст лашкар чу наҳле зи мум.
Силеҳу салаб дод хоҳандаро,
Қавӣ кард пушти паноҳандаро.
Чапу рост орост аз тарку теғ,
Чу ороиши гулшан аз ашки меғ.
Пасу пешро кард чун хоракӯҳ,
Барангехт қалбе сурайёшукӯҳ.
Чу аз ҳарду сӯ лашкар оростанд,
Ялон сар ба сар мард мехостанд.
Сиёсат даромад ба гарданзанӣ,
Зи чашми ҷаҳон дур шуд равшанӣ.
Зи бас хун, ки гирд омад андар мағок,
Чу гӯгирди сурх оташин гашт хок.
Зи шамшери баргашта ҷое набуд,
Ки дар ғори ӯ аждаҳое набуд.
Наҳанги хаданг аз камини камон
Наёсуд бар як замин як замон.
Камандаждаҳое мусалсалшиканҷ
Даҳан боз карда ба тороҷи ганҷ.
Зи ғурридани зиндапилони маст
Нафас дар гулӯи ҳизаброн шикаст.
Зи бас теғ бар гардан андохтан
Наёраст кас гардан афрохтан.
Падар бо писар кин бартороста,
Муҳобо шуда, меҳр бархоста.
Сутуни алам ҷома дар хун зада,
Наҷот аз ҷаҳон хайма берун зада.
Зи бас хастаи тири пайконнишон
Шуда обила дасти пайконкашон.
Чунон гарм шуд оташи корзор,
Ки аз наъли асбон баромад шарор.
Ҷаҳонҷӯй Доро зи қалби сипоҳ
Барошуфт чун шарзашери сиёҳ.
Ба душмангарой, ба хасмафканӣ
Кушода бару бозуи баҳманӣ.
Ба ҳар ҷо, ки бозу барафрохтӣ,
Сари хасм дар пояш андохтӣ.
Нашуд бар тане, то напардохташ,
Назад бар саре, то наяндохташ.
Зи бас хуни румӣ дар он турктоз
Ҳазор атласи румӣ афканд боз.
В-аз ин сӯ Сикандар ба шамшери тез
Барангехта аз ҷаҳон растахез.
Ду даст оварида ба кӯшиш бурун,
Ба ҳар даст шамшери алмосгун.
Дудастӣ чунон мегароид теғ,
К-аз ӯ хасмро ҷон наёмад дареғ.

Чу бар фарқи пил омадӣ ханҷараш,
Фурӯ рехтӣ зери пояш сараш.
Чу дар оби дарё ғазаб рехтӣ,
Зи дарёи об оташ ангехтӣ.
Чу шере, ки оташ зи дам барзанад,
Дами модиёнро ба ҳам барзанад.
Ба Доро намуданд, к-«он тундшер
Басо шер, к-аз маркаб овард зер.
Шаҳ озарми ӯ беҳ, ки яксӯ кунад,
К-аз он паҳлавонпил паҳлӯ кунад».
Ба лашкар бигӯяд, ки «якборагӣ
Гароянд бар ҷанги ӯ борагӣ».
Чунон дид Дорои давлатсавоб,
Ки лашкар биҷунбад чу дарёи об.
Ҳама ҳамгурӯҳа ба як сар зананд,
Ба якборагӣ бар Сикандар зананд.
Ба фармони фармондиҳи тоҷу тахт,
Биҷӯшид лашкар, бикӯшид сахт.
Инон якрикобӣ барангехтанд,
Дудастӣ ба теғ-андар овехтанд.
Сикандар чу ғавғои бадхоҳ дид,
Зи худ дасти озарм кӯтоҳ дид.
Бифармуд, то лашкари Рум низ
Ба додан надоранд ҷонро азиз.
Бибанданд бар душманон роҳро,
Ба хок андароранд бадхоҳро.
Ду лашкар чу мӯру малах тохтанд,
Набарде ҷаҳон дар ҷаҳон сохтанд.
Ба шамшери пӯлоду тири ханданг
Гузаргоҳ карданд бар мӯр танг.
Чу занбӯри гелӣ кашиданд неш,
Ба занбӯра занбӯр карданд реш.
Сикандар дар он доваригоҳи сахт
Пай афшурд монанди бехи дарахт.
Ҳаюн бар вай афканд пилафкане,
Суи пилтан шуд чу Аҳримане.
Яке захм зад бар тани паҳлавон,
К-аз он захм ларзид сарви ҷавон.
Бидаррид хафтон, зireҳ пора кард,
Амал бин, ки пӯлод бо хора кард.
Набуррид бозуи тобанда ҳур,
Валекин шуд озурда дар зери зӯр.
Ба мӯе тани шоҳ раст аз газанд,
Бизад теғу бадхоҳро сар фиканд.
Ҳаросид аз он душмани беҳарос,
Дили хасмро кард аз он ҷо қиёс.
Бар он шуд, ки аз хасм тобад инон,
Раҳоӣ диҳад синаро аз синон.

Дигарбора аз бахт уммедвор
Пай афшурд бар ҷои хеш уствор.
Чу дар фол фирӯзии хеш дид,
Бар аъдои худ дасти худ беш дид.
Қавӣ кард бар ҷанг бозуи хеш,
Бикӯшид бо ҳамтарозуи хеш.
Наёсуд лашкар зи хун рехтан,
Зи душман ба душман даровехтан.
Набардозмоёни эронсипоҳ
Гирифтанд бар лашкари Рум роҳ.
Забун гашт румӣ зи пайкорашон,
Аҷал хост кардан гирифторашон.
Дигар раҳ ба мардӣ фишурданд пой,
Нарафтанд чун кӯҳи оҳан зи ҷой.
Ба номус роят ҳамедоштанд,
Ғанимат ба бадхоҳ нагзоштанд.
Чу гавҳар баромуд зангӣ ба тоҷ,
Шаҳи Чин фуруд омад аз тахти оҷ.
Маҳи равшан аз тирашаб тофта,
Чу оинае равшанӣ ёфта.
Ду лашкар ба як ҷо гурӯҳ омаданд,
Шуданд, аз хусумат сутӯҳ омаданд.
Ба оромгоҳ омаданд аз набард,
Зи тан захм шустанду аз рӯй гард.
Пурандеша аз гунбади тезгашт,
Ки фардо ба сар-бар чӣ хоҳад гузашт.
Дигар рӯз, к-ин рӯйшуста турунҷ
Чу райҳониён сар бурун зад зи кунҷ,
Сипоҳ аз ду сӯ саф барорустанд,
Ҳизаброн ба нахҷир бархостанд.
Ба пӯлоди шамшеру чарми камон
Басе зӯри бозу намуд осмон.
Ба ғавғои лашкар даромад шикеб,
Ки даст аз инон рафту пой аз рикеб.
Ба Доро ду сарҳанг буданд хос,
Ба ихлос наздику дур аз халос.
Зи бедоди Доро ба ҷон омада,
Дилозурдагӣ дар миён омада.
Бар он дил, ки хунрези Доро кунанд,
Бар ӯ кини хеш ошкоро кунанд.
Чу з-ин гуна бозоре оростанд,
Ба ҷон аз Сикандар амон хостанд,
Ки «моем хосони Дорову бас,
Ба Доро зи мо хостар нест кас.
Зи бедоди ӯ чун сутӯҳ омадем,
Ба хунрези ӯ ҳамгурӯҳ омадем.
Бихоҳем фардо бар ӯ тохтан,
Зи бедоди ӯ мулк пардохтан.

Як имшаб ба кӯшиш нигаҳ дор ҷой,
Ки фардо мухолиф дарояд зи пой.
Чу фардо алам баркашад дар масоф,
Хурад шарбати теғи паҳлӯшикоф.
Валекин ба шарте, ки бар дастранҷ
Ба мо-бар кушода кунӣ қуфли ганҷ.
Зи мо ҳар якеро тавонгар кунӣ,
Ба зар кори мо ҳарду чун зар кунӣ».
Сикандар бад-он хоста аҳд баст,
Ба паймони дархоста дод даст.
Нашуд бовараш, к-он ду бедодкеш
Кунанд ин хато бо худованди хеш.
Вале ҳар кас он дар ба даст оварад,
К-аз ӯ хасми худро шикаст оварад.
Дар он раҳ, ки бедод дод омадаш,
Куҳан достоне ба ёд омадаш,
Ки харгӯши ҳар марзро бе шигифт
Саги он вилоят тавонад гирифт.
Чу он осиёни худовандкуш
Хабар ёфтанд аз худованди ҳуш,
Ки бар ганҷашон комгорӣ диҳад,
Ба хунрези бадхоҳ ёрӣ диҳад,
Ҳақи неъмати шоҳ бигзоштанд,
Паи куштани шоҳ бардоштанд.
Чу ёқути хуршедро дузд бурд,
Ба ёқут ҷустан ҷаҳон пай фишурд.
Ба дуздӣ гирифтанд маҳтобро,
Ки ӯ бурд аз он ҷавҳар он тобро.
Ду лашкар кашида камар чун ду кӯҳ,
Шуданд аз набардозмоӣ сутӯҳ.
Ба манзилгаҳи хеш гаштанд боз,
Ба разми дигаррӯза карданд соз.

## КУШТАНИ САРҲАНГОН ДОРОРО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз ман маро дур кун,
Ҷаҳон аз маи лаъл пурнур кун.
Мае, к-ӯ маро раҳ ба манзил барад,
Ҳама дил баранд, ӯ ғами дил барад.

### АНДАРЗ

Ҷаҳон гарчи оромгоҳи х(в)аш аст,
Шитобандаро наъл бар оташ аст.
Ду дар дорад ин боғи ороста,
Дарубанд аз ин ҳарду бархоста.

Даро аз дари боғу бингар тамом,
Зи дигар дари боғ берун хиром.
Агар зиракӣ, бо гуле хӯ магир,
Ки бошад ба ҷо монданаш ногузир.
Дар ин дам, ки дорӣ ба шодӣ басеч,
Ки ояндаву рафта ҳеч аст, ҳеч.
Наем омада аз паи дилх(х)ашӣ,
Магар к-аз паи ранҷу сахтикашӣ.
Харонро касе дар арӯсӣ нахонд,
Магар вақти он, к-обу ҳезум намонд.

## ДОСТОН

Гузорандаи назми ин достон
Сухан ронд бар суннати ростон,
Ки чун оташи рӯзи равшан гузашт,
Пур аз дуд шуд гунбади тезгашт.
Шаб аз моҳ барбаст пероие,
Шигифте бувад нур бар сояе.
Талоя зи лашкаргаҳи ҳарду шоҳ
Шуда посдоранда то субҳгоҳ.
Ятоқе ба омадшудан чун харос
Наёсуд дарроҷа аз бонги пос.
Басо хуфта, к-аз ҳайбати пили маст
Саросема ҳар соат аз хоб ҷаст.
Ғунуда тани мард аз ранҷу тоб,
Назар ҳар замоне дар омад зи хоб.
Ниёишкунон ҳарду лашкар ба роз,
Ки «эй кошкӣ, будӣ имшаб дароз!»
Магар, к-он дарозӣ намудӣ диранг,
Ба дерӣ падид омадӣ рӯзи ҷанг.
Сиголиш чунон шуд ду кӯшандаро,
Ки резанд сафрои ҷӯшандаро.
Чу хуршеди равшан барорад кулоҳ,
Падидор гардад сапед аз сиёҳ.
Ду хусрав инон дар инон оваранд,
Раҳи дӯстӣ дар миён оваранд.
Ба озарму хушнудӣ аз якдигар
Битобанду з-он барнатобанд сар.
Чу Доро дар он дoff варӣ рой ҷуст,
Дили ройзан буд дар пой суст.
Суи оштӣ кас нашуд раҳнамун,
Намуданд рояш ба шамшеру хун,
Ки эронӣ аз румии бешх(в)ард
Ба қоим куҷо резад андар набард.
Чу фардо фишорем дар ҷанг пой,
Зи румӣ намонем як тан ба ҷой.
Бад-ин ишва доданд шаҳро шикеб,
Яке бар далерӣ, яке бар фиреб.

Ҳамон қосидон низ карданд ҷаҳд,
Ки бар хуни ӯ баста буданд аҳд.
Сикандар зи дигар тараф чорасоз,
Ки чун пой дорад дар ин турктоз.
Хаёли ду сарҳангро пеш дошт,
Ҷуз он худ, ки сарҳангии хеш дошт.
Чунин гуфт бо паҳлавонони Рум,
Ки «фардо дар ин маркази сахтбум
Бикӯшем, кӯшидане мардвор,
Раги ҷон ба кӯшиш кунем устувор.
Агар даст бурдем, морост мулк
В-агар мо шудем, они Дорост мулк.
Қиёмат, ки пӯшидаи рои мост,
Бувад рӯзе, он рӯз фардои мост».
Ба андешаҳое чунин ҳавлнок
Ду лашкар ғунуданд бо тарсу бок.
Чу гетӣ дари равшанӣ боз кард,
Ҷаҳон бозии дигар оғоз кард.
Ба оташ бадал гашт муште шарор,
Кулича шуд он сими говарсвор.
Даромад ба ҷунбиш ду лашкар чу кӯҳ,
К-аз он ҷунбиш омад ҷаҳонро сутӯҳ.
Фаридуннасаб шоҳи баҳманнажод,
Чу бархост аз аввали бомдод,
Ҳама сози лашкар ба тартиби ҷанг
Баророст аз ҷаъбаи нимланг.
Зи пӯлод сад кӯҳ бар пой кард,
Ба пойини ӯ ганҷро ҷой кард.
Чу бар маймана созвар гашт кор,
Ҳамон майсара шуд чу рӯйинҳисор.
Ҷаноҳ аз ҳаво дар замин бурд бех,
Пасоҳанг шуд чун замин чормех.
Ҷаҳондор дар қалбгаҳ кард ҷой,
Дирафши каёниш бар сар ба пой.
Сикандар, ки теғи ҷаҳонсӯз дошт,
Чунон теғ аз баҳри он рӯз дошт.
Барангехт разме чу боранда меғ,
Тагаргаш зи пайкону борон зи теғ.
Ҷаноҳи сипаҳро ба гардун кашид,
Суми борагӣ бар сари хун кашид.
Гаронмоягонро бад-ин сон, ки хост,
Бифармуд рафтан суи дасти рост.
Гурӯҳе, ки партобиён сохтшон,
Чапандоз шуд, бар чап андохтшон.
Ҳамон устувorони даргоҳро,
К-аз эшон будӣ эминӣ шоҳро,
Ба қалб-андарун дошт бо хештан,
Чу пӯлодкӯҳе шуд он пилтан.

Баромад зи қалби ду лашкар хурӯш,
Расид осмонро қиёмат ба гӯш.
Табира биғуррид чун тундшер,
Даромад ба ракс аждаҳои далер,
Зи шӯридани нолаи карраной
Барафтод табларза бар дасту пой.
Зи фарёди рӯйинхум аз пушти пил
Нафири наҳангон баромад зи Нил.
Зи бас бонги шайпури заҳрашикоф
Бидаррид заҳра, бипечид ноф.
Зи ғурридани кӯси холидимоғ
Заминларза афтод дар кӯҳу роғ.
Даромад зи буҳрон  сари бедбарг,
Кушода бар ӯ равзани диръу тарк.
Зи бас тирборон, ки омад ба ҷӯш,
Фиканд абр боронии худ зи дӯш.
Гар он тирборон кунун омадӣ,
Ба ҷои нам аз абр хун омадӣ.
Хурӯшидани кӯси рӯйинакос
Нинюшандаро дод бар ҷон ҳарос.
Ҷалоҷилзанон аз навоҳои занг,
Баровaрда хун аз дили хорасанг.
Ба ҷунбиш даромад ду дарёи хун,
Шуд аз мавҷи оташ замин лолагун.
Замин, к-ӯ бисоте шуд ороста,
Ғуборе шуд аз ҷой бархоста.
Ба абрӯ даромад камонро шиканҷ,
Шитобон шуда тир чун мори ганҷ.
Ситезанда аз теғи симобрез
Чу симоб карда гурезогурез.
Зи пӯлоди пайкони пайкаршикан
Тани кӯҳ ларзанда бар хештан.
Зи нӯги синон чархи дӯлобранг
Зи паргори гардиш фурӯ монда ланг.
Зи бас захми кӯполи хороситез
Заминро шуда устухон рез-рез.
Зи бас дар даҳан ночих андохтан
Нафасро на роҳи бурун тохтан.
Синон дар синон руста чун нӯги хор,
Сипар бар сипар баста чун лолазор.
Гурезандагонро дар он растахез
На рӯи раҳоӣ, на роҳи гурез.
Саворон ҳама тир пардохта,
Гаҳе тиру гаҳ таркаш андохта.
Дар он маслахи одамизодагон
Замин гашта кӯҳ аз бас афтодагон.
Ба ҷонбурди худ ҳар касе гашта шод,
Кас аз куштаи худ наёварда ёд.

Надорад касе сӯг дар ҳарбгоҳ,
На кас ҷуз қазоганд пӯшад сиёҳ.
Сухангӯ сухан сахт покиза ронд,
Ки марги баанбӯҳро ҷашн хонд.
Чу марг аз яке тан барорад ҳалок,
Шавад шаҳре аз гиря андӯҳнок.
Ба марги ҳама шаҳр аз ин шаҳр дур,
Нагиряд кас, арчи бувад носабур.
Зи бас кушта бар кушта мардони мард
Шуда роҳ барбаста бар раҳнавард.
Бар он даҷлаи хун баланд офтоб
Чу нилуфар афканда заврақ дар об.
Синони Сикандар дар он доварӣ
Сабақ бурда аз чашмаи ховарӣ.
Шароре, ки шамшери Доро фиканд,
Тапиш дар дили санги хоро фиканд.
Чу лашкар ба лашкар даромехтанд,
Қиёмат зи гетӣ барангехтанд.
Парокандагӣ дар сипоҳ уфтод,
Буриниш дар озарми шоҳ уфтод.
Сипаҳ чун пароканда шуд сӯи ҷанг,
Фарохӣ даромад ба майдони танг.
Кас аз хосагон пеши Доро набуд,
К-аз ӯ дар дили кас мудоро набуд.
Ду сарҳанги ғаддор чун пили маст
Бар он пилтан баркушоданд даст.
Задандаш яке теғи паҳлӯгузор,
Ки аз хун замин гашт чун лолазор.
Дарафтод Доро бад-он захми тез,
Зи гетӣ баромад яке растахез.
Дарахти каёнӣ даромад ба хок,
Биғалтид дар хун тани захмнок.
Биранҷад тани нозук аз дарду доғ,
Чӣ хешӣ бувад бодро бо чароғ?
Кушанда ду сарҳанги шӯридарой
Ба назди Сикандар гирифтанд ҷой,
Ки «оташ зи душман барангехтем,
Ба иқболи шаҳ хуни ӯ рехтем.
Зи Доро сари тахт пардохтем,
Сари тоҷи Искандар афрохтем.
Ба як захм кардем кораш табоҳ,
Супурдем ҷонаш ба фитроки шоҳ.
Биё, то бибинию бовар кунӣ,
Ба хунаш суми борагӣ тар кунӣ.
Чу омад зи мо, он чи кардем рой,
Ту низ, он чи гуфтӣ, биёвар ба ҷой.
Ба мо бахш ганҷе, ки пазруфтаӣ,
Вафо кун ба чизе, ки худ гуфтаӣ».

Сикандар чу донист, к-он аблаҳон
Далеранд бар хуни шоҳаншаҳон,
Пушаймон шуд аз карда паймони хеш,
Ки бархосташ исмат аз ҷони хеш.
Фурӯ мирад уммедворӣ зи мард,
Чу ҳамсолро сар дарояд ба гард.
Нишон ҷуст, к-он кишваророй кай
Куҷо хобгаҳ дорад аз хуну хай?
Ду бедодпеша ба пеш-андарун,
Ба бедоди худ шоҳро раҳнамун.
Чу дар мавкиби қалби Доро расид,
Зи мавкиб равон ҳеч касро надид.
Тани марзбон дид дар хоку хун,
Кулоҳи каёнӣ шуда сарнигун.
Сулаймоне афтода дар пои мӯр,
Ҳамон пашшае карда бар пил зӯр.
Ба бозуи Баҳман баромуда мор,
Зи рӯйиндиз афтода Исфандёр.
Баҳори Фаридуну гулзори Ҷам
Ба боди хазон гашта тороҷи ғам.
Насабномаи давлати Кайқубод
Варақ бар варақ ҳар суе бурда бод.
Сикандар фуруд омад аз пушти бӯр,
Даромад ба болини он пилзур.
Бифармуд, то он ду сарҳангро,
Ду каҷзахмаи хориҷоҳангро
Бидоранд бар ҷои хеш устувор,
Худ аз ҷой ҷунбид шӯридавор.
Ба болингаҳи хаста омад фароз,
Зи диръи каёнӣ гиреҳ кард боз.
Сари хастаро бар сари рон ниҳод,
Шаби тира бар рӯзи рахшон ниҳод.
Фурӯбаста чашм он тани хобнок,
Бад-ӯ гуфт: «Бархез аз ин хуну хок.
Раҳо кун, ки дар ман раҳоӣ намонд,
Чароғи маро равшаноӣ намонд.
Сипеҳрам бад-он гуна паҳлӯ дарид,
Ки шуд дар ҷигар паҳлуям нопадид.
Ту, эй паҳлавон, к-омадӣ сӯи ман,
Нигаҳ дор паҳлӯ зи паҳлӯи ман,
Ки бо он ки паҳлӯ даридам чу меғ,
Ҳамеояд аз паҳлуям бӯи теғ.
Сари сарваронро раҳо кун зи даст,
Ту машкан, ки моро ҷаҳон худ шикаст.
Чу дасте, ки бар мо дарозӣ кунӣ,
Ба тоҷи каён дастёзӣ кунӣ.
Нигаҳ дор дастат, ки Дорост ин,
На пинҳон, чу рӯз ошкорост ин.

Чу гашт офтоби маро рӯй зард,
Ниқобе ба ман даркаш аз лоҷвард.
Мабин сарвро дар сарафкандагӣ,
Чунон шоҳро дар чунин бандагӣ.
Дар ин бандам аз раҳмат озод кун,
Ба омурзиши Эзадам ёд кун.
Заминро манам тоҷи тораканишин,
Маларзон маро, то наларзад замин.
Раҳо кун, ки хоби х(в)ашам мебарад,
Замин обу чарх оташам мебарад.
Магардон сари хуфтаро аз сарир,
Ки гардуни гардон барорад нафир.
Замони ман, инак, расад бегумон,
Раҳо кун ба хоби хушам як замон.
Агар тоҷ хоҳӣ рабуд аз сарам,
Яке лаҳза бигзор, то бигзарам.
Чу ман з-ин вилоят кушодам камар,
Ту хоҳ афсар аз ман ситон, хоҳ сар».
Сикандар бинолид, к-«эй тоҷдор,
Сикандар манам, чокари шаҳрёр.
Нахоҳам, ки бар хок будӣ сарат,
На олудаи хун шудӣ пайкарат.
Валекин чӣ суд аст, к-ин кор буд,
Таассуф надорад дар ин кор суд.
Агар тоҷ бар сар барафрохтӣ,
Камарбанди ӯ чокарӣ сохтӣ.
Дареғо, ба дарё кунун омадам,
Ки то сина дар мавҷи хун омадам.
Чаро маркабамро наяфтод сум,
Чаро пай накардам дар ин роҳ гум?
Магар нолаи шоҳ нашнудаме,
На рӯзе бад-ин рӯзро дидаме.
Ба дорои гетию донои роз,
Ки дорам ба беҳбуди Доро ниёз.
Валекин чу бар шиша афтод санг,
Калиди дари чора н-ояд ба чанг.
Дареғо, ки аз насли Исфандёр
Ҳамин буду бас мулкро ёдгор!
Чӣ будӣ, ки марг ошкоро шудӣ,
Сикандар ҳамоғӯши Доро шудӣ.
Чӣ суд аст, мурдан нашояд ба зӯр,
Ки пеш аз аҷал рафт натвон ба гӯр.
Ба наздики ман як сари мӯи шоҳ
Гиромитар аз сад ҳазорон кулоҳ.
Гар ин захмро чора донистаме,
Талаб кардаме, то тавонистаме.
На тоҷу на авранги шоҳаншаҳӣ,
Ки монад зи Дорои давлат тиҳӣ.

Чаро хун нагирям бар он тоҷу тахт,
Ки дорандаро бар дар афканд рахт.
Мабод он гулистон, ки солори ӯ
Бад-ин хастагӣ бошад аз хори ӯ.
Нафир аз ҷаҳоне, ки Дорокуш аст,
Ниҳонпарвару ошкорокуш аст.
Ба чорагарӣ чун надорам тавон,
Кунам навҳа бар зодсарви ҷавон.
Чӣ тадбир дорӣ, муроди ту чист,
Умед аз кӣ дорию бимат зи кист?
Бигӯ, ҳар чӣ дорӣ, ки фармон кунам,
Ба чорагарӣ бо ту паймон кунам».
Чу Доро шунид ин дами дилнавоз,
Ба хоҳишгарӣ дидаро кард боз.
Бад-ӯ гуфт к-«эй беҳтарин бахти ман,
Сазовори перояву тахти ман,
Чӣ пурсӣ зи ҷоне баҷономада,
Гуле дар самуми хазономада.
Ҷаҳон шарбати ҳар кас аз ях сиришт,
Ба ҷуз шарбати мо, ки бар ях навишт.
Зи беобиям сина сӯзад дарун,
Қадам то сарам ғарқи дарёи хун.
Чу барқе, ки дар абр дорад шитоб,
Лаб аз об холию тан ғарқи об.
Сабӯе, ки сӯрох бошад нахуст,
Ба муму сирешим нагардад дуруст.
Ҷаҳон ғорат аз ҳар даре мебарад,
Яке оварад, дигаре мебарад.
На з-ӯ эмин инон, ки ҳастанд низ,
На онон, ки рафтанд, растанд низ.
Бибин рӯзи ман, ростӣ пеша кун,
Ту низ аз чунин рӯзе андеша кун.
Чу ҳастӣ ба панди ман омӯзгор,
Бад-ин рӯз наншонадат рӯзгор.
На ман беҳ зи Баҳман шудам, к-аждаҳо
Ба хоридани сар нақардаш раҳо.
На з-Исфандёр-он ҷаҳонгири гурд,
Ки аз чашмзахми ҷаҳон ҷон набурд.
Чу дар насли мо куштан омад нахуст,
Кушанда насаб кард бар мо дуруст.
Ту сарсабз бодӣ ба шоҳаншаҳӣ,
Ки ман кардам аз сабза болин тиҳӣ.
Чу дархостӣ, к-орзуи ту чист,
Ба вақте ки бар ман бибояд гирист.
Се чиз орзу дорам андар ниҳон,
Барояд ба иқболи шоҳи ҷаҳон.
Яке он, ки бар куштани бегуноҳ
Ту бошӣ дар ин доварӣ додхоҳ.

Дувум он, ки бар тоҷу тахти каён
Чу ҳоким ту бошӣ, наёрӣ зиён.
Дили худ бипардозӣ аз тухми кин,
Напардозӣ аз тухмаи мо замин.
Севум он, ки бар зердастони ман
Ҳарам нашканӣ дар шабистони ман.
Ҳамон Равшанакро, ки духти ман аст,
Бад-он нозукӣ дастпухти ман аст.
Ба ҳамхонии худ кунӣ сарбаланд,
Ки хон гардад аз нозукон арҷманд.
Дили равшан аз Равшанак барматоб,
Ки бо равшанӣ беҳ бувад офтоб».
Сикандар пазируфт аз ӯ, ҳар чӣ гуфт,
Пазиранда бархост, гӯянда хуфт.
Кабудию кӯрӣ даромад ба чарх,
Ки Бағдодро кард бе коху карх.
Дарахти каёнро фурӯ рехт бор,
Кафан дӯхт бар диръи Исфандёр.
Чу меҳр аз ҷаҳон меҳрубонӣ бурид,
Шаба монду ёқут шуд нопадид.
Сикандар бад-он шоҳи фаррухнажод
Шабонгоҳ бигрист то бомдод.
Дар ӯ диду бар хештан навҳа кард,
Ки ӯро ҳамон заҳр боист х(в)ард.
Чу рӯз охири субҳи аблақсавор
Тавила бурун зад бар ин марғзор,
Сикандар бифармуд, к-оранд соз,
Барандаш ба ҷои нахустина боз.
Зи маҳди зару гунбади сангбаст
Муҳайёш карданд ҷои нишаст.
Чу хилватгаҳаш ончунон сохтанд,
Аз ӯ заҳмати хеш пардохтанд.
Танумандро қадр чандон бувад,
Ки дар хонаи колбуд ҷон бувад.
Чу берун равад ҷавҳари ҷон зи тан,
Гурезӣ зи ҳамхобаи хештан.
Чароғе, ки боде дар ӯ дардамӣ,
Чи бар тоқи айвон, чи зери замӣ.
Агар бар сипеҳрӣ в-агар бар мағок,
Чу хокӣ, шавӣ оқибат боз хок.
Басо моҳиё, к-ӯ шавад хӯрди мӯр,
Чу дар хоки шӯр афтад аз оби шӯр.
Чунин аст расм ин гузаргоҳро,
Ки дорад ба одамшуд ин роҳро.
Якеро дарорад ба ҳангома тез,
Якеро зи ҳангома гӯяд, ки «хез!»
Макун зери ин лоҷвардӣ бисот
Бад-ин қалъаи каҳрабогун нишот,

Ки рӯят кунад каҳрабовор зард,
Кабудат кунад ҷома чун лоҷвард.
Гавазне, ки дар шаҳри шерон бувад,
Ба марги худаш хонавайрон бувад.
Чу мурғ аз паи кӯч баркаш ҷаноҳ,
Машав масти роҳ андар ин мустароҳ.
Бизан барқвор оташе дар ҷаҳон,
Ҷаҳонро зи худ вораҳу вораҳон.
Самандар чу парвона оташрав аст,
Валек ин куҳанлангу он хушрав аст.
Агар шоҳи мулк асту гар мулки шоҳ,
Ҳама роҳи ранҷ асту бо ранҷи роҳ.
Кӣ донад, ки ин хоки деринадавр
Ба ҳар ғоре-андар чӣ дорад зи ғавр.
Куҳанкиса шуд хоки пинҳоншиканҷ,
Ки ҳаргиз бурун н-орад овози ганҷ.
Зар аз кисаи нав барорад хурӯш,
Сабӯи нав аз таррӣ ояд ба ҷӯш.
Кӣ донад, ки ин захмаи дому дад
Чӣ таърихҳо дорад аз неку бад.
Чӣ найранг бо бихрадон сохтаст,
Чӣ гарданкашонро сар андохтаст.
Фалак нест яксон ҳамоғӯши ту,
Тирозаш дуранг аст бар дӯши ту.
Гаҳат чун фаришта баландӣ диҳад,
Гаҳат бо дандон дастбандӣ диҳад.
Шабонгаҳ ба нонет н-орад ба ёд,
Кулича ба гардун диҳад бомдод.
Чӣ бояд дар ин ҳафтчашма харос
Зи баҳри ҷаве чанд бурдан сипос?!
Чу Хизр аз чунин рӯзие рӯза гир,
Чу ҳаст оби ҳайвон, на хурмо, на шир!
Аз ин девмардум, ки дому даданд,
Ниҳон шав, ки ҳамсуҳбатони баданд.
Паи гӯр, к-аз даштбонон гум аст,
Зи номардумиҳои ин мардум аст.
Гавазни гурозанда дар марғзор
Зи мардум гурезад суи кӯҳу ғор.
Ҳамон шер, к-ӯ ҷой дар беша кард,
Зи бадаҳдии мардум андеша кард.
Магар гавҳари мардумӣ гашт хурд,
Ки дар мардумон мардумиҳо бимурд.
Агар нақши мардум бихонӣ шигарф,
Бигӯяд, ки мардум чунин аст ҳарф.
Ба чашм-андарун мардумакро кулоҳ
Ҳам аз мурдани мардумӣ шуд сиёҳ.
Низомӣ, ба хомӯшкорӣ басеч,
Ба гуфтори ногуфтанӣ дармапеч!

Чу ҳамрастаи хуфтагонӣ, хамӯш
Фурӯ хусб ё панба дарнеҳ ба гӯш!
Биёмӯз аз ин муҳраи лоҷвард,
Ки бо сурх сурх асту бо зард зард.
Шабонгаҳ, ки садранг бинад ба кор,
Барояд ба сад даст чун навбаҳор.
Саҳаргаҳ, ки якчашма ёбад калид,
Ба оини якчашма ояд падид.

## НИШАСТАНИ ИСКАНДАР БАР ҶОИ ДОРО

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он хуни рангини раз,
Дарафкан ба мағзам чу оташ ба хаз.
Мае, к-аз худам пойлағзӣ диҳад,
Чу субҳам димоғи думағзӣ диҳад.

## АНДАРЗ ВА ИШОРАТ БА МАМДӮҲ

Куҷо будӣ, эй давлати некаҳд,
Ба даргоҳи Маҳдӣ фуруд ор маҳд.
Чу оӣ ба даргоҳи Маҳдӣ фуруд,
Ба маҳди ман овар зи Маҳдӣ дуруд.
Туро давлат аз баҳри он хонд бахт,
Ки ороиши тоҷию зеби тахт.
Ба туст одамиро рух афрӯхта,
Ҷаҳон ҷомае чун ту нодӯхта.
Баномэзад ороста пайкаре,
Зи ҳар гавҳар ороста гавҳаре.
Ба дасти ту шояд инонро супурд,
Зи ту поймардӣ, зи мо дастбурд.
Нишон деҳ маро кӯю бозор ту,
Ки то донам, омад талабгори ту.
Чунонам намояд, ки аз ҳар диёр
Надорӣ даре ҷуз дари шаҳрёр.
Ба ҳар ҷо, ки ҳастӣ, камар бастаам,
Ба хидматгарӣ бо ту пайвастаам.
Аз ин ҷом гуфт он худованди ҳуш,
Зиҳӣ давлати марди гавҳарфурӯш!
Бале, к-инчунин гавҳари сангбаст
Ба давлат тавон оваридан ба даст.
Сикандар, ки бо рою тадбир буд,
Ба нерӯи давлат ҷаҳонгир буд.
Агар давлаташ н-омадӣ раҳнамой,
Насудӣ сари хасмро зери пой.

## ДОСТОН

Гузоранда донои давлатпараст
Ба паргори давлат чунин нақш баст,
Ки чун шуд сари тоҷи Доро ниҳон,
Ба Искандар афтод мулки ҷаҳон.
Ҳама ганҷи Доро зи нав то куҳун,
Ки онро на сар буд пайдо, на бун,
Ба ганҷинаи шоҳ пардохтанд,
Зи дарё ба дарё дарандохтанд.
Сариру саропардаву тоҷу тахт,
На чандон ки онро тавонанд сахт.
Ҷавоҳир на чандон, ки онро дабир
Биёрад дар ангушт ё дар замир.
Табақҳои буллуру хонҳои лаъл
Тароифкашонро бифарсуд наъл.
Ҳамон тозиасбони бо зини зар,
Хитоиғуломони зарринкамар.
Наварди мулукона беш аз шумор,
Шутурбори заррина беш аз ҳазор.
Силоҳу салабро қиёсе набуд,
Пазирандаро з-ӯ сипосе набуд.
Дигар чизҳое, ки бошад ғариб,
В-аз ӯ махзани хос ёбад насиб.
Чунон ганҷе аз симу зарри халос
Ба муҳри ҷаҳондор карданд хос.
Ҷаҳондор аз он ганҷи андӯхта,
Чу ганҷе шуд аз гавҳар афрӯхта.
Ба гавҳар фурӯзад дили тирафом,
Магар шабчароғаш аз ин аст ном?
Чу торик шояд шудан сӯи ганҷ,
Ки ганҷ ояд аз равшаноӣ ба ранҷ.
Чаро рӯи он кас, ки шуд ганҷёб,
Зи шодӣ барафрӯхт чун офтоб.
Ту хокӣ, гарат ганҷ бояд, равост,
Ки бе хоста хокро кас нахост.
Фурӯзандаи мард шуд хоста,
К-аз ӯ корҳо гардад ороста.
Зар он меваи заъфаронрез шуд,
Ки чун заъфарон шодиангез шуд.
Сиёҳони мағриб, ки зангивашанд,
Ба сафрои он заъфарон дилх(в)ашанд.
Сикандар чу дид он ҳама кони ганҷ,
Ки дар дасташ афтод бе дастранҷ,
Парастандагони дари хешро,
Ҳам он муҳташамрову дарвешро
Аз он ганҷи ороста дод баҳр,
Ба доду диҳиш гашт солори даҳр.

Ба гурдони Эрон фиристод кас,
К-аз ин дар нагардад касе бозпас.
Ба даргоҳи мо яксара сар ниҳед,
Ҳалоки сари хеш бар дар ниҳед.
Ба ҷои шумо ҳар яке бесипос
Навозишгариҳо равад беқиёс.
Бузургони Эрон фароҳам шуданд
В-аз ин доварӣ сахт хуррам шуданд.
Хабар доштанд аз дили шаҳрёр,
Ки ҳаст ӯ ба савганду аҳд устувор.
Ҳама ҳамгурӯҳа ба роҳ омаданд,
Суи анҷумангоҳи шоҳ омаданд.
Бад-он омадан шодмон гашт шоҳ
Аз он паҳлавонони лашкарпаноҳ.
Ҷудогона бо ҳар яке аҳд баст,
Ки дар пояи кас наёрад шикаст.
Дари ганҷ бикшод бар ҳар касе,
Хазина басе доду гавҳар басе.
Ҳамон кори ҳар кас падидор кард,
Бад-он хуфтагон бахт бедор кард.
Бидод, он чи дар пештар будашон,
Ду чандони дигар дарафзудашон.
Чу эрониён он диҳиш ёфтанд,
Сар аз чанбари саркашӣ тофтанд.
Ниҳоданд сар бар замин якзамон,
Кулаҳгӯша бурданд бар осмон.
Гирифтанд бар шаҳрёр офарин,
Ки «ёри ту бодо сипеҳри барин!
Сари тахти Ҷамшед ҷои ту бод!
Сарири сарон хоки пои ту бод!
Куҳан рафту шоҳи нави мо туӣ,
На Хусрав, ки Кайхусрави мо туӣ.
Напечад касе гардан аз рои ту,
Сари мову поингаҳи пои ту».
Чу шаҳ дид, к-аз роҳи фархундагӣ
Бар эрониён фарз шуд бандагӣ,
Дар он анҷумангоҳи анҷумшукӯҳ,
Ки ҷамъ омад аз ҳафт кишвар гурӯҳ,
Бифармуд, то теғу лахт оваранд,
Ду хунрезро пеши тахт оваранд.
Ду сарҳанги гарданбарафрохта,
Ҳамоил ба гардан – дар андохта.
Ба сарҳангӣ аз хунашон гил кунанд,
Расан ҳалқашонро ҳамоил кунанд.
Нахуст он чи аз ганҷу зар гуфта буд,
Расонид чандон, ки пазруфта буд.
Чу нақди пазируфта овард пеш,
Бурун омад аз уҳдаи аҳди хеш.

Бифармуд, то хор кардандашон,
Расан карда, бар дор кардандашон.
Мунодӣ баромад ба гирди сипоҳ,
Ки « ин аст подоши хунрези шоҳ.
Касе, к-ин ситам хезад аз номи ӯ,
Бад-ин рӯз бошад саранҷоми ӯ.
Набахшуд ҳаргиз худованди ҳуш
Бар он банда, к-ӯ шуд худовандкуш».
Назоракунон шаҳрию лашкарӣ
Бар инсофу озарми искандарӣ.
Бар он расму роҳ офаринхон шуданд,
Ҷаҳонҷӯйро бандафармон шуданд.
Нишаста ҷаҳонҷӯй бо бихрадон,
Аз он доира дур чашми бадон.
Дурӯя самотини ороста,
Нишинандагон ҷумла бархоста.
Камарбастагон бо камарҳои чуст,
Камар дар камар, гуфтӣ аз ҳалқа руст.
Сиёсат гиреҳ баста бар дасту пой,
Зи ҳар пайкаре монда нақше ба ҷой.
Чу деворе аз сурат ороста,
Ҷасад мондаву рӯҳ бархоста.
Сикандар, ҷаҳондори Дорошикан
Барафрӯхт чун шамъ аз он анҷуман.
Пас, он гоҳ бо ҳар гаронмояе,
Сухан гуфт бар қадри ҳар пояе.
Навозодаи Зангаро бозҷуст,
Талаб карду зангор аз оина шуст.
Бипурсид, к-«эй пири солозмой,
Фиканда сарат соя бар пушти пой.
Басе солҳо дар ҷаҳон зистӣ,
Зи кори ҷаҳон бехабар нестӣ.
Чу дидӣ, ки Доро ситампеша гашт,
Гуноҳе на, бо ман бадандеша гашт.
Аз он ҷо, ки рози ҷаҳон доштӣ,
Насиҳат чаро з-ӯ ниҳон доштӣ?
Чу орад касеро ҷавонӣ ба ҷӯш,
Гунаҳ пир дорад, ки монад хамӯш».
Ниюшанда аз гармии шоҳи Рум
Ба равғанзабонӣ барафрӯхт мум.
Камоне баророст аз пушти кӯз,
Пию устухон гашта ҳамранги тӯз.
Силоҳи сухан басту таркаш кушод,
Зи ҷаъбакамон тири Ораш кушод.
Нахустин, санои ҷаҳондор гуфт,
Ки «Бодо ҷаҳондор бо ком ҷуфт!
Анӯшаманиш бод Дорои даҳр,
Зи нӯшинҷаҳон бод бисёрбаҳр!

Сари сабзаш аз шодӣ афрохта,
Сари хасм дар пояш андохта.
Басе панд гуфт ин ҷаҳондида пир,
Нашуд дар дили кинавар ҷойгир.
Басо шамъи равшан, ки дуде надошт,
Намудам ба Дорову суде надошт.
Чу бахши Сикандар бувад тахту ҷом,
Зи Доро чӣ ояд ба ҷуз кори хом!
Чу гардун кунад гарданеро баланд,
Ба гарданфарозон дарорад каманд.
Ба Ҳиндустон пире аз хар фитод,
Падармурдаеро ба Чин гов зод.
Куҷо гардад аз сел ҷӯе хароб,
Ба ҷӯи дигар кас дарафзояд об.
Туро пои давлат фурӯ шуд ба ганҷ,
Зи бедавлатиҳои душман маранҷ.
Ҷавонию шоҳию озодаӣ,
Ҳамон беҳ, ки бо руду бо бодаӣ.
Ба ком аз ҷавонӣ тавонӣ расид,
Чу пирӣ расад, гӯша бояд гузид.
Ба пиронасар гунбади лоҷвард
Ба Заҳҳоку Ҷамшед бин, то чӣ кард?
Ҷаҳонподшо чун шавад дерсол,
Парастандаро з-ӯ бигирад малол.
Дигар, к-огаҳӣ дорад аз мағзу пӯст,
Шиносад бад аз неку душман зи дӯст.
Аз ӯ дар дили ҳар кас ояд ҳарос,
Чу бинанд, к-ӯ ҳаст мардумшинос,
Ба афканданаш чорасозӣ кунанд,
В-аз ӯ даъвии бениёзӣ кунанд.
Наверо ба шоҳӣ баоранд кӯс,
Ки бар вай тавонанд кардан фусӯс.
Аз ин рӯй Кайхусраву Кайқубод
Ба пирӣ зи шоҳӣ накарданд ёд.
Ҷаҳон бар дигар шоҳ бигзоштанд,
Раҳи кӯҳи Албурз бардоштанд.
Ба пӯшидану хӯрдани некбаҳр
Шуданд эмин аз хӯрдани теғу заҳр».
Чу шаҳ дид, к-он ёдгори каён
Хабар дорад аз кори суду зиён,
Ба неку бади корзораш раҳ аст,
Набардозмоясту корогаҳ аст,
Бипурсид, к-«он чист дар корзор,
Ки аз баҳри пирӯзӣ ояд ба кор?
Сипаҳро чӣ тадбир дорад ба ҷой,
Чӣ сахтӣ кунад мардро сустпой?»
Набардозмои ҷаҳондида гуфт,
Ки «пирӯзӣ он паҳлавонрост ҷуфт,

Ки дар лашкари чун ту шоҳе бувад,
Ба фарри ту яктан сипоҳе бувад.
Чу фармон чунин аст, к-ин хоки суст
Зи баҳри ту садде барорад дуруст.
Шунидам зи ҷангозмоёни пеш,
Ки аз зӯри тан заҳраи мард беш.
Далерист ҳанҷори лашкаркашӣ,
Сарафкандагӣ нест дар саркашӣ.
Ба ҳангоми лашкар бароростан
Зи лашкар наёяд мадад хостан.
Сабурӣ зи худ хоҳу фатҳ аз Худой,
Ки лашкар бад-ин ҳарду монад ба ҷой.
Чу пирӯз бошӣ, машав дар ситез,
Макун баста бар хасм роҳи гурез.
Гаҳи ноумедӣ ба ҷон бозкӯш,
Ки мардонаро кас намолид гӯш.
Зи фоле, ки бар фатҳ ёбӣ нахуст,
Диле бояд аз тарси душман дуруст.
Чунин гуфт Рустам Фаромурзро,
Ки машкан дилу бишкан Албурзро.
Ҳамин гуфт бо Баҳман Исфандёр,
Ки гар нашканӣ, бишканӣ корзор.
Шикасте, к-аз ӯ хун ба хоро расид,
Ҳам аз дил шикастан ба Доро расид,
Шикастадил омад ба майдон фароз,
Вале кабк бишкаст бо ҷуррабоз.
Чу дар давлаташ дилфурӯзӣ набуд,
Зи кори ту ҷуз хок рӯзӣ набуд».
Дигарбора кардаш Сикандар суол,
Ки «эй меҳрубон пири деринасол,
Шунидам, ки Рустам-савори далер
Ба танҳо такопӯй кардӣ чу шер.
Куҷо ӯ ба танҳо задӣ бар сипоҳ,
Гурез уфтодӣ дар он размгоҳ.
Ғариб оядам, к-аз яке теғи тез
Чӣ гуна расад лашкареро гурез?»
Ба посух чунин гуфт пири куҳан,
Ки «гарданда бошад забон дар сухан.
Чунон буд пархоши Рустам дуруст,
Ки лашкаркашонро фикандӣ нахуст.
Чу лашкаркаш афтода гаштӣ ба теғ,
Гирифтандӣ аз бим лашкар гуреғ.
Касе, к-ӯ ба танҳо сипоҳе шикаст,
Бад-ин чора шуд бар адӯ чирадаст.
В-агарна нагунҷад, ки дар корзор
Гурезад яке лашкар аз як савор».
Дигарбора гуфташ: «Ба ман гӯй роз,
Ки бозуи Баҳман чаро шуд дароз?

Чаро кушт Баҳман Фаромурзро,
Ба хун ғарқа кард он бару бурзро?
Чаро мӯбадонаш надонанд панд,
К-аз он хонадон дур дорад газанд?»
Чунин дод посух ҷаҳондида мард,
Ки «Баҳман бад-он аждаҳоӣ, ки кард,
Саранҷом, к-ошуфта шуд роҳи ӯ,
Дами аждаҳо шуд ватангоҳи ӯ.
Чу зад даҳра бар паҳлавонӣ дарахт,
Шуд аз хонаи давлаташ тоҷу тахт,
Ки диди, ки ӯ пой дар хун фишурд,
К-аз он хун саранҷом кайфар набурд».
Сикандар биларзид аз он ёдкард,
Чу барги хазон ларзад аз боди сард.
Зи хунхори Доро ҳаросанда гашт,
Ки осон нашояд бар ин пул гузашт.
Дигарбора дархост, к-он ҳушманд
Дари дурҷи гавҳар кушояд зи банд.
Фурӯ гӯяд аз гардиши рӯзгор,
Ҷаҳонҷӯйиро он чи ояд ба кор.
Пас аз офарин пири бедорбахт,
Чунин гуфт бо соҳиби тоҷу тахт,
Ки «мулки ҷаҳон гарчи фаррух ба туст,
Мазан даст сахт андар ин шохи суст.
Зи таърихи нав то ба аҳди куҳан
Кӣ монад, ки бо мо бигӯяд сухан?
Куҷо Рустаму Золу Симурғу Сом?
Фаридуни фарҳангу Ҷамшеду ҷом?
Замин хӯрду то хӯрдашон, дер нест,
Ҳанӯзаш зи хӯрдан шикамсер нест.
Гузаштанду мо низ ҳам бигзарем,
Ки чун мухра ҳамиқди якдигарем.
Мазан панҷнавбат дар ин чорток,
Ки бе шашдара нест ин нуҳравоқ.
Ҷаҳон чун ту дорӣ, ҷаҳондор бош,
Чу хуфтанд хасмон, ту бедор бош.
Сар аз олами тарскорӣ барор,
Битарс аз касе, к-ӯ нашуд тарскор.
Раҳо кун раҳе, к-он зиён оварад,
Раҳи бад халал дар гумон оварад.
Киро божгуна бувад пираҳан,
Ба ҳоҷат бувад бозгаштан ба тан.
Ту з-он раҳ, ки шуд божгунанаворд,
Бихоҳ аз Худо ҳоҷату боз гард.
Чӣ бандӣ дили худ дар он мулку мол,
Ки ҳасташ каме ранҷу беше вабол.
Ба дониш туро раҳнамун кардаанд,
Ки моли туро ҳукми хун кардаанд.

Биранҷад гулӯе, ки бехун бувад,
Хафа гардад, ар хунаш афзун бувад.
Ҳар он мол, к-ояд дар ин дастгоҳ,
Бар он хуфта дон тундморе сиёҳ.
Сутудони ин тоқи ороста
Сутуне тиҳӣ дорад аз хоста.
Чу дар тоқи ин суффа хоҳем хуфт,
Чӣ бояд шудан бо сияҳмор ҷуфт?!
Дил аз банди беҳуда озод кун,
Ситамгар наӣ, дод кун, дод кун!
Зи бедоди Доро беҳ, ар бигзарӣ,
Гар ӯ буд Доро, ту Искандарӣ.
Бибин, то чӣ дид ӯ зи гашти ҷаҳон,
Ту низ он макун, то набинӣ ҳамон.
Чӣ кардӣ, бибин, то ҷаҳон ёфтӣ,
Аз он кун, ки иқбол аз он ёфтӣ».
Шаҳ аз посухи пири фартутсол
Гирифт он суханро муборак ба фол.
Зи хидмат кашӣ карду бинвохташ,
Басе ганҷи зар пешкаш сохташ.
Бузургони Эрон зи фарҳанги ӯ
Тарозу ниҳоданд бо санги ӯ.
Шитобандагон аз дари боргоҳ
Ситоиш гирифтанд бар базми шоҳ,
К-«аз ин боргаҳ гар чароғе нишаст,
Фурӯзанда хуршеде омад ба даст.
Зи мо гар шабе рафт, рӯзе расид,
Гуле рафту гулшанфурӯзе расид.
Ҷаве зар зи ҷӯяндае рӯй тофт,
Фурӯ диду зар ҷусту ганҷина ёфт.
Зи дарёдилӣ шоҳи дарёшукӯҳ
Навозиш басе кард бо он гурӯҳ.
Чу диданд шаҳро раиятнавоз,
Зи бедоди Доро кушоданд роз,
Ки то даври ӯ буд дар гарму сард,
Кас аз пешаи хештан бар нах(в)ард.
Зи халқ ончунон бурд пайвандро,
Ки саг вонаёбад худовандро.
Ба некон даровехта бадсигол,
Касеро амонат на бар хуну мол.
Тазаллумкунон рафта з-ин марзу бум,
Мурувват ба Юнону мардӣ ба Рум.
Касеро, ки наздики ӯ санг буд,
Зи чандин сипоҳ он ду сарҳанг буд.
Чу бадгавҳаронро қавӣ кард даст,
Ҷаҳон бин, ки чун гавҳарашро шикаст.
Сарири бузургон ба хурдон супурд,
Бибин, то саранҷом чун гашт хурд.

На бас доваре бошад он сустрой,
Ки сахтӣ расонад ба халқи Худой.
Гаронмоягонро дарорад шикаст,
Фурӯмоягонро кунад чирадаст.
На хусрав шуд он кас, ки хаспарвар аст,
Хасӣ дигару хусравӣ дигар аст.
Намонда дар ин мулк бахшоише,
На дар шаҳру дар шаҳрӣ осоише.
Харошида аз кинаҳо синаҳо,
Шуда исмат аз қуфли ганҷинаҳо.
Харобӣ даромад ба ҳар пешае,
Батар з-ин куҷо бошад андешае,
Ки пешавар аз пеша бигрехтаст,
Ба кори дигар кас даровехтаст.
Биёбониён паҳлавонӣ кунанд,
Маликзодагон даштбонӣ кунанд.
Кишоварз шуғли сипаҳ соз кард,
Сипоҳӣ кишоварзӣ оғоз кард.
Ҷаҳонро намонад иморат басе,
Чу аз шуғли худ бигзарад ҳар касе.
Агар пеш аз ин додгар хуфта буд,
Ҳамон ахтари гетӣ ошуфта буд.
Кунун додгар ҳаст фирӯзманд,
Аз ин гуна бедод то чанд-чанд?»
Ҳаросанда шуд з-ин сухан шаҳрёр,
Мунодӣ барангехт дар ҳар диёр,
Ки «Ҳар пешавар пешаи х(в)ад кунад,
Ҷуз ин, гарчи некӣ кунад, бад кунад.
Кашоварз бар гов бандад лубод,
Зи говоҳану гов ҷӯяд мурод.
Сипоҳӣ бар оини худ раҳ барад,
Ҳамон шаҳрӣ аз шуғли худ нагзарад.
Нагирад касе ҷуз паи кори хеш,
Ҳамон пешаи аслӣ орад ба пеш.
Зи пеша гурезандаро бозҷуст,
Бад-он пеша додаш, ки буд аз нахуст.
Амалҳои ҳар кас падидор кард,
Ҳама кори олам сазовор кард.
Ҷаҳонро зи вайронии аҳди пеш
Ба ободӣ овард дар аҳди хеш.
Ҷаҳон дошт бар давлати хеш рост,
Ҷаҳон доштан зираконро сазост.

## ВАЙРОН КАРДАНИ ИСКАНДАР ОТАШКАДАҲОИ АҶАМРО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз шодии нӯшу ноз
Яке шарбат омез ошиқнавоз.

Ба ташна деҳ он шарбати дилфиреб,
Ки ташна зи шарбат надорад шикеб.

## АНДАРЗ ВА ГИЛА АЗ АҲЛИ РӮЗГОР

Сипанде биёр, эй ҷаҳондида пир,
Бар оташ фишон дар шабистони мир,
Ки чашмакзанон пешае мекунам,
Зи чашми бад андешае мекунам.
Валекин чу месӯзам аз дил сипанд,
Ба ман чашми бад чун расонад газанд?!
Хатарҳои раҳзан дар ин раҳ басест,
Касе, к-ин надонад, чӣ фориғ касест.
Чӣ умрест, к-ӯро зи чандин хатар
Ба афсунгарӣ бурд бояд ба сар.
Беҳ, ар пой аз ин поя берун ниҳам,
Наҳунбан бар ин деги пурхун ниҳам.

## ДОСТОН

Гузорандаи достонҳои пеш
Чунин гӯяд аз пешаҳдони хеш,
Ки «чун дини деҳқон бар оташ нишаст,
Бимурд оташу сӯхт оташпараст.
Сикандар бифармуд, к-эрониён
Кушоянд аз оташпарастӣ миён.
Ҳамон дини деринаро нав кунанд,
Гароиш суи дини хусрав кунанд.
Муғонро ба оташ супоранд рахт,
Бар оташкада кор гиранд сахт.
Чунон буд расм андар он рӯзгор,
Ки бошад дар оташгаҳ омӯзгор,
Кунад ганҷҳое дар ӯ пойбаст,
Набошад касеро бад-он ганҷ даст.
Тавонгар, ки меросхоре надошт,
Бар оташкада моли худро гузошт.
Бад-он расм, к-офокро ранҷ буд,
Ҳар оташкада хонаи ганҷ буд.
Сикандар чу кард он биноҳо хароб,
Равон кард ганҷе чу дарёи об.
Бар оташгаҳе, к-ӯ гузар доштӣ,
Бино кандӣ, он ганҷ бардоштӣ.
Дигар одат он буд, к-оташпараст
Ҳамасола бо наварӯсон нишаст.
Ба Наврӯзи Ҷамшеду Ҷашни Сада,
Ки нав гаштӣ оини оташкада,
Зи ҳар сӯ арӯсони нодидашӯй
Зи хона бурун тохтандӣ ба кӯй.

Рух ороста, дастҳо дар нигор,
Ба шодӣ давидандӣ аз ҳар канор.
Муғона маи лаъл бардошта,
Ба ёди муғон гардан афрошта.
Зи Барзини деҳқону афсуни Занд
Баровара дуде ба чархи баланд.
Ҳама корашон шӯхию дилбарӣ,
Гаҳ афсонагӯӣ, гаҳ афсунгарӣ.
Ҷуз афсун чароғе наяфрӯхтанд,
Ҷуз афсона чизе наёмӯхтанд.
Фурӯҳишта гесӯ шикан дар шикан,
Яке пойкӯбу яке дастзан.
Чу сарви сиҳӣ дастае гул ба даст,
Сиҳисарви зебо бувад гулпараст.
Сари сол, к-аз гунбади тезрав
Шумори ҷаҳонро шудӣ рӯзи нав,
Яке рӯзашон будӣ аз кӯю кох
Ба коми дили хеш майдон фарох.
Ҷудо ҳар яке базме оростӣ
В-аз он ҷо басе фитна бархостӣ.
Чу як ришта шуд иқди шоҳаншаҳӣ,
Шуд аз фитна бозори олам тиҳӣ.
Ба як тоҷвар тахта бошад баланд,
Чу афзун бувад, мулк ёбад газанд.
Яке тоҷвар беҳтар аз сад бувад,
Ки борон чу бисёр шуд, бад бувад.
Чунон дод фармон шаҳи некрой,
Ки расми муғон кас наёрад ба ҷой.
Гиромӣ арӯсони пӯшидарӯй
Ба модар намоянд рух ё ба шӯй.
Ҳама нақши найрангҳо пора кард,
Муғонро зи майхона овора кард.
Ҷаҳонро зи динҳои олуда шуст,
Нигаҳ дошт бар халқ дини дуруст.
Ба Эронзамин аз чунон пуштие
Намонд оташи ҳеч зардуштие.
Дигар з-он маҷусони ганҷинасанҷ
Ба оташкада кас наёганд ганҷ.
Ҳамон нозанинони гулнорчеҳр
Зи гулзори оташ буриданд меҳр.
Чу шоҳ аз ҷаҳон расми оташ зудуд,
Баровард аз оташпарастанда дуд.
Бифармуд, то мардуми рӯзгор
Ҷуз эзадпарастӣ надоранд кор.
Ба дини ҳанифӣ паноҳ оваранд,
Ҳама пушт бар меҳру моҳ оваранд.
Чу шуд мулк дар мулки он мулкбахш,
Ба майдонфарохӣ равон кард рахш.

Ба фархундагӣ фатҳро гашт ҷуфт,
Бад-он гуна, к-он нағзгӯянда гуфт.
В-«агар боядат, то ба ҳукми навӣ
Дигар гуна рамзе зи ман бишнавӣ,
Барор он куҳанпунбаҳоро зи гӯш,
Ки дебои навро кунад жандапӯш.
Бар он гуна, к-аз чанд бедормағз
Шунидам, дар ин шева гуфтори нағз.
Басе низ таърихҳо доштам,
Яке ҳарфи нохонда нагзоштам.
Ба ҳам кардам он ганҷи огандаро,
Варақпораҳои парокандаро.
Аз он кимиёҳои пӯшидаҳарф
Барангехтам ганҷдоне шигарф».
Ҳамон порсигӯи донои пир
Чунин гуфту шуд гуфти ӯ дилпазир,
Ки чун шаҳ зи Доро ситад тоҷу тахт,
Зи паргори Мавсил бурун бурд рахт.
Чу Зуҳра ба Бобил даромад нахуст,
Зи ҳорутиён хоки он бум шуст.
Бифармуд, то оташи мӯбадӣ
Кушанд аз ҳунармандию бихрадӣ.
Фусунномаи Зандро тар кунанд,
В-агарна ба зиндони дафтар кунанд.
Ба роҳи ниё халқро раҳ намуд,
Тафу дуди оташ зи дилҳо зидуд.
В-аз он ҷо ба тадбири озодагон
Даромад суи Озарободагон.
Ба ҳар ҷо, ки ӯ оташе дид чуст,
Ҳам оташ фурӯ кушту ҳам Занд шуст.
Дар он хитта буд оташе сангбаст,
Ки хондӣ «худисӯз»-аш оташпараст.
Садаш ҳирбад буд бо тавқи зар,
Ба оташпарастӣ гиреҳ бар камар.
Бифармуд, к-он оташи дерсол
Бикуштанду карданд яксар зукол.
Чу оташ фурӯ кушт, аз он ҷойгоҳ
Равон кард сӯи Сипоҳон сипоҳ.
Бад-он нозанин шаҳри ороста,
Ки бо хушдилӣ буду бо хоста,
Дили тоҷвар шодмонӣ гирифт,
Ба шодӣ паи комронӣ гирифт.
Басе оташи ҳирбадро бикушт,
Басе ҳирбадро дуто кард пушт.
Баҳоре куҳан буд чинингор,
Басе хуштар аз боғ дар навбаҳор.
Ба оини Зардушту расми маҷус
Ба хидмат дар он хона чандин арӯс.

Ҳама офати дида в-ошӯби дил,
Зи гулшон фурӯ рафта-дар по ба гил.
Дар ӯ духтаре ҷоду аз насли Сом,
Падар карда Озарҳумоюн-ш ном.
Чу бархондӣ афсуни он дилфиреб,
Зи дил ҳуш бурдӣ, зи доно шикеб.
Ба ҳорутӣ аз Зуҳра дил бурда буд,
Чу Ҳорут сад пеши ӯ мурда буд.
Сикандар чу фармуд кардан шитоб
Бад-он хона, то хона гардад хароб.
Зани ҷоду аз ҳайкали хештан
Намуд аждаҳое бад-он анҷуман.
Чу диданд халқ оташин аждаҳо,
Дили хеш карданд аз оташ раҳо.
Зи бими вай афтону хезон шуданд,
Ба назди Сикандар гурезон шуданд,
Ки ҳаст аждаҳое дар оташкада,
Чу қорура дар мардум оташ зада.
Касе, к-ӯ бад-он аждаҳо бигзарад,
Ҳамон соаташ ё кушад, ё х(в)арад.
Шаҳ аз рози он кимиёи ниҳуфт
Зи дастур пурсиду дастур гуфт:
«Балинос донад чунин розҳо,
Ки соҳибтилисм аст бар созҳо».
Балиносро гуфт шоҳ: «Ин хаёл
Чӣ гуна намояд ба мо бадсигол?»
Хирадманд гуфт: «Инчунин пайкаре
Надонад намудан ҷуз афсунгаре.
Агар шоҳ хоҳад, шитоб оварам,
Сари аждаҳо дар таноб оварам».
Ҷаҳондор гуфт: «Ин-т патёрае,
Бирав, гар тавонӣ, бикун чорае».
Хирадманд шуд сӯи оташкада,
Сиёҳаждаҳо дид, сар барзада.
Чу он аждаҳо дар Балинос дид,
Раҳи обгина дар алмос дид.
Барангехт он ҷодуи ношикеб,
Басе ҷодуиҳои мардумфиреб.
Нашуд коргар ҳеч дар чорасоз,
Суи ҷодуи хештан гашт боз.
Ҳар он ҷодуе, к-он нашуд коргар,
Ба ҷодуи худ бозпас кард сар.
Ба чорагарӣ зираки ҳушманд,
Фусуни фасояндаро кард банд.
Ба вақте ки он толеъ ояд ба даст,
К-аз ӯ ҷодуиро дарояд шикаст.
Бифармуд, к-оранд лахте судоб,
Бар он аждаҳо зад чу бар оташ об.

Ба як шуъбада баст бозишро,
Табаҳ кард найрангсозишро.
Чу духтар чунон дид, к-он ҳушманд
Зи найранги он сеҳр бикшод банд,
Ба пояш дарафтоду зинҳор хост,
Ба озарми шоҳи ҷаҳон бор хост.
Балинос чун рӯи он моҳ дид,
Таманнои худро бад-ӯ роҳ дид.
Ба зинҳори хеш устувориш дод,
Зи ҷодукушон растгориш дод.
Бифармуд, то оташ афрӯхтанд,
Бад-он оташ оташкада сӯхтанд.
Парирӯйро бурд наздики шоҳ,
Ки «ин моҳ буд аждаҳои сиёҳ.
Зане кордон асту бисёрҳуш,
Фалакро ба найранг печида гӯш.
Зи қаъри замин баркашад чоҳро,
Фуруд орад аз осмон Моҳро.
Зуҳалро сиёҳӣ бишӯяд зи рӯй,
Шавад бар ҳисоре ба як тори мӯй.
Ба хубӣ, чӣ гӯям, парипайкаре,
Париро набуда чунин духтаре.
Сари зулфаш аз чанбари мушки ноб
Расан карда бар гардани офтоб.
Ба иқболи шаҳ роҳ барбастамаш,
Ҳама ному номус бишкастамаш.
Забун шуд, даромад ба зинҳори ман,
Сазад, гар кунад хусраваш ёри ман.
В-агар хидмати шоҳро дарх(в)ар аст,
Маро ҳам худованду ҳам хоҳар аст».
Чу шаҳ дид рухсори он дилфиреб,
Баророста моҳе аз зарру зеб,
Балиносро дод, к-«Ин роми туст,
Сазовори май хӯрдани ҷоми туст.
Валекин мабош эмин аз ранги ӯ,
Машав ғофил аз макру найранги ӯ.
Агар каждуме каҳрабодум бувад,
Машав эмин аз вай, ки каждум бувад».
Балинос бар шукри таслими шоҳ
Рухи хеш молид бар хоки роҳ.
Парирӯйро бонуи хона кард,
Парӣ чанд аз ин гуна девона кард.
Баромӯхт з-ӯ ҷодуиҳо тамом,
Балиноси ҷодуш аз он гашт ном.
Агар ҷодуӣ, гар ситорашинос,
Зи худ маргро барнабандӣ марос.

## ХОСТГОРИИ ИСКАНДАР РАВШАНАКРО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он оби ҷӯи биҳишт
Дарафкан бад-он ҷоми оташсиришт.
Аз он обу оташ мапечон сарам,
Ба ман деҳ, к-аз он обу оташ тарам.

### ОРЗУ

Чӣ фаррух касе, к-ӯ ба ҳангоми дай
Ниҳад пеши худ оташу мурғу май.
Буте норпистон ба даст оварад,
Ки дар нори бустон шикаст оварад.
Аз он норван то ба вақти баҳор
Гаҳе нор ҷӯяд, гаҳе оби нор.
Бурун орад он гаҳ сар ба кунҷи кох,
Ки орад бурун сар шукуфта зи шох.
Ҷаҳон тоза гардад чу хуррамбиҳишт,
Шавад хуб саҳрову байғӯла зишт.
Бигирад сари зулфи он достон,
Зи хона хиромад суи гулситон.
Гулогин кунад чашмаи қандро,
Ба шодӣ гузорад даме чандро.

### ДОСТОН

Гузоришгари дафтари хусравон
Чунин кард махди гузориш равон,
Ки чун дар Сипоҳон камар баст шоҳ,
Расонид бар чархи гардон кулоҳ.
Баросуд рӯзе ду дар лаҳву ноз,
Зи мушкуи Доро хабар ҷуст боз.
Дари ҳафт ганҷинаро боз кард,
Ба расми каён хилъате соз кард.
Зи мисрию румию чинипаранд
Бароросt перояи арҷманд.
Либоси гаронмояи хусравӣ,
Ки дилро наво доду танро навӣ.
Қасабҳои зарбафту хазҳои нарм,
Ки пӯшандагонро кунад махд гарм.
Зи гавҳар басе иқд ороста,
Баромуда бо он басе хоста.
Басе нофаи муҳр нокарда боз,
Зи нифа басе ҷомаи дилнавоз.
Фиристод яксар ба мушкуи шоҳ,
Ба сурхӣ бадал кард ранги сиёҳ.

Ба марҷон зи пирӯза биншонд гард,
Тилои зар афканд бар лоҷвард.
Ба санги сияҳ бар зари сурх суд,
Магар бар маҳак зар ҳамеозмуд.
Шабистони Доро зи мотам бишуст,
Ба ҷои бунафша гули сурх руст.
Чу орост он боғи бадромро,
Барафрӯхт рӯи дилоромро.
Шикебоӣ овард рӯзе се-чор,
Ки то бишкуфад ғунчаи навбаҳор.
Арӯсон ба зеваркашӣ хӯ кунанд,
Сару фаркро нағзу некӯ кунанд.
Таманнои дил дар димоғ оваранд,
Назар сӯи равшанчароғ оваранд.
Чу донист, к-аз сӯг чизе намонд,
Руунат ба узр остин барфишонд,
Ба дастури ширинзабон гуфт: «Хез,
Забону қадам ҳарду бикшой тез.
Ба мушкуи Доро шав, аз мо бигӯй,
Ки ин ҷо бад-он гаштам оромҷӯй,
Ки то рӯи маҳрӯи доронажод
Бибинам, ки дидан-ш фархунда бод!
Ҳисоре кашам дар шабистони ӯ,
Барорам сари зердастони ӯ.
Яке маҳди заррин баромуда дур,
Ҳама пайкар аз лаълу пирӯза пур.
Бибар, то нишинад дар ӯ нозанин,
Хиромон шавад осмон бар замин.
Дигар бодпоёни бо зини зар,
Зи баҳри парастандагонаш бибар».
Чу дастури доно чунин дид рой,
Камар басту овард фармон ба ҷой.
Раҳи хонаи хоси Доро гирифт,
Ҳама хонаро дар мудоро гирифт.
Даромад ба мушкуи мушкинсиришт,
Чу оби равон, к-ояд андар биҳишт.
Биҳиште пур аз ҳури зебанда дид,
Фиребанда шуд, чун фиребанда дид.
Бад-он себчеҳрони мардумфиреб
Ҳамекард бозӣ чу мардум ба себ.
Нахустин ҳадисе, ки омад фуруд,
Зи шаҳ дод пӯшидагонро дуруд,
Ки мушкуи шаҳро зи шаҳ нур бод,
Дуӣ аз миёни шумо дур бод!
Агар чархи гардон хатое намуд,
Бад-ин хона дастозмоӣ намуд.
Шаҳ аз ҷумлаи он зиёнҳо, ки рафт,
Гуноҳе надорад дар онҳо, ки рафт.

Умедам чунон шуд саранҷоми кор,
Ки навмед аз ӯ гардад уммедвор.
Ба иқболи ин хона рой оварад,
Худовандии худ ба ҷой оварад.
Ба фармони Дорову фарҳанги хеш
Ниҳад шуғли пайвандро пой пеш.
Ҷаҳонподшоро чунин аст ком
Ба исматсарое чунин некном,
Ки равшан шавад рӯйи чун оҷи ӯ,
Шавад Равшанак дурратуттоҷи ӯ.
Ба равшанрухаш чашм равшан кунад,
Бад-он сурхгул хона гулшан кунад.
Зи Доро  чунин дарпазируфт аҳд,
Ба маҳ бурдан инак фиристод маҳд.
Ҷаҳондор, к-ин ҷо инон боз кард,
Таманнои ин шуғлро соз кард.
Забони касон баст аз ин гуфтугӯй,
Ба пои худ омад  бад-ин ҷустуҷӯй:
«Парирӯйро сӯи маҳд оваред,
Ба тартиби ин кор ҷаҳд оваред».
Чунин гуфт бо ройзан тарҷумон,
Ки «Дар сояи шоҳ доим бимон.
Каси хона ҳам хоназоде шавад,
Бабодомада ҳам ба боде шавад.
Ба оби зар ин нукта бояд навишт,
Шутурбон дуруд, он чи харбанда кишт.
Камаргӯшаи маҳди ӯ тоҷи мост,
Заминбӯси он маҳд меъроҷи мост.
Агар барда гирад, сарафкандаем,
В-агар ҷуфт созад, ҳамон бандаем.
Зи фармони ӯ сар набояд кашид,
Куҷо рои ӯ ҳаст заррин калид.
Агар сар дарорад бад-ин шуғл шоҳ,
Сари Равшанакро расонад ба моҳ.
Ба кобини хусрав ризо додаем,
Ки аз тухмаи хусравон зодаем.
Ба рӯзе, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Ки пайвандро бошад он ихтиёр,
Ба даргоҳи хусрав хиромаш кунем,
Ба оинпарастиш ромаш кунем».
Чу дастури фарзона посух шунид,
Суи шоҳ шуд, боз гуфт, он чи дид.
Рухи шаҳ барафрӯхт аз хуррамӣ,
Ки сайди ҷавоби хуш аст одамӣ.
Ҷавобе, ки дар гӯш гард оварад,
Нию̄шандаро дил ба дард оварад.
Ба рӯзе, ки толеъ баруманд буд,
Назарҳо сазовори пайванд буд.

Ҷаҳонҷӯй бар расми обои хеш
Паризодаро кард ҳамтои хеш.
Ба расми каён низ паймон гирифт,
Вафо дар дилу меҳр дар ҷон гирифт.
Дар он байъат аз баҳри тамкини ӯ
Ба мулки Аҷам баст кобини ӯ.
Бифармуд, то кордонони даҳр
Дар ороиш оранд бозору шаҳр.
Ба мансуҷи Хоразму дебои Рум
Мутарро кунанд он ҳама марзу бум.
Сипоҳон бад-он сон, ки мехостанд,
Ба дебову гавҳар биёростанд.
Кашиданд бар турраи кӯю бом
Шақоиқнаматҳои беҷодафом.
Аламҳо ба гардун барафрохтанд,
Ҷаҳонро нав ороише сохтанд.
Пур аз килла шуд кӯю бозорҳо,
Дигаргуна шуд сиккаи корҳо.
Нишонданд мутриб ба ҳар барзане,
Ағонисароеву барбатзане.
Шакаррез он уди афрӯхта,
Адӯро чи уду шакар сӯхта.
Зи Хезонтараф то лаби Зиндарӯд
Замин зинда гашт аз навои суруд.
Зи бас рӯди хезон, ки аз май расид,
Лаби Ромишонрӯдро май газид.
Гулоби Сипоҳону мушки Тароз
Сари шишаву нофа карданд боз.
Шафақ сурхгул баста бар сури шоҳ,
Табақ пуршакар карда хуршеду моҳ.
Сипеҳр аз шакар кӯшке сохта,
Зи гул гунбади дигар афрохта.
Ҳама буму кишвар зи шодӣ ба ҷӯш,
Муғаннӣ бароварда ҳар сӯ хурӯш.
Чу шаб ҷилва кард аз паранди сиёҳ,
Руху зулф ороcт аз мушку моҳ.
Садаф буд, гуфтӣ, магар моҳи чарх,
Дар ӯ ғолия суда аттори Карх.
Зи баҳри шаҳ он моҳи мушкинкаманд
Зи чашму даҳон сохт бодому қанд.
Фиристод ҳарду ба мушкуи шоҳ,
Ки дархурди мушку бувад мушку моҳ.
Дигар рӯз чун офтоби баланд
Арӯсона сар баркашид аз паранд,
Дили шоҳи Рум аз паи он арӯс
Ба шӯриш дарафтод чун занги Рус.
Яке маҷлис ороcт аз руду май,
Ки мину зи шармаш баровард хай.

Ба май лаҳв мекард бо меҳтарон,
Сару соғараш ҳарду аз май гарон.
Бибахшид чандон дар он рӯз ганҷ,
Ки омад замин аз кашидан ба ранҷ.
Чу шаб иқди хуршед дарҳам шикаст,
Ақиқе даромад шафақро ба даст.
Ба пирӯзаи бӯсҳоқиш дод,
Сухан бин, ки бо бӯсҳоқон фитод.
Малик ёфт бар коми дил дастрас,
Ба мушкуи мушкин фиристод кас,
Ки то Равшанакро чу равшанчароғ
Биёранд бо боғперои боғ.
Чунин гуфт бо Равшанак модараш,
Зи равшанравон шоҳ Искандараш,
Ки «ёқути яктои искандарӣ,
Чу ҳамтои дур шуд ба ҳамгавҳарӣ,
Бад-ин ақд давлатпаноҳӣ кунем,
Ҳамон мирию подшоҳӣ кунем.
Набояд сар аз ҳукми ӯ тофтан,
Ки натвон аз ӯ беҳтаре ёфтан.
Камар кун сари зулф бар бандагиш,
Ки фаррух бувад бар ту фархундагиш.
Ҷуз ӯ ҳар кӣ ӯ бо ту сар мезанад,
Чу зулфи ту бар сар камар мезанад.
Ба гӯши ту гар ҳалқаи зар бувад,
Чу бе ӯ бувад, ҳалқаи дар бувад.
Мудорои ӯ кун, ки Дорои мост,
Чу Доро дилаш бар мудорои мост».
Пазируфт аз ӯ духтари дилнавоз,
Пазируфтане сахт бо шарму ноз.
Паризодаро аз паи базми шоҳ
Нишонданд дар маҳди заррин чу моҳ.
Ба хилватгаҳи хусраваш тохтанд,
Зи наззорагон парда пардохтанд.
Паси он, ки шуд пешкашҳои нағз,
Ки бинандагонро барафрӯхт мағз,
Сабук модари меҳрубон даст бурд,
Гиромӣ садафро ба дарё супурд,
Ки аз тухми шоҳону гарданкашон
Ҳамин як сиҳисарв монда нишон.
Нагӯям, гиромитарин гавҳаре
Супурдам ба номитарин шавҳаре.
Падаркуштаи бепадармондае,
Ятиме, вилоятбарафшондае.
Супурдам ба зинҳори искандарӣ,
Ту донию фардову он доварӣ».
Пазируфт шоҳаншаҳ аз модараш,
Ниҳод афсари ҳамсарӣ бар сараш.

Ба савсан супурданд шамшодро,
Чаман ҷой шуд сарви озодро.
Шаҳ аз лаъли он гавҳари шоҳвор
Ба гавҳар харидан даромад ба кор.
Паричеҳрае дид, к-аз дилбарӣ
Парастанда шуд пайкарашро парӣ.
Хироманда сарви рутаббори ӯ,
Шакар чошнигири гуфтори ӯ.
Фиребанда чашми ҷафоҷӯю тез,
Давобахши бемору беморхез.
Араш кӯтаҳу зулфу гардан дароз,
Лабе чун шакар, хол бо ӯ ба роз.
Занах содаву ғабғаб овехта,
Гулобе зи ҳар чашме ангехта.
Ба хунобпарвардае чун ҷигар,
Сар аз дида баркардае чун басар.
Ба ҳар шӯр, к-аз лаб барангехтӣ,
Намак бар дили хастае рехтӣ.
Ба ҳар ханда, к-аз лаб шакаррез кард,
Шакархандаеро маниш тез кард.
Рухе чун гулу оби гул рехта,
Миён лоғару сина ангехта.
Шикангир гесӯяш аз мушки ноб
Зада соя бар чашмаи офтоб.
Сикандар, ки он чашмаву соя дид,
Баросуда шуд, чун ба манзил расид.
Ба чашми вафо созгор омадаш,
Дилаш бурд, чун дар канор омадаш.
Ба коми дилаш танг дар бар гирифт,
В-аз он комдил коми дил баргирифт.
Шуда равшан аз Равшанак ҷони ӯ,
Зи фирдавс равшантар айвони ӯ.
Ҷаҳонбонуяш хонд пайваста шоҳ,
Бар ӯ дошт оини ҳашмат нигоҳ,
Ки бедору бошарму оҳиста буд,
Зи ногуфтаниҳо забон баста буд.
Калиди ҳама подшоҳӣ, ки дошт,
Бад-ӯ доду тоҷаш зи гардун гузошт.
Яке соат аз дидани рӯи ӯ
Шикебо нашуд, то нашуд сӯи ӯ.
Ба шодӣ дар он кишвари чун биҳишт
Баросуд бо он биҳиштисиришт.
Чу субҳ аз рухи рӯз бурқаъ кушод,
Хутан бар Ҳабаш доғи ҷизят ниҳод.
Хурӯси сурохӣ даромад ба ҷӯш,
Хурӯш аз сари хум ҳамегуфт: «Нӯш!»
Зи ҳалқи хурӯсони товусдум
Фурӯрехт дар тосҳо хуни хум.

Маю маҷлиси шаҳ бар овози чанг
Ба рухсори гетӣ даровард ранг.
Шаҳи ҳафт кишвар ба расми каён,
Яке ҳафтчашма камар бар миён.
Баромад чу хуршед болои тахт,
Фалак дар ғуломӣ камар карда сахт.
Баророста базме аз ною нӯш,
Ба лутфе, ки бинандаро бурд ҳуш.
Нишонданд шоистагонро зи пой,
Ба қадри ҳунар ҳар яке ҷуст ҷой.
Шакар рехт мутриб ба ромишгарӣ,
Камар баст соқӣ ба ҷонпарварӣ.
Зи тарри, ки мерафт руду рубоб,
Ҳавасро ҳамебурд чун рӯди об.
Сикандар сахоро сароғоз кард,
Дари ганҷи искандарӣ боз кард.
Зи бас ганҷ додан ба эронсипоҳ
Зи доман гуҳар мавҷ зад бар кулоҳ.
Ҷаҳонро ба перояҳои навӣ
Баророст аз хилъати хусравӣ.
Ҳамоно, ки буд офтоби баланд,
Ҳама олам аз нури ӯ баҳраманд.
Баландофтобе, ки шуд ганҷбахш,
Ба додан нагардад тиҳӣ чун дурахш.
Ҷаҳондор бахшанда бояд, на хас,
Хисоли ҷаҳондорӣ ин асту бас.

## БА ПОДШОҲӢ НИШАСТАНИ ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он шабчароғи муғон
Биёвар, зи ман бармаёвар фиғон.
Чароғе, к-аз ӯ чашмҳо равшан аст,
Чароғи диламро аз ӯ равған аст.

### АНДАРЗ

Бигӯ, эй сухан, кимиёи ту чист?
Иёри туро кимиёсоз кист?
Ки чандин нигор аз ту барсохтанд,
Ҳанӯз аз ту ҳарфе напардохтанд.
Агар хонахезӣ, қарорат куҷост?
В-ар аз дар дарой, диёрат куҷост?
Зи мо сар барорию бо мо наӣ,
Намой ба мо нақшу пайдо наӣ.

Амалхонаи дил ба фармони туст,
Забон худ амалдори девони туст.
Надонам, чӣ мурғӣ бад-ин накуӣ,
Зи мо ёдгоре ки монад, туӣ.
Сухан бин, чӣ олист болои ӯ,
Касоде мабинод колои ӯ!
Матоъи гаронмоя косид мабод,
В-агар бод, бар коми ҳосид мабод!
Биёр, эй сухангӯи чобуксарой,
Бисоти суханро якояк ба ҷой.
Сухан рон аз он номвар хуфтагон,
Фусуне фурӯ дам ба ошуфтагон.

## ДОСТОН

Гузорандаи саргузашти нахуст
Ба андешаи нағзу рои дуруст
Чунин дод мужда, ки чун шаҳрёр
Ба мулки Сипоҳон баророст кор
Зи пирӯзии чархи пирӯзаранг
Набудаш басе дар Сифоҳон диранг,
Ба Истахр шуд, тоҷ ба сар ниҳод
Ба ҷои Каюмарсу ҳам Кайқубод.
Шуд ороста мулки Эрон бад-ӯ,
Қавӣ гашт пушти далерон бад-ӯ.
Бузургон бад-ӯ таҳният сохтанд,
Бад-он бар бузургӣ сар афрохтанд.
Нисоре, ки бошад сазовори тахт,
Фишонданд бар шоҳи фирӯзбахт.
Зи сарчашмаи Нил то рӯди Ганг,
Зи шӯроби Чин то ба талхоби Занг
Расулон расиданд бо сову боҷ,
Ҳумоюнкунон шоҳро тахту тоҷ.
Чу шаҳ пой бар тахти заррин ниҳод,
Зи ганҷи сухан ҳисни рӯйин кушод,
Ки бод офаринандаеро сипос,
Ки кард офарингӯйро ҳақшинос.
Сари чун манеро зи болини хок
Ба анҷум расонид чун нури пок.
Ба Эронам овард аз ақсои Рум,
Ба фармони ман сангро кард мум.
Ба ҷое расонид кори маро,
Ки маҳмил кашад чархи бори маро.
Пазируфтам аз довари осмон,
Ки н-осоям аз доварӣ як замон.
Ситамдидаро додбахшӣ кунам,
Шаби тирагонро дурахшӣ кунам.
Хирад бар вафо раҳнамои ман аст,
Салоҳи ҷаҳон дар вафои ман аст.

Раҳи ростӣ гирам имрӯз пеш,
Ки огоҳам аз рӯзи фардои хеш.
Бипарҳезам аз рӯзи узроварӣ,
Ба парҳезгорӣ кунам доварӣ.
Зи пешонии пил то пои мӯр
Наёяд зи ман бар касе дасти зӯр.
Надорам тамаъ бар зару сими кас,
В-агарчанд ёбам бар он дастрас.
Зи халқ, арчи озор бинам басе,
Нахоҳам, ки озорад аз ман касе.
Деҳу дударо баргирифтам хироҷ,
На сов аз вилоят ситонам, на боҷ.
Агар ганҷе орам зи дунё ба даст,
Муҳайё кунам, қисмати ҳар кӣ ҳаст.
Диҳам ҳар касеро зи давлат калид,
Кунам пояи кори ҳар кас падид.
Ҳунармандро сар барорам баланд,
Кашам пои девонаро зери банд.
Бипечам сар аз ройгонхорагон,
Магар безабонону бечорагон.
Чу дорад тануманд корогаҳӣ,
Нахоҳам, ки бошад зи коре тиҳӣ.
Чу бинам касеро, ки ӯ ранҷ бурд,
Ки бо харҷи ӯ дахли ӯ ҳаст хурд,
Дар он харҷаш уммедворӣ диҳам,
Зи ганҷинаи хеш ёрӣ диҳам.
Ба дину ба дониш кунам корҳо,
Диҳам додро рӯзи бозорҳо.
Надорам зи кас тарс дар ҳеч кор,
Магар з-он касе, к-ӯ бувад тарскор.
Дар ос афканам, ҳар киро суд нест,
Бибахшоям онро, ки бахшуданист.
Ҷаҳон аз сахо дорам ороста,
Суханро мадад бахшам аз хоста.
Ситамро зи худ дур дорам ба ҳуш,
Ситамкашнавозам, ситамгоракуш.
Ба ҷои яке бад яке бад кунам,
Ба подоши некӣ яке сад кунам.
Уқубат кунам халқро бар гуноҳ,
Навозиш кунам, чун шавад узрхоҳ.
Чу гардан кашад хасм, гардан занам,
Чу дар душманӣ тан занад, тан занам.
Бино кардани некӣ аз ман бувад,
Бадиро бидоят зи душман бувад.
Ман он хок безам ба ғирболи рой,
Ки бистонаму боз резам ба ҷой.
Чу дӯлоб, к-ӯ шарбати тар диҳад,
Аз ин сар ситонад, бад-он сар диҳад.

Ба ҳар-ч аз сари теғам ояд фароз,
Сари тозиёнам кунад турктоз.
Сари теғам орад ҷаҳонро ба чанг,
Сари тозиёна диҳад бедиранг.
Аз он омадам бар сари ин сарир,
Ки афтодагонро шавам дастгир.
Яке пайкарам з-абру аз офтоб,
Ба як даст оташ, ба як даст об.
Ба санге расам сахт, бигдозамаш,
Ба киште расам ташна, бинвозамаш.
Ба худ н-омадам сӯи Эрон зи Рум,
Худоям фиристод аз он марзу бум.
Бад-он то ҳақ аз ботил орам падид,
Зи ман банди ҳар қуфл ёбад калид.
Сари ҳақшиносон барорам зи хок,
Ба ботилпарастон дарорам ҳалок.
Зи дунё барам ранги нодоштӣ,
Диҳам бодро бо чароғ оштӣ.
Фаришта кунам деви ҳар хонаро,
Баророям аз ганҷ вайронаро.
Куҷо адли ман сар барорад чу сарв,
Зи бедоди шоҳин натарсад тазарв.
Шубонӣ кунад гург бар гӯсфанд,
Ҳамон шер бар гург н-орад газанд.
Бадонро зи некӣ кунам носабур,
Зи некон бадиро кунам низ дур.
Касеро, ки ман сар барафрохтам,
Ба пои касаш дар наяндохтам.
В-агар ҳамсареро даридам ҷигар,
Надодам ба даррандагони дигар.
Накуштам ниҳонӣ касеро ба заҳр,
Магар, к-ошкоро ба шамшери қаҳр.
На дар кас ҷаҳонсӯзӣ омӯхтам,
На бе ҳуҷҷате хирмане сӯхтам.
Нахоҳам, ки орам ба кас-бар шикаст,
В-агар бишканам, мӯмиёим ҳаст.
Гар аз ман ба чашме расад чашмдард,
Тавонам дар ӯ тӯтиё низ кард.
Худоям дар ин кор ёрӣ диҳод,
Зи чашми бадон растгорӣ диҳод».
Чу ин достон гуфт шаҳ як ба як,
Ниюшандаро даст шуд бар фалак.
Дар он анҷуман буд бисёр кас,
Ба шоҳозмоӣ кушода нафас.
Аз он булфузулони бисёргӯй
В-аз он булҳакимони девонахӯй
Пажӯҳандае буд ҳуҷҷатнамой,
Дар он анҷуман гашт шоҳозмой,

Ки «шоҳо, маро як дирам дарх(в)ар аст,
Агар бахшӣ, аз кишваре беҳтар аст».
Ҷаҳондор гуфт: «Аз худованди гоҳ
Ба андозаи қадри ӯ ганҷ хоҳ».
Пажӯҳанда гуфто: «Чу аз як дирам
Хиҷолат барад шаҳ, ки чизест кам,
Беҳ, ар мулки олам бибахшад ба ман,
Ба анҷум расонад сарам з-анҷуман»
Дигарбора шаҳ гуфт к-«эй бадсигол,
Ба андозаи худ накардӣ суол.
Ду хоҷат намудӣ на бар ҷои хеш,
Яке кам зи ман, дигаре аз ту беш.
Ба андоза бояд сухан густарид,
Газофа суханро набояд шунид.
Сухан к-он ба абрӯ дарорад гиреҳ,
Агар офарин аст, ногуфта беҳ».
Дигар пурсише кард марди далер,
Ки «боло чароӣ туву халқ зер?
Чу гӯӣ, ки якрӯя ҳастем ёр,
Чаро зеру боло дарорӣ ба кор?»
Малик гуфт: «Сарвар манам з-ин гурӯҳ,
Чу сар зер бошад, набошад шикӯҳ.
Сари рустанӣ зер зебо бувад,
Сари одамӣ беҳ, ки боло бувад.
Беҳ, ар шохро ҷой бошад баланд,
Ки то дидаҳо з-ӯ шавад баҳраманд».
Дигар зираке гуфт, к-«эй шаҳрёр,
Хирадмандро бо руунат чӣ кор?
Туро зевари эзадӣ дар дил аст,
Ба зевар чӣ пӯшӣ тане, к-аз гил аст?»
Малик гуфт к-«ороиши хусравӣ
Диҳад чашми бинандагонро навӣ.
Ман, ар шахси худро чу гулшан кунам,
Шуморо ба худ чашмравшан кунам.
Набинӣ, ки чун бишкуфад навбаҳор,
Бад-ӯ чашмравшан шавад рӯзгор».
Аз он нуктаҳо мардуми тезҳуш
Пур аз лаълу пирӯза карданд гӯш.
Дуо тоза карданд бар ҷони ӯ,
Ба ҷон бозбастанд паймони ӯ.
Аз он бурдборӣ, к-аз ӯ ёфтанд,
Ба фармони ӯ пок биштофтанд.
Ба оини Ҷамшед ҳар рӯз шоҳ
Шудӣ бар сари гоҳ ҳар субҳгоҳ.
Навозиш ҳамекард бо бандагон,
Нигаҳ дошт оини фархундагон.
Фиристод нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар марзбонею ҳар меҳтаре.

Гароидашон дил ба афсуни хеш,
Амон додашон аз шабехуни хеш.
Ҷаҳонро ба фармони худ ром кард,
Дар он ром кардан кам ором кард.

## ФИРИСТОДАНИ ИСКАНДАР РАВШАНАКРО БА РУМ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он сирфи беҷодаранг
Ба ман деҳ, ки поям даромад ба санг.
Магар чора созам дар ин сангрез,
Чу беҷода аз санг ёбам гурез.

### АНДАРЗ

Фалак ноқаро з-он сабукрав кунад,
Ки ҳар рӯзу шаб бозии нав кунад.
Кунад ҳар замон сулҳу ҷанге дигар,
Хаёле намояд ба ранге дигар.
Ҳама буданиҳо, ки буд аз нахуст,
На ин аст, агар бозҷӯӣ дуруст.
Ҳам аз парваришҳои парвардгор
Дигаргуна шуд сурати ҳар нигор.
Сари шуғли мо гар дарояд ба хоб,
Мапиндор, к-ин хона гардад хароб.
Басо кас, ки аз рӯи олам кам аст,
Ҳамоно, ки олам ҳамон олам аст.
Чӣ созем, чун созгорон шуданд,
Рафиқон гузаштанду ёрон шуданд.
Ба ҳангоми худ тӯшаи раҳ бисоз,
Ки ёрон зи ёрон намонанд боз.
Саранҷом, агарчи бади бад равад,
«Хари ланг во охури х(в)ад равад».

### ДОСТОН

Гузориш чунин кард гӯёи давр,
Ки авранги шоҳон нашуд ҷои ҷавр.
Сикандар, ки ӯ мулки олам гирифт,
Паи ҷустани коми худ кам гирифт.
Салоҳи ҷаҳон ҷуст аз он доварӣ,
Ҷаҳон з-ин сабаб додаш он ёварӣ.
Ҷаҳон боядат, шуғли он шоҳ кун,
Ҳамон кун, ки ӯ карду кӯтоҳ кун.
Чу бар мулки офоқ шуд комгор,
Ҳамегашт бар коми ӯ рӯзгор.

Ҳабаш то Хуросону Чин то ба Ғур
Ба фармони ӯ гашт бе дасти зӯр.
Ба ҳар кишваре қосидон тохтанд,
Ҳама сикка бар номи ӯ сохтанд.
Ҷаҳондор агарчи дили шер дошт,
Ҷаҳон ҷумла дар зери шамшер дошт.
Набуд эътимодаш бар он марзу бум,
Ки ҳаст эминободи румӣ ба Рум.
Шабе, к-осмон толиъи дод ҷуст,
К-аз он толиъ ояд замире дуруст.
Фиристоду дастури худро бихонд,
Суханҳои пӯшида бо ӯ биронд,
Ки «чун мулки Эронам омад ба даст,
Нахоҳам ба як ҷо шудан пойбаст.
Ба гардандагӣ чун фалак моилам,
Ҷуз офоқгардӣ нахоҳад дилам.
Бибинам, ки дар гирди офоқ чист,
Тавонотар аз ман дар офоқ кист?
Чунон бинам аз рои равшан савоб,
Ки чун ман кунам гирди гетӣ шитоб,
Зару зевари худ фиристам ба Рум,
Ки ҳаст устуворӣ дар он марзу бум.
Набояд, ки моро шавад кор суст,
«Сабӯ н-ояд аз об доим дуруст».
Бадандеш гирад сари тахти мо,
Ба торољи душман шавад рахти мо.
Ҷаҳонро чунин дарди сарҳо басест,
В-аз ин гуна дар раҳ хатарҳо басест.
Ту низ, ар ба Юнон шавӣ боз ҷой,
Писандида бошад ба фарҳангу рой.
Ҳамон мулкро дорӣ аз фитна дур,
Ки Маҳ ноиби Меҳр бошад ба нур.
Ҳамон Равшанакро, ки бонуи мост,
Барӣ, то шавад кори он мулк рост.
Ба рое, ки дастур бошад хирад,
Нигаҳ дорӣ андозаи неку бад.
Ниёбат ба ҷой орӣ аз дину дод,
Наёрӣ зи ман ҷуз ба некӣ ба ёд.
Туро аз бузургон писандидаам,
Ба чашми бузургит аз он дидаам».
Вазир аз ҳунармандии рои хеш
Чунин гуфт бо корфармои хеш,
Ки «фармонраво бод шоҳи ҷаҳон,
Ба фармони ӯ рои корогаҳон.
Замон то замон қадри ӯ беш бод!
Ғараз бо таманнои ӯ хеш бод!
Ҳисобе, ки фармуд рои баланд,
Кас аз пешбинӣ набинад газанд.

Ба фархунда шуғле, ки фармуд шоҳ,
Камар бандаму сар напечам зи роҳ.
Вале шоҳ бояд, ки дар кори хеш
Пажӯҳиш намояд ба миқдори хеш.
Чу поёни рафтан фароз оядаш,
Суи боз гаштан ниёз оядаш.
Ба фармондиҳӣ сар надорад гарон,
Ҷаҳонро супорад ба фармонбарон.
Нашояд ба як тан ҷаҳон доштан,
Ҳама олам они худ ангоштан.
Ҷаҳон қисмати мулк дорад басе,
В-аз ӯ ҳаст ҳар қисмате бо касе.
Чу қисми Худоро кунӣ роми хеш,
Бар он қисмат афтода дон номи хеш.
Тарафдор чун шуд ба фармони ту,
Тараф бар тараф ҳаст мулк они ту.
Чу мулки ту шуд хонаи душманон,
Бад-ӯ боз магзор яксар инон.
Дар ин буми бегона кам кун нишаст,
Макун хештанро бад-ӯ пойбаст.
Ту натвонӣ ин мулкро доштан,
На бар ворисон низ бигзоштан,
Ки бар мулки ин хона даъвӣ басест,
Ҳамон ҳуҷҷати мулк бо ҳар касест.
Дар ин марзу бум аз паи сарварӣ
Зи румӣ мадеҳ ҳеч касро сарӣ.
Замини Аҷам гӯргоҳи Кай аст,
Дар ӯ пои бегона вахшипай аст.
Дар ин солҳо, к-эминӣ аз газанд,
Барор аз ҷаҳон номи шоҳӣ баланд.
Чу ой суи кишвари хеш боз,
Макун кори кӯтоҳ бар худ дароз.
Маликзодагонро барафрӯз чеҳр,
Ки то бар ту фирӯз гардад сипеҳр.
Ба ҳар кишваре подшое фирист,
Талабгори ҷое ба ҷое фирист.
Тарафҳо ба шоҳон гирифтор кун,
Ба ҳар сӯ якеро тарафдор кун,
Ки тарсам, дигарбора эрониён
Бибанданд бар хуни Доро миён.
Даронанд лашкар ба Юнону Рум,
Харобӣ дароянд дар он марзу бум.
Чу ҳар як ҷудогона шоҳӣ кунанд,
Зи якдигарон кинахоҳӣ кунанд.
Зи машғулии мулки худ ҳар касе
Надорад суи мо фароғат басе.
Чу душман дарорад ба тороҷ даст,
Бад-ин чора шояд бад-ӯ роҳ баст.

Дигар, кин маянгез дар ҳеч бум,
Сари кинахоҳон макаш сӯи Рум.
Ба хунрезии шаҳрёрон макӯш,
Ки то фитнаро хун наёяд ба ҷӯш.
Мапиндор, к-аз хуни гарданкашон
Чу хуни Сиёвуш намонад нишон.
Макаш теғ бар хуни кас бедареғ,
Туро низ хун асту бо чарх теғ.
Чӣ хуш достоне зад он ҳушманд,
Ки «Бар ногазоянда н-ояд газанд.
Камозор шав, к-аз ҳама доғу дард
Кам озор ёбад камозор мард.
Ками худ нахоҳӣ, ками кас магир,
Мамирон касерову ҳаргиз мамир».
Чу дастур аз ин гуна бинмуд роҳ,
Сухан коргар шуд, пазируфт шоҳ.
Чу гардун сари ташти симин кушод,
Ғуроби сияҳ хоя заррин ниҳод.
Магар мӯбади пир бар бостон
Бад-ин ташту хоя зад он достон.
Ҷаҳондор фармуд, к-ояд вазир,
Ба рафтан нишаст аз бари боргир.
Кутубхонаи порсӣ ҳар чӣ буд,
Ишорат чунон шуд, ки оранд зуд.
Суханҳои сарбаста аз ҳар даре,
Зи ҳар ҳикмате сохта дафтаре.
Ба Юнон фиристод бо тарҷумон,
Набишт аз забоне ба дигар забон.
Чу дастур омад ба дастури шоҳ,
Ки гирад дуасба суи Рум роҳ,
Барад Равшанакро баророста,
Ҳамон дафтару гавҳару хоста.
Ба фармони шаҳ ҷой бигзоштанд,
Ба Юнонзамин роҳ бардоштанд.
Зи шоҳи ҷаҳон Равшанак бор дошт,
Садаф дар шикам дурри шаҳвор дошт.
Чу мавкиб даромад ба Юнонзамин,
Гаронбор шуд гавҳари нозанин.
Чу нуҳмоҳа шуд, кони гавҳар кушод,
Ҷаҳон бар гуҳар гавҳаре нав ниҳод.
Ниҳоданд номаш пас аз маҳдбӯс
Ба фармони Искандар Искандарус.
Арасту, ки дастури даргоҳ буд,
Ба Юнонзамин ноиби шоҳ буд,
Маликзодаро дар хирому х(в)ариш
Ҳамедод чун ҷони худ парвариш.
Нигорин рухашро ба нозу ба нӯш,
Навоин дилашро ба фарҳангу ҳуш

Баровarда гир инчунин сад нигор,
Фурӯ бурда хокаш саранҷоми кор.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ҶОНИБИ МАҒРИБ ВА ЗИЁРАТИ КАЪБА

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май, ки меҳнатбар аст,
Ба чун ман касе деҳ, ки меҳнатх(в)ар аст.
Магар бӯи роҳат ба ҷонам диҳад,
Зи меҳнат замоне амонам диҳад.

### АНДАРЗ

Муборак бувад фоли фаррух задан,
На бар рух задан, балки шаҳрух задан.
Баландӣ намудан дар афкандагӣ,
Фароҳам шудан дар парокандагӣ.
Чу шамъ аз дарунсӯ ҷигар сӯхтан,
Бурунсӯ зи шодӣ барафрӯхтан.
Чу оҷиз шавад марди чорасигол,
Зи бечорагӣ даргурезад ба фол.
Калид орад аз регу санге ба чанг,
Ки оҳан басе хезад аз регу санг.
Дареро, ки дар ғайб шуд нопадид,
Ба ҷуз ғайбдон кас надонад калид.
Зи беҳбуд зан фол, к-он суди туст,
Ки беҳбуди ту асли беҳбуди туст.
Маранҷ аз низорӣ, ки фарбеҳ шавӣ,
Чу гӯӣ, к-аз ин беҳ шавам, беҳ шавӣ.
Зи мо қуръа бар коре андохтан,
Зи корофарин корҳо сохтан.
Дар ин парда, к-инсоф ёридеҳ аст,
Агар пардае каҷ наёрӣ, беҳ аст.
Дило, парда танг аст, ёрам ту бош,
Зи пардадарон пардадорам ту бош.

### ДОСТОН

Гузорандаи байти ғаррои ман,
Ки шуд зеби ӯ зеваророи ман
Хабар медиҳад, к-он ҷаҳонгир шоҳ,
Чу барзад ба гардун сари боргоҳ,
Фиристоданиро зи ҳар марзу бум
Фиристод бо устуворон ба Рум.
Чу гашт аз фусуни ҷаҳон беҳарос,
Ҷаҳонро ба гаштан нигаҳ дошт пос.

Ҳама олам аз муждаи доди ӯ
Нахӯрданд як қатра бе ёди ӯ.
Сикандар, ки фаррухҷаҳондор буд,
Шабу рӯз дар кор бедор буд.
Ба сози ҷаҳон бурд созандагӣ,
Навое назад ҷуз навозандагӣ.
Ҷаҳон гарчи зери каманд омадаш,
Накард, он чи нодилписанд омадаш.
Наёзурд касро зи гарданкашон,
Падид оварид эминиро нишон.
Агар низ паҳлӯзанеро бикушт,
Аз ӯ беҳтареро қавӣ кард пушт.
В-агар буму шаҳре зи ҳам баркушод,
Аз он беҳ яке шаҳри дигар ниҳод.
Замона ҷуз ин худ набинад савоб,
Ки инро кунад хубу онро хароб.
Сикандар, ки кард он иморатгарӣ,
Куҷо то куҷо садди искандарӣ,
Зи паргори Чин то ҳади Қирвон
Ба даргоҳи ӯ гашт пайке равон.
Васиқа талаб кард ҳар сарваре
Ба зинҳорхоҳӣ зи ҳар кишваре.
Аз он туҳфаҳо, к-он бувад дилфиреб,
Фиристод ҳар кас ба оину зеб.
Ҷаҳондор фармуд, к-аз мушки ноб
Нависанд ҳар ҷониберо ҷавоб.
Аз он пас, ки чанде баромад бар ин,
Саре чанд зад осмон бар замин.
Хидеви ҷаҳон дар ҷаҳон тохтан,
Баророст азми сафар сохтан.
Ҳунарномаҳои Араб хонда буд,
Дар он орзу солҳо монда буд,
Ки чун дар Аҷам дастгоҳаш бувад,
Араб низ ҳиндуи роҳаш бувад.
Ҳамон Каъбаро низ бинад ҷамол,
Шавад шод аз он нақши фирӯзфол.
Чу мулки Аҷам ром шуд шоҳро,
Ба мулки Араб ронд бунгоҳро.
Ба харворҳо ганҷи зар баргирифт,
Ба азми биёбон раҳ андаргирифт.
Сарони арабро зарафшони ӯ
Сар овард бар хатти фармони ӯ.
Чу диданд фирӯзии лашкараш,
Араб низ гаштанд фармонбараш.
Чунон тохт бар кишвари тозиён,
К-аз ӯ тозиёнро наёмад зиён.
Ба ҳар манзиле, к-ӯ инон кард х(в)аш,
Ҳамаш нузл бурданду ҳам пешкаш.

Ба ҷуз хӯрданиҳои боистанӣ,
Ҳамон гӯсфандони шоистанӣ,
Ба андозаи дастрасҳои хеш
Кашиданд бисёр ганҷина пеш.
Ҳам аз тозиасбони саҳронавард,
Ҳам аз теғи чун обизаҳробх(в)ард,
Ҳам аз найзаи хаттии сиариш
Синонаш ба хун ёфта парвариш.
Шутур низ ҳам ноқа, ҳам бесурок
Шитобанда чун боду аз гард пок.
Адиму дигар тухфаҳои ғариб,
Ҳам аз ҷинси ҷавҳар, ҳам аз ҷинси тиб.
Замон то замон аз паи ҷоҳи ӯ
Кашиданд ҳамле ба даргоҳи ӯ.
Ҷаҳондор, к-он дид, бикшод ганҷ,
Ба харворҳо гашт пероясанҷ.
Ҳама бодия фарши атлас кашид,
Замин зери ёқут шуд нопадид.
Суи Каъба шуд рух барафрӯхта,
Ҳисоби маносик даромӯхта.
Қадам бар сари нофи олам ниҳод,
Басо нофа, к-аз нофи олам кушод.
Чу паргори гардун бар он нуқтагоҳ
Ба пои парастиш бипаймуд роҳ.
Тавофе, к-аз ӯ нест касро гузир,
Бароварду шуд хонаро ҳалқагир.
Нахустин, дари Каъбаро бӯса дод,
Паноҳандаи хешро кард ёд.
Бар он остон зад сари хешро,
Хазина басе дод дарвешро.
Дирам доданаш буд ганҷи равон,
Шутур доданаш корвон-корвон.
Чу дар хонаи ростон кард ҷой,
Худовандро шуд парастишнамой.
Ҳама хона дар ганҷу гавҳар гирифт,
Дару бом дар мушку анбар гирифт.
Чу шарти парастиш ба ҷой оварид,
Адими Яман зери пой оварид.
Яманро барафрӯхт аз гарди хайл,
Чунон чун адими Яманро Суҳайл.
Дигар раҳ даромад ба мулки Ироқ,
Суи хонаи хеш кард иттифоқ.
Бариде даромад чу озадагон
Зи фармондиҳи Озарободагон,
Ки «шоҳи ҷаҳон чун ҷаҳон ром кард,
Ситамро зи олам тиҳином кард.
Ҷаро кори Арман фурӯҳишт суст,
Накард он бару бумро бозҷуст?

Ба рӯзи ту ин бум наздиктар,
Чаро монад аз шом ториктар,
Ба Арман-дар оташпарастӣ кунанд,
Дигар шоҳро зердастӣ кунанд.
Дар Абхоз гурдест одинажод,
Ки аз разми Рустам наёрад ба ёд.
Даволӣ ба ном он савори далер
Барорад давол аз тани тундшер.
Далерони Арман ҳавохоҳи ӯ,
Камар баста бар расму бар роҳи ӯ.
Ҳама бода бар ёди ӯ мех(в)аранд,
Хирочи вилоят бад-ӯ мебаранд.
Агар шаҳ нахоҳад бар ӯ тохтан,
Зи мо хоҳад ин мулк пардохтан».
Ҷаҳондор, к-ин зӯри бозу шунид,
Сипаҳро зи Бобил ба Арман кашид.
Фурӯ шуст аз олоиш он бумро,
Писанд омад Арман шаҳи Румро.
Барафканд аз ӯ расму роҳи бадон,
Парастидани оташи мӯбадон.
В-аз он ҷо шабехун бар Абхоз кард,
Дари кин бар абхозиён боз кард.
Табира ба ғурридан афтод боз,
Сари найза бо осмон гуфт роз.
Ба ҳар қалъа, к-ӯ дод пайғоми хеш,
Калиди дари қалъа бурданд пеш.
Даволӣ-сипаҳдори абхозбум,
Чу донист, к-омад шаҳаншоҳи Рум,
Даволи камар бар вафо кард чуст,
Дили равшан аз кинаи шоҳ шуст.
Равон кард маркаб чу корогаҳон
Ба бӯсидани дасти шоҳи ҷаҳон.
Басе ганҷҳои гаронмоя бурд,
Ба ганҷинадорони хусрав супурд.
Даромад зи даргоҳу бӯсид хок,
Дил аз даъвии душманӣ кард пок.
Сикандар-ҷаҳондори гетинаворд,
Чу дид ончунон марде озодмард,
Навозишгариро бад-ӯ роҳ дод,
Ба наздики тахташ ватангоҳ дод.
Бипурсидаш аввал ба овози нарм,
Ба ширинзабонӣ дилаш кард гарм.
Бифармуд, то хозини зудхез
Кунад пилболо бар ӯ ганҷрез.
Сазовори ӯ хилъате шоҳвор
Баророяд аз тавқу аз гӯшвор.
Зи дебову гавҳар, зи шамшеру ҷом
Диҳад зинати подшоҳӣ тамом.

Чунон кард ганҷури корозмой,
Ки фармуд шоҳаншаҳи хуброй,
Даволималик чун ба некахтарӣ
Бипӯшид сайфури искандарӣ,
Зи тавқи зару тоҷи гавҳарнишон
Шуд аз сарфарозону гарданкашон.
Ба шукри шаҳаншаҳ забон баркушод,
Зи Яздон бар ӯ офарин кард ёд.
Шитобандатар шуд дар он бандагӣ,
Сарафроз гашт аз сарафкандагӣ.
Миён баст бар хидмати шаҳрёр,
В-аз он пас ҳама хидматаш буд кор.
Ба хусравпарастӣ чунон хос гашт,
Ки аз ҷумлаи хосагон даргузашт.
Бад-он марзи равшантар аз саҳни боғ
Фурӯзанда шуд чашми шаҳ чун чароғ.
Саводе чунон дид дорои даҳр,
Баросуду аз хуррамӣ ёфт баҳр.
Чунин гуфт бо пури деҳқони пир,
Ки «Тифлис аз ӯ шуд иморатпазир.
Дар он буми ороста чун биҳишт
Шабу рӯз ҷуз тухми некӣ накишт.
Бифармуд бар хоки он марзу бум
Асосе ниҳодан бар оини Рум.
Тамошокунон рафт аз он марҳала,
Инон кард бар сайди саҳро яла.
Ду ҳафта каму беш дар кӯҳу дашт
Ба сайдафканӣ роҳ дарменавашт.
Чу аз мурғу моҳӣ тиҳӣ кард ҷой,
Ба Нӯшобаи Бардаъ овард рой.
Зи таъзими он зан хабардор буд,
Ки бо мулку бо моли бисёр буд.
Ҷаҳон сабз дид аз басе кишту рӯд,
Ба сарсабзӣ омад дар он ҷо фуруд».

## ДОСТОНИ НӮШОБА -- ПОДШОҲИ БАРДАЪ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май, ки ҷонпарвар аст,
Чу оби равон ташнаро дарх(в)ар аст,
Дар ин ғам, ки аз ташнагӣ сӯхтам,
Ба ман деҳ, ки май хӯрдан омӯхтам.

### АНДАРЗ

Хушо мулки Бардаъ, ки ақсои вай
На урдибиҳишт аст бе гул, на дай.

Тамузаш гули кӯҳсорӣ диҳад,
Зимистон насими баҳорӣ диҳад.
Биҳиште шуда, беша пироманаш,
Дигар Кавсаре баста бар доманаш.
Саводаш зи бас сабзаву мушкбед
Чу боғи Ирам, хоса, Боғи Сапед.
Зи тайҳую дуррочу кабку тазарв
Наёбӣ тиҳӣ сояи беду сарв.
Гироянда бумаш ба осудагӣ,
Фурӯшуста хокаш зи олудагӣ.
Ҳамасола райҳони ӯ сабзшох,
Ҳамеша дар ӯ нозу неъмат фарох.
Алафгоҳи мурғони ин кишвар ӯст,
Агар шири мурғат бибояд, дар ӯст.
Заминаш ба оби зар оғиштаанд,
Ту гӯӣ, дар он заъфарон киштаанд.
Хироманда бар сабзаи он замӣ
Хаёле наёбад, ба ҷуз хуррамӣ.
Кунун тахти он боргаҳ гашт хурд,
Дабиқию дебошро бод бурд.
Фурӯ рехт он тоза гулҳо зи бор,
В-аз он нору наргис баромад ғубор.
Ба ҷуз ҳезуми хушку селоби тар,
Набинӣ дар он беша чизе дигар.
Ҳамоно ки он рустаниҳои чуст
На аз дона, к-аз домани адл руст.
Гар он парвариш ёбад имрӯз боз,
Аз он беҳ шавад остинро тироз.
Бале, гар фароғат бувад шоҳро,
Зи нав зеваре бахшад он гоҳро.
Ҳарумаш лақаб буд аз оғози кор,
Кунун Бардаъаш хонад омӯзгор,
Дар он буми ободу ҷои меҳон
Замона басе ганҷ дорад ниҳон.
Бад-ин хуррамӣ гулситоне куҷост?!
Бад-ин фаррухӣ ганҷдоне куҷост?!

## ДОСТОН

Чунин гуфт ганҷинадори сухан,
Ки солори он ганҷдони куҳан
Зане ҳокима буд, Нӯшобаном,
Ҳамасола бо ишрату нӯши ҷом.
Чу товуси нар, хоса, дар некуӣ,
Чу оҳуи мода зи беоҳуӣ.
Қавирою равшандилу нағзгӯй,
Фариштаманиш, балки фарзонахӯй.
Ҳазораш зани бикр дар пешгоҳ,
Ба хидмат камар баста ҳар як чу моҳ.

Бурун аз канизони чобуксавор
Ғуломони шамшерзан сӣ ҳазор.
Нагаштӣ зи мардон касе бар дараш
В-агарчанд наздик будӣ бараш.
Ба ҷуз зан касе корсозаш набуд,
Ба дидори мардон ниёзаш набуд.
Занон доштӣ ройзан дар сарой,
Ба кадбонуӣ фориғ аз кадхудой.
Ғуломон ба иқтоъи худ тохта,
Ватангоҳе аз баҳри худ сохта.
Касе аз ғуломон зи бас қаҳри ӯ
Ба дида надида дари шаҳри ӯ.
Ба ҳар ҷо, ки пайкор фармудашон,
Фаризатарин коре он будашон.
Сикандар чу лашкар ба саҳро кашид,
Саропарда сар бар Сурайё кашид.
Дар он хуррамободи минусиришт
Фурӯ монд ҳайрон зи бас обу кишт.
Бипурсид, к-«ин буми фаррух кирост?
Кадомин таҳамтан бад-ӯ подшост?»
Намуданд, к-ин марзи ороста
Занерост бо ин ҳама хоста.
Зане аз басе мард чолоктар,
Ба гавҳар зи дарё басе поктар.
Қавирою равшандилу сарфароз,
Ба ҳангоми сахтӣ раиятнавоз.
Ба мардӣ камар бар миён оварад,
Тафохур ба насли каён оварад.
Кулаҳдорияш ҳасту ӯ бекулоҳ,
Сипаҳдору ӯро набинад сипоҳ.
Ғуломони мардона дорад басе,
Набинад, вале рӯи ӯро касе.
Занони сумансинаи симсоқ
Ба ҳар кор бо ӯ кунанд иттифоқ.
Ҳама норпистон, ба боло чу тир,
Зи пистони ҳар як шакар хӯрда шир.
Куҷо қоқуме ё ҳарирест нарм,
Биларзад бар андоми эшон зи шарм.
Фаришта набинад дар эшон далер,
В-агар бинад, афтад зи боло ба зер.
Дурахшанда ҳар як дар айвону боғ,
Чу дар рӯз хуршеду дар шаб чароғ.
Назар тоқати он надорад зи нур,
Ки бинад дар эшон зи наздику дур.
Ба гӯши касе, к-ояд овозашон,
Сари худ кунад дар сари нозашон.
Зи лаълу зи дур гардану гӯш пур,
Лаб аз лаъли конию дандон зи дур.

Надонам, чӣ афсун фурӯ хондаанд,
К-аз ошӯби шаҳват ҷудо мондаанд.
Надоранд зери сипеҳри кабуд
Рафиқе ба ҷуз бодаву бонги руд.
Зане покпайванди фармонраво
Бар эшон фурӯбаста дорад ҳаво.
Санамхонаҳо дорад аз қасру кох,
Бар он луъбатон карда дарҳо фарох.
Агарчи паси парда дорад нишаст,
Ҳама рӯз бошад иморатпараст.
Сарое мулукона дорад баланд,
Бисоте кашида дар ӯ арҷманд.
Зи буллӯр тахте барангехта,
Ба харвор гавҳар бар ӯ рехта.
Зи бас шабчароғ он гаронмоя гоҳ
Ба шаб чун чароғ асту рахшанда моҳ.
Нишинад бар он тахт ҳар бомдод,
Кунад шукр бар офаринанда ёд.
Арӯсона ӯ карда бар тахт ҷой,
Арӯсони дигар ба хидмат ба пой.
Шабу рӯз бо бодаву бонги руд,
Тамошокунон зери чархи кабуд.
Гузашт аз парастидани кирдгор,
Ба ҷуз хобу хӯрдан надоранд кор.
Зани кордон бо ҳама коху ганҷ
Зи тоат ниҳад бар тани хеш ранҷ.
Зи парҳезгорӣ, ки дорад сиришт,
Нахусбад дар он хонаи чун биҳишт.
Дигар хона дорад зи санги рухом,
Шаб он ҷо равад моҳи танҳохиром,
Дар он хона он шамъи гетифурӯз
Худоро парастиш кунад то ба рӯз.
Ба миқдори он сар дарорад ба хоб,
Ки мурғе бурун оварад сар зи об.
Дигарбора бо он парипайкарон
Хурад май ба овози ромишгарон.
Шабу рӯз ин гуна дорад инон,
Ба рӯз инчунин, чун шаб ояд, чунон.
На шаб фориғ аст аз парастишгарӣ,
На рӯз аз тамошову ҷонпарварӣ.
Хуранд аз паи ӯю ёрони ӯ
Ғами кори ӯ кордорони ӯ».
Шаҳ ин достонро писандида дошт,
Таманнои он нақши нодида дошт.
Нишастангаҳе дид аз обу гиё,
Ба гавҳар гиромитар аз кимиё.
Дар он ҷой осуда бо руду ҷом
Баросуд якчанду шуд шодком.

Чу Нӯшоба донист, к-авранги шоҳ
Ба фоли ҳумоюн даромад зи роҳ,
Парастишгариро баророст кор
Бар андешаи пояи шаҳрёр.
Фиристод нузле сазовори ӯ,
Камар баст бар хидмати кори ӯ.
Бурун аз басе чорпои гузин,
Чи аз баҳри матбах, чи аз баҳри зин.
Заминхезҳое, к-аз он бум руст,
Ба рангу ба равнақ диловезу чуст.
Хуришҳои шоҳонаи мушкбӯй,
Табақҳои мушк аз паи дастшӯй,
Дигаргуна аз мева бисёр чиз,
Зи мушку шакар чанд харвор низ.
Маю нуқлу райҳони маҷлисфурӯз
Кашиданд аз ин нузлҳо чанд рӯз.
Ҷудогона низ аз паи меҳтарон
Фиристод ҳар рӯз нузли гарон.
Зи бас мардумиҳо, ки он зан намуд,
Забон бар забон ҳар касаш меситуд.
Маликро ба дидори он дилнавоз
Замон то замон бештар шуд ниёз.
Бад-он то хабар ёбад аз рози ӯ,
Бибинад дар он мамлакат сози ӯ.
Қадамгоҳи ӯ бингарад, то куҷост,
Ҳикоят дурӯғ аст, ё ҳаст рост?
Чу шабдизро наъли зар баст рӯз,
Даромад ба зин шоҳи гетифурӯз.
Ба расми расулон баророст кор,
Суи нозанин шуд фиристодавор.
Чу омад ба даҳлези даргаҳ фароз,
Замоне баросуд аз он турктоз.
Дару даргаҳе дид бар осмон,
Заминбӯси ӯ ҳам замин, ҳам замон.
Парастандагон з-ӯ хабар ёфтанд,
Бари бонуи хеш биштофтанд.
Намуданд, к-«аз даргаҳи шоҳи Рум,
К-аз ӯ фаррухӣ ёфт ин марзу бум
Расуле расидаст борою ҳуш,
Паёмоваре чун хуҷаста Суруш.
Зи сар то қадам сурати бихрадӣ,
Падидор аз ӯ фарраи эзадӣ».
Баророст Нӯшоба даргоҳро,
Ба зар даргирифт оҳанин роҳро.
Паричеҳрагонро ба сад гуна зеб
Саф андар саф ороста дилфиреб.
Баромуда гавҳар ба мушкин каманд,
Фурӯҳишта бар гавҳарогин паранд.

Даромад ба ҷилва чу товуси боғ,
Дурафшону хандон чу равшан чароғ.
Бар авранги шоҳаншаҳӣ барнишаст,
Гирифта муанбар турунҷе ба даст.
Бифармуд, к-оин ба ҷой оваранд,
Фиристодаро дар сарой оваранд.
Вакилони даргоҳу девони ӯ
Ба ҷой овариданд фармони ӯ.
Фиристода аз дар даромад далер,
Суи тахт шуд чун хироманда шер.
Камарбанди шамшер накшод боз,
Ба расми расулон набурдаш намоз.
Ниҳонӣ дар он қасри зебанда дид,
Биҳиштӣ сарое фиребанда дид.
Пур аз ҳур, ороста чун биҳишт,
Бисоти замин гашта анбарсиришт.
Зи бас гавҳари гӯши гавҳаркашон
Шуда чашми бинанда гавҳарфишон.
Зи тобанда ёқуту рахшанда лаъл
Хиромандаро оташин гашт наъл.
Магар кону дарё ба ҳам тохтанд,
Ҳама гавҳар он ҷо барандохтанд.
Зани зирак аз сирату сони ӯ
Дар он доварӣ шуд ҳаросони ӯ,
Ки ин кордон марди оҳистарой
Чаро расми хидмат наёрад ба ҷой?
Дар ӯ кард бояд пажӯҳандагӣ,
Ки аз мо надорад шикӯҳандагӣ.
Зи сар то қадам дид дар шаҳрёр,
Зари пухтаро бар маҳак зад иёр.
Чу некӯ нигаҳ кард, бишнохташ,
Зи тахти худ оромгаҳ сохташ.
Хабардор шуд з-ӯ, ки Искандар аст,
Нишасти сари тахтро дарх(в)ар аст.
Зи пирӯзии ҳафт чархи кабуд
Басе дод бар шоҳи олам дуруд.
Напурсиду рухсора пуршарм кард,
Нахустин намудори озарм кард.
Накард аз буна ҳеч бар вай падид,
Ки бар қуфли ту ҳаст моро калид.
Сикандар ба расми фиристодагон
Нигаҳ дошт оини озадагон.
Дуруди паёпай расондаш нахуст,
Фиристодагӣ кард бар худ дуруст.
Пас, он гаҳ гузориш гирифт аз паём,
Ки шоҳи ҷаҳондовари некном
Чунин гуфт, к-«эй бонуи номҷӯй,
Зи номварони ҷаҳон бурда гӯй,

Чӣ афтод, к-аз мо инон тофтӣ,
Суи мо яке рӯз наштофтӣ?
Забунӣ чӣ дидӣ, ки тавсан шудӣ?
Чӣ бедод кардам, ки душман шудӣ?
Куҷо теғе аз теғи ман тезтар,
Зи пайкони ман оташангезтар,
Ки аз ман бад-он кас панох оварӣ?
Ҳамон беҳ, ки сар сӯи роҳ оварӣ.
Ба даргоҳи ман пой хокӣ кунӣ,
Зи ҷӯшиданам тарснокӣ кунӣ.
Чу ман раҳ бад-ин мамлакат сохтам,
Бар ӯ сояи давлат андохтам.
Камар чун набастӣ ба даргоҳи ман,
Чаро рӯй печидӣ аз роҳи ман?
Ба майхонаву мева зебам диҳӣ,
Ба нуқлу ба райҳон фиребам диҳӣ.
Пазируфта шуд, он чи кардӣ нахуст,
Пазиро шав акнун ба рои дуруст.
Маро дидани ту ба фарҳангу рой
Ҳумоюнтар омад зи фарри ҳумой.
Чунон кун, ки фардо ба ҳангоми бор
Хиромӣ суи даргаҳи шаҳрёр».
Шаҳаншаҳ чу бигзорд пайғоми хеш,
Ба уммеди посух сар афканд пеш.
Ба посух намудан зани ҳушманд
Зи ёқути сарбаста бикшод банд,
Ки « obод бар чун ту шоҳи далер,
Ки пайғоми худ худ гузорад чу шер.
Чунон оядам дар дил, эй паҳлавон,
Ки бо ин сару сояи хусравон
Миёнҷӣ наӣ, шоҳи озодаӣ,
Фиристандаӣ, на фиристодаӣ.
Паёми ту чун теғ гардан занад,
Киро заҳра, к-ин теғ бар ман занад?
Валекин чу шаҳ теғбозӣ кунад,
Сари теғи ӯ сарфарозӣ кунад.
Зи теғи Сикандар чӣ ронӣ сухун,
Сикандар туӣ, чораи хеш кун.
Маро хондию худ ба дом омадӣ,
Назар пухтатар кун, ки хом омадӣ.
Фиристодат иқболи ман пеши ман,
Зиҳӣ, толеи давлатандеши ман!»
Чаҳондор гуфт: «Эй сазовори тахт,
Пажӯҳиш макун, ҷуз ба фармони бахт.
Сикандар муҳит асту ман ҷӯи об,
Манеҳ туҳмати соя бар офтоб.
Маро чун ниҳӣ бар иёри касе,
Ки бошад чу ман посбонаш басе?

Дили худ зи бадаҳдӣ озод кун,
В-аз ин хубтар шоҳро ёд кун.
Сикандар, чӣ гӯӣ, чунон бекас аст?
Ки ҳаммоли пайғоми ӯ ӯ бас аст.
Ба даргоҳи ӯ беш аз он аст мард,
Ки ӯро қадам ранҷа боист кард».
Дигарбора Нӯшобаи ҳушманд
Зи нӯшин лаби хеш бикшод банд,
К-«аз ин беш бар дилфиребӣ мабош,
Ба норостӣ якрикебӣ мабош.
Ситеза маёвар дар ин доварӣ,
Ки пайдост номат ба номоварӣ.
Паёмат бузург асту номат бузург,
Ниҳуфта макун шер дар чарми гург.
Фиристодаро нест он дастрас,
Ки бо мо ба тундӣ барорад нафас.
На ҷаббории хешро кам кунад,
На дар пеши мо пуштро хам кунад.
Дарояд ба тундию хунхорагӣ,
Ба ҷуз шаҳ киро бошад ин ёрагӣ?
Ҷуз инам нишонҳои пӯшида ҳаст,
К-аз ӯ рози пӯшида ояд ба даст».
Ҷавобаш чунон дод шоҳи далер,
Ки «н-ояд зи рӯбоҳ пайғоми шер.
Агар ман ба чашми ту номоварам,
Сикандар наям, з-ӯ паёмоварам.
Маро бо паёми бузургон чӣ кор,
Тасарруф наёбад дар ин парда бор.
Агар тундие зери пайғом ҳаст,
Ту донию он кас, ки ин нақш баст.
Агар дар миёнҷӣ далер омадам,
На аз рӯбаҳ, аз назди шер омадам.
Дар оини шоҳону расми каён
Паёмварон эминанд аз зиён.
Чу пайғоми шаҳ бо ту кардам падид,
Мазан парраи қуфлро бар калид.
Ҷавобам бифармой гуфтан ба роз,
Ки то раҳ навардам суи хона боз».
Барошуфт Нӯшоба з-он шердил,
Ки пӯшид хуршедро зери гил.
Муҳобо раҳо карду шуд гармхез,
Забон кард бар посухи шоҳ тез,
Ки «бо ман чӣ суд аст кӯшиданат,
Ба гил рӯи хуршед пӯшиданат?»
Бифармуд, к-орад канизе давон
Ҳарире бар ӯ пайкари хусравон.
Яке гӯша аз шиққаи он ҳарир
Бад-ӯ дод, к-«ин нақш бар даст гир.

Бибин, то нишони рухи кист ин?
Дар ин коргоҳ аз паи чист ин?
Агар пайкари туст, чандин макӯш,
Ба абрӯи хеш осмонро мапӯш».
Сикандар ба фармони ӯ соз кард,
Ҳарири навишта зи ҳам боз кард.
Биайниҳ дар ӯ сурати хеш дид,
Вилоят ба дасти бадандеш дид.
Ситеза дар он кор н-омад савоб,
Фурӯ монд якборагӣ дар ҷавоб.
Битарсиду шуд ранги рӯяш чу коҳ,
Ба дорои худ бурд худро паноҳ.
Чу донист Нӯшоба, к-он тундшер
Ҳаросон шуд, аз тундӣ омад ба зер,
Бад-ӯ гуфт, к-«эй хусрави комгор,
Басе бозӣ орад чунин рӯзгор.
Маяндешу меҳри маро беш дон,
Ҳамин хонаро хонаи хеш дон.
Туро ман канизе парастандаам,
Ҳам он ҷо, ҳам ин ҷо яке бандаам.
Ба ту нақши ту з-он намудам нахуст,
Ки то нақши ман бар ту гардад дуруст.
Агарчи занам, зансияр нестам,
Зи ҳоли ҷаҳон бехабар нестам.
Манам шерзан, гар туӣ шермард,
Чи мода, чи нар шер вақти набард.
Чу барҷӯшам аз хашм чун тундмеғ,
Дар об оташ ангезам аз дуди теғ,
Кафалгоҳи шерон барорам ба доғ,
Зи пиҳи наҳангон фурӯзам чароғ.
Зи меҳрам макаш сӯи пайкори хеш,
Гирифта мазан бар гирифтори хеш.
Манеҳ хор, то дарнаяфтӣ ба хор,
Раҳонанда шав, то шавӣ растгор.
Ту он гаҳ, ки бар ман шавӣ дастёб,
Зане беваро дода бошӣ ҷавоб.
Ман, ар бар ту чарбам ба ҳангоми кин,
Бувам қоимандози рӯи замин.
Дар ин ҳамнабардӣ чу рӯбоҳу гург
Ту саркӯчак оию ман сарбузург.
Чунин омадаст аз нақибони пир,
Ки бо ҳеч нодошт куштӣ магир,
Ки бар ҷаҳди он, к-аз ту чизе канад,
Бикӯшад ба ҷон, то туро бифканад.
Танам гарчи ҳаст аз муқимони шаҳр,
Дилам нест ғофил зи шоҳони даҳр.
Зи Ҳиндустон то биёбони Рум,
Зи вайронзамин то ба ободбум

Фиристодаам сӯи ҳар кишваре
Фаросатшиносею суратгаре.
Бад-он, то зи шоҳони иқлимгир
Кунад сурати ҳар касе бар ҳарир.
Нигорандаи сурат аз ҳар диёр
Саранҷом назди ман орад нигор.
Чу оранд сурат ба наздики ман,
Дар ӯ бингарад рои борики ман.
Гуво хоҳам он нақшро дарнабишт
Зи ҳар кас, ки ин аз кӣ дорад сиришт?
Чу гӯянд, нақши фалон подшост,
Пазирам, ки он нақш нақшест рост.
Пас аз нохуни пой то фарқи сар
Гуморам ба ҳар сурате-бар назар.
Зи ҳар солхӯрдею ҳар тозае
Бигирам ба қадри вай андозае.
Баду неки ҳар сурате аз қиёс
Шиносам, ки ҳастам фаросатшинос.
Шабу рӯз бе чорасозӣ наям,
Дар ин парда бо худ ба бозӣ наям.
Тарозуи ҳиммат равон мекунам,
Сабук сангини хусравон мекунам.
Зи ҳар нақш, к-он ёфтам бар паранд,
Хаёли ту омад маро дилписанд,
Ки бо ҷон ба меҳр ошноӣ диҳад,
Бар озарми хусрав гувоӣ диҳад».
Чу гуфт ин сухан бо Сикандар далер,
Зи тахти гаронмоя омад ба зер.
Фурӯ монд шаҳро дар он дастгоҳ,
Ки як тахтро барнатобад ду шоҳ.
Набинӣ, ду шоҳ аст шатранҷро,
Ки бар ҳар диле нав кунад ранҷро?!
Паричеҳра чун аз сари тахти хеш
Фуруд омаду хидмат овард пеш,
Арӯсона бар курсии зар нишаст,
Шаҳаншоҳро гашт поинпараст.
Шаҳ аз шарми он моҳии чун наҳанг
Чу зоррофа аз ранг мешуд ба ранг.
Ба дил гуфт, к-«ин кордон гар зан аст,
Ба фарҳанги мардӣ дилаш равшан аст.
Зане, к-ӯ чунин карду инҳо кунад,
Фаришта бар ӯ офаринҳо кунад.
Вале зан набояд, ки бошад далер,
Ки муҳкам бувад кинаи модашер.
Занонро тарозу бувад сангзан,
Бувад санги мардон тарозушикан.
Зан он беҳ, ки дар парда пинҳон бувад,
Ки оҳанги бепарда афғон бувад.

Чӣ хуш гуфт Ҷамшед бо ройзан,
Ки ё парда, ё гӯр беҳ ҷои зан.
Машав бар зан эмин, ки зан порсост,
Ки дар баста беҳ, гарчи дузд ошност».
Дигарбора гуфт: «Ин чӣ камбудагист,
Шафоат дар ин парда беҳудагист.
Ба талхӣ-дар андешаро ҷӯш деҳ,
Дарафтодаи тан фаромӯш деҳ.
Ба ҷои чунин дилбари меҳрубон,
Ки зебосиришт асту ширинзабон,
Гарат душмани кинавар ёфтӣ,
Ба ҷуз сар буридан чӣ бартофтӣ?!
Аз ин ҷо агар баркашам пои хеш,
Нигаҳ дорам андозаи рои хеш.
Напӯшам дигар рух чу бегонагон,
Нагирам раҳу расми девонагон.
Дили бастаро баркушоям зи банд,
Гиреҳ бар гиреҳ чун тавонам фиканд?
Чу дар тоси рахшанда афтод мӯр,
Раҳонандаро чора бояд, на зӯр.
Шикебоӣ орам дар ин ранҷу тоб,
Хаёлест, гӯӣ, ки бинам ба хоб.
Шунидам, расанбастае сӯи дор
Ба рӯтозагӣ рафт чун навбаҳор.
Бипурсидаш аз меҳрубонон яке,
Ки «хуррам чароию умр андаке?»
Чунин дод посух, ки «умр ин қадар
Ба ғам бурданаш чун тавонам ба сар?»
Дар ин буд, к-Эзад раҳоиш дод,
Дар он тирагӣ равшаноиш дод.
Басо қуфл, к-ӯро наёбӣ калид,
Кушояндае ногаҳ ояд падид.
Аз ин дар басе гуфт бо хештан,
Ҳам охир ба таслим дардод тан.
Таҳамтан чу танҳо кунад турктоз,
Бад-ӯ деврo даст гардад дароз.
Муғаннӣ чу бепарда гӯяд суруд,
Занад ханда бар бонги вай бонги руд.
Чу лахте манишро бимолид гӯш,
Нишонд оташи тирагиро зи ҷӯш.
Шикебандагӣ дид дармони хеш,
Ба таслими давлат сар афканд пеш.
Камар баст Нӯшоба чун чокарон,
Бифармуд, то он парипайкарон
Зи ҳар гуна ороиши хон кунанд,
Басечи хуришҳои алвон кунанд.
Канизони чун шамъ бархостанд,
Мулукона хоне баростанд.

Ниҳоданд нузле зи ғоят бурун,
Зи ҳар бахтае пухта аз чанд гун.
Руқоқи тунук, гирдаи гирдрӯй,
Зи гирди саропарда то гирди кӯй,
Ҳамон қурсаи шаккаромехта,
Чу кунҷид бар он гирдаҳо рехта.
Абоҳои нӯшини анбарсиришт
Хабар дода аз хӯрдҳои биҳишт.
Зи бас кӯҳаи гову моҳӣ чу кӯҳ
Шуда дар замин гову моҳӣ сутӯҳ.
Зи мурғу бара рӯи рангин бисот
Баровარда пар мурғвор аз нишот.
Масуси сароию ричори нағз
Зи бодому писта баровარда мағз.
Зи бас соф полудаи атрсой
Басо мағзи полуда, к-омад ба ҷой.
Зи лавзинаи хушку ҳалвои тар
Ба танг омада тунгҳои шакар.
Фуқоъи гулобии гулшаккарӣ
Табарзадфишон аз дами анбарӣ.
Ҷудо аз паи хусрави некбахт
Бисоти зар афканд болои тахт.
Ниҳода яке хони хуршедтоб,
Бар ӯ чор коса зи буллӯри ноб,
Яке аз зару дигар аз лаъл пур,
Седигар зи ёқуту чорум зи дур.
Чу бар моида дастҳо шуд дароз,
Даҳон бар хуриш роҳ бикшод боз.
Ба шаҳ гуфт Нӯшоба: «Бикшой даст,
Бихур з-ин хуришҳо, ки дар пеш ҳаст».
Ба Нӯшоба шаҳ гуфт, к-«эй содадил,
Наво каҷ мазан, то намонӣ хиҷил.
Дар ин саҳни ёқуту хони зарам,
Ҳама санг шуд, сангро чун х(в)арам?
Чӣ гуна хурад одамӣ сангро,
Табиат куҷо хоҳад ин рангро?!
Таоме биёвар, ки х(в)ардан тавон,
Ба рағбат бар ӯ даст кардан тавон».
Бихандид Нӯшоба дар рӯи шоҳ,
Ки чун сангро дар гулӯ нест роҳ,
Чаро аз паи санги нох(в)арданӣ
Кунӣ довариҳои нокарданӣ?!
Ба чизе чӣ бояд сар афрохтан,
Ки натвон аз ӯ туъмае сохтан?!
Чу нохӯрданӣ омад ин сифла санг,
Дар ӯ сифлагона чӣ орем чанг?!
Дар ин раҳ, ки аз санг бояд кушод,
Чаро санг бар санг бояд ниҳод?

Касоне, ки ин санг бардоштанд,
Нахӯрданд, чун санг бигзоштанд.
Ту низ, ар наӣ марди сангозмой,
Сабуксанг шав, з-он чи моні ба пой».
Зи байғораи он зани нағзгӯй
Зи нохӯрда хон кард шаҳ дастшӯй.
Ба Нӯшоба гуфт: «Эй шаҳи бонувон,
Беҳ аз шермардон ба тӯшу тавон,
Сухан нек гуфтӣ, ки ҷавҳарпараст
Зи ҷавҳар ба ҷуз санг н-орад ба даст.
Валек он гаҳ ин нукта будӣ дуруст,
Ки гӯянда ҷавҳар наҷустӣ нахуст.
Маро гар бувад гавҳаре бар кулоҳ,
Зи гавҳар набошад тиҳӣ тоҷи шоҳ.
Туро косаву хон пур аз гавҳар аст,
Маломат, нигар, то киро дарх(в)ар аст.
Чӣ бояд ба хон гавҳар андӯхтан,
Маро гавҳарандозӣ омӯхтан?
Задан хок дар дидаи гавҳарӣ,
Ҳама хона ёқути искандарӣ?
Валекин чу мебинам аз рои хеш,
Суханҳои ту ҳаст бар ҷои хеш.
Ҳазор офарин бар зани хуброй,
Ки моро ба мардӣ шавад раҳнамой.
Зи панди ту, эй бонуи пешбин,
Задам сиккаи зар чу зар бар замин».
Чу Нӯшоба он офарин кард гӯш,
Заминро зи лаб кард ёқутнӯш.
Бифармуд, к-оранд хонҳои х(в)ард,
Ҳамон нуқлдонҳои нодидагард.
Нахуст аз ҳама чошнӣ баргирифт,
Дар он чобукӣ монд хусрав шигифт.
Зи хидмат наёсуд чандон, ки шоҳ
Зи хӯрдан баросуду шуд сӯи роҳ.
Ба вақти шудан кард бо шоҳ аҳд,
Ки н-орад дар озори Нӯшоба ҷаҳд.
Бифармуд шаҳ, то васиқат набишт,
Бад-ӯ доду шуд сӯи базм аз биҳишт.
Сикандар чу з-он шаҳр шуд боз ҷой
Фиреб аз фалак диду фатҳ аз Худой.
Бад-он растгорӣ, ки будаш ҳарос,
Раҳонандаро кард сад раҳ сипос.
Шаб аз рӯзи рахшанда чун гӯй бурд,
Чароғе барафрӯхт, шамъе бимурд.
Ба товони он гӯи зар бар сипеҳр
Басо гӯи симин, ки бинмуд чеҳр.
Шаҳ осоишу хобро кор баст,
Дулахтӣ дари чордевор баст.

Баросуд, то субҳдам бардамид,
Сапедӣ шуд андар сиёҳӣ падид.
Сар аз хоби нӯшин баровард шоҳ,
Яке маҷлис орост чун субҳгоҳ,
Ки хуршед норинҷи заррин ба даст,
Турунҷи фалакро бад-ӯ сар шикаст.
Паричеҳра Нӯшобаи нӯшбаҳр
Ба фоли ҳумоюн бурун шуд зи шаҳр.
Чу рахшанда моҳе, ки дар вақти шом
Бароядзи машриқ, чу гардад тамом.
Канизон чу Парвин ба пероманаш,
Зи торак даромуда то доманаш.
Равон моҳрӯён паси пушти ӯ,
Чу Ноҳид сад дар як ангушти ӯ.
Парирух чу дар лашкари шоҳ дид,
Ҷаҳон дар ҷаҳон хайлу хиргоҳ дид.
Зи бас парниёнҳои зарриндирафш
Ҳаво гашта гулгуну саҳро бунафш.
Зи бас навбатиҳои зарриннигор
Намебурд раҳ бар дари шаҳрёр.
Нишон ҷусту омад ба даргоҳи шоҳ,
Сари навбатӣ дид бар авҷи моҳ.
Зада боргоҳе бирешимтаноб,
Сутунаш зару мехаш аз сими ноб.
Фуруд омад аз борагӣ, бор хост,
Заминбӯси шоҳи ҷаҳондор хост.
Рақибони бораш кушоданд бор,
Даромад ба навбатгаҳи шаҳрёр,
Сарони ҷаҳон дид дар пешгоҳ,
Сар афканда дар сояи як кулоҳ.
Камар бар камар тоҷдорони даҳр
Ба пеши ҷаҳонҷӯи пирӯзбаҳр.
Чунон к-аз басе равнақу нуру тоб
Шуда чашми бинандаро заҳра об.
Ҳама гашта бо нақши девор ҷуфт,
На ёрои ҷунбиш, на овои гуфт.
Арӯси ҳисорӣ чу дид он ҳисор,
Биларзид аз он даргаҳи тангбор.
Замин бӯса дод, офарин баргирифт,
Дар ӯ монда он шермардон шигифт.
Бифармуд Хусрав, ки аз зарри ноб
Яке курсӣ оранд чун офтоб.
Арӯсе чунонро нишонд аз бараш,
Арӯсони дигар фарози сараш.
Бипурсиду бас меҳрубонӣ намуд,
Бад-он омадан шодмонӣ намуд.
Нишинандаро чун дил омад ба ҷой,
Ишорат чунон рафт бо раҳнамой,

Ки солори хон хони х(в)ард оварад,
Хуришҳои хуш дар навард оварад.
Нахустин зи ҷуллоби нӯшинсиришт
Замин гашт чун ҳавзҳои биҳишт.
Яке ҷӯй аз он ҳавзи нӯшингулоб,
На Хусрав, ки Ширин надида ба хоб.
Ниҳоданд хон он гаҳе бедареғ,
Гироянда шуд гарди анбар ба меғ.
Зи ҳар неъмате, к-ояд андар шумор,
Фурӯ рехта кӯҳе аз ҳар канор.
Ҳарирӣ руқоқи дупарвизанӣ,
Чу маҳтоби тобанда аз равшанӣ.
Ҳамон гирдаи нарм чун лифи хаз,
К-аз ӯ пухта шуд гурдаи гирдапаз.
Абоҳои алвон зи сад гуна беш
Ба хонҳои заррин ниҳоданд пеш.
Ҷаҳонро яке хӯрди алвон набуд,
К-аз он хӯрд чизе бар он хон набуд.
Чу хӯрданд, чандон ки омад писанд,
Зи ҷому сурохӣ кушоданд банд.
Маи ноб хӯрданд то нимрӯз,
Чу май дар вилоят шуд оташфурӯз.
Нишот абруи майпарастон кушод,
Зи нерӯи май рӯи мастон кушод.
Парипайкароне бад-он дилбарӣ
Нишастанд то шаб ба ромишгарӣ.
Чу шаб хост, к-аз ғам сипоҳ оварад,
Маниш сар суи хобгоҳ оварад,
Бад-он лаъбатон гуфт солори даҳр:
«Як имшаб набояд шудан сӯи шаҳр.
Чунон аст фармон, ки фардо пагоҳ
Барорем базме зи моҳӣ ба Моҳ.
Ба расми Фаридуну оини Кай
Ситонем доди дил аз руду май.
Магар чун барафрӯзад оташ зи ҷом,
Шавад кори мо пухта з-он хуни хом.
Замоне зи шуғли замин бигзарем,
Ба марҷони парварда ҷон парварем,
Фурӯзанда гардем чун гул ба май,
Бад-он кӯра аз гул барорем хай.
Заминро ба ҷуръа муанбар кунем,
Ба саршӯи шодӣ гиле тар кунем».
Паризодагон бӯса доданд хок,
Паривор ҳам шоду ҳам шармнок.
Фурӯзанда Нӯшоба дар базми шоҳ
Фурӯзонтар аз Зуҳра дар субҳгоҳ.
Чу шаб зевари анбарин соз кард,
Сари нофаи мушкро боз кард.

Шаҳ аз зулфи мушкини он дилкашон
Каманде баророст анбарфишон.
Маҳу Муштариро ба мушкин каманд
Фуруд оварид аз сипеҳри баланд.
Шаби ҷашн буд он шаби дилнавоз,
Парипайкарон чун парӣ ҷилвасоз.
Магар, к-оташе барфурӯзанд лаъл,
Дар оташ ниҳанд аз паи шоҳ наъл.
Бифармуд шаҳ оташ афрӯхтан,
Ба расми муғон бӯи хуш сӯхтан.
Зи бода чунон оташе барфурӯхт,
Ки майхорагонро дар он рахт сӯхт,
Ба руду маю лаҳвҳои дигар
Ҳамебурд шабро ба шодӣ ба сар.
Чу шангарф суданд бар лоҷвард,
Самури сияҳ зод рӯбоҳи зард.
Дигарбора дар ҷунбиш омад нишот,
Даромуда шуд хусравонӣ бисот.
Чаман боз нав шуд ба шамшоду сарв,
Хиромиш даромад ба кабку тазарв.
Навогар шуданд он паричеҳрагон,
Навоин бувад меҳр дар Меҳргон.
Зи беҷодагун бодаи дилфурӯз
Фишонданд беҷода бар рӯи рӯз.

## БАЗМИ ИСКАНДАР БО НӮШОБА

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз бода ҷоме биёр,
Зи беҷодагун гул паёме биёр.
Рухамро бад-он бода чун бода кун,
Зи беҷода рангам чу беҷода кун.

## ДОСТОН

Ба ҷашни Фаридуну Наврӯзи Ҷам,
Ки шодӣ сутурд аз ҷаҳон номи ғам,
Ҷаҳондор биншаст бар тахти хеш,
Нишастанд шоҳон сарафканда пеш.
Навозандагони маю руду ҷом
Барораста дасти маҷлис тамом.
Маи нӯшу Нӯшобаи чун шакар,
Арӯсон ба гирдаш камар дар камар.
Дар он маҷлис Искандари Филқус
Накард илтифоте ба чандон арӯс,
Яке он, ки худ буд парҳезкор,
Дигар, дар ҳарам кард натвон шикор.

Якояк ҳама лашкар аз шарми ӯ,
Нагаштанд як зарра з-озарми ӯ.
Ҳаво сарду хиргоҳи хуршед гарм,
Замин хушку болини Ҷамшед нарм.
Бурун рафт аз чоҳи далв офтоб
Ба моҳӣ гирифтан суи ҳавзи об.
Дирам бар дирам кисаи кӯҳу шах
Гиреҳ баста чун пушти моҳӣ зи ях.
Дама дамфурӯгир чун чашми гург,
Шуда кори гургинадӯзон бузург.
Сурини гавазну кафалгоҳи гӯр
Ба паҳлӯи шерон дароварда зӯр.
Кабоби тар аз рони оҳуи нар,
Намак рехта обро бар ҷигар.
Зи боридани абри кофурбор
Суман руста аз дастҳои чинор.
Бунафша накарда сари ғунча тез,
Чу барги баҳор осмон барфрез.
Дарахти гул аз бод обистанӣ,
Шикам карда пур баччаи рустанӣ.
Даҳан нокушода лаби обгир,
Ки омад лаби сабзаро бӯи шир.
Сабо булбулонро дарида духул,
Зи номаҳрамон рӯй пӯшида гул.
Шуда булбула булбули анҷуман,
Чу кабки дарӣ қаҳқаҳа дар даҳан.
Зи рухсори майхорагон ранги май
Ба ҳар гӯшаи гул баровардa хай.
Ба узри шаби дӯш фармуд шоҳ,
Ки оташ фурӯзанд бар базмгоҳ.
Баророст аз зинату зарру зеб
Чу боғи Ирам маҷлисе дилфиреб.
Дар ӯ оташе чун гул афрӯхта,
Гул аз рашки он гулситон сӯхта.
Шуда хор аз оташ чу гул зар ба даст,
На чун хори Зардушти оташпараст.
Ба мушкин зугол оташи лоларанг
Дарафтода чун акси гавҳар ба санг.
Ба оташ бар он шӯшаи мушксанҷ
Чу мори сияҳ бар сари чоҳи ганҷ.
Зи бераҳматӣ дода пири маҷус
Саводи Ҳабашро ба тороҷи Рус.
Зи Ҳиндустон омада ҷавзане,
Ба ҳар ҷав ки зад, сӯхта хирмане.
Муғи арғавонкишта бар ҷои ҷав
Бунафша дуруда ба вақти дарав.
Сиёҳӣ ба Мозандарон бурда мушк,
Бадал карда бо шӯшаи зарри хушк.

Зи ҳиндузане хона пурхун шуда,
Ҳама обнӯсаш табархун шуда.
Ба Чин карда сақлобие турктоз,
Самуре ба бартосие карда боз.
Билоле баровarда овози х(в)аш,
Сало дода дар Руму худ дар Ҳабаш.
Бар овози ӯ зангии қиргун
Кушода зи дил заҳра в-аз дида хун.
Дабире қалам руста аз пушти ӯ,
Қаламҳои мушкил дар ангушти ӯ.
Нишаста ҷавонмарде атласфурӯш,
Зи хокистари пирзан диръпӯш.
Зи баҳри палосе расан тофта,
Ба ҷои палос атласе ёфта.
Чу дар кӯраи марди иксиргар
Фурӯ бурда оҳан, баровarда зар.
Шарора, ки иксири зар сохта,
Зи ҳар сӯ ба доман зар андохта.
Бухор аз бари шӯълаи озарӣ,
Чу бар сурхгул шаъри нилуфарӣ.
Сафоле зи райҳон баророста,
Ба райҳонӣ аз бешаҳо хоста.
На оташ, гули боғи Ҷамшед буд,
Куличапази хони хуршед буд.
Фурӯзандаи гавҳари неку бад
Рафиқи муғу мӯниси ҳирбад.
Шукуфтагуле, хӯрди ӯ хорбун,
Ба дидор тоза, ба гавҳар куҳун.
Тараннумсарои тиҳимоягон,
Паёмовари деги ҳамсоягон.
Таранготаранге, ки зад сози ӯ,
Беҳ аз Занди Зардушту овози ӯ.
Бад-ин зиндагӣ оташи Зандсӯз
Барафрӯхта шоҳи гетифурӯз.
Чу барги гули сурх бар шохи сарв,
Бар ӯ гоҳ дурроҷу гоҳе тазарв.
Зи буссад чаноре барафрохта,
Бар ӯ кабк ноланда чун фохта.
Агар пои бат бар сар орад чанор,
Бар ӯ синаи бат занад зер зор.
Тани бат бувад дархури обгир,
Чу бар оташ орӣ, барорад нафир.
Дар он боғ мурғон ба ҷӯш омада,
Зи ҳар як дигаргун хурӯш омада.
Сатозан баровarда бонги суруд,
Суруде навоинтар аз сад дуруд,
Ҷигарҳо ба хун дар намак ёфта,
Намакро зи ҳасрат ҷигар тофта.

Шакарбӯза бо нӯги дандон ба роз,
Шакархорaро карда дандон дароз.
Кабоби тару бӯи афзори хушк,
Абоҳои парварда бо бӯи мушк,
Зи ричорҳо он чи бошад азиз:
Турунҷу биҳу нору норанҷ низ.
Муғаннӣ чу Зӯҳра ба ромишгарӣ,
Суроҳӣ дурахшанда чун Муштарӣ.
Ба гулгун гулобе диловезтар,
Нишонда ҷаҳон аз ҷаҳон дарди сар.
Ҳама сози оҳангҳо нармхез,
Ба ҷуз соз, к-оҳанги ӯ буд тез.
Ҳама пухта буданд ёрон тамом,
Ба ҷуз бода, к-ӯ дар миён буд хом.
Сикандар зи мастӣ шуда нимхоб,
Равон об дар чангу чангӣ дар об,
Маю мурғу райҳону оғози чанг,
Буте тангчашм андар оғӯши танг.
Касе, к-ин муродаш муяссар шавад,
Гараш ҷав набошад, Сикандар шавад.
Ба ёди шаҳ он муштарипайкарон
Чу Зуҳра кашиданд ратли гарон.
Чу як нима аз рӯзи равшан гузашт,
Фалак нима роҳи замин дарнавашт.
Бифармуд шаҳ, то рақибони ганҷ
Кашанд аз паи меҳмон пойранҷ.
Зару зевар оранд харворҳо,
Зи сайфуру атлас шутурборҳо.
Зи ҷинси ҳабаш ходиме низ чанд,
Ба дидор некӯ, ба боло баланд.
Басе нофаи мушку дебои нағз,
К-аз эшон фузуда шавад ҳушу мағз.
Зумурраднигинҳои бообуранг,
Дар ӯ лаълу фирӯза бе вазну санг.
Яке тоҷи заррин зумурраднигор,
Баромуда аз луълуи шоҳвор.
Паранде мукаллал ба ёқуту дур,
Ҳама дарзаш аз гарди кофур пур.
Аморию уштур ба ҳаррои зар,
Аморикашон ҷумла зарринкамар.
Чунин зевари нағзи гавҳарнишон
Ба Нӯшоба доданд гавҳаркашон.
Бипӯшид Нӯшоба ташрифи шоҳ,
Чу ташрифи хуршед рахшанда моҳ.
Ҷудогона аз баҳри ҳар пайкаре
Бифармуд пардохтан зеваре.
Ба андозаи ҳар яке чиз дод,
Бипӯшидашон, бурданӣ низ дод.

Паричеҳра бо он парипайкарон
Шуданд аз басе ганҷу гавҳар гарон,
Замин бӯса доданд бар шукри шоҳ,
Ба хуррамдилӣ баргирифтанд роҳ.
Аз он кон чу гавҳаргарой омаданд,
Чу ганҷи равон боз ҷой омаданд.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА КӮҲИ АЛБУРЗ

### СОҚИНОМА

Биё,соқӣ, он шири шангарфгун,
Ки аксаш дарорад ба симоб хун.
Ба ман деҳ, ки симоби хунгаштаам,
Ба симоби хун нохуне риштаам.

### АНДАРЗ

Бар онам ман, эй ҳиммати субҳхез,
Ки мавҷи суханро кунам рез-рез.
Ба заринсухан гавҳар орам ба чанг,
Сари зердастон дарорам ба санг.
Зар он зӯру захра кай орад ба даст,
Ки дорои динро кунад зер даст.
Зар аз баҳри мақсуди зевар бувад,
Чу бандаш кунӣ, банде аз зар бувад.
Тавонгар, ки бошад зараш зери хок,
Зи дуздон бувад рӯзу шаб тарснок.
Тиҳидаст, к-андешаи зар кунад,
Таманнои ганҷаш тавонгар кунад.
Чу аз зар таманнои зар бештар,
Тавонгартар он кас, ки дарвештар.
Ҷаҳон он ҷаҳон шуд, ки дарвешрост,
Ки ҳам хештанрову ҳам хешрост.
Шабу рӯз хуш мехурад, беҳарос,
На аз шаҳна биму на аз дузд пос.
Фаровонхазина фаровонғам аст,
Кам аст андуҳ онро, ки дунё кам аст.

### ДОСТОН

Гузорандаи иқди гавҳаркашон
Хабар дод аз он гавҳари зарфишон,
Ки чун кард солори ҷамшедхуш
Мае чанд бар ёди Нӯшоба нӯш,
Ба райҳону райҳонии дилфурӯз
Ба сар бурд бо хусравон чанд рӯз.

Яке рӯз биншаст бар азми кор,
Бисоте баророст чун навбаҳор.
Ҳисоре чунон з-анҷуман баркашид,
Ки анҷум дар он бурҷ шуд нопадид.
Гаронмоягони сипаҳро бихонд,
Гиромикунон ҳар якеро нишонд.
Шуданд анҷуман кордонони даҳр,
Зи фарҳанги шаҳ баргирифтанд баҳр.
Шаҳ аз қиссаи орзуҳои хеш
Суханҳо зи ҳар дасте овард пеш,
Ки «дӯшам чунон дар дил омад ҳавас,
Ки ҷуз бо шумо барнаёрам нафас.
Ба нерӯи рои шумо, меҳтарон,
Ҷаҳонро бибинам карон то карон.
Суи Рум аз ин пеш будам басеч,
Инони маро дод аз он чарх печ.
Бар онам, ки то ҷумлаи марзу бум
Нагардам, нагардад сарам сӯи Рум.
Дар ободу вайрон нишаст оварам,
Ҳама мулки олам ба даст оварам.
Кунам дастпече ба санҷобиён,
Занам сикка бар сими сақлобиён.
Ба ҳар буму ҳар кишваре, к-аз замист,
Бибинам, ки хушдил кадом одамист?!
Аз он хушдилӣ баҳра ёбам магар,
Ки оҳан бар оҳан шавад коргар.
Нахустин хиромиш дар ин кӯчгоҳ
Ба Албурз хоҳам бурун бурд роҳ.
В-аз он кӯч фаррух дароям ба дашт,
Зи саҳро ба дарё кунам бозгашт.
Тамошои дарёи Хазрон кунам,
Зи ҷуръа бар ӯ гавҳар афшон кунам.
Чу мавкиб дарорам ба дарёканор,
Кунам ҳафтае мурғу моҳӣ шикор.
Бибинам, ки то азм чун оядам,
Замона куҷо раҳнамун оядам.
Чӣ гӯед ҳар як бар ин достон,
Ки давлат напечад сар аз ростон».
Замин бӯса доданд яксар сипоҳ,
Ки «тадбири мо ҳаст тадбири шоҳ.
Куҷо ӯ ниҳад пой, мо сар ниҳем,
Зи фармони ӯ бар сар афсар ниҳем.
Агар обу оташ кунад ҷои мо,
Нагардад зи фармони ӯ рои мо.
Гар андозад аз кӯҳ моро ба хок,
Бияфтему дар дил надорем бок.
Зи шоҳи ҷаҳон роҳ бардоштан,
Зи мо хидмати шоҳ бигзоштан».

Шаҳ осудадил шуд зи гуфторашон,
Навозишгарӣ кард бисёрашон.
Басечид раҳро ба оҳистагӣ,
Кушод аз хазина дари бастагӣ.
Ғанӣ кард гарданкашонро зи ганҷ,
Зи гавҳаркашӣ лашкар омад ба ранҷ.
Ҷаҳондор чун дид, к-аз ганҷу зар
Ғаниматкашонро гарон гашт сар,
Дар он пешбинӣ хирад пеша кард,
Ки лахте зи чашми бад андеша кард.
Зи бас ганҷу гавҳар, ки дар бор дошт,
Ба ҳар ҷо, ки шуд, роҳи душвор дошт.
Ба кӯҳу ба саҳрову сахтию ранҷ
Сипоҳаш ба гардун кашиданд ганҷ,
Чу дар хотир омад ҷаҳонҷӯйро,
Ки дар чанбар орад гилин гӯйро,
Заминро шавад милуманзилшинос,
Ба таррию хушкӣ расонад қиёс.
Бидонад заминро, ки пасту баланд,
Дарозош чанд асту паҳнош чанд.
Зи ҳар доду бедоде огаҳ шавад,
Ба роҳ орад онро, ки аз раҳ шавад,
Фурӯ шӯяд аз давр бедодро,
Раҳонад зи хун халқи озодро.
Ба ҳар бимгоҳе ҳисоре кунад,
Зи баҳри саранҷом коре кунад.
Зи дурӣ дар он раҳ шуд андешанок,
Ки дорад раҳи дур дарду ҳалок.
Набояд, ки зоеъ шавад ранҷи ӯ,
Шавад рӯзии душманон ганҷи ӯ.
Сипоҳ аз ғанимат геронбор дид,
Битарсид, чун ганҷи бисёр дид.
Яке он ки серон накӯшанд сахт,
Ки тарсанд, аз эшон ситонанд рахт.
Дигар он ки носере ояд ба ҷанг,
Дудастӣ занад теғ бар бӯи ранг.
Зи фарзонагони илоҳипаноҳ
Саду сездаҳ буд бо ӯ ба роҳ.
Ҳама анҷумансозу анҷумшинос,
Ба тадбири ҳар шуғл соҳибқиёс.
Аз он ҷумла дар ҳазрати шаҳрёр
Балиноси фарзона буд ихтиёр.
Ба ҳар кор аз ӯ чора дархостӣ,
К-аз ӯ кардани чора бархостӣ.
Зи душвории роҳу ганҷе чунон
Сухан ронд бо корсанҷе чунон.
Ҷавобаш чунон омад аз пешбин,
Ки «шаҳ ганҷ пинҳон кунад дар замин.

Сипаҳ низ бо шоҳ фармон кунанд,
Ба вайронаҳо ганҷ пинҳон кунанд.
Зи баҳри гувоҳӣ ба ҳар ганҷдон
Тилисме кунад ҳар як аз худ нишон.
Бад-он то чу оянд аз роҳи дур,
Зи ҳар тирачоҳе бароранд нур.
Гувоҳе, ки бар ганҷи хеш оваранд,
Намудори пешина пеш оваранд».
Шаҳ ин ройро оламорой дид,
Сипаҳро саломат дар ин рой дид.
Ба зери замин ганҷро ҷой кард,
Тилисме бар он ганҷ барпой кард.
Бифармуд, то ҳар киро ганҷ буд,
Ниҳон кард, к-аз бурданаш ранҷ буд.
Пароканда ҳар як дар он кӯҳу дашт,
Ба гил ганҷ пӯшиду худ бозгашт.
Ҷудо ҳар яке бар сари моли хеш,
Барангехт шакле зи тимсоли хеш.
Чунон буд шаббозии рӯзгор,
Ки шаҳро дигаргун шуд омӯзгор,
Ки ҳанҷори дигар даромад ба Рум,
Фурӯ монд ганҷ андар он марзу бум.
Ҳамон лашкарашро зи бас баргу соз
Бад-он ганҷи пинҳон наёмад ниёз.
Зи бас ганҷи пайдо, ки дарёфтанд,
Суи ганҷи пӯшида наштофтанд.
Чу дар хонаи Рум карданд ҷой,
Зи шуғли ҷаҳон даркашиданд пой.
Яке дайри сангин барафрохтанд,
Ба ҷумҳур тоатгаҳаш сохтанд.
Ҳама нусхати ганҷнома, ки буд,
Ба дорандаи дайр доданд зуд,
Ки то ҳар кӣ ӯ бошад эзадпараст,
Аз он номаҳо ганҷе орад ба даст.
Ҳанӯз андар он дайри деринасол
Басе ганҷнома-ст аз он ганҷу мол.
Касоне, ки аз роҳи хидматгарӣ
Кунанд он санамхонаро чокарӣ,
Аз он ганҷнома диҳандаш яке,
Агар беш бошад в-агар андаке.
Биёбанду он ганҷдон бишкананд,
В-аз он ганҷ поранҷи худ баркананд.
Магар дод давлат маро пойранҷ,
Ки поям фурӯ рафт аз ин сон ба ганҷ?!

## КУШУДАНИ ИСКАНДАР ДИЗИ ДАРБАНДРО БА ДУОИ ЗОҲИД

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ,  он май, ки ноз оварад,
Ҷавонӣ диҳад, умр боз оварад.
Ба ман деҳ, ки ин ҳар ду гум кардаам,
Қаноат ба хуноби хум кардаам.

### АНДАРЗ

Касе, к-ӯ дари некномӣ занад,
Дар ин ҳалқа лофи ғуломӣ занад.
Ба некӣ чунон парварад номи хеш,
К-аз ӯ нек ёбад саранҷоми хеш.
Ба дурроъаи дар гурезад танаш,
Ки он диръ бошад, на пероҳанаш.
Беҳ аз номи некӯ дигар ном нест,
Бад он кас, ки некӯсаранҷом нест.
Чу мехоҳӣ, эй марди некӯписанд,
Ки номе барорӣ ба некӣ баланд,
Яке ҷома дар некномӣ бипӯш,
Ба некӣ дигар ҷомаҳо мефурӯш.
Набинӣ, ки бошад зи мушкин ҳарир
Фурӯшандаи мушкро ногузир?!

### АФСОНА

Гузорандаи ин навоин хаёл
Дам аз некномон задӣ моҳу сол.
Сикандар, ки он некномӣ намуд,
Бар он номи некӯ басе кард суд.
Ҳама сӯи некон назар доштӣ,
Бадонро бари хеш нагзоштӣ.
Зи кишвархудоёну шаҳзодагон
Назар беш кардӣ ба афтодагон.
Куҷо зоҳиде хилватӣ ёфтӣ,
Ба хилватгаҳаш зуд биштофтӣ.
Ба ҳар ҷо, ки разме баророст,
Аз эшон ба ҳиммат мадад хостӣ.
Ҳамоно, к-аз он буд пирӯзҷанг,
Ки пирӯзаро фарқ кардӣ зи санг.
Сипоҳе, ки бо ӯ ба ҷанг омаданд,
Аз он пеша, к-ӯ дошт, танг омаданд.
Намуданд, к-«эй довари рӯзгор,
Ба таълими ту давлат омӯзгор.
Туро фатҳу фирӯзӣ аз лашкар аст,
Ту зоҳиднавозӣ, сухан дигар аст.

Ба шамшер бояд ҷаҳонро кушод,
Ту аз некмардон чӣ орӣ ба ёд?!
Чу ҳиммат силоҳ аст дар дастбурд,
Бигӯ, то кунем, он чи дорем, хурд.
Аз ин пас, ки бар ҳамнабардон занем,
Дари ҳиммати некмардон занем».
Ҷаҳондор аз ин довариҳои сахт
Нигаҳ дошт посух ба нерӯи бахт.
Сухан бар бадеҳа наёяд савоб,
Ба вақти худаш дод бояд ҷавоб.
Чу лашкар суи кӯҳи Албурз ронд,
Ба ҳар ноҳият ноиберо нишонд.
Ба даҳлезаи раҳгузарҳои сахт
Зи Шарвон чу шерон ҳамебурд рахт.
Дар он тохтан, к-орзуманд буд,
Раҳаш бар гузаргоҳи Дарбанд буд.
Набуд он гаҳ он шаҳр ороста,
Дизе буд, дар вай басе хоста.
Дар он диз тане чанд раҳ доштанд,
Ки касро дар он роҳ нагзоштанд.
Чу шаҳро саропарда он ҷо заданд,
Рақибони диз хайма боло заданд.
Дари диз бибастанд бар рӯи шоҳ,
Накарданд дар теғу лашкар нигоҳ.
Ба навбатгаҳи шоҳ наштофтанд,
Сар аз хидмати боргаҳ тофтанд.
Агар хондашон довари давргир,
Ба рафтан нагаштанд фармонпазир.
В-агар дафтари доварӣ дарнавашт,
Надоданд роҳаш бари кӯҳу дашт.
Ҳамон чора дид он хирадманд шоҳ,
Ки бардорад он банд аз он бандгоҳ.
Ба лашкар бифармуд, то сад ҳазор
Дароянд пиромани он ҳисор.
Ба харсанги ғазбон харобаш кунанд,
Ба селоби хун ғарқи обаш кунанд.
Чиҳил рӯз лашкар шағаб сохтанд,
К-аз он диз кулӯхе наяндохтанд.
Зи партоби ӯ новак афканд бол,
Каманде на, к-он ҷо расонад давол.
Арӯсакзаноне чу девон шамус,
Хиҷил гашта з-он қалъаи чун арӯс.
На аррода бар гирди ӯ раҳшинос,
На аз гардиши манҷаниқаш ҳарос.
Чу оҷиз шуданд андар он тохтан,
В-аз он ҷавз бар гунбад андохтан.
Шаҳи кордон маҷлисе нав ниҳод,
Саронро талаб карду абрӯ кушод.

«Чӣ гӯед, – гуфто, – дар ин банди кӯҳ,
Ки овард аз андеша моро сутӯҳ».
Вилояткушоёни гарданфароз
Нишастанду бурданд шаҳро намоз,
Ки «мо, бандагон, то камар бастаем,
Бад-ин рӯз як рӯз наншастаем.
Чиҳил рӯз бошад, ки бе хӯрду хоб
Ситезем бо абру бо офтоб.
Ту донӣ, ки бар тораки меҳру меғ
Нашояд задан найзаву тиру теғ.
Чу девон басе чораҳо сохтем,
Аз ин девхона напардохтем.
Ҳамон беҳ, ки гардем аз ин роҳи танг
Гарева навардему соем санг».
Шаҳаншаҳ чу донист, к-он сарварон
Фурӯ монда буданду оҷиз дар он,
Чу дар сурма зад чашми хуршед мил,
Фурӯ рафт гавҳар ба дарёи Нил.
Шаҳ аз ганҷи гавҳар ба дарёканор
Яке маҷлис орост чун Навбаҳор.
Бипурсид, чун ҳалқа гашт анҷуман,
Аз он сарфарозони лашкаршикан,
Ки «аз гӯшадорон дар ин гӯша кист,
Ки бар мотами орзуҳо гирист?»
Яке гуфт, к-«эй шоҳи донишпараст,
Парастишгаре дар фалон ғор ҳаст.
Ба кас рӯй нанмояд аз ҳеч роҳ,
Кунад бениёзӣ ба муште гиёҳ».
Шаҳаншоҳ бархост ҳам дарзамон,
Инонтоб гашт аз бари ҳамдамон.
Зи хосон тане чанд ҳамроҳ кард,
Нишон ҷусту омад бари некмард.
Раҳ аз шаб чу рӯзи бадандеш буд,
Вушоқею шамъе равон пеш буд.
Чу наздики ғор омад аз роҳи дур,
Ба ғор андарафтод аз он шамъ нур.
Парастанда чун партави нур дид,
Зи торикии ғор берун давид.
Фариштаваше дид чун офтоб,
Бароварда иқболро сар зи хоб.
Ҷаҳондида назди ҷаҳондор тохт,
Ба нури ҷаҳондорӣ ӯро шинохт.
Бад-ӯ гуфт: «Шахси баҳипайкарӣ,
Гумонам чунон аст, к-Искандарӣ».
Шаҳ аз меҳрубонӣ бад-ӯ дод даст,
Дарун рафту пешаш ба зону нишаст.
Бипурсид аз ӯ, к-«ошнои ту кист?
Зи дунё чӣ пӯшию хӯрди ту чист?

Чӣ донистӣ, эй зоҳиди ҳушёр,
Ки Искандарам ман дар ин танги ғор?»
Дуо кард зоҳид, ки «дилшод бош,
Зи банди ситамкорӣ озод бош!
Ба иқбол бод ахтарат хоста,
Ба нерӯи иқболат ороста.
Агар з-он ки бишнохтам шоҳро,
Шиносад ба шаб ҳар касе моҳро.
На оина танҳо ту дорӣ ба даст,
Маро дар дил оинае низ ҳаст».
Ба сад сол, к-ӯро риёзат зидуд,
Яке сурат охир тавонад намуд.
Дигар он чи пурсад худованди рой,
Ки «чун аст зоҳир дар ин тангҷой?»
Ба нерӯи ту шодаму тандуруст,
Танумандтар з-он чи будам нахуст.
Зи меҳру зи кин бо касам ёд нест,
Кас аз бандагон чун ман озод нест.
Ҷаҳонро надидам вафодорие,
Нахоҳад кас аз бевафо ёрие.
Чу барсахтам андешаи кори хеш,
Ҳамин гӯша дидам сазовори хеш.
Буридам зи ҳар ошное шумор,
Бас аст ошнои ман омӯзгор.
Ба бисёрхорӣ наёрам басеч,
Ки пуррӣ диҳад нофро печ-печ.
Гиё пӯшаму қути ман ҳам гиё,
Кунам сангро зар бад-ин кимиё.
Бувад солҳо, к-аз сароядагон
Надидам касе ҷуз ту з-ояндагон.
Сабаб чист, к-имшаб дар ин кунҷи ғор
Ба некахтарӣ ранҷа шуд шаҳрёр?
Дари ғори ман в-он гаҳе чун туе,
Яке поси шаҳро кам аз ҳиндуе».
Ҷаҳондор гуфт: «Эй ҷаҳондида пир,
Аз ин омадан доштам ногузир.
Худой оҳанеро ба ду ним кард,
Ба мо ҳарду он ҳарду таслим кард.
Калидею теғе бад-ин сон нигошт,
Калид они ту, теғ бар ман гузошт.
Чу ман з-оҳани теғи гетифурӯз
Кунам ёрии адл дар нимрӯз,
Ту дар нимашаб низ агар ёварӣ,
Калиде биҷунбон дар ин доварӣ.
Магар, к-аз калиди туву теғи ман
Кушода шавад кори ин анҷуман.
Ҳисорест бар суфти ин теғи кӯҳ,
Дар ӯ раҳзанонанд чандин гурӯҳ.

Ҳама рӯзу шаб корвонҳо зананд,
Зи бадгавҳарӣ роҳи ҷонҳо зананд.
Дар он ҷустуҷӯям, ки бикшоямаш,
Ба доду ба дониш биёроямаш.
Ту низ, ар ба ҳиммат кунӣ ёрие,
Дар ин раҳ кунад бахт бедорие.
Зи раҳзан шавад роҳ пардохта,
Шавад тӯшаи раҳравон сохта».
Чу огоҳ шуд марди эзадшинос,
Ки дуздон бар он қалъа доранд пос,
Яке манҷаниқ аз нафас баркушод,
Ки бар қалъаи осмон дар кушод.
Чунон зад бар он кӯҳаи манҷаниқ,
Ки шуд кӯҳ дар вай чу дарё ғариқ.
Ба шаҳ гуфт: «Бархезу шав боз ҷой,
Ки он кӯҳпоя даромад зи пой».
Чу шоҳаншаҳ омад суи базми хеш,
Муқимони маҷлис давиданд пеш.
Дигарбора маҷлис биёростанд,
Ба ромиш нишастанду май хостанд.
Кас омад, ки «Дижбони ин кӯҳсор
Ситодаст бар дар ба уммеди бор».
Бифармуд шаҳ, то даророранд зуд,
Даромад бари шоҳу хидмат намуд.
Чу бар шаҳ дуо кард аз андоза беш,
Калиди дари диз бияндохт пеш.
Хабар кард, к-«Имшаб зи нерӯи шоҳ
Харобӣ даромад бад-ин қалъагоҳ.
Ду бурҷи разин з-ин дизи сангбаст
Зи бурҷи малик дур, дар ҳам шикаст.
Зи хашми Худо манҷанике расид,
Диз афтоду ногоҳ дарҳам дарид.
Гараш манҷаниқи ту кардӣ хароб,
Ба зарра куҷо рехтӣ офтоб.
Харобиш, донам, на з-ин лашкар аст,
Ки ин манҷаниқ аз дизи дигар аст.
Чу ҳукми дизи осмонӣ туро́ст,
Ту донию диз, ҳукмронӣ туро́ст».
Нигаҳ кард шаҳ сӯи лашкаркашон,
К-аз ин беҳ дуоро чӣ бошад нишон.
Чиҳил рӯз бошад, ки мардони кор
Ба шамшер кӯшанд бо ин ҳисор.
Ба чандин сари теғи алмосранг
Насуфтанд ҷавсанге аз хорасанг.
Ба оҳе, ки бардошт бе тӯшае,
Фурӯ рехт аз манзараш гӯшае:
Шуморо чӣ рӯ менамояд дар ин,
Ки бе некмардон мабодо замин!»

Бузургони лашкар ба узровари̅
Пу̅шаймон шуданд аз чунон довари̅.
Замин бу̅са доданд дар базми шоҳ,
Ки «холи̅ мабод аз ту тахту кулоҳ!
Қави̅, бод дар мулк бозуи ту,
Бақо бод накди тарозуи ту!
Чунин ҳарфҳоро ту дони̅ шинохт,
Ки Яздон туро сояи хеш сохт.
Чу мо низ аз ин парда огаҳ шудем,
Ба роҳ омадем, арчи аз раҳ шудем».
Фиристод шаҳ, то ба диз тохтанд,
Аз он раҳзанон диз бипардохтанд.
Ба ҷои диз иқтоъҳо додашон,
Суи додаи худ фиристодашон.
Дар он сангбаста дизи авҷсой
Иморатгари̅ кард бисёр ҷой.
Харобишро яксар обод кард,
Дизи зулмро хонаи дод кард.
Навоҳинишинони он ку̅ҳсор
Тазаллум намуданд ҳангоми бор,
Ки «аз бими қифчоқи ваҳшисиришт
Дар ин марз тухме наёрем кишт.
Чу ҳар гаҳ, к-аз ин су̅ шитоб оваранд,
Буриниш дар ин кишту об оваранд.
Аз ин ру̅й моро зиёнҳо расад,
Зи нонтанги̅ офат ба ҷонҳо расад.
Гар орад малик ҳеч бахшоише,
Расонад бад-ин кишвар осоише.
Дар ин посгаҳ рахнаҳое, ки ҳаст,
Иморат кунад, то шавад сангбаст.
Магар з-офати он биёбониён
Ба роҳат расад кори хазрониён».
Бифармуд шаҳ, то гузаргохи ку̅ҳ
Бибанданд хазрониён ҳамгуру̅ҳ.
Зи пу̅лоду арзизу аз хорасанг
Баророанд садде дар он роҳи танг.
Зи хоротарошони аҳкоми кор,
Ки бар ку̅ҳ донанд бастан ҳисор,
Фиристод халқе баанбу̅ҳро,
Гузар дод барбастан он ку̅ҳро.
Чу з-ободии рахна пардохтанд,
Ба азми шудан роят афрохтанд.
Шуд аз захмаи косаву захми ку̅с
Хаданг андар он бешаҳо обну̅с.
Малик боргаҳ су̅и саҳро кашид,
Инон роҳро доду манзил бурид.
Чу сайёраи чарх шабдиз ронд,
Ба ҳар бурҷ к-омад, саодат расонд.

Чу зулфи шаб аз ҳалқаи анбарӣ
Суман рехт бар тоқи нилуфарӣ,
Шаҳу лашкар аз ранҷи раҳсудагӣ
Расиданд лахте ба осудагӣ.
Тане чандро аз рақибони роҳ
Зи баҳри шабафсона биншонд шоҳ.
Аз эшон хабарҳои он кӯҳу дашт
Бипурсиду огаҳ шуд аз саргузашт.
Пас, он гоҳ аз ҳар нишебу фароз,
Ба гӯши малик баркушоданд роз.
Намуданд, к-«ин ҷо ҳисорест хуб,
Ки дур аст аз ӯ тундбоди ҷануб.
Яке санги минои минусиришт,
Ба зебоию хуррамӣ чун биҳишт.
Сарири сарафроз шуд номи ӯ,
Дар ӯ тахти Кайхусраву ҷоми ӯ.
Чу Кайхусрав аз мулк пардохт рахт,
Ниҳод андар он тоҷгаҳ ҷому тахт.
Ҳамон гӯрхона зи ғоре гузид,
К-аз оташ дар он ғор натвон хазид.
Ҳам аз тухмаи ӯ дар он пешгоҳ
Маликзодае ҳаст бар ҷумла шоҳ.
Парастиш кунад ҷои он шоҳро,
Нигаҳ дорад он ҷому он гоҳро».
Ҷаҳонмарзбон шоҳи гетинавард
Барафрӯхт, к-ин достон гӯш кард.
Куҷо бистадӣ фаррухоин дизе,
Чи аз зӯрманде, чи аз оҷизе.
Агар ошкоро будӣ, гар ниҳон,
Бар он диз шудӣ тоҷдори ҷаҳон.
Бидидӣ, диз аз диз фуруд омадӣ,
Ба дизбон-бар аз вай дуруд омадӣ.
Ба нодида дидан ҳаваснок буд,
Ба ҳар ҷо, ки шуд, чусту чолок буд.
Чу он шаб сифатҳои он диз шунид,
Ба диз диданаш рағбат омад падид.
Магар, к-аз куҳанҷоми кайхусравӣ
Диҳад маҷлиси мамлакатро навӣ.

## РАФТАНИ ИСҚАНДАР БА ҚАЛЪАИ САРИР

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, аз май дилам тоза кун,
Дар ин раҳ сабурӣ ба андоза кун.
Чароғи дилам ёфт беравғанӣ,
Ба май деҳ чароғи маро равшанӣ.

## АФСОНА

Чу рӯзи сапед аз шаби зоғранг
Баромад чу кофур аз ақсои Занг,
Фурӯзанда рӯзе чу фирдавси пок
Бароварда сар ганҷи Қорун зи хок.
Ҳаво софӣ аз дуду гетӣ зи гард,
Фалак рӯи худ шуста чун лоҷвард.
Ба узлат камар баста боди хазон,
Насими баҳорӣ зи ҳар сӯ вазон.
Ҳама кӯҳ – гулшан, ҳама дашт – боғ,
Ҷаҳон чашмравшан ба зирринчароғ.
Замона ба кирдори боғи биҳишт,
Замин аз гулу сабза минусиришт.
Ба фирӯзрои шаҳи некбахт
Ба тахти раванда баромад зи тахт.
Сари тоҷ барзад ба суфти сипеҳр,
Барафрохт роят, барафрӯхт чеҳр.
Замин хаста кард аз хироми сутур,
Гаронкӯҳро дар сар афканд шӯр.
Сипаҳ ронд аз он ҷо ба тахти сарир,
Ки то бинад он тахтро тахтгир.
Сарирӣ хабар ёфт, к-он тоҷдор
Бар он тахтгаҳ кард хоҳад гузор.
Зи фарҳанги фармондеҳ огоҳ буд,
Ки фирӯзу фаррух ҷаҳоншоҳ буд.
Зи тухми каён ҳеч касро накушт,
Ҳама ростонро қавӣ кард пушт.
Саронро расонид торак ба тоҷ,
Басе харҷҳо доду настад хироҷ.
Зи шодӣ ду манзил баробар давид,
Ба фарсангҳо фарши дебо кашид.
Зи нузле, ки будаш бад-он дастрас,
Ба ҳадде, ки ҳаддаш надонист кас.
Зи ҳар мӯина, к-он чу гул тоза буд,
Гаронмояҳо беш аз андоза буд.
Самури сияҳ рӯбаҳи сурхтеғ,
Ҳамон қоқуму қундузи бедареғ.
Вашақнифаҳое чу барги баҳор,
Бунафша бар ӯ рехта сад ҳазор.
Ғуломони гарданбарафрохта,
Якояк ҳама размро сохта.
Вушоқони мавкибрави зудхез,
Ба дидор тоза, ба рафтор тез.
Чу нузле чунин хубу ороста,
Равон карду бо ӯ басе хоста.
Ба устодкорони даргаҳ супурд,
Ки оҷиз шуд он кас, ки онро бибурд.

Даромад ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон,
Дуто кард қомат чу корогаҳон.
Ҷаҳоншоҳ бархост, номиш кард,
Ба шарти нишондан гиромиш кард.
Чу додаш зи давлат дуруде тамом,
Бипурсидаш аз қиссаи тахту ҷом,
Ки «Ҷоми ҷаҳонбину тахти каён
Чӣ гунаст бе фарри фаррухпаён?»
Саририй малик посухаш дод боз,
Ки «эй хатми шоҳони гарданфароз,
Каюмарс аз хайли ту чокаре,
Фаридун зи мулки ту фармонбаре.
Ситора камони туро тир бод,
Камандат сипеҳри ҷаҳонгир бод!
Калиде, ки Кайхусрав аз ҷом дид,
Дар оинаи дасти туст он калид.
Ҷуз ин нест фарқе, ки номусу ном
Ту з-оина бинию Хусрав зи ҷом.
Чу рафтанд шоҳони бедорбахт,
Туро бод ҷовид дайҳиму тахт!
Ба тахти ту офоқро бод нур,
Мабод аз сарат сояи тоҷ дур!
Чӣ мақсуд буд шоҳи офоқро,
Ки нав кард нақш ин куҳантоқро.
Паи борагӣ сӯи ин марз ронд,
Бару буми моро ба гардун расонд».
Ҷаҳонхусраваш гуфт, к-«эй номдор,
Зи кайхусравон тахтро ёдгор.
Чу шуд тахти ман тахти Ковусу Кай,
Ҳамон хӯрдам аз ҷоми Ҷамшед май.
Бад-ин ҷому ин тахти ороста
Диле дорам аз ҷой бархоста.
Дигар низ бинам, ки чун хуфт шоҳ,
Дар он ғор чун сохт оромгоҳ.
Пажӯҳандаи рози Кайхусравам,
Ту ин ҷо нишин, то ман он ҷо равам.
Бигирям бар он тахти бадроми ӯ,
Занам бӯсае бар лаби ҷоми ӯ.
Бибинам, ки он тахти хусравпаноҳ
Чӣ зорӣ кунад бо ман аз марги шоҳ.
В-аз он ҷоми ноҷонвар бишнавам,
Дуруде, к-аз ин ҷонвар баршавам.
Шуд оинаи ҷони ман зангх(в)ард,
Зидоям бад-он занг аз оина гард.
Бад-он дида дилро ҳаросон кунам,
Ба худ – бар ҳама кор осон кунам».
Сарирӣ зи гуфтори соҳибсарир
Бад-он достон гашт фармонпазир.

Фиристод пинҳон ба диздори хеш,
Ки пеш оварад барг аз андоза беш.
Камар бандаду чарбдастӣ кунад,
Ба сад меҳр меҳмонпарастӣ кунад.
Ишорат кунад, то рақибони тахт
Бисозанд бо шоҳи пирӯзбахт.
Ба ганҷинаи тахт бораш диҳанд,
Чу хоҳад, маи хушгувораш диҳанд.
Нишонанд бар тахти Кайхусраваш,
Фишонанд бар сар нисори наваш.
Дар он ҷоми фирӯза резанд май,
Ба фирӯзӣ оранд наздики вай.
Ба ҳар-ч он хуш ояд ба дандони ӯ,
Натобанд гардан зи фармони ӯ.
Чу бо устуворон бипардохт роз,
Ба шаҳ гуфт, к-«оҳанги рафтан бисоз.
Ман ин ҷо нишинам ба фармони шоҳ,
Чу шоҳ аз раҳ ояд, кунам азми роҳ».
Шаҳаншаҳ пазиро шуд он хонаро,
Ба ҳамхонагӣ бурд фарзонаро.
Тане чор-панҷ аз ғуломони хос,
Чу зарре, ки ояд бурун аз халос.
Суи тахтхона замин дарнабашт,
Ба боло шудан з-осмон баргузашт.
Баромад бар он сон, ки н-осуд ҳеч,
Бад-он чархи печон ба сад чарху печ.
Дизе дид, бо осмон ҳамнаворд,
Набурда касе номи ӯ дар набард.
Арӯсони диз шарбат омехтанд,
Дар он шарбат аз лаб шакар рехтанд.
Ниҳоданд шоҳона хони зараш,
Ҳамон хӯрданиҳо, ки буд дарх(в)араш.
Паричеҳрагони саройӣ чу моҳ,
Ҳама саф кашиданд бар гирди шоҳ.
Фурӯ монд ҳайрон дар он фарру зеб,
Ки симои давлат бувад дилфиреб.
Чу шаҳ з-он хуриш хурду шарбат чашид,
Суи тахти кайхусравӣ сар кашид.
Сарафкандаву баркашидакулоҳ
Даромад ба поини он тахтгоҳ.
Зи девору дар, гуфтӣ, омад хурӯш,
Ки Кайхусрави хуфта омад ба ҳуш.
Чунон буд фармони фармонгузор,
Ки бар тахт биншинад он тоҷдор.
Сари тоҷдорон баромад ба тахт,
Чу симурғ бар шохи заррин дарахт.
Нигаҳбони он тахти зарринсутун
Зи кони сухан рехт гавҳар бурун,

Ки «пирӯзии шоҳ бар тахти шоҳ
Намояд ба пирӯзии бахт роҳ.
Ҳамон гавҳари ҷоми ёқутсанҷ
Калидест бар қуфли бисёр ганҷ.
Бад-ин тахту ин ҷоми давлатпараст,
Басо ҷому тахто, ки орӣ ба даст».
Рақибе дигар гуфт, к-«эй шаҳрёр,
Надида чу ту шоҳ чандин диёр.
Чу бар тахти кайхусравӣ тохтӣ,
Сар аз тахти гардун барафрохтӣ».
Дигар нағзгӯе забон баркушод,
Ки «то чанд Кайхусраву Кайқубод?!
Чу з-ин тахта бозуи шаҳ шуд қавӣ,
Кунад кайқубодию кайхусравӣ.
Ҳама фоли хусрав дар он пештахт
Ба пирӯзбахтӣ бароvард бахт.
Шаҳ он тахтро чун ба худ соз дод,
Ба кайхусрави мурда ҷон боз дод.
Бар он тахт биншаст як дам, на дер,
Бибӯсид бар тахту омад ба зер.
Зи гавҳар бар он тахт ганҷе фишонд,
Ки ганҷурхона дар он хира монд.
Бифармуд, то курсии зар ниҳанд,
Ҳамон ҷоми фаррух баробар ниҳанд.
Чу курсӣ ниҳоданду хусрав нишаст,
Ба ҷоми ҷаҳонбин кашиданд даст.
Чу соқӣ чунон дид пайғомро,
Зи бода барафрӯхт он ҷомро.
Бари хусрав овард бо рою ҳуш,
Ки «бар ёди Кайхусрав ин май бинӯш.
Бихур, к-ахтари фаррухат ёр бод!
Бад-ин ҷом дастат сазовор бод!»
Чу шаҳ ҷомро дид, бар пой хост,
Бихӯрд он яке ҷому дигар нахост.
Бар он ҷом иқде зи бозуи хеш
Барафшонду биншасту бинҳод пеш.
Дар он тахти бетоҷвар бингарист,
Бар ои ҷоми бебода лахте гирист.
Гаҳ аз бешаробӣ, гаҳ аз бешаҳӣ
Масал зад бар он ҷому тахти тиҳӣ,
Ки «бе тоҷвар тахти заррин мабод!
Чу май нест, ҷоми ҷаҳонбин мабод!
Ба май равшаноӣ бувад ҷомро,
Баландӣ ба шаҳ тахти бадромро.
Чу шаҳ рафт, гӯ, тахт бишкан тамом,
Чу май рехт, гӯ, бар замин афт ҷом!
Шаҳеро бад-ин тахт бошад ниёз,
Ки бар тахти мину нахусбад ба ноз.

Касе, к-ӯ ба мину кашад рахтро,
Ба зиндон шуморад чунин тахтро.
Басо мурғро, к-аз чаман гум кунанд,
Қафас оҷу дом аз бирешум кунанд.
Чу аз шохи бустон кунад тавқу тоҷ,
На з-абрешимаш ёд бошад, на оҷ.
Аз онем дар ҷустани тоҷу тарг,
Ки фориғдилем аз шабехуни марг.
Баҳори чаман шох аз он баркашид,
Ки шамшери боди хазонро надид.
Кафал гирд карданд гӯрони дашт,
Магар шер аз ин гӯргаҳ даргузашт.
Гавазнон ба бозӣ барошуфтаанд,
Ҳизаброни ҳоил магар хуфтаанд?!
Ҳамон нофаи оҳувон мушк баст,
Магар чангу дандони юзон шикаст?!
Бад-ин ғофилӣ мегузорем рӯз,
Ки дар мо зананд оташи рахтсӯз.
Чӣ созем тахте чунин хирахир,
Ки бар вай шавад дигаре ҷойгир?
Кунем аз паи дигаре ҷой гарм,
Ки моро зи ҷое чунин бод шарм!
Чӣ суд инчунин тахт кардан ба пой,
Ки тахт аст моро, на тахт аст ҷой.
На тахти зар аст ин, ки ӯ ҷои мост,
К-аз оҳан яке кунда бар пои мост.
Чу бар тахт ҷовид натвон нишаст,
Зи тан пештар тахт бояд шикаст.
Чу дар ҷоми Кайхусрав обе намонд,
Ба ҷой обгина-ш набояд фишонд».

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ҒОРИ КАЙХУСРАВ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он ҷоми кайхусравӣ,
Ки нураш диҳад дидагонро навӣ.
Лаболаб кун аз бодаи хушгувор,
Бинеҳ пеши кайхусрави рӯзгор.

### АНДАРЗ

Шаҳо, шаҳрёро, ҷаҳондоваро!
Фалакпойгаҳ, муштарипайкаро!
Куҷо базми Кайхусраву рахти ӯ,
Сикандар, ки шуд бар сари тахти ӯ.
Чу он кавкаб аз бурҷи худ шуд равон,
Туӣ кавкабадори он хусравон.

Ҷаҳондорият ҳасту фармондиҳӣ,
Бад-он ҷон, агар дар ҷаҳон дил ниҳӣ.
Ҷаҳон гарчи дар сиккаи номи туст,
Замин гарчи фаррух ба ороми туст,
Манеҳ дил бар ин дилфиребон ба меҳр,
Ки бо меҳрубонон насозад сипеҳр.
Ҷаҳон бин, ки бо меҳрубонони хеш
Зи номеҳрубонӣ чӣ овард пеш.
Ба тахте, ки найрангсозӣ намуд,
Бад-он тахтгирон чӣ бозӣ намуд!
Ба ҷоме, ки як мастро шод кард,
Бар он ҷомдорон чӣ бедод кард!
Чу Кайхусрави ҳафт кишвар туӣ,
Вилоятситони Сикандар туӣ.
Дар оинаву ҷоми он ҳарду шоҳ
Чунон беҳ, ки беҳ бинӣ аз ҳарду роҳ.
Ба ҳар шуғл, к-имрӯз рой оварӣ,
Раҳоварди фардо ба ҷой оварӣ.
Туӣ тоҷбахше, к-аз он тоҷдор
Сарири падарро шудӣ ёдгор.
Ту шодӣ кун, ар шодхорон шуданд,
Ту боточӣ, ар тоҷдорон шуданд.
Дар ин боғи рангин чу парри тазарв,
На гул дар чаман монд хоҳад, на сарв.
Агар шуд сиҳисарв шоҳ Ахситон,
Ту сарсабз бодӣ дар ин гулситон!
Гар ӯ дошт аз неъматам баҳраманд,
Расонд аз заминам ба чархи баланд.
Ту з-он беҳтару бартарам доштӣ,
Дари боғро баста нагзоштӣ.
Фалак то бувад нақшбанди замӣ,
Мабандод бар ту дари хуррамӣ!
Маро аз каримони соҳибзамон
Туӣ монда боқӣ, ки боқӣ бимон.
Чӣ мегуфтаму дар чӣ пардохтам,
Куҷо будам ашҳаб, куҷо тохтам?!

## ДОСТОН

Чу Искандар он тахту он ҷом дид,
Сарире на дархурди ором дид.
Сарире, ки ҷуз осмонӣ бувад,
Базиндонкуни зиндагонӣ бувад.
Балиноси фарзонаро пеш хонд,
Ба наздики ҷоми ҷаҳонбин нишонд.
Назар хост аз вай дар оини ҷом,
Ки то рози ӯ бозҷӯяд тамом.
Чу доно назар кард дар ҷоми жарф,
Рақамҳои ӯ хонд ҳарфан ба ҳарф.

Бад-он ҷом аз он ҷо, ки пайванд буд,
Мусалсал кашида хате чанд буд.
Тамошои он хат басе сохтанд,
Ҳисобе ниҳон буд, бишнохтанд.
Ба шоҳу ба фарзонаи устод
Ададҳои хатро гирифтанд ёд.
Саранҷом, чун шоҳ аз он марзу бум
Гароянда шуд сӯи иқлими Рум,
Сутурлоби давре, ки фарзона сохт,
Бар оини он ҷоми шоҳона сохт.
Чу шоҳи ҷаҳон раҳ бад-он ҷом ёфт,
Дар он тахтгаҳ лахте ором ёфт.
Ба фарзона гуфто, ки «бар тахти шоҳ
Нахоҳам, ки созад кас оромгоҳ.
Тилисме бар он тахти фарзона баст,
Ки ҳар, к-ӯ бар он тахт созад нишаст,
Агар беш гирад замоне диранг,
Барандозадаш тахти ёқутранг.
Шунидам, ки он ҷунбиши дерпой
Ҳанӯз андар он тахт монда ба ҷой».
Чу шаҳ расми кайхусравӣ тоза кард,
Чу Кайхусрав оҳанги дарвоза кард.
Бурун омад аз дидани тахту ҷом,
Суи ғори Кайхусрав овард гом.
Нигаҳбони диз ранҷи бисёр бурд,
Ки то шохро сӯи он ғор бурд.
Чу шаҳ шуд ба наздики он ғори танг,
Даромад паи бодпоён ба санг,
К-аз он раҳраваш буд бардошта,
Ба хору ба хоро баранбошта.
Намояндаи ғор бо шоҳ гуфт,
Ки «Кайҳусрав, инак дар ин ғор хуфт.
Раҳе дорад аз соиқа сӯхта,
Зи печиш камар дар камар дӯхта.
Ба ғорат мабар ганҷи ғоре чунин,
Барандеш лахте зи коре чунин.
Ба чангу ба дандон раҳаш руфта гир,
Чу Кайхусрав он ҷо фурӯ хуфта гир.
Сабаб ҷустани пардагиҳои роз
Кунад кори ҷӯяндагонро дароз.
Аз ин ғор бояд инон тофтан,
Ба ғор аждаҳоро тавон ёфтан».
Сикандар зи гуфтори ӯ рӯй тофт,
Пиёда суи ғори Хусрав шитофт.
Давон раҳбар аз пешу фарзона пас,
Ғуломе ду бо ӯ, дигар ҳеч кас.
Ба тадриҷ аз он раҳгузарҳои сахт
Ба даҳлези ғор андаровард рахт.

Чу ганҷинаи ғораш омад ба даст,
Ҳаросанда шуд марди яздонпараст.
Шикофе кухан дид дар нофи санг,
Раҳе сӯи он рахна торику танг.
Ба сахтӣ дар он ғор шуд шаҳрёр,
Нишоне магар ёбад аз ёри ғор.
Чу лахте шуд, он оташ омад падид,
Ки шуд сӯхта, ҳар кӣ он ҷо расид.
Ба фарзона гуфт: «Ин шарор аз куҷост?
Дар ин ғори танг ин бухор аз куҷост?
Нигаҳ кард фарзона дар ғори танг,
Ки оташ чӣ метобад аз хорасанг.
Фурӯзанда чоҳе дар ӯ дид жарф,
Ки метофт з-он чоҳ нуре шигарф.
Аз он равшаноӣ кас огаҳ набуд,
Ки ҷӯяндаро сӯи он раҳ набуд.
Бад-он равшанӣ раҳ басе бозҷуст,
Бар ӯ роҳи равшан намешуд дуруст.
Расан дар миён баст марди далер,
Фурӯ шуд дар он чоҳи рахшанда зер.
Нишон ҷуст аз он оташи тобнок,
Ки чун медамад равшанӣ з-он мағок.
Пароканда не, оташе гирд буд,
Чу дид андар ӯ, кони гӯгирд буд.
Хабар дод, то баркашандаш зи чоҳ,
Баромад, дуо гуфт бар ҷони шоҳ,
Ки бояд ба зудӣ намудан шитоб,
Аз ин чоҳ, к-оташ барояд, на об.
Дар ӯ кони гӯгирд афрӯхтаст,
Зи гӯгирди ӯ гирди ӯ сӯхтаст.
Хабар дошт он, к-ӯ дар ин ғор хуфт,
Ба гӯгирд аз он кимиёро ниҳуфт.
Дуруде шаҳаншаҳ бар он ғор хонд,
Бурун рафту атре бар оташ фишонд.
Чу беруни ғор омаду роҳ ҷуст,
Нашуд ҳеч ҳанҷор бар вай дуруст.
Шунидам, ки абре зи дарёи жарф
Баромад ба авҷу фурӯ рехт барф.
Аз он барф сар дар ҷаҳон дошта,
Дара то гарева шуд анбошта.
Сикандар дар он барф саргашта монд,
Чу барф аз мижа қатраҳо мефишонд.
Муқимони он диз хабар ёфтанд,
Суи рахнаи ғор биштофтанд.
Ба чӯбу лагад роҳро кӯфтанд,
Ба найрангҳо барфро рӯфтанд.
Ба чорагарӣ шоҳ аз он кунҷи ғор
Бурун омаду рафт бар кӯҳсор.

Чу ин сабзтовуси ҷилванамой
Сапед устухоне рабуд аз ҳумой,
Ҳумоюнкуни тоҷу гоҳу сарир
Фуруд омад аз тоҷгоҳи сарир.
Суи навбатигоҳи худ боз гашт,
Баланд ахтараш боз дамсоз гашт.
Баросуд аз он тафтану тофтан,
Ҳароси дизу ранҷи раҳ ёфтан.
Тане, к-он ҳама молишу тоб ёфт,
Ба молишгар осоишу хоб ёфт.
Фурӯ хуфт, к-осоиш омад падид,
Шуд осуда, то субҳи содиқ дамид.
Чу субҳи дувум сар бар афлок зад,
Шафақ шишаи бода бар хок зад.
Биёрост ин биркаи лоҷвард
Сафоли заминро ба райҳони зард.
Бифармуд шаҳ базме оростан,
Маю маҷлису нуқл дархостан.
Сарири маликро суи базм хонд,
Ба кекӯтарин ҷойгоҳе нишонд.
Маи лаъл бигрифт бо ӯ ба даст,
Чунин то шуданд аз май он рӯз маст.
Ба бахшиш даромад кафи марзбон,
Дари ганҷ бикшод бар мизбон.
Ғанӣ кардаш аз додани тавқу тоҷ,
Ҳамаш тоҷи зар доду ҳам тахти оҷ.
Мукаллал ба гавҳар қабое паранд,
Чу Парвин ба гавҳаркашӣ арҷманд,
Зи пирӯзаҷоме турунҷинамой,
Ки як нима норинҷро буд ҷой,
Яке нисфии лаъли мадҳун ба зар,
Беҳ аз нордона чу як нори тар.
Зи лаълу зумурруд яке тахтанард,
Бисоте зи ёқуту зар сурху зард.
Зи буллӯри тобанда хоне фарох
Чу насрини тар бар сари сабзшох.
Таковар даҳ асби мурассаъфисор,
Ҳама зери ҳаррои гавҳарнигор.
Сад уштур қавипушту молидарон,
Арақ карда дар зери бори гарон.
Зи сарбастаҳое, ки дар бор буд,
Ҷавоҳир ба ман, зар ба харвор буд.
Қабоҳои хос аз паи ҳар касе,
Қабо бодлиҳои заркаш басе.
Зи бас туҳфаву хилъату хоста
Сарири сарирӣ шуд ороста.
Бад-он дастгаҳ дасти шаҳ бӯса дод,
Ба навбатгаҳи хештан рафт шод.

Шаҳаншаҳ бизад кӯсу лашкар биронд,
Сари рояти худ ба гардун расонд.
Аз он кӯҳпоя даромад ба дашт,
Суи жарфдарё замин дарнавашт.
Дар он дашт як ҳафта нахчир кард,
Паси ҳафтае кӯч тадбир кард.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА РАЙ ВА ХУРОСОН

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он ҷоми заррин биёр,
Ки монд аз Фаридуну Ҷам ёдгор.
Маи ноб деҳ ошиқи нобро,
Ба мастӣ тавон кардан ин хобро.

### АНДАРЗ

Дило, чанд аз ин бозӣ ангехтан,
Ба ҳар даст ранге баромехтан?!
Дарахти ҳаво руста шуд бар дарат,
Бипечон сараш, то напечад сарат.
Маи ноб нохӯрда, мастӣ макун,
Агар мехурӣ, бутпарастӣ макун.
Чу бе заъфарон гаштаӣ ханданок,
Махур заъфарон, то нагардӣ ҳалок.
Чу шоҳон макун хуб хушхорагӣ,
Ҳаросон шав аз рӯзи бечорагӣ.
Аз ин оташинхонаи сахтҷӯш
Касе ҷон барад, к-ӯ бувад сахткӯш.
Зи сахтӣ ба сахтӣ тавон рахт бурд,
Ба гӯгирду нафт оташи кас намурд.

## ДОСТОН

Гузорандаи тахтаи солх(в)ард
Чунон даркашад нақшро лоҷвард,
Ки чун хусрав аз тахти кайхусравӣ
Суи лашкар омад ба чобукравӣ,
Нишаста яке рӯз болои тахт,
Ба андешаи кӯч мебаст рахт.
Шитобанда пайке даромад чу бод,
Ба оини пайкон замин бӯса дод.
Ба шоҳи ҷаҳон рози пӯшида гуфт,
Хабар додаш аз ошкору ниҳуфт,
Ки «бар остонбӯсии боргоҳ
Зи тахти Ситахр омадам назди шоҳ.

Нажодамалик ноиби шаҳрёр
Суханро чунин менамояд иёр,
Ки то шоҳ бар ҳаллу ақде ки дошт,
Ниёбаткуни хештанро гумошт.
Чунон доштам мулкро пешу пас,
Ки озорише н-омад аз кас ба кас.
Ба шарте, ки дар аҳди шаҳ доштам,
Пазируфтаҳоро нигаҳ доштам.
Биҳамдиллаҳ, аз ҳеч болову паст
Наёмад дар ин мулк мӯе шикаст.
Валекин чу гарданда омад сипеҳр,
Бигардад ҷаҳон аз сари кину меҳр.
Замона ба неку бад обистан аст,
Ситора гаҳе дӯст, гаҳ душман аст.
Накишта дарахте баромад зи Рай,
Кунад даъвӣ аз тухми Ковуси Кай.
Газоянда ифрите ошӯбнок,
Шитобанда чун аждаҳо бар ҳалок.
Шубонон, ки оҳупарастӣ кунанд,
Зи тираш ҳама чӯбдастӣ кунанд.
Ҳамон белзан марди олатшинос
Кунад белкашро ба беле қиёс.
Баровarда гардан чу Аҳримане,
Фиканда ба ҳар шаҳр-дар шеване.
Сару тоҷе аз даъвӣ ангехтаст,
Ба номус ранге баромехтаст.
Парокандае чандро гирд кард,
Ки аз оби дарё баророанд гард.
Зи пирӯзии худ диловар шудаст,
Ҳамоно, ки танҳо ба довар шудаст.
Сару сими он банда дар сар шавад,
Ки бо хоҷаи худ ба довар шавад.
Хуросониёнаш инон мекашанд,
Ба пайкори шаҳ дар миён мекашанд.
Зи ҳадди Нишопур то хоки Балх
Кунандаш ба сафрои мо ком талх.
Ба сархайлии фитна барбаст мӯй,
Суи тоҷгоҳи ту овард рӯй.
Чунин фитнаеро, ки шуд гарми кин,
Агар хурдабинӣ, ба хурдӣ мабин.
Зи хурдон басе фитна ояд бузург,
Ки дар пой пайкон бувад каъби гург.
Гар ин фитна монад чунин дербоз,
Кунад даст бар шуғли шоҳӣ дароз.
Шаҳ, ар моҳи ӯ дарнаёрад ба меғ,
Сари тахт хоҳад гирифтан ба теғ.
Чу боз аз нишеман кушояд давол,
Шикаста шавад кабкро парру бол.

Маро лашкаре нест чандон ба зӯр,
К-аз ӯ чашми бадро тавон кард кӯр.
Сарони сипаҳ дар вилоят каманд,
Ба даргоҳи шоҳаншаҳи оламанд.
Ҳаме ҳар чӣ рӯз ояд, он девзод
Қавидаст гардад, ки дасташ мабод!
Ба ҷуз сарсари бодпоёни шоҳ
Кас ин гардро барнадорад зи роҳ».
Чу андар сухан пайк чустӣ намуд,
Ба нома суханро дурустӣ намуд.
Ба неку бад аз розҳои ниҳуфт
Ҳамон буд дар нома, к-оранда гуфт.
Шаҳи шердил, хусрави пилтан,
Дар он доварӣ гуфт бо хештан:
«Маро тахти Кайхусрав ин ҷо ба зер,
Ба тахти ман он ҷо дигар кас далер.
Бад-он достон монад ин тоҷу тахт,
Ки аз ҳиндуе ҳиндуе бурд рахт.
Савобончунон шуд, ки орам шитоб,
Ки озарми душман бувад носавоб».
Магар мавкиби шоҳ буд осмон,
Ки н-осуд бар ҷои худ як замон,
Ҷаҳон корвон, шоҳ солор буд,
Дар он корвон бор бисёр буд.
Зи ҳар гӯшае бор меуфтод,
Ҳамон кор дар кор меуфтод.
Дар он корҳо ёвар ӯ буду бас,
Паноҳандаро гашт фарёдрас.
Чу толеъ ҷаҳонгардӣ орад ба пеш,
Нашояд задан кунда бар пои хеш.
Бурун рафт аз он кӯчгаҳ шаҳрёр
Савоҳил-савоҳил ба дарёканор.
Сипоҳаш зи маҳ бурда роят бурун,
Сутуне баровардa то Бесутун.
Ба сайдафканӣ менабаштанд роҳ,
Ки ҳам сайд хуш буду ҳам сайдгоҳ.
Зи бори гарон хӯша хам гашта буд,
Таку тоби нахҷир кам гашта буд.
Зи бас рӯди хезон лаби рӯдбор
Нишонда зи рухсори гетӣ ғубор.
Зи барқ омада абри найсон ба ҷӯш,
Баровардa тундар ба тундӣ хурӯш.
Раги рустанӣ дар замин гашта сахт,
Ба рақс омада баргҳои дарахт,
Зи гулбоми шаббобаи зандбоф
Дарида сабо шаъри гул то ба ноф.
Хироманда бар рахши беҷоданаъл
Гули лаъл дар зери гулнори лаъл.

Ду навбова, ҳам туду ҳам барги туд
Зи ҳалвову абрешим оварда суд.
Замин чун зару об чун лоҷвард
Чу дебои нимазраку нимзард.
Навои чаковак беҳ аз бонги руд,
Бароварда бо даштбонон суруд.
Гиреҳ бар камар барзада соқи ҷав,
Расида ба деҳқон дуруди дарав.
Шикам карда оҳуи саҳро бузург,
Бар ӯ тезтар гашта дандони гург.
Паи гӯр чун заҳраи гов суст,
Гавазн аз биёбон раҳи кӯҳ ҷуст.
Зи нав зодани оҳувони сара
Ҷаҳон дар ҷаҳон яксар оҳубара.
Ҷаҳондор бо сайду бо руду ҷом
Ҳамекард манзил ба манзил хиром.
Чу гулпечи якрӯзаи моҳи нав.
Ба халхоли якҳафта шуд бар гарав,
Зи паргори он ҳалқа баркард сар,
Ки хонандаш имрӯз халхоли зар.
Ба Гелон даромад ба кирдори абр,
Бад-он сон, ки дар беша ояд ҳижабр.
Ҳар оташгаҳе, к-омад он ҷо ба даст,
Чу ях сард кардаш бар оташпараст.
Чу бишкаст бар ҳирбад пуштро,
Барандохт оини Зардуштро.
Зи Гелон бурун шуд, даромад ба Рай,
Ба афкандани душман афканд пай.
Бар оташпарастон сиёсат намуд,
Баровард аз он дуда якбора дуд.
Чу душман хабар дошт, к-омад паланг,
Ба сӯрох даршуд чу рӯбоҳи ланг.
Ба оворагӣ дар Хуросон гурехт,
В-аз он қоими Рай ба қоим бирехт.
Чу донист хусрав, ки дижхими ӯ
Гурезон шуд аз фарри дайҳими ӯ,
Гурозе гурезандаро пай гирифт,
Шабехун заду роҳ бар вай гирифт.
Чунон тезрав шуд, ки дарёфташ,
Ба захме сар аз мулк бартофташ.
Чу бадхоҳро дар гил оганда кард,
Парокандагонро пароканда кард.
Ҳамон ҷо, ки бадхоҳро кушта буд,
Ба наздики саҳро яке пушта буд.
Ба шукронаи давлати тандуруст,
Бар он пушта бунёде афканд чуст.
Ба ҳаррои ганҷаш чу бадром кард,
Ба паҳлавзабонаш Ҳарӣ ном кард.

Чу ганҷинаи он бино баркашид,
Ба шаҳри Нишопур лашкар кашид.
Ду баҳри ҷаҳонро дар он шаҳр ёфт,
Ҳавохоҳи худро яке баҳр ёфт.
Дигар баҳр аз ӯ табли Доро заданд,
Дами дӯстиш ошкоро заданд.
Зи Доро малик рояте доштанд,
Малик зери он роят англоштанд.
Чунон роятеро ба номуси шоҳ
Барангехтандӣ ба номусгоҳ.
Сикандар басе пой дар кин фишурд,
Зи кас меҳри Доро нашоист бурд.
Ҳамон дид чора дар он доварӣ,
Ки ёрони худро кунад ёварӣ.
Зи навбатгаҳи худ ба фарҳангу рой
Кунад рояти дигар он ҷо ба пой.
Аз он роят он буд мақсуди шоҳ,
Ки роят зи роят бувад кинахоҳ.
Чу донист, к-он шаҳри Доропараст
Ба ҷаҳди Сикандар наёяд ба даст,
Хусуматгаҳе сохт, то нафхи сур,
Ки аз созгорӣ шуд он шаҳр дур,
Хусуматгарон гашта дар хок паст,
Ҳанӯз он хусумат дар он хок ҳаст.
Чу зад лашкари кабкро бар тазарв
Зи мулки Нишопур шуд сӯи Марв.
Бикушт оташи ҳирбадхонаро,
В-аз оташ пароканд парвонаро,
Ба Балх омаду оташи Зардуҳушт
Ба тӯфони шамшер чун об кушт.
Баҳоре дилафрӯз дар Балх буд,
К-аз ӯ тозагулро даҳан талх буд.
Парипайкароне дар ӯ чун нигор,
Санамхонаҳое чу хуррамбаҳор.
Дар ӯ беш аз андоза динору ганҷ
Ниҳода ба ҳар гӯша бедастранҷ.
Зада мӯбадаш наъли заррин бар асб,
Шуда номи он хона Озаргушасб.
Чу хусрав бар он ганҷдон даст ёфт,
Муғонро зи ҷоми муғон маст ёфт.
Биҳишти санамхона беҳур кард,
Зи дӯзах парастандаро дур кард.
Бипардохт он ганҷи деринаро
В-аз ӯ дод марҳам басе синаро.
Ба гирди Хуросон баромад тамом,
Ба ҳар шаҳре овард лахте мақом.
Ба мағзи Хуросон дарафканд ҷӯш,
Хуросониёнро бимолид гӯш.

Ба ҳар ноҳият кард мавкиб равон,
Ки ёригараш буд бахти ҷавон.
Хуросону Кирмону Ғазнину Ғур
Бипаймуд ҳар як ба сумми сутур.
Ба ҳар шаҳр, к-омад ба шодӣ фароз,
Дари шаҳр карданд бар шоҳ боз.
Ҷаҳон гаштанаш гарчи бо ранҷ буд,
Ҳама роҳи ӯ ганҷ бар ганҷ буд.
Ба ҳар манзиле, к-ӯ гирифтӣ қарор,
Гаронсанг будӣ зи ганҷина бор.
Заминро ба ганҷе биянбоштӣ,
Гузаштию дар хок бигзоштӣ,
Заре, к-одамиро кунад бимнок,
Чи дар сулби оташ, чи дар нофи хок.
Халоиқ, ки зар дар замин мениҳанд,
Бар ӯ қуфлу банд оҳанин мениҳанд.
Чу бод омаду хокашонро рабуд,
Бар ӯ-бар задан қуфли оҳан чӣ суд?

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ҲИНДУСТОН

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он зарри бигдохта,
Ки гӯгирди сурх аст аз ӯ сохта.
Ба ман деҳ, ки то з-ӯ давое кунам,
Миси хешро кимиёе кунам.

## АНДАРЗ

Фарас хуштарак рон, ки саҳро х(в)аш аст,
Инон дармакаш, борагӣ дилкаш аст.
Ба некӯтарин ном аз ин ҷои зишт
Бибояд шудан сӯи боғи биҳишт.
Набояд ниҳодан бар ин хок дил,
К-аз ӯ ганҷи Қорун фурӯ шуд ба гил,
Раҳи растгорӣ дар афкандагист,
Ки хуршед ҷамъ аз парокандагист.
Ҳаме то бувад роҳ пурнештар,
Дар ӯ суди бозоргон бештар.
Чу эмин шавад раҳ зи хунхорагон,
Дар ӯ кам бувад суди бозоргон.
Дар он ганҷхона, ки зар ёфтанд,
Раҳ аз аждаҳо пурхатар ёфтанд.

## ДОСТОН

Ҳамон чарбгӯмарди ширингузор
Чунин чарбӣ ангехт аз мағзи кор,

Ки чун шаҳ ба Ғазнин даромад зи Балх,
Ба як сӯ шуд аз оби дарёи талх.
Зи бас сар, ки бар остон омадаш,
Таманнои Ҳиндустон омадаш.
Дар ин шуғл бо зиракон рой зад,
Ки «давлат маро бӯса бар пой зад.
Ҳама мулки Эрон маро шуд тамом,
Ба Ҳиндустон дод хоҳам лагом.
Чу ман сар суи Кайди ҳинду ниҳам,
Аз ӯ кинаву кайд яксӯ ниҳам.
Гар ояд ба хидмат чу дигар касон,
Набошам бар ӯ ҷуз иноятрасон.
В-агар бо ман ӯ сар дарорад ситез,
Ману гардани Кайду шамшери тез.
Зи паҳлӯ ба паҳлӯ бигардонамаш,
Нишинад ба ҷое, ки биншонамаш.
Чу маркаб суи роҳи дур оварам,
Сари теғ бар фарқи фур оварам.
Чу аз фури фурон рабоям кулоҳ,
Суи хони хонон гароям сипоҳ.
В-аз он ҷо шавам сӯи Чочу Тароз,
Заминро навардам ба як турктоз».
Далерони лашкар, бузургони базм
Пазиро шудандаш бад-он рою азм.
Ба рӯзе, ки некахтарӣ ёр буд,
Намудори давлат падидор буд.
Сикандар барафрохт сар бар сипеҳр,
Равон кард маркаб чу рахшанда меҳр.
Зи Ғазнин даромад ба Ҳиндустон,
Раҳ аз мавкибаш гашт чун бӯстон.
Бар он шуд, ки дар мағз тоб оварад,
Суи Кайди ҳинду шитоб оварад.
Ба тороҷи мулкаш дарояд чу меғ,
Диҳад мулки ӯро ба тороҷи теғ.
Дигар раҳ ба фармони фарзонагон
Накард, он чи ояд зи девонагон.
Ҷарида яке қосиди тезгом
Фиристоду додаш ба ҳинду паём,
Ки гар ҷангроӣ, бурун каш сипоҳ,
Ки инак, расидам чу абри сиёҳ,
В-агар бар парастиш миён бастаӣ,
Чунон дон, ки аз теғи ман растаӣ.
Сари наргис он гаҳ дарояд зи хоб,
Ки резад бар ӯ абри боранда об.
Гул он гаҳ аморӣ дарорад ба боғ,
Ки хуршедро гарм гардад димоғ.
Биҷӯшам, биҷӯшад ҷаҳон аз шикӯҳ,
Биҷунбам, биҷунбад ҳама дашту кӯҳ.

Ба ҷое нахусбад уқоби далер,
Ки обе тавон бастан ӯро ба зер.
Гар он ҷо зи сар мӯе ангехтаст,
Бад-ин ҷо сар аз мӯе овехтаст.
В-агар ҳаст кӯҳи шумо теғдор,
Кунад теғи ман кӯҳро ғор-ғор.
Гар аз баҳри ганҷ орам он ҷо фиреш,
Ба мағриб зари мағрибӣ ҳаст беш.
Гарам ҳаст бар хубрӯён шитоб,
Ба Хоразм равшантар аст офтоб.
Ҷавоҳир начӯям дар ин марзу бум,
К-аз ин моя бисёр дорам ба Рум.
Ба Ҳинд омадан теғи ҳиндӣ ба даст,
Кабоби тарам бояд аз пили маст.
Махур абраи Ҳинд бе ёди ман,
Ки ҳиндутар аз туст пӯлоди ман.
Чу сар боядат, сар матоб аз хироҷ,
Вагарна на сар бо ту монад, на тоҷ.
Фиристода омад ба даргоҳи Кайд,
Сухан дарҳам афканд чун доми сайд.
Фурӯ гуфт бо ӯ суханҳои тез,
Гудозонтар аз оташи растахез.
Чу Кайд ончунон оташи тез дид,
Аз ӯ растгорӣ ба парҳез дид,
Ки хобе дар он доварӣ дида буд,
Зи таъбири он хоб тарсида буд.
Дигар, к-аз ҷаҳонгирии шаҳрёр
Хабар дошт, к-ӯро сипеҳр аст ёр.
Гаҳи кина бо шоҳ Доро чӣ кард,
Зи ҳадди Ҳабаш то Бухоро чӣ кард.
На рой омадаш рӯй аз ӯ тофтан,
Зи фармон суи фитна биштофтан.
Бидонист, к-ӯро дар он тоби тез
Чӣ гуна зи худ боздорад ситез.
Ба хоҳиш намудан забон баркушод,
Басе офарин шоҳро кард ёд,
Ки «Чун дар ҷаҳон ӯст ҳушёртар,
Ҷаҳондорӣ ӯро сазовортар.
Ҳамаш пояи тахт бар моҳ бод!
Ҳам озармро сӯи ӯ роҳ бод!
Набудаст ҷуз меҳри ӯ кори ман,
Сабаб чист, к-ояд ба пайкори ман?
Агар ганҷ хоҳад, фидо созамаш,
Гар афсар, ҳам аз сар бияндозамаш.
В-агар майл дорад ба ҷони х(в)ашам,
Ба дандон гирифта, ба хидмат кашам.
В-агар бандаеро фиристад зи роҳ,
Супорам бад-ӯ ганҷу тахту кулоҳ.

Зи мавлоию чокарӣ нагзарам
Сикандар худованду ман чокарам.
Гар ӯ нозиш орад, ман орам ниёз,
Магар гардад аз банда хушнуд боз.
В-агар божгуна бувад доварӣ,
Ки шаҳ майл дорад ба киноварӣ,
Зи пархоши ӯ пеш гирам раҳил,
Наяндозам ин дабба дар пои пил.
Чу ман сар бигардонам аз разми ӯ,
Шавад ботил аз хуни ман азми ӯ.
Агар рой дорад, ки кам гирадам,
Ба поям, чӣ дарди шикам гирадам?!
Гар орад сипаҳ, пои ман ланг нест,
Дигар сӯ гурезам, ҷаҳон танг нест.
Бале, гар кунад аҳд бо ман нахуст,
Ба шарте, ки он аҳд бошад дуруст,
Ки н-орад ба ман ғадру ғоратгарӣ,
В-аз ин дар ба як сӯ ниҳад доварӣ.
Диҳам чор чизаш, ки бе панҷуманд,
Ба навбовагӣ бартар аз анҷуманд.
Яке, духтари худ фиристам ба шоҳ,
Чӣ духтар, ки тобанда хуршеду моҳ.
Дувум, нӯшҷоме зи ёқути ноб,
К-аз ӯ кам нагардад ба хӯрдан шароб,
Севум, файласуфе ниҳоникушой,
Ки бошад ба рози фалак раҳнамой.
Чаҳорум, пизишке хирадманду чуст,
Ки ноландагонро кунад тандуруст.
Бад-ин туҳфа шаҳро шавам ҳақшинос,
Агар шаҳ пазирад, пазирам сипос».
Фиристода пазруфт, к-«ин ҳар чаҳор
Агар туҳфа созӣ бари шаҳрёр,
Дар ин кишварат шоҳи номӣ кунад,
Ба пайванди хешат гиромӣ кунад.
Зи номоварон баркашад номи ту,
Натобад сар аз ҷустани коми ту».
Чу ҳиндумалик дид, к-он покмағз
Надорад бад-ин кор-дар пойлағз,
Зи пирони ҳинду яке номдор
Фиристод бо қосиди шаҳрёр.
Бад-ин шарт паймоне ангехта,
Сухан чарбу ширин баромехта.
Фиристодагон бозгаштанд шод,
Ҳамон қосиди пири ҳиндунажод.
Суи даргаҳи шаҳрёр омаданд,
Дар он боғ чун гул ба бор омаданд.
Чу ҳинду саропардаи шоҳ дид,
Маҳи хайма бар хаймаи моҳ дид.

Даромад, заминро ба торак біруфт,
Паёме, ки овард, бо шоҳ гуфт.
Чу пешина пайғомҳо гуфта шуд,
Сухан ронд аз онҳо, ки пазруфта шуд
Сифат кард аз он чор пайкар ба шоҳ,
Ки касро набуд ончунон дастгоҳ,
Дили шаҳ аз он орзу ҷӯш ёфт,
Талаб кард чашм,он чи дар гӯш ёфт.
Ба азме, ки он тӯҳфа орад ба чанг,
Набуд аз шитобаш замоне диранг.
Пас, он гоҳ бо ҳиндуи нармгӯй
Ба савганду паймон шуд озармҷӯй.
Балиносро бо дигар меҳтарон
Фиристоду сарбаста ганҷе гарон.
Яке нома к-алмосро мум кард,
Ҳама Ҳиндро ҳиндуи Рум кард,
Набишт аз Сикандар ба Кайди далер,
Зи тундаждаҳое ба ғуррандашер.
Фиребандагиҳо дар ӯ бешумор,
Ки ояд нависандагонро ба кор.
Басе шарт бар узри озарми ӯ
Барангехта бо дили гарми ӯ.
Чу номанавис ин васиқат навишт,
Мисоле ба кофуру анбар сиришт.
Балинос бо кордонони Рум
Суи Кайд рафтанд аз он марзу бум.
Чу донои румӣ дар он турктоз
Ба лашкаргаҳи ҳинду омад фароз,
Дили Кайди ҳинду пур аз нур ёфт,
Зи кайде, ки ҳинду кунад, дур ёфт.
Парастиш намудаш ба оини шоҳ,
Ки соҳибкамар буду соҳибкулоҳ.
Бибӯсид бар номаву пеш бурд,
Калиди хизона ба ҳинду супурд.
Фурӯ хонд нома дабири далер,
Ки аз ҳайбат афтод гардун ба зер.

## РАСИДАНИ НОМАИ ИСКАНДАР БА КАЙДИ ҲИНДУ

Чунин буд дар номаи шоҳи Рум,
Ба лафзе, к-аз ӯ гашт хоро чу мум.
Пас аз номи дорандаи меҳру моҳ,
Ки андешаро сӯи ӯ нест роҳ,
Худованди фармону фармонбарон,
Фиристандаи ваҳйи пайғамбарон,
Зи фармони ӯ зери чархи кабуд
Басе дода бар некномон дуруд.

Сухан ронда он гаҳ, ки «Эй паҳлавон,
Ки пуштат қавӣ боду бахтат ҷавон!
Бар он буд роям, ки азм оварам,
Ба кӯпол бо пил разм оварам.
Намоям ба гетӣ яке дастбурд,
Ки гардад зи кӯполи ман кӯҳ хурд.
Ба Ҳиндустон дарзанам оташе,
Намонам дар он бум гарданкаше,
Каманд афканам дар сари жандапил,
Зи хун бехи рӯян барорам зи нил.
Ҳама хоки ӯро ба хун тар кунам,
Ҳамон обро хок бар сар кунам.
Чу ту рӯй дар оштӣ доштӣ,
Инон барнапечидам аз оштӣ.
Ба ширин суханҳои ҷонпарварат
Худованд будам, шудам чокарат.
Диламро ба зинҳор зеҳ барзадӣ,
Ба ҷодузабонӣ гиреҳ барзадӣ.
Чунон кун, ки ин аҳди некӯнамой
Дар абнои мо дер монад ба ҷой.
Гар он чор гавҳар фиристӣ ба ман,
Кунам бо ту аҳде дар ин анҷуман,
Ки гар ҳафт кишвар шавад пурсипоҳ,
Нагардад зи мулки ту мӯе табоҳ.
Ба ҳар неку бад бо ту ёрӣ кунам,
Бад-ин гуфтаҳо устуворӣ кунам».
Фиристода чун нома бар Кайд хонд,
Дуруди фиристанда бар вай расонд.
Зи афсуну афсонаи дилнавоз
Дари ҷодуиҳо бар ӯ кард боз.
Зи Кайду фусунҳои ҷодуи ӯ
Шуда Кайд якбора ҳиндуи ӯ.
Шунидам, ки ҷодуи ҳинду басест,
Нахондам, ки ҷодуи ҳинду касест.
Чу лахте сухан ронд бар ҷои хеш,
Раҳоварди оварда овард пеш.
Дили Кайди ҳинду баромад зи ҷой,
Ҷаҳонҷӯйиро шуд парастишнамой.
Басе кард бар шаҳрёр офарин,
Ки бе ӯ мабодо замону замин!
Фиристодаи кордонро навохт,
Замон хост як ҳафта, то кор сохт.
Чу шуд ҳафтаву кор шуд сохта,
Басечанда аз кор пардохта.
Ба фармонбарӣ шоҳро саҷда бурд,
Пазируфтаҳоро ба қосид супурд.
Ҷуз он чор пирояи арҷманд,
Гаронмояҳои дигар дилписанд,

Зи ганҷу зару зевару лаъли дур
Басе пушти пилон зи ганҷина пур.
Зи пӯлоди ҳиндӣ басе борҳо,
Зи уду зи анбар ба харворҳо.
Чу кӯҳи раванда чиҳил жандапил,
Ки нагзошт аз нофашон рӯди Нил.
Се пили сапед аз паи тахти шоҳ,
К-аз эшон шудӣ рӯзи душман сиёҳ.
Балиносро низ ганҷе тамом,
Ҳам аз мушки пухта, ҳам аз уди хом.
Паридухтро дар яке маҳди уд,
Ки маҳди фалак бурдӣ ӯро суҷуд,
Равон кард бо инчунин ганҷҳо,
Ҷаҳон бурда бар ҳар яке ранҷҳо.
Балинос аз ин сон зару зеваре,
Ки буданд ҳар як беҳ аз кишваре.
Ба назди ҷаҳондовари хеш бурд,
Ҷаҳондоварӣ бин, ки чун пеш бурд.
Чу шаҳ дид ганҷи фиристодаро,
Чаҳор орзуи худододаро,
Бад-он ганҷҳо унчунон шод шуд,
Ки ганҷинаи Румаш аз ёд шуд.
Фиканд озмоиш бад-он чор чиз,
Чунон буд, к-ӯ гуфт в-аз он беш низ.
Чу дар об ҷоми ҷаҳонтоб дид,
Зи як шарбаташ халқ сероб дид.
Чу бо файласуф омад андар сухан,
Хабар ёфт аз корҳои куҳан.
Пизишки муборак чу барзад нафас,
Зи тан бурд беморӣ, аз дил ҳавас.
Чу навбат бад-он ганҷи пинҳон расид,
Зи Ҳиндустон чинӣ омад падид.
Аз он хубтар дид, к-андозагир
Сифатҳои ӯро кунад дилпазир.
Гуле дид хушбӯю нодидагард,
Баҳоре наёзурда аз боди сард,
Парипайкаре чун бут ороста,
Парию бут аз ҳиндувон хоста.
Даҳан тангу сар гирду абрӯ фарох,
Рухе чун гули сурх бар сабзшох.
Ба ширинӣ аз гулшакар нӯштар,
Ба нармӣ зи гул нозукоғӯштар.
Гиреҳ бар гиреҳ чини зулфаш чу дом,
Ҳама чиниён чини ӯро ғулом.
Чу оҳу ба Чин мушкпарварда буд,
Қаранфул ба Ҳиндустон х(в)арда буд.
На гесӯ, ки занҷире аз мушки ноб
Фурӯ ҳишта чун абре аз офтоб.

Аз он мушк бар абр гул рехта,
Маҳ аз сунбула сунбул ангехта.
Бар он гунаи гандумӣ ранги ӯ,
Чу мушки сияҳ холи ҷавсанги ӯ.
Намуда ҷав аз гандуми мушксой,
На чун ҷавфурӯшони гандумнамой.
Маҳи туркрухсора ҳиндусиришт,
Зи Ҳиндустон дода шаҳро биҳишт.
На ҳинду, ки турки хитоӣ ба ном,
Ба дуздидани дил чу ҳинду тамом.
Зи румирухи ҳиндуигӯи ӯ
Шаҳи румиён гашта ҳиндуи ӯ.
Шакархандае рост чун найшакар,
Латифу хушу сабзу ширину тар,
Нигоре бад-он хубию дилкашӣ,
Ба гавҳар ҳам обею ҳам оташе.
Чу шаҳ дид, дар пешбоз омадаш,
Арӯсе чунон дилнавоз омадаш.
Ба оини Исҳоқи фаррухниё,
К-аз ӯ ёфт чашми хирад тӯтиё,
Тирози арӯсӣ бар ӯ баст шоҳ,
Пас он гаҳ манишро бад-ӯ дод роҳ.
Ба нузли сипаҳдори Ҳиндустон
Бисоте баророст чун бӯстон.
Ҷавоҳир ба харвору дебо ба тахт,
Палангина хиргоҳу заррина тахт.
Зи тоҷи мурассаъ ба ёқуту лаъл,
Зи тозисамандони пӯлоднаъл,
Зи чиниғуломони ҳалқабагӯш,
Зи румиканизони зарбафтпӯш,
Аз он беш, к-орад касе дар замир,
Фиристоду шуд Кайд миннатпазир.
Ҷаҳонхусрав Искандари Филқус
Зи пайванди он моҳпайкар арӯс
Баросуд, к-алҳақ буте нағз буд,
Ҳама мағзу полудаи мағз буд.
Чу ангушт бар саҳни полуда ронд,
Зи полуда ангушташ олуда монд.
Насуфта дуре, ношукуфта гуле,
Ҳумоибару фитна чун булбуле.
Гул аз ғунча хандиду дур суфта шуд,
Сухан бин, ки дар парда чун гуфта шуд.
Ҷаҳондор чун аз ҷаҳон ком ёфт,
Дар он ҷунбиш аз давлат ором ёфт.
Фиристод аз омӯзгорон касе
Ба Истахру кард устуворӣ басе.
Набишт он суханҳо, ки будаш мурод,
Зи пирӯзии марзи мушкинсавод,

Ки «кор ончунон шуд ба Ҳиндустон,
Ки бошад муроди дили дӯстон.
Зи кинхохии Кайд пардохтам,
Чу шуд дӯст, бо дӯст дарсохтам.
Ба Қиннуҷ хоҳам шудан сӯи Фур,
Худо ёр бодам дар ин роҳи дур.
Бибинам, к-аз он ҷо чӣ пеш оядам,
Магар кор бар коми хеш оядам.
Туӣ ноиби мо ба ҳар марзу бум
Зи дарёи Чин то ба дарёи Рум.
Ҷаҳонро ба пирӯзӣ овоз деҳ,
Зи мо муждаи хуррамӣ боз деҳ.
Сипоҳию шаҳрию барнову пир,
Ки аз мулки мо ҳасташон ногузир,
Дили ҳар якеро зи мо шод кун,
Дуо хоҳу дониш диҳу дод кун».
Набишт инчунин нома аз ҳар даре,
Фиристод пайке ба ҳар кишваре.
Арӯси гаронмояро низ кор
Баророст, то шуд ба Юнондиёр.
Сипаҳ додаш аз устуворони хеш,
Ҳамон устуворӣ зи ҳад кард беш.
Ба поини он маҳди пироясанҷ
Фиристод чандин шутурбор ганҷ.
Дигар ганҷро дар замин кард ҷой,
Намунаш нигаҳ дошт бо раҳнамой.
Ба дастури доно васиқат навишт,
Ки аз донишу дод будаш сиришт.
Хабар додаш аз ҷумлаи неку бад
Зи пирӯзии некхоҳони х(в)ад.
Ба фориғдилӣ чун баросуд шоҳ,
Суи фуриён зад дари боргоҳ.
Раҳу расми шоҳон чунон тоза кард,
Ки Ҳиндустонро пуровоза кард.
Ба доду диҳиш дар ҷаҳон пай фишурд,
Бад-ин дастбурд аз ҷаҳон даст бурд.
Маи нӯш мехӯрд бар ёди Кай
Чу шоҳони ин давр бар ёди вай.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР АЗ ҲИНДУСТОН БА ЧИН

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ,  он оби чун арғавон,
К-аз ӯ пири фартут гардад ҷавон.
Ба ман деҳ, ки то з-ӯ ҷавонӣ кунам,
Гули зардро арғавонӣ кунам.

## АНДАРЗ

Саодат ба мо рӯй бинмуд боз,
Навозандае соз бинвохт соз.
Суханро гузориш ба ёрӣ расид,
Сухангӯ ба уммедворӣ расид.
Гузоришкунон тез кун мағзро,
Гузориш деҳ ин номаи нағзро.
Набурда ҷаҳондори фаррух набард,
Хабар деҳ, ки бо фури фурон чӣ кард.

## ДОСТОН

Гузорандаи ҳарфи ин ҳасби ҳол
Зи парда чунин менамояд хаёл,
Ки чун шоҳ фориғ шуд аз кори Кайд,
Гаҳе рои май карду гаҳ рои сайд.
Равон кард лашкар ба тороҷи Фур,
Зи пирӯзияш кард якбора дур.
Чу шаҳ теғро баркашид аз наём,
Бадандешро сар даромад ба дом.
Ҳама мулку молаш ба тороҷ дод,
Сарашро зи шамшери худ тоҷ дод.
Чу афтода шуд хасм дар пои ӯ,
Ба дигар касе дода шуд ҷои ӯ.
В-аз он ҷо ба рафтан алам барфарохт,
Ки он хок бо бодпоён насохт.
Се чиз аст, к-он дар се оромгоҳ
Бувад ҳар се камумру гардад табоҳ.
Ба Ҳиндустон асбу дар Порс пил,
Ба Чин гурба з-ин сон намояд далел.
Ҷаҳондор чун дид, к-он обу хок
Зи пӯяндаасбон барорад ҳалок,
Зи Ҳиндустон шуд ба Тиббатзамин,
Зи Тиббат даромад ба ақсои Чин.
Чу бар авҷи Тиббат расид афсараш,
Ба ханда даромад ҳама лашкараш.
Бипурсид, к-«ин ханда аз баҳри чист,
Ба ҷое, ки бар худ бибоят гирист?!»
Намуданд, к-«ин заъфаронгуна хок
Кунад мардро бесабаб ханданок».
Аҷаб монд шаҳ з-он биҳиштӣ савод,
Ки чун оварад хандаи бемурод?
Ба душвории роҳ бар хушку тар
Ҳамебурд манзил ба манзил ба сар.
Раҳ аз хуни ҷунбандагон хушк дид,
Ҳама дашт пурнофаи мушк дид.
Чу дид оҳуи даштро нофадор,
Нафармуд, к-оҳу кунад кас шикор.

Ба ҳар ҷо, ки лашкар гузар доштӣ,
Ба харворҳо нофа бардоштӣ.
Чу лахте биёбони Чин дарнавашт,
Ба ободӣ омад зи вайронадашт.
Чу мино чарогоҳе омад падид,
Ки аз хуррамӣ сар ба мину кашид.
Ба ҳар панҷ гоме дар он марғзор
Равона шуду чашмаи хушгувор.
Ҳавои хушу бешаҳои фарох,
Дарахтони боровари сабзшох.
Равон об дар сабзаи обх(в)ард,
Чу симоб дар пайкари лоҷвард.
Гиёҳони навруста аз қатра пур,
Чу бар шохи мино баромуда дур.
Паи оҳу аз чашма ангехта,
Чу бар нифаҳо нофаҳо рехта.
Суми гӯр бар сабза хорида ҷой
Чу бар сабздебо хати мушксой.
Саводе, ки дар вай сиёҳӣ набуд,
В-агар буд, ҷуз пушти моҳӣ набуд.
Сикандар чу дид он саводи баҳӣ,
Зи савдои Ҳиндустон шуд тиҳӣ.
Дар обу чарогоҳи он марҳала
Бифармуд кардан сутурон яла.
Яке ҳафта аз хуррамӣ ёфт баҳр,
Баросуд бо паҳлавонони даҳр.
Дигар ҳафта рӯзе писандида ҷуст,
К-аз ӯ фоли фирӯзӣ ояд дуруст.
Бифармуд, то кӯс бинвохтанд,
Аз он марҳала суи Чин тохтанд.
Духулзан чу шуд бар духул хашмнок,
Баровард фарёд аз боди пок.
Чу оинаи чинӣ омад падид,
Сикандар сипаҳро суи Чин кашид.
Нишастанд бар тозии тезҷӯш,
Ҳама хорахафтону пӯлодпӯш.
Ҳавое хушу роҳ бехор буд,
В-агар буд хор, ангубиндор буд.
Зи ширингиёҳони кӯҳу дара
Шакар ёфта шири оҳубара.
Бар он сайдгаҳ чун гузар кард шоҳ,
Муанбар шуд аз гарди ӯ сайдгоҳ.
Ҳар оҳу, ки бо доғи ӯ зода буд,
Зи нофакашӣ нофаш афтода буд.
Гавазне, к-аз ӯ рӯй бар хок дошт,
Ба чашмаш ҷаҳон чашми тарёк дошт.
Ҷаҳонҷӯй мешуд чу ғуррандашер,
Ҷаҳанда ҳижабри шикорӣ ба зер,

Шикорафганон дар биёбони Чин
Бипардохт аз гӯру оҳу замин.
Ҳарири замин зери сумми сутур
Шуда гӯрчашм аз басе чашми гӯр.
Ба миқрозаи тири паҳлӯшикоф
Басе оҳу афканда бо нофа ноф.
Адими гавазнон сурин то ба сар
Зи пайкони зар гашта чун кони зар.
Камони шаҳаншаҳ камин сохта,
Гавазне ба ҳар тире андохта.
Ба наққошии нӯги тири ханг
Тиҳӣ карда саҳрои Чинро зи ранг.
Ба нахҷир кардан дар он сайдгоҳ
Яке рӯз то шаб ба сар бурд роҳ.
Чу турки ҳисорӣ зи кор уфтод,
Арӯси ҷаҳон дар ҳисор уфтод.
Зи савдои ӯ шаб чу ҳиндузане
Шуда ҷавзанон гирди ҳар барзане.
Шаҳаншаҳ фуруд омад аз борагӣ.
Ҳамон лашкараш низ якборагӣ.
Ба тадбири осоиш овард рой,
Наҷунбид то рӯз мурғе зи ҷой.
Чу хотуни яғмо ба халхоли зар
Зи хиргоҳи Халлух баровард сар,
Ҷаҳоне чу ҳинду ба дудафканӣ,
Чу Яғмову Халлух шуд аз равшанӣ.
Зи кӯси шаҳаншаҳ баромад хурӯш,
Ба Яғмову Халлух дарафтод ҷӯш.
Шаҳи оламоҳанҷи гетинаворд
Дар он хок як моҳ кард обх(в)ард.
Тавила заданд, охур ангехтанд,
Ба сабзохурон – бар алаф рехтанд.
Хабар шуд ба хоқон, ки «саҳрову кӯҳ
Шуд аз наъли пӯлодпӯшон сутӯҳ.
Даромад яке сел аз Эронзамин,
Ки на Чин гузорад, на хоқони Чин.
Шитобанда селе, ки бар кӯҳу дашт
Зи тӯфони пешина хоҳад гузашт.
Тагаргаш заминро Сурайё кунад,
Ҳалоки наҳангони дарё кунад.
Сиёҳаждаҳое, ки дар ҳеч бум
Наёмад чу ӯ тундшере зи Рум,
Ҳабаш доғ бар рӯи фармони ӯст,
Сияҳпӯш зангӣ аз афғони ӯст.
Ба Доро расонид торочро,
Зи шоҳони ҳинду ситад тоҷро.
Чу фориғ шуд аз ғорати фуриён,
Камар баст бар кини фағфуриён.

Гар он жарфдарё дарояд зи ҷой,
Надорад дар он доварӣ кӯҳ пой».
Битарсид хоқону зад рои тарс,
Ки буд аз чунон душмане ҷои тарс.
Ба ҳар марзбон хатте аз хун набишт,
Ки дар марзи мо хок бо хун сиришт.
Зи шоҳи Хито то ба хони Хутан
Фиристоду тартиб кард анҷуман.
Сипоҳи Сипанҷобу Фарғонаро,
Дигар марздорони фарзонаро.
Зи Хирхизу аз Чочу аз Кошғар,
Басе паҳлавон хонд зарринкамар.
Чу иқди сипаҳ бар ҳам омуда шуд,
Дили хони хонон баросуда шуд.
Ба кӯҳи раванда даровард пой,
Чу пӯлодкӯҳе равон шуд зи ҷой.
Ду манзил каму беш наздики шоҳ
Тавила фурӯ басту зад боргоҳ,
Шабу рӯз пурсидӣ аз шаҳрёр,
Ки бо ӯ чӣ шаббозӣ орад ба кор.
Ниҳон рафта, ҷосусро бозҷуст,
Ки то ҳоли ӯ бозгӯяд дуруст.
Хабар додаш он марди пинҳонпажӯҳ,
Ки шоҳест бошавкату бошукӯҳ.
Даҳову диҳиш дораду мардумӣ,
Фариштаст дар сурати одамӣ.
Хирадманду оҳиставу тезҳуш,
Ба хилват сухангӯ, ба заҳмат хамӯш.
Ба сангу сукунат барорад нафас,
Накӯшад ба таъҷил дар хуни кас.
Ситамро зиён, адлро суд аз ӯ,
Худо розию халқ хушнуд аз ӯ.
Наёрад зи кас ҷуз ба некӣ ба ёд,
Нагардад ба андӯҳи кас низ шод.
Надидам касе, к-ӯ бар ӯ даст бурд,
На мардонае, к-ӯ зи бимаш намурд.
Магар тираш аз ҷаъбаи Ораш аст,
Ки аз нӯги ӯ хора бо хориш аст.
Чу шамшер гирад, бувад чун дурахш,
Чу май бар каф орад, шавад ганҷбахш.
Чу нақди сухан дар иёр оварад,
Ҳама мағзи ҳикмат ба кор оварад.
Сухан нашнавад, к-он набошад дуруст,
Нагирад пазируфтаи хеш суст.
Ба ҳар ҷойгаҳ равнақангези кор,
Ба ҷуз дар шабистону ҷуз дар шикор.
Ба нахчир кардан надорад диранг,
Шикебо бувад, чун расад вақти ҷанг.

Ҷаҳон эмин аз донишу доди ӯ,
Малик бар малик, зод бар зоди ӯ.
Ба майдон сари шаҳсаворон бувад,
Ба мастӣ беҳ аз ҳушёрон бувад.
Чу хандад, хаёле ғариб оядаш,
Чу тибат кунад, бӯи тиб оядаш.
Фаровоншикеб асту андаксухун,
Гаҳи ростӣ рост чун сарвбун.
Сиёсат кунад, чун шавад кинавар,
Бибахшояд, он гаҳ ки ёбад зафар.
Лабаш дар сухан мавҷи тӯфон занад,
Ҳама рой бо файласуфон занад.
Ба тадбири пирон кунад корҳо,
Ҷавонон барад сӯи пайкорҳо.
Паноҳад ба Эзад ба бегоҳу гоҳ,
Наяфтад ба бад марди эзадпаноҳ.
Чу дар зин кашад сарви озодро,
Бар асбе, ки пил афканад бодро,
Ҳамоварди ӯ гар бувад зиндапил,
Кам аз қатра бошад бари рӯди Нил.
Мабодо, ки асбаш ҳарунӣ кунад,
Ки аз чарми шер асб хунӣ кунад.
Пасу пеш чанбар ҷаҳонад чу мор,
Чапу рост оташ занад чун шарор.
Мулуке, к-аз афсар нишон доштанд,
Ҷаҳонро ба лашкаркашон доштанд.
Ҷуз ӯ нест дар лашкараш теғзан,
Зиҳӣ, лашкаророи лашкаршикан!
Наяндешад аз ҳеч хунхорае,
Магар, к-аз заифею бечорае.
Фарох афканад боргаҳро бисот,
Ба андоза хандад, чу ёбад нишот.
Набинад зи таъзими худ дар касе,
Чу бинад, навозиш намояд басе.
Хазина-ст бахшидани гавҳараш,
Тавила бувад додани астараш.
Ба хоҳандагон гар касе зар диҳад,
Ба ҷои зар ӯ шаҳру кишвар диҳад.
Мероде, ки орад дилаш дар шумор,
Диҳад рӯзгораш ба камрӯзгор.
Чу хоқон хабар ёфт з-он бихрадӣ,
Шикӯҳид аз он фарраи эзадӣ.
Ба озарми хусрав дилаш нарм шуд,
Басечаш ба дидори ӯ гарм шуд.
Бар андешаи ҷанг барбаст роҳ,
Баҳона талаб кард бар сулҳи шоҳ.
Ба шоҳи ҷаҳон қисса бардоштанд,
Ки туркони Чин роят афроштанд.

Шаҳаншаҳ масал зад, ки «нахҷири хом
Ба пои худ он беҳ, ки ояд ба дом,
Агар бо ман ӯ ҳамнабардӣ кунад,
На мардӣ, ки озодмардӣ кунад.
Муроди шуморо сабукроҳ кард,
Ба мо-бар раҳи дур кӯтоҳ кард.
Чунон орамаш чин дар абрӯи танг,
Ки дар Чин бигиряд бар ӯ хорасанг».
Сапедадамон, к-аз сипеҳри кабуд
Расонид хуршеди шаҳро дуруд,
Дабире уторидманишро нишонд,
Ки бар Муштарӣ Зуҳра донад фишонд.
Яке нома дархост ороста,
Фурӯзонтар аз моҳи нокоста.
Сухан сохта дар гузориш ду ним,
Яке нима з-уммеду дигар зи бим.

## НОМАИ ИСКАНДАР БА ҲОҚОНИ ЧИН

Дабири қаламзан қалам баргирифт,
Нахустин сухан з-офарин даргирифт.
Ҷаҳонофаринандаро кард ёд,
Ки бе ёди ӯ офариниш мабод!
Худое, ки уммеду ором аз ӯст,
Дили марди ҷӯяндаро ком аз ӯст.
Ба бечорагӣ чораи кори мо,
Дар обу дар оташ нигаҳдори мо.
Чу бахшиш кунад, раҳ намояд ба ганҷ,
Чу бахшоиш орад, раҳонад зи ранҷ.
Ҷаҳонро набуд аз буна ҳеҷ соз.
Ба фармони ӯ нақш баст ин тироз,
Гузида касе, к-ӯ ба фармони ӯст,
Бар ӯ офарин, к-офаринхони ӯст.
Чу килк аз сари нома пардохтанд,
Сухан бар забони шаҳ андохтанд,
Ки «ин нома з-Искандари чирадаст
Ба хоқон, ки бодо Сикандарпараст.
Ба фармони дорои чархи кабуд
Зи мо бод бар ҷони хоқон дуруд!
Чунон донад он хусрави додбахш,
Ки чун мо дар ин бум рондем рахш,
На бар ҷанг аз Эронзамин омадем,
Ба меҳмони хоқони Чин омадем.
Бад-он дил, ки аз роҳи фармонбарӣ
Кунад меҳмонро парастишгарӣ.
Ба шаҳри шумо гар баланд офтоб
Зи машриқ кунад сӯи мағриб шитоб,
Ман он офтобам, ки инак, зи роҳ
Зи мағриб ба машриқ кашидам сипоҳ.

Сиёҳ то сапедӣ гирифтам ба теғ,
Бидодам ба хоҳандагон бедареғ.
Зи ҳадди Ҳабаш азми Чин сохтам,
Зи мағриб ба машриқзамин тохтам.
Зи поингаҳи офтоби баланд
Суи ҷилвагоҳаш расондам саманд.
Ба Ҳиндустон коштам мушкбед,
Бикорам ба Чин ёсамини сапед.
Агар тарсӣ аз печи даврони ман,
Мапечон сар аз хатти фармони ман.
В-агар печӣ аз амри ман рою ҳуш,
Бипечонадат чархи гарданда гӯш.
Ба ҷое маёвар, ки ин тундшер
Ба нахҷири гӯрон дарояд далер.
Бигардон паи шер аз ин бӯстон,
Мадеҳ пилро ёди Ҳиндустон.
Бало бар сари худ фуруд оваранд,
Ки бар ёди мастон суруд оваранд.
Бибин, то зи шамшери ман рӯзи ҷанг
Чӣ дарёи хун шуд ба саҳрои Занг.
Чӣ гуна зи Доро нишондам ғурур,
Чӣ кардам ба ҷои фурӯмоя Фур.
Дигар хусравонро ба нерӯи бахт
Ба сар чун даровардам аз тоҷу тахт.
Гар эдун, ки ояд Фаридун ба ман,
Гирифтор гардад ҳамэдун ба ман.
Ба ҳар марзу буме, ки ман тохтам,
Зи бегона он хона пардохтам.
Касе, к-ӯ маро некхоҳӣ намуд,
Зи ман ҳеҷ бадхоҳӣ ӯро набуд.
Чу додам касеро ба худ зинҳор,
Нагаштам бар он гуфта зинҳорхор.
Забонам чу бар аҳд шуд раҳнамун,
Набурдам сар аз аҳду паймон бурун.
Ба Яғмову Чин з-он наёрам нишаст,
Ки яғмоию чинӣ орам ба даст.
Маро худ басе дурри дарёӣ аст,
Ғуломони чинию яғмоӣ аст.
Ба зер омадан з-осмон бар замин
Басе беҳтар аз мулки Эрон ба Чин.
Чӣ дорӣ ту, эй турки Чин, дар димоғ,
Ки бар боди сарсар кашонӣ чароғ?!
Ба ҷои фиристодани нузлу ганҷ
Чаро бо ҳизаброн шудӣ кинасанҷ?
Фуруд омадан чист бар тарфи роҳ,
Чу садди Сикандар кашидан сипоҳ?
Агар касди пайкори мо сохтӣ,
Бухуре бар оташ барандохтӣ.

В-агар пеши иқбол боз омадӣ,
Куҷо узр, агар узрсоз омадӣ?
Хабар деҳ маро, то бидонам шумор,
Ки дар салла мор аст ё муҳрамор.
Сипоҳ аз сабурӣ ба ҷӯш омаданд,
Зи тақсири ман дар хурӯш омаданд.
Ҳизабронам оҳуи Чин дидаанд,
Кам оҳуи фарбеҳ чунин дидаанд,
Буриданд занҷир шерони ман,
Даleranд бар хун далерони ман.
Пари тиру минқори пайкони тез
Кунанд аз шағаб ҷаъбаро рез-рез.
Синон чашм дар роҳи ин душман аст,
Гар он ҷо мане, гурзи ман сад ман аст.
Ғуломони туркам чу гиранд шаст,
Зи тире расад лашкареро шикаст.
Агар хусрави шаст мирон бувад,
Ҳам омоҷи ин шастгирон бувад.
Чу бар дудае дуди ман баргузашт,
Агар нақши Чин буд, шуд дуди дашт.
Зи пайванди озарм чун бигзарам,
Мабод обам, ар бо кас обе х(в)арам.
Синонам чунон аждаҳоро хурад,
Ки тӯфони оташ гиёро хурад.
Чу тирам гузар бар далерон кунад,
Нишона зи паҳлӯи шерон кунад.
Гарам жарфдарё бувад ҳамнабард,
Зи дарё барорам ба шамшер гард,
В-агар кӯҳ бошад, биҷӯшонамаш,
Ба зангори оҳан бипӯшонамаш.
Ба ҳампанҷаӣ пилро бишканам,
Шаҳи пилтан, балки пилафканам.
Сурин хурдани гӯру пушти гавазн
Надорад бари шери дарранда вазн.
Чу шоҳини баҳрӣ дарояд ба кор,
Диҳад моҳиёнро зи мурғон шикор.
Шумо моҳиёнед, бепову чанг,
Маро аждаҳо дар даҳан чун наҳанг.
Сагон низ, к-он устухон мехуранд,
Ба дандони чун теғ нон мехуранд.
Ба ҳар ҷо, ки нерӯи ман пай фишурд,
Маро буд пирӯзию дастбурд.
Чу кин оварӣ, кинситонӣ кунам,
Шавӣ меҳрубон, меҳрубонӣ кунам.
Агар гавҳарат бояду гар наҳанг,
Зи дарёи ман ҳарду ояд ба чанг.
Надидӣ, магар теғам ангехта,
Наҳангею гавҳар бар ӯ рехта.

Ман он ганҷу он аждаҳопайкарам,
Ки заҳр асту позаҳр дар соғарам.
Ба назди ту аз ганҷу аз аждаҳо
Хабар деҳ ба ман, то чӣ орад баҳо?
Гар ой, танат дар паранд оварам,
В-агар не, сарат зери банд оварам.
Дуруштию нармӣ намудам туро,
Бад-ин ҳар ду қавл озмудам туро.
Агар пой хокӣ кунӣ бар дарам,
Чу хуршед бар хоки Чин бигзарам.
В-агар не, дарандозам аз роҳи кин
Ҳама хоки Чинро ба дарёи Чин.
Чу нома бихонӣ, насозӣ диранг,
Намоӣ ба ман сурати сулҳу ҷанг.
Тағофул насозӣ, ки селоби тез
Ба ҷӯш аст дар абри селобрез».
Забондон яке марди мардумшинос
Талаб кард, к-аз кас надорад ҳарос.
Фиристод, то номаи нағз бурд,
Ба муҳри Сикандар ба хоқон супурд.
Чу хоқон фурӯ хонд унвони шоҳ,
Фурӯ хост афтодан аз авҷгоҳ.
Аз он ҳайбаташ дар дил омад ҳарос,
Ки зиракманиш буду зиракшинос.
Ду пайкархаёле бар ӯ баст роҳ,
Ки бар шаҳ занам, ё шавам назди шоҳ.
Дурангӣ дар андеша тоб оварад,
Сари чорагар зери хоб оварад.

## СИГОЛИШИ ХОҚОН ДАР ПОСУХИ ИСКАНДАР

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он бодаи чун гулоб
Барафшон ба ман, то дар оям зи хоб.
Гулобе, ки оби ҷигарҳо бад-ӯст,
Давои ҳама дарди сарҳо бад-ӯст.

### АНДАРЗ

Рақиби мано, хезу дар пеш кун,
Ту шав низу андешаи хеш кун.
Зи ташвиши хотир ҷудо кун маро,
Ба андешаи худ раҳо кун маро.
Надорам сари гуфтугӯи касе,
Маро туфтугӯ ҳаст бо худ басе.

Гар ояд харидоре аз дурдаст,
Ки бо кони гавҳар шавад ҳамнишаст,
Тамошои ганҷи Низомӣ кунад,
Ба базми сухан шодкомӣ кунад.
Бигӯ, хоҷаи хона дар хона нест,
В-агар ҳаст, муҳтоҷи бегона нест.
Хато гуфтам, эй пайхуҷаста рақиб,
Ки шуд душманӣ бо ғарибон ғариб.
Дари мо ба рӯи касе дармабанд,
Ки дарбастани дар бувад нописанд.
Чу моро сухан номи дарё ниҳод,
Дари мо чу дарё бибояд кушод.
Дари хона бикшоюю обе бизан,
Чу маҳ хаймае дар харобе бизан.
Раҳо кун, ки оянд ҷӯяндагон,
Бибинанд дар шоҳи гӯяндагон,
Ки фардо чу рух дар ниқоб оварам,
Зи гела ба Гелон шитоб оварам.
Басо кас, ки ояд харидори ман,
Наёбад раҳе сӯи дидори ман.
Магар нақше аз килки суратгаре,
Нигоранда бинанд бар дафтаре.
Сухан бин, к-аз ӯ дур чун мондаам,
Куҷо будам, адҳам куҷо рондаам?

## ДОСТОН

Гузорандаи ганҷи ороста
Ҷавоҳир чунин дод аз он хоста,
Ки чун вориси мулки Афросёб
Сар аз Чин баровард чун офтоб,
Хабар ёфт, к-омад бад-он марзу бум
Даманда чунон аждаҳое зи Рум.
Ҳамон номаи шоҳ бархонда буд,
Дар он кор ҳайрон фурӯмонда буд.
Ба андешаи поку рои дуруст
Сари риштаи кори худ бозҷуст.
Нахустин чунон дид рояш савоб,
Ки мисоқи шаҳро нависад ҷавоб,
Бифармуд, то коғазу килку соз
Нависандаи чинӣ орад фароз.
Ҷавобе нависад сазовори шоҳ,
Суханро дар ӯ поя дорад нигоҳ.
Зи нофи қалам дасти чобукдабир
Пароканд мушки сияҳ бар ҳарир.
Суханҳои парвардаи дилфиреб,
Ки дар мағзи мардум намояд шикеб.
Хитобе, ки уммедворӣ диҳад,
Итобе, ки бар сулҳ ёрӣ диҳад.

Фусуне, ки бандад раҳи ҷангро,
Фиребе, ки нармӣ диҳад сангро.
Забонбандҳое чу пайкони тез,
Даре дар тавозуъ, даре дар ситез.
Тирози сари нома буд аз нахуст,
Ба номе, к-аз ӯ номҳо шуд дуруст.
«Худованди беёру ёри ҳама,
Ба худ зиндаву зиндадори ҳама.
Ҷаҳонофарин Эзиди корсоз,
Тавонокуни нотавононавоз.
Аламбаркаши равшанони сипеҳр,
Қаламдаркаши деви торикчеҳр.
Равишбахши паргори ҷунбишпазир,
Сукунатдиҳи нуқтаи ҷойгир.
Падидовари ҳар чӣ ояд падид,
Расонандаи ҳар чӣ хоҳад расид.
Зи гӯёву хомӯшу ҳушёру маст
Касеро бар асрори ӯ нест даст.
Ба ҷуз бандагӣ н-ояд аз ҳеч кас,
Худовандии мутлақ ӯрост бас.
Пас аз офарини ҷаҳонофарин,
К-аз ӯ шуд падид осмону замин,
Сухан ронда дар пӯзиши шаҳрёр,
Ки бод офарин бар ту аз кирдгор!
Зи ҳар шоҳ, к-омад ҷаҳонро падид,
Ба дасти ту дод офариниш калид.
Зи дарё ба дарё ту кардӣ нишаст,
Бар Эрону Тӯрон туро буд даст.
Зи паргори мағриб чу пардохтӣ,
Алам бар хати машриқ андохтӣ.
Гирифтӣ ҷаҳон ҷумла болову зер.
Ҳанӯзат нашуд дил зи пайкор сер?
Инон бозкаш, к-аждаҳо бар раҳ аст,
Фасона дароз асту шаб кӯтаҳ аст.
Сикандар туӣ-шоҳи Эрону Рум,
Манам корфармои ин марзу бум.
Туро ҳаст чун ман басе суфтагӯш,
Яке дигарам ман, ба тундӣ макӯш.
Ману ту зи хокему хок аз замӣ,
Ҳамон беҳ, ки хокӣ бувад одамӣ.
Ҳама сарварӣ то ба хок асту бас,
Касе нест дар хок беҳтар зи кас.
Чу қатра ба дарё дарандохтанд,
Дигар қатра з-ӯ бознашнохтанд.
Ҳузури ту дар савби ин санглох
Диёри маро неъмате шуд фарох.
Ба ҳар неъмате марди эзидшинос
Фузунтар кунад назди Яздон сипос.

Чу Эзид ба ман неъмате барфузуд,
Сипос Эзидам чун набояд намуд?!
Кунам, то зиям шукри Эзид басеч,
К-аз ин беҳ надорад хирадманд ҳеч,
Шунидам зи чандин худованди роз,
Ки ҳар ҷо, ки орӣ ту лашкар фароз,
Фиристӣ тане чанд аз аҳли Рум
Ба бозоргонӣ бад-он марзу бум,
Бад-он то хуранд, он чи ёбанд х(в)ард,
Таоме, ки пеш ояд аз гарму сард.
Бисӯзанду резанд яксар ба чоҳ,
Надоранд таъзими неъмат нигоҳ.
Захира чу з-он шаҳр гардад тиҳӣ,
Ту чун аждаҳо сар бад-он ҷо ниҳӣ.
Ситонӣ зи бебаргӣ он бумро,
Чу оташ, ки оҷиз кунад мумро.
Ман аз баҳри он омадам пешбоз,
Ки гардонам аз шаҳри худ ин ниёз.
Агарчи ба зарқу фусун сохтан
Нашояд зи Чин тӯша пардохтан,
Валек оштӣ беҳ зи пархошу ҷанг,
Ки ин доғу дард орад, он обу ранг.
Макун киштаи чиниёнро хароб,
Ки афтад туро низ киштӣ дар об.
Қавидил машав, гарчи дастат қавист,
Ки ҳукми Худо бартар аз хусравист.
Хирадмандро нест, к-аз роҳи тез
Кунад бо худованди қувват ситез.
Ба кор омада оламе чун хирад,
Ба ҳукми ту ҳар коре аз неку бад.
Касе, к-ӯ касеро наёяд ба кор,
Шуморанда з-ӯ барнагирад шумор.
Ба асл аз ҷаҳон подшоҳӣ туррост,
Ки фармони фарри илоҳӣ туррост.
Ҳама чизро асл бояд нахуст,
Ки бошад халал дар биноҳои суст.
Зар аз нуқра кардан, ақиқ аз булӯр
Расонидани мева бошад ба зӯр.
Кунад ҳар касе себро хонарас,
Вале хуш набошад ба дандони кас.
Туро Эзид аз баҳри адл офарид,
Ситам н-ояд аз шоҳи одил падид.
Ситамгорагонро макун ёварӣ,
Ки пурсанд рӯзет аз ин доварӣ.
Накӯрой чун ройро бад кунад,
Харобӣ дар ободии х(в)ад кунад.
Чу гардад ҷаҳон гоҳ-гоҳ аз наворд
Ба гармои гарму ба сармои сард,

Дар он гарму сардӣ саломат маҷӯй,
Ки гардонад аз одати хеш рӯй.
Чунон беҳ, ки ҳар фасле аз фасли сол
Ба хосияти худ намояд хисол.
Рабеъ аз рабеъе намояд сиришт,
Тамуз аз тамуз оварад сарнабишт.
Ҳар он-ч ӯ бигардад зи тадбири кор,
Бигардад бар ӯ гардиши рӯзгор.
Сикандар ба инсоф номовар аст,
В-агар не, зи мо ҳар як Искандар аст.
Мапиндор, к-аз ман наёяд набард,
Барорам ба як ҷунбиш аз кӯҳ гард.
Чу бар пушти пилон ниҳам тахти оҷ,
Зи Ҳиндустон оварандам хироҷ.
Ҳизабри жаёнро дарорам ба зер,
Занам токи харпушта бар пушти шер.
Валекин ба шоҳию номоварӣ
Наям бо ту дар ҷустани доварӣ.
Гар аз баҳри он кардӣ ин турктоз,
Ки чун бандагон пешат орам намоз,
Ба даргоҳи ту сар ниҳам бар замин,
На ман, ҷумла кишвархудоёни Чин.
Ба ҳар орзу, к-оварӣ дар қиёс,
Ба фармонпазирӣ пазирам сипос.
Дар ин доварӣ ҳеҷ байғора нест,
Зи меҳмонпарастӣ маро чора нест».
Ҷавобе чунин хубу хотирнавоз
Ба қосид супурданд, то бурдбоз.
Чу бархонд посух шаҳи шерзӯр,
Шикебандатар шуд ба нахҷири гӯр.
Сипаҳдори Чин аз шабехуни шоҳ
Набуд эмин аз шом то субҳгоҳ.
Ба рӯзе, ки аз рӯзҳо офтоб
Баҳиҷилватар буд бар хоку об,
Сипаҳдори Чин аз сари ҳушу рой
Сиголишгарӣ кард бо раҳнамой.
Чаҳондидае буд дастури ӯ,
Ҷаҳон равшан аз рои пурнури ӯ.
Ҳисобе, ки хоқон барандохтӣ,
Ба фармони ӯ кори ӯ сохтӣ.
Дар он кор аз он кордон рой ҷуст,
Ки дар корҳо дошт рои дуруст,
Ки «чун дорам ин довариро басеч,
Чӣ гуна диҳам чархро чархпеч?!
Чу муҳра баромоям аз меҳру кин,
Бад-ин Чин, ки омад ба абрӯй чин.
Агар ҳарб созам, мухолиф қавист,
Ба торак-бараш тоҷи кайхусравист.

В-агар дар ситезаш мудоро кунам,
Забунӣ ба халқ ошкоро кунам.
Надонам, ки мақсуди ин шаҳрёр
Чӣ буд аз гузар кардани ин диёр».
Ба хоқони Чин гуфт фаррух вазир,
Ки «ҳаст аз насиҳат туро ногузир.
Барандешам аз тундии рои ту,
Ки тундӣ шавад корфармои ту.
Ба ганҷу ба лашкар ғурур оядат,
Забун гаштан аз кор дур оядат.
Ҷаҳондоре омад чунин зӯрманд,
Дари дӯстиро бар ӯ дармабанд.
Ба ҳар ҷо ки омад, вилоят гирифт,
Нашояд дар ин кор мондан шигифт.
Чӣ, пиндоштӣ, кори бозист ин,
Ҳама нуктаи корсозист ин?
Бад-ин гуна коре худоӣ бувад,
Хусумат худойозмоӣ бувад.
Нашояд задан теғ бо офтоб,
На Албурзро кард шояд хароб.
Пазира шав, ар не, сипеҳри баланд
Ба давлатгазоён дарорад газанд.
На иқболро шояд андохтан,
На бо муқбилон душманӣ сохтан.
Маёвез дар муқбили некбахт,
Ки афкандани муқбилон аст сахт.
Чу муқбил камар баст, пеш ор кафш,
Тапонча нашояд задан бо дирафш.
Ба як моҳ кам – беш бо ӯ бисоз,
Ки бегона ин ҷо намонад дароз.
Мазан санг бар обгина нахуст,
Ки чун бишканад, дер гардад дуруст.
Дурустӣ бувад захмҳоро зи хун,
Вале захмгаҳ мӯй н-орад бурун.
Дар он кӯш, к-ин аждаҳои сиёҳ
Ба озарм ёбад дар ин бум роҳ.
Ба чинӣ бар он рӯз нафрин расид,
Ки ин аждаҳо бар дари Чин расид.
Мапиндор, к-аз гунбади лоҷвард
Расад ҷомае бе кабудӣ ба мард.
Навои ҷаҳон хориҷоҳангияст,
Халал дар бирешим, на дар чангияст.
Дар ин парда гар созгорӣ кунӣ,
Ҳамоҳангро беҳ, ки ёрӣ кунӣ».
Тарафдори Чин чун дар он доварӣ
Ба кӯшиш надид аз фалак ёварӣ,
Аз он корҳо, к-ихтиёр омадаш,
Парастишгаре дар шумор омадаш.

Бар он азм шуд, к-оварад сар ба роҳ.
Ба расми расулон шавад назди шоҳ.
Бибинад ҷаҳондории шоҳро,
Ҳамон сарфарозони даргоҳро.
Саҳаргаҳ, ки завраққаши офтоб
Зи соҳил барафканд заврақ бар об,
Сипаҳдори Чин, шаҳрёри Хутан
Расуле баророст аз хештан.
Ба лашкаргаҳи шоҳи олам шитофт,
Бад-он гуна, к-он роз кас дарнаёфт.
Чу омад ба даргоҳи шоҳаншаҳӣ,
Аз он омадан ёфт шоҳ огаҳӣ,
Ки хоқон расуле фиристода чуст,
Ба дидан муборак, ба гуфтан дуруст.
Бифармуд хусрав, ки бораш диҳанд,
Ба ҷои расулон қарораш диҳанд,
Даромад паёмовари сарфароз,
Парастишкунон бурд шаҳро намоз.
Бифармуд шаҳ, то нишинад зи пой,
Суханҳои фармуда орад ба ҷой.
Ба фармони шоҳ он сухангӯй мард
Нишасту нишонандаро саҷда кард.
Замоне шуду дида бар ҳам назад,
Ба неку бади хештан дам назад.
Зи паргори он ҳалқа мадҳуш монд,
Дар он ҳалқа чун нуқта хомӯш монд.
Ишорат чунон омад аз шаҳрёр,
Ки «пайғоме ар нек дорӣ, биёр.
Маҳи рӯйпӯшида дар зери меғ,
Ба гавҳарзабонӣ даромад чу теғ,
К-аз омад-шуди шоҳи Эрону Рум
Баруманд бодо ҳама марзу бум!
Зи Чин то дигарбора ақсои Чин
Ба фармони ӯ бод яксар замин!
Ҷаҳон бе дари боргоҳаш мабод,
Сарири ҷаҳон бе паноҳаш мабод!
Ниҳуфта суханҳост дар бори ман,
К-аз он дар ҳарос аст гуфтори ман.
Фиристандаи ман чунон дид рой,
Ки холӣ кунад шаҳ зи бегона ҷой.
Набошад кас аз хосагон пеши ӯ,
Ҷуз ӯ, к-офарин бод бар кеши ӯ!
Агар як тан он ҷо бувад дар ниҳуфт,
Набояд туро рози пӯшида гуфт».
Шаҳ аз хилвате ончунон хостан,
Шикӯҳид дар хилват оростан.
Бифармуд, к-аз зар яке пойбанд
Ниҳоданд бар пои сарви баланд.

Ҳамон соъидашро ба зарринкамар
Кашиданд дар зери занҷири зар.
Сарой он гаҳ аз халқ пардохтанд,
Ҳамон хосагон сӯи дар тохтанд.
Малик монд холӣ дар он ҷои хеш,
Ниҳода яке теғи алмос пеш.
Фиристодаро гуфт: «Холист ҷой,
Ниҳуфтасуханро гирёҳ баркушой».
Ба фармони шаҳ марди пӯшидароз
Зи рози ниҳуфта гиреҳ кард боз,
Чу бурқаъ зи рӯи сухан барфиканд,
Сароғози он аз дуо дарфиканд,
Ки «то сабза рӯянда бошад ба боғ,
Гули сурх тобад чу равшанчароғ,
Рухат бод чун гул барафрӯхта,
Ҷаҳон аз ту сарсабзӣ омӯхта.
Нигини фалак зери номи ту бод,
Ҳама кори давлат ба коми ту бод!
Бар онам, ки гар бандаро шаҳрёр
Шиносад, ниёиш наёяд ба кор.
Гар аз рози пӯшида огоҳ нест,
Беҳ аз ростӣ пеши ӯ роҳ нест.
Ман он қосиди худфиристодаам,
К-аз он пеш, к-афкандӣ, афтодаам.
Манам шоҳи хоқон-сипаҳдори Чин,
Ки дар хидмати шоҳ бӯсам замин».
Сикандар зи густохии кори ӯ
Писандида нашмурд бозори ӯ.
Ба тундӣ бар ӯ бонг барзад дурушт,
Ки «пайдо бувад рӯи дебо зи пушт.
Шиносам ман аз боз гунҷишкро,
Ҳамон аз ҷигар нофаи мушкро,
Валекин нигаҳ дорам озарму об,
Зи пӯшидагон барнадорам ниқоб.
Чӣ густохрӯӣ бар он доштат,
Ки дар парда пӯшида нагзоштат?
Чӣ беҳайбатӣ дидӣ аз шоҳи Рум,
Ки пӯлодро нарм донӣ чу мум?
Натарсидӣ аз зӯри бозуи ман,
Ки хок афканӣ дар тарозуи ман?
Гавазни ҷавон гарчи бошад далер.
Инон беҳ, ки бартобад аз роҳи шер».
Ҷавобаш чунин дод хоқони Чин,
Ки «эй дархури сад ҳазор офарин,
Бад-ин боргаҳ з-он гирифтам паноҳ,
Ки безинҳорӣ надидам зи шоҳ.
Чу ман ногирифта, дароям зи дар,
Набуррад маро ҳеч бадхоҳ сар.

Сияҳшер чандон бувад кинасоз,
Ки аз дур дандон намояд гуроз.
Чу дандонкунон гардан орад ба зер,
Зи гардан кунад хуни ӯ тундшер.
Зи ман чун дили шоҳ ранҷур нест,
Ҷавонмардии шер аз ӯ дур нест.
Маро бими шамшер чандон бувад,
Ки шамшери ман тездандон бувад.
Чу ман бо Сикандар надорам ситез,
Куҷо дорам андешаи теғи тез?
Дигар, к-он хиёнат накардам нахуст,
Ки бар ман гирифторӣ ояд дуруст.
Ту овардаӣ сӯи ман тохтан,
Маро бо ту куфр аст кин сохтан.
Хусуматгарӣ баргирифтам зи роҳ,
Бад-ин эътимод омадам назди шоҳ.
Чу ман меҳрубонӣ намоям басе,
Набуррад сари меҳрубонон касе.
В-агар низ кардам гуноҳе бузург,
Ғарибе бувад узрхоҳе бузург.
Навозандатар з-он шуд инсофи шоҳ,
Ки раҳмат кунад, хоса бар бегуноҳ.
Паноҳандаро сар наёрад ба банд,
Зи зинҳориён дур дорад газанд.
Агар ман бад-ин боргоҳ омадам,
Ба дастурии адли шоҳ омадам,
Ки шоҳи ҷаҳон додгардовар аст,
Худояш ба ҳар кор з-он ёвар аст».
Аз он чарбгуфтори ширинзабон
Гиреҳ баркушод аз дили марзбон.
Бад-ӯ гуфт: «Нек омадӣ, шод бош,
Чу бахт аз гирифторӣ озод бош.
Ҳисоби ту з-ин омадан бар чӣ буд,
Чу густохӣ омад, бибояд намуд».
Паноҳанда гуфт: «Эй паноҳи ҷаҳон,
Надорам зи ту ҳоҷати худ ниҳон,
Бад-он омадам сӯи даргоҳи ту,
Ки бинам ризои туву роҳи ту,
К-аз ин омадан шоҳро ком чист,
Дар ин ҷунбиш оғозу анҷом чист.
Гарам дастрас бошад аз рӯзгор,
Кунам бар ғараз шоҳро комгор.
Гар он ком накшояд аз дасти ман,
Ҳамон тир дур афтад аз шасти ман.
Заминро бибӯсам ба хоҳишгарӣ,
Магар дур гардад шаҳ аз доварӣ.
Чу ман ҷон надорам зи хусрав дареғ,
Чӣ бояд задан чанг дар тиру теғ?

Гуҳар чун ба осонӣ ояд ба чанг,
Ба сахтӣ чӣ бояд тарошид санг?
Муроде, ки дар сулҳ гардад тамом,
Чӣ бояд суи ҷанг додан лагом?
Агар тахти Чин хоҳию тоҷи Тур,
Зи фармонбарӣ нест ин банда дур.
В-агар бигзарӣ аз муҳобои ман,
Набахшӣ ба ман ҷои обои ман,
Пазирандаи муҳри номат шавам,
Дирамнохарида ғуломат шавам.
Зиёне надорад, ки дар мулки шоҳ
Зиёда шавад бандаи некхоҳ.
Ба Чин-дар қабобастаи кин мабош,
Қабои туро, гӯ, яке чин мабош.
Зи ҷаъди ғуломони кишварбаҳо
Биҳил бар чу ман банда чине раҳо.
Гирифтори чин кай бувад рӯи моҳ,
Зи чин дур беҳ тоҷи абрӯи шоҳ!».
Шаҳаншоҳ гуфт: «Эй писандидарой,
Суханҳо, ки пурсидӣ, орам ба ҷой.
Сипаҳ з-он кашидам ба ақсои Чин,
Ки орам ба каф мулки Тӯронзамин.
Бадандешро сар дарорам ба хок,
Кунам гетӣ аз кеши бегона пок.
Ба фармонпазирӣ ба ҳар кишваре
Нишонам ҷудогона фармонбаре.
Чу ту бе шабехуни шамшери ман
Ниҳодӣ ба таслим сар зери ман,
Саратро сарири баландӣ диҳам,
Зи тоҷи худат баҳрамандӣ диҳам.
На тоҷ аз ту хоҳам, на кишвар, на тахт,
Нагирам дар ин корҳо бар ту сахт,
Валекин ба шарте, ки аз мулки хеш
Кашӣ ҳафтсола маро дахл пеш.
Чу орӣ ба ман абраи ҳафт сол,
Дигар абраҳо бар ту бошад ҳалол».
Ниюшанда фарҳангро соз дод,
Ҷавобе писандидатар боз дод.
Ки «чун хоҳад аз ман худованди тоҷ
Ба умре чунин ҳафтсола хироҷ,
Чунон беҳ, ки подоши молам диҳад,
Хати умр то хафт солам диҳад».
Ҷаҳонҷӯйро посухи нағзи ӯ
Писанд омаду гарм шуд мағзи ӯ.
Бад-ӯ гуфт: «Шашсола дахли диёр
Ба помузди ту додам, эй ҳушёр.
Чу дидам туро зираку ҳушманд,
Ба яксола дахл аз ту кардам писанд».

Чу солори туркон зи солори дахр
Бад-он хуррамӣ гашт пирӯзбаҳр,
Ба нӯги мижа хоки даргоҳ руфт,
Пас аз руфтани хок бо шоҳ гуфт,
Ки «шаҳ гарчи гуфтори худро ба ҷой
Биёрад, ки нирӯш бод аз Худой,
Маро бар чунин зинҳоре нахуст
Хате бояд аз дасти хусрав дуруст,
Ки чун ман кашам дахли яксола пеш,
Шаҳам барнаянгезад аз ҷои хеш.
Ба таъвизи бозу кунам хатти шоҳ,
Зи баҳри сари хеш дорам нигоҳ.
Диҳам хат ба хун низ ман шоҳро,
Ки ҷуз бар вафо наспарам роҳро».
Бар ин аҳдашон рафт паймон басе,
Ки дар бевафоӣ накӯшад касе.
Наҷӯянд кин, тоза доранд меҳр,
Магар, к-аз равиш бозмонад сипеҳр.
Бифармуд шаҳ, то рақибони бор
Кунанд он фурӯбастаро растгор.
Зи банди зараш поя бартар ниҳанд,
Ба торак-бараш тоҷи гавҳар ниҳанд.
Чу шуд кори хоқон зи қайсар басоз,
Ба лашкаргаҳи хеш баргашт боз.
Чу султони шаб чатр бар сар гирифт,
Саводи ҷаҳон ранги анбар гирифт.
Ситора чунон ганҷе аз зар фишонд,
Ки маҳди замин гов бар ганҷ ронд.
Сикандар маниш кард бар бода тез,
Зи май кард ёқутро ҷуръарез.
Нишаст аз гаҳи шом то субҳдам,
Равон кард бар ёди Ҷам ҷоми Ҷам.
Хасак рехта бар гузар хобро,
Фаромӯш карда таку тобро.
Дил аз кори душман шуда беҳарос,
На бозори лашкар, на овои пос.
Сабӯҳӣ мулукона то субҳ ронд,
Ҳамедошт шаб зинда, то шаб намонд.
Чу ёқути носуфтаро чарх суфт,
Ҷаҳон гашт бо тоҷи ёқут ҷуфт.
Даромад зи дар дидбоне пагоҳ,
Ки ғофил чаро гашт якбора шоҳ.
Расид инак аз дур хоқони Чин,
Бад-он сон, ки ларзад ба зераш замин.
Ҷаҳон дар ҷаҳон лашкар ороста,
Зи бӯқу дуҳул бонг бархоста.
Зи бас пои пилон, ки орзурда роҳ
Шуда гард бар рӯи хуршеду моҳ.

Сипоҳе, ки гар бозҷӯяд басе,
Набинад ба як ҷой чандон касе.
Ҳама олати ҷанг бардошта,
Чу дарёе аз оҳан анбошта.
Нишаста малик бар яке зиндапил,
Зи мо то бад-ӯ нест беш аз ду мил.
Чу з-ин шуъбада ёфт шоҳ огаҳӣ,
Фуруд омад аз тахти шоҳаншаҳӣ.
Нишаст аз бари борае раҳнавард,
Баророст лашкар ба расми набард.
Ба пархоши хоқон камар баст чуст,
Ки нашмурд паймони ӯро дуруст.
Бифармуд, то кӯси рӯйин зананд,
Ба абрӯ-дар аз чиниён чин зананд,
Баророст лашкар чу кӯҳи баланд,
Ба шамшеру гурзу камону каманд.
Сароҳанг то соқа аз тиру теғ
Баровард кӯҳе зи дарё ба меғ.
Чу хоқон хабар ёфт аз кори ӯ,
Ки омад Сикандар ба пайкори ӯ,
Бурун омад аз мавкиби қалбгоҳ,
Ба овоз гуфто: «Кадом аст шоҳ?
Бигӯед, к-орад инон сӯи ман,
Надорад ниҳон рӯй аз рӯи ман!»
Сикандар чу овози чинӣ шунид,
Қабои кажоган ба чин даркашид.
Бурун ронд пилафкани хешро,
Рух афканд пили бадандешро.
Ба нафрини туркон забон баркушод,
Ки «бефитна турке зи модар назод.
Зи чинӣ ба ҷуз чини абрӯ маҷӯ,
Надоранд паймони мардум нигоҳ.
Сухан рост гуфтанд пешиниён,
Ки аҳду вафо нест дар чиниён,
Ҳама тангчашмӣ писандидаанд,
Фарохӣ ба чашми касон дидаанд.
В-агарна, пас аз ончунон оштӣ
Раҳи хашмнокӣ чӣ бардоштӣ?!
Дар он дӯстӣ ҷустан аввал чӣ буд,
В-аз ин душманӣ кардан охир чӣ суд?!
Маро дил яке буду паймон яке,
Дурустӣ фаровону қавл андаке.
Хабар не, ки меҳри шумо кин бувад,
Дили турки Чин пурхаму чин бувад.
Агар турки чинӣ вафо доштӣ,
Ҷаҳон зери чиниқабо доштӣ.
Маро бастаи аҳд кардӣ чу дев,
Ба бадаҳдӣ акнун барорӣ ғирев?!

Агар кӯҳи пӯлод шуд пайкарат,
В-агар хайли Яъҷуҷ шуд лашкарат,
Наҷунбад зи Яъҷуҷи пӯлодхой
Сикандар чу садди Сикандар зи ҷой.
Тазарве, ки бар вай сар ояд замон,
Ба нахҷири шоҳинаш ояд гумон.
Малах чун пари сурхро соз дод,
Ба гунҷишк хатте ба хун боз дод.
Агар сар гарой̣, рабоям кулоҳ,
В-агар пӯзиш орӣ, пазирам гуноҳ.
Маро зайту занбура дар кеш ҳаст,
Чу занбур ҳам нӯшу ҳам неш ҳаст».
Сипаҳдори Чин гуфт, к-«эй шаҳрёр,
Напечидаам гардан аз зинҳор.
Ҳамон некхоҳам, ки будам нахуст,
Ба савганд муҳкам, ба паймон дуруст.
Чу гаштам пазирои фармони ту,
Набандам камар ҷуз ба паймони ту.
Аз ин ҷунбиш он буд мақсуди ман,
Ки хушбӯ кунӣ миҷмар аз уди ман.
Бидонӣ, ки ман бо чунин дастгоҳ,
Ки бар чархи анҷум кашидам сипоҳ,
Набошам чунин оҷизу рӯзкӯр,
Ки баргардам аз ҷанг бе дасти зӯр.
Бад-ин созу лашкар, ки бинӣ чу кӯҳ,
Зи ҷӯшанда дарё наёям сутӯҳ.
Валекин туро бахт ёригар аст,
Заминат раҳӣ, осмон чокар аст.
Ситезандагӣ бо худованди бахт
Ситезандаро сар барад бар дарахт.
Туро осмон мекунад ёварӣ,
Маро нест бо осмон доварӣ».
Чу гуфт ин, фуруд омад аз пушти пил,
Суи Мисри шаҳ рафт чун рӯди Нил.
Чу шаҳ дид, к-он хусрави узрсоз
Пиёда ба наздики ӯ шуд фароз,
Ба ҳарро яке маркабаш даркашид,
Зи сар то кафал зери зар нопадид.
Чу бар борагӣ комрониш дод,
Ба ҳампаҳлуӣ паҳлавониш дод.
Ҷуз онаш дигар дод бисёр чиз,
Раҳо кард он дахли яксола низ.
Чу шуд шоҳро хони хонон раҳӣ,
Хусумат шуд аз хонадонҳо тиҳӣ.
Ду лашкар яке шуд дар он паҳнҷой,
Ду лашкаршиканро яке гашт рой.
Силоҳ аз тану хай зи рух рехтанд,
Ба доду ситад дарҳам омехтанд.

Сипаҳдори Чин ҳар дам аз Чиндиёр
Фиристод нузле бари шаҳрёр,
Ки даргаҳнишинони шаҳро тамом
Кифоят шуд он нузл дар субҳу шом.
Ба ҳам буд руду маю ҷомашон,
Ҳамон назди якдигар оромашон.
Чу аз май ба нахчир пардохтанд,
Ба як ҷой нахҷир месохтанд.
Нахӯрданд бе якдигар бодае,
Ба озодӣ аз худ ҳар озодае.

## МУНОЗИРАИ НАҚҚОШОНИ РУМӢ ВА ЧИНӢ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он май, ки ҷонпарвар аст,
Ба ман деҳ, ки чун ҷон маро дарх(в)ар аст.
Магар нав кунад умри пажмурдаро,
Ба ҷӯш орад ин хуни афсурдаро.

### ДОСТОН

Яке рӯз хуррамтар аз навбаҳор,
Гузидатарин рӯзе аз рӯзгор
Ба меҳмони шаҳ буд хоқони Чин,
Ду хуршед бо якдигар ҳамнишин.
Зи Руму зи Эрону аз Чину Занг
Самотини сафҳо бароварда танг.
Ба май чеҳраи маҷлис ороста,
Зи рӯи ҷаҳон гард бархоста.
Дар он хуррамиҳои бонозу нӯш
Расида зи лаб мавҷи гавҳар ба гӯш.
Сухан мешуд аз кори корогаҳон,
Ки зирактарин кистанд аз ҷаҳон?
Заминхези ҳар кишвар аз даҳр чист,
Ба ҳар кишвар аз пешаҳо баҳр чист?
Яке гуфт: «Найрангу афсунгарӣ
Зи Ҳиндустон хезад, ар бингарӣ».
Яке гуфт: «Бар мардуми шӯрбахт
Зи Бобил расад ҷодуиҳои сахт».
Яке гуфт, к-«ояд гаҳе иттифоқ
Суруд аз Хуросону руд аз Ироқ».
Яке гуфт: «Бар пояи дастрас
Забонвартар аз тозиён нест кас».
Яке гуфт: «Наққошии аҳли Рум
Писандида шуд дар ҳама марзу бум».
Яке гуфт: «Нашнудӣ, эй нақшбин,
Ки афсона шуд дар ҷаҳон нақши Чин?!»
Зи румию чинӣ дар он доварӣ
Хилофе баромад ба фахроварӣ.

Намуданд ҳар як ба гуфтори хеш,
Намудоре аз нақши паргори хеш.
Бар он шуд саранҷоми кор иттифоқ,
Ки созанд тоқе чу абрӯи тоқ.
Миёни ду абрӯи тоқи баланд
Ҳиҷобе фуруд оварад нақшбанд.
Бар ин гӯша румӣ кунад дасткор,
Бар он гӯша чинӣ нигорад нигор.
Набинанд пероиши якдигар,
Магар муддати даъвӣ ояд ба сар.
Чу з-он кор гарданд пардохта,
Ҳиҷоб аз миён гардад андохта.
Бибинанд, к-аз ҳар ду пайкар кадом
Навоинтар ояд, чу гардад тамом.
Нишастанд суратгарон дар ниҳуфт
Дар он ҷуфтаи тоқ чун тоқи ҷуфт.
Ба кам муддат аз кор пардохтанд,
Миёнбур зи пайкар барандохтанд.
Яке буд пайкар ду «Аржанг»-ро,
Тафовут на ҳам нақшу ҳам рангро,
Аҷаб монд аз он кор наззорагӣ,
Ба ибрат фурӯ монд якборагӣ,
Ки чун кардаанд ин ду суратнигор
Ду «Артанг»-ро бар яке сон гузор?!
Миёни ду паргор биншаст шоҳ,
Дар ину дар он кард некӯ нигоҳ.
На бишнохт аз якдигар бозашон,
На пай бурд бар пардаи розашон.
Басе роз аз он дар назар бозҷуст,
Нашуд сурати ҳол бар вай дуруст.
Бале, дар миёна яке фарқ буд,
Ки ин мепазируфту он менамуд.
Чу фарзона дид он ду бутхонаро,
Бадеъ омад он нақш фарзонаро.
Дурустӣ талаб карду чандон шитофт,
К-аз он нақш сарриштае бозёфт.
Бифармуд, то дар миён тохтанд,
Ҳиҷобе дигар дар миён сохтанд.
Чу омад ҳиҷобе миёни ду кох,
Яке тангдил шуд, яке рӯфарох.
Рақамҳои румӣ нашуд з-обу ранг,
Бар оинаи чинӣ афтод занг.
Чу шуд суффаи чиниён бенигор,
Шигифтӣ фурӯ монд аз он шаҳрёр.
Дигар раҳ ҳиҷоб аз миён баркашид,
Ҳамон пайкари аввал омад падид.
Бидонист, к-он тоқи афрӯхта
Ба сайқал рақам дорад андӯхта.

Дар он вақт, к-он шуғл месохтанд,
Миёна ҳиҷобе барафрохтанд.
Ба суратгарӣ буд румӣ ба пой,
Мусаққал ҳамекард чинисарой.
Ҳар он нақш, к-он суффа гиранда шуд,
Ба афрӯзиш ин сӯ пазиранда шуд.
Бар он рафт фатво, дар он доварӣ,
Ки ҳаст аз басар ҳар дуро ёварӣ.
Надонад, чу румӣ касе нақш баст,
Гаҳи сақл чинӣ бувад чирадаст.

## АФСОНАИ МОНИИ СУРАТГАР

Шунидам, ки Монӣ ба суратгарӣ
Зи Рай сӯи Чин шуд ба пайғамбарӣ.
Аз ӯ чиниён чун хабар ёфтанд,
Бар он роҳи пешина биштофтанд.
Дурафшанда ҳавзе зи буллӯри ноб
Бар он роҳ бастанд чун ҳавзи об.
Гузорандагиҳои килки дабир
Барангехта мавҷ аз он обгир.
Чу обе, ки бодаш кунад беқарор,
Шикан бар шикан медавад бар канор.
Ҳамон сабза, к-ӯ бар лаби ҳавз руст,
Ба сабзӣ-бар он ҳавз бастанд чуст.
Чу Монӣ расид аз биёбони дур,
Диле дошт аз ташнагӣ носабур.
Суи ҳавз шуд ташна-ташна фароз,
Сари кӯзаи хушк бикшод боз.
Чу зад кӯза, дар ҳавзаи санг баст,
Сафолин буд он кӯза, ҳолӣ шикаст.
Бидонист Монӣ, ки дар роҳи ӯ
Буд он ҳавзаи чиниён чоҳи ӯ.
Баровард килке ба оину зеб,
Рақам зад бар он ҳавзи монифиреб.
Нигорид аз он килки фармонпазир
Саги мурда бар рӯи он обгир.
Дар ӯ кирми ҷӯшанда беш аз қиёс,
К-аз ӯ ташнаро дар дил омад ҳарос.
Бад-он то чу ташна дар он ҳавзи об
Саги мурда бинад, наёрад шитоб.
Чу дар хоки Чин ин хабар гашт фош,
Ки Монӣ бар он об зад дурбош,
Зи бас ҷодуиҳои фарҳанги ӯ,
Бад-ӯ бигравиданду «Аржанг»-и ӯ.
Бибин, то дигарбора чун тохтам,
Суханро куҷо сар барафрохтам.
Ҷаҳондор бо шоҳи Чин чанд рӯз
Ба рахшанда мебуд ромишфурӯз.

Замон то замон меҳрашон мефузуд,
Ҳам инро, ҳам онро ҷаҳон меситуд.
Бад-ӯ гуфт: «Рӯзе, ки дорам басеч,
Гарам пеш н-орад фалак пойпеч,
Ки гардам суи кишвари хеш боз,
Зи Чин сӯи Рум оварам турктоз».
Ҷавобаш чунин дод хоқони Чин,
Ки «мулки ту шуд ҳафт кишвар замин.
Ба иқбол ҳар ҷо, ки хоҳӣ, хиром,
Туӣ қибла, ҳар ҷо, ки созӣ мақом.
Куҷо мавкиби шаҳ кунад тохтан,
Зи мо, бандагон бандагӣ сохтан».
Зи фарҳанги хоқону бедорияш
Аҷаб монд шаҳ дар вафодорияш.
Ба солори Чин ҳар замон базми шоҳ
Фурӯзандатар шуд зи хуршеду моҳ.
Камар баст хоқон ба фармонбарӣ,
Ба гӯш-андарун ҳалқаи чокарӣ.
Ба оини худ нузли шаҳ мерасонд,
Бад-он меҳр худро ба маҳ мерасонд.
Агарчи малик дошт болотараш,
Замон то замон гашт мавлотараш.
Чу поя диҳад мардро шаҳрёр,
Набояд, ки баргирад аз худ шумор.
Ба болотарин поя пастӣ кунад,
Ҳамон даъвии зердастӣ кунад.
Шаҳ он кард бо чиниён аз шараф,
Ки борони найсон кунад бо садаф.
Зи пӯшиданиҳои Бағдоду Рум,
Ки буд он гиромӣ дар он марзу бум,
Ба шоҳони Чин дастгоҳе намуд,
Ки дар қудрати ҳеч шоҳе набуд.
Зи бас хусравӣ хон, ки дар Чин ниҳод,
Зи пешонии чиниён чин кушод.
Ба Чин-дар намонд аз халоиқ касе,
Ки хаззе напӯшид ё атласе.
Чу бинмуд шоҳ аз сари некуӣ,
Бад-он тангчашмон фарохабруӣ,
Чу абрӯи шаҳ буд пайвандашон,
Ба чашму сари шоҳ савгандашон.

## МЕҲМОНӢ КАРДАНИ ХОҚОНИ ЧИН ИСКАНДАРРО

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, озод кун гарданам,
Сиришки қадаҳ рез дар доманам.

Сиришке, ки аз сирфи полудагӣ
Фурӯ шӯяд аз доман олудагӣ.

## АНДАРЗ

Макун туркӣ, эй турки чинингор,
Биё соате, чин дар абрӯ маёр.
Диламро ба дилдорие шод кун,
Зи банди ғам имрӯзам озод кун.
Агар дахли хоқони Чин они туст,
Макун харҷро рӯд, борони туст.
Бихур чизе аз молу чизе бидеҳ,
Зи баҳри касон низ чизе бинеҳ.
Махур ҷумла, тарсам, ки дер истӣ,
Ба пиронасар бад бувад нестӣ,
Дари харҷ бар худ чунон дармабанд,
Ки гардӣ зи нохӯрдагӣ дардманд.
Чунон низ яксар мапардоз ганҷ,
Ки оӣ зи беҳудахорӣ ба ранҷ.
Ба андозае кун бар андози хеш,
Ки бошад миёна на андак, на беш.
Чу ришта зи сӯзан қавитар кунӣ,
Басо чашми сӯзан, ки дар сар кунӣ.

## ДОСТОН

Суханро гузоришгари нақшбанд
Чунин нақш барзад ба чинипаранд,
К-аз овозаи шаҳ ҷаҳон гашт пур,
Ки Чинро даромуд доман ба дур.
Шабу рӯз хоқон дар он кард сарф,
Ки шаҳро диҳад поймузде шигарф.
Мулукона меҳмоние созадаш,
Ҷаҳон дар суми маркаб андозадаш.
Кашад пешкашҳои шоҳона пеш
Ба андозаи пояи кори хеш.
Яке рӯз кард аз ҷаҳон ихтиёр
Фурӯзанда чун толеи шаҳрёр.
Баророст базме чу равшанбиҳишт,
Ки дандони шерон бар он шира ҳишт.
Чунон аз маю меваи хушгувор
Баророст меҳмонии шоҳвор,
Ки ҳеч орзуе ба олам набуд,
Ки як-як бар он хон фароҳам набуд.
Гузашт аз хуришҳои чинисиришт,
Ки Ризвон надид ончунон дар биҳишт.
Зи шаккар басе пухта ҳалвои нағз,
Ба бодоми ширинаш оганда мағз.

Тароиф на з-он сон, ки дунёпараст
Яке оварад з-он ба умре ба даст.
Ҷавоҳир на чандон, ки ҷавҳаршинос
Кунад ними онро ба соле қиёс.
Чу шуд хонаи ганҷ пардохта,
Бад-он гуна меҳмоние сохта.
Шаҳи турк бо шуҳрагони диёр
Ба хоҳишгарӣ шуд бари шаҳрёр.
Замин дод бӯса ба оини пеш,
Фузуд аз заминбӯси ӯ қадри хеш.
Ниёишкунон гуфт: «Агар бахти шоҳ
Кунад бар сари тахти ин банда роҳ,
Сарашро ба афсар гиромӣ кунад,
Бад-ин сарбузургиш номӣ кунад».
Пазируфт шаҳ хоҳиши гарми ӯ,
Ба рафтан нигаҳ дошт озарми ӯ.
Шаҳу лашкари шаҳ ба якборагӣ
Бар он хон шуданд аз сари борагӣ.
Замин аз сари ганҷ бикшод банд,
Раворав баромад ба чархи баланд,
Сикандар чу бар хони хоқон расид,
Паи Хизр бар Оби Ҳайвон расид.
Яке тахти зар дид чун офтоб,
Дар ӯ чашмае дур чу дарёи об.
Ба шодӣ бар он тахти заррин нишаст,
Зи кофуру анбар турунҷе ба даст.
Ҷаҳонҷӯй Фағфур бар дасти рост,
Ба хидмат камар басту бар пой хост.
Навозишкунонаш малик пеш хонд,
Маликвор бар курсии зар нишонд.
Дигар тоҷдорон ба фармони шоҳ
Ба зону нишастанд дар пешгоҳ.
Бифармуд хоқон, ки оранд х(в)ард,
Зи хонҳои заррин шавад хок зард.
Фурӯ рехт шоҳона барге фарох
Чу барги раз аз баргрезони шох.
Дар он орзугоҳи фархордис,
Накард орзу бо муомил микис.
Биҳиштисифат ҳар чӣ дархостанд,
Бар он моида хон бароростанд.
Чу хӯрданд ҳар гунае х(в)ардҳо,
Намуданд бар бода навардҳо.
Нишоти маи қирмизӣ сохтанд,
Бисоте ҳам аз қирмиз андохтанд.
Нишаста ба ромиш зи ҳар кишваре
Ғарибустодею ромишгаре.
Навосоз хунёгарони шигарф
Ба қонуни авзон баровардa ҳарф.

Бирешимнавозони суғдисуруд
Ба гардун баровварда овози руд.
Сароянддагони раҳи паҳлавӣ
Зи бас нағма дода наворо навӣ.
Ҳамон пойкӯбони кашмирзод
Муаллақзан аз рақс чун девбод.
Зи юнониён арғанунзан басе,
Ки бурданд ҳуш аз дили ҳар касе.
Камарбаста румию чинӣ ба ҳам,
Баровварда аз Руму аз Чин алам.
Дари ганҷ бикшод хоқони Чин,
Бипардохт аз ганҷи Қорун замин.
Нахуст аз ҷавоҳир даромад ба кор
Зи дурроъаву диръи гавҳарнигор.
Зи буллӯри тобанда чун офтоб
Яке дасти маҷлис ба тарри чу об.
Зи дебои чинӣ ба харворҳо,
Ҳам аз мушки Чин бо вай анборҳо.
Табақҳои кофур бо бӯи мушк,
Зи кофури тар бештар уди хушк.
Камонҳои чочию чинипаранд,
Гаронмоя шамшерҳо низ чанд.
Таковар самандони хатлихиром,
Ҳама тозапайкар, ҳама тезгом.
Яке корвон ҷумла шоҳину боз,
Ба чарзу кулангафканӣ тезтоз.
Чиҳил пил бо тахту баргустувон,
Баланду қавимағзу сахтустухон.
Ғуломони лашкаршикан хайл-хайл,
Канизон, ки дар мурда оранд майл.
Чу нузле чунин пеши меҳмон кашид,
Ҷуз ин пешкашҳо фаровон кашид.
Пас аз соате ганҷи нав боз кард,
Аз он хубтар туҳфае соз кард.
Хироманда хатликашу думсиёҳ,
Таковартар аз бод дар субҳгоҳ.
Раванда яке тахти шоҳаншаҳӣ,
Нишинандаш аз пӯя бе огаҳӣ.
Сабақ бурда аз оҳувон дар шитоб,
Ба гармӣ чу оташ, ба нармӣ чу об.
Ба саҳро зи мурғон сабукхезтар,
Ба дарё-дар аз моҳиён тезтар.
Ба чобукравӣ пайкараш девзод,
Ба гардандагӣ куняташ девбод.
Ба ангезиш аз осмон кам набуд,
Сабо марди майдони ӯ ҳам набуд.
Чунон рафту омад ба овардгоҳ,
Ки вомонд аз ӯ ваҳм дар нимроҳ.

Фарасро рух афканда дар вақти шӯр,
Фиканда фарас пилро вақти зӯр,
Чу ваҳм аз ҳама сӯй мутлақхиром,
Чу андеша дар тез рафтан тамом.
Саманде нагӯям самандарафаше,
Самандарфаше на, Сикандаркаше.
Шикорӣ яке мурғи шӯридасар,
Зи хоби шаби фитна шӯридатар.
Чу даврон дар омадшудан тезбол,
Шудан чун ҷануб, омадан чун шимол,
Уқобайни пӯлод дар чанги ӯ,
Уқобон сияҳҷома з-оҳанги ӯ.
Басе хун гарав карда дар гарданаш
Уқобайнчангу уқобафканаш.
Ҷигарсой симурғ дар тохтан,
Шикораш ҳама каргадан сохтан.
Ғазабноку хунрезу густохчашм,
Худой офаридаш зи бедоду хашм.
Туғон шоҳи мурғони Туғрил ба ном,
Ба султонӣ-андар чу туғрил тамом.
Канизе сияҳчашму покизарӯй,
Гуландому шаккарлабу мушкбуй.
Буте чун биҳиште бароста,
Фиребе ба сад орзу хоста.
Хироманда моҳе чу сарви баланд,
Мусалсал ду гесӯ чу мушкинкаманд.
Бар ӯ ғабғабе, к-об аз ӯ мечакид,
Бар оташ-бар оби муаллақ кӣ дид?
Рухаш бар бунафша гул андохта,
Бунафша нигаҳбони гул сохта,
Сиҳисарв муҳтоҷи болои ӯ,
Шакар бандаву шаҳд мавлои ӯ.
Камарбастаи зулфи ӯ мушки ноб,
Ки зулфаш камар баст бар офтоб.
Сухангӯи шаҳде, шакарборае,
Ба шаҳду шакар-бар ситамкорае.
Булӯринтану қоқумӣ пушти ӯ,
Ба шакли думи қоқум ангушти ӯ.
Зи симин занах гӯй ангехта,
Бар ӯ тавқе аз ғабғаб овехта.
Бад-он тавқу гӯй он маҳи меҳрҷӯй
Зи маҳ тавқ бурда, зи хуршед гӯй.
Зи абрӯ камон карда в-аз ғамза тир,
Ба тиру камон карда сад дил асир.
Чу май хӯрдӣ аз лутфи андоми вай,
Зи ҳалқаш падид омадӣ ранги май.
Ҳазор офарин бар чунон дояе,
Ки парвард аз инсон гаронмояе.

Назад бар кас аз тангчашмӣ назар,
Зи чашмаш даҳонаш басе тангтар.
Ту гуфтӣ, ки худ нест ӯро даҳон,
Ҳамон номи ӯ нест андар ҷаҳон.
Расонандаи туҳфаи арҷманд
Ба таърифи он туҳфа шуд сарбаланд,
Ки ин мурғу ин борагӣ в-ин каниз
Азизанду бар шоҳ бодо азиз!
На кас бар чунин хинги хатлӣ нишаст,
На мурғе чунин ояд осон ба даст.
Ба гуфтан чӣ ҳоҷат, ки ҳангоми кор
Ҳунарҳои худро кунанд ошкор.
Канизе бад-ин чеҳра ҳам хор нест,
Ки дар хубрӯӣ касаш ёр нест.
Се хислат дар ӯ модаровард ҳаст,
Ки онро чаҳорум наёяд ба даст.
Яке хубрӯию зебандагӣ,
Ки ҳаст ояте дар фиребандагӣ.
Дувум зӯрмандӣ, ки вақти набард
Напечад инонро зи мардони мард.
Седигар хушовозию бонги руд,
Ки аз Зуҳра хуштар сарояд суруд.
Чу овози худ баркашад зеру зор,
Бихусбад бар овози ӯ мурғу мор.
Ҷаҳонҷӯйро з-он дил ором ҷуст,
Хушовозию хубӣ омад дуруст.
Ҳадиси далерию мардонагӣ
Напазруфту буд он зи фарзонагӣ.
Суман нозуку хор муҳкам бувад,
Ки мардонагӣ дар занон кам бувад.
Зан, ар симтан не, ки рӯинтан аст,
Зи мардӣ чӣ лофад, ки зан ҳам зан аст,
Агар моҳӣ аз санги хоро бувад,
Шикори наҳангони дарё бувад.
Зи коғаз нашояд сипар сохтан,
Пас, он гаҳ ба об-андар андохтан.
Гарон дошт он нуктаро шаҳрёр,
Занонро ба мардӣ надид устувор.
Ба пазруфтанаш ҳалқа дар гӯш кард,
Чу пазруфт, номаш фаромӯш кард.
Чу он пешкашҳо пазируфт шоҳ,
Шуд аз хони хоқон суи хобгоҳ.
Саҳаргаҳ, ки товуси машриқхиром
Бурун зад сар аз тоқи фирӯзафом,
Дигарбора шаҳ бода бар каф ниҳод,
Ба ромиш дари боргаҳ баркушод.
Ба сар бурд рӯзе ду дар руду май,
Дигарбора шуд маркабаш тезпай.

Суи бозгаштан басечид кор,
Ба гардандагӣ гашт чун рӯзгор.
Паричеҳра турке, ки хоқони Чин
Ба шаҳ дод, то дорадаш нозанин.
Аз он ҷо, ки шаҳро наёмад писанд,
Чу соя паси парда шуд шаҳрбанд.
Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,
Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.
Ба зиндонсарои канизони шоҳ
Ҳамебуд чун соя дар зери чоҳ.
Яке рӯз, к-ин чархи чавгонпараст
Зи шаббозӣ овард гӯе ба даст,
Сикандар, ки аз хусравон гӯй бурд,
Инонро ба чавгонии худ супурд.
Даромад ба тайёраи кӯҳкан,
Фарас пилболову шаҳ пилтан.
Алам баркашиданд гарданкашон,
Падид омад аз рӯзи маҳшар нишон.
Зи лашкар, ки арзаш ба фарсанг буд,
Биёбон ба нахчир-бар танг буд.
Зи саҳрои Чин то ба дарёи Ҷанд
Замин дар замин буд зери паранд.
Сипаҳ чун даромад ба арзи шумор,
Гузида дар ӯ буд понсад ҳазор.
Пасу пеш туркони товусранг,
Чапу рост шерони пӯлодчанг.
Ба қалб-андарун шоҳи дарёшукӯҳ,
Сипаҳ гирд бар гирди дарё чу кӯҳ.
Ба ҷуз пилзӯрони оҳанкулоҳ,
Чиҳил пили ҷангӣ пасу пушти шоҳ
Ҳазору чиҳил санҷуқи паҳлавӣ
Равон дар паи рояти хусравӣ.
Камарҳои заррин, ғуломони хос,
Чу бар шӯшаи нуқра зарри халос.
Вушоқони ҷӯшанда чун оби сайл,
Зи ҳар сӯ ҷанибаткашон хайл-хайл
Надимони шоиста бар гирди шоҳ,
Ки осон аз эшон шавад ранҷи роҳ.
Хиромон шуда хусрави хусравон,
Тарафдори Чин дар рикобаш равон.
Шаҳаншаҳ чу бинвашт лахте замин,
Ишорат чунин шуд ба хоқони Чин,
Ки гардад суи хонаи хеш боз,
Ба иқлими туркон кунад турктоз.
Ҷаҳонҷӯйро турк бадруд кард,
Ба оби мижа рӯйро рӯд кард.
Инон тофта шоҳи гетинаворд,
Зи саҳро ба Ҷайҳун расонид гард.

Чу омад ба наздики он жарфрӯд,
Бифармуд, то лашкар ояд фуруд.
Бар он фурза ҷое дилафрӯз дид,
Нишастан бар он ҷой фирӯз дид.
Таноби саропардаи хусравӣ
Кашиданду шуд мехи марказ қавӣ.
Зи бас навбатиҳои гавҳарнигор
Чу боғи Ирам гашт ҷайҳунканор.
Чу шаҳ кишвари Моваруннаҳр дид,
Ҷаҳоне нагӯям, ки як шаҳр дид.
Аз он мол, к-аз Чин ба чанг омадаш,
Басе дод, к-он ҷо диранг омадаш.
Биноҳои вайрона обод кард,
Басе шаҳри нав низ бунёд кард.
Самарқандро, к-одамӣ шод аз ӯст,
Шунида чунин шуд, ки бунёд аз ӯст.
Хабар гарм шуд дар Хуросону Рум,
Ки шоҳаншаҳ омад зи бегонабум.
Ба ҳар шаҳре аз шодии фатҳи шоҳ
Башоратзанон баргирифтанд роҳ.
Ба шукрона роят барафрохтанд,
Ба ҳар хонае хуррамӣ сохтанд.
Фиристод ҳар кас басе молу ганҷ
Ба даргоҳи шоҳ аз паи пойранҷ.

## БОЗГАШТАНИ ИСКАНДАР АЗ ЧИН

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, имшаб ба май кун шитоб,
Ки бо дарди сар воҷиб омад гулоб.
Мае, к-об дар рӯи кор оварад,
На он май, ки дар сар хумор оварад.

### АНДАРЗ

Ҷаҳонгардро дар ҷаҳон тохтан
Хуш ояд сафар дар сафар сохтан.
Ба ҳар кишваре дидан ороише,
Ба ҳар манзиле кардан осоише.
Зи пӯшидагиҳо хабар доштан,
Зи нодидаҳо баҳра бардоштан.
Валекин чу бинӣ саранҷоми кор,
Ба шаҳри худ аст одамӣ шаҳрёр.
Фурӯ мондани шаҳри худ бо хасон
Беҳ аз шаҳрёрӣ ба шаҳри касон.

## ДОСТОН

Сикандар бад-он комгорӣ, ки буд,
Ҳама майл бар шаҳри худ менамуд.
Агарчи вилоят зи ҳад беш дошт,
Ҳам андешаи хонаи хеш дошт.
Шабе ройи он зад, ки фардо зи ҷой
Чу бод оварад пой бар бодпой.
Ҳавои ватан дар дил осон кунад,
Нишоти ҳавои Хуросон кунад.
Замини Аҷам зери пой оварад,
Суи мулки Истахр рой оварад.
Ҷаҳонро барафрӯзад аз ранги хеш,
Баландӣ дарорад ба авранги хеш.
Бар он мулки Нӯшофарин бигзарад,
Баду неки он мамлакат бингарад.
Намояд, ки тартибҳо нав кунанд,
Басечи заминбӯси Хусрав кунанд.
Кунад тоза нонбораи ҳар касе,
Дар он бора созад навозиш басе.
Ба хоҳандагон армағонӣ диҳад,
Ҷаҳонро зи нав зиндагонӣ диҳад.
Дар ин парда мерафташ андешае,
Надоранд шоҳон ҷуз ин пешае.
Даволӣ, ки солори Абхоз буд,
Ба нерӯи шаҳ гарданафроз буд.
Даволи камар баста бар ҳукми шоҳ,
Басе гирди офоқ паймуд роҳ.
Даромад бари шоҳи некӯсигол,
Бинолид монанди кӯс аз давол,
Ки «фарёд, шоҳо, зи бедоди Рус,
Ки аз маҳди Абхоз бистад арӯс.
Кас омад, к-аз он мулки ороста
Хилоле намонд аз ҳама хоста.
Ситезанда русе зи олону арк
Шабехун даровард ҳамчун тагарг.
Ба дарбанди он ноҳият роҳ ёфт,
Ба фурротҳо сӯи дарё шитофт.
Хуруҷе на бар ваҷҳ андоза кард,
Дар он буқъа кини куҳан тоза кард.
Ба тороҷ бурд он бару бумро,
Ки раҳ баста бод он паи шумро.
Ҷуз аз куштагоне, ки натвон шумурд,
Харобӣ басе карду бисёр бурд.
Дар анбори оганда х(в)арде намонд,
Ҳамон дар хазина наварде намонд.
Зи ганҷинаи мо тиҳӣ кард рахт,
Дур аз дурҷ бирбуду дебо зи тахт.

Ҳамон мулки Бардаъ барандохтанд,
Яке шаҳри пурганҷ пардохтанд.
Ба тороҷ бурданд Нӯшобаро,
Шикастанд бар санг қарробаро.
Зи чандон арӯсон, ки дидӣ ба пой,
Намонданд як нозанинро ба ҷой.
Ҳама шаҳру кишвар ба ҳам барзаданд,
Деҳу дударо оташ андарзаданд.
Агар ман дар он доварӣ будаме,
Аз ин беҳ ба куштан баросудаме.
Ман ин ҷо ба хидмат шуда сарбаланд,
Зану бачча он ҷо ба зиндону банд.
Агар дод настонад аз хасм шоҳ,
Худо бод ёридиҳи додхоҳ.
Бибинӣ, ки русе дар ин рӯз чанд
Ба Руму ба Арман расонад газанд.
Чу з-ин гуна бар ганҷ раҳ ёфтанд,
Шитобанд аз он сон, ки биштофтанд.
Ситонанд кишвар, кушоянд шаҳр,
Ки хомони халқанду дунони даҳр.
Ҳама раҳзанонанд чун гургу шер,
Ба хон нодалеранду бар хун далер.
Зи русӣ наҷӯяд касе мардумӣ,
Ки ҷуз гавҳаре несташ з-одамӣ.
Агар бар харе бори гавҳар бувад,
Ба гавҳар чӣ бинӣ, ҳамон хар бувад.
Чу раҳ ёфтанд он ҳарифон ба ганҷ,
Басе бумҳоро расонанд ранҷ.
Ба бедод кардан бароранд ёл,
Зи бозоргонон ситонанд мол.
Халал чун дар он марзу бум оваранд,
Тамаъ дар Хуросону Рум оваранд».
Бишӯрид шоҳаншаҳ аз гуфти ӯ,
Зи бедод бар хонаву ҷуфти ӯ.
Парешон шуд аз баҳри Нӯшоба низ,
Ки бар шоҳ буд он вилоят азиз.
Фурӯ бурд сар тираву хашмсоз,
В-аз он тирагӣ сар баровард боз.
Ба фарёдхон гуфт: «Фармон туровст,
Маро дар дил аст, он чи дар ҷон туровст.
Аз ин гуфта беҳ бошад, ар бигзарӣ,
Ту гуфтию боқӣ зи ман бингарӣ.
Бибинӣ, ки чун сар ба роҳ оварам,
Чӣ сарҳо зи чанбар ба чоҳ оварам.
Чӣ дилҳои мардон барорам зи ҳуш,
Чӣ хунҳои шерон дарорам ба ҷӯш.
Барорам сагонро зи шӯрафканӣ,
Ки бо шер бозист гӯрафканӣ,

На Буртос монам, на Русе ба ҷой,
Сари ҳар дуро биспарам зери пой.
Агар Рус Миср аст, Нилаш кунам,
Саросема дар пои пилаш кунам.
Барафрозам аз кӯҳаш аврангро,
Дар оташ нишонам ҳама сангро.
На дар ғори кӯҳ аждаҳое ҳилам,
На аз баҳри доругиёҳе ҳилам.
Гар ин кин нахоҳам зи шерони Рус,
Сагам, саг, на Искандари Филқус.
В-агар гурги Буртосро нашкарам,
Зи буртосии Рус рӯбаҳтарам.
Гар аз гардиши чарх бошад замон,
Бихоҳем кини худ аз бадгумон.
Ҳама бурдаро боз ҷой оварем,
Ситонандаро зери пой оварем.
Намонем Нӯшобаро зери банд,
Чу вақт ояд, аз най барорем қанд.
Гар он сим дар санг шуд ҷойгир,
«Бурун овaремаш чу мӯй аз хамир».
Ба чора кушода шавад кори сахт,
Ба муддат шукуфад баҳор аз дарахт.
Ба сахтӣ дар аз чора дил вомагир,
Ки гардад замон то замон чарх пир.
Дар ин раҳ чу бардоштам баргу зод,
Сабурӣ кунам, то бараяд мурод.
Зи кӯҳи гарон то ба дарёи жарф
Ба оҳистагӣ кор гардад шигарф.
Маро сӯи мулки Аҷам буд рой,
Ки созам дар он ҷой якчанд ҷой.
Чу з-ин достонам расид огаҳӣ,
Беҳ, ар тахти ман бошад аз ман тиҳӣ.
Ба ҷунбиш гароянда шуд рахти ман,
Сари зини ман бас бувад тахти ман.
Нахусбам, наёсоям аз ҳеч роҳ,
Магар кина бистонам аз кинахоҳ».
Даволӣ чу дид он пазируфтагӣ,
Баросуд аз он хашму ошуфтагӣ.
Ба лаб хокро анбаролуд кард,
Заминро ба чеҳра зарандуд кард.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ДАШТИ ҚИФЧОҚ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он бода бар даст гир,
Ки аз хурданаш нест касро гузир.
На бода, ҷигаргӯшаи офтоб,
Ки ҳам оташ омад ба гавҳар, ҳам об.

## АНДАРЗ

Ду парвона бинам дар ин турфагоҳ,
Яке рӯ сапед асту дигар сиёҳ.
Нагарданд парвонаи шамъи кас,
Ки парвонаи мо нахонанд бас.
Фурӯғ аз чароғе деҳ ин хонаро,
Ки созад кабоб ин ду парвонаро.

## ДОСТОН

Гузоришкуни фарши ин сабзбоғ
Чунин барфурӯзад чароғ аз чароғ,
Ки чун ёфт Искандари Филқус
Хабарҳои нохуш зи торочи Рус,
Нахуфт он шаб аз азми кин сохтан,
Зи ҳар гуна бо худ барандохтан,
Ки ҷунбиш дар ин кор чун оварам,
К-аз ин аҳд худро бурун оварам.
Дигар рӯз, к-ин бӯри беҷодаранг
Зи паҳлӯи шабдиз бикшод танг,
Сикандар бар он хинги хатлӣ нишаст,
Ки чун бод бархост, чун барқ ҷаст.
Зи ҷӯшанда Ҷайҳун ҷанибат ҷаҳонд,
В-аз он ҷо суи дашти Хоразм ронд.
Сипоҳе чу дарё паси пушти ӯ,
Ҳисоби биёбон дар ангушти ӯ.
Биёбони Хоразмро дарнавашт,
Зи Ҷайҳун даромад, ба Бобул гузашт.
Бад-он то кунад олам аз рус пок
Қарораш намебуд дар обу хок.
Дар он тохтан дида бехоб кард,
Гузар бар биёбони Сақлоб кард.
Биёбон ҳама хайли қифчоқ дид,
Дар ӯ луъбатони сумансоқ дид.
Ба гармӣ чу оташ, ба нармӣ чу об,
Фурӯзонтар аз моҳу аз офтоб.
Ҳама тангчашмони мардумфиреб,
Фаришта зи дидорашон ношикеб.
Ниқобе на бар сафҳаи рӯяшон,
На бок аз бародар, на аз шӯяшон.
Сипоҳе ҳама ташна в-эшон чу об,
Чу диданд рӯе чунон бениқоб,
Зи тоби ҷавонӣ ба ҷӯш омаданд,
Дар он доварӣ сахткӯш омаданд.
Кас аз бими шаҳ турктозӣ накард,
Бад-он луъбатон дастёзӣ накард.
Чу шаҳ дид хубони он роҳро,
На хуб омад он қоидат шоҳро.

Парипайкарон дид чун сими ноб
Сипоҳе ҳама ташна в-эшон чу об.
Зи муҳточии лашкар андеша кард,
Ки зан зан бувад, бегумон, мард мард.
Яке рӯз ҳиммат бад-он кор дод,
Бузургони Қифчоқро бор дод.
Пас аз он, ки шоҳона бинвохтшон,
Ба ташрифи худ сар барафрохтшон.
Ба пирони қифчоқ пӯшида гуфт,
Ки «зан рӯйпӯшида беҳ дар ниҳуфт.
Зане, к-ӯ намояд ба бегона рӯй,
Надорад шикӯҳи худу шарми шӯй.
Агар зан худ аз сангу оҳан бувад,
Чу зан ном дорад, на ҳам зан бувад».
Чу он даштбонони шӯридароҳ
Шуниданд як-як суханҳои шоҳ,
Сар аз ҳукми он доварӣ тофтанд,
Ки оини худро чунон ёфтанд.
Ба таслим гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба мисоқи хусрав шитобандаем.
Вале рӯй бастан зи мисоқ нест,
Ки ин хислат оини қифчоқ нест.
Гар оини ту рӯй барбастан аст,
Дар оини мо чашм дарбастан аст.
Чу дар рӯи бегона нодида беҳ,
Ҷиноят на бар рӯй, бар дида беҳ.
В-агар шоҳро н-ояд аз мо дурушт,
Чаро боядаш дид дар рӯю пушт.
Арӯсони моро бас аст ин ҳисор,
Ки бо ҳаҷлаи кас надоранд кор.
Ба бурқаъ макун рӯи ин халқ реш,
Ту шав бурқаъандоз бар чашми хеш.
Касе, к-ӯ кашад дидаро дар ниқоб,
На дар моҳ бинад, на дар офтоб.
Ҷаҳондор агар з-он ки фармон диҳад,
Зи мо ҳар кӣ хоҳад, бар ӯ ҷон диҳад.
Бале, шоҳро ҷумла фармон барем,
Валекин зи оини худ нагзарем».
Чу бишнид шоҳ он забоноварӣ,
Забун шуд забонаш дар он доварӣ.
Ҳақиқат шуд ӯро, ки бо он гурӯҳ
Насиҳат намудан надорад шукӯҳ.
Ба фарзона он қиссаро гуфт боз,
В-аз ӯ чорае хост он чорасоз,
Ки «ин хубрӯёни занҷирмӯй,
Дареғ аст, к-аз кас напӯшанд рӯй.
Вабол аст аз ин чашми бегонаро,
Чу аз дидани шамъ парвонаро.

Чӣ созем, то нармхӯӣ кунанд,
Зи бегона пӯшидарӯӣ кунанд».
Чунин дод посух фаросатшинос,
Ки фармони шаҳро пазирам сипос.
Тилисме барангезам аз нофи дашт,
Ки афсона созанд аз он саргузашт.
Ҳар он зан, ки дар рӯи ӯ бингарад,
Ба ҷуз рӯйпӯшида з-ӯ нагзарад.
Ба шарте, ки шоҳ орад он ҷо нишаст,
В-аз ӯ ҳар чӣ дархоҳам, орад ба даст.
Шаҳ аз некӯ бад, ҳар чӣ фарзона хост,
Ба зӯру ба зар як ба як кард рост.
Ҷаҳондида доно ба некахтарӣ
Даромад ба тадбири санъатгарӣ.
Навоин арӯсе дар он ҷилвагоҳ
Баророст аз хорасанге сиёҳ.
Бар ӯ чодаре аз рухоми сафед
Чу барги суман бар сари мушкбед.
Ҳар он зан, ки дидӣ дар озарми ӯй,
Шудӣ рӯйпӯшида аз шарми ӯй,
Даровардa аз шарм чодар ба рӯй,
Ниҳон карда рухсору пӯшида мӯй.
Аз он рӯз Қифчоқ рухсора баст,
Ки суратгар он нақш бар хора баст.
Нигорандаро гуфт шаҳ, к-«ин нигор
Дар ин сангдил қавм чун кард кор?
Ки фармони моро надоранд гӯш,
Дар ин санг бинанду ёбанд ҳуш?»
Хабар дод донои бедорбахт,
Ки қифчоқро дил чу санг аст сахт.
Ба бар гарчи симанд, сангиндиланд,
Ба сангиндилон з-ин сабаб моиланд.
Бад-ин санг чун бигзарад рахташон,
Аз ӯ нарм гардад дили сахташон,
Ки рӯе бад-ин сахтӣ аз хорасанг,
Чу худро ҳамепӯшад аз ному нанг,
Раво бошад, ар мо бипӯшем рӯй
Зи бедоди бегонаву шарми шӯй?!
Дигар нисбате, к-осмонист он,
Нагӯям, ки рамзи ниҳонист он.
Ба помардии ин тилисми баланд
Бар он рӯйҳо баста шуд рӯйбанд.
Ҳанӯз он тилисми барангехта
Дар он дашт мондаст норехта.
Яке беша дар гирдаш аз чӯби тир,
Чу бошад гиё бар лаби обгир.
Зи парҳои тири уқобафканаш
Уқобон фузунанд пироманаш.

Ҳама хайли қифчоқ, к-он ҷо расанд,
Дуто пеши он нақш якто расанд.
Зи раҳ гар пиёда расад, гар савор,
Парастиш кунандаш парастандавор.
Саворе, ки ронад фарас пеши ӯ,
Ниҳад тире аз ҷаъба дар кеши ӯ.
Шубоне, ки он ҷо расонад гала,
Кунад пеши ӯ гӯсфанде яла.
Уқобон дароянд аз авҷи баланд,
Намонанд як мӯй аз он гӯсфанд.
Зи бими уқобони пӯлодчанг
Нагардад касе гирди он хорасанг.
Санам бин, ки он нақш пардоз кард,
Ки гоҳе гиреҳ басту гаҳ боз кард.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА КИШВАРИ РУС

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он бикри пӯшидарӯй,
Ба ман деҳ, гараш ҳаст парвои шӯй,
Кунам дастшӯӣ ба пок аз палид,
Ба бикр инчунин даст бояд кашид.

### АНДАРЗ

Дигарбора булбул ба боғ омадаст,
Парӣ пеши равшанчароғ омадаст.
Хаёли парипайкарӣ мекунад,
Маро чун хаёли парӣ мекунад.
Аз ин кони торики аҳриманӣ
Гуҳар бин, ки орам бад-ин равшанӣ.
Ҳазор офарин бод бар зиракон,
Ки равшан зар оранд аз ин тира кон.

### ДОСТОН

Гузорандаи шарҳи он марзбон
Гузориш чунин оварад бар забон,
Ки чун шоҳи олам ба донои Рум
Бифармуд, то созад аз санг мум,
Ба пирӯзӣ он нақши дархоста
Чу пирӯза нақше шуд ороста.
Зи хубӣ чунон сохташ нақшбанд,
Ки барбаст бар нақши туркон паранд.
Чу пайкар барангехт пайкарнамой,
Шаҳ аз пеши пайкар тиҳӣ кард ҷой.

Ба ҳар ҷо, ки мерафт, мерехт ганҷ,
Ба уммеди роҳат ҳамебурд ранҷ.
Ба ҳар ҳафтае манзиле чанд ронд,
Ба ҳар манзиле ҳафтае чанд монд.
Чу манзил даромад ба бадхоҳ танг,
Ҳижаброн ба кин тез карданд чанг.
Фарохӣ гаҳе буд наздики об,
Фуруд омад он ҷо ба ҳангоми хоб.
Дар он марғзор аз малик то сипоҳ
Баросуда гаштанд аз осеби роҳ.
Чу анҷум баророст лашкаргаҳе,
Кашида ба гардун дару даргаҳе,
Ҷаҳонро зи роят чу товус кард,
Саропардаро дар суи Рус кард.
Ба русӣ хабар шуд, ки дорои Рум
Даровард лашкар бад-он марзу бум.
Сипоҳе, ки андешаро пай кунад,
Чу кӯҳа занад, кӯҳ аз ӯ хай кунад.
Далерони шамшерзан бешумор,
Ба мардумгазоӣ чу печанда мор.
Камандафканоне, ки чун тундшер
Даропанд сарҳои пилон ба зер.
Ғуломони чинӣ, ки дар доругир
Зи мӯе ҷаҳонанд сад ҷӯба тир.
Сикандар на, тундаждаҳоест ин,
Ҷаҳонро ситамгар балоест ин.
На лашкар, яке кӯҳ бо ӯ равон,
Ки дар зери ӯ шуд замин нотавон.
Зи пилон дусад пили пӯлодпӯш,
Ки оранд хуни заминро ба ҷӯш.
Яке дашт пурпилу пурпилтан,
Ҳама кишварошӯбу лашкаршикан.
Чу Қантоли русӣ, ки солор буд
Шуд огаҳ, ки гардун бад-ин кор буд.
Яке лашкар ангехт аз ҳафт рус,
Ба кирдори ҳар ҳафт карда арӯс.
Зи Буртосу Олону Хазронгурӯҳ
Барангехт селе чу дарёву кӯҳ.
Зи Исузамин то ба Қифчоқдашт
Заминро ба теғу зиреҳ дарнавашт.
Сипоҳе на чандон, ки лашкаршинос
Ба андозаи он расонад қиёс.
Чу ориз шумурд, он чи дар пеш буд,
Зи нуҳсад ҳазораш адад беш буд.
Фуруд омаданд аз сари роҳи дур,
Дуфарсангӣ аз лашкари шоҳ дур.
Ба лашкар чунин гуфт Қантоли рус,
Ки «мардафканонро чӣ бок аз арӯс?!

Чунин лашкари хуби нодидаранҷ,
Ҳама сарбасар корвонҳои ганҷ
Куҷо пой доранд бо русиён
Чунин нозанинону номусиён.
Ҳама гавҳаринсозу зарринситом,
Булӯринтабақ, балки беҷодаҷом.
Ҳама корашон шурбу молишгарӣ,
Нагашта шабе гирди чолишгарӣ.
Шабонгаҳ ба бӯи хуш ангехтан,
Саҳаргаҳ ба шарбат баромехтан.
Ҷигар хӯрдан оини русон бувад,
Маю нуқл кори арӯсон бувад.
Зи румию чинӣ наёяд набард,
Ҳама хаззу дебо бувад сурху зард.
Худо дод моро чунин дастгоҳ,
Худододаро чун тавон баст роҳ?!
Агар дидаме ин ғанимат ба хоб,
Даҳонам шудӣ з-ин ҳаловат пуроб.
Яке нест дар ҷумла бе тоҷи зар,
Ба дарё наёбем чандин гуҳар.
Гар ин дастгаҳро ба даст оварем,
Бар иқлими олам шикаст оварем.
Ҷаҳонро бигирему шоҳӣ кунем,
Ҳамасола соҳибкулоҳӣ кунем.
Пас, он гаҳ фарас ронд болои кӯҳ,
Тане чанд бо ӯ шуда ҳамгурӯҳ.
Ба ангушт бинмуд, к-инак зи дур
Ҷаҳон дар ҷаҳон нозанинанду хур.
Дару даргаҳ аз гавҳару ганҷ пур,
Ба ҷои синону зиреҳ лаълу дур.
Ҳама зини заррини ёқуткор,
Кафалпӯшҳои ҷавоҳирнигор.
Кулоҳи мурассаъ барафрошта,
Қабо то кафи пой бигзошта.
Ҳама фарши дебову шаъру ҳарир,
На дар даст найза, на дар ҷаъба тир.
Ҳама анбариндору халхолпӯш,
Сари зулф печида болои гӯш.
Саропой дар зевари хусравӣ,
На пои раванда, на дасти қавӣ.
Бад-он сустпоёни печидадаст
Сикандар чӣ лашкар тавонад шикаст?
Гар афтад бар эшон сари сӯзане,
Даҳанро кушоянд чун равзане.
Ба таъриху тақвим ҷанг оваранд,
Маҳе дар ҳисоби диранг оваранд.
На он лашкаранд, ин ки рӯзи набард
Зи хастакулӯхе бароранд гард?!

Чу мо ҳамла созем як раҳ зи ҷой,
Ба як ҳамлаи мо надоранд пой.
Чу русони сахтикаши сахтмағз
Фиребе шуниданд аз ин гуна нағз,
Кашиданд сарҳо, ки то зиндаем,
Бад-ин аҳду паймон сарафкандаем.
Бикӯшем, кӯшидане чун наҳанг,
Намонем аз ин гулситон бӯю ранг.
Бар аъдои давлат шабехун кунем,
Ба нӯги синон хораро хун кунем.
Чу даст аз синон сӯи ханҷар кашем,
Бадандешро дом дар сар кашем.
Чу русӣ сипаҳро диле гарм дид,
Зи нерӯи худ кӯҳро нарм дид.
Ба лашкаргаҳ омад ба тадбири ҷанг,
Зи дил бурд зангору аз теғ занг.
Зи дигар тараф шоҳи лашкаршикан
Ба тадбир биншаст бо анҷуман.
Бузургони лашкар ҳама гирди шоҳ
Нишастанд чун ахтарон гирди моҳ:
Қадархон зи Чин, Гӯрхон аз Хутан,
Дабис аз Мадоин, Валид аз Яман.
Даволӣ зи Абхозу Ҳиндӣ зи Рай,
Қубоди Ситахрӣ зи хешони Кай.
Зариванди Гелӣ зи Мозандарон,
Ниёли ял аз кишвари Ховарон.
Бишак аз Хуросон, Вафум аз Ироқ,
Баришод аз Арман бад-ин иттифоқ.
Зи Юнону Афранҷаву Мисру Шом,
На ҷандон ки баргуфт шояд ба ном.
Ҷаҳондор кард аз ғам озодашон,
Ба дилгармӣ уммедҳо додашон.
Чунин гуфт, к-ин лашкари ҷангҷӯй
Ба пайкори шерон накарданд хӯй.
Ба duздию солусию раҳзанӣ
Намоянд мардию мардафканӣ.
Дудастӣ надиданд шамшер кас,
Ҳамон ночаху найза аз пешу пас
Силоҳею созе надоранд чуст,
Зи беолатон ҷанг н-ояд дуруст.
Бараҳнатане ҷандро дар масоф
Чӣ бошад буридан зи сар то ба ноф?!
Чу ман теғ гирам, биҷунбам зи ҷой,
Фурӯ бандад Албурзро дасту пой.
Ман он давргирам, ки Дорои гурд
Зи ман ҷон ҳамебурду ҷон ҳам набурд.
Ба кайде, ки бо Кайд дарсохтам,
Ба пои худаш чун дарандохтам.

Чу бо лашкари Фур кардам набард,
Зи мардонагӣ Фур кофур х(в)ард.
Камонам чу барзад ба абрӯ гireҳ,
Шаҳи Чин камонро фурӯ кард зеҳ.
Ҳам аз ҷанги Русам набошад шикӯҳ,
Ки бисёр селоб резад зи кӯҳ.
Зи кӯҳи Хазар то ба дарёи Чин
Ҳама турк бар турк бинам замин.
Агарчи нашуд турк бо Рум хеш,
Ҳам аз Румашон кина бо Рус беш.
Ба пайкони туркони ин марҳала
Тавон рехт бар пои рус обила.
Басо заҳр, к-ӯ дар тан орад шикаст,
Ба заҳри дигар боядаш бозбаст.

## ТАМСИЛ

Шунидам, ки аз гурги рӯбоҳгир
Ба бонги сагон раст рӯбоҳи пир.
Ду гурги ҷавон тухми кин коштанд,
Паи рӯбаҳи пир бардоштанд.
Деҳе буд, дар вай сагони бузург,
Ҳама ташнаи хуни рӯбоҳу гург.
Яке бонг зад рӯбаҳи чорасоз,
Ки банд аз даҳони сагон кард боз.
Сагони деҳ овоз бардоштанд,
Ки рӯбоҳро гург пиндоштанд.
Зи бонги сагон, к-омад аз дурдаст,
Рамиданд гургону рӯбоҳ раст.
Сиголандаи кордон вақти кор
Зи душман ба душман шавад растгор.
Агарчи маро бо чунин баргу соз
Ба ҳампуштии кас наёяд ниёз,
Дари чора бар чорагар баста нест,
Ҳама кор бо теғ пайваста нест.
Сарони сипаҳ сар кашиданд пеш,
Ки «резем дар пои ту хуни хеш.
Набудем аз ин пештар сусткӯш,
Кунун гармтар з-он барорем ҷӯш.
Ҳам аз баҳри мардӣ, ҳам аз баҳри мол
Бикӯшем, то чун бувад дар ҷувол».
Сипаҳро чу дил дод хусрав басе,
Ки бедил набояд, ки бошад касе.
Дар андеша мебуд то вақти шом,
Ки фардо чӣ барсозад аз теғу ҷом.
Чу аз тирашаб рӯзи равшан ниҳуфт,
Талоя бурун рафту ҷосус хуфт.
Нигаҳбони лашкар бурун аз қиёс
Нишастанд бар раҳгузарҳои пос.

Шаби тира бепос нагзоштанд,
Зи шаб то саҳар пос медоштанд.

## ҶАНГИ АВВАЛИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он зайбақи тофта
Ба шангарфкорӣ амал ёфта.
Бидеҳ, то дар айвони бораш барам,
Чу шангарфи суда ба кораш барам.

### ДОСТОН

Биёр, эй ҷаҳондида деҳқони пир,
Суханҳои парвардаи дилпазир,
Ки чун Хусрав аз Чин баромад ба Рус,
Куҷо бурдаш ин сабзхинги шамус?
Дигарбора чархаш чӣ бозӣ намуд,
Ҷаҳонаш чӣ найрангсозӣ намуд?
Гузоранда саррофи гавҳарфурӯш
Суханро ба гавҳар баромуд гӯш,
Ки румӣ чу ошуфтани рус дид,
Ҷаҳонро чу парканда товус дид.
Шаби тира паҳлӯ ба бистар набурд,
Ба толеъпажӯҳӣ ситора шумурд.
Замин фарши сайфур чун дарнавашт,
Баровард сар субҳ бо теғу ташт.
Бад-он теғ, к-аз ташт бинмуд тоб,
Сарафкандаи теғ гашт офтоб.
Бурун омад аз пардаи тира меғ,
Зи ҳар теғи кӯҳе яке кӯҳтеғ.
Ду лашкар, нагӯям, ду дарёи хун,
Ба бисёрӣ аз оби дарё фузун.
Ба тадбири хун рехтан тохтанд,
Ба ҳам теғу роят барафрохтанд.
Ба арзи ду майдон дар он тангҷой
Фишурданд чун кӯҳи пӯлод пой.
Дар он маърака оризи размгоҳ
Баророст лашкар ба фармони шоҳ.
Зи пӯлодпӯшони алмостеғ,
Ба хуршеди равшан даровард меғ.
Ҷудогона аз мавкиби ҳар гурӯҳ
Ҳисоре баровард монанди кӯҳ.
Даволию гурдони Эронзамин
Суи маймана гарм карданд кин.
Қадархону фағфуриён яксара
Алам баркашиданд бар майсара.

Ҷаноҳ аз ханданги ғуломони хос
Зада парра бар гаштани беқасос.
Ба пеш-андарун пили пӯлодпӯш,
Паси ӯ далерони тундархурӯш.
Шаҳи пилтан бо ҳазорон умед
Камар баста бар пушти пили сапед.
Зи дигар тараф сурхрӯёни рус,
Фурӯзанда чун қиблагоҳи маҷус.
Ба хазрониён рост ороста,
Зи чап бонги Буртос бархоста.
Алонӣ зи пас, Исавӣ бар ҷаноҳ,
Сарандохтан карда бар худ мубоҳ.
Ба қалб-андарун русии кинаҷӯй,
Зи меҳри Сикандар шуда синашӯй.
Сипоҳ аз ду ҷониб сафороста,
Замин осмонвор бархоста.
Дароҳои русӣ даромад ба ҷӯш,
Чу ҳиндуи бемор барзад хурӯш.
Ғиревидани кӯси гардуншикоф
Заминро барафканд печиш ба ноф.
Ҳамон нои туркӣ бароварда шӯр,
Ба бозуи туркон даровард зӯр.
Саҳили заминсунбаи тозиён
Ба моҳӣ расонда заминро зиён.
Лагадкӯбаи гурзаи ҳафтҷӯш
Бароварда аз гови гардун хурӯш.
Балорак ба говарсаи нуқрагун
Зи нуқра бароварда говарси хун.
Ханданги сипар карда з-оҳан гузор
Чу мурғи дупар бар сари марғзор.
Зи найза наистон шуда рӯи хок,
Зи кӯполҳо кӯҳ гашта мағок.
Синон бар сари мӯй бозикунон,
Ба хун рӯи душман намозикунон.
Зи ғурридани шер дар чарми гург
Шуда фитнаи хурдро сар бузург.
Синон чашмаи хун кушода зи санг,
Бар ӯ руста сад беша тири ханданг.
Ханданги ҳама сурхгул бори ӯ,
Гуле хун таровида аз хори ӯ.
Наҳангони шамшери ҷавшангудоз
Ба гарданкашӣ карда гардан дароз.
Кушода бухор аз тани кӯҳ дарз,
Заминро фитода бар андом ларз.
Зи ғавғо баровардани хайли рус,
Таковар шуда зери шерон шамус.
Наярзид бо камтарин русие,
Фалотуне он ҷо фалотусие.

Ҳамон румии роятафрохта
Зи ҳиндӣ дар об оташ андохта.
Гулӯи ҳаво даркашид, эй шигифт,
Ба зиқуннафас коми гетӣ гирифт.
На пӯяндаро бар замин пой буд,
На паррандаро дар ҳаво ҷой буд.
Зи русӣ бурун шуд ба овардгоҳ
Яке шери Партоси рӯбаҳкулоҳ.
Чу кӯҳе равон гашта бар пушти бод,
Аҷаб бин, ки бар бод кӯҳ истод.
Мубориз талаб карду ҷавлон намуд,
Ба номоварӣ хештанро ситуд,
Ки партосиёнро дар ин хомчарм,
Ба партосии ман шавад пушт гарм.
Чу тундӣ кунам, тундаригавҳарам,
Чу оям ба разм, аждаҳопайкарам.
Палангон дарам бар сари кӯҳсор,
Наҳангон хурам бар лаби ҷӯйбор.
Чу шерон ба пархош хӯ кардаам,
На чун рӯбаҳон дунба парвардаам.
Дуруштам ба чанголу сахтам ба зӯр,
Ба хомӣ дарам паҳлуи наррагӯр.
Ҳама хуни хом аст нӯшиданам,
Ҳама чарми хом аст пӯшиданам.
Синонам зи паҳлӯ дарояд ба ноф,
Дурӯғе намегӯям, инак масоф.
Биёед як лашкар аз Чину Рум,
Ки оташ фурӯзанда гардад зи мум.
Мабахшод Яздон бар он раҳнамун,
Ки бахшоиш орад ба ман-бар ба хун».
Зи қалби малик пеши он тундмор
Бурун рафт ҷавшанваре найзадор.
Ба пархош кардан кушоданд чанг,
Дар он пӯя карданд лахте диранг.
Зи шамшери партосии хашмнок
Ҷавонмарди румӣ даромад ба хок.
Дигар румие рафту ҳам хок дид,
Ки Партосро бахт чолок дид.
Маликзодае буд, Ҳиндӣ ба ном,
Басе сар бурида ба ҳиндиҳусом.
Бар он гурги дарранда чун шери маст
Барошуфт пӯлоди ҳиндӣ ба даст.
Басе ҳамла карданд дастозмой,
Сари бахти кас дарнаёмад зи пой.
Маликзода Ҳиндӣ чу шуд сахткӯш,
Баровард шамшери ҳиндӣ ба дӯш.
Чунон ронд бурранда алмосро,
Ки сар дар сум афканд Партосро.

Зи русӣ яке шери шӯридасар,
Ба гардан дароварда русӣ сипар.
Даромад ба новард чолишкунон,
Ба хуни мухолиф сиголишкунон.
Зи Ҳиндӣ чунон ҳиндие хӯрд боз,
Ки русӣ сипар гашт аз ӯ бениёз.
Ҳамон русии дигар омад ба хашм,
Ҳам афтод, то бар ҳам афтод чашм.
Чунин чандро кушт то нимрӯз,
Чу оҳуи пайкардаро тундюз.
Фурӯ баст аз ӯ русиёнро нафас,
Наёмад дигар сӯи пайкор кас.
Ба оромгаҳ тофт Ҳиндӣ инон,
Ба хуну хай олуда сар то миён.
Малик чун чунон дид, бинвохташ,
Сазовори худ хилъате сохташ.
Фуруд омаданд аз ду ҷониб сипоҳ,
Язакҳо нишонданд бар посгоҳ.

## ҶАНГИ ДУВУМИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

Дигар рӯз, к-ин соқии субҳхез
Зи маӣ кард бар хок ёқутрез,
Ду лашкар чу дарёи оташ дамон
Кушоданд боз аз каминҳо камон.
Дигарбора дар корзор омаданд,
Ба шерафканӣ дар шикор омаданд.
Дарои ҷигартобу фарёди занг
Зи сар мағз мебурду аз рӯй ранг.
Ҳамон кӯси рӯину гургиначарм
На дил, балки пӯлодро кард нарм.
Заминро зи шӯриш барафтод бех,
Фиканд осмон наълу хуршед мех.
Бурун рафт аз айлоқиён саркаше,
Саворе шитобанда чун оташе.
Зи сар то қадам зери оҳан ниҳон,
Ба сахтию оҳандилӣ чун ҷаҳон.
Мубориз талаб кард чун пили маст,
Касе к-омад, аз пои пилон нараст.
Далерон аз ӯ баддилӣ ёфтанд,
Сар аз панҷаи шер бартофтанд.
Пас аз соате тундшере сиёҳ
Бурун омад аз парраи қалбгоҳ.
Бар асби бухорӣ ба болои пил,
Хурӯшону ҷӯшонтар аз рӯди Нил.
Ба айлоқии аҳриманрӯй гуфт,
Ки «омад бурун офтоб аз ниҳуфт.
Манам ҷом бар даст чун соқиён,
На аз бода, аз хуни айлоқиён».

Бигуфт ину бар маркаб афшурд рон,
Барафрӯхт бозу ба гурзи гарон.
Зи кӯполи он пили ҷангозмой
Даромад сари пилпайкар зи пой.
Шуд айлоқӣ аз гурзи пӯлод паст,
Зи тӯфони хунаш замин гашт маст.
Саворе сарафрозтар з-он гурӯҳ
Бар он кӯҳкан ронд монанди кӯҳ.
Ба захме дигар бо замин паст шуд,
Чунин чанд гарданкаш аз даст шуд.
Саранҷоми кор он сар андохтан
Ғуруреш дод аз сар афрохтан.
Зи пӯлоддиръони алмостеғ
Басе кушту ҳам кушта шуд бедареғ.
Зи пешингаҳон то намози дигар
Ба майдон нашуд размсози дигар.
Дигарбора хун дар ҷигар ҷӯш зад,
Қазоро қадар бар буногӯш зад.
Зи русӣ саворе даромад чу пил,
Рухе чун бақам, чашмҳое чу нил.
Бурун хост аз румиён ҳамнабард,
Ҳамекард мардӣ, ҳамекушт мард.
Бад-ин гуна хайле ба хун даркашид,
Тане чандро ҷон зи тан баркашид.
Зи бас куштани марди ҷангозмой
Наёмад касеро суи ҷанг рой.
Чу русӣ ба румӣ чунон даст ёфт,
Зи кӯполи худ пилро паст ёфт.
Ҳамегашт пӯлоди ҳиндӣ ба мушт,
Тане чанд румию чинӣ бикушт.
Чу болои найза дарозӣ гирифт,
Дар он маърака найзабозӣ гирифт.
Зи паҳлӯи лашкаргаҳи шаҳрёр
Бурун ронд маркаб яке шаҳсавор.
На асбе, уқобе барангехта,
На теғе, наҳанге даровехта.
Ҳарири танаш дар кажоганди зард,
Кулоҳе зи пӯлод, чун лоҷвард.
Ба майдон даромад чу ифрити маст,
Яке ҳарбаи чорпаҳлӯ ба даст.
Тариде бароварду бо рус гуфт,
Ки хоҳӣ ҳамин лаҳза дар хок хуфт!
Зариванди мозандаронӣ манам,
Ки бозӣ бувад ҷанги Аҳриманам.
Чу русӣ дар ӯ диду дар пайкараш,
Зи сафро ба гаштан даромад сараш.
Шуд огаҳ, ки даргашт новарди ӯ,
Набошад чу ӯ марду ҳаммарди ӯ.

Инон сӯи лашкаргаҳи хеш дод,
Ҳазимат ҳамерафт чун тундбод.
Раҳо кард ҳарба савори далер
Паси пушти он пуштбаркарда шер.
Гурезандаро ҳарба хорид пушт,
Бурун шуд зи сина синон чор мушт.
Зи тезӣ, ки шуд маркаби бодпой,
Расонд он тани суфтаро боз ҷой.
Бар ӯ хешу бегона биштофтанд,
Салибишуда куштае ёфтанд.
Чу диданд, к-он аждаҳои набард
Салибӣ кунад сулби мардони мард.
Инонҳо фурӯбаста шуд пешу пас,
Зи Партоси русӣ наҷунбид кас.
Чу лашкар шуд аз сабр кардан сутӯҳ,
Бурун рафт русӣ чу як пора кӯҳ.
Зи хешони Қантол Кӯполном
Гаве пилтан кард бар вай хиром.
Ду шамшерзан дар ҳам овехтанд,
Зи ҳар сӯй шамшере ангехтанд.
Саранҷоми кӯшиш Зариванди гурд
Ба як захм ҷони ситезанда бурд.
Чунин то зи русони гардангарой
Даровард ҳафтод танро зи пой,
Барошуфт Қантол аз он шери тунд,
Ки пои сипаҳ дид аз он кор кунд.
Бипӯшид ҷавшан, барафрохт тарг,
Чу сарве, ки теғаш бувад бору барг.
Даромад ба зин чун яке аждаҳо,
Сари борагӣ кард бар вай раҳо.
Зариванд чун дид, к-омад ҳижабр,
Биғуррид монанди ғурранда абр.
Кашиданд бар якдигар теғи тез,
Зи гармӣ шуда чун фалак гармхез.
Дупарра чу паргори марказнавард,
Яке дерҷунбиш, яке зудгард.
Басе гирд бар гирд бартохтанд,
Басе захм чун оташ андохтанд.
Намешуд яке бар яке комгор,
Зи пешин даромад ба шаб корзор.
Ҳам охир яке теғ зад шоҳи рус,
Бар он марди ороста чун арӯс.
Даровардаш аз зини зар сӯи хок,
Баровард аз он шери шарза ҳалок.
Кушанда чу бар хасми худ ком ёфт,
Ба шодӣ суи лашкари худ шитофт.
Ҷаҳондор аз он кор шуд тангдил,
Ки солори гелӣ даромад ба гил.

Бифармуд барсохтан кори ӯ,
Ба шарте, ки бошад сазовори ӯ.

## ҶАНГИ СЕВУМИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

Дигар рӯз, к-ин турки султоншукӯҳ
Зи дарёи Чин кӯҳа барзад ба кӯҳ,
Гароянда шуд ҳарду лашкар ба хун,
Алам баркашиданд чун Бесутун.
Даромад зи дарё ба ғурридан абр,
Зи ҳар бешае сар бурун зад ҳижабр.
Нафири наҳангон даромад ба авҷ,
Зи ҳар гӯша мерафт хун мавҷ-мавҷ.
Зи румӣ яке пили кӯполгир
Бароҳихта шамшеру барбаста тир.
Ба ҷангозмоӣ бурун хост мард,
Бурун шуд далере ба хафтони зард.
Фурӯ ҳишт кӯполи румӣ зи даст,
Сару пои русӣ ба ҳам даршикаст.
Дигар хост, бо ӯ ҳамон рафт низ,
Ба ҷуз мағзкӯбӣ надонист чиз.
Алонисаворе, Фаранҷа ба ном,
Ҳунарҳо намуда ба шамшеру ҷом.
Даромад баровարда лахте ба дӯш,
Ки аз диданаш мағзро рафт ҳуш.
Ҳам ин лахти худро ба кин баркушод,
Ҳам он низ бар дӯш лахте ниҳод.
Ду лахти даре шуд ба ҳам лахташон,
Дар он дар шуд овезиши сахташон.
Чу донист алонӣ, ки дар роҳи ӯ
Фурӯ монд бебахт бадхоҳи ӯ,
Баровард лахтею зад бар сараш,
Сарашро фурӯ рехт бар пайкараш.
Чу фарқи сари хасм дар хун кашид,
Аз он саркашӣ сар ба гардун кашид.
Зи гурдони Арман яке тундшер,
Ба куштан қавидил, ба мардӣ далер.
Зи шерон сабақ бурда, Шарва ба ном,
Ба ҳангоми ҷангозмоӣ тамом.
Наҳанги дутеғӣ барафрохта,
Ба теғ аз наҳангон сар андохта.
Ба разми алонӣ равон кард рахш,
Барафрӯхт аз теғи рахшон дурахш.
Фаранҷа чу дид ончунон дастзӯр,
Сипар бар китиф дӯхт чун парри мӯр.
Чунон зад бар ӯ Шарва шамшери тез,
Ки кард аз қафас мурғи ҷонаш гурез.
Аз Айсу камарбаста гарданкаше
Бурун зад ҷанибат чу тунд оташе.

Бикӯшиду мардонагиҳо намуд,
Ба шерӣ кучо кард бо Шарва суд.
Чу хасме қавӣ дид, гардан кушод,
Ба як зарбат ӯ низ гардан ниҳод.
Чирамноме аз кӯҳи Якрон чу кӯҳ
Даромад, к-аз ӯ олам омад сутӯҳ.
Яке тарки рӯйоҳанин бар сараш,
Ки пайкор мерехт аз пайкараш.
Қабои зиреҳ бар танаш тобдор,
Чу симоб равшан, чу сим обдор.
Ба Шарва даромад чу шери дамон,
Зи дунё надодаш замоне амон.
Чунон ронд шамшер бар шермард,
К-аз он шери шарза баровард гард.
Чу афтод душман дар он пойлағз,
Ба сумми самандаш бисунбид мағз.
Басе гарданонро зи гарданкашон
Зад аз сардмеҳрӣ ба як бар нишон.
Даволӣ чу дид он чунон гардане,
На гардан ҳамоно, ки гарданзане,
Басечиду пирояи чанг хост,
Басечӣ шудан кард бар чанг рост.
Ба торак даровард рӯйоҳанин
Яке тарги сифта зи пӯлоди Чин.
Ҳамоил яке теғи заҳробдор,
Каманде чу зулфи бутон тобдор.
Фарасро барафканд баргуставон,
Ба зин андаромад чу кӯҳе равон.
Суи душман омад чунон тозарӯй,
Ки тифл аз дабистон дарояд ба кӯй.
Чирам чун дар он фарри зебанда дид,
Дил аз чанги шерон шикебанда дид.
Валекин набудаш дари бозгашт,
Ба ночор бо марг дамсоз гашт.
Ба гирди Даволӣ даромад далер,
Даволак ҳамебохт бо чанги шер.
Даволӣ зи печидани бадсигол
Бипечид бар хештан чун давол.
Басе ҳарф дар бозӣ андӯхтанд,
Зи раҳмат яке ҳарф н-омӯхтанд.
Даволӣ камар баста чун шери нар,
Задаш зарбате бар даволи камар.
Гузоранда шуд теғ бе ҳеч ранч,
Дунима шуд он кӯҳи пӯлодсанч.
Бародар яке дошт чун пили маст,
Ба кини бародар миёнро бибаст.
Зи захми Даволӣ даволе чашид,
Буна сӯи рахти бародар кашид.

Бад-ин гуна он кӯҳи пӯлодпушт
Басе марди лашкаршиканро бикушт.
Яке рус буд, номи ӯ Ҷудара,
Ки шери нараш буд оҳубара.
Дурушту тануманду зӯрозмой,
Ба танҳо адӯбанду лашкаркушой.
Зи гардан басе хун даровехта,
Басе хуни гарданкашон рехта.
Гиреҳ бар даволи камар сахт кард,
Ба ҷанги Даволӣ равон рахт кард.
Кушоданд бар якдигар теғи тез,
Ки раҳ баста шуд пойро дар гурез.
Басе зарбашон рафт бар якдигар,
Зи корогаҳишон нашуд коргар.
Баровард русе гузоранда теғ,
Бар он кӯҳи пӯлод зад бедареғ.
Зи пӯлод тарк андаромад ба фарқ,
Ба дарёи хун шуд тани хаста ғарқ.
Аз он сустӣ андоми захмозмой
Инондуздие карду шуд боз ҷой.
Ба зер омад аз асбу сар бозбаст,
Дили шоҳ аз он сар шикастан шикаст.
Ба фарзона фармуд, то ҳам зи роҳ
Кунад нӯшдору бар он захмгоҳ.
Навозиш кунад то ба оҳистагӣ
Даволӣ баросояд аз хастагӣ.
Чу шаб дар сар овард кӯҳлӣ паранд,
Сари маҳ даромад ба мушкин каманд.
Дурӯя сипаҳ пос бардоштанд,
Магас гирди хиргоҳ нагзоштанд.

## ҶАНГИ ЧАҲОРУМИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

Чу хуршед барзад сар аз сабзмил,
Фурӯ шуст гардун қаборо зи нил.
Дигарбора шерон намуданд шӯр,
Зи гӯрон ҳама дашт карданд гӯр.
Ба ғулғул даромад ҷарас бо дарой,
Бичӯшид хун аз дами карраной.
Зи фарёди шайпуру овози кӯс
Падид омад аз сурхгул сандарӯс.
Ҳамон Ҷудара сӯи майдон шитофт,
Ки дар худ яке зарра сустӣ наёфт.
Дигарбора Ҳиндӣ чу шери сиёҳ
Дарафканд хатлӣ ба навардгоҳ.
Яке чобукӣ кард бо Ҷудара,
Намерафт бар кор захме сара.

Ҳам охир дар абрӯ яке чин фиканд,
Сари Ҷудара бар сари зин фиканд.
Баровард аз афканданаш коми хеш,
Супурдаш ба наъли раҳ анҷоми хеш.
Далерона мегашту мехост мард,
Тиҳӣ кард ҷой аз басе ҳамнабард.
Яке номвар буд, Тартусном,
Ба мардӣ дароварда дар Рус ном.
Чу сурхаждаҳое ба печандагӣ
Ҳама бар ҳалокаш басечандагӣ.
Суи Ҳиндӣ омад чу селе баҷӯш,
Ки аз кӯҳ дар пастӣ орад хурӯш.
Дар он довариҳои бегонагӣ
Намуданд бисёр мардонагӣ.
Саранҷом, русӣ яке ҳамла кард,
К-аз он уди ҳиндӣ баровард гард.
Бипардохт аз хунаш андомро,
Чу май рехт, бар санг зад ҷомро.
Зи сар тарг бардошт, гуфто: «Манам,
Ҳижабре, к-аз ин гуна шерафканам.
Маро модари ман, ки Тартус хонд,
Ба русизабон Рустами Рус хонд.
Касе, к-ӯ занад бар ман абрӯ гиреҳ,
Кафан беҳ, ки пӯшад ба ҷои зиреҳ.
Зи майдон нахоҳам шудан боз ҷой,
Магар лашкареро дарорам зи пой.
Шаҳ аз куштани Ҳиндию захми рус
Бипечид бар худ чу зулфи арӯс.
Бар он буд, к-орад инон сӯи ҷанг,
Дигарбора дар азмаш омад диранг.
Чапу рост медид, то аз сипоҳ
Кӣ хоҳад шуд аз кинавар кинахоҳ.
Равон кард маркаб шитобандае,
Зи пӯлоди Чин барқи тобандае.
Ҳумоюнсаворе чу ғуррандашер,
Тавонову чобукинону далер.
Чунон ғарқ дар оҳан андоми ӯ,
Ки пайдо на, ҷуз бар нафас коми ӯ.
Ба ҷавлон задан сарфарозикунон,
Ба шамшер чун барқ бозикунон.
Аз он чобукиҳо, ки мекард чуст,
Баробар шуда дасти бадхоҳ суст.
Бар он русӣ афканд маркаб чу бод,
Ба теғозмоӣ бағал баркушод.
Чунон зад, ки аз теғи гарданзанаш
Сари душман афтод дар доманаш.
Аз он шердилтар саворе дигар
Даромад ба пархош чун шери нар.

Ба захме дигар ҳам сарафканда шуд,
Чунин то саре чанд барканда шуд.
Фузун аз чиҳил русии кӯҳпушт
Ба осонӣ он шери ҷангӣ бикушт.
Ба ҳар сӯ, ки меронд шабрангро,
Зи хун лаъл кард оҳанаш сангро.
Ба ҳар ҳамла, к-ангехт аз ҳар даре,
Фурӯ рехт аз русиён лашкаре.
Чу бар хун шитобанда шуд неши ӯ,
Наёмад кас аз бим дар пеши ӯ.
Яке ҳамлаи некро соз дод,
Инонро ба чобукинон боз дод.
Дар он ҳамла, к-он кӯҳ оҳиста кард,
Сад афканду сад кушту сад хаста кард.
Шаҳ аз шермардиш ҳайрон шуда,
Бар он дасту теғ офаринхон шуда.
Бад-ин гуна мекард пайкорҳо,
Ҳамерехт оташ дар он хорҳо.
Фалак то нашуд бар сараш мушксой,
Наёмад зи овардгаҳ боз ҷой.
Чу дар бурқаъи кӯҳ рафт офтоб,
Сари рӯзи равшан даромад ба хоб.
Шаби тира чун аждаҳои сиёҳ
Зи моҳӣ бароварда сар сӯи моҳ,
Сияҳ кард бар шабравон роҳро,
Фурӯ бурд чун аждаҳо моҳро.
Савори шабехунбар аз тохтан
Баросуду омад ба шаб сохтан.
Ба торикии шаб чунон шуд ниҳон,
Ки нашнохташ ҳеч кас дар ҷаҳон.
Шаҳ аз мардии он савори далер
Гумон бурд, к-он шердил буд шер.
Дар андеша мегуфт, к-«он шаҳрёр,
Ки имрӯз кард ончунон корзор,
Дареғо, агар рӯи ӯ дидаме,
Садаш ганҷи сарбаста бахшидаме.
Қавибозуӣ карду халқе бикушт,
Чу бозуи хешам қавӣ кард пушт.
Набуд одамӣ, буд шери арин,
Ки бодо бар он шермард офарин!»

## ҶАНГИ ПАНҶУМИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

Дигар рӯз, к-ин тоқи пирӯзаранг
Баровард ёқути рахшон зи санг,
Алониҷавоне чу ғуррандашер
Баромад сиёҳаждаҳое ба зер.

Яке гурзи ҳафтодмардӣ ба даст,
Ки Албурзро мағз дарҳам шикаст.
Мубориз талаб карду мегашт мард,
Зи гурдони гетӣ баровард гард.
Зи румию эронию ховарӣ
Басеро фиканд андар он доварӣ.
Ҳамон русиафкан савори далер
Бурун омад аз парда чун наррашер.
Камонро зиҳе барзад аз чарми хом,
Ба шаст андаровард як тири том.
Ба нерӯи дасти камонгири ӯ
Бияфтод алонӣ ба як тири ӯ.
Чу мосураи Ҳиндборе ба ранг,
Миён оганида ба тири хаданг.
Дигар раҳ яке русии гурбачашм,
Чу шерон ба абрӯ дароварда хашм.
Силоҳозмоӣ даромӯхта,
Басе диръро пора бардӯхта.
Даромад ба шамшербозӣ чу барқ,
Зи сар то қадам зери пӯлод ғарқ.
Пазира шуда шӯриши ҷангро,
Лаҳифе барафканда шабрангро.
Агарчи диле дошт чун хорасанг,
Набуд озмуда хатарҳои ҷанг.
Ба танҳоӣ он пеша варзида буд,
Зи шамшери душман наларзида буд.
Чу он аждаҳо дам барандохташ,
Шикоре забун дид, бишнохташ.
Силоҳе бар-ӯ дид беш аз набард,
Ҷулу ҷомае беҳтар аз асбу мард.
Ба як зарбаташ ҷон зи тан даркашид,
Ба ҷулбурқаъаш бурқаъ андаркашид.
Дигар русие баст бар кин камар,
Ҳамон рафт бо ӯ, ки бо он дигар.
Далери дигар ҷангро соз кард,
Ба тири дигар ҷон аз ӯ боз кард.
Ба ҳар тир, к-аз шасти ӯ шуд равон,
Ба паҳлӯ даромад яке паҳлавон.
Ба даҳ чӯба тир он савори баҳӣ
Зи даҳ паҳлавон кард майдон тиҳӣ.
Дигарбора пинҳон зи бинандагон
Биёмад ба ҷои нишинандагон.
Чунин чанд рӯз он набардасавор
Ба пӯшидагӣ ҳарб кард ошкор.
Набуд ҳеҷ касро дигар ёрагӣ,
Ки бо ӯ бурун афканад борагӣ.
Ба ҷое расиданд, к-аз бими теғ
Порокандагишон даромад чу меғ.

Шикебе ба номус месохтанд,
Хаёле ба найранг мебохтанд.

## ҶАНГИ ШАШУМИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

Чунин то яке рӯз, к-ин чархи пир
Баровард гавҳар зи дарёи қир,
Дигарбора майдон шуд ороста,
Зи байғулаҳо наъра бархоста.
Зи лашкаргаҳи Рус бонги ҷарас
Ба Айюқ бармешуд аз пешу пас.
Кашиданд саф қалбдорони рус
В-аз он қалби ороста чун арӯс.
Куҳанпӯстине даромад ба ҷанг,
Чу аз жарфдарё барояд наҳанг.
Пиёда ба кирдори як пора кӯҳ,
Зи понсад савораш фузунтар шукӯҳ.
Дуруште, ки чун панҷаро гарм кард,
Ба афшурдан алмосро нарм кард.
Чу ифрите аз баҳри хун омада,
Зи даҳлези дӯзах бурун омада.
Яке силсила баста бар пои ӯ,
Дарозу қавӣ ҳам ба болои ӯ.
Чу шерони ваҳшӣ дар он силсила
Ҷаҳон карда пуршӯру пурмашғала.
Зи ҳар сӯ, ки ҷустӣ як омоҷгоҳ,
Замин гаштӣ аз зӯрмандиш чоҳ.
Силоҳаш на, ҷуз оҳане сарбахам,
К-аз ӯ кӯҳро даркашидӣ ба ҳам.
Зи ҳар сӯ бад-он оҳани мардкуш
Ба мардумкушӣ даст мекард хуш.
Зи сахтӣ, ки буд хилқати хоми ӯ,
Сафан баста кимухти андоми ӯ.
Чу овардӣ оҳанг бар корзор,
Накардӣ бар ӯ теғи пӯлод кор.
Даромад чунон аждаҳоборае,
Фариштакуше, одамихорае.
Касеро, ки дидӣ, гирифтӣ чу мӯр,
Бикандӣ сарашро ба як дастзӯр.
Гароиш накардӣ ба кори дигар,
Гаҳе пой кандӣ зи тан, гоҳ сар.
Зи лашкаргаҳи шаҳ ба нерӯи даст
Басе халқро пою паҳлӯ шикаст.
Ҷаридасаворе тавонову чуст
Ба кори масоф андаромад дуруст.
Даромад, ки гарданфарозӣ кунад,
Бад-он оташи тез бозӣ кунад.
Чу дидаш зи дур он наҳанги дамон,
Гирифтан ҳамон буду куштан ҳамон.

Дигар номдоре даромад далер,
Ҳам овардаш он шери ҷангӣ ба зер.
Бад-ин гуна аз захмҳои дурушт
Тане панҷаҳ аз номдорон бикушт.
Зи бас дил, ки он шери дарранда хаст,
Дили шермардони лашкар шикаст.
Шигифтӣ фурӯ монд соҳибхирад,
Ки на одамӣ буду на дому дад.
Шаби тира чун бонг барзад ба рӯз,
Сарафканда шуд меҳри гетифурӯз.
Шаҳ аз ҳайрати кори он аҳриман
Сухан ронд пӯшида бо анҷуман,
Ки «ин одамикуш чӣ патёра буд,
Ки аз ҷанги ӯ халқ бечора буд?!
Силоҳе на дар қабзаи дасти ӯ,
Ҳама босилоҳон шуда пасти ӯ.
Бар онам, ки ӯ одамизод нест,
В-агар ҳаст, аз ин буми обод нест,
Зи вайронаҷоест ваҳшиниҳод,
Ба сурат чу мардум, на мардумнажод».
Шиносандае, к-он заминро шинохт,
Ба тамкини посух алам барфарохт,
Ки чун дод фармон шаҳи додгар,
Намоям бад-ӯ ҳоли он ҷонвар:
«Яке кӯҳ наздики торикӣ аст,
Ки роҳаш чу мӯе зи борикӣ аст.
Дар ӯ одамипайкароне чунин,
Ба таркиб хокӣ, ба зӯр оҳанин.
Надонад касе асли эшон дуруст,
Ки чун будашон зод бум аз нахуст.
Ҳама сурхрӯянду пирӯзачашм,
Зи шерон натарсанд ҳангоми хашм.
Чунон зӯрманданду афшурдагом,
Ки як тан бувад лашкареро тамом.
Агар мода, гар нар бувад дар ситез,
Барангезад аз оламе растахез.
Ба ҳар доваре, к-уфтад, ростанд,
Ҷуз ин мазҳаберо наёростанд.
Надидаст кас мурда з-эшон яке,
Магар зинда в-он зинда низ андаке.
Бувад ҳар якеро қадармоя меш,
К-аз он меш барсозад асбоби хеш.
Ба нерӯи пашм аст бозорашон,
Матоъе ҷуз ин нест дар борашон.
Надоранд ганҷинае ҳеч кас,
Самури сияҳро шиносанду бас.
Самуре, ки бошад ба хилқат сиёҳ,
Нахезад зи ҷое, ҷуз он ҷойгоҳ.

Зи пешонии ҳар як аз марду зан
Сурунест барруста чун каргадан.
Агар бо суруншон набошад сиришт,
Чӣ эшон ба сурат, чи русони зишт.
Касеро, ки ояд таманнои хоб,
Шавад бар дарахте чу паррон уқоб.
Сурун дарфишорад ба шохи баланд,
Чу деве бихусбад дар он девбанд.
Чу бинӣ ба шохе барангехта,
Яке аждаҳо бинӣ, овехта.
Бихусбад шабонрӯзӣ аз бех(в)адӣ.
Ки хоб аст бунёди нобихрадӣ.
Чу русишубонон бар ӯ бигзаранд,
Дар он деви овехта бингаранд.
Ба оҳистагӣ сӯи он аҳриман
Биёянду пинҳон кунанд анҷуман.
Расанҳо биёранду бандаш кунанд,
Зи занҷири оҳан камандаш кунанд.
Бар ӯ чун мусалсал шавад банд сахт,
Кашандаш ба панҷоҳ мард аз дарахт.
Чу он бандӣ огоҳ гардад зи кор,
Хурӯшад, хурӯшидане раъдвор.
Гар он бандро бартавонад шикаст,
Кушад ҳар якеро ба як мушти даст.
В-агар сахт бошад дар он бастагӣ,
Ба Рус оварандаш ба оҳистагӣ.
Бар ӯ банду занҷир муҳкам кунанд,
В-аз ӯ обу ноне фароҳам кунанд.
Барандаш ба ҳар кӯю ҳар хонае,
Кушояд аз он домашон донае.
В-агар ҷанге афтад ба ночорашон,
Бад-он зандапил аст пайкорашон.
Кашандаш ба занҷир чун аждаҳо,
Наёранд кардан зи бандаш раҳо.
Чу гардад чунон оташе ҷангҷӯй,
Намонад зи ҷон дар касе рангу бӯй.
Ҷаҳондор дар кори он пойлағз
Аз он достон монд шӯридамағз.
Ба соҳибхабар гуфт, к-«андеша нест,
Ҳама ҷӯбатире зи як беша нест.
Гар иқболи ман корсозӣ кунад,
Сараш бар сари найза бозӣ кунад».

## ҶАНГИ ҲАФТУМИ ИСКАНДАР БО РУСИЁН

Сапеда чу сар барзад аз Бохтар,
Сиёҳӣ ба Ховар фурӯ бурд сар.

Сипаҳро баророст ховархидев,
Дар андеша з-он мардумоҳанҷ дев.
Суи маймана румию барбарӣ,
Чу яъҷуҷ дар садди искандарӣ.
Суи майсара тангчашмони Чин,
Шуда танг аз анбӯҳи эшон замин.
Шаҳи Рум дар қалб чун тундшер,
Чу кӯҳе равон, хинги хатлӣ ба зер.
Дигар сӯ Алонию Бартоси рус,
Барошуфта чун тавсанони шамус.
Табира ҳамовоз шуд бо дарой,
Чу сури қиёмат дамиданд ной.
Зи хоридани кӯси хорошикоф
Пар афканд симурғ дар кӯҳи Қоф.
Зи фарёди хармуҳраву говдум
Алаллаҳ баромад зи рӯинахум.
Сипоҳ аз ду сӯ монда дар доварӣ,
Ки давлат киро мекунад ёварӣ.
Ҳамон аҳриманрӯи дижхимранг
Даромад чу пилони ҷангӣ ба ҷанг.
Тане чандро бесипар кард боз,
Нашуд пеши ӯ ҳеҷ кас размсоз.
Зиреҳпӯше аз соқаи қалби шоҳ,
Даромад чу шере ба овардгоҳ.
Зи теғ оташе баркашида чу об,
К-аз ӯ хира шуд чашмаи офтоб.
Шаҳ аз қалб донист, к-он шермард
Ҳамон аст, к-он ҷанги пешина кард.
Шуд андешанок аз паи кори ӯ,
Ки бо аждаҳо дид пайкори ӯ.
Дареғ омадаш к-ончунон гардане
Шикаста шавад пеши аҳримане.
Савори ҳунарманди чобукрикоб,
Ки бар оташ ангушт зад беҳисоб,
Фариштасифат гирди он девчеҳр
Ҳамегашт чун гирди гетӣ сипеҳр.
Нахустин набарде, ки тадбир кард,
Бар он тирадил бориши тир кард.
Чу дижхимро н-омад аз тир бок,
Зананда шуд аз тири худ хашмнок.
Яке хишти пӯлоди алмосранг
Бароварду зад бар диловар наҳанг,
Ки он хишт агар барзадӣ бар ҳаюн,
Тамом аз дигар гӯша ҷастӣ бурун.
Зи сахтӣ, ки танро ба ҳам барфишурд,
Бар он хора шуд хишти пӯлод хурд.
Дигар хиште андохт пӯлодтар,
Бар он куштанӣ ҳам нашуд коргар.

Севум ҳамчунин хишт бар вай шикаст,
Нашояд ба хишт обро бозбаст.
Чу донист, к-он деви оҳансиришт
Наяндешад аз ҳарбаву тиру хишт,
Наҳанги ҷаҳонсӯзро баркашид,
Суи аждаҳои даманда давид.
Задаш бар китифгоҳу бурдаш зи ҷой,
Чунон, к-он ситамгар даромад зи пой.
Дигарбора бархост аз зери гард,
Ба сахтӣ даровехт бо ҳамнабард.
Зи сӯзандагӣ роҳи бахташ гирифт,
Бад-он оҳани чафта сахташ гирифт.
Зи зинаш даровард чун тундшер,
Зи торак бияфтод таргаш ба зер.
Баҳоре падид омад аз зери тарг,
Басе нағзу нозуктар аз лолабарг.
Сараш хост кандан, ки нарм омадаш,
Чу рӯе чунон дид, шарм омадаш.
Ду гесӯ кашон дид дар доманаш,
Расан карда гесӯш дар гарданаш.
Чу ҳиндуи дуздаш зи ганҷина бурд,
Зи румӣ рабудаш, ба русӣ супурд.
Чу гашт он фаришта гирифтори дев,
Зи девони русӣ баромад ғирев.
Дигар раҳ ба нахҷир кардан шитофт,
К-аз аввал гаронмоя нахчир ёфт.
Аз он тирагӣ шоҳи лашкаршикан
Бипечид чун мор бар хештан.
Бифармуд, то зиндапиле сиёҳ
Ба хашм оваранд андар он ҳарбгоҳ.
Бизад пилбон бонг бар зиндапил,
Бар он аҳриман ронд чун рӯди Нил.
Басе ҳарбаҳо зад бар он пилпой,
Басе низ қорураи ҷонгазой.
На қорура бар кӯҳ шуд коргар,
На мекард ҳарба зи дарё гузар.
Чу дид аждаҳо пили сармастро,
Кушод андар он хирагӣ дастро.
Бидонист, к-он пили ҷангозмой
Ба хартуми сахташ дарорад зи пой.
Чунон сахт бигрифт хартуми ӯ,
Ки зиндони ӯ шуд бару буми ӯ.
Хурӯшиду хартумаш аз ҷой канд,
Бияфтод чун кӯҳ пили баланд.
Шаҳ аз ҳавли он бозии саҳмнок
Битарсид, к-афтад сипаҳ дар ҳалок.
Дар он хашмнокӣ ба фарзона гуфт,
Ки «давлат зи ман рӯй хоҳад ниҳуфт.

Маро низ дарёфт идбори бахт,
В-агарна чаро ҷустам ин кори сахт.
Бади осмонӣ чу ояд фароз,
Сари нозанинон бипечад зи ноз.
Табу тоби шоҳон бувад андаке,
Таби шер дар сол бошад яке.
Маро нест осоиш аз тохтан,
Бихоҳам дар ин умр пардохтан».
Дилаш дод фарзона, к-«эй шаҳрёр,
Шикебоӣ овар дар ин корзор.
Ҳамоно, ки пирӯзӣ орӣ ба даст,
Чу тадбир дорию шамшер ҳаст.
Агар чора дар санги хоро шавад,
Ба тадбиру теғ ошкоро шавад.
Чу ёрӣ кунад бо ту бахти баланд,
Чунин фитнаро сад дарорӣ ба банд.
Агарчи яке мӯй аз андоми шоҳ
Ба ман-бар гиромитар аз сад сипоҳ,
Валекин дар ахтар чунон аст роз,
Ки чун шоҳи олам шавад размсоз,
Ба иқболи шоҳу ба нерӯи бахт
Дарояд ба хок ин тануманд сахт.
Ҷуз он нест, к-ин пайкари сахтчарм
Надорад паи сусту андоми нарм.
Яке тан шуд, ар з-он ки рӯйинтан аст,
Тавон кандан аз ҷояш, ар з-оҳан аст.
Набояд бар ӯ захм рондан ба теғ,
К-аз оҳан нагардад пароканда меғ.
Сарашро магар дар каманд оварӣ,
Ба хамми камандаш ба банд оварӣ.
Гараш менамояд ба шамшер кушт,
Ки дорад паи сахту чарми дурушт.
Чу дар зери занҷираш орӣ асир,
Ба ӯ хоҳ шамшер зан, хоҳ тир».
Шаҳ аз муждаи марди ахтаршинос
Худоро пазируфт бар худ сипос.
Чу пирӯзии хеш дид аз Худой,
Бад-он хинги хатлӣ даровард пой,
Ки ӯро шаҳи чиниён дода буд,
Зи сабзохури чиниён зода буд.
Камандею теғи гаронмоя хост,
Инон кард сӯи бадандеш рост.
Даромад бад-он деви дарёшукӯҳ,
Чу абре сиёҳ, к-ӯ дарояд ба кӯҳ.
Наҷунбид бар ҷои хеш он наҳанг,
Ки иқболи шоҳаш фурӯ баст чанг.
Каманди адӯбандро шаҳрёр
Дарандохт чун чанбари рӯзгор.

Ба гардан дарафтод бадхоҳро,
Замин бӯса дод осмон шоҳро.
Чу бар гардани душман омад каманд,
Шитобанда шуд хусрави девбанд.
Ба хамми камандаш сар андаркашид,
Кашон ҳамчунон сӯи лашкар кашид.
Биғалтид он шери нахҷирсӯз
Чу оҳубара зери чанголи юз.
Чу он гӯри ваҳшӣ дар он дастбурд
Зи афтодану хостан гашт хурд,
Зи лашкаргаҳи шоҳи фирӯзманд
Ғиреве баромад ба чархи баланд.
Табира чунон шуд дар он хуррамӣ,
Ки омад ба ракс осмон бар замӣ.
Чу шаҳ дид, к-он пайкари девранг
Ба иқболи толеъ даромад ба чанг,
Нишондаш ба рӯзи дигар душманон,
Супурдаш ба зиндони аҳриманон.
Дили русиён аз чунон зӯрдаст
Бар он душмани душманафкан шикаст.
Шаҳи Рус шуд чун гудозанда мум,
Ба шодӣ даромад шаҳаншоҳи Рум.
Тамошои ромишгарон соз кард,
Дари хуррамӣ бар ҷаҳон боз кард.
Ниюшанда шуд нолаи чангро,
Ба каф барниҳод оби гулрангро.
Зи пирӯзии бахт мекард ёд,
Набиди гуворанда мехӯрд шод.
Чу шаб қуфли пирӯза барзад ба ганҷ,
Тарозуи кофур шуд мушксанҷ.
Ҳамон мушкбӯ бода мехӯрд шоҳ,
Ҳамон парда медошт мутриб нигоҳ.
Гаҳе суфталаъле ба паймона х(в)ард,
Гаҳе гӯш бар лаъли носуфта кард.
Ба ҳар май, ки мехӯрд, мерехт ранҷ,
Ба хоҳанда медод дебову ганҷ.
Даромад ба афсонаҳои дароз
Зи ҳар саргузаште пажӯҳанда боз.
Аз он теғзан марди чобуксавор,
Сухан ронд бо анҷуман шаҳрёр,
Ки «имрӯзаш ин бевафо ҳамнабард
Надонам, ки хун рехт, ё банд кард.
Агар монд дар банди он раҳзанон,
Бурун овaремаш ба захми синон.
В-агар рафт, аз он рафта дарнагзарем,
Чунон беҳ, ки бар ёди ӯ май х(в)арем».
Чу шуд мағзаш аз хӯрдани бода гарм,
Ба зиндониён-бар дилаш гашт нарм.

Бифармуд, к-он бандии безабон
Биёяд ба ромишгаҳи марзбон.
Ба фармони шаҳ он гирифтори банд
Ба ромишгаҳ омад чу кӯҳи баланд.
Ҳама тан шикаста зи нерӯи шоҳ,
Фурӯ пажмурида дар он базмгоҳ.
Ба зорӣ бинолид аз он хастагӣ,
Шафеъӣ на беш аз забонбастагӣ.
Чу марди забонбаста нолид зор,
Бибахшуд бар вай дили шаҳрёр.
Аз он зӯрдида тани зӯрманд
Бифармуд, то баргирифтанд банд.
Раҳо кардаш он шоҳи озодмард,
Бар озодмардӣ зиён кас накард.
Нишондаш ба озарму додаш таом,
Навозишгарӣ кард бо ӯ тамом.
Мае чанд бо гавҳараш ёр кард,
Ба май гавҳарашро падидор кард.
Чу мастӣ баромад бад-он шӯрбахт,
Биғалтид чун соя дар пои тахт.
Зи тавсандилӣ гарчи бо кас насохт,
Навозандаи хештанро шинохт.
Аз он ҷо саросема берун давид,
Чунон шуд, ки кас гарди ӯро надид.
Шигифтӣ фурӯ монд хусрав дар он,
Нишони сухан бозҷуст аз сарон,
Ки «ин бандӣ аз бода чун шод гашт,
Чаро шуд зи мо дур, к-озод гашт?»
Бузургони давлат дар он ҷустуҷӯй
Фитоданд аз он кор дар гуфтугӯй.
Яке гуфт: «Саҳроӣ аст ин шигифт,
Чу бандаш гирифтанд, саҳро гирифт».
Дигар гуфт: «Чун май дар ӯ кард кор,
Суи хонаи хеш барбаст бор».
Шаҳ аз ҳар чӣ рафт ошкору ниҳуфт,
Сухан гӯш мекарду чизе нагуфт.
Дар он монда, к-ин пардаи нилгун
Чӣ шаббозӣ аз парда орад бурун.
Чу лахте гузашт, омад он пили маст,
Камаргоҳи зебоарӯсе ба даст.
Ба озарм дар пеши хусрав ниҳод,
Ба расми парастиш замин бӯса дод.
Чу овард аз ин гуна сайде зи роҳ,
Дигарбора берун шуд аз базмгоҳ.
Аҷаб монд хусрав, ки он кор дид,
На дар мор, дар муҳраи мор дид.
Зи шарми шаҳ он луъбати нозанин
Чу луъбат ба сар даркашид остин.

Чу шаҳ дид дар хиргаҳ он моҳро,
Зи мардум тиҳӣ кард хиргоҳро.
Дар он турки хиргоҳӣ овард даст,
Шиканҷи ниқобаш зи рух баршикаст.
Чу дид, офате дид аз андеша дур,
На офат, яке офтобе зи нур.
Парипайкаре шӯху маст омада,
Паривор дар шаб ба даст омада.
Биҳиштирухе дӯзахаш тофта,
Зи молик ба ризвон гузар ёфта.
Чу сарве ба сарсабзӣ ороста,
В-аз ӯ сурхгул орият хоста.
Ба ҳар новаке ғамза, к-андохтӣ,
Шикоре зи рӯҳониён сохтӣ.
Лабею чӣ лаб, шӯри бозорҳо,
Дар ӯ қанду шаккар ба харворҳо.
Суманро тамошо дар оғӯши ӯ,
Тамошогаҳи гул буногӯши ӯ.
Чу Хусрав дар он рӯи чун моҳ дид,
Санамхонае дар назаргоҳ дид.
Шикорӣ канизе шакарханда ёфт,
Ки худро ба озодияш банда ёфт.
Канизе, ки соҳиб ғуломаш бувад,
Бибин, то чӣ дилҳо ба домаш бувад.
Бидонист, к-он турки чиниҳисор
Зи хоқони Чин шуд бар ӯ ёдгор.
Зи мардонагиҳо, к-аз ӯ дида буд,
Ба майдони размаш писандида буд.
Аҷаб монд, к-аз парда берун фитод,
Аҷабтар, ки бозаш ба каф чун фитод.
Бипурсид, к-«аҳволи худ бозгӯй,
Диламро бад-ин достон бозҷӯй».
Парастандаи хуби соҳибнавоз
Парастишкунон бурд шаҳро намоз.
Дуо кард бар тоҷдори ҷаҳон,
Ки «тоҷат мабодо зи гетӣ ниҳон!
Туӣ он ҷаҳонгири кишваркушой,
Ки аз доду дин офаридат Худой.
Шукӯҳат зи рӯз ошкоротар аст,
Зи давлат дилат бомудоротар аст.
Раҳоӣ ба ту рӯзи уммедро,
Фурӯғ аз ту тобанда хуршедро.
Дигар подшоҳони лашкаршикан
Яке тоҷвар шуд, яке теғзан.
Ту он офтобӣ дар ин рӯзгор,
Ки ҳам теғгирию ҳам тоҷдор.
Чу дар базм бошӣ, ҷаҳонхусравӣ,
Чу размозмоӣ, ҷаҳонпаҳлавӣ.

Надорад чу ман хокӣ он дастрас,
Ки бо оби ҳайвон барорад нафас.
Киро заҳра, к-ин ҷо кунад нола нарм,
Ки гар Зуҳра бошад, гудозад зи шарм».
Сафоле, ки мороcт, носуфтанист,
Чу гӯӣ, бигӯ, андаке гуфтанист.
Ман он суфтагӯшам, ки хоқони Чин
Зи носуфтагон карда будам гузин.
Ба даргоҳи шоҳам фиристоду гуфт,
Ки дурҳост ин дурҷро дар ниҳуфт.
Магар, к-он суханро гарон дид шоҳ,
Ки кард аз сари хашм бар ман нигоҳ.
Маро аз паси парда хомӯш кард,
Ба якбора ёдам фаромӯш кард.
Ман аз дурии шаҳ ба танг омадам,
Зи танг омадан сӯи ҷанг омадам.
Намудам ба овардгоҳи нахуст
Ба иқболи шаҳ он ҳунарҳои чуст.
Дувум раҳ, ки бонге бар адҳам задам,
Яке лашкар аз Рус барҳам задам.
Севум рӯз чун бахт ёрӣ накард,
Гирифтори душман шудам дар набард.
На душман, наҳанге ба кин тохта,
Зи хашми Худо сурате сохта.
Накушт он наҳанги ситамгар маро,
Бибурд ончунон сӯи лашкар маро.
Супурдам ба русони бедодгар,
Ки «ин ганҷро баста доред сар».
Дигар раҳ, суи ҷанг парвоз кард,
Ба пилафканӣ ҷангро соз кард.
Чу иқболи шоҳаншаҳи пилтан
Чу пиле фикандаш бар он анҷуман,
Зи пирӯзии шаҳ дар овардгоҳ
Сарам бар фалак шуд зи нерӯи шоҳ.
Чу дидам, ки доми ту дад мекашад,
Камандат балоро ба х(в)ад мекашад.
Ба навъе зи печиш нагаштам раҳо,
Ки нокушта дидам ҳанӯз аждаҳо.
Ба навъе дилам гашт пирӯзманд,
К-аз он гуна деве даромад ба банд.
Ҳама Русро дил пур аз дард шуд,
Гули сурхашон хайрии зард шуд.
Чу ғӯли шаб оини бад соз кард,
Ба раҳ бурдани мардум оғоз кард.
Расан баста чун ғӯл бар дасту пой,
Маро дар яке хона карданд ҷой.
Ба ман баршуда лашкаре дидабон,
Ҳама хориҷоҳангу нохушзабон.

Чу аз шаб яке нима камтар гузашт,
Ба гӯш омадам ҳой-ҳуе зи дашт.
Баромад яке абри зулмотранг,
Бар он сангсорон биборид санг.
Рақибон, ки шаб пос медоштанд,
Зи бимаш ҳама ҷой бигзоштанд.
Ба ҷуз сар надидам, ки аз кулла канд,
Ҳамеканду бар дигаре мефиканд.
Зи бас куллаи сар, ки барканда буд,
Яке кӯҳ аз он кулла оганда буд.
Даромад, чу мурғам зи ҷо баргирифт,
Ҳама бандам аз дасту по баргирифт.
Ба поингаҳи тахти шоҳам нишонд,
Зи поёни моҳӣ ба моҳам расонд.
Ба зиндон будам, то ба акнун чу ганҷ
Ба шодӣ кунун кард хоҳам сипанҷ.
Зан он беҳ, ки зевар кашад пои ӯ,
На зан дон, ки зиндон бувад ҷои ӯ.
Чунонам намояд дили комёб,
Ки мебинам ин коми дилро ба хоб».
Паричеҳра чун ҳоли худ бозгуфт,
Зи шодӣ рухи шоҳ чун гул шукуфт.
Бибӯсид бар ҳалқаи нӯши ӯ,
Сухан гуфт чун ҳалқа дар гӯши ӯ.
Ки «эй тозагулбарги нодидагард,
Ба меҳри Худо пайкаре дар навард.
Ба меҳри туам бештар гашт азм,
Ки дебои базмию зебои разм.
Ба пархошгаҳ ҷонситон дидамат,
Қавидасту чобукинон дидамат.
Ба ромишгаҳат низ бинам шигарф,
Ҳарифе надорӣ дар ин ҳарду ҳарф.
Ҳарифат манам, хезу бинвоз руд,
Дилам тоза гардон ба бонги суруд».
Паричеҳра бардошт, бинвохт чанг
Камоне хадангию тире хаданг.
Навое зад аз нағмаҳои навӣ,
Навоин суруде дар ӯ паҳлавӣ,
Ки «шоҳо, хидево, ҷаҳондоваро,
Хирадмандхӯё, хирадёваро,
Сари сабзат аз сарзаниш дур бод,
Дили равшанат чашмаи нур бод!
Ҷавонбахт бодию пирӯзрой,
Тавонову донову кишваркушой.
Камар баста ҷонат ба осудагӣ,
Қабои танат дур аз олудагӣ.
Ба ҳар ҷо, ки рӯй орӣ аз неку бад,
Паноҳат Худо боду пуштат хирад.

Чунон бод, к-ахтар ба комат шавад,
Ҳама мулки олам ба номат шавад».
Сароғоз кард он гаҳе рози хеш,
Бизад сӯзи хеш андар он сози хеш,
Ки нӯшиндарахте баромад ба боғ,
Барафрӯхт монанди равшанчароғ.
Гуле буд дар бӯстон ношукуфт,
Ҳамон наргисе дар чаман нимхуфт.
Маи лаъл дар ҷом нох(в)арда буд,
Насуфта дуре дастнокарда буд.
Ба уммеди он-к ояд аз сайд шоҳ,
Суи гул нишот орад аз сайдгоҳ.
Гули сурх чинад, баҳори сапед,
Гаҳе лола бинад, гаҳе мушкбед.
Магар шаҳ надорад фароғат ба боғ,
Ки н-орад назар сӯи равшанчароғ.
В-агар не, баҳоре бад-ин хуррамӣ
Чаро ройгон уфтад бар замӣ?!
Зи боди хазон ҳастам андешанок,
Ки резад баҳоре чунинро ба хок.
Шаҳаншаҳ, ки овози дилбар шунид,
Зи дил нолаи бедилон баркашид.
Хушовозии нолаи чанги ӯ
Хабар додаш аз рӯи гулранги ӯ,
Ки рӯе чунин, нағзгӯе чунин,
Ҳаромат мабод орзуе чунин.
Дили шаҳ чу з-он нукта огоҳ гашт,
Аз он орзу орзухоҳ гашт.
Дигар раҳ таваққуф писандида дошт,
Ки тороҷи бадхоҳ дар дида дошт.
Зи соқӣ ба май додане дил ниход,
Ки раҳтӯша аз баҳри манзил ниҳод.
Яке ҷоми заррин пур аз бода кард,
Ба ёди рухи он паризода х(в)ард.
Дигар раҳ яке ҷоми ёқутнӯш
Бад он нӯшлаб доду гуфто: «Бинӯш!»
Ситад моҳу бӯсиду бар лаб ниҳод,
Ба бӯса ситад ҷому бо бӯса дод.
Шаҳаншаҳ ба як даст соғаркашон,
Ба дасти дигар зулфи дилбар кашон
Гаҳе бӯса додӣ лаби ҷомро,
Гаҳе лаб газидӣ дилоромро.
Бар он расм, к-оини ӯ дилкаш аст,
Маи талх бо нуқли ширин х(в)аш аст.
Чу нӯшин май андар даҳан рехтанд,
Ба хушхоби нӯшин даровехтанд.
Дар он орзугоҳи бодурбош
Накарданд ҷуз бӯса чизе тарош.

## ПИРУЗӢ ЁФТАНИ ИСКАНДАР БАР РУСИЁН

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он рангдода абир,
Ки рангаш зи хун дод деҳқони пир.
Бидеҳ, то магар чун дарояд ба чанг,
Диҳад рангу обаш маро обу ранг.

### ДОСТОН

Сипоҳи саҳар чун алам баркашид,
Ҷаҳон ҳарфи шабро қалам даркашид.
Димоғи замин аз тафи офтоб
Ба сарсоми савдо даромад зи хоб.
Баровард мурғи саҳаргаҳ ғирев
Чу сарсомӣ аз нуру саръӣ зи дев.
Шаҳ аз хоб сар барзад ошӯбнок,
Дили покро кард аз андеша пок.
Ба тоатгаҳ омад, ниёиш намуд,
Забонро ба шукр озмоиш намуд.
Зи ёридиҳи худ дар он доварӣ
Гаҳе ёрагӣ хост, гаҳ ёварӣ.
Чу лахте биғалтид бар рӯи хок,
Камар басту зад домани диръ чок.
Ниҳоданд авранг бар пушти пил,
Кашиданд шамшер гирдаш ду мил.
Сипаҳро бе оини пешинарӯз
Баророст солори гетифурӯз.
Бар он паҳнсаҳрои дарёшукӯҳ
Ҳисоре зад аз мавҷи лашкар чу кӯҳ.
Чапу рост пиромани он ҳисор
Зи пӯлод бастанд раҳ бар ғубор.
Зи дигар тараф русии сарфароз
Баророст лашкар ба оину соз.
Ҷарасҳои русӣ хурӯшон шуда,
Димоғ аз тафи хашм ҷӯшон шуда.
Зи акси сари теғу барқи синон
Сар аз роҳ мерафту даст аз инон.
Таранги камон рафта дар мағзи кӯҳ,
Фашофашкунон тир бар ҳар гурӯҳ.
Зи пӯлодбар лахти гарданшикан
Бурун рехта мағзҳо аз даҳан.
Зи бедоди кӯполи пилафканон
Фалак ҷома дар хумми нил афканон.
Ниҳеби балорак ба парҳои мӯр
Зи боли уқобон тиҳӣ карда зӯр.
Сари найза аз тосаки сарнигун
Ба парчам фурӯ рехта тоси хун.

Суми бодпоён зи хун чун ақиқ,
Шуда то намадзин ба хун-дар ғариқ.
Синон дар сипар кавкаб афрӯхта,
Сипар дар сипар кавкаба дӯхта.
Зи бас хишти оҳан, ки шуд бар ҳалок,
Лаҳад баста бар куштагон хишти хок.
Сарафшонии теғи гардангузор
Баровარда аз ҷӯи хун лолазор.
Чу сӯзан синон синаро дӯхта,
Зи миқроза миқрозӣ омӯхта.
Зи ҳар қабзае ханҷаре дар шитоб.
Бароварда чун аждаҳо сар зи хоб.
Зи бас куштагон гирд бар гирди роҳ,
Чу бозори маҳшар шуда ҳарбгоҳ.
Намоянда русе ба ҳар сӯ ситез,
Бароварда аз румиён растахез.
Баромехта лашкари Руму Рус,
Ба сурху сапедӣ чу рӯи арӯс.
Сикандар дар он ҳарб чун шери маст,
Яке ҳарбае паҳлавонӣ ба даст.
Чӣ гуна бувад пили пӯлодпӯш,
Зи шери жаён чун бароял хурӯш.
Бад-он пилу он шер мемонд шоҳ,
Ки бар пилу бар шер барбаст роҳ.
Ба ҳар теғдоре, ки ӯ бозх(в)ард,
Сарашро ба теғе зи тан боз кард.
Сияҳпӯш чатраш чу Аббосиён
Зада санг бар тоси Бартосиён.
Ба нерӯи бозую захми рикоб
Чапу рост афканд сар беҳисоб.
Ҳам ӯ пойбарҷою ҳам лашкараш,
Ки то кай барояд зи кӯҳ ахтараш.
Сутурлоби фарзона дар офтоб.
Ба толеъ гирифтан чу маҳ дар шитоб.
Чу толеъ ба пирӯзӣ омад падид,
Ҷаҳон кард шамшери шаҳро калид.
Ба шаҳ гуфт: «Барзан, ки ёрӣ турост,
Дар ин дастбурд устуворӣ турост».
Биҷунбид хусрав чу дарёи Нил,
Сари душман афканд дар пои пил.
Суи русӣ овард як турктоз,
Чу тундаждаҳое даҳан карда боз.
Баровард пирӯзии шоҳ даст,
Ба Қантоли русӣ даромад шикаст.
Чу бишкаст бишкастане хурдашон,
Ба як ҳамла аз ҷои худ бурдашон.
Ҳазимат дарафтод бадхоҳро,
Ҷаҳон дод шоҳӣ ҷаҳоншоҳро.

Шаҳи пилпайкар ба хамми каманд
Даровард Қантолро зери банд.
Зи русӣ басе хуну хай рехтанд,
Гирифтанду куштанду овехтанд.
Зи бас русиёни сарандохта
Ба ҳам киштии кеш пардохта.
Зи шерони Бартосу русидиёр
Гирифтор шуд теғзан даҳ ҳазор.
Дигар, кушта шуд зери шамшеру тир,
Зи куштан бувад фитнаро ногузир.
Қадармоя растанд бе баргу соз,
Гурезон суи Рус рафтанд боз.
Начандон ғанимат ба хусрав расид,
Ки андозае ояд онро падид.
Зи симу зару қундузу лаълу дур
Шутур бо шутурхонаҳо гашт пур.
Чу бар душманон шоҳ шуд комгор,
Шуд аз фаррухӣ кори ӯ чун нигор.
Фуруд омад аз хинги хатлихиром,
Ки дид, он чи мақсуд будаш тамом.
Ба шукри Худо рӯй бар хок суд,
Ки фатҳ аз Худо омад, ӯ хок буд.
Чу кард офарин довари хешро,
Ҳамон ганҷҳо дод дарвешро.
Ҷаҳонро зи душман тиҳӣ дид ҷой,
Ба оромишу ромиш овард рой.

## РАҲОӢ ЁФТАНИ НӮШОБА

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он ҷоми гавҳарфишон,
Ба таркиби ман гавҳаре дарнишон.
Магар ҷони хушкам бад-ӯ тар шавад,
Ки зангори гавҳар ба гавҳар шавад.

### ДОСТОН

Чу фориғ шуд Искандари Филқус
Зи яғмои Бартосу тороҷи Рус,
Нишастангаҳе з-он тараф бозҷуст,
Ки дорад нишинандаро тандуруст.
Дарахташ зи тӯбо диловезтар,
Гиёҳаш зи савсан забонтезтар.
Раванда дар ӯ обҳои зулол,
Гуворо чу май, гар бувад май ҳалол.
Ба пироманаш бешаҳои ҳаданг,
Ба ҳам баршуда шох дар шох танг.

Фузунтар дарахташ зи панҷоҳ ариш,
Аз обу ҳаво ёфта парвариш.
Чу з-ин гуна ҷое ба даст омадаш,
Дар он ҷои фаррух нишаст омадаш.
Бар ӯ бозгустард румибисот,
Ҳамекард бо тозарӯён нишот.
Чу шоҳон нишастанд дар базми шоҳ,
Шуд ороста ҳалқаи базмгоҳ.
Бифармуд шаҳ, то ғаниматкашон
Диҳанд аз шумори ғанимат нишон.
Зи ганҷе, ки оганда шуд кӯҳ-кӯҳ
Зи Русу зи Бартосу дигар гурӯҳ,
Дабирон пажӯҳиш ба кор оваранд,
Каму беши он дар шумор оваранд.
Ғаниматкашон бар дари шаҳрёр
Ғанимат кашиданд беш аз шумор.
Кушоданд сарбаста ганҷинаҳо,
К-аз ӯ хезад осоиши синаҳо.
Начандон гаронмоя дар бор буд,
Ки онро шуморе падидор буд.
Зари конию нуқраи зайбақӣ,
Ки маҳтобро дод беравнақӣ.
Забарҷад ба харвору мино ба ман,
Даракҳои зар, диръҳои сафан.
Зи каттону митқолии хонабоф
Зада кӯҳа бар кӯҳа чун кӯҳи Қоф.
Салабҳои зарбафти нодӯхта,
Сипарҳои чун кавкаб афрӯхта.
Ба харворҳо қундузи теғдор,
Самури сияҳ низ беш аз шумор.
Зи қоқум на чандон фурӯ баста банд,
Ки тақдири он кард шояд ки чанд.
Фурӯзанда санҷобу рӯбоҳи лаъл,
Ҳамон курраасбони нодиданаъл.
Вашақнифаҳои шабистонфурӯз
Чу холи шаб афтода бар рӯи рӯз.
Ҷуз ин мояҳо низ бисёр ганҷ,
Ки ояд замир аз шумораш ба ранҷ.
Дар он мӯина чун назар кард шоҳ,
Баҳори Ирам дид дар базмгоҳ.
Ба миқдори худ ҳар якеро шинохт,
Ки аз ҳар матоъе чӣ шоист сохт.
Баромудае дид аз андеша дур
Зи сарҳои санҷобу лафчи самур.
Куҳан гаштаву мӯй аз ӯ рехта,
Зи некӯтарин ҷое овехта.
Чу лахте дар он чармҳо бингарист,
Надонист, к-он чарми омуда чист.

Бипурсид, к-«ин чармҳои куҳун
Чӣ перояро шояд аз аслу бун?»
Яке русияш посухе дод нағз,
К-«аз ин пӯст мезояд он ҷумла мағз.
Ба хорӣ мабин андар ин хушкпӯст,
Ки равшантарин нақди ин кишвар ӯст.
Ба наздики мо ин фурӯмоя чарм
Гиромитар аст аз басе мӯи нарм.
Ҳар он мӯина, к-омад ин ҷо падид,
Бад-ин чарми бемӯй шояд харид.
Агар сими ҳар кишваре дар иёр
Бигардад ба ҳар сикка чун рӯзгор,
Набошад ҷуз ин мӯй моро дирам,
Нагардад яке мӯй аз ин мӯй кам!»
Аз он ҳайбат омад маликро шикӯҳ,
Ки чун бандафармон шуданд он гурӯҳ.
Ба фарзона гуфто, ки «дар хусравӣ
Сиёсат кунад дасти шаҳро қавӣ».
Сиёсат, нигар, то чӣ таъзим кард,
Ки чарме чунинро беҳ аз сим кард.
Дар ин кишвар аз ҳар чӣ ман дидаам,
Беҳ ин асту инро писандидаам.
Гар ин халқро нестӣ ин гуҳар,
Набастӣ касе ҳукми касро камар.
Надорад хунарҳои шоҳона кас,
Бад-ин як ҳунар подшоҳ асту бас.
Чу шаҳ бо ғанимат шуд аз дастбурд,
Сипоси ғанимат ғанимат шумурд.
Ҷаҳонофаринро сипоси тамом
Баророст в-он гоҳ дархост ҷом.
Зи руди хушу бодаи хушгувор
Даромад ба ҷунбиш чу абри баҳор.
Сарони сипаҳро, ки бурданд ранҷ,
Ба харворҳо дод дебову ганҷ.
Ғанӣ кардашон аз зар андохтан,
Зи нав ҳар замон хилъате сохтан.
Намонд аз сипаҳ суфти маҳмилкаше,
Ки бар вай зи дебо набуд мафраше.
Талаб кард марди забонбастаро.
Биёбонии бандбигсастаро.
Даромад биёбонии кӯҳгард,
Чу дигар касон шоҳро саҷда кард.
Малик дар саропои он ҷонвар
Ба ибрат басе диду ҷунбонд сар.
Зи перояву ҷавҳару зарру сим
Бад-он ҷонвар дод нузле азим.
Напазруфт, яъне, ки бо ганҷу соз
Биёбониёнро набошад ниёз.

Сари гӯсфанде бари шаҳ фиканд,
Намудаш, ки мебоядам гӯсфанд.
Шаҳ аз гӯсфандони парварданӣ
В-аз онҳо, ки бошанд ҳам х(в)арданӣ,
Бифармуд додан бад-ӯ беқиёс,
Ситад марди вахшию бурдаш сипос.
Гала пешрав кард аз андоза беш,
Ба хушнудӣ омад ба маъвои хеш.
Дар он марғзори хуши дилкушой
Хуш афтод шаҳро, ки хуш буд ҷой;
Маи ноб мехӯрд бар бонги руд,
Фалак ҳар замон мерасондаш дуруд.
Чу сармаст гашт аз гуворанда май.
Гул аз оби гулгун баровард хай.
Шаҳи русиёнро бари хеш хонд,
Сазовортар ҷойгоҳе нишонд.
Зи пою зи даст оҳан андохташ,
Зи мансуҷи зар хилъате сохташ.
Ба мавлоияш ҳалқа дар гӯш кард,
Бар ӯ кини рафта фаромӯш кард.
Дигар бандиёнро зи бедоду банд
Ба хилъат бароросту кард арҷманд.
Бифармуд, к-оранд Нӯшобаро,
Ба танҳо нахӯрд ончунон тобаро.
Ба фармони шаҳ кард русӣ шитоб,
Расонид маҳро бари офтоб.
Ҳамон луъбатони ситамдидаро,
Ҳамон зебу зарри писандидаро.
Баророст Нӯшобаро чун баҳор
Ба пӯшиданиҳои гавҳарнигор.
Басе ганҷ додаш зи тороҷи Рус,
Дигар раҳ баророставш чун арӯс.
Шабе чанд май хӯрд бо ӯ ба ком,
Чу шуд навбати комронӣ тамом,
Даволӣ маликро бад-ӯ дод даст,
Даволи Даволӣ бар ӯ ақд баст.
Чу пирояи гавҳарӣ додашон,
Қарори заношавҳарӣ додашон.
Ба Бардаъ фиристодашон бегазанд,
Ки то баркашанд он биноро баланд.
Зи баҳри иморат дар он рахнагоҳ
Басе молашон дод, ҷуз барги роҳ.
Чу тартиби эшон ба воҷиб шинохт,
Сарони сипаҳро якояк навохт.
Шаҳи Русро низ бо тавқу тоҷ
Раҳо карду бинҳод бар вай хироҷ.
Чу русӣ ба шаҳри худ овард рахт,
Дигарбора хуррам шуд аз тоҷу тахт.

Напечид аз он пас сар аз доди ӯ,
Ҳамасола май хӯрд бар ёди ӯ.
Шабу рӯз хусрав дар он марғзор,
Гаҳе айш мекарду гоҳе шикор.
Ба зери сиҳисарву беду ханданг
Маи лаъл мехӯрд бар бонги чанг.
Чу хуш дид дилро, кашӣ менамуд,
Ба он хушдилӣ дилх(в)ашӣ менамуд.
Ҷавонию шоҳию бахти баланд,
Чаро хуш набошад дили ҳушманд?!

## НИШОТ КАРДАНИ ИСКАНДАР БО КАНИЗАКИ ЧИНӢ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он оби оташхаёл
Дарафкан бад-он каҳрабогун сафол.
Гуворанда обе, к-аз ин тирахок
Бад-ӯ шояд андӯҳро шуст пок.

### АНДАРЗ

Шабе равшан, аз рӯз рахшандатар,
Маҳе з-офтобе дурахшандатар.
Зи сарсабзии гунбади тобнок
Зумуррад шуда лавҳи тифлони хок.
Ситора бар он лавҳи зебо зи сим
Навишта басе ҳарф аз уммеду бим.
Дабире, ки он ҳарфҳоро шинохт,
Дар ин ғори беғавр манзил насохт.
Ба шуғли ҷаҳон ранҷ бурдан чӣ суд,
Ки рӯзӣ ба кӯшиш нашояд фузуд.
Ҷаҳон ғам наярзад, ба шодӣ гарой,
На к-аз баҳри ғам кардаанд ин сарой.
Ҷаҳон аз паи шодию дилх(в)ашист,
На аз баҳри бедоду меҳнаткашист.
Дар ин ҷой сахтӣ нагирем сахт,
Аз ин чоҳи бебун барорем рахт.
Маи шодиовар ба шодӣ ниҳем,
Зи шодӣ ниҳода, ба шодӣ диҳем.
Чу дӣ рафту фардо наёмад падид,
Ба шодӣ як имшаб бибояд барид.
Чунон беҳ, ки имшаб тамошо кунем,
Чу фардо расад, кори фардо кунем.
Ғами н-омада хӯрд натвон ба зӯр,
Ба базм-андарун рафт натвон ба гӯр.
Макун ҷуз тараб дар май андешае,
Падид аст бозори ҳар пешае.

Чӣ бояд ба худ-бар ситам доштан,
Ҳамасола худро ба ғам доштан?
Чӣ печем дар олами печ-печ,
Ки ҳеч аст аз ӯ суду сармоя ҳеч.
Гурезем аз ин кӯчгоҳи раҳил,
Аз он пеш, к-афтем дар пои пил.
Хурем, он чи аз мо ба гӯрӣ х(в)аранд,
Барем, он чи аз мо ба ғорат баранд.
Агар бурд хоҳӣ, чунон моя бар,
Ки бурданд пешинагони дигар.
Агар тарсӣ аз раҳзану боҷхоҳ,
Ки ғорат кунад, он чи бинад ба роҳ,
Ба дарвеш деҳ, он чи дорӣ, нахуст,
Ки бунгоҳи дарвешро кас наҷуст.
Набинӣ, ки даҳякдиҳони хироҷ
Ба даҳлези дарвеш дузданд боҷ?!
Чӣ зирак шуд он марди бунёдсанҷ,
Ки вайронаро сохт бо рӯи ганҷ.
Чу таърихи якрӯза дорад ҷаҳон,
Чаро ганҷи садсола дорӣ ниҳон?!
Биё, то нишинему шодӣ кунем,
Шабе дар ҷаҳон кайқубодӣ кунем.
Як имшаб зи давлат ситонем дод,
Зи дию зи фардо наёрем ёд.
Битарсем аз онҳо, к-аз ӯ суд нест,
К-аз ин пеша андеша хушнуд нест.
Бад-он-ч одамиро бувад дастрас,
Бикӯшем, то хуш барояд нафас.
Ба чора дили хештан х(в)аш кунем,
На чандон, ки тан наъли оташ кунем.
Дамеро, ки сармоя аз зиндагист,
Ба талхӣ сипардан на фархундагист.
Чунон барзан ин дам, ки додаш диҳӣ,
Ки бодаш диҳӣ, гар ба бодаш диҳӣ.
Фидо кун дирам, хушдилиро басеч,
Ки арзон бувад дил харидан ба ҳеч.
Зи баҳри дирам тунду бадхӯ мабош,
Ту бояд ки бошӣ, дирам, гӯ, мабош!
Машав дар ҳисоби ҷаҳон сахтгир,
Ҳама сахтгире бувад сахтмир.
Ба осонгузорӣ даме мешумор,
Ки осон зияд марди осонгузор.
Шабе фарруху соате арҷманд,
Бувад шодмонӣ дар ӯ дилписанд.

## ДОСТОН

Гузориш чунин мекунад ҷавҳарӣ
Суханро ба ёкути искандарӣ,

Ки Искандар он шаб ба меҳри тамом
Ба ёди лаби дӯст пур кард ҷом.
Ба нӯшин лаб он ҷомро нӯш кард,
Зи лаб ҷомро ҳалқа дар гӯш кард.
Нишаста ба кирдори сарви ҷавон,
Ки гаҳ лола резад, гаҳе арғавон.
Зи анбар хате бар гул ангехта,
Бар он гул ҷаҳон оби гул рехта.
Ҳам аз фатҳи душман дилаш шод буд,
Ҳам аз дӯсташ хона ободбуд.
Талаб кард ёри дилоромро,
Парипайкари нозукандомро.
Зи номаҳрамон кард хиргаҳ тиҳӣ,
Самоъу самоъовари хиргаҳӣ.
Буте фарқу гесӯ баророста,
Муроде ба сад орзу хоста.
Лаб аз нордона диловезтар,
Забон аз табарзад шакаррезтар.
Даҳонею чашме ба андоза танг,
Яке роҳи дил зад, яке роҳи чанг.
Сароғӯшу гесӯи анбарфишон,
Расанвор дар атфи доманкашон.
Тирозандаи маҷлису базмгоҳ,
Навозандаи чанг дар чанги шоҳ.
Ба фармони шаҳ чангро соз кард,
Дари дурҷи гавҳар зи лаб боз кард,
Ки аз шодӣ имшаб ҷаҳонро навист,
Ҳама шодӣ аз давлати хусравист.
Ба ҳангоми гул хуш бувад рӯзгор,
Бихандад ҷаҳон, чун бихандад баҳор.
Чу хуршеди равшан барояд ба авҷ,
Зи равшанҷаҳон барзанад нур мавҷ.
Сабо чун дарояд ба дебогарӣ,
Замин румӣ орад, ҳаво шуштарӣ.
Гули сурх чун килла бандад ба боғ,
Фурӯзад зи ҳар ғунчае сад чароғ.
Сикандар чу пирӯзӣ орад ба чанг,
На зебо бувад оина зери занг.
Чу Кайхусрав аз май шавад ҷомгир,
Чаро ҷом холӣ бувад бар сарир?!
Малик, гар зи Ҷамшед болотар аст,
Рухи ман зи хуршед волотар аст.
Шаҳ ар шуд Фаридуни зарринакафш,
Ба фатҳаш манам ковиёнӣ дирафш.
Шаҳ ар кайқубоди баландафсар аст,
Маро афсар аз мушку аз анбар аст.
Шаҳ ар ҳаст Ковуси фирӯзатоҷ,
Зи ман боядаш хостан тахти оҷ.

Шаҳ ар чун Сулаймон шавад девбанд,
Маро дар ҷаҳон ҳаст девона чанд.
Шаҳ ар з-он ки олам гирифт, эй шигифт,
Ман онро гирифтам, ки олам гирифт.
Агарчи каманди ҷаҳонгир шоҳ
Фитодаст бар гардани меҳру моҳ,
Каманде ман аз зулф барсозамаш,
Натарсам, ба гардан дарандозамаш.
Гар ӯро каманде бувад моҳгир,
Маро ҳам каманде бувад шоҳгир.
Гар ӯ новак андозад аз зӯри даст,
Маро ғамзае новакандоз ҳаст.
Гар ӯ ҳарба дорад ба хун рехтан,
Ман аз чеҳра хун донам ангехтан.
Гар ӯ қасди шамшерёзӣ кунад,
Забонам ба шамшер бозӣ кунад.
Гар ӯ лахте аз зар барорад ба дӯш,
Ду лахтест зулфайни ман гирди гӯш.
Гар ӯро яке тавқ бар маркаб аст,
Маро бин, ки даҳ тавқ бар ғабғаб аст.
Гар ӯ ҳуққаҳо дорад аз лаълу дур,
Маро ҳуққае ҳаст аз лаъл пур.
Гар эдун, ки ёқути ӯ konӣ аст,
Маро лаб чу ёқути руммонӣ аст.
Гар ӯ чархро ҳаст анҷумшинос,
Маро анҷуми чарх доранд пос.
Гар ӯро алам ҳаст болои сар,
Маро сад алам ҳаст беруни дар.
Гар ӯ шоҳи олам шуд аз сарварӣ,
Манам шоҳи хубон ба ҷонпарварӣ.
Чу бурқаъ барандозам аз рӯи хеш,
Надорам ҷаҳонро ба як мӯи хеш.
Чу бар маҳ кашам гесуи анбарин,
Ба гесӯ кашам моҳро бар замин.
Чу тунги шакар дар ақиқ оварам,
Зи писта шароби раҳиқ оварам.
Раҳиқам ба рақс оварад обро,
Ақиқам муфарриҳ диҳад хобро.
Зи маҳ тавқ хоҳӣ, бибин ғабғабам,
Зи қанд ар намак бояд, инак лабам.
Бад-ин қанд, к-ӯ бо шакархандӣ аст,
Дари бӯса бин, чун самарқандӣ аст.
Агар кимиё сангро зар кунад,
Насими ман аз хок анбар кунад.
Суҳайли ямантобро бо адим
Ҳамон шуд, ки бӯи маро бо насим.
Ба чашме дили хаста бирён кунам,
Ба чашме дигар ғорати ҷон кунам.

Аз ин сӯ кунам сайду бинвозамаш,
В-аз он сӯ ба дарё бияндозамаш.
Фиребам ба дармону сӯзам ба дард,
Манам, к-ин кунам, ҷуз ман ин кас накард.
Агар роҳиям бинад аз роҳи дур,
Барад саҷда чун ҳирбад пеши нур.
В-агар зоҳиде бошад, ар хорасанг,
Дарорам ба рақсаш ба як бонги чанг.
Кунам симкорӣ, ки симинтанам,
Вале қуфли ганҷинаро нашканам.
Дари боғи моро, ки шуд нопадид,
Ба ҷуз боғбон кас надонад калид.
Рутабҳои тар гарчи дорам басе,
Ба ҷуз хори хушкам набинад касе.
Гулобам, вале дарди сар медиҳам,
Намакхоҳи худро ҷигар медиҳам.
Магар дид шаб туркии рӯи ман,
Ки чун холи ман гашт ҳиндуи ман.
Магар моҳи нав, к-он ҳилолӣ кунад,
Ба уммеди ман хона холӣ кунад.
Чу зулфам дарояд ба бозигарӣ,
Ба дом оварад пои кабки дарӣ.
Буногӯшам ар баркушояд ниқоб,
Даҳони гули сурх гардад пуроб.
Занахро чу барсозам аз зулф банд,
Ба оби муаллақ дарорам каманд.
Чу пайдо кунам лутфи андомро,
Сурин бишканам мағзи бодомро.
Чу соъид кушоям зи бозуи нарм,
Суманро варақ дарнавардам зи шарм.
Шакар чошнигири нӯши ман аст,
Гуҳар ҳалқадаргӯши гӯши ман аст.
Даҳонам гарав баст бо Муштарӣ,
Гарав бурд, к-ӯ дорад ангуштарӣ.
Ҷулобе, ки бо гул хӯрам, нӯш бод,
Маро ёду гулро фаромӯш бод!
Як афсуни чашмам ба Бобил расид,
К-аз ӯ омад он ҷодуиҳо падид.
Зи ҷаъдам яке мӯй бар Чин гузашт,
К-аз ӯ мушк шуд нофи оҳу ба дашт.
Чу ҳалқа кунам зулф бар тарфи гӯш,
Биё, то дили рафта бинӣ зи ҳуш.
Карашма чу дар чашми маст оварам,
Сад аздастрафта ба даст оварам.
Дилеро, ки сар сӯи роҳ афканам,
Намоям занах, то ба чоҳ афканам.
Зи мӯе ба ошиқ диҳам тавқу тоҷ,
Ба мӯе зи Халлух ситонам хироҷ.

Ба султонии Чин ниҳам муҳру мум,
Занам панҷ навбат ба торочи Рум.
Ҷигаргӯшаи чиниёнам ба хол,
Чароғи дили румиёнам ба фол.
Табарзад диҳам, чун шавам хобхез,
Табархун занам, чун кунам ғамза тез.
Лабам лаълро корсозӣ кунад,
Хаёлам ба хуршед бозӣ кунад.
Муғи дайр симинсанам хонадам,
Санамхона боғи Ирам донадам.
Чу шуд нори пистонам ангехта,
Зи бустон дили нор шуд рехта.
Зи норам, ки норинҷи наврӯзӣ аст,
Киро бахт гӯӣ, киро рӯзӣ аст.
Муборак дарахтам, ки бардӯстам,
Баровар гулам, гарчи дар пӯстам.
Ману оби сурху сари сабзи шоҳ,
Ҷаҳон, гӯ, фурӯ шав ба оби сиёҳ.
Бар онам, ки дастон ба кор оварам,
Чу чанги худаш дар канор оварам.
Гаҳе бӯса бар чашми масташ диҳам,
Гаҳе зулфи худро ба дасташ диҳам.
Ба шарте кунам ҷони худ ҷои ӯ,
Ки ҳаргиз натобам сар аз пои ӯ.
Чунон хусбам аз меҳри он офтоб,
Ки сар дар қиёмат барорам зи хоб.
Гар обест, гӯ, зиндагонӣ диҳад,
В-агар сояе, гӯ, ҷавонӣ диҳад.
Кунад васли ман зиндагонӣ дароз,
Ҷавонӣ диҳам, чун дароям ба ноз.
Сикандар ба ҳайвон хато меравад,
Ман ин ҷо, Сикандар куҷо меравад?!
Агар роҳи зулмот мебоядаш,
Сари зулфи ман роҳ бинмоядаш.
В-агар з-он ки ҷӯяд зи ёқут ранг,
Ҳамон оварад Оби Ҳайвон ба чанг.
Лаби ман, ки ёқути рахшон дар ӯст,
Басе чашма чун Оби Ҳайвон дар ӯст.
Ҷаҳонхусраво, чанд гарданкашӣ?
Бар ин оби ҳайвон машав оташӣ!
Парирӯяму чун парӣ дар паранд,
Чу дил бастаӣ дар парӣ, дар мабанд.
Маро бо ту дар боду бастан мабод,
Шикан бод, лекин шикастан мабод.
Бас ин санги сахт аз дил ангехтан,
Ба нозукдилон дарнаёмехтан.
Макун, туркӣ, эй майли ман сӯи ту,
Ки турки туам, балки ҳиндуи ту.

Бад-ин осмонӣ замини туам,
Зи Чинам, вале дурдчини туам.
Гули ман гули сояпарвард нест,
Ки соя ба хуршед дарх(в)ард нест.
Чу ман мева дар сояи хона бас,
Ки нохуш бувад меваи хонарас.
Маро худ ту райҳони хушбӯй гир,
Зи райҳон бувад хонаро ногузир.
Раҳо кун ба нахчири ин кабк боз,
Битарс аз уқобони нахчирсоз.
Рутаб, к-ӯ расида бувад бар дарахт,
Ба сустӣ расад, гар нагириш сахт.
Наёбӣ зи ман беҳ ҷигархорае,
Ҷигархорае не, шакарборае.
Чӣ дилҳо, ки хун шуд зи хун х(в)арданам,
Чӣ хунҳо, ки мондаст дар гарданам.
Ба довар шудам бо шакарборҳо,
Маро беш аз ӯ буд бозорҳо.
Ба овозу чеҳра кашу дилкашам,
Ҳамон хуш, ҳамин хуш, хуш андар х(в)ашам.
Чу соқӣ шавам, май набошад ҳаром,
Чу мутриб шавам, нӯш резад зи ҷом.
Чу бар руддастон кунам дастхуш,
Кунам масту он гаҳ шавам масткуш.
Зи дур инчунин дилбариҳо кунам,
Дар оғӯш ҷонпарвариҳо кунам.
Баробар диҳам дидаро дилх(в)ашӣ,
Чу дар бар кашандам, кунам дилкашӣ.
Ману нолаи чангу нӯшина май,
Зи ман ошиқон кай шикебанд, кай?
Чу ту шаҳрёре бувад ёри ман,
Чӣ бошад ба ҷуз хуррамӣ кори ман?!
Чу ман нест андар ҷаҳон кас ба ком,
Аз он нест андар ҷаҳонам ба ном.
Чу барзад диловез чанге ба чанг
Чунин қавле аз қанди уннобранг,
Даромад шаҳ аз меҳри он нӯшноз
Бад-он ҷурраи кабк чун ҷуррабоз.
Тазарви баҳорӣ даромад ба ганҷ,
Бурун омад аз маҳди заррин туранҷ,
Саро буд холию маъшуқа маст,
Инон рафт якбора дилро зи даст.
Шабе хилвату моҳрӯе чунон,
Аз ӯ чун тавон даркашидан инон?!
Гавазни ҷавонро бияфканд шер,
Ба торочгоҳаш даромад далер.
Ба сайди ҳавосил даромад уқоб,
Ба меҳмонии моҳ рафт офтоб.

Замоне чу шаккар лабаш мегазид,
Замоне чу найшаккараш мемазид
Ба бар даргирифт он сумансинаро,
Зи дар муҳр бардошт ганҷинаро.
Нахӯрда мае дид, равшангувор,
Яке боғи дарбаста пурсебу нор.
Ақиқе наёзурда бар муҳри хеш,
Нигине ба алмос ногашта реш.
Начидагуле, хорбарчидае,
Ба ҷуз боғбон марднодидае.
Аз он гармию оташафзун шудан
Зи ҷӯшанда хун хост берун шудан.
Зи ширин забон шаккар ангехтанд,
Чу ширу шакар дар ҳам омехтанд.
Ба ҳам дархазида ду сарви баланд,
Ба бодому равған дарафтода қанд.
Ду пай ҳар ду чун лом-алиф хам зада,
Ду ҳарф аз яке ҷинс дар ҳам зада.
Чу луълӯи носуфтаро лаъл суфт,
Ҳам осуд луълӯъу ҳам лаъл хуфт.
Сикандар бад-он чашмаи зиндагӣ
Басе кард шодию фархундагӣ.
Чунин чанд шаб дил ба шодӣ супурд,
В-аз он марҳала рахт берун набурд.

## АФСОНАИ ОБИ ҲАЙВОН

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он ҷоми рахшандамай,
Ба каф гир бар нағмаи ною най.
Мае, к-ӯ ба фатвои майхорагон
Кунад чораи кори бечорагон.

### ДОСТОН

Чу бонги хурӯс омад аз посгоҳ,
Ҷарас дар гулӯ баст ҳоруни шоҳ.
Даволи дуҳулзан даромад ба ҷӯш,
Зи минқори мурғон баромад хурӯш.
Парастишкунон халқ бархостанд,
Парастишгариро биёростанд.
Шаҳ аз хоби дӯшина сар баргирифт,
Ниёишгарӣ кардан аз сар гирифт.
Ба некӣ зи некидиҳиш ёд кард,
Бад-он парвариш олам обод кард.
Чу овард шарти парастиш ба ҷой,
Ба шуғли маю маҷлис овард рой.

Гаҳе хӯрд май бо навоҳои руд,
Гаҳе дод бар некаҳдон дуруд.
Ба гулгун маи тоза ҳамчун гулоб
Зи сар дард мебурду аз мағз тоб.
Дари лаҳв бикшод бар ҳамдамон,
Зи дар дур ғавғои номаҳрамон.
Сухан мешуд аз ҳар даре дар ниҳуфт,
Кас афсонае бе шигифтӣ нагуфт.
Яке қисса кард аз Хуросону Ғур,
К-«аз он ҷо тавон ёфтан зарру зӯр».
Яке аз Сипоҳону Рай кард ёд,
Ки «ганҷи Фаридун аз он ҷо кушод».
Яке достон зад зи Хоразму Чин,
Ки «мушкаш чунон асту дебо чунин».
Яке гуфт: «Қайсур беҳ з-ин диёр,
Ки кофуру сандал диҳад бешумор».
Яке гуфт: «Ҳиндустон беҳтар аст,
Ки ҳима-ш ҳама уду гил анбар аст».
Дар он анҷуман буд пире куҳан,
Чу навбат бад-ӯ омад охирсухан,
Ҳамедун забон бар шигифтӣ кушод,
Чу дигар бузургон замин бӯса дод,
Ки аз ҳар савод он сиёҳӣ беҳ аст,
Ки обе дар ӯ зиндагонидеҳ аст.
Ба ганҷи гарон умри худ бармасанҷ,
Ки хок аст пурганҷу ҳаммоли ганҷ.
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ басе рӯзгор,
Сар аз чашмаи зиндагонӣ барор.
Шуданд анҷуман бо сарафкандагӣ,
Ки чун дар сиёҳӣ бувад зиндагӣ.
Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«эй некмард,
Магар, к-он сиёҳӣ бар он обх(в)ард
Саводи ҳуруфест дастозмой,
Ҳамон оби ӯ маънии ҷонфазой?!
В-агарна, кӣ бинад замини сиёҳ,
Ҳамон чашма, к-аз марг дорад нигоҳ?»
Дигарбора пири ҷаҳондида гуфт,
Ки «берун аз ин рамзҳои ниҳуфт
Ҳиҷобест дар зери қутби шимол,
Дар ӯ чашмае пок аз оби зулол.
Ҳиҷобе, ки зулмот шуд номи ӯ,
Равон Оби Ҳайвон аз ороми ӯ.
Ҳар он кас к-аз он Оби Ҳайвон х(в)арад,
Зи ҳайвонхурони ҷаҳон ҷон барад.
В-агар боварат н-ояд аз ман сухан,
Бипурс аз дигар зиракони куҳан».
Маликро зи ташвиши он гуфтугӯй
Падид омад андешан ҷустуҷӯй.

Бипурсид аз ӯ, к-он сиёҳӣ куҷост?»
Намоянда бинмуд, к-«аз дасти рост.
Зи мо то бад-он бум роҳ андакест,
Аз ин раҳ, ки паймудӣ, аз даҳ якест».
Чу шаҳ дид, к-он чашмаи хушгувор
Ба зулмат тавон ёфтан субҳвор,
Дари боргаҳ сӯи зулмот кард,
Ба рафтан сипаҳро муроот кард.
Чӣ шуд манзиле чанду дар кор дид,
Зи лашкар басе халқ бемор дид.
Ҷаҳоне равон буд лашкаргаҳаш,
Ҷаҳоне дигар хос бар даргаҳаш.
Зи бозори лашкар дар он кӯчгоҳ
Ба бозори маҳшар ҳамемонд роҳ.
Суи ширу мурғ ар инон тофтанд,
Ба бозори лашкаргаҳаш ёфтанд.
Ба ҳар хушксоре, ки хусрав расид,
Биборид борон, гиё бардамид.
Паи Хизр, гуфтӣ, дар он роҳ буд,
Ҳамоно, ки худ Хизр бо шоҳ буд.
Зи бисёрии лашкар андеша кард,
Сабурӣ дар он тохтан пеша кард.
Яке ғоргаҳ буд наздики дашт,
Ки лашкаргаҳи хусрав он ҷо гузашт.
Буна ҳар чӣ бо худ гарон доштанд,
Ба наздики он ғор бигзоштанд.
Аз он ҷамъ, к-он ҷой шуд ҷойгир,
Шуд он буми вайрон иморатпазир.
Буни ғор хондаш нигаҳбони дашт,
Ба ном он буни ғор Булғор гашт.
Касоне, ки солори он кишваранд,
Раҳизодаи шоҳ Искандаранд.
Чу шаҳ дид, к-он лашкари беқиёс
Дар он раҳ набошанд манзилшинос,
Тане чанд бигзид айёрваш,
Камондору сахтикашу сахткаш,
Далеру тануманду сахтустухон,
Шикебандаву зӯрманду ҷавон.
Бифармуд, то ҳеч бемору пир
Нагардад дар он роҳ ҷунбишпазир,
Ки пири куҳан, к-ӯ бувад солх(в)ард,
Зи душвории манзил ояд ба дард.
Нишастанд пирон, ҷавонон шуданд,
Раҳи дур бе роҳдонон шуданд.
Ҷаҳонхусрав аз мардуми он диёр
Талаб кард корогаҳе ҳушёр.
Ба раҳ бурдани лашкараш пеш дошт,
Ду манзил ба ҳар манзиле мегузошт.

Ҳама тӯшаи раҳ зи ширину шӯр
Равон кард бар бесурокони бӯр.
Дуасба сипаҳ сӯи зулмот ронд,
Бар он мондагон ноибе барнишонд,
Ба андарз гуфташ ҳама гуфтанӣ,
Ки ҷое чунин ҳаст нохуфтанӣ.
Чу якмоҳа раҳ рафт сӯи шимол,
Гузаргоҳи хуршедро гашт ҳол.
Зи қутби фалак равшаноӣ намуд,
Баромад, фурӯ шуд ба як лаҳза зуд.
Хати истиво бар уфуқ сар ниҳод,
Миёнҷӣ ба қутби шимол уфтод.
Ба ҷое расиданд, к-аз офтоб
Надиданд беш аз хаёле ба хоб.
Суи атфгоҳи замин тохтанд,
Дар он соябон роят афрохтанд,
Замин аз ҳаво равшаноӣ рабуд,
Ҳиҷоби сиёҳӣ сиёсат намуд.
Зи як сӯ сиёҳӣ барандуд ҳарф,
Дигар сӯ гузар баст дарёи жарф.
Ҳамебурд раҳ раҳбари ҳушманд
Ба як сӯ зи паргори чархи баланд.
Чу гашт андак-андак зи паргор дур,
Ба ҳар дурие дуртар гашт нур.
Чунин то гузаргаҳ ба ҷое расид,
Ки якбора шуд равшанӣ нопадид.
Сиёҳӣ падид омад аз кунҷи роҳ,
Ҷаҳон хуш набошад, ки гардад сиёҳ.
Фурӯ монд хусрав, ки тадбир чист,
Намояндаи расми ин роҳ кист?
Сиголиш намуданд корогаҳон,
Ки ҳаст ин сиёҳӣ ҳиҷобе ниҳон.
Дарун рафт, шояд, ба ҳар сон, ки ҳаст,
Ба боз омадан раҳ кӣ орад ба даст?
Ба чорагарӣ ҳар касе мешитофт,
Ба сомони чора касе раҳ наёфт.
Чу омад шаб он нимравшан диёр,
Сияҳмушк бар уд кард ихтиёр.
Барошуфт гардун чу занҷирие,
Ба зангӣ бадал гашт кашмирие,
Шуд он роҳ аз мӯй бориктар,
Зи торикии шом ториктар.
Ба бунгоҳи худ ҳар касе рафт боз,
Дар андеша он шуғлро чорасоз.
Набардаҷавоне, ҷавонмард буд,
Ки равшан дилаш меҳрпарвард буд.
Падар дошт пире, навадсолае,
Зи ранҷи танаш ҳар замон нолае.

Дар он рӯзи аввал, ки фармуд шоҳ,
Ки н-ояд зи пирон касе сӯи роҳ,
Ҷавонмард буд аз падар ношикеб
Чу бемор ноланда аз бӯи себ.
Нигаҳ дошт он пири фартутро,
Чу дигар касон сурхёқутро.
Ба сандуқ зодаш ниҳон карда буд,
Ба нархи раҳовардаш оварда буд.
Дар он шаб, ки аз рои баргаштагӣ
Даромад ба андеша саргаштагӣ,
Ҷавон он дари бастаро боз кард,
В-аз ин дар сухан бо вай оғоз кард,
К-«аз ин омадан шаҳ пушаймон шудаст,
Зи сахтикашӣ сустпаймон шудаст.
Зи торикӣ омад дилашро ҳарос,
Ки ҳанҷори худро надонад қиёс.
Тавонад дарун рафт бе раҳнамун,
Бурун омаданро надонад, ки чун».
Ҷавонмардро пири дерина гуфт,
Ки «ҳаст андар ин парда рози ниҳуфт.
Чу ҳангоми рафтан расад шоҳро,
Бад-он то бурун оварад роҳро,
Яке модиён боядаш тандуруст,
Ки зодан ҳамон бошад ӯро нахуст.
Чу зода шавад курраи бодпой,
Сараш бозбурранд ҳолӣ ба ҷой.
Ҳамон ҷо, ки бошад бурида сараш,
Напӯшанд, то бингарад модараш.
Дили модиён з-ӯ ба тоб оваранд,
В-аз он ҷо ба рафтан шитоб оваранд.
Чу ояд гаҳи бозгаштан зи роҳ,
Бувад модиён пешрав дар сипоҳ.
Ба пӯя суи курраи нағзи хеш
Бурун оварад раҳ ба ҳанҷори пеш.
Аз он роҳ бе раҳнамун омадан,
Бад-ин чора, шояд, бурун омадан».
Ҷавон, к-ин ҳикоят шунид аз падар,
Ба чорагарӣ риштаро ёфт сар.
Саҳаргаҳ, ки мушкин паранди тироз
Ба дебои удӣ бадал гашт боз,
Шаҳаншоҳ биншаст бо анҷуман,
Ба рафтан шуда ҳар яке ройзан.
Зи ҳар гунае чора месохтанд,
Дигар сон фусуне барандохтанд.
Шаҳ афсуни касро харидор не,
Дари чора бар кас падидор не.
Ҷавони хирадманди оҳистарой
Сухан ронд аз андешаи раҳнамой.

Ҳадисе, ки аз пири доно шунид,
Ба чорагарӣ кард бо шаҳ падид.
Чу бишнид шаҳ, дилпазир омадаш,
Ба назди хирад ҷойгир омадаш.
Бад-ӯ гуфт, к-«эй зодмарди ҷавон,
Чунин рой аз худ задан чун тавон?
Ту ин дониш аз худ наяндӯхтӣ,
Бигӯ рост, то аз кӣ омӯхтӣ?
Агар гуфтӣ, омода гаштӣ ба ганҷ,
В-агарна, зи кaҷ гуфтан ой ба ранҷ».
Ҷавон гуфт: «Агар зинҳорам диҳӣ,
Кунам маҳмил аз бори «овах» тиҳӣ.
Шаҳаншаҳ чу фармуд рӯзи нахуст,
Ки н-ояд ба раҳ пири нотандуруст,
Падар доштам пири деринасол,
Зи гардун басе ёфта гӯшмол,
Ман аз шафқати пир бобои хеш
Фаромӯш кардам муҳобои хеш.
Ба пӯшидагӣ бо х(в)ад овардамаш,
На бад буд, агарчи бад овардамаш.
Суханҳои раҳ рафтани шоҳ дӯш
Расонидам ӯро якояк ба гӯш.
Ба таълими ӯ дил барафрӯхтам,
Чунин чорае з-ӯ даромӯхтам».
Шаҳ аз рои он раҳнамун дар ниҳуфт
Барафрӯхт в-ин нуктаи нағз гуфт:
«Ҷавон гарчи шоҳи далерон бувад,
Гаҳи чора муҳтоҷи пирон бувад.
Каду гар ба навшох бозӣ кунад,
Ба шохи куҳан сарфарозӣ кунад.
Ҷавон гар ба дониш бувад беназир,
Ниёз оядаш ҳам ба гуфтори пир».
Дар ин гуфтугӯ буд шоҳи ҷаҳон,
Ки он марди ваҳшӣ зи дар ногаҳон
Даромад, даровард наздики шоҳ
Яке пуштавор аз самури сиёҳ.
Аз ӯ ҳар як аз қундузи томтар,
Ба ҷавҳар як аз як беҳандомтар.
Чу шаҳ нузли ӯро харидор гашт,
Дигар раҳ зи шаҳ нопадидор гашт.
Ба торикӣ-андар ниҳон кард рахт,
Аҷаб монд шаҳ андар он кор сахт.
Ба андешаи равшаноинамой
Дуасба суи зулмат овард рой.
Бифармуд, то модиёне чу бод,
К-аз обистанӣ бошадаш вақти зод,
Биёранд аз он гуна к-он пир гуфт,
Шавад зодаи бод бо хок ҷуфт.

Чу карданд коре, ки фармуд шоҳ,
Суи Оби Ҳайвон гирифтанд роҳ.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ЗУЛМОТ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он хоки зулмотранг
Биҷӯю биёр Оби Ҳайвон ба чанг.
Бад-он об равшанназар кун маро,
В-аз ин зиндагӣ зиндатар кун маро.

### ДОСТОН

Дар ин фасли фаррух зи нав то куҳан
Зи таърихи деҳқон сароям сухан.
Гузоранда деҳқон чунин дарнавишт
Ки аввалшаб аз моҳи урдибиҳишт
Сикандар ба торикӣ овард рой,
Ки хотир зи торикӣ ояд ба ҷой.
Набинӣ, к-аз ин қуфли зарринкалид
Ба торикӣ оранд ҷавҳар падид.
Касе, к-Оби Ҳайвон кунад ҷои хеш,
Сазад, гар ҳиҷобе барорад зи пеш.
Нишинандаи ҳавзаи обгир
Зи нилиҳиҷобӣ надорад гузир.
Сикандар чу оҳанги зулмот кард,
Иноят ба тарки муҳиммот кард.
Инон кард сӯи сиёҳӣ раҳо,
Ниҳон шуд чу маҳ дар дами аждаҳо.
Чунон дод фармон дар он роҳи нав,
Ки Хизри паямбар бувад пешрав.
Шитобанда хинге, ки дар зер дошт,
Бад-ӯ дод, к-ӯ заҳраи шер дошт.
Бад-он, то бад-он турктозӣ кунад,
Суи обхур чорасозӣ кунад.
Яке гавҳараш дод, к-андар мағок
Ба об озмудан шудӣ тобнок.
Бад-ӯ гуфт, к-«ин роҳро пешу пас
Туӣ пешрав, нест пеш аз ту кас.
Ҷарида ба ҳар сӯ инонтоз кун,
Ба ҳушёрмағзӣ назар боз кун.
Куҷо оби ҳайвон барорад фурӯғ,
Ки рахшанда гавҳар нагӯяд дурӯғ.
Бихур, чун ту хурдӣ ба некахтарӣ,
Нишон деҳ маро, то зи ман бар х(в)арӣ.
Ба фармони ӯ Хизри хазрохиром
Ба оҳанги пешина бардошт гом.

Зи ҳанҷори лашкар ба як сӯ фитод,
Назарҳо ба ҳиммат зи ҳар сӯ кушод.
Чу бисёр ҷуст обро дар ниҳуфт,
Намешуд лаби ташна бо об ҷуфт.
Фурӯзанда гавҳар зи дасташ битофт,
Фурӯ дид Хизр, он чи меҷуст, ёфт.
Падид омад он чашмаи симранг,
Чу симе, ки полояд аз нофи санг.
На чашма, ки он з-ин сухан дур буд,
В-агар буд ҳам, чашмаи нур буд.
Ситора чӣ гуна бувад субҳгоҳ,
Чунон буд, агар субҳ бошад пагоҳ.
Ба шаб моҳи нокоста чун бувад,
Чунон буд, агар маҳ ба афзун бувад.
Зи ҷунбиш набуд як дам оромгир,
Чу симоб бар дасти мафлуҷи пир.
Надонам, ки аз покии пайкараш
Чӣ монандагӣ созам аз ҷавҳараш?
Наёяд зи ҳар ҷавҳар он нуру тоб,
Ҳам оташ тавон хонд, яъне, ҳам об.
Чу бо чашма Хизр ошноӣ гирифт,
Бад-ӯ чашми ӯ равшаноӣ гирифт.
Фуруд омаду ҷома барканд чуст,
Сару тан бад-он чашмаи пок шуст.
В-аз ӯ хӯрд, чандон ки бар кор шуд,
Ҳаёти абадро сазовор шуд.
Ҳамон хингро шусту сероб кард,
Маи ноб дар нукраи ноб кард.
Нишаст аз бари хинги саҳронаворд,
Ҳамедошт дида бад-он обх(в)ард,
Ки то чун шаҳ ояд ба фархундагӣ,
Бигӯяд, ки ҳон чашмаи зиндагӣ!
Чу дар чашма як чашмзад бингарид,
Шуд он чашма аз чашми ӯ нопадид.
Бидонист Хизр аз сари огаҳӣ,
Ки Искандар аз чашма монад тиҳӣ.
Зи маҳрумии ӯ, на аз хашми ӯ
Ниҳон гашт чун чашма аз чашми ӯ.
Дар ин достон румиёни куҳан
Ба навъе дигар гуфтаанд ин сухан
Ки Илёс бо Хизр ҳамроҳ буд,
Дар он чашма, к-ӯ бар гузаргоҳ буд.
Чу бо якдигар ҳамдуруд омаданд,
Бад-он оби чашма фуруд омаданд.
Кушоданд суфра бар он чашмасор,
Ки чашма кунад хӯрдро хушгувор.
Бар он нон, ки бӯётар аз мушк буд,
Намакёфта моҳие хушк буд.

Зи дасти яке з-он ду фаррухҳамол
Дарафтод моҳӣ дар оби зулол.
Басечанда дар оби пирӯзаранг
Басечид, то моҳӣ орад ба чанг.
Чу моҳӣ ба чанг омадаш, зинда буд,
Пажӯҳандаро фол фархунда буд.
Бидонист, к-он чашмаи ҷонфазой
Ба Оби Ҳаёт омадаш раҳнамой.
Бихӯрд Оби Ҳайвон ба фархундагӣ,
Бақои абад ёфт дар зиндагӣ.
Ҳамон ёри худро хабардор кард,
Ки ӯ низ хӯрд об аз он обх(в)ард.
Шигифтӣ нашуд, к-оби ҳайвонгуҳар
Кунад моҳии мурдаро ҷонвар.
Шигифтӣ дар он моҳии мурда буд,
Ки бар чашмаи зиндагӣ раҳ намуд.
Зи моҳию он оби гавҳарфишон
Дигар дод таърихи тозӣ нишон,
Ки буд Оби Ҳайвон дигар ҷойгоҳ,
Маҷусию румӣ ғалат кард роҳ.
Гар обест равшан дар ин тирахок,
Ғалат кардани обхӯрдаш чӣ бок?
Чу Илёсу Хизр обхӯр ёфтанд,
Аз он ташнагон рӯй бартофтанд.
Зи шодобии коми он саргузашт
Яке шуд ба дарё, яке шуд ба дашт.
Зи як чашма рӯё шуда дона-шон,
Ду чашма шуда осиёхонашон.
Сикандар ба уммеди Оби Ҳаёт
Ҳамекард дар ранҷу сахтӣ сабот.
Сари хешро сабзӣ аз чашма ҷуст,
Ки серобтар сабзӣ аз чашма руст.
Чиҳил рӯз дар ҷустани чашма ронд,
Бар ӯ соя нафканду дар соя монд.
Магар гармие дар дили танг дошт,
Ки бар чашмаву соя оҳанг дошт,
Зи чашма на соя расад, балки нур,
Вале кам бувад чашма аз соя дур.
Агар чашма бо соя будӣ савоб,
Куҷо соя бо чашмаи офтоб?
Чу чашма зи хуршед шуд хушгувор,
Чаро зери соя шуд он чашмасор?
Бале, чашмаро соя беҳтар зи гард,
К-аз он ҳаст шӯрида, з-ин ҳаст сард.
Фурӯ монд хусрав дар он соягоҳ,
Чу соя шуда рӯз бар вай сиёҳ.
Ба уммеди он, к-Оби Ҳайвон хурад,
Ки ҳар кас, ки бинӣ, ғами ҷон хурад.

Аз он раҳ, ки ӯ умрпардоз гашт,
Чу навмед шуд, оқибат боз гашт.
Дар он ғам, ки тадбир чун оварад,
К-аз он соя худро бурун оварад.
Суруше дар он роҳаш омад ба пеш,
Бимолид бар дасти ӯ дасти хеш.
«Ҷаҳон-гуфт – яксар гирифтӣ тамом,
Наӣ сермағз аз ҳавасҳои хом?»
Бад-ӯ дод санге кам аз як пашиз,
Ки ин сангро дор бо худ азиз.
Дар он кӯш аз ин хонаи сангбаст,
Ки ҳамсанги ин санге орӣ ба даст.
Ҳамоно, к-аз ошӯби чандин ҳавас
Ба ҳамсанги ӯ сер гардию бас.
Ситад санг аз ӯ шаҳрёри ҷаҳон,
Супорандаи санг аз ӯ шуд ниҳон.
Шитобанда мешуд дар он тирагӣ,
Хатар дар дилу дар назар хирагӣ.
Яке ҳотиф аз гӯша овоз дод,
Ки рӯзе ба ҳар кас хате боз дод:
Сикандар, ки ҷуст Оби Ҳайвон, надид,
Наҷуста ба Хизр Оби Ҳайвон расид.
Сикандар ба торикӣ орад шитоб,
Раҳи равшанӣ Хизр ёбад бар об.
Ба ҳалвопазӣ сад кас оташ кунад,
Ба ҳалво даҳонро яке х(в)аш кунад».
Дигар ҳотифе гуфт, к-«эй аҳли Рум,
Фурӯзанда регест ин регбум.
Пушаймон шавад, ҳар кӣ бардорадаш,
Пушаймонтар он кас, ки бигзорадаш».
Аз он ҳар кас афканд дар рахти хеш
Ба андозаи толиъу бахти хеш.
Шигифтӣ басе дид шаҳ дар ниҳуфт,
Ки натвон аз он даҳ яке боз гуфт.
Ҳадиси Сирофилу овои сур
Нагуфтам, ки деҳ мешуд аз роҳ дур.
Чу гӯяндаи дигар он кон кушод,
Асосе дигарбора натвон ниҳод.
Чу бо чашма шаҳ ошноӣ наёфт,
Суи чашмаи равшаноӣ шитофт.
Сипаҳ низ бар ҳукми фармони шоҳ
Ба боз омадан баргирифтанд роҳ.
Ҳамон пӯя дар роҳи нав шуд, ки буд,
Ҳамон модиён пешрав шуд, ки буд.
Чиҳил рӯзи дигар чу рафт аз шумор,
Падид омад он тирагиро канор.
Бурун омад аз зери абр офтоб,
Зи беобӣ андоми хусрав дар об.

Давид аз паси он чи рӯзӣ набуд,
Чу рӯзӣ набошад, давидан чӣ суд?!
Ба дунболи рӯзӣ чӣ бояд давид?
Ту биншин, ки худ рӯзӣ ояд падид.
Яке тухм, корад, яке бидравад,
Ҳумоюн касе, к-ин сухан бишнавад.
Нашояд ҳама киштан аз баҳри хеш,
Ки рӯзихуронанд аз андоза беш.
Зи боғе, ки пешинагон коштанд,
Пасояндагон мева бардоштанд.
Чу кишта шуд аз баҳри мо чанд чиз,
Зи баҳри касон мо бикорем низ.
Чу дар киштукори ҷаҳон бингарем,
Ҳама деҳкишоварзи якдигарем.

## БЕРУН ОМАДАНИ ИСКАНДАР АЗ ЗУЛМОТ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ,  он май, ки ӯ дилкаш аст,
Ба ман деҳ, ки май дар ҷавонӣ х(в)аш аст.
Магар чун бад-он май даҳон тар кунам,
Бад-ӯ бахти худро ҷавонтар кунам.

### ДОСТОН

Чу бедории бахт шуд раҳнамун,
Зи торикӣ омад Сикандар бурун.
Чунон раҳбарӣ кардаш он модиён,
Ки н-омад чапу росте дар миён.
Бар он хат, ки рӯзи нахустин гузашт,
Чу паргор буд, охираш боз гашт.
Чу иқбол шуд шоҳро корсоз,
Ба равшан ҷаҳон раҳ бурун бурд боз.
Суи лашкар омад инонтофта,
Муроде талаб карда, ноёфта.
Наяфтод аз он тоб дар тофтан,
Ки рӯзӣ ба қисмат тавон ёфтан.
Наранҷид, агар раҳ ба ҳайвон набурд,
Ки дар роҳи ҳайвон чу ҳайвон намурд.
Чу андӯҳе омад, машав носипос,
Зи муҳкамтар андӯҳе андарҳарос!
Бараҳна зи саҳро ба саҳро шудан
Беҳ аз ғарқа дар оби дарё шудан.
Биранҷад сар аз дардисарҳои сахт,
На з-он сон, ки аз захми шамшеру лахт.
Басе кор, к-аз кор мушкилтар аст,
Таносон касе, к-ӯ қавидилтар аст.

Чу диданд лашкар раҳоварди хеш,
Ниҳоданд санги раҳовард пеш.
Ҳама сангҳо сурхёқут буд,
К-аз ӯ дидаро равшанӣ қут буд.
Якеро зи камгавҳарӣ дил ба дард,
Якеро зи бегавҳарӣ боди сард.
Пушаймон шуд он кас, ки боқӣ гузошт,
Пушаймонтар он кас, ки худ барнадошт.
Чу осуд рӯзе ду шоҳ аз шитоб,
Ситад доди дерина аз хӯрду хоб.
Ба ёд омадаш ҳоли он санги хурд,
Ки пинҳон бад-ӯ он фаришта супурд.
Тарозу талаб карду кардаш иёр,
Зи бисёр сангаш фузун буд бор.
Зи мисқол беш омад, аз ман гузашт,
Басе санг пардохт аз кӯҳу дашт.
Ба сад мард гаппоне афрохтанд,
Дар ӯ сангу ҳамсангаш андохтанд,
Фузун омад аз вазни сад пора кӯҳ,
Зи барсахтанаш ҳар кас омад сутӯҳ.
Шунидам, ки Хизр омад аз дуру гуфт,
Ки «ин сангро хок созед ҷуфт».
Кафе хок бо ӯ чу карданд ёр,
Ба ҳамсангияш рост омад иёр.
Шаҳ огоҳ шуд з-он намудори нағз,
Ки хок асту хокаш кунад сермағз.
Яке рӯз бо хосагони сипоҳ
Чу мину яке маҷлис орост шоҳ.
Камар бар кулоҳи Фаридун кашид,
Сари тахт бар тоҷи гардун кашид.
Ғуломони զарринкамар гирди тахт
Чу симинсутун гирди зарриндарахт.
Ҳама тоҷдорони рӯи замин
Дар он поя чун соя зонунишин.
Зи ҳар шевае, к-он бувад дилпазир,
Сухан мешуд аз гардиши чархи пир.
Зи торикию оби ҳайвон басе
Сухан дар сухан мешуд аз ҳар касе,
Ки гар зери торикӣ он об ҳаст,
Шитобандаро чун наёяд ба даст?
В-агар нест он об дар тирахок,
Чаро номаш аз номҳо нест пок?
Дар ин бора мешуд суханҳои нағз,
К-аз ӯ равшаноӣ дарояд ба мағз.
Зи пирони он марзи бегонабум
Чунин гуфт пире ба дорои Рум,
Ки «шоҳи ҷаҳонгири офоқгард,
Ки чун осмон шуд вилоятнавард,

Гар аз баҳри он ҷӯяд Оби Ҳаёт,
Ки аз панҷаи марг ёбад наҷот,
Дар ин бум шаҳрест ободу бас,
Ки ҳаргиз намирад дар ӯ ҳеч кас.
Кашида дар он шаҳр кӯҳе баланд,
Шуда мардуми шаҳр аз ӯ шаҳрбанд.
Ба ҳар муддате бонге ояд зи кӯҳ,
Ки ояд ниюшандаро з-он шикӯҳ.
Бихонад зи мардум якеро ба ном,
Ки хез, эй фалон, сӯи боло хиром!
Наюшанда з-он бонги фармонпазир
Нагардад яке лаҳза оромгир.
Зи пастӣ кунад сӯи боло шитоб,
Ба пурсандагон з-ӯ наёяд ҷавоб.
Паси кӯҳи хоро шавад нопадид,
Кас ин бандро менадонад калид.
Гар аз марг хоҳад тани шаҳ амон,
Бад-он шаҳр бояд шудан бегумон».
Шаҳ аз гуфти он марди донишбасеч
Фурӯ монд бар ҷои худ печ-печ.
Ба корозмоӣ дилаш тез шуд,
Дар он азм рояш сабукхез шуд.
Бифармуд, к-аз зиракони сипоҳ
Тане чандро сар дарояд ба роҳ.
Дар он манзил оромгоҳ оваранд,
Суханро дурустӣ ба шоҳ оваранд.
Ба андарзашон гуфт: «Аз овози кӯҳ
Набояд, ки ҷунбад касе з-ин гурӯҳ.
Агар ном пайдо кунад ё нишон,
Бар он гуфта гарданд доманфишон.
Магар чун шавад роҳи посух дароз,
Бурун ояд аз зери он парда роз».
Насиҳатпазирон ба андарзи шоҳ
Суи шаҳр пӯшида ҷустанд роҳ.
Дар он шаҳр бо фаррухӣ тохтанд,
Ба ҷое хуш оромгаҳ сохтанд.
Хабарҳои шаҳр ошкору ниҳуфт,
Чунон буд, к-он пири пешина гуфт.
Ба ҳар вақте овозе аз кӯҳсор
Расидӣ ба номи яке з-он диёр.
Нию шанда чун номи худ ёфтӣ,
Ба рағбат суи кӯҳ биштофтӣ.
Чунон дар давидан шудӣ носабур,
К-аз он раҳ нагаштӣ ба шамшер дур.
Рақибони шаҳ чораҳо сохтанд,
Навоҳои он парда нашнохтанд.
Чу гардуни гарданда лахте бигашт,
Фалак манзиле чандро дарнавашт.

Зи пайкони шаҳ гардиши рӯзгор
Якеро ба рафтан шуд омӯзгор.
Аз он розҷӯёни пинҳонпажӯҳ
Якеро ба худ хонд ҳотиф зи кӯҳ.
Ба так хост он кас, ки бишнид ном,
Суи ҳотифи кӯҳ шуд шодком.
Гирифтанд ёрон зимомаш ба чанг,
Ки «дар пӯя бинмой лахте диранг.
Набояд, ки пӯянда шайдо шавад,
Магар рози ин парда пайдо шавад».
Шитобандаро з-он намедошт суд,
Фиғон мезаду тирагӣ менамуд.
Намегуфт чизе, ки ояд ба кор,
Ба рафтан шуда чун фалак беқарор.
Раҳонид худро ба сад зарқу зӯр,
Шуд овора з-эшон чу паррандамӯр.
Бимонданд ёрон аз ӯ дар шигифт,
В-аз ӯ ҳар касе ибрате баргирифт,
Ки «зирактари мо дар ин турктоз
Нигар, чун шуд аз мову накшод роз».
Бар ин низ чун муддате даргузашт,
Битобид хуршед бар кӯҳу дашт.
Ба ёри дигар низ навбат расид,
Шуд ӯ низ дар навбате нопадид.
Қадармоя мардум, ки монданд боз,
Нахонданд як ҳарф аз он лавҳ роз.
Ҳаросанда гаштанд аз он доварӣ,
Ки касро накард осмон ёварӣ.
Зи бероҳии худ ба роҳ омаданд,
В-аз он шаҳр наздики шоҳ омаданд.
Намуданд ҳолат, ки «аз мо басе
Суи кӯҳ шуд, боз н-омад касе.
На ҳангоми рафтан диранге намуд,
На уммеди боз омадан низ буд.
Надонем, к-овози он парда чист,
Навозандаи сози он парда кист.
Чу мо роҳи он парда нашнохтем,
Аз он парда, инак, бурун тохтем.
Зи мо чанд кас кард бар кӯҳ соз,
Наёмад яке бонг аз он кӯҳ боз.
Чу дидем, к-эшон гирифтанд кӯҳ,
Гирифтем дашт, омадем ин гурӯҳ».
Чунин аст худ гунбади тезгашт,
Гаҳе кӯҳ гиранд аз ӯ, гоҳ дашт.
Сикандар чу рози рақибон шунид,
Раҳе дид, боз омадаш нопадид.
Бад-он роҳаш он гаҳ ниёз омадӣ,
К-аз ӯ як тани рафта боз омадӣ.

Зи ҳайрат дар он кор саргашта монд,
Ки унвони он номаро кас нахонд.
Хабар дошт, к-он рафтани ногаҳон
Касерост, к-ӯро сар ояд ҷаҳон.
Масал зад, ки «ҳар кас, ки ӯ зод, мурд,
Зи чанги аҷал ҳеч кас ҷон набурд.
Чу бо гӯргирон надоранд зӯр,
Ба пои худ оянд гӯрон ба гӯр.
Гаҳи тир хӯрдан уқоби далер
Ба парри худ ояд зи боло ба зер».

## БОЗ ОМАДАНИ ИСКАНДАР БА РУМ

### СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он бода бардор зуд,
Ки бе бода шодӣ нашояд намуд.
Ба як ҷуръа з-он бода ёрим деҳ,
Зи чанги аҷал растгорим деҳ.

### АНДАРЗ

Мижа то ба ҳам барзанӣ, рӯзгор
Ба сад неку бад бошад омӯзгор.
Сареро кунад бар замин пойбанд,
Сареро барорад ба чархи баланд.
Дарорад зи манзар якеро ба чоҳ,
Барорад зи моҳӣ якеро ба моҳ.
Кунад ҳар замон чанд бозӣ басеч,
Саранҷом бозиш ҳеч асту ҳеч.
Аз ин тавсанӣ беҳ, ки бошем ром,
Ки силӣ хурад маркаби бадлагом.
Чу тозифарас бадлагомӣ кунад,
Хари мисриёнро гиромӣ кунад.
Ҷаҳон дар ҷаҳон халқ бисёр дид,
Рамид аз ҳама, бо касе н-орамид.
Ҷаҳон он касерост, к-андар ҷаҳон
Шавад огаҳ аз кори корогаҳон.

### ДОСТОН

Гузориш чунин шуд дар ин коргоҳ,
Ки чун зад дар он ғор шаҳ боргоҳ,
Басе ганҷ дар кори он ғор кард,
В-аз он ғор шаҳре чу Булғор кард.
Зи Булғори фаррух даромад ба Рус
Баророст он марзро чун арӯс.
В-аз он ҷо даромад ба дарёи Рум,
Бурун бурд киштӣ ба ободбум.
Бузургони Рум огаҳӣ ёфтанд,
Суи рояти шоҳ биштофтанд.

Ба шукрона ҷонро кашиданд пеш,
Чу диданд рӯи худованди хеш.
Ҳама хоки Рум аз раҳоварди шоҳ
Барафрӯхт чун шаб ба рахшанда моҳ.
Чу ёқут шуд рӯи ҳар ҷавҳарӣ
Зи ёқути зулмоти искандарӣ.
Дар ороиш омад ҳама рӯи шаҳр,
Замин ёфт аз ганҷи пӯшида баҳр.
Биҳиште зи ҳар қасре ангехтанд,
Зару симро бар замин рехтанд.
Шикастанд қуфли дари ганҷро,
Ҷаҳон қуфл барзад дари ранҷро.
Ба бурҷи худ омад фурӯзанда моҳ,
Ба сар-бар чу хуршед чиникулоҳ.
Шаҳ аз Рум шуд, бо замин хеш буд,
Ба Рум омад, аз осмон беш буд.
Чу обе, ки абраш ба боло барад,
Ба бозомадан дур ба дарё барад,
Нишаст аз бари тахти Юнон ба ноз,
Баросуд аз он ранҷу роҳи дароз.
Зи дил домани ҳафт кишвар гузошт,
Ба ҳар кишваре ноибе баргумошт.
Мулуки тавоиф ба фармони ӯ
Камар баста бар аҳду паймони ӯ.
Ба ташрифи ӯ сарфароз омаданд,
Суи кишвари хеш боз омаданд.
Ҷудогона ҳар кас ба кибру кашӣ,
Бароварда гардан ба гарданкашӣ.
Касе гардани худ касеро надод,
Ба худ ҳар касе гардане баркушод.
Ба ёди Сикандар гирифтанд ҷом,
Ҷуз ӯ ҳеч касро набурданд ном.
Чу шаҳ боз бар тахти Юнон расид,
Бад-ӯ дод ганҷи саодат калид.
Зи дониш басе мояҳо соз кард,
Дари ҳикмати эзадӣ боз кард.
Чу фармон расидаш ба пайғамбарӣ,
Напечид гардан зи фармонбарӣ.
Дигарбора զоди сафар баргирифт,
Ҳисоби ҷаҳонгаштан аз сар гирифт.
Ду навбат ҷаҳонро ҷаҳондор гашт,
Яке шаҳру кишвар, яке кӯҳу дашт.
Бад-ин навбат он буд, к-ободи бум
Ҳама як ба як диду омад ба Рум.
Дигар навбат он шуд, ки бероҳу роҳ
Равон кард роят чу хуршеду моҳ.
Чу з-ин базмгаҳ боз пардохтам,
Шакаррез базми дигар сохтам.

Суханҳои базмӣ дар ин ним дарҷ
Басе кардам аз бикри андеша харҷ.
Гар он дур, ки як-як дар ӯ бастаам,
Ба ҳар матлаъе боз пайвастаам.
Ба як ҷой дар ришта оранд боз,
Пур аз дур шавад риштаи иқдсоз.
Ҷудогона феҳристи ҳар пайкаре
Зи қонуни ҳикмат бувад дафтаре.
Ҳамон соқиёну гузоришгарон,
Ки бар ҳам нишондам карон то карон,
Нишинанда ҳар як зи рӯи қиёс,
Чу бар ганҷи гавҳар нигаҳбони пос.
Кӣ донад чунин нақше ангехтан,
Бад-ин дилбарӣ ранге омехтан?!
Чунон бастам абрешими сози ӯ,
Ки аз Зуҳра хуштар шуд овози ӯ.
Ба ҷое, ки норостӣ ёфтам,
Бар ӯ зевари ростӣ бофтам.
Сухан, к-он на бар ростӣ раҳ барад,
Бувад хор, агар поя бар маҳ барад.
Куҷо пешпирои пири куҳан
Ғалат ронда буд аз дурустӣ сухан.
Ғалатгуфтаро тоза кардам тироз,
Бад-ин узр во гуфтам он гуфта боз.
Чу шуд нимае з-ин бино, муҳра баст,
Маро нимаи олам омад ба даст,
Дигар нимаро, гар бувад рӯзгор,
Чунон гӯям аз табъи омӯзгор,
Ки хонандаро сар барорад зи хоб,
Ба рақс оварад моҳиёнро дар об.
Замона гарам дод хоҳад амон,
Чунин омад андешаро дар гумон,
Ки дар боғи ин нақши руминаворд
Гули сурх рӯёнам аз хоки зард.
Кунам ганҷе аз суфтаи табъ пур,
Чу фирӯза фирӯзу дурре чу дур.
Зи ҳар боғе орам гуле нағзбуй,
Зи ҳар гул гулобе дарорам ба ҷӯй.
Гар иқболи шаҳ бошадам дастгир,
Сухан зуд гардад гузоришпазир.

## ДАР СИТОИШИ АТОБЕКИ НУСРАТУДДИН

## СОҚИНОМА

Биё, соқӣ, он ҷоми равшан чу моҳ
Ба ман деҳ ба ёди заминбӯси шоҳ,

Ки то маҳд бар пушти Парвин кашам,
Ба ёди шаҳ он ҷоми заррин кашам.

## СИТОИШ

Вилоятситон шоҳи гетипаноҳ,
Фаридункамар, балки хоқонкулоҳ.
Малик Нусратуддин, ки аз доди ӯ
Хурад ҳар касе бода бар ёди ӯ,
Чу дар донишу дин сарафроз гашт,
Ҳама донишу дин бад-ӯ боз гашт.
Сипеҳрест, к-ахтар бар ӯ тофтаст,
Муҳите, ки тоҷ аз гуҳар ёфтаст.
Чу дарёи солис наматшӯи хок,
Зи солис салоса ҷаҳон шуста пок.
Чу сайёраи Муштарӣ сарбаланд,
Назарҳои ӯ як ба як судманд.
Ба тарбеъу таслис гавҳарфишон,
Мураббаънишину мусалласнишон.
Зи сарсабзии ӯ ҷаҳон шодхор,
Ҷаҳонро зи чандин малик ёдгор.
Ситора, ки бар чарх сояд сараш,
Зада сиккаи «абдуҳу» бар дараш.
Ҷаҳонро ба нерӯи шоҳаншаҳӣ
Зи фарҳанг пур карда в-аз ғам тиҳӣ.
Ба базм офтобест афрӯхта,
Ба разм аждаҳое ҷаҳонсӯхта.
Зи равшанравонӣ, ки дорад чу об,
Бад-ӯ чашмравшан шудаст офтоб.
Чу шамшераш оҳанги хун оварад,
Зи санг обу оташ бурун оварад.
Чу тир аз камони камин афканад,
Сари осмон бар замин афканад.
Фаранги Фаластину руҳбони Рум
Пазирои фармону муҳраш чу мум.
Чу дидам, ки бар тахти фирӯзманд
Ба сарсабзии бахт шуд сарбаланд,
Нисоре набудам сазовори ӯ,
Ки резам бар авранги шаҳвори ӯ.
Ҳам аз оби ҳайвони искандарӣ
Зулоле чунин сохтам гавҳарӣ.
Чу аз сохтан боз пардохтам,
Ба даргоҳи ӯ пешкаш сохтам.
Супурдам нигини чунин гавҳаре
Зи Искандаре ҳам ба Искандаре.
Бақо бод шаҳро ба нерӯи бахт!
Бад-ӯ бод сарсабзии тоҷу тахт!
Чунин булбуле дар гулистони ӯ
Муборакнафас бод бар ҷони ӯ!

Зиҳӣ тоҷдоре, ки тоҷи сипеҳр
Сарири туро сар барорад ба меҳр!
Туӣ дар ҷаҳон шоҳи бедорбахт,
Туро дид давлат сазовори тахт.
Надорад зи гетӣ кас ин дастгоҳ,
Ки нузле фиристад сазовори шоҳ.
Аз ин кӯзаи гил гар обе чакид,
Дар он жарфдарё кай ояд падид?!
Нами чашма, к-аз санги хоро расад,
Чу андак бувад, кай ба дарё расад?
Низомӣ, ки худро ғуломи ту кард,
Суханро гузориш ба номи ту кард.
Ҳамон пеши тахти ту меҳмон кашид,
Ки он мӯр пеши Сулаймон кашид.
Мабин ранги товусу парвози ӯ,
Ки чун гурба зишт омад овози ӯ.
Бад-он булбули хурд бин, к-аз наво
Фуруд оварад мурғро аз ҳаво.
Ман он булбулам, к-аз Ирам тохтам,
Ба боғи ту оромгаҳ сохтам.
Навое сароям дар айёми ту,
Ки монад дар ӯ солҳо номи ту.
Ба номи ту з-он кардам ин номаро,
Ки заррин кунад нақши ту хомаро.
Зари пилвор аз ту мақсуд нест,
Ки пили ту чун пили Маҳмуд нест.
Бибахшӣ ту бе он, ки хоҳад касе,
Хазина фаровону хилъат басе.
Гар ин номаро ман ба зар гуфтаме,
Ба умре куҷо гавҳаре суфтаме?!
Ҳамоно, ки ишқам бар ин кор дошт,
Чу ман камзанон ишқ бисёр дошт.
Маро дод тавфиқи гуфтан Худой,
Туро бод таъйиду фарҳангу рой!
Аз ин бештар, к-оварӣ дар замир,
Вилоятситон бошу офоқгир.
Замон то замон аз сипеҳри баланд
Ба фатҳи дигар бош фирӯзманд!
Ҷаҳон пешхӯрди ҷавонит бод!
Фузун аз ҳама зиндагонит бод!

## НАСИҲАТИ ФАРЗАНД

Биё, соқӣ, аз хумми деҳқони пир
Мае дар қадаҳ рез чун шаҳду шир.
Аз он май, ки ҷонро аз ӯ ҳуш бод,
Маро шарбату шоҳро нӯш бод!
Хирадманду бедор бош, эй писар,
Ба бозӣ мабар умри худро ба сар,

Бибин, то зи тухме, ки мо коштем,
Чӣ беҳ буд аз он бар, ки бардоштем.
Ту низ, ар алам бар баландӣ занӣ,
Беҳ, ар ҳалқаи ҳушмандӣ занӣ.
Маро чун худе гӯш бар печ нест,
Туро чун мане ҳаст, агар ҳеч нест.
Ба ёд овар аз бозии ҳафтсол,
Ки бар чашми мо чун гузашт он хаёл.
В-аз он бо ту андарзҳо карданам,
Муфарриҳ ба ёқут парварданам.
В-аз он чордаҳсола гаштан ба ноз,
Чу моҳи шаби чордаҳ ҷилвасоз
Дигарбора андарзҳо сохтам,
Сиҳисарвро сар барафрохтам.
В-аз ин ҳафда хасл овариданам ба даст
Шуда ҳафдасола бад-ин сон, ки ҳаст.
Ба ҳар пойгоҳе, ки шоиста буд,
Хабар додамат, он чи боиста буд.
Чу шохи баруманд боло кашид,
Дарахте ба сарсабзӣ омад падид.
Чӣ ҳоҷат ба ин рӯз бозӣ туро,
Худо худ кунад корсозӣ туро.
Китоби гаронмоя дорӣ чаҳор,
Ҷудогона ҳар як зи ман ёдгор.
Бародар чаҳор аст, панҷум туӣ,
Гар аркон чаҳоранд, панҷум туӣ.
Ҳама коре аз доварӣ дур кун,
Ба дастурии чор дастур кун.
Калиде, ки онро кунӣ бозҷуст,
Зи унвони ин нома ёбӣ дуруст.
Чу аз нимаи нома пардохтам,
Сарире ба болини ӯ сохтам.
Дар ӯ ёдгоре зи баҳри ту хос,
Ки хонию аз банд ёбӣ халос.
Ҳама подшоҳию пайғамбарӣ
Дар он ёдгор аст, агар бингарӣ.
Агар з-он ки ёбӣ дар ин парда роҳ,
Баруманд бодӣ бад-ин пойгоҳ.
Ба ҳар ҷо, ки бошад туро роҳу рахт,
Дуо аз манат боду ёрӣ зи бахт.
Ҷаҳон бар вуҷуди ту фархунда бод,
Вуҷуди Низомӣ ба ту зинда бод!

# ИҚБОЛНОМА

## БО НОМИ ЭЗИДИ БАХШОЯНДА

Хирад ҳар куҷо ганҷе орад падид,
Зи номи Худо созад онро калид.
Худои хирадбахши бихраднавоз
Ҳамон нохирадмандро чорасоз.
Кушояндаи бастагони сухун,
Тавонокуни нотавонони «кун».
Ниҳон  ошкоро, даруну бурун
Хирадро ба даргоҳи ӯ раҳнамун.
Барорандаи сақфи ин боргоҳ,
Нигорандаи нақши ин коргоҳ.
Зи донистанаш ақлро ногузир,
Бузургию дононияш дилпазир.
Ба ҳукм ошкоро, ба ҳикмат ниҳуфт,
Ситоянда ҳайрон аз ӯ вақти гуфт.
Сазои парастиш парастандаро,
Тавалло бад-ӯ мурдаву зиндаро.
Варои ҳама будае буди ӯ,
Ҳама риштае гавҳаромуди ӯ.
Яке к-аз дуӣ ҳазраташ ҳаст пок,
На аз обу оташ, на аз боду хок.
Ҳама офаридаст дар ҳафт пӯст,
Бад-ӯ офарин, к-офаринанда ӯст.
Ҳама будро ҳаст аз ӯ ногузир,
Ба буди кас ӯ нест нисбатпазир.
Бад-ӯ ҳеҷ пӯяндаро роҳ нест,
Хирадманд аз ин ҳикмат огоҳ нест.
Гарат мазҳаб ин шуд, ки боло бувад,
Зи таъзими ӯ зер танҳо бувад.
Вагар зоти ӯ зер гӯӣ, ки ҳаст,
Худоро нахонад касе зердаст.
Чу аз зоти маъбуд ронӣ сухун,
Ба зеру ба боло далерӣ макун.
Чу дар қудрат ояд сухан з-он далер,
Ки бе қудраташ нест болову зер,
Ба ҳар-ч орад аз зеру боло падид,
Сар аз хатти фармон набояд кашид.
Якеро зи гардун диҳад боргоҳ,
Якеро зи Кайвон дарорад ба чоҳ.
Дилеро фурӯзон кунад чун чароғ,
Ниҳад бар дили дигар аз дард доғ.

Ҳама бешие пеши ӯ андакест,
Бузургию хурдӣ ба пешаш якест.
Чи кӯҳе бари ӯ, чи як коҳ барг,
Чи бо амри ӯ зиндагонӣ, чи марг!
На гӯянда хоке кас орад ба даст,
На бар об нақше тавон низ баст.
Ҷуз ӯ кист, к-аз хок одам сиришт,
Бар об инчунин нақш донад навишт.
Чу раҳ ёва гардад, намоянда ӯст,
Чу дар баста бошад, кушоянда ӯст.
Тавоност, бар ҳар чӣ ӯ мумкин аст,
Гар он чиз ҷунбанда ё сокин аст.
Тануманд аз ӯ ҷумлаи коинот,
Бад-ӯ зинда ҳар кас, ки дорад ҳаёт.
Ҳама буде аз буди ӯ ҳастном,
Тамом ӯст, дигар ҳама нотамом.

## НИЁИШ БА ДАРГОҲИ БОРӢ ТАОЛО

Худоё, туӣ бандаро дастгир,
Бувад бандаро аз Худо ногузир.
Туӣ холиқи будаву буданӣ,
Бибахшой бар хоки бахшуданӣ.
Ба бахшоиши хеш ёрим деҳ,
Зи ғавғои худ растгорим деҳ.
Туро хоҳам аз ҳар муроде, ки ҳаст,
Ки ояд ба ту ҳар муроде ба даст.
Дилеро, ки аз худ накардӣ гумаш,
На аз чарх тарсад, на аз анҷумаш.
Чу ту ҳастӣ, аз чарху анҷум чӣ бок,
Чу ҳаст осмон, бар замин рез хок.
Ҷаҳоне чунин хубу хуррамсиришт,
Ҳаволат чаро шуд бақо бар биҳишт?
Аз ин хубтар худ набошад дигар,
Чу он хубтар гуфтӣ, он хубтар.
Дар он равзаи хуб кун ҷои мо,
Бибар нақши нохубӣ аз рои мо.
На ман чораи хеш донам, на кас,
Ту донӣ, чунон кун, ки донию бас.
Талабгори ту, ҳар касе бар умед,
Яке дар сиёҳу яке дар сапед.
Бад-он, то зи боғи ту ёбад баре
Тазарруъкунон ҳар касе бар даре.
Набинам ман он заҳра дар хештан,
Ки гӯям туро ину он деҳ ба ман.
Кунам ҳоҷат аз ҳар касе ҷустуҷӯй,
Чу ёбам, ту бахшанда бошӣ, на ӯй.
Ту мустағнӣ, аз ҳар чӣ дар роҳи туст,
Ниёзи ҳама сӯи даргоҳи туст.

Суруши маро девмардум макун,
Сари ришта аз роҳи худ гум макун.
Чу бар ошноӣ кушодӣ дарам,
Макун хоки бегонагӣ бар сарам.
Ба чашми ман аз худ фурӯғе расон,
Ки ёбам фароғе зи чашми касон.
Чу парвонаи шабчароғи туам,
Чунон дон, ки мурғе зи боғи туам.
Мабин, гарчи хурдам мани зердаст,
Бузургам кун охир, бузургит ҳаст!
Ман он зарраи хурдам, аз дида дур,
Ки нерӯи ту бар ман афганд нур.
Ба нерӯи ту чун падид омадам,
Дари ганҷҳоро калид омадам.
Ба сар бурдам аввал бисоти сухан,
Дигар раҳ кунам тоза дурҷи куҳан.
Ба аввалсухан додиям дастгоҳ,
Ба охирқадам низ бинмой роҳ.
Сафое деҳ ин хоки торикро,
Ки беҳ бинад ин роҳи борикро.
Бар онам, к-аз ин раҳ бад-ин тангной
Ба хушнудии ту занам дасту пой.
Ҳифозат чунон бод дар кори ман,
Ки хушнуд гардӣ зи гуфтори ман.
Чу аз роҳи хушнудӣ оям барат,
Напечам сар аз қавли пайғамбарат.

## ДАР НАЪТИ ПАЙҒАМБАРИ АКРАМ

Муҳаммад, ки бе даъвии тахту тоҷ
Зи шоҳон ба шамшер бистад хироҷ,
Ғалат гуфтам, он шоҳи сидрасарир,
Ки ҳам тоҷвар буду ҳам тахтгир,
Танаш маҳрами тахти афлок буд,
Сараш соҳиби тоҷи лавлок буд.
Фариштанамудор, эзадшинос,
Ки моро бад-ӯ ҳаст аз Эзад сипос.
Расонанда моро ба хуррамбиҳишт,
Раҳонанда аз дӯзахи тангу зишт.
Сапедадаме дар шаби коинот,
Сиёҳинишине чу Оби Ҳаёт.
Гар ӯ барнакардӣ сар аз тоқи арш,
Кӣ бурқаъ даридӣ бар ин сабзфарш?!
Раҳанҷоми рӯҳонӣ ӯ додамон,
Раҳоварди арш ӯ фиристодамон.
Наярзад ба хоки сари кӯи ӯ
Сари мо ҳама як сари мӯи ӯ.
Зи мо ранҷаву роҳатандӯзи мо,
Чароғи шабу машъали рӯзи мо.

Дурустидиҳи ҳар диле, к-ӯ шикаст,
Шафоаткуни ҳар гуноҳе, ки ҳаст.
Саромадтарини ҳама сарварон,
Гузидатари ҷумла пайғамбарон.
Гар Одам зи мину даромад ба хок,
Шуд он ганҷи хокӣ ба минуи пок.
Гар омад бурун моҳи Юсуф зи чоҳ,
Шуд он чашма аз чоҳ бар авҷи моҳ.
Агар Хизр бар Оби Ҳайвон гузашт,
Муҳаммад зи сарчашмаи ҷон гузашт.
В-агар кард моҳӣ зи Юнус шикор,
Заминбӯси ӯ кард моҳию мор.
Зи Довуд агар давр диръе гузошт,
Муҳаммад зи дурроъа сад диръ дошт,
Сулаймон агар тахт бар бод баст,
Муҳаммад зи бозичаи бод раст.
В-агар торами Мӯсӣ аз Тур буд,
Саропардаи Аҳмад аз нур буд,
В-агар маҳди Исо ба гардун расид,
Муҳаммад худ аз маҳд берун парид.
Зиҳӣ равғани ҳар чароғе, ки ҳаст,
Ба дарюзаи шамъи ту чарбдаст.
Ту он чашмаӣ, к-оби ту ҳаст пок,
Бад-он об шуста шуда рӯи хок.
Замин хок шуд, бӯи тибаш туӣ,
Ҷаҳон дардзад шуд, табибаш туӣ.
Табиби баҳирӯй бо обу ранг
Зи ҳукми Худо нӯшдору ба чанг.
Туӣ чашмравшанкуни хокиён,
Навозандаи ҷони афлокиён.
Тирози сухан сиккаи номи туст,
Бақои абад ҷуръаи ҷоми туст.
Касе, к-ӯ зи ҷоми ту як ҷуръа х(в)ард,
Ҳамасола эмин шуд аз доғу дард.
Мабодо, к-аз он шарбати хушгувор
Набошад чу ман хокие ҷуръахор.

## ТОЗА КАРДАНИ ДОСТОН ВА ЁДИ ДӮСТОН

Ба ҳар муддате гардиши рӯзгор
Зи тарзе дигар хоҳад омӯзгор.
Сароҳанги пешина каҷрав кунад,
Навое дигар дар ҷаҳон нав кунад.
Ба бозӣ дарояд чу бозигаре,
Зи парда бурун оварад пайкаре.
Бад-он пайкар аз роҳи афсунгарӣ
Кунад муддате халқро дилбарӣ.

Чу пирӣ дар он пайкар орад шикаст,
Ҷавонпайкаре дигар орад ба даст.
Бад-ин гуна бар навхатони сухан
Кунад тоза пирояҳои куҳан.
Замон то замон хомаи нахлбанд
Сари нахли дигар барорад баланд.
Чу кам гардад аз гавҳаре обу ранг,
Дигар гавҳаре сар барорад зи санг,
Арӯси маро пеши пайкаршинос
Ҳамин тозарӯӣ бас аст аз қиёс,
К-аз ин нома ҳам гар нарафтӣ баюс,
Сухан гуфтани тоза будӣ фусус.
Ман он тавсанам, к-аз риёзатгарӣ
Расидам зи тундӣ ба фармонбарӣ.
Чӣ ганҷ аст, к-он армуғоним нест,
Дареғо, ҷавонӣ, ҷавоним нест!
Ҷавонро чу гул нахл бар абраш аст,
Чу пирӣ расад, наъл бар оташ аст.
Дар он кӯра, к-ойина равшан кунанд,
Чу бишкаст, аз ойина ҷавшан кунанд.
Дили ҳар киро, к-ӯ сухангустар аст,
Суруше сароянда ёригар аст.
Аз ин пештар, к-он суханҳои нағз
Баровардӣ андеша аз хуни мағз,
Сарояндае доштам дар ниҳуфт,
Ки бо ман суханҳои пӯшида гуфт.
Кунун он сароянда хомӯш гашт,
Маро низ гуфтан фаромӯш гашт.
Ниюшандае низ, к-он мешунид,
Ҳам аз шиққаи кор шуд нопадид.
Чу шоҳ Арслон рафту дар хок хуфт,
Сухан чун тавон дар чунин ҳол гуфт?
Магар давлати шаҳ кунад ёрие,
Дарорад ба ман тозагуфторие.
Дар андешаи ин гузарҳои танг
Ҳам аз тан тавон шуд, ҳам аз рӯй ранг.
Чу тӯфони андеша роҳам гирифт,
Шаб омад, дари хобгоҳам гирифт.
Шабе аз дили танг ториктар,
Раҳе аз сари мӯй бориктар,
Дар он шаб чӣ гуна тавон кард роҳ,
Дар ин раҳ чӣ гуна тавон дид чоҳ?
Фалак посгаҳро барандуда нил,
Сари посбон монда дар пои пил.
Бар ин сабзаи оҳуангехта
Зи нофи замин нофаҳо рехта.
На шамъе, ки бошад зи парвона дур,
На парвонае дошт парвои нур.

Ман он шаб нишаста саводе ба чанг
Сияҳтар зи савдои он шаб ба ранг.
Ба ғаввосии баҳр дур сохтан,
Гаҳ андӯхтан, гоҳе андохтан.
Чу посе гузашт аз шаби дербоз,
Ду поси дигар монд, ҳар як дароз.
Шитоби фалакро так оҳиста шуд,
Хурӯсони шабро забон баста шуд.
Ман аз куллаи шаб дар ин дайри танг
Ҳамебофтам ҳуллаи ҳафтранг.
Масеҳосифат з-ин хуми лоҷвард
Гаҳ азрақ баровардаму гоҳ зард.
Маро, к-аввал ин парвариш кор буд,
Валинеъматӣ дар диҳиш ёр буд.
Имоди Хуӣ хоҷаи арҷманд,
Ки шуд қадди қоид бад-ӯ сарбаланд,
Ҷаҳонро зи ганҷи сахо карда пур,
Зи дурҷи сухан бар сахо баста дур.
Надидам касе дар сарои куҳан,
Ки дорад ҷуз ӯ ҳам сахо, ҳам сухан.
Уторид, ки бинад дар ӯ Муштарӣ,
Бад-ин мухр бардорад ангуштарӣ.
Бувад мудбире, к-он ҷинонро ҷаҳон
Ба найранги худ дорад аз ман ниҳон.
Фурӯбастакоре, паёпайғаме,
На кас ғамгусоре, на кас ҳамдаме.
Зи як қобила чанд зояд сухун,
Чӣ хурмо кушояд зи як нахлбун?
Ман он шаб тиҳӣ монда аз хобу х(в)ард,
Шиновар дар ин биркаи лоҷвард.
Шабею чӣ шаб? Чун яке жарф чоҳ,
Фитода дар ӯ рахти хуршеду моҳ.
Шабе, к-аз сиёҳӣ бад-он поя буд,
К-аз ӯ нур дар тӯҳмати соя буд.
Ман аз давлати шаҳ каманде ба даст,
Гирифта басе оҳуи ширмаст.
Дарафканда тарҳе ба дарёи жарф,
Ба тарҳ - андарун моҳиёни шигарф.
Расад баста бар толиъи шаҳрёр,
Сухан карда бо соати нек ёр.
Бад-он, то кунам шоҳро пешкаш,
Баромехта хайли Чин бо Ҳабаш.
Ба манзил расонда раҳанҷомро,
Гарав бурда ҳам субҳу ҳам шомро.
Дар он ваҳшатободи фатратпазир
Шуда давлати шаҳ маро дастгир.
Гуҳарҷӯйро теша бар кон расид,
Ҷигар хӯрдани дил ба поён расид.

Чу заррин саропардаи офтоб
Ба харпуштаи кӯҳ барзад таноб,
Мани шабнаёсуда бархостам,
Ба осудагӣ базме оростам.
Сарире ба ойини султониён
Задам бар сари кӯи рӯҳониён
Бисоте кашидам ба тартиби нав,
Бар ӯ кардам андешаро пешрав.
Маю нуқлу райҳон маро ҳамнафас,
Забону замиру сухан буду бас.
Сарам чун зи май тоби мастӣ гирифт,
Сухан бо сахо ҳамнишастӣ гирифт.
Даромад ба ғурридан абри баланд,
Фурӯ рехт гавҳар ба гавҳарписанд.
Дилам оташу толиъам шер буд,
Забонам дар он шуғл шамшер буд.
Ду ҷо мардро буд бояд далер;
Яке назди оташ, яке назди шер.
Магар оташу шер ҳамгавҳаранд,
Ки аз дому дад, ҳар чӣ бошад, х(в)аранд.
Чу бар дасти ман дод некахтарӣ
Дафи Зуҳраву дафтари Муштарӣ,
Гаҳ аз лутф бархостам зеваре,
Гаҳ аз ганҷи ҳикмат кушодам дари.
Ҷаҳоне ба гавҳар-бар анбоштам,
Ки чун шоҳ гавҳарҳаре доштам.
Дигарбора бар кон кушодам камин,
Барандохтам мағзи ганҷ аз замин.
Ба даъвӣ дурӯғе набояд намуд,
Зару оташ инак тавон озмуд.
«Шарафнома»-ро тоза кардам навард,
Сапедобро сохтам лоҷвард.
Дигарбора ин назми чинитироз
Бибин, то куҷо мекунад турктоз.
Ба аввал чӣ киштам, ба охир чӣ руст,
Шикаста чунин кард бояд дуруст.
Басе солҳо шуд, ки гавҳарпараст
Наёвард аз ин гуна гавҳар ба даст.
Фурӯшандаи гавҳар омад падид,
Матоъ аз фурӯшанда бояд харид.
Чу фармуд шаҳ боғе оростан,
Суман киштану сарв перостан,
Ба сарсабзии шоҳи равшанзамир,
Ба нерӯи фарҳанги фармонпазир
Яке сарв перостам дар чаман,
Ки бар ёди ӯ май хурад анҷуман.
Сухан з-ин намат ҳар чӣ дорад навӣ,
Бад-ин шеваи нав кунад пайравӣ.

Диле бояд андешаро тезу тунд.
Буриш барнаёяд зи шамшери кунд.
Сухан гуфтан осон бар он кас бувад,
Ки назме тиҳиш аз сухан бас бувад.
Касе, к-ӯ ҷавоҳир барорад зи санг,
Ба душворӣ орад суханро ба чанг.
Ғалаткории ин хаёлоти нағз
Баровард ҷӯши диламро ба мағз.
Зи гармӣ сарамро пур аз дуд кард,
Зи хушкӣ танамро намаксуд кард.
Ба тартиби ин бикри шавҳарфиреб
Маро собирӣ боду шаҳро шикеб!
Сухан бин куҷо боргаҳ мезанад,
Чӣ мегӯям, ӯ худ чӣ раҳ мезанад?
Нандонам, ки ин ҷодуиҳои чуст
Чӣ гуна дар ин Бобиличоҳ руст.
Ки омӯхт ин Зуҳраро зери Занд,
Ки созад навоҳои Ҳорутбанд?
Бад-ин сеҳр, к-ӯ оби Зардушт бурд,
Басо Зандро, к-оташи зинда мурд.
Куҷо қатра, то дур ба дарё барад,
Хар орад в-аз ин Басра хурмо барад.
Ман он абрам ин тарфи шаштоқро.
Ки об аз ҷигар бахшам офоқро.
Ҳама чун гиё ҷуръахорони ман,
Зи ман сабзу ташна ба борони ман.
Чу соя, ки ҳанҷор дорад зи нур,
В-аз ӯ дорад омезиши хеш дур.
Зи ман гарчи шӯрида шуд хобашон,
Ҳам аз файзи ҷӯи ман аст обашон.
Ҳама сирфхорони сарфи мананд,
Қаболанависони ҳарфи мананд.
Ман идрори ин файз аз он ёфтам,
Ки рӯй аз дигар чашмаҳо тофтам.
Ба хилват зидудам зи пӯлод занг,
Ки мино пазирад зи ёқут ранг.
Чу ман кардам оинаро тобнок,
Пазирандаи пок шуд ҷои пок.
Нахондӣ, ки аз сақли чиниҳисор
Чӣ гуна ситад румиёнро нигор?
Чу хоҳӣ, ки бар ганҷ ёбӣ калид,
Набояд инон аз риёзат кашид.
Масал зад дар ин, он ки фарзона буд,
Ки барн-ояд аз ҳеҷ вайрона дуд.
Басо хоб, к-аввал бувад ҳавлнок,
Нишот оварад, чун шавад рӯз пок.
Басо чиз, к-ӯ дар дил орад ҳарос,
Саранҷом аз он кард бояд сипос.

Ҷаҳон пур шуд аз даъвӣ ангехтан,
Бар ин натъ тарсам зи хун рехтан.
Чу борон фаровон бувад дар тамуз,
Ҳаво сард гардад чу бардулаҷуз.
Чу борон ҳаво тар намояд зи об,
Насӯзонад он чиркро офтоб.
Чу бар одати худ дарояд хариф,
Ҳаво дур бошад зи боди латиф.
Вабо хезад аз таррии обу абр,
Ки бошад нафасро гузаргаҳ ситабр.
Бибояд яке оташ афрӯхтан,
Бар ӯ сандалу уду гул сӯхтан.
Ман он удсӯзам, ки дар базми шоҳ
Надорам ҷуз ин як васиқат нигоҳ.
Худой аз паи бандагим офарид,
Ба ҷуз бандагӣ н-ояд аз ман падид.
Ба неку ба бад марди омӯзгор
Напечад сар аз гардиши рӯзгор,
Ба ҳар ч-иш расад, созгорӣ кунад
Фалак бар ситезанда хорӣ кунад.
Надорад ҷаҳон хӯи созандагон,
Насозад наво бо навозандагон.
Чу абрешиме баста бинад ба соз,
Кунад дасти худ бар буридан дароз.
Ду кирм аст, к-он дар бирешимкашӣ
Кунад даъвии обию оташӣ.
Яке коргоҳи бирешим танад,
Яке корвони бирешим занад.
Ду бошад магас ангубинхонаро,
Фиребанда чун шамъ парвонаро.
Кунад як магас мояи хӯрду хуфт,
Ба дуздӣ хӯрад дигаре дар ниҳуфт.
Яке з-он магас к-ангубингар бувад,
Беҳ аз сад магас к-ангубинх(в)ар бувад.
Аз он пеш, к-орад шабехун шитоб,
Чу дурроҷ дардеҳ салои кабоб.
Зи ҳирсе чӣ бояд талаб кард ком,
Ки гаҳ сӯхта дорадат, гоҳ хом.
Агар ҷӯш гирӣ, бисӯзӣ зи дард,
В-агар барнаҷӯшӣ, шавӣ хому сард.
Сипеҳр аждаҳоест бо ҳафт сар,
Ба захме кай андозад аз маҳ сипар.
Дар ин ташти ғирболии обгун
Ту ғирболи хокӣ, фалак ташти хун.
Гар ӯ бо ту чун ташт шуд обрез,
Ту бо ӯ чу ғирбол шав хокбез.
Куҷо хокдон бошаду обгир,
Зи ғирболу таште бувад ногузир.

Фусунгар хум аст ин хуми нилгун,
Ки сад гуна ранг ояд аз вай бурун.
Агар ҷодуе бар хуме шуд савор,
Хуме бин бар ӯ ҷодувон сад ҳазор.
Ҳисоби фалакро раҳо кун зи даст,
Ки пастӣ баланду баландист паст.
Гаҳе зери мо, гоҳ болои мост,
Агар зеру болош хонӣ, равост.
Дар ин парда бо осмон ҷанг нест,
Ки ин парда бо кас ҳамоҳанг нест.
Чӣ бозича, к-ин чархи бозичаранг
Набозад дар ин чордевори танг.
Касеро, ки гардан барорад баланд,
Ҳамаш боз дар гардан орад каманд.
Чу рӯбоҳи сурх ар кулоҳаш диҳад,
Ба хӯрди сагони сиёҳаш диҳад.
Дар ин чорсӯ чанд созем ҷой
Шикам чорсӯ карда чун чорпой.
Сар он гоҳ бар чорболиш ниҳем,
К-аз ин кундаи чорболиш раҳем.
Работе дудар дорад ин дайри хок,
Даре дар гарева, даре дар мағок.
Наёмад касе з-он дар ин ҷо фароз,
К-аз ин дар бурунаш накарданд боз.
Фусурда касе, к-ӯ дар ин чоҳи паст
Чу барф андарафтоду чун ях бибаст.
Хунук барф, к-ӯ ҷон ба гармӣ супурд,
Ба як лаҳза зоду ба як лаҳза мурд.
На афсурдашамъе, ки чун барфурӯхт,
Шабе чанд ҷон канду он гоҳ сӯхт,
Касеро, ки киштӣ набошад дуруст,
Шиновар шудан воҷиб ояд нахуст.
Набинӣ, ки моҳӣ ба дарёи жарф
Наяндешад аз ҳеҷ борону барф.
Шитобандаро аспи саҳрохиром
Яракдода з-он беҳ, ки бошад ҷимом.
Ҷаҳон он ҷаҳон шуд, ки аз макру фан
Гаҳ оби ту резад, гаҳе хуни ман.
Сипеҳр он сипеҳр аст, к-аз доғу дард
Гаҳ азрақ кунад ранги мо, гоҳ зард.
Дар ин раҳ касе парда донад навохт,
Ки ҳанҷори ин раҳ тавонад шинохт.
Ба раҳбар тавон роҳ бурдан ба сар,
Сари роҳ дорам, куҷо роҳбар?
Чунон вакт - вақт оядам марг пеш,
Ки уммед бардорам аз умри хеш,
Дигарбора ғафлат сипоҳ оварад,
Сарам бар сари хобгоҳ оварад.

Хаёле ба хобе бадар мебарам,
Ба афсона умре ба сар мебарам.
Ба ин пар куҷо бартавонам парид?
Ба пое чунин дар чӣ донам расид?
Бад-ин чорсӯи мухолифравон
Наям раста, гар пираму гар ҷавон.
Агар вақъи пирон дарорам ба кор,
Ҷудо монам аз мардуми рӯзгор.
В-агар бо чунин тан ҷавонӣ кунам,
Ба ҷони касон зиндагонӣ кунам.
Ҳамон беҳ, ки бо ҳар куҳан тозае
Намоям ба қадри вай андозае.
Магар торҳо кардан ин бандро,
Наёзорам ин ҳамраҳе чандро.

## ДАР АНДОЗАИ ҲАР КОРЕ НИГАҲ ДОШТАН

Чу файёзи дарё даромад ба мавҷ,
Зи коми садаф дур дарорад ба авҷ.
Аз он абр, к-оташ дар об афканад,
Замин соя бар офтоб афканад.
Дигарбора давлат даромад ба кор,
Дили давлатӣ бо сухан гашт ёр.
Фурӯ рафт шаб, рӯзи равшан расид,
Шабоҳангро субҳи содиқ дамид.
Дигарбора бахтам сабукхез шуд,
Нишоти дилам бар сухан тез шуд.
Чу давлат диҳад бар кушоиш калид,
Зи санги сияҳ гавҳар ояд падид.
Ҳама рӯзҳо рӯзгор аст ном,
Яке рӯз дона-сту як рӯз дом.
Чу фармондиҳи нақшипаргоркун
Ба фармони ман кард мулки сухун,
Барандохте кардам аз рои чуст,
Ки ин мамлакат бар кӣ ояд дуруст.
Дар ин шаҳр, к-иқбол ёрӣ кунад,
Кӣ бошад, ки ӯ шаҳрёрӣ кунад?
Хирад гуфт, к-он кас бувад шаҳрёр,
Ки бошад писандида дар ҳар диёр.
Ба доду диҳиш чирабозу бувад,
Ҷаҳонбахши беҳамтарозу бувад.
Ба мӯр он диҳад к-ӯ бувад мӯрхор,
Диҳад пилро тӯъмаи пилвор.
На чун хомкоре, ки мастӣ кунад,
Ба хома занад, хомдастӣ кунад.
Раҳоварди мӯре фиристад ба пил,
Диҳад пашшаро ротиби Ҷабраил.

Ҳама кори шоҳони шӯридаоб
Аз андоза нашнохтан шуд хароб,
Ки як раҳ сар аз найза нашнохтанд,
Ба мастӣ кулоҳе барандохтанд.
Бузург андаку хурд бисёр бурд,
Шукӯҳи бузургон аз ин гашт хурд.
Сахое, ки бедониш ояд ба ҷӯш,
Зи табли дарида барорад хурӯш.
Маротиб нигаҳ дор, то вақти кор
Шумурдан тавонӣ яке то ҳазор.
Каму беши коло чунон бармасанҷ,
Ки ҳаммол ҳар соат ояд ба ранҷ.
Макаш бар куҳан шоҳи навхезро,
К-аз ин кушт Ширӯя Парвизро.
Мазан арра бар солхӯрда дарахт,
Ки Заҳҳок аз ин гашт бетоҷутахт.
Ҷаҳондор чун абру чун офтоб
Ба андоза бахшад ҳам оташ, ҳам об.
Ба дарё расад, дур фишонад зи даст,
Кунад гурдаи кӯҳро лаълбаст.
Бар ҳар ҷо, ки роят барорад баланд,
Сари кисаро баркушояд зи банд.
Биҳамдиллаҳ, ин шоҳи бисёрҳуш,
Ки нозишхар асту навозишфурӯш,
Зи барсахтани кӯҳ то барги коҳ
Шиносад ҳама чизро пойгоҳ.
Ба андозае ҳар киро мояе,
Даҳову диҳишро диҳад пояе.
Аз он шуд бар ӯ офарин ҷойгир,
Ки дар офариниш надорад назир.
Зи ман ҳар кас ин номаро бозҷуст,
Ба унвони ӯ нома омад дуруст.
Ҷуз ӯ ҳар киро дидам аз хусравон,
Надидам дар ӯ ҷои хилват равон.
Саре дидам аз мағз пардохта,
Басе сар ба нопокӣ андохта.
Даре пур зи даъвию хоне тиҳӣ,
Ҳама лоғариҳои бефарбиҳӣ,
Ҳама сайрафитабъи бозоргон,
Ҷигархораи ҷомагихорагон,
Ҳамин риштаро дидам аз лаъл пур,
Замире чу дарёву лафзе чу дур,
Харидоре алҳақ чунин арҷманд,
Суханҳои ман чун набошад баланд?!

## ДАР СИТОИШИ МАМДӮҲ

Шунидам, ки болои ин сабзфарш
Хурӯсе сапед аст дар зери арш.

Чу ӯ барзанад табли худро давол,
Хурӯсони дигар бикӯбанд бол,
Ҳамоно, ки он мурғи аршӣ манам,
Ки ҳар бомдоде навое занам.
Бар овози ман ҷумла мурғони шаҳр
Баронанд бонг ин-т гӯёи даҳр.
Низомӣ, зи ганҷина бикшой банд,
Гирифтории Ганҷа то чанд, чанд?
Бурун ор, агар сайде афкандаӣ,
Равон кун, агар ганҷе огандаӣ.
Чунин нузле, ар бахт рӯзӣ бувад,
Сазовори гетифурӯзе бувад.
Чу бар сиккаи шоҳ бастӣ зараш,
Ҳамон хутба хон боз бар минбараш.
Шаҳе, к-он чи дар даври айёми ӯст,
Бар ӯ хутбаву сиккаи номи ӯст.
Сари сарфарозону гарданкашон
Малик Нусратуддини султоннишон.
Тарафдори Мавсил ба фарзонагӣ,
Қадархони шоҳон ба мардонагӣ.
Чу Маҳмуд бо фарру фарҳангу шарм,
Чу Довуд аз ӯ гашта пӯлод нарм.
Ба туғрои давлат зи маҳмудиён,
Ба тавқеъи нисбат зи довудиён.
Баҳорест, ҳам мева, ҳам гул бар ӯ,
Сароянда қумрию булбул бар ӯ.
Набинӣ, ки дар базми чун навбаҳор
Дирам резаду дур намояд нисор?!
Чу дар ҷом резад маи солх(в)ард,
Шабехун барад лаъл бар лоҷвард.
Чу шамшераш оташ барорад зи об,
Миёнҷӣ кунад абр бар офтоб.
Куҷо гашт шоҳини ӯ сайдгир,
Зи шоҳини гардун барорад нафир,
Уқобаш чу пар барзанад бар сипеҳр,
Шикораш набошад, магар моҳу меҳр.
Кӣ бошад касе, то ба даврони ӯ
Кунад дуздии сирату сони ӯ?
Сару рӯи он дузд гардад хароб,
Ки худро расан созад аз моҳтоб.
Сароб аз сари об нашнохтан
Кушад ташнаро дар таку тохтан.
Кулича гумон бурдан аз қурси моҳ
Фикандаст бисёр касро ба чоҳ.
Диҳад дев акси фаришта зи дур,
Валек он зи зулмат бувад, ин зи нур.
Дар ин меҳрубоншоҳи эзадпараст
Зи меҳру вафо ҳар чӣ хоҳанд, ҳаст.

На ман мондаам хира дар кори ӯ,
Кӣ гуфт офарине сазовори ӯ?
Чаро бешкин хонад ӯро сипеҳр,
Ки ҳаст аз чунон хусравон бешмеҳр?!
Агар бешгин барнависанд рост,
Бувад Кайпаши, ҳарф бар вай гувост.
Сазад, гар бувад номи ӯ Кайпашин,
Ки ҳам кайнишон асту ҳам кайнишин.
Ба эҳёи ӯ зинда шуд мулки даҳр,
Гувоҳи ман он кас, ки ӯрост баҳр.
Аз он зилзила, к-осмонро дарид,
Шуд он шаҳрҳо дар замин нопадид.
Чунон ларза афтод бар кӯҳу дашт,
Ки гард аз гиребони гардун гузашт.
Замин гашта чун осмон беқарор,
Муаллақзан аз бозии рӯзгор.
Баромад яке садма аз нафхи сур,
Ки моҳӣ шуд аз кӯҳаи гов дур.
Фалакро салосил зи ҳам баргусаст,
Заминро мафосил ба ҳам даршикаст.
Дар аъзои хок обро баста кард,
Зи бас куфтан кӯҳро хаста кард.
Рухи юсуфонро баромуд мил,
Дари мисриёнро барандуд нил.
Намонда яке дида бар ҷои хеш,
Ҷаҳон дар ҷаҳон сурма з-андоза беш.
Заминро чунон дар ҳам афшурд сахт,
К-аз афсурдагӣ кӯҳ шуд лахт-лахт.
На як риштаро муҳра бар кор монд,
На як муҳра дар ҳеҷ девор монд.
Зи бас ганҷ, к-он рӯз бар бод рафт,
Шаби шанбаро Ганҷа аз ёд рафт.
Зи чандон зану марду барнову пир
Бурун н-омад овозае ҷуз нафир.
Чу монд ин яке риштагавҳар ба ҷой,
Дигар раҳ шуд он ришта гавҳаргирой.
Ба иқболи ин гавҳари гавҳарӣ
Аз он доира дур шуд доварӣ.
Ба каммуддат он марзи вайронабум
Ба фарри вай ободтар шуд зи Рум.
Дар он рахна мангар, ки аз печу тоб.
Шуд аз мамлакат дур акнун хароб.
Нигар, то бад-ин шоҳи гардунсарир
Дигарбора чун шуд иморатпазир.
Гилинборуяшро зи бас баргу соз
Ба девори заррин бадал кард боз.
Баророст вайронаеро ба ганҷ,
Ба теморе аз мамлакат бурд ранҷ.

Зи ҳар ганҷе ангехт сад гуна боғ,
Барафрӯхт бар хонае сад чароғ.
Чу з-ободӣ он мулкро нур дод,
Харобӣ зи даргоҳи ӯ дур бод!

## ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Зиҳӣ офтобе, ки аз дурдаст
Ба нури ту бинем, дар ҳар чӣ ҳаст.
Чароғ арчи бошад ҳам аз ҷинси нур,
Ҷуз ӯро ба ӯ дид натвон зи дур.
На он шуд кулаҳдории подшоҳ,
Ки дорад ба ганҷина-дар сад кулоҳ.
Кулаҳдорӣ он шуд, ки бар ҳар саре
Ниҳад ҳар замон аз кулоҳ афсаре.
Димоғе, ки он дар сар орад ғурур,
Зи сарҳо ту кардӣ ба шамшер дур.
Чу олӣ бувад рояту рои шоҳ,
Ҳамаш базм фаррух бувад, ҳам сипоҳ.
Туӣ роят аз нусрат ороста,
Тараддуд зи рои ту бархоста.
Каён гар гузаштанд аз ин базмгоҳ,
Ба сарсабзӣ он гаҳ ту дорӣ кулоҳ.
Ту имрӯз бар халқ фармондеҳӣ,
Ба нафси худ аз офариниш беҳӣ.
Кулаҳдори олам туӣ дар ҷаҳон,
Ки аз туст бар сар кулоҳи меҳон.
Зи Ковусу Кайхусраву Кайкубод
Туӣ бешдод, эй беҳ аз пешдод.
Чу дар дод бешию пешит ҳаст,
Сазад, гар шавӣ бар каён пешдаст.
Барой бар ин ҳафт пирӯзакох,
Кунӣ пардаи танги ҳастӣ фарох.
Зи коси Низомӣ яке тоси май
Хурӣ ҳам ба оини Ковусу Кай.
Ситонӣ бад-он тоси тӯсинавоз
Ҳақи «Шоҳнома» зи Маҳмуд боз.
Ду ворис шумор аз ду кони куҳан,
Туро дар сахову маро дар сухан.
Ба воме, ки нодода бошад нахуст,
Ҳақи ворис аз ворис ояд дуруст.
Ман он гуфтаам, к-ончунон кас нагуфт,
Ту он кун, ки он низ натвон ниҳуфт.
Ба гуфтан маро ақл тавфиқ дод,
Ба хондан туро низ тавфиқ бод!
Чу тавфиқи мо ҳарду ҳамраҳ шавад,
Суханро яке поя дар даҳ шавад.
Ба ин гул, ки райҳони боғи ман аст,
Дар айвони ту шабчароғи ман аст.

Баророй маҷлис, барафрӯз ҷом,
Ки ҷуллоб пухтаст дар хуни хом.
Ту май хур, баҳона зи дар дур дор,
Маро лаб ба муҳр аст, маъзур дор.
Ба он ҷом, к-орад дар андеша ҳуш,
Ҳамасола май хӯрданат бод нӯш!
Дилат тоза бодову давлат ҷавон,
Ту бодӣ ҷаҳонро ҷаҳонпаҳлавон!
Қирони ту дар гардиши рӯзгор
Маяфтод чун чархи гардон зи кор.
Баландит бодо чу чархи кабуд,
Ки чарх аз баландӣ наёяд фуруд.
Ду теғе тар аз субҳи шамшери ту,
Сипеҳр аз замин ромтар зери ту.
Дурафшанда теғат адӯсӯз бод!
Дурафши каён аз ту фирӯз бод!
Агарчи ман аз баҳри коре бузург
Фиристодамат ёдгоре бузург,
Мабодо зи ту ҷуз ту кас ёдгор,
В-аз ин ёдгор ин сухан ёд дор!

## ОҒОЗИ ДОСТОН

Сари файласуфони юнонгурӯҳ
Ҷавоҳир чунин орад аз кони кӯҳ,
Ки чун як раҳ он шоҳи гетинаворд
Зи гардиш ба гардун бароворд гард,
Ба Юнонзамин омад аз роҳи дур,
Ватангоҳи пешинаро дод нур.
Зи ромиш суи дониш оворд рой,
Пажӯҳишгарӣ кард бо раҳнамой.
Димоғи фалакро ба андеша суфт,
Дари бастагиҳо кушод аз ниҳуфт.
Суханро нишон ҷуст бар раҳбарӣ
Зи юнонию паҳлавию дарӣ.
Аз он порсӣ дафтари хусравон,
Ки бар ёд будаш чу оби равон,
Зи дигар забонҳои ҳар марзу бум,
Чӣ аз ҷинси Юнон, чӣ аз ҷинси Рум,
Бифармуд, то файласуфон ҳама
Кунанд, он чи дониш бувад, тарҷума.
Зи ҳар дар ба дониш дуре даркашид,
В-аз он ҷумла дарёе омад падид.
Садаф чун зи ҳар гавҳаре гашт пур,
Падид омад аз Рум дарёи дур.
Нахуст ин тирозе, ки баст аз қиёс,
Китобест, к-он ҳаст гетишинос.
Дигар дафтари рамзи рӯҳониён,
К-аз ӯ зинда монанд юнониён.

Ҳамон сифри Искандарӣ, к-аҳли Рум
Бад-ӯ нарм карданд оҳан чу мум.
Хабар ёфтанд аз раҳи кину меҳр,
Ки дар ҳафт гунбад чӣ дорад сипеҳр.
Кунун з-он садафҳои гавҳарфишон
Бурун з-Интиёхис набинӣ нишон.
Чунин чанд навбоваи ақлу рой
Падид омад аз шоҳи кишваркушой.
Бад-он кордонию корогаҳӣ
Чу биншаст бар тахти шоҳаншаҳӣ,
Ишорат чунон шуд зи тахти баланд,
Ки доност наздики мо арҷманд.
Наҷӯяд касе бар касе бартарӣ,
Магар, к-аз тариқи ҳунарпарварӣ.
Зи ҳар пойгоҳе, ки воло бувад,
Ҳунармандро поя боло бувад.
Қарор ончунон шуд, ки наздики шоҳ
Ба дониш бувад мардро пойгоҳ.
Чу давлат ба дониш равон кард маҳд,
Меҳон сӯи дониш намуданд ҷаҳд.
Ҳама рух ба дониш барафрӯхтанд,
Зи фарзонагон дониш омӯхтанд.
Зи фарҳанги он шоҳи донишписанд
Шуд овози Юнон ба дониш баланд.
Кунун, к-он навоҳӣ варақ дарнавашт,
Замон гашту з-ӯ номи дониш нагашт.
Сари навбатӣ, гарчи бар чарх баст,
Ба тоатгаҳаш буд доим нишаст.
Ниҳонхонае доштӣ аз адим,
Бар ӯ ҳеҷ банде на аз зарру сим.
Яке хиргаҳ аз шӯшаи сурхбед
Дар он хиргаҳ афшонда хоки сапед.
Дилаш чун шудӣ сер аз ин домгоҳ,
Дар он хиргаҳ овардӣ оромгоҳ.
Ниҳодӣ кулоҳи каёнӣ зи сар,
Ба хидматгарӣ чуст бастӣ камар.
Задӣ рӯй бар рӯи он хоки пок,
Баровардӣ аз дил даме дарднок.
Зи рафта сипосе барорости,
Ба оянда ҳам ёрие хостӣ.
Ҳар он фатҳ, к-иқболаш овард пеш,
Зи фазли Худо дид,н-аз ҷаҳди хеш.
Дуо карданаш бин, чӣ дар парда буд,
Ҳамоно, ки шоҳе дуо карда буд.
Дуо, к-ояд аз роҳи олудагӣ,
Наёрад магар мағз полудагӣ?
Чу софӣ бувад марди мақсудхоҳ,
Дуо зуд ёбад ба мақсуд роҳ.

Сикандар, ки он подшоҳӣ гирифт,
Ҷаҳонро бад-ин некроҳӣ гирифт.
На з-он ғофилон буд, к-аз руду май
Баду некро барнагиранд пай.
Ба кас - бар ҷаве ҷавр нагзоштӣ,
Ҷаҳонро ба мизон нигаҳ доштӣ.
Агар пирзан буду гар тифли хурд,
Гаҳи додхоҳӣ бад-ӯ роҳ бурд.
Бад-ин ростӣ буд паймони ӯ,
Ки шуд ҳафт кишвар ба фармони ӯ.
Ба тадбири корогаҳон дам кушод,
Зи корогаҳӣ кори олам кушод.
Вагарна яке турки руминкулоҳ
Ба Ҳинду ба Чин кай задӣ боргоҳ?
Шунидам, ки ҳар ҷо, ки рондӣ чу кӯҳ,
Набудӣ дараш холӣ аз шаш гурӯҳ.
Зи пӯлодхоёни шамшерзан
Камар баста будӣ ҳазор анҷуман.
Зи афсунгарон чанд ҷодуи чуст,
К-аз эшон шудӣ банди Ҳорут суст.
Забоновароне, ки вақти шитоб
Кулича рабудандӣ аз офтоб.
Ҳакимони борикбин беш аз он,
Ки ранҷонам андешаи хеш аз он.
Зи пирони зоҳид басе некмард,
Ки дар шаб дуое тавонанд кард.
Ба пайғамбарон низ будаш паноҳ
В-аз ин ҷумла холӣ набудаш сипоҳ.
Чу коре гиреҳ пешбоз омадӣ,
Ба мушкил кушодан ниёз омадӣ,
Зи шаш кавкаба саф бароростӣ,
Зи ҳар кавкабе ёрие хостӣ.
Ба андозаи ҷаҳди худ ҳар касе
Дар он кор ёрӣ намудӣ басе.
Ба чандин рақибони ёригараш
Кушода шудӣ он гиреҳ бар дараш.
Ба тадбири пирони бисёрсол
Ба дастурии ахтари некфол,
Чу з-ин гуна тадбирсоз омадӣ,
Дуаспаш ғараз пешбоз омадӣ.
Куҷо душмане ёфтӣ сахткӯш,
Ки печидӣ аз сахткӯшиш гӯш,
Ба пайғом аввал зар андохтӣ,
Ба зар кори худро чу зар сохтӣ.
Агар душмани зар будӣ душманаш,
Ба оҳан шудӣ кори чун оҳанаш.
Гар оҳан набудӣ бар он дар калид,
Ба афсунгарон чора кардӣ падид.

Гар афсунгар аз чора сар тофтӣ,
Ба марди забондон фарач ёфтӣ.
Чу захми забон ҳам набудӣ писанд,
Зи рои ҳакимон шудӣ баҳраманд.
Зи чора ҳаким ар ҳаросон шудӣ,
Ба зуҳду дуо сахтӣ осон шудӣ.
Гар аз зоҳидон будӣ он кор беш,
Ба пайғамбарон бурдӣ он кор пеш.
В-агар з-ин ҳама беш будӣ шумор,
Ба Эзад паноҳидӣ анҷоми кор.
Паноҳандаи бахти бедори ӯ
Шудӣ ёри ӯ, сохтӣ кори ӯ.
Зи ҳар ибра, к-андар шумор омадаш,
Намудори ибрат ба кор омадаш.
Зи базми тараб то ба шуғли шикор
Надидӣ ба бозича дар ҳеҷ кор.
Яке рӯз май хӯрдан оғоз кард,
Дари хуррамӣ бар ҷаҳон боз кард.
Ба ромиш нишастанд ромишгарон,
Кашиданд базме карон то карон.
Сарояндае буд дар базми шоҳ,
Ки шаҳро дар ӯ беш будӣ нигоҳ.
Вашиҷомае доштӣ ҳафтранг,
Чу гул тору пудаш бароварда танг.
Тамошои он ҷомаи нағзбоф
Дили шоҳро дода бар вай тавоф.
Бар он ҷомаи чун гул афрӯхта
Зи карбоси хом остар дӯхта.
Худованди он ҷомаи нағзкор,
Гаронҷома з-ӯ то басе рӯзгор
Зи бас захмаи дуду тороҷи гард
Вашипӯшро ҷома шуд солх(в)ард.
Чу хандид бар якдигар тору пуд,
Сарояндаро охир омад суруд.
Куҳанҷомаро дод созе дигар,
Вашӣ зер кард, остар бар забар.
Чу дар чашми шоҳ омад он ранги зишт,
Бад-ӯ гуфт, к-эй мудбири бадсиришт,
Чаро парраи сурхгул рехтӣ,
Ба хори муғелон даровехтӣ?
Ҳарират чаро гашт бар тан палос,
Чӣ дорӣ шаба пеши гавҳаршинос?
Замин бӯса дод он сароянда мард,
Ба ҷону сари шоҳ савганд х(в) ард,
Ки ин ҷома буд, он ки буд аз нахуст,
Зи бумаш дигаргуна нақше наруст.
Ҷуз он нест, к-аз ту амал кардаам,
Дарунро ба берун бадал кардаам,

Халақ буд берун, ниҳуфтам зи шоҳ,
Халақтар шудам, чун дарун ёфт роҳ.
Шаҳ аз посухи марди дастонсарой
Фурӯ монд саргашта лахте ба ҷой.
Аз он пас ки хулқони ӯ тоза кард,
Ба хулқаш карам беш аз андоза кард.
Зи гиря бипечиду дар гиря гуфт,
Ки пӯшида беҳ рози мо дар ниҳуфт.
Гар аз рози мо баркушоянд банд,
Бигирад ҷаҳон дар ҷаҳон бӯи ганд.
Чу аз нақши дебои румитироз
Сари айб з-ин сон кушоянд боз,
Беҳ, ар мо дар ин миҷмари нуқрапӯш
Чу уди сияҳ барнадорем ҷӯш,
Ки хубон ба хокистари уду бед
Кунанд аз сари ханда дандон сафед.

## ДАР ИН КИ ЧАРО ИСКАНДАРРО ЗУЛҚАРНАЙН ГӮЯНД

## МУҒАННИНОМА

Бисоз, эй муғаннӣ, раҳи дилписанд
Бар автори ин арғунуни баланд,
Раҳе, к-он зи меҳнат раҳоӣ диҳад,
Ба торикшаб рӯшноӣ диҳад.

## ДОСТОН

Суханро нигорандаи чарбдаст
Ба номи Сикандар чунин нақш баст,
Ки соҳибдуқарнаш бад-он буд ном,
Ки бар машриқу мағриб овард гом.
Ба қавли дигар, он ки бар ҷоми Ҷам
Дудастӣ задӣ теғ чун субҳдам.
Ба қавли дигар, к-ӯ басечида дошт,
Ду гесу паси пушт печида дошт.
Ҳамон қавли дигар, ки дар вақти хоб
Ду қарни фалак бистад аз офтоб.
Дигар достоне зад омӯзгор,
Ки умраш ду қарн омад аз рӯзгор.
Дигаргуна гӯяд ҷаҳонфайласуф,
Абӯмаъшар андар китоби «Улуф»,
Ки чун бар Сикандар саромад замон,
Набуд он халал халқро дар гумон.
Зи муҳраш, ки юнониён доштанд,
Ба коғаз – бараш нақш бингоштанд.
Чу бар ҷои худ килки суратгараш
Баророст ороише дарх(в)араш.

Ду нақши дигар баст пайкарнигор,
Яке бар ямину яке бар ясор.
Ду қарн аз сари ҳайкал ангехта,
Ба ӯ лоҷварду зар омехта.
Лақаб кардашон марди ҳайатшинос
Ду фаррухфаришта зи рӯи қиёс,
Ки дар пайкаре, к-Эзад ороста,
Фаришта бувад бар чапу росташ.
Чу он ҳар се пайкар бад-он дилбарӣ,
Ки бурд аз ду пайкар беҳипайкарӣ,
Зи Юнон ба дигар савод уфтод,
Ҳадиси Сикандар бад-ӯ кард ёд.
Сано рафт аз эшон ба ҳар марзу бум
Ба ороиши дасткорони Рум.
Араб чун бад-он дида бигмоштанд,
Сикандар дигар сурат ангоштанд.
Гумон будашон, к-он чи қарнаш дар аст,
На фаррухфаришта, ки Искандар аст.
Аз ин рӯй дар шубҳат афтодаанд,
Ки соҳибдуқарнаш лақаб додаанд.
Ҷуз ин гуфт бо ман худованди ҳуш,
Ки берун аз андоза будаш ду гӯш.
Бар он гӯш чун тоҷи ангехта
Зи зар доштӣ тавқе овехта.
Зи зар гӯшро ганҷдон доштӣ,
Чу ганҷаш зи мардум ниҳон доштӣ.
Ба ҷуз сартароше, ки будаш ғулом,
Суи гӯши ӯ кас накардӣ паём.
Магар, к-он ғулом аз ҷаҳон даргузашт,
Ба дигар тарошанда муҳтоҷ гашт.
Тарошанда устоде омад фароз,
Ба пӯшидагӣ мӯи ӯ кард боз.
Чу мӯй аз сари марзбон боз кард,
Бад-ӯ марзбон нармак овоз кард,
Ки гар рози ин гӯши пирояпӯш
Ба гӯш оварам, к-оварад кас ба гӯш,
Чунонат диҳам гӯшмоли нафас,
Ки ногуфтаниро нагӯӣ ба кас.
Шуд он марду он ҳалқа дар гӯш кард,
Сухан не, забонро фаромӯш кард.
Нагуфт ин сухан бо касе дар ҷаҳон,
Чу куфраш ҳамедошт дар дил ниҳон.
Зи пӯшидани роз шуд рӯйзард,
Ки пӯшидарозӣ дил орад ба дард.
Яке рӯз пинҳон бурун шуд зи кох,
Зи дилтангӣ омад ба даште фарох.
Ба байғулае дид чоҳе шигарф,
Фиканд он суханро дар он чоҳи жарф,

Ки шоҳи ҷаҳонро дароз аст гӯш,
Чу гуфт ин сухан, дил тиҳӣ шуд зи ҷӯш,
Суи хона омад ба оҳистагӣ,
Нигаҳ дошт муҳри забонбастагӣ.
Ханида чунин шуд, к-аз он чоҳ чуст
Бар оҳанги он нола ноле бируст.
Зи чаҳ сар бароварду боло кашид,
Ҳамон дасти дузде ба коло кашид.
Шубоне биёбонӣ омад зи роҳ,
Нае дид баррустa аз қаъри чоҳ.
Ба расми шубонон аз ӯ пеша сохт,
Нахусташ бизад захм в-он гаҳ навохт.
Дили худ дар андеша нагзоштӣ,
Ба он най дили хеш хуш доштӣ.
Бурун рафта буд шоҳ рӯзе ба дашт,
Дар он дашт бар марди чӯпон гузашт.
Нае дид, к-аз дур мезад шубон,
Шуд он марз шӯрида бар марзбон.
Чунон буд дар нолаи най ба роз,
Ки дорад Сикандар ду гӯши дароз.
Дар он доварӣ соате пай фишурд,
Ба оҳанги сомони ӯ пай набурд.
Шубонро ба худ хонду пурсид роз,
Шубон рози он най бад-ӯ гуфт боз,
Ки ин най зи чоҳе баромад баланд,
Ки ширинтар аст аз наистони қанд.
Ба захми худаш кардам аз захм пок,
Нашуд захмазан, то нашуд захмнок.
Дар ӯ ҷон наю ишқи ҷони ман аст,
Бад-ин безабонӣ забони ман аст.
Шигифт омад ин достон шоҳро.
Ба сар бурд сӯи ватан роҳро.
Чу биншаст, хилват фиристод кас
Тарошандаро сӯи худ хонду бас.
Бад-ӯ гуфт, к-«эй марди оҳистарой,
Суханҳои сарбастаро сар кушой,
Ки рози маро бо кӣ пардохтӣ?
Суханро ба гӯши кӣ андохтӣ?
Агар гуфтӣ, озодӣ аз тундмеғ,
В-агарна саратро бурад сели теғ».
Тарошанда, к-ин достонро шунид,
Беҳ аз рост гуфтан ҷавобе надид.
Нахустин ба нӯги мижа роҳ руфт,
Дуо карду бо он дуокарда гуфт,
Ки «чун шоҳ бо ман чунон кард аҳд,
Ки бурқаъ кашам бар арӯсони маҳд,
Аз он рози пинҳон дилам суфта шуд,
Ҳикоят ба чоҳе фурӯ гуфта шуд.

Нагуфтам ҷуз ин бо кас, эй некрой,
В-агар гуфтаам, бод хасмам Худой!»
Чу шаҳ дид рози ҷигарсуфти ӯ,
Дурустӣ талаб кард бар гуфти ӯ.
Бифармуд, к-орад рақибе шигарф
Наи нолапарвард аз он чоҳи жарф.
Чу дар пардаи най нафас ёфт роҳ,
Ҳамон рози пӯшида бишнид шоҳ.
Шуд огаҳ, ки дар арзгоҳи ҷаҳон
Нуҳуфтидаи кас намонад ниҳон.
Ба некӣ сарояндаро ёд кард,
Шуд озоду аз теғаш озод кард.
Чунон дон, ки аз ғунчаи лаълу дур
Шукуфа кунад, ҳар чӣ он гашт пур.
Бухоре, ки дар санги хоро шавад,
Саранҷоми кор ошкоро шавад.

## ДОСТОНИ ИСКАНДАР БО ШУБОНИ ДОНО

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биё з-аввали субҳи бом,
Бизан захмаи пухта бар руди хом.
Аз он захма, к-ӯ рӯди об оварад,
Зи савдои беҳуда хоб оварад.

### ДОСТОН

Чунин гӯяд он нағзгӯянда пир,
Ки дар файласуфон набудаш назир,
Ки румикамар шоҳи чиникулоҳ
Нишаст аз бари гоҳ рӯзе пагоҳ,
Ба тоқи ду абрӯ баровარда хам,
Гиреҳ баста бар хандаи ҷоми Ҷам.
Маҳе дошт тобанда чун офтоб,
Зи буҳрони таб ёфта ранҷу тоб.
Шикаста ҷаҳон ком дар коми ӯ,
Расида ба навмедӣ анҷоми ӯ.
Дили шаҳ, ки оинае буд пок,
Аз он дардмандӣ шуда дарднок.
Бифармуд, то кордонони Рум
Хироманд наздаш зи ҳар марзу бум.
Магар чораи он париваш кунанд,
Дили нохуши шоҳро х(в)аш кунанд.
Касоне, ки дар парда маҳрам шуданд,
Дар он доваригаҳ фароҳам шуданд.
Дар он таб басе чораҳо сохтанд,
Танашро зи тобиш напардохтанд.

На он сурхсеб аз табиш гашт беҳ,
На з-абрӯи шаҳ дур гашт он гиреҳ,
Аз он ҷо, ки шаҳ дил дар ӯ баста буд,
Зи темори бемор дилхаста буд.
Фуруд омад аз тахту бар шуд ба бом,
Ки шӯрида камтар пазирад мақом.
Яке лаҳза пиромани бом гашт,
Назар кард аз он бом бар кӯҳу дашт,
Дар он пастӣ аз боми қасри баланд
Шубон диду дар пеши ӯ гӯсфанд.
Ҳумоюн яке пири бофарруҳуш,
Кулоҳу сараш ҳарду кофурпӯш.
Дар он дашт мегашт бемашғала,
Гаҳаш дар гиё рӯю гаҳ дар гала.
Дилаш з-он шубон андаке баркушод,
Ки зебоманиш буду зиракниҳод.
Фиристод, к-оранд аз ҷои паст
Бар он хусравӣ боми олинишаст.
Рақибон ба фармони шаҳ тохтанд,
Шубонро ба хондан сар афрохтанд.
Даромад шубона ба наздики шоҳ,
Саропардае дид бар авҷи моҳ.
Хабар дошт, к-он Садди искандарист,
Намудори фолаш баландахтарист.
Замин бӯса додаш, ки парварда буд,
Дигар хидмати хусравон карда буд.
Пас он гоҳ шоҳаш бари хеш хонд,
Ба густохияш нуктае чанд ронд.
Бад-ӯ гуфт, к-аз қиссаи кӯҳу дашт
Фурӯ хон ба ман-бар яке саргузашт,
Ки дилтангам аз гардиши рӯзгор,
Магар хуш кунам дил ба омӯзгор».
Шубон гуфт, к-«эй хусрави тахтгир,
Ба тоҷи ту олам иморатпазир.
Зи тахти зарат мулк пурнур бод,
Зи тоҷи сарат чашми бад дур бод!
Нахустам хабар деҳ, ки то шаҳрёр
Зи баҳри чӣ бар хотир орад ғубор?
Бидон, то сухангӯ бад-он раҳ барад,
Сухан гуфтани ӯ бад-он дарх(в)арад».
Писандид шоҳ аз шубон ин сухун,
Ки он қиссаро бозҷуст аслу бун.
Нагуфт аз сари доду динпарварӣ
Сухан чун биёбониён сарсарӣ.
Бад-ӯ ҳоли он нӯшлаб бозгуфт,
Шубон чун шуд огаҳ зи рози ниҳуфт,
Дигарбора хоки замин бӯса дод
В-аз он беҳ дуое дигар кард ёд.

## АФСОНАГӮИИ ШУБОН

Чунин гуфт, к-«он гаҳ, ки будам ҷавон,
Накардам ба ҷуз хидмати хусравон.
Аз он базмдорон, ки ман доштам
В-аз эшон сари худ барафроштам,
Маликзодае буд дар шаҳри Марв,
Баҳиталъате чун хироманда сарв.
Саҳисарвро карда болош паст,
Димоғи гул аз хубрӯиш маст.
Арӯсе зи поинпарастони ӯ,
К-аз ӯ буд хуррам шабистони ӯ,
Шуд аз гӯшаи чашмзахме нажанд,
Таб омад, шуд он нозанин дардманд.
Дар он таб, ки ҷуз доғи дуде надошт,
Басе чора карданду суде надошт.
Саҳисарв ларзанда чун бед гашт,
Бад-он ҳад, к-аз ӯ халқ навмед гашт.
Маликзода чун дид, к-он дилситон
Ба кори аҷал гашт ҳамдостон,
Аз он пеш, к-он заҳр бояд чашид,
Аз он нӯшлаб хештан даркашид,
Зи навмедии ӯ ба якборагӣ
Гирифт аз ҷаҳон роҳи оворагӣ.
Дар он ноҳият буд аз андеша дур,
Биёбоне аз кӯҳу аз беша дур.
Басе водию ғори вайрон дар ӯ,
Куноми палангону шерон дар ӯ,
Дар он рустаниро на беху на барг,
Ба ном он биёбон Биёбони Марг.
Касе, к-ӯ шудӣ ноумед аз ҷаҳон,
Дар он меҳнатобод гаштӣ ниҳон.
Надиданд касро, к-аз он шӯрадашт
Ба маъвогаҳи хештан бозгашт.
Маликзода з-андӯҳи он ранҷи сахт
Суи он биёбон гироид рахт.
Рафиқе вафодори дерина дошт,
Ки меҳри маликзода дар сина дошт,
Хабар дошт, к-он шоҳи андӯҳнок
Дар он раҳ кунад хештанро ҳалок.
Чу duздони раҳ рӯйро бозбаст,
Суи ӯ хиромид теғе ба даст.
Бинашнохт, бонге бар ӯ зад баланд,
Бар ӯ ҳамлае бурду ӯро фиканд.
Чу афканда будаш чу сарви равон,
Фурӯҳишт бурқаъ ба рӯи ҷавон.
Суи хонаи худ ба як турктоз
Ба чашми фурӯбасташ овард боз.

Ниҳонхонае дошт дар зери хок,
Нишондаш дар он хона андӯҳнок.
Яке з-устуворон бар ӯ баргумошт,
К-аз ӯ рози пӯшида пӯшида дошт.
Ба обею ноне қаноат намуд,
В-аз ин беш чизеш рухсат набуд.
Маликзода зиндонию мустаманд,
Дилу дидаву даст ҳар се ба банд,
Фурӯ монд саргашта дар кори хеш,
Ки норафта чун омад он роҳ пеш.
Ҷавонмард, к-ӯ буд ғамхори ӯ,
Камар баст дар чораи кори ӯ.
Арӯси табишдидаро чора сохт,
Дилашро ба сад гуна шарбат навохт.
Табибе талаб кард иллатшинос,
Гаронмояро дошт якчанд пос.
Парирух зи дармони он чирадаст
Аз он тобу он таб ба якбора раст.
Ҳамон оби рангаш даромад,`ки буд,
Тамошо талаб карду шодӣ намуд.
Чу гашт аз даво ёфтан тандуруст,
Давои дили хешро бозҷуст.
Ҷавонмард чун дид, к-он хубчеҳр
Маликзодаро ҷӯяд аз баҳри меҳр,
Шабе хона аз уд пуртиб кард,
Яке базми шоҳона тартиб кард.
Чу орост он базми чун навбаҳор,
Нишонд он гули сурхро бар канор.
Шуд, овард шоҳи назарбастаро,
Маҳе аз дами аждаҳо растаро.
Зи рух банди бурқаъ барандохташ,
Дар он базмгаҳ бурду бинвохташ.
Маликзода чун як замон бингарид,
Маю маҷлису нуқлу маъшуқа дид,
Аз он дӯзахи тангу торику зишт
Ҳамаш ҳур ҳосил шуда, ҳам биҳишт.
Чи гӯям, ки чун буд аз ин хуррамӣ,
Бувад шарҳ аз ин беш номаҳрамӣ.
Шаҳаншаҳ чу гуфти шубон кард гӯш,
Ба мағзи рамида баровард ҳуш.
Баросуд аз он ранҷу ором ёфт,
К-аз он пири пухта майи хом ёфт.
Дар ин буд хусрав, ки аз базми хос
Бурун омад овозае бар халос,
Ки он меҳрубонмоҳи хусравпараст
Ба иқболи шаҳ атсае доду раст.
Шубон чун ба шаҳ некхоҳӣ расонд,
Мудорои шоҳаш ба шоҳӣ расонд.

Касеро,   ки покӣ бувад дар сиришт,
Чунин қиссаҳо з-ӯ тавон дарнавишт.
Ҳунар тобад аз мардуми гавҳарӣ,
Чу нур аз Маҳу тобиш аз Муштарӣ.
Шиносанда гар нест шӯридамағз,
Набаҳра шиносад зи динори нағз.
Касе,   к-ӯ сухан бо ту нағз оварад,
Ба дил бишнаваш, к-он зи мағз оварад.
Забоне,  ки дорад сухан носавоб,
Ба хомӯшияш дод бояд ҷавоб.

## АФСОНАИ АРШИМЕДИС БО  КАНИЗАКИ ЧИНӢ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, яке нағма бинвоз зуд,
К-аз андеша дар мағзам афтод дуд.
Чунон баркаш он нағмаи нағзро,
Ки сокин кунӣ дар сар ин мағзро.

### ДОСТОН

Ҳам аз файласуфони он марзу бум
Чунин гуфт пире зи пирони Рум,
Ки буд аз надимони хусравхиром
Ҳунарпешае, Аршимедис ба ном.
Зи юнониён муҳташамзодае,
Надида чу ӯ гетӣ озодае.
Хазина басе дошт хубӣ басе,
Ба Юнон набуд хубтар з-ӯ касе.
Хирадманду бо рою фарҳангу ҳуш,
Ба таълими доно, кушояндагӯш.
Арастуш фарзанди худ ном кард,
Ба таълими ӯ хона бадром кард.
Сикандар бад-ӯ дод девони хос,
К-аз ӯ дид ғамхорагонро халос.
Канизе, ки хоқон бад-ӯ дода буд,
Ба Рус он ҳама размаш афтода буд.
Бад-он хубрӯи ҳунарпеша дод
Ҳунарпешаро дил ба андеша дод.
Чу сайёдро оҳу омад ба даст,
Нашуд сер аз он оҳуи ширмаст.
Бад-он турки чинӣ чунон дил супурд,
Ки ҳиндуи ғам рахташ аз хона бурд.
Зи машғулии ӯ басе рӯзгор
Наёмад ба таълими омӯзгор.
Сароянда устодро рӯзи дарс
Зи таълими ӯ дар дил афтод тарс,

Ки гӯӣ чӣ раҳ зад ҳунарпешаро,
Чӣ шӯрид дар мағзаш андешаро?
Ба таълими ӯ буд шогирд сад,
Ки омӯхтандӣ аз ӯ неку бад.
Агар Аршимедис набудӣ ба ҷой,
Наваднуҳ будандӣ бад-ӯ раҳнамой.
Сарояндаро баста гаштӣ сухан,
К-аз он сикка нав буд нақши куҳан.
В-агар будӣ ӯ яктана ёдгир,
Сухангӯйро баркушодӣ замир.
Ниюшанда яктан, ки бихрад бувад,
Зи нобихрадон беҳтар аз сад бувад.
Ҳунарпешаро пеш хонд устод,
Ки чун аст, к-аз мо наёрӣ ту ёд?
Чӣ машғулӣ аз донишат боздошт?
Ба бедонишӣ умр натвон гузошт.
Чунин боздод Аршимедис ҷавоб,
Ки бар ташнаи роҳ зад ҷӯи об.
Маро бештар з-он ки бинвохт шоҳ,
Ба ман дод чиниканизе чу моҳ.
Ҷавонею з-он сон буте хубчеҳр
Бад-он меҳрубон чун набошам ба меҳр?
Бад-он сайд вомондаам з-ин шикор,
Ки якдил набошад диле дар ду кор.
Чу донист устод, к-он тезҳуш
Ба шаҳватпарастӣ баровард ҷӯш,
Бигуфт: Он парирӯйро пеши ман
Бибояд фиристод беанҷуман.
Бибинам, ки тороҷи он турктоз
Туро аз сари илм чун дошт боз».
Шуд он бутпарастанда фармонпазир,
Фиристод бутро ба донои пир.
Баромехт доно яке талхҷом,
Ки аз тан бурун оварад хилти хом.
На хилте, ки ҷонро газоиш кунад,
Вале он ки хунро физоиш кунад.
Бипардохт аз шахси ӯ мояро,
Дуто кард сарви саҳисояро,
Фузуле, к-аз он моя омад ба зер,
Ба таште дарандохт доно далер.
Чу пур кард аз ахлот он моя ташт,
Бути хуб дар дида нохуб гашт.
Тароват шуд аз рӯю равнақ зи ранг,
Шуд аз нуқраи зайбақӣ обу санг.
Бихонд он ҷавони ҳунармандро,
Бад-ӯ дод маъшуқи дилбандро,
Ки бистон дилороми худро ба ноз,
Бибар шодмона суи хона боз.

Ҷавонмард чун дар санам бингарист,
Ба устод гуфт: «Ин зани зишт кист?
Куҷо, он ки ман дӯстдораш будам?
Ҳамасола дар банди кораш будам?»
Бифармуд доно, ки аз ҷои хеш
Биёрандаш он ташти пӯшида пеш.
Сари ташти пӯшидаро баргирифт.
Дар он доварӣ монд гетӣ шигифт.
Бад-ӯ гуфт, к-ин буд дилороми ту,
Бад-ин буд машғулии коми ту.
Далел он ки то пайкари ин каниз
Аз ин буд пур, буд пешат азиз.
Чу ин моя дар тан намедонияш,
Ба сурат зани зишт мехонияш.
Чӣ бояд зи хун хилт пардохтан,
Бад-ин хилту хун ошиқӣ сохтан?
Марез оби худро дар ин тирахок,
К-аз ин об шуд одамӣ тобнок.
Дар ин қатраи оби норехта,
Басе хуррамиҳост омехта.
Ба чандин канизони вахшинажод
Мадеҳ хирмани умри худро ба бод.
Яке ҷуфти танҳо туро бас бувад,
Ки бисёркас марди бекас бувад.
Аз он мухталифранг шуд рӯзгор,
Ки дорад падар ҳафту модар чаҳор.
Чу якранг хоҳӣ, ки бошад писар,
Чу дил бош якмодару якпадар.
Чу дид Аршимедис, ки донои Рум
Чӣ гуна кашид ангубинро зи мум,
Ба узре чунин пои ӯ бӯса дод,
В-аз он пас назар сӯи дониш ниҳод,
Валекин дилаш майли он моҳ дошт,
Ки алҳақ фиребанда дилхоҳ дошт.
Дигар раҳ чу сабзӣ даромад ба шох,
Саҳисарвро гашт майдон фарох.
Бунафша дигарбора шуд мушкпӯш,
Сари наргис омад зи мастӣ ба ҷӯш.
Гули рӯи он турки чинӣ шукуфт,
Шамол омаду роҳи майхона руфт.
Дили Аршимедис даромад ба кор
Чу мурғони парранда бар шохсор.
Зи таълими доно фурӯ баст гӯш,
Дари айш бикшод бар нозу нӯш.
Паривор бо он паричеҳра зист,
Чӣ эмин касе, к-ӯ ниҳон чун парист.
Итоби худ устод аз ӯ дур дошт,
Дилашро бад-он ишқ маъзур дошт.

Чу бигзашт аз ин достон як-ду сол,
Ғизола шуд аз чашми чиниғизол.
Гули сурх бар домани хок рехт,
Сароянда булбул зи бустон гурехт.
Фурӯ хӯрд хок он паризодаро,
Чунон чун паризодагон бодаро.
Фалак пештар з-ин ки озода буд,
Аз он беҳ канизе маро дода буд.
Ҳамон меҳру хидматгарӣ пеша дошт,
Ҳамон кордонӣ дар андеша дошт.
Пиёда ниҳода рухаш моҳро,
Фарас тарк карда басе шоҳро.
Хуҷастагуле, хуни ман х(в)арди ӯ,
Ба ҷуз ман на кас дар ҷаҳон марди ӯ.
Ду чашми маро чашмаи нур кард,
Зи чашми манаш чашми бад дур кард.
Рабоянда чарх ончунонаш рабуд,
Ки гуфтӣ, ки то буд, ҳаргиз набуд.
Ба хушнудие, к-он маро буд аз ӯ,
Чӣ гӯям, Худо бод хушнуд аз ӯ!
Маро толиъе турфа ҳаст аз сухан,
Ки чун нав кунам достони куҳан,
Дар он ид, к-он шаккарафшон кунам,
Арӯсе шакарханда қурбон кунам.
Чу ҳалвои Ширин ҳаме сохтам,
Зи ҳалвогарӣ хона пардохтам.
Чу бар ганҷи Лайлӣ кашидам ҳисор,
Дигар гавҳаре кардам он ҷо нисор.
Кунун низ чун шуд арӯсӣ ба сар,
Ба ризвон супурдам арӯсе дигар.
Надонам, ки бо доғи чандин арӯс
Чӣ гуна кунам қиссаи Руму Рус.
Беҳ, ар н-орам андӯҳи пешина пеш,
Бад-ин достон хуш кунам вақти хеш.

## АФСОНАИ МОРИЯИ ҚИБТИЯ

### МУТРИБНОМА

Муғаннӣ, «Раҳи бостонӣ» бизан,
Муғона «Навои муғонӣ» бизан.
Мани бенаворо ба он як наво
Гиромӣ куну гармтар кун ҳаво.

### ДОСТОН

Гузинфайласуфи ҷаҳонозмой
Суханро чунин кард бурқаъкушой,

Ки қибтизане буд дар мулки Шом,
Зи мири падар Морияш карда ном,
Басе қалъаи номвар дошта,
Зи бедоди бадхоҳ бигзошта.
Бад-ӯ гашта бадхоҳи ӯ чирадаст,
Ба кораш даровардa гетӣ шикаст.
Чу кораш зи душман ба ҷон омада,
Ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон омада.
Бад-он, то бихоҳад зи шаҳ доди хеш,
Шавад хуррам аз мулки ободи хеш.
Ба дастури шаҳ бурд худро паноҳ,
Бад-он доварӣ гашт аз ӯ додхоҳ.
Чу дидаш, ки дастури донишпажӯҳ
Диҳад дарси дониш ба чандин гурӯҳ,
Аз он додхоҳӣ ҳаросон шуда,
Бар ӯ донишомӯзӣ осон шуда.
Дил аз қиссаи доду бедод шуст,
Ба таълими дониш камар баст чуст.
Ба хидматгарӣ пеши донои даҳр
Парастандае гашт густохбаҳр.
Зи дигар канизони поинпараст
Ҷуз ӯ кас нашуд маҳрами обдаст.
Зи парҳезкорӣ, ки буд устод,
Назар баст ҳар гаҳ, ки ӯ рух кушод.
Зи дасте чунон, к-об аз ӯ мечакид,
Ҷуз обе, ки бар дасташ омад, надид.
Чу зан дид, к-устоди парҳезгор,
Ки кофури ӯ гашт кофурхор,
Зи майле, ки бошад занонро ба мард,
Ҳавои дилаш гашт якбора сард.
Маниш дод дар дониш омӯхтан,
Басомон шуд аз донишандӯхтан.
Арастуи доно бад-он дилнавоз
Дари дониши хеш бикшод боз.
Басе дур бар он дурри носуфта суфт,
Басе гуфтаниҳои ногуфта гуфт.
Аз он илм, к-осон наёяд ба даст,
Якояк хабар додаш аз ҳар чӣ ҳаст.
Зани донишомӯзи донишсиришт
Чу лавҳе зи ҳар донише дарнабишт.
Сӯи кишвари хештан кард рой,
Ки расми ниёро биёрад ба ҷой.
Бад-он доварӣ дастгоҳе надошт,
Ба оини худ барги роҳе надошт.
Чу дастури доно чунин дид кор,
Ки беганҷ натвон шудан шаҳрёр,
Бар он ҷавҳар андохт иксири зар,
Ба иксири худ кардаш иксиргар.

Бад-он кимиё Мория мир гашт,
Лақабномаи илми иксир гашт.
Чу аз дониши хеш дастури шоҳ
Ба ганҷе чунон додаш он дастгоҳ.
Ба дастурии шаҳ суи кишвараш
Фиристод бо ганҷу бо лашкараш.
Шитобанда чун сӯи кишвар шитофт,
Ба оҳистагӣ мамлакат боз ёфт.
Чунон гашт мустағнӣ аз сову боҷ,
Ки бардошт аз кишвари худ хироҷ.
Ба иксиркорӣ чунон шуд тамом,
Ки кардӣ зари пухта аз сими хом.
Зи бас зар, ки он симтан соз кард,
Дари ганҷ бар хокиён боз кард.
Чи зар, дар тарозуи он кас, чи санг,
Кӣ орад зари бетарозу ба чанг?
Зи лашкаргаҳаш кас наёмад ба даст,
Ки бар борагӣ наъле аз зар набаст.
Ба даргоҳи ӯ ҳар кӣ сар доштӣ,
Агар хар будӣ, зини зар доштӣ.
Зи бас зар, ки бар зевар анбоштанд,
Сагонро ба занҷири зар доштанд.
Гурӯҳе, ҳакимони донишпараст
Зи асбоби дунё шуда тангдаст,
Аз он ганҷи пинҳон хабар ёфтанд,
Ба дидори ганҷина биштофтанд.
Намуданд хоҳиш бад-он кони ганҷ,
Ки дарвешӣ овард моро ба ранҷ,
Надонем чун дигарон пешае,
Магар дар ҷаҳон кардан андешае.
Зи касби ҷаҳон доман афшондаем,
Ба қути яке рӯз дармондаем.
Тавонад, ки бонуи оҷизнавоз
Кушояд ба мо-бар дари ганҷ боз.
Даромӯзад аз рою тадбири хеш
Ба мо чизе аз илми иксири хеш.
Ҷаҳонро чунин ганҷи гавҳар басест,
Калиди дари ганҷ бо ҳар касест.
Магар қутро чорасозӣ кунем,
Зи халқи ҷаҳон бениёзӣ кунем.
Зани корпирои равшанзамир
Бад-он хоста гашт хоҳишпазир.
Яке манзаре буд бо обу ранг,
Муқарнас баровардa аз хорасанг.
Арӯсона бар шуд бар он ҷилвагоҳ,
Паранде сияҳ баста бар гирди моҳ.
Баромуда чун наргису мушкбед
Ба мӯи сияҳ мухраҳои сапед.

Салибе ду гесӯи мушкинкаманд
Дар он муҳра оварда бо печу банд.
Ба наззорагон гуфт: «Гесӯи ман
Бибинед дар тоқи абрӯи ман.
Намудори иксири пинҳониям,
Бибинед дар субҳи пешониям».
Ниюшандагонро дар он доварӣ
Ғалат шуд забон з-он забоноварӣ.
Яке гуфт ишорат бад-он муҳра буд,
Ки шаффофу тобанда чун Зуҳра буд.
Яке рози пӯшида аз мӯй ҷуст,
Ки он муҳра бо мӯй дид аз нахуст.
Гирифтанд ҳар як пай он пешаро,
Хилофе падид омад андешаро.
Аз он қисса ҳар як даме мешумурд,
Ба фарҳанги доно касе пай набурд.
Дигар рӯз хоҳиш бароростанд,
Дар он боб фасле дигар хостанд.
Парирӯй бар тоқи манзар нишаст,
Нишонд он тане чандро зери даст.
Сухан ронд аз ганҷи дархоста,
Чу сарбаста ганҷе баророста.
Ҳадиси сари кӯҳу мардумгиё,
Ки созанд аз ӯ зиракон кимиё.
Ҳамон санги аъзам, ки кони зар аст,
Сухан бин, ки чун кимиёпарвар аст.
Ба пӯшидагӣ кард рамзе падид
Дар ӯ оҳанинқуфли зарринкалид.
Ба доно расид ин сухан, ганҷ ёфт,
Ба нодон расид, андуҳу ранҷ ёфт.
Гар он кимиёро гуҳар дар гиёст,
Гиёи қалам гавҳари кимиёст.
Аз он кимиё бо ҳама чарбдаст,
Дареғе начандон ки хоҳанд, ҳаст.
Касеро бувад кимиё дар навард,
Ки ӯ ишваи кимиёгар нах(в)ард.

## АФСОНАИ ХУРОСОНӢ ВА ФИРЕБ ДОДАНИ ХАЛИФА

Шунидам, хуросоние буд чуст,
Ба Бағдод шуд, чун шудаш кор суст.
Даме чанд бар кор кард, эй шигифт,
Хуросонӣ омад, дамаш даргирифт.
Аз он дам, ки аҳли Хуросон кунанд,
Ба бағдодиён бозӣ осон кунанд.
Ҳазораш адад буд мисрӣ чу мум,
Заре, к-ончунон зар набошад ба Рум.

Ба сӯҳон якояк ҳама хурд суд,
Баромехташ бо гили сурх зуд.
В-аз он сурхгил муҳрае чанд сохт,
Ба он муҳраҳо бин, ки чун муҳра бохт!
Ба атторе он муҳраҳо баршумурд,
Ба муҳри худ он муҳра ӯро супурд,
Ки ин муҳра дар ҳуққае неҳ ба роз,
Зиҳӣ муҳрадузду зиҳӣ муҳрабоз!
Ба диноре ин бар ту бифрӯхтам,
В-аз ӯ кисаи суд бардӯхтам.
Чу вақт ояд инро, ки дорӣ ба ранҷ,
Ба даҳ бозхаррам, зиҳӣ кони ганҷ!
Бипурсид аттор, к-инро чӣ ном?
Бигуфто: «Табаряк». Сухан шуд тамом.
Зи дукони аттор чун боз гашт,
Ба афсунгарӣ кимиёсоз гашт.
Ба дорулхилофа хабар боздод,
Ки иксирие омадаст устод.
Манам восили кимиё дар ниҳуфт,
Ба гавҳаршиносӣ касам нест ҷуфт.
Амалҳои ман чун дарояд ба кор,
Яке даҳ кунад, даҳ саду сад ҳазор.
Дурустӣ садам дод бояд нахуст,
Ки гардад ҳазор аз ман он сад дуруст.
Ҳамон устуворони мардумшинос
Ба ман баргуморанду доранд пос.
Гар ояд зи ман дасткоре шигарф,
Наёранд бо ман дар ин кор ҳарф,
Ва гар хоҳам аз ростӣ даргузашт,
Зи ман хуну сар в-аз шумо теғу ташт.
Халифа чу иксирсозӣ шунид,
Ба ишва заре доду заркe харид.
Ба афсуни рубоҳӣ, он шермард
Зари пухтаро бар маи хом х(в)ард.
Чу даҳгонае монд аз он зар ба ҷой,
Дар он дасткорӣ бияфшурд пой.
Яке куртае сохт чун заргарон,
Зи ҳар доруе кард чизе дар он.
Фиристод дар шаҳр болову паст,
Табаряк талаб карду н-омад ба даст.
Ҳам охир рақибони он коргоҳ
Ба аттори пешина бурданд роҳ.
Гили сурхи ӯро ба динори зард
Хариданду бурданд наздики мард.
Хуросонӣ он муҳраҳо кард хурд,
Намуд ошкоро яке дастбурд.
Ба кӯра дарафканду оташ дамид,
Ба ҷо монд зар в-он дигарҳо рамид.

Сабика фурӯ рехт дар нои танг,
Баромад зари сурхи ёқутранг.
Ба гӯши халифа расид ин сухан,
Ки нақди нав омад зи кони куҳан.
Заре дид, бо суд ҳамраҳ шуда,
Дар он кадхудоӣ яке даҳ шуда.
Ба уммеди ганҷе чунон гавҳарӣ
Басе кард бо ӯ навозишгарӣ.
Аз он мағрибизарри мисриигёр
Фиристод наздики ӯ даҳ ҳазор,
Ки инро ба кор овар, эй некрой,
Ки ман ҳаққи он бо ту орам ба ҷой.
Кашанд устувороми мо аз ту даст,
Чу наздики мо устуворит ҳаст.
Дар он озмоиш чу чуст омадӣ,
Ба мизони маънӣ дуруст омадӣ.
Хуросонӣ он ганҷ бистад ба ноз,
Чу ҳинду камар баст бар турктоз.
Гурезон раҳи хонаро пай гирифт,
Шабе чанд бо омилон май гирифт.
Бихуфту ба хуфтан бихуспондашон,
Чу бархост, бар хок биншондашон.
Сутурони тозӣ, ғуломони кор
Ба андоза бихриду барбаст бор.
Ба роҳе, ки дида нишонаш надид,
Чунон шуд, ки кас дар ҷаҳонаш надид.
Халифа чу огоҳ шуд з-ин фиреб,
Ки бурд он хуросонӣ он зарру зеб,
Ҳадиси табаряк ба ёд омадаш,
Ҷуз он ҳар чӣ бишнид, бод омадаш.
Хабар бозҷуст аз табарякфурӯш,
Бихандид, к-он танзаш омад ба гӯш.
Табаряк чу тасҳиф созад дабир,
Биёмӯз маънию маъниш гир.
Ҳар афсун, к-аз афсунгаре бишнавӣ,
Нигар, то ба афсуни ӯ награвӣ.
Дар ин доварӣ ҳеҷ кас дам назад,
Ки дар бозии кимиё кам назад.

## БОЗГАШТИ ФАСОНА

Сикандар ба Юнон хабардор шуд,
Ки бар ганҷи зар Мория мор шуд.
Ба шаҳ бозгуфтанд, к-он модашер
Ба сайдафканӣ гашт хоҳад далер.
Зане кордон асту сомоншинос,
Надонад касе сими ӯро қиёс.
Зи пӯшида ганҷе хабар доштаст,
Ба он ганҷ гетӣ биянбоштаст.

Ба афсунгарӣ сангро зар кунад,
Садафрезаро луълуи тар кунад,
Аз он бештар ганҷи зар сохтаст,
Ки Қорун ба хок-андар андохтаст.
Гараш сар набуррад сари теғи шоҳ,
Ҷаҳон зуд гирад ба ганҷу сипоҳ.
Сипоҳ оварад душманонро ба ранҷ,
Сипоҳӣ нагардад, магар гирди ганҷ.
Ба озори ӯ шаҳ шитобанда гашт,
Зи гармӣ чу хуршеди тобанда гашт.
Ба тадбири он шуд, к-аз он ҷони пок
Ба тадбири душман барорад ҳалок.
Чу аз оташи хашми шоҳаншаҳӣ
Ба дастури доно расид огаҳӣ,
Бисечид бар хидмати шаҳрёр,
Басе чарбӣ овард бо ӯ ба кор,
Ки он зан, зане порсогавҳар аст,
Ҷаҳонҷӯйро камтарин чокар аст.
Камарбастаи туст дар мулки Шом,
Ба гавҳар канизу ба хидмат ғулом.
Басе гашт чун чокарон гирди ман,
Ба чандин ҳунар гашт шогирди ман.
Манаш дил ба дониш барафрӯхтам,
Ниҳонӣ дар ӯ чизе омӯхтам,
Ки чандон ба даст орад аз баргу соз,
Ки гардад зи халқи ҷаҳон бениёз,
Бар ӯ толиъе дидам ороста,
Хабар дода аз ганҷу аз хоста.
Ҷуз ӯ ҳар кӣ ин санъат орад ба кор,
Ҷаве н-орад аз ганҷи ӯ дар шумор.
Ба ҳушёрии толиъи молсанҷ
Ба ҷуз Мория кас нашуд мори ганҷ.
Кунун, к-он кифоят ба даст омадаш,
Ба ҷои ниёгон нишаст омадаш.
Чу шаҳ пӯзиши рои дастур ёфт,
Дили хеш аз он доварӣ дур ёфт.
Чу дастур гард аз дили шаҳ рабуд,
Суи Мория кас фиристод зуд.
Бифармуд, то узри шоҳ оварад,
Ҳамон қосиде сар ба роҳ оварад.
Зани кордон чун шунид ин сухан,
Кушод аз зари тоза ганҷи куҳан.
Фиристодаеро баророст кор,
Фиристод ганҷе суи шаҳрёр,
Ки чандин тарозуи ганҷинасанҷ
Ба як ҷой чандон надидаст ганҷ.
Чу бар ганҷ додан дилаш роҳ бурд,
Ҳалок аз худу кина аз шоҳ бурд.

Дирам додан оташ кушад кинаро,
Нишонад зи дил хашми деринаро.

## АФСОНАИ НОНВОИ БЕНАВО ВА ТАВОНГАРИИ ВАЙ БА ТОЛЕИ ПИСАР

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бисёр он навои ғариб,
Навоинтар аз нолаи андалеб.
Навое, ки дар вай навое бувад,
Навое на, к-аз бенавое бувад.

### ДОСТОН

Ханида чунин шуд дар ақсои Рум,
Ки бесиме омад зи бегонабум.
Ба кам муддате шуд чунон симсанҷ,
Ки шуд хоҷаи корвонҳои ганҷ.
Кас огаҳ на, к-он ганҷи дарёшукӯҳ
Зи дарё бар ӯ ҷамъ шуд ё зи кӯҳ.
Яке номаш аз конканӣ мекушод,
Яке туҳмати раҳзанӣ мениҳод.
Саранҷомаш озод нагзоштанд,
Ба шоҳи ҷаҳон қисса бардоштанд,
Ки омад тиҳидасте аз роҳи дур,
На дар киса равнақ, на дар коса нур.
Ба таърихи як сол ё бешу кам
Ба даст оваридаст чандин дирам,
Ки гар шаҳ гуморад бар он даҳ дабир,
Зи тафсири он оҷиз ояд замир.
Яке нонвомард буд бенаво,
На обе равону на ноне раво.
Кунун лаълу гавҳарфурӯшӣ кунад,
Хирад кай дар ин раҳ хамӯшӣ кунад?
На теша, на бозоргонӣ, на заръ,
Чунин мояро чун бувад аслу фаръ.
Савоб ончунон шуд, ки шоҳи ҷаҳон
Аз аҳволи ӯ бозҷӯяд ниҳон.
Ҷаҳондор фармуд, к-он зодмард
Фурӯ шӯяд аз домани хеш гард.
Ба хилват кунад шоҳро дастбӯс
Зи ташнеъ барн-орад овои кӯс.
Дирамдори муқбил ба фармони шоҳ
Ба хидмат равон шуд суи боргоҳ.
Дарун рафту бӯсид шаҳро замин,
Заминбӯс чун кард, хонд офарин.

Чу шоҳи ҷаҳонаш ҷавон дид бахт,
Ҷавонбахтро хонд наздики тахт.
Басе неку бад мардро кард ёд,
Суханҳо, к-аз ӯ ганҷ шояд кушод,
Ки марде азизию озодчеҳр,
Ба фархундагӣ дар ту дида сипеҳр.
Шунидам, чу ин ҷо ватан сохтӣ,
Ба якрӯза рӯзӣ напардохтӣ.
Кунун рахту бунгоҳат он ҷо расид,
Ки натвонадаш корвонҳо кашид.
Бибояд чунин ганҷро дастранҷ,
В-агарна, ман авлотар оям ба ганҷ.
Агар рост гуфтӣ, ки чун аст ҳол,
Зи ман эминӣ ҳам ба сар, ҳам ба мол,
В-агар  бар дурӯғ афканӣ ин асос,
Сару мол бистонам аз носипос.
Ниюшанда чун дид, к-аз хашми шоҳ
Ба ҷуз ростӣ нест ӯро паноҳ,
Заминбӯси шаҳ тозатар кард боз,
Чунин гуфт, к-«эй шоҳи оҷизнавоз,
Надида ҷаҳон накши бедоди ту,
Ба некӣ шуда дар ҷаҳон ёди ту,
Раият зи додат чунон дилх(в)ашанд,
Ки гар ҷон бихоҳӣ, ба пешат кашанд.
Маро молу неъмат заминзоди туст,
Ҳам аз додаи ту, ҳам аз доди туст.
Агар мепазирӣ зи ман, ҳар чӣ ҳаст,
Бигӯ, то барафшонам аз ҷумла даст.
Ба камтар ғуломе диҳам шоҳро,
Занам бӯса ин хоки даргоҳро».
Чу шаҳ гуфт, к-«аҳволи худ бозгӯй,
Бигӯям, ки ин об чун шуд ба ҷӯй?»
Ман аввал, ки ин ҷо расидам фароз,
Тиҳидаст будам зи ҳар баргу соз.
Диламро ғами бенавоӣ шикаст,
Гирифтам раҳи нонвоӣ ба даст.
В-аз он пеша низам навое набуд,
Ки дар кору касбам вафое набуд.
Ба шаҳре, ки довар бувад пайфарох,
Шавад дахл бар нонво хушкшох.
Зи ҳар сӯ саросема метохтам,
Ба бебаргӣ он барг месохтам.
Зане доштам қонеъу созгор,
Қазоро шуд он зан зи ман бордор.
Ба сахтӣ ҳаме гашт бар мо сипеҳр,
Шуд аз меҳри гарданда якбора меҳр,
Зани покдомантар аз бӯи мушк,
Шикебанда бо ман ба як нони хушк.

Чу омад гаҳи зодан ӯро фароз,
Ба кашкинаи гармаш омад ниёз.
Зи чизе, ки дорад ба хӯрдан басеч,
Набудаш ба ҷуз хун дар он хона ҳеч.
Ману зан дар он хона танҳову бас,
Маро гуфт, к-«эй шӯи фарёдрас,
Агар шӯрбое ба чанг оварӣ,
Мани мурдаро боз ранг оварӣ.
В-агарна, чунон дон, ки рафтам зи даст,
Ситамкора шуд боду киштӣ шикаст».
Чу ман дидам он нозанинро чунон,
Бурун рафтам аз хона зорикунон.
Зи сомон ба сомон ҳама кӯю шаҳр
Давидам, магар ёбам аз тӯша баҳр.
Надидам даре, к-он на дарбаста буд,
Ки сахтӣ ба ман сахт пайваста буд.
Расидам ба вайронае дурдаст,
Дару даргаҳе бо замин гашта паст.
Басе гирди вайрона кардам тавоф,
Шитобанда чун дев дар ҳар шикоф.
Сарое куҳан ёфтам солх(в) ард,
Даре, дарнишаста бар ӯ дуду гард.
Дар ӯ оташе равшан афрӯхта,
Бар ӯ ҳима харворҳо сӯхта.
Сияҳзангие дидам оташпараст,
Сафолинсабӯе пур аз май ба даст,
Бар оташ ниҳода лавиде фарох,
Намаксуди фарбеҳ дар ӯ шох-шох.
Чу зангӣ маро дид, барҷаст зуд,
Бипечид бар худ ба кирдори дуд,
Ба ман бонг барзад, ки – «Эй девзод,
Шабехуни ман чунат омад ба ёд?
Ту дуздию ман низ дузд, ин равост,
Ба дуздӣ шудан пеши дуздон хатост.
Ман аз ҳавли зангию тимори хеш
Фурӯ мондам ошуфта дар кори хеш.
Забон баркушодам ба оини занг,
Дуо гуфтам, овардам ӯро ба чанг,
Ки аз бенавоию бемоягӣ
Гирифтам дар ин соя ҳамсоягӣ.
Ҷавонмардии чун ту шерафкане
Шунидам ба афсона аз ҳар тане.
Нахонда, ба меҳмони ту тохтам,
Сари хеш дар поят андохтам.
Магар, к-аз ту корам ба ҷое расад,
Дар ин бенавоӣ навое расад.
Чу зангӣ забони маро чарб дид
В-аз он гуна гуфтори ширин шунид,

Аз он чарбу ширин раҳо кард ҳарб,
Ки душманфиреб аст ширину чарб.
Бигуфто: «Хурӣ бода, донӣ суруд?!»
Бигуфтам: «Бале». Пешам овард руд.
Аз ӯ бистадам руди ошиқнавоз,
Зи бесозияш парда бастам ба соз.
Сари захма бар руд бигмоштам,
Суруде фиребанда бардоштам.
Даровардам ӯро ба бонгу хурӯш,
Чу деге, ки аз гармӣ ояд ба ҷӯш.
Гаҳе хӯрд райҳоние з-он сафол,
Гаҳе кӯфт пое ба уммеди мол.
Задам захмае чанд зангифиреб,
Бурун бурдам аз ҷони зангӣ шикеб,
Ҳарифона бо ман даромад ба кор,
Чу сармаст шуд, кард роз ошкор,
Ки имшаб дар ин кохи вайронаранг
Ба уммеди моле гирифтам диранг.
Дигар зангие ҳаст ҳамзоди ман,
Ки май хӯрданаш нест бе ёди ман.
Яке ганҷдон ёфтем аз ниҳуфт,
Ки ҳеҷ аждаҳоеш бар сар нахуфт.
Магар мо, ки ҳастем чун аждаҳо,
Зи дил карда озарми ҳар кас раҳо.
Бувад соле акнун, к-аз он кони ганҷ
Хурему надорем худро ба ранҷ.
Ман ин ҷо нишастам, чунин беҳамол,
Дигар зангие рафта ҷӯёи мол.
Зи ганҷинаи он ҳама симу зар
Ҳамоно, ки як пушта монда дигар.
Чу имшаб расидӣ ту меҳмони мо,
Равон аст ҳукми ту бар ҷони мо.
Ба шарте, ки чун ояд он раҳнаvard
Кашад гавҳари сурху ёқути зард.
Ту дар кунҷи кошона пинҳон шавӣ,
Шикебанда чун шахси беҷон шавӣ,
Ки ман дар дил он дорам, эй ҳушманд,
Ки он аждаҳоро расонам газанд.
Ҳар он ганҷ, к-орад ба танҳо барам,
Ба кунҷе нишинам ба танҳо х(в)арам.
Туро низ аз он қисмате бомдод
Диҳам, то дилат гардад аз ганҷ шод.
Ману зангӣ андар сухан гармрой,
Ки ногаҳ ба гӯш омад овози пой.
Зи ҷо ҷастаму дархазидам ба кунҷ,
Гаҳе хор дар хотирам, гаҳ турунҷ.
Даромад сияҳчеҳрае чун зугол
Ба пушт-андар оварда як пушта мол.

Ниҳодаш ба сахтӣ зи гардан ба зер,
Бар ӯ гардане сахт чун тундшер.
Аз он пеш, к-он пуштаро боз кард,
Яке нима з-он шӯрбо бозх(в)ард.
Нигаҳ кард, ҳамзоди ӯ ҳуфта буд,
Ҳамон кард бо ӯ, ки ӯ гуфта буд.
Бизад теғи пӯлод бар гарданаш,
Сарашро бияфканд дар доманаш.
Ман аз бим аз он сон, ки афтам зи пой,
Дигарбора худро гирифтам ба ҷой.
Чу зангӣ сари ёри худро бурид,
Танашро ба ханҷар зи ҳам бардарид.
Яке нима дарбасту барзад ба дӯш,
Бурун рафту ман монда беақлу ҳуш.
Пас аз муддате, к-он баромад дароз,
Нигаҳ кардам, омад дигарбора боз.
Дигар нимаро ҳамчунон кард хурд,
Ба оини пешина дарбасту бурд.
Чу дидам, ки ҳанҷори ӯ дур буд,
Шаб аз ҷумла шабҳои дайҷур буд,
Бад-он ганҷ пӯён шудам чун уқоб,
Суи пуштаи мол кардам шитоб.
Ба пушт андаровардам он пуштаро,
Чу зангӣ дигар зангии куштаро.
В-аз он шӯрбо соғаре гармҷӯш
Рабудам суи хона, рафтам хамӯш.
Чунон омадам сӯи айвони хеш,
Ки ҷуз давлатам кас наяфтод пеш.
Чу дар хона рафтам ба нерӯи бахт,
Ниҳодам зи дил бору аз пушт рахт.
Ба гӯш омад овози навзоди ман,
В-аз он шодтар шуд дили шоди ман.
Ба зан додам он шӯрборо, бих(в)ард,
Пас аз сабр кардан басе шукр кард.
Зи фарзанди фархунда додам хабар,
Писар буду бошад писар тоҷи сар.
Кушодам гиреҳ рахти сарбастаро,
Ба марҳам расондам дили хастаро.
Чӣ дидам? Яке ганҷ коне дар ӯ,
Зи ёқуту зар ҳар чӣ донӣ, дар ӯ.
Ба ганҷе чунон кони гавҳар шудам,
В-аз он шаб чу дарё тавонгар шудам.
Ба фарзанди фаррух дилам шод гашт,
Ки бо гавҳару ганҷ ҳамзод гашт.
Ҳама моли ман з-он шаб омад падид,
Ки шаб бо гуҳар буд, гуҳар бо калид».
Чунин буд гӯяндаро саргузашт,
Сухан к-омад он ҷо варақ дарнавашт.

Шаҳ аз вақти мавлуди фарзанди ӯ,
Хабар ҷусту аз ҳоли пайванди ӯ.
Шуд он гавҳаримарду аз ҷои хеш
Намудори он толеъ овард пеш.
Шаҳ он нусхаро ҳам бад-он сон, ки буд
Ба Волиси доно фиристод зуд,
Ки аҳволи ин толеъ аз ҳар чӣ ҳаст
Чунон кун, ки аз ахтар орӣ ба даст.
Баду неки ӯро ниҳонӣ биҷӯй,
Чу ёбӣ ниҳон ошкоро бигӯй,
Чу омад ба Волис фармони шоҳ,
Суи ахтарон кард некӯ нигоҳ.
Назар кардани ҳар яке боз ҷуст,
Шуд аҳволи пӯшида бар вай дуруст.
Набишту фиристод аз он ҷо ки дид,
На з-он ҷо, ки аз кас ҳикоят шунид.
Чу шаҳ номаи ҳукми Волис хонд,
Дар он ҳукмнома шигифтӣ бимонд.
Намудори толеъ чунон карда буд,
Аз он нақшҳо, к-аз паси парда буд,
Ки ин бонаво нонвозодаест,
Ки аз нури давлат natododaест.
Ба бебаргӣ аз модар андохта,
Чу зода, фалак барги ӯ сохта.
Падар гашта фаррух зи парвози ӯ,
Тавонгар зи пирӯзии рози ӯ.
Ҳамоно, ки чун зода бошад ба ҷой,
Ниҳода бувад бар сари ганҷ пой.
Зи ғайрат шаҳ омад чу дарё ба ҷӯш,
Латаф кард бо марди гавҳарфурӯш.
Пас, он гоҳ бисёр бинвохташ,
Яке аз надимони худ сохташ.

## ИНКОР КАРДАНИ ҲАФТОД ҲАКИМ СУХАНИ ҲИРМИСРО ВА ҲАЛОК ШУДАН

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бар оҳанги худ соз гир,
Яке парда з-оҳанги`худ боз гир,
Ки моро сари пардаи танг нест,
Ба ҷуз пайфирохӣ дар оҳанг нест.

## АФСОНА

Ба ҳар муддате файласуфони Рум
Фароҳам шудандӣ зи ҳар марзу бум.

Бароростандӣ ба фарҳангу рой
Суханҳои дилпарвару ҷонфизой.
Касеро, ки ҳуҷҷат қавитар шудӣ,
Ба ҳуҷҷат бар он сарварон сар шудӣ.
Дар он доварӣ Ҳирмиси тезмағз
Ба ҳақ гуфтан андешае дошт нағз.
Зи ҳар кас, ки ӯ ҳуҷҷате пеш дошт,
Суханҳои ӯ парвариш беш дошт.
Зи бас гуфтани рози рӯҳониён
Бар ӯ рашк бурданд юнониён.
Ба ҳам ҷамъ гаштанд ҳафтод тан,
Ба инкори ӯ сохтанд анҷуман,
Ки ҳарч ӯ бигӯяд, бад-ӯ награвем,
Сухан гарчи зебо бувад, нашнавем.
Тағайюр диҳемаш ба инкори хеш,
Ба инкор натвон сухан бурд пеш.
Чунон аҳд бастанд бо якдигар,
Ки чун Ҳирмис аз кон барорад гуҳар,
Зи дарёи ӯ обрезӣ кунанд,
Бар он ганҷдон хокбезӣ кунанд.
Ба ҳақ гуфтанаш дарнаёранд ҳуш,
Бигиранд аз инкори гӯянда гӯш.
Чу Ҳирмис сухан гуфтан оғоз кард,
Дари дониши эзадӣ боз кард.
Ба ҳар нуктае ҳуҷҷате бозбаст,
Ки чун нур дар дидаву дил нишаст.
Надид он суханро бар эшон писанд,
Ҷуз инкор кардан ба бонги баланд.
Дигарбора ганҷинаи нав кушод,
Асосе дигаргуна аз нав ниҳод.
Баёне чунон равшану дилпазир,
Ки дар дил на, дар санг шуд ҷойгир.
Дигар раҳ надид он суханро шукӯҳ,
Ба инкори худ дидашон ҳамгурӯҳ.
Севумбора аз рои мушкилкушой
Намуд, он чи бошад ҳақиқатнамой.
Суханҳои зебандаи дилнавоз
Бар эшон фурӯ хонд фасле дароз.
Зи ҷунбондани бонги чандон ҷарас
Саре дар самоъаш наҷунбонд кас.
Чу гӯянда оҷиз шуд аз гуфти хеш,
Забон гашта ҳайрон, гулӯ гашта реш.
Хабар дошт, к-аз роҳи нобихрадӣ
Ситезанд бо ҳуҷҷати эзадӣ.
Чу дар кас зи ҷунбиш нишоне наёфт,
Биҷунбиду рӯй аз рақибон битофт.
Бар эшон яке бонг барзад, ки, ҳой,
Маҷунбед кас то қиёмат зи ҷой».

Ҳамон лаҳза бар ҷой ҳафтод мард
Зи ҷунбиш фитоданду гаштанд сард.
Чу дар пардаи рост каҷ бохтанд,
Аз ин пардашон рахт пардохтанд.
Сарафканда чун оби дарёи хеш,
Зи сардӣ фисурданд бар ҷои хеш.
Сикандар чу з-ин ҳолат огоҳ гашт,
Чу анҷум бар он анҷуман баргузашт.
Аз он бешаи сарв бо бӯи мушк
Яке сарви тар монда, ҳафтод хушк.
Бипурсиду Ҳирмис бад-ӯ гуфт роз,
Ки «ҳиммат дари осмон кард боз».
Сикандар бар ӯ офаринсоз гашт
В-аз он ҷо ба даргоҳи худ боз гашт.
Ба хилват чу биншаст бо ҳар касе,
Аз он достон достон зад басе,
Ки «ҳирмис ба тӯфони ҳафтод кас
Ба мавҷе ҳамемонду ҳафтод хас.
Гурӯҳеш, к-аз ҳақ гирифтанд гӯш,
Бимурданд, чун ёфа карданд ҳуш.
Зи пӯшидани дарси омӯзгор,
Кафан бин, ки пӯшидашон рӯзгор.
Баёне, ки бошад ба ҳуҷҷат қавӣ,
Зи нофаррухӣ бошад, ар нашнавӣ.
Дуреро, ки ӯ тоҷи торак бувад,
Задан бар замин номуборак бувад.
Ҳунар нест рӯй аз ҳунар тофтан,
Шақоиқ даридан, хашин бофтан.
Хирадмандро чун мудоро кунӣ,
Ҳунарҳои хеш ошкоро кунӣ.

## АҒОНӢ СОХТАНИ АФЛОТУН БАР МОЛИШИ АРАСТУ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, самоъе барангез гарм,
Суруде баровар ба овози нарм.
Магар гармтар з-ин шавад кори ман,
Касодӣ гурезад зи бозори ман.

## ДОСТОН

Духулзан чу зад бар духул доғчарм,
Ҳавои шаби сардро кард гарм.
Фурӯ монд зоғи сияҳ ноумед,
Ба гуфтан даромад хурӯси сапед.

Сикандар нишаст аз бари тахти Рум,
Забоне чу оташ, димоғе чу мум.
Ҳама файласуфон сада дар сада
Ба поингаҳи тахти ӯ саф зада.
Ба миқдори ҳар донише бешу кам
Ҳамерафташон гуфтугӯе ба ҳам.
Яке аз табиӣ сухан соз кард,
Яке аз илоҳӣ гireҳ боз кард,
Яке аз риёзӣ барафрохт ёл,
Яке ҳандасӣ баркушод аз хаёл,
Яке сикка бар нақди фарҳанг зад,
Яке лофи номусу найранг зад,
Тафохуркунон ҳар яке дар фане,
Ба фарҳанги худ олиме ҳар тане.
Арасту ба дилгармии пушти шоҳ
Барафзуд бар ҳар яке пойгоҳ,
Ки «аҳли хирадро манам чорасоз,
Зи илми дигар бихрадон бениёз.
Ҳамон нақди ҳикмат ба ман шуд раво,
Ба ҳикмат манам бар ҳама пешво.
Фалон илми хуб аз ман омад падид,
Фалон кас фалон нукта аз ман шунид.
Дурӯғе нагӯям дар ин доварӣ,
Ба ҳуҷҷат занам лофи номоварӣ».
Зи баҳри дили шоҳу тамкини ӯ
Забонҳо мувофиқ ба таҳсини ӯ.
Фалотун барошуфт аз он анҷуман,
Ки устодӣ ӯ дошт дар ҷумла фан.
Чу ҳар донише, к-он ки андӯхтанд,
Нахустин варақ з-ӯ даромӯхтанд.
Бурун рафту рӯй аз ҷаҳон даркашид,
Чу Анқо шуд аз базми шаҳ нопадид.
Шабу рӯз аз андеша чандон нахуфт,
К-«Арғонӣ» бурун оварид аз ниҳуфт.
Ба хум даршуд, аз халқ пай кард гум,
Нишон ҷуст аз овози ин ҳафт хум.
Касе, к-ӯ самоъе на дилкаш кунад,
Садои хум овози ӯ х(в)аш кунад.
Магар, к-он ғиносози овозруд
Дар он хум бад-ин узр гуфт он суруд.
Чу соҳибрасад ҷой дар хум гирифт,
Паи чарху дунболи анҷум гирифт.
Бар оҳанги он нола, к-он ҷо шунид,
Намудоре овард ин ҷо падид.
Чу он ноларо нисбат аз руд ёфт,
Дар он парда гаҳ рудгар руд бофт.
Кадуи тиҳиро ба вақти суруд
Ба чарм андароварду барбаст руд.

Чу бар чарми оҳу барандуд мушк,
Навое тар ангехт аз руди хушк.
Пас он гаҳ бар он расму ҳайат, ки хост,
Яке ҳайкал аз арғанун кард рост.
Дар ӯ нағмаву нолаҳои дуруст
Ба автори нисбат фурӯ баст чуст.
Ба зеру бами нолаи рудхез
Гаҳе нарм зад захмаву гоҳ тез.
Зи намию тезӣ, зи болову зер
Наво сохт бар нолаи гову шер.
Чунон нисбати нолиш омад ба даст,
Ки ҳар ҷо, ки зад, ҳар дуро пой баст.
Ҳамон нисбати одамӣ то дада
Бар он рудҳо шуд якояк зада.
Чунон к-одамизодро з-он наво
Ба рақсу тараб чира гаштӣ ҳаво.
Сибоъу баҳоим бар он соз ҷуфт,
Яке гашт бедору дигар бихуфт.
Чу бар нисбати нолаи ҳар касе
Ба даст омадаш роҳи дастон басе,
Зи мусиқӣ овард созе бурун,
Ки онро нашуд кас ҷуз ӯ раҳнамун.
Чунон сохт ҳар нисбатеро хурӯш,
Ки ноландаро дил дарорад ба ҷӯш,
Ба ҷое расонд он навогар навохт,
Ки доно бад-ӯ айбу иллат шинохт.
Ба қонун аз он нолаи хиргаҳӣ
Зи ҳар иллате ёфт ақл огаҳӣ.
Чу автори он арғанун шуд тамом,
Шуд он уди пухта беҳ аз уди хом.
Бурун шуд ба саҳрову бинвохташ,
Ба ҳар нисбат андозае сохташ.
Хате чорсӯ гирди худ даркашид,
Нишаст, андар он хат наво баркашид,
Даду домро аз биёбону кӯҳ
Давонид бар худ гурӯҳогурӯҳ.
Давиданд ҳар як ба овози ӯ,
Ниҳоданд сар бар хати сози ӯ.
Ҳама як-як аз ҳуш рафтанд пок,
Фитоданд чун мурда бар рӯи хок.
На гурги ҷавон кард бар меш зӯр,
На шери жиён дошт парвои гӯр.
Дигар нисбатеро, ки донист боз,
Даровард нағма ба он ҷуфт соз,
Чунон к-он дадон дар хурӯш омаданд,
Аз он беҳушӣ боз ҳуш омаданд.
Пароканда гаштанд бар рӯи дашт,
Кӣ дорад ба ёд инчунин саргузашт?

Ба гирди ҷаҳон ин хабар гашт фош,
Ки шуд кони ёқут ёқутпош.
Фалотун чунин парда барсохтаст,
Ки ҷуз вай кас он парда нашнохтаст.
Барангехт овозе аз хушкруд,
Ки аз тарри̅ орад фалакро фуруд.
Чу бар нисбате ронда ангушти х(в)ад
Бихуспад бар овози ӯ дому дад.
Чу бар нисбате дигар орад шитоб,
Ба ҳуш орад он хуфтагонро зи хоб.
Шуд овоза бар даргаҳи шоҳ тез,
Ки Ҳорут бо Зухра шуд ҳамситез.
Арасту чу бишнид, к-он ҳушманд
Барангехт з-ин гуна коре баланд,
Фурӯ монд аз он зираки̅ тангдил,
Чу хасме, ки гардад зи хасме хиҷил.
Ба андеша биншаст бар кунҷи кох,
Дили тангро дод майдон фарох.
Ба таълиқи он дарси пинҳоннавис,
Ки нақше аҷаб буду нақде нафис,
Дар он кори улви̅ басе ранҷ бурд,
Басе рӯзу шабро ба фикрат супурд.
Ҳам охир пас аз ранҷҳои дароз
Сари риштаи розро ёфт боз.
Бурун оварид аз назарҳои тез,
Ки чун бошад он нолаи рудхез.
Чи̅ гуна расонад наво сӯи гӯш,
Барад ҳушу орад дигар раҳ ба ҳуш
Ҳамон нисбат овард рояш ба даст,
Ки донои пешина бар парда баст.
Ба саҳро шуду пардаро соз кард,
Тилисмоти беҳуши̅ оғоз кард.
Чу аз ҳушмандон ситад ҳушро,
Дигаргуна зад руди хомӯшро.
Дар он нисбаташ бахт ёри̅ надод,
Ки беҳушро орад аз ҳуш ёд.
Бикӯшид,то дар хурӯш оварад,
Навое, ки дар хуфта ҳуш оварад.
Надонист чандон, ки нисбат гирифт,
Дар он кор саргашта монд, эй шигифт!
Чу оҷиз шуд аз роҳ ноёфтан,
Зи раҳбар нашоист сар тофтан.
Шуд аз роҳи рағбат ба таълими ӯ,
Инон дод як раҳ ба таслими ӯ.
Бипурсид, к-он нисбати дилписанд,
Ки ҳушрафтагонро кунад ҳушманд,
Надонам, ки дар парда овози ӯ
Чи̅ гунасту чун парварам сози ӯ.

Фалотун чу донист, к-он сарфароз
Ба таълими ӯ гашт соҳибниёз,
Бурун шуд, хате гирди худ даркашид,
Наво сохт, то нисбат омад падид.
Ҳама рӯи саҳро зи гӯру паланг
Бар он хат кашиданд паргор танг.
Ба беҳушӣ аз нисбати аввалаш
Ниҳоданд сар бар хати мандалаш.
Навое дигарбора барзад чу нӯш,
К-Арастуи доно тиҳӣ шуд зи ҳуш.
Чу беҳуш буд ӯ ба як роҳи нағз,
Даду домро кард бедормағз.
Дигарбор зад нисбати ҳушбахш,
К-Арасту зи ҷо ҷаст ҳамчун дурахш.
Фурӯ монд саргашта бар ҷои х(в)ад,
Ки чун бехабар буд аз он дому дад.
Аз он беҳушӣ чун ба ҳуш омаданд,
Чӣ буд он, к-аз ӯ дар хурӯш омаданд?
Шуд огаҳ, ки донои дастоннавоз
Ба дастон бар ӯ дошт пӯшида роз.
Сано гуфту чандон аз ӯ узр хост,
Ки он пардаи каж бад-ӯ гашт рост.
Чу шуд ҳарфи он нисбат ӯро дуруст,
Набишт они ӯ, они худро бишуст.
Ба иқрори ӯ мағзро тоза кард,
Мудорои ӯ беш аз андоза кард.
Сикандар чу донист, к-аз ҳар улум
Фалотун шуд устоди дониш ба Рум,
Барафзуд пояш дар он сарварӣ,
Ба назди худаш дод болотарӣ.

## ҲИКОЯТИ АНГУШТАРӢ ВА ШУБОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биё, чангро соз кун,
Ба гуфтан гулӯро хушовоз кун!
Маро аз навозидани чанги хеш
Навозишгарӣ кун ба оҳанги хеш.

### ДОСТОН

Чу рӯзи дигар субҳи гетифурӯз
Ба пирӯзӣ овард шабро ба рӯз,
Баромад гул аз чашмаи офтоб,
Фурӯ бурд маҳ сар чу моҳӣ дар об,
Бар авранги зар шуд шаҳи тоҷвар,
Зада бар миён гавҳарогин камар.

Нишаста ҳама зиракон зери тахт,
Фалотун ба боло барафканда рахт.
Шаҳ аз нисбате, к-ӯ дар он парда сохт,
Аҷаб монд, к-он пардаро чун шинохт.
Бипурсид аз ӯ, к-«эй ҷаҳондида пир,
Баровардa макнуни ғайб аз замир,
Шумоед бар қуфли дониш калид,
Зи рои шумо дониш омад падид,
Зи донандагон хондаӣ ҳеҷ кас?
Ки будаш фузун аз шумо дастрас?!
Хаёле барангехт з-ин коргоҳ,
Ки рои шуморо бад-он нест роҳ».
Фалотун пас аз офарини тамом
Чунин гуфт, к-«ин чархи фирӯзафом
Аз он бештар сохт афсунгарӣ,
Ки ёбад дили мо бад-он раҳбарӣ.
Гар онҳо, ки пешинагон сохтанд,
Ба найрангу афсун барафрохтанд,
Яке гӯям аз сад дар ин рӯзгор,
Надонад касе рози омӯзгор.
Агар шоҳ фармоядам андаке,
Бигӯям на аз даҳ, ки аз сад яке».
Иҷозат расид аз сари ростон,
Ки доно фурӯ гӯяд он достон.
Ҷаҳондида донои равшанзамир
Чунин гуфт, к-«эй шоҳи донишпазир,
Шунидам, бухоре ба гармӣ шитофт,
Ба хасфи шукуфа заминро шикофт.
Барандохт ҳомун кулӯх аз мағок,
Тилисме падид омад аз зери хок.
Зи рую зи мис қолабе рехта
В-аз он сурати асбе ангехта.
Кушода зи паҳлӯи аспи баланд
Яке рахна чун рахнаи обканд.
Чу хуршед аз он рахна дартофтӣ,
Назар нақши пӯшида дарёфтӣ.
Шубоне бар он жарфводӣ гузашт,
Мағоке тиҳӣ дид бар содадашт.
Тилисме дурафшанда дар вай падид,
Шубона дар он жарфводӣ расид.
Сутуре мисин дид дар пайкараш,
Яке рахна бо колбуд дарх(в)араш.
Дар он рахна аз нури тобанда хур
Нигаҳ кард сар то сурини сутур.
Бар ӯ хуфтае дид деринасол,
Нагашта яке мӯй мӯяш зи ҳол.
Ба досташ-дар аз ранг ангуштарӣ
Нигине фурӯзанда чун Муштарӣ.

Бар ӯ дасти худро сабуктоз кард
В-аз ангушташ ангуштарӣ боз кард.
Чу ангуштарӣ дид дар мушти хеш,
Ниҳодаш ба зудӣ дар ангушти хеш.
Дигар нақди шоҳона он ҷо наёфт,
Сутудон раҳо карду берун шитофт.
Гала пеш даркарду мерафт шод,
Шикебанда мебуд то бомдод.
Чу аз рояти ширпайкар сипеҳр
Баровард манҷуқи тобандамеҳр,
Шубон рафт наздики соҳибгала,
Гала кард бар кӯҳу саҳро яла.
Бад-он, то нигинро ниҳад пеши ӯ,
Бидонад баҳои каму беши ӯ.
Чу соҳибгала дид, к-омад шубон,
Кушод аз сари чарбгӯӣ забон.
Бипурсид аз ӯ ҳоли мешу бара,
Нишанда додаш ҷавобе сара.
Шубона ба ҳангоми гуфтушунид
Замон то замон гашт аз ӯ нопадид,
Дигар раҳ падидор гашт аз ниҳуфт,
Галасоҳибаш барзад овозу гуфт,
Ки «ҳар дам чаро гардӣ аз ман ниҳон,
Дигарбора пайдо шавӣ ногаҳон?
Нигар, то чӣ афсун даромӯхтӣ,
Ки бар худ чунин бурқаъе дӯхтӣ?»
Шубона аҷаб монд аз он доварӣ,
Дар он кор ҷуст аз хирад ёварӣ.
Чунон буд, к-он марди хотампараст
Ба хотам ҳамекард бозӣ ба даст.
Нигиндони ӯро чи зуду чи дер
Гаҳе кард боло, гаҳе кард зер.
Нигин то ба боло гирифтӣ қарор,
Шубон пеши бинанда буд ошкор.
Чу сӯи кафи даст гардон шудӣ,
Шубона зи бинанда пинҳон шудӣ.
Ниҳоди нигинро чунон буд ҳисоб,
Ки дорандаро доштӣ дар ҳиҷоб.
Шубон чун аз ин бозӣ огоҳ гашт,
Шуд, ин озмун кард бар кӯҳу дашт.
Даромад ба бозигарӣ сохтан,
Чу гардун ба ангуштарӣ бохтан.
Куҷо рои пинҳон шудан доштӣ,
Нигинро зи каф дур нагзоштӣ.
Чу кардӣ ба пайдо шудан рои хеш,
Нигинро задӣ нақш бар ҷои хеш.
Ба пайдову пинҳон шудан гирди шаҳр
Зи ҳар-ч орзу дошт, бардошт баҳр.

Яке рӯз бархост пинҳон ба роз,
Нигинро ба каф даркашид аз фароз.
Бараҳна яке теғи ҳиндӣ ба даст
Суи подшаҳ рафту пинҳон нишаст.
Чу холӣ шуд аз хосагон анҷуман,
Бар ӯ кард пайдо тани хештан.
Дили подшоро ба худ бим кард,
Бад-ӯ подшо шуғл таслим кард.
Ба зинҳор гуфташ, ки коми ту чист?
Фиристандаи ту бад-ин ҷой кист?
Шубон гуфт: «Пайғамбарам, зуд бош,
Ба ман биграв, аз бахт хушнуд бош!
Чу хоҳам, набинад маро ҳеҷ кас,
Бад-ин даъватам муъҷиз он асту бас».
Бад-ӯ подшо бигравид аз ҳарос
Ҳамон мардуми шаҳр беш аз қиёс.
Шубон ончунон гарданафроз гашт,
Ки он подшоҳӣ бад-ӯ боз гашт.
Нигин бин, ки аз муҳри ангуштарӣ
Чӣ гуна расондаш ба пайғамбарӣ?
Ҳакимон нигар, к-он нигин сохтанд,
Ба ҳикмат чӣ гуна барандохтанд?
Чунон бояд ангехт найрангу соз,
Ки мо дарнаёбем аз он парда роз.
Басе кардам андешаро раҳнамун,
Наёвардам ин бастагиро бурун.
Сано гуфт бар вай, чу шоҳ ин шунид,
Бар он низ, к-он нақш аз ӯ шуд падид.
Ҳама посдорони он остон
Гирифтанд ибрат бад-ин достон.

## АҲВОЛИ СУҚРОТ БО ИСКАНДАР

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бад-он сози тиморсӯз
Нишоти маро як замон барфурӯз.
Магар з-он навои бирешимнавоз
Бирешим кашам Румро дар Тароз.

### ДОСТОН

Чунин гӯяд он кордон файласуф,
Ки бар кори офоқ будаш вуқуф,
Ки юноннишинони он рӯзгор
Суи зуҳд буданд омӯзгор.
Зи дунё наҷустандӣ осоише,
Наярзидашон шаҳват олоише.

Накарданд илло риёзатгарӣ
Ба бисёрдонию андакх(в)арӣ.
Касе, к-ӯ ба худ – бар тавон доштӣ,
Зи табъ орзуҳо ниҳон доштӣ.
Накардӣ таматтуъ, нахӯрдӣ набид,
К-аз ин ҳар ду гардад хирад нопадид.
Зи гирд омадан сар дарояд ба гард,
Чу сар боядат, гирди офат магард.
Бад-он ҷо расиданд аз он расму рой,
Ки бархост бунёдашон з-ин сарой.
Зи хушкӣ ба дарё кашиданд бор,
Зи пайванд гаштанд парҳезгор.
Занонро зи мардон бипардохтанд,
Ҷудогонашон киштие сохтанд.
Ба мардонагӣ хуни худ рехтанд,
Бимурдандy бо зан наёмехтанд.
Ба гетӣ чунин буд бунёдашон,
Ки тухма ба гетӣ барафтодашон.
Яке рӯзи фархунда аз субҳгоҳ,
Зи фарзонагон базме орост шоҳ.
Чунон дод фармон ба солори бор,
Ки бо ман надорад кас имрӯз кор,
Фиристеду хонед Суқротро,
Нигаҳбони таркибу ахлотро.
Фиристода Суқротро бозҷуст,
Зи шаҳ ёд кардаш, ки ҷӯёи туст.
Замоне ба даргоҳи хусрав хиром,
Баророй ҷома, барафрӯз ҷом.
Фиреби варо пири доно нах(в)ард,
Фиребандагиро иҷобат накард.
Бад-ӯ гуфт: «Рав, бо Сикандар бигӯй,
Ки ҳарҷ андар ин раҳ наёбӣ, маҷӯй!
Ман онҷоиям в-ин сухан равшан аст,
Гар ин ҷо хаёлест, он бе ман аст.
Маро гар ба даст орад эзадпараст,
Ҳам аз даргаҳи Эзад оям ба даст».
Ҷавобе, ки он кони фарҳанг суфт,
Фиристода шуд, бо фиристанда гуфт.
Шаҳаншоҳро гашт равшан чу рӯз,
Ки Суқрот шамъест хилватфурӯз.
Наёбад ба дидори он шамъ роҳ,
Ҷуз он кас, ки шабхез бошад чу моҳ.
Сикандар, ки дорандаи тоҷ буд,
Ба дониш ҳамасола муҳтоҷ буд.
Замоне набудӣ, ки фарзонае
Зи гавҳар надодӣ бад-ӯ донае.
Зи ҳар донише, к-он зи донандагон
Расондандӣ ӯро расонандагон,

Суханҳои Суқроти бедорҳуш
Писанд омадӣ марзбонро ба гӯш.
Бар он шуд дили донишандеши ӯ,
Ки оранд Суқротро пеши ӯ.
Намуданд, к-он пири хилватпаноҳ
Бар омадшуди халқ барбаст роҳ.
Сар аз шуғли дунё чунон тофтаст,
Ки дар гӯр, гӯӣ, даре ёфтаст.
Зи хешону ёрон ҷудоӣ гирифт,
Ба кунҷе хароб ошноӣ гирифт.
Ҷаҳон гарчи кораш ба ҷон оварад,
На мумкин, ки сар дар ҷаҳон оварад.
Зи хун хӯрдани ҷонвар хӯ бурид,
Палосе бипӯшиду дебо дарид.
Кафе пист аз он ҷо, ки ғоят бувад,
Шабонрӯзӣ ӯро кифоят бувад.
Ҷуз Эзад парастиданаш кор нест,
Ба наздики ӯ халқро бор нест.
Низомисифат бо хирад хӯ гирифт,
Низомӣ магар, к-ин сифат з-ӯ гирифт?
Ба шарҳе, ки доданд аз он динпаноҳ,
Гирояндатар шуд бад-ӯ меҳри шоҳ.
Чунин омадаст одамиро ниҳод,
Ки орад фаромушкунонро ба ёд.
Касе, к-ӯ зи мардум гурезандатар,
Бад-ӯ майли мардум ситезандатар.
Чу Суқрот меҳри худ аз халқ шуст,
Ҳама халқ Суқротро бозҷуст.
Басе хонд шоҳаш бари хештан,
Нашуд шоҳи анҷум бар он анҷуман.
Чу з-андоза шуд хоҳиши шаҳрёр,
Дили кордон дарнаёмад ба кор.
Зи нози ҳунарманди турконаваш
Раманда нашуд давлати нозкаш.
Шаҳ аз ҷумлаи устуворони хеш
Яке маҳрами хосро хонд пеш,
Фиристод наздики доно фароз,
Басе қиссаҳо гуфт бо ӯ ба роз,
Ки наздики худ хондамат борҳо,
Ниҳон доштам бо ту гуфторҳо.
Иҷобат накардӣ, чӣ буд аз қиёс
Навозандаро ношудан ҳақшинос?
Чароӣ зи даргоҳи мо гӯшагир,
Биё, ё бигӯ ҳуҷҷате дилпазир.
Ба маъзурии хеш ҳуҷҷат намой
В-агар нест ҳуҷҷат, ба хоҷат бипой.
Фиристодаи паймуборак зи роҳ
Ба Суқрот шуд, дод пайғоми шоҳ.

Ҷаҳондида донои ҳозирҷавоб
Чунин дод посух ба рои савоб,
Ки «гар шаҳ маро хонд наздики х(в)ад,
Хирад чизҳо донад аз неку бад,
Намояд, ки рафтан бад-ӯ рой нест,
Ки меҳри туро дар дилаш ҷой нест.
Чу дарношудан ҳаст чандин далел,
Ба бозӣ нашуд пеши кас Ҷабраил.
Маро рағбат он гаҳ падид омадӣ,
Ки пайғоми шаҳ бо калид омадӣ.
Чу дар нофа мушк ошноӣ диҳад,
Бар ӯ бӯи хуш – бар гувоӣ диҳад.
Дилеро, ки бар дӯстӣ раҳбар аст,
Бурун аз забон ҳуҷҷате дигар аст.
Даруне, ки меҳр ошкоро кунад,
Мудоро фузун аз мудоро кунад.
Касоне, ки наздики шаҳ маҳраманд,
Ба базм-андарун шоҳро ҳамдаманд.
Суи ман набинанд бо обу санг,
Сутури маро пой аз ин ҷост ланг.
Чунон менамояд, ки дар базмгоҳ
Ба некӣ маро ёд н-овард шоҳ,
Ки он роздорон, ки хидматгаранд,
Ба дилдӯстӣ сӯи ман нангаранд.
Дили шоҳро марди мардумшинос
Ҳам аз мардуми шоҳ гирад қиёс.
Агар хосагонро забон ҳаст нарм,
Ба уммеди шаҳ дил тавон кард гарм.
В-агар нарм н-ояд зи гӯянда гуфт,
Дуруштӣ бувад шоҳро дар ниҳуфт.
Ғиносози гунбад чу бошад дуруст,
Садои хуш орад ба автори суст.
Зи гунбад чу як рукн гардад хароб,
Хушовозро нохуш ояд ҷавоб.
Ҳар он неку бад, к-ояд аз дар бурун,
Ба дорои даргаҳ бувад раҳнамун.
Ту хонӣ маро, пардадорони роз
Ба сарҳангӣ аз парда доранд боз.
Нигар, то ба тӯфон зи дарёи об
Дар ин кашмакаш чун намоям шитоб.
Мисол ончунон шуд, ки дарёи жарф
Намояд, ки дурҳост моро шигарф.
Наҳангони дарё кушоянд чанг,
Кӣ ҷӯяд гуҳар дар даҳони наҳанг?
Чӣ гуна шавам бар даре нурпош,
Ки бошад бар ӯ ин ҳама дурбош?
Бари шоҳ агар суратам бад кунанд,
Ҳалокат на бар ман, ки бар х(в)ад кунанд.

Зи халқи ҷаҳон бандаеро чӣ бок,
Ки бандад камар пеши Яздони пок.
Дар ин бандагӣ хоҷатошам туро,
Гар оям ба ту, банда бошам туро!
Бибин, эй Сикандар, ба тақвим рост,
Ки ин нуктаро иртифоъ аз куҷост?
Фиристодаи шаҳрёр аз бараш
Бари шоҳ шуд, хонд дарс азбараш.
Табақпӯш бардошт аз хони дур,
Зи дур домани шоҳро кард пур.
Шаҳ аз гавҳарафшони он кони ганҷ
Зи гавҳар баромудан омад ба ранҷ.
Писанд омадаш, к-он суханҳои чуст
Ба даъвигаҳи ҳуҷҷат омад дуруст.
Чу донист, к-ӯ ҳаст хилватгирой,
Пиёда ба хилватгаҳаш кард рой.
Зи шуғли ҷаҳон гашта машғули хоб,
Баросуда аз тобиши офтоб.
Шуд, он ганҷро дид дар гӯшае,
Зи бетӯшаӣ сохта тӯшае.
Тамошои ӯ дар дилаш кор кард,
Ба пояш биҷунбонду бедор кард.
Бад-ӯ гуфт: «Бархезу бо ман бисоз,
Ки то аз ҷаҳонат кунам бениёз».
Бихандид доно, к-аз ин доварӣ
Беҳ, ар ҷуз манеро ба даст оварӣ.
Касе, к-ӯ ниҳад дил ба муште гиё,
Нагардад ба гирди ту чун осиё.
Чу қурси ҷавин ҳаст ҷонпарварам,
Ғами гирдаи гандумин чун х(в)арам?
Бар он роҳрав ним ҷав бор нест,
Ки ӯро яке ҷав дар анбор нест.
Маро, к-оям аз коҳбарге сутӯҳ,
Чӣ бояд гаронбор гаштан чу кӯҳ?
Дигарбора шаҳ гуфт, к-«аз молу ҷоҳ
Таманно чӣ дорӣ ту, эй некхоҳ?»
Ҷавобаш чунин дод донои давр,
Ки «бо чун мане бармаянбор ҷавр.
Ман аз ту ба ҳиммат тавонгартарам,
Ки ту бешхорӣ, ман андакх(в)арам.
Ту бо ин ки дорӣ ҷаҳоне чунин,
Наӣ сердил ҳам зи хоне чунин.
Маро ин яке жандаи солх(в)ард
Гарон астӣ, ар нестӣ гарму сард.
Ту бо ин гаронӣ, ки дар бори туст,
Талабгории ман куҷо кори туст?»
Дигарбора пурсид аз ӯ шаҳрёр,
Ки «ту кистӣ, ман киям дар шумор?!»

Чунин дод посух сухангӯи пир,
Ки «фармондиҳам ман, ту фармонпазир!»
Барошуфт шаҳ з-он ҳадиси дуруст,
Ниҳонӣ суханро дарун бозҷуст.
Хирадманд посух чунин дод боз,
Ки «бар шаҳ кушоям дари баста боз.
Маро бандае ҳаст, номаш Ҳаво,
Дили ман бад-он банда фармонраво.
Ту онӣ, ки он бандаро бандаӣ,
Парастори моро парастандаӣ!»
Шаҳ аз рои донои борикбин
Зи хиҷлат сарафканда шуд бар замин.
Бад-ӯ гуфт: «Худ нури симои ман
Гувоҳ аст бар покии рои ман.
Зи покон чу покӣ ҷудоӣ макун,
Намурда, заминозмоӣ макун».
Дигар раҳ ҷавобеш чун сим дод,
Ки симоб дар гӯш натвон ниҳод.
Чу покию покизароӣ кунӣ,
Чаро даъвии чорпоӣ кунӣ?
Ки ҳар чорпое, ки орад шитоб,
Ба пой андарорад касеро зи хоб.
Чу ман хуфтаеро ту бедормард
Набоист аз ин гуна бедор кард.
Ту, к-аз хоб моро барошуфтаӣ,
Кунӣ хуфта бедору худ хуфтаӣ.
Бад-ин хоби харгӯшу хӯи паланг,
Зи шерони бедор бардор чанг.
Шикоре талаб, к-афтад аз тири ту,
Ҳижабре чу ман нест нахчири ту.
Дили шаҳ бад-он достонҳои гарм,
Чу мум аз пазирандагӣ гашт нарм.
Ба хоҳиш чунон хост он ҳушманд
Зи пандаш диҳад ҳалқаи гӯшбанд.
Шуд он талхӣ аз пири парҳезгор,
Ба ширинзабонӣ даромад ба кор.
Аз он панд, к-ӯ сарбаландӣ диҳад,
Бигуфт, он чи ӯ судмандӣ диҳад,
Ки чун оҳани дастпирои ту
Пазирои сурат шуд аз рои ту,
Тавонӣ, ки равшан кунӣ синаро,
Дар ӯ орӣ оини ойинаро,
Чу бурдан тавонӣ зи оҳан ту занг,
Ки то ҷой гирад дар ӯ нақшу ранг,
Дили покро зангпардоз кун,
Бар ӯ рози рӯҳониён боз кун.
Сияҳ кун равони бадандешро,
Бишӯй аз сиёҳӣ дили хешро.

Забонист, ҳар к-ӯ сияҳдил бувад,
На ҳар зангие хоҷамуқбил бувад.
Ба савдои зангӣ машав раҳнамун,
Муфарриҳ нигар, к-аз лаб орад бурун.
Сиёҳӣ кунӣ, сӯхта шав чу бед,
Ки дандон бад-ӯ кард зангӣ сапед.
Магар к-оинай зангӣ аз оҳан аст,
Ки бо он сиёҳӣ дилаш равшан аст?
Аз он ҷо хабар дод корозмой,
Ки нӯшобро дар сиёҳист ҷой.
Бурун ой чун нуқра з-олудагӣ,
Зи нуқра биёмӯз полудагӣ.
Димоғе, к-аз олудагӣ гашт пок,
Бичарбад бар ин гунбади дуднок.
Ниҳонхонаи субҳгоҳӣ шавад,
Ҳарамгоҳи сирри илоҳӣ шавад.
Зи ту дур кардан зи равзан ниқоб,
Ба равзан дарафтодан аз офтоб.
Чароғе ба дарюза баркарда гир,
Қафое зи боди саҳар х(в)арда гир.
Аморикаши нури хуршед бош,
Зи турки аморӣ бар уммед бош.
Ту дар пок мекун зи хошоку хор,
Талабгори султон машав зинҳор.
Чу султон шавад сӯи нахчиргоҳ,
Даре руфта бинад, фурӯ шуста роҳ.
Чу донӣ, ки омад ба меҳмон фуруд,
Ба нохондамеҳмон бар аз мо дуруд.
Гар ой бар ин дар, далерӣ макун,
Таманнои болову зерӣ макун.
Ба ҷон шав пазирандаи базми хос,
Ки танро зи дарбон набинӣ халос.
Ба кафши гилолуда бар тахти шоҳ
Нашояд шудан кафшбифкан ба роҳ.
Чу ҳамкосаи шоҳ хоҳӣ нишаст,
Бипирой нохун, фурӯ шӯй даст.
Киро заҳра, гар худ бувад шарзашер,
Ки бар тахти султон хиромад далер,
Ки шере, ки бар тахти ӯ бахта шуд,
Ҳам аз ҳайбати тахти ӯ тахта шуд.
Касе, к-ӯ дарояд ба даргоҳи ту,
Хурад силӣ, ар гум кунад роҳи ту.
Бибин, то туро сар ба даргоҳи кист?
Дили тарснокат назаргоҳи кист?
Гар ин дар занӣ, камтарин банда бош,
Гар ин пой дорӣ, сарафканда бош.
В-агарна ту худ шоҳию шаҳрёр,
Туро бо саги посбонон чӣ кор?

Ту гармӣ макун, гар ман аз хӯи гарм
Нагуфтам туро гуфтаниҳои нарм.
Дили тофта, к-ӯ зи ман тафта буд,
Ба ҷосусии осмон рафта буд.
Кунун, к-омад аз осмон бар замин,
Раҳовардаш он буду раҳбурдаш ин.
Чу гуфт ин суханҳои парварда пир,
Сухан дар дили шоҳ шуд ҷойгир.
Барафрӯхта рӯй чун офтоб,
Суи базми худ кард хусрав шитоб.
Бифармуд, то марди котибсиришт
Ба оби зар он нуктаҳоро навишт.

## ГУФТОРИ ҲАКИМИ ҲИНД БО ИСКАНДАР

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, ғиноро даровар ба ҷӯш,
Ки дар боғ булбул набояд хамӯш.
Магар хотирамро ба ҷӯш оварӣ,
Мани гунгро дар хурӯш оварӣ.

## ДОСТОН

Ҳамон файласуфи ҷаҳондида гуфт,
Ки «чун дониш омад, раҳи шоҳ руфт,
Даҳан муҳр кард аз маи хушгувор,
Ки бунёди шодӣ надид устувор.
Яке рӯз, к-аз субҳи зарринниқоб
Ба наззорагон рух намуд офтоб,
Сикандар ба оини фарҳанги хеш
Мулукона бар шуд бар авранги хеш.
Даромад рақибе, ки инак зи роҳ
Фиристодаи ҳинду омад ба шоҳ.
Намояд, ки дар ҳазрати шаҳрёр
Паёмоварам, боз хоҳед бор.
Бифармуд шаҳ, то шитоб оваранд,
Муғонро суи офтоб оваранд.
Ба фармони шаҳ сӯи муғ тохтанд,
Раҳаш боздоданду бинвохтанд.
Даромад муғи хидматомӯхта,
Муғона чу оташ барафрӯхта.
Чу тобанда хуршедро дид, зуд
Ба расми муғонаш парастиш намуд.
Ба фармони шоҳаш рақибони даст
Нишонданд ҷое, ки шояд нишаст.
Сухан мешуд аз ҳар даре дилписанд,
Зи хоки замин то ба чархи баланд.

Ба андоза ҳар кас ҳунар менамуд,
Ба гуфтори худ қадри худ мефузуд.
Чу дар ҳинду омад нишоти сухан,
Гули тоза руст аз дарахти куҳан.
Басе нуктаҳои гиреҳбаста гуфт,
Ки он дурри носуфтаро кас насуфт.
Фалакро зи лаб ҳуққа пурнӯш кард,
Ҷаҳонро зи дур ҳалқа дар гӯш кард.
Санои ҷаҳондори гетипаноҳ
Чунон гуфт, к-афрӯхт он боргоҳ.
Чу гашт аз сано пир пардохта,
Ниқоби сухан шуд барандохта,
Ки торикпарвонае сӯи боғ
Равон шуд ба уммеди равшанчароғ,
Магар, к-он чароғ ошноӣ диҳад,
Мани тираро рӯшноӣ диҳад.
Манам пешвои ҳама ҳиндувон,
Ба андеша пиру ба қувват ҷавон.
Суханҳои сарбаста дорам басе,
Ки накшояд он бастаро ҳар касе.
Шунидам, к-аз ин даври омӯзгор
Саромад туӣ бар ҳама рӯзгор.
Хирад риштаи дурри яктои туст,
Дирафши гиреҳбозкун рои туст.
Агарчи худованди тоҷию тахт ,
Бари донишат низ додаст бахт.
Агар гуфтаро аз ту ёбам ҷавоб,
Парастиш бигардонам аз офтоб.
В-агар н-ояд аз шаҳ ҷавобе ба даст,
Дигарбора бар хар тавон рахт баст,
Валекин нахоҳам, ки ҷуз шаҳрёр
Равад дар сухан ҳеҷ касро шумор.
Зи ман пурсишу посух ояд зи ту,
Ҷавоби сухан фаррух ояд зи ту.
Ҷаҳондор гуфто: «Баҳона маҷӯй,
Сухан ҳар чӣ пӯшида дорӣ, бигӯй!»
Ҷаҳондида ҳинду замин бӯса дод,
Забоне чу шамшери ҳиндӣ кушод.
Чу кард офарине сазовори шоҳ,
Бипурсидаш аз кори гетипаноҳ,
Ки чун ман зи худ рахт берун барам,
Суи офаринанда раҳ чун барам?
Яке офаринанда донам, ки ҳаст
Куҷо ҷӯямаш, чун шавам раҳбадаст?
Нишонаш падид асту ӯ нопадид,
Дари бастаро аз кӣ ҷӯям калид?
Вуҷудаш, ки соҳибмаъонӣ шудаст,
Заминист ё осмонӣ шудаст.

Дар андеша ё дар назар ҷӯямаш?
Чу пурсанд ҷояш, куҷо гӯямаш?
Куҷо ҷой дорад зи болову зер?
Ба ҳуҷҷат шавад марди пурсанда сер».
Ҷаҳондор посух чунин дод боз,
Ки ҳам кӯтаҳ аст ин сухан, ҳам дароз.
Чу аз хештан рӯй бартофтӣ,
Ба Эзад чунон дон, ки раҳ ёфтӣ.
Талаб кардани ҷои ӯ рой нест,
Ки ҷойофаринандаро ҷой нест.
На кас рози ӯро тавонад шумурд,
На андеша донад бад-ӯ роҳ бурд.
Бад-он чизҳо дорад андеша роҳ,
Ки бошад бад-ӯ дидаро дастгоҳ.
Худоро нашояд дар андеша ҷуст,
Ки дев аст, ҳар ч-он зи андеша руст,
Ҳар андешае, к-он бувад дар замир,
Хаёле бувад офаринишпазир.
Ҳар он-ч ӯ надорад дар андеша ҷой,
Суи офаринанда шуд раҳнамой.
Ба ғафлат нашояд шуд ин роҳро,
Ки абр аз ту пинҳон кунад моҳро.
Нишон бас бувад карда бар кирдгор,
Чу ин ҷо расидӣ, ҳам ин ҷо бидор.
Ба эзадшиносӣ ҳамин шуд қиёс,
Аз ин нагзарад марди эзадшинос.
Чу ҳинду ҷавоби Сикандар шунид,
Ба шаббозии дигар омад падид,
Ки ҳар ч-аз замин бошаду осмон
Ниҳоятгаҳе бошадаш бегумон.
Хабар деҳ, ки берун аз ин боргоҳ
Ба чизе дигар ҳаст ё нест роҳ?
Агар ҳаст, чун з-он кас огоҳ нест?
В-агар нест, бар нестӣ роҳ нест.
Ҷаҳондор гуфт: – «Аз ҳисоби куҳан
Баозармтар сикка зан бар сухан.
Бурун з-осмону замин барматоз,
Ки н-ой ба сарриштаи хеш боз.
Фалак бар ту з-он ҳафт мандал кашид,
Ки берун зи мандал нашояд давид.
Аз ин мандали хун нашояд гузашт,
Ки чарх истодаст бо теғу ташт.
Ҳисорест ин боргоҳи баланд,
Дар ӯ гашта андешаҳо шаҳрбанд.
Чу андеша з-ин парда дарнагзарад,
Паси пардаи роз пай чун барад?
Наҷӯяд дигар пардаи розро,
Хабарҳои анҷому оғозро.

Бад-ин достонҳо занад раҳнамой,
Ки нодидаро нест андеша ҷой.
Гар андешӣ онро, ки нодидаӣ,
Чу некӯ бибинӣ, хато дидаӣ.
Басо кас, ки ман дида ангоштам,
Хаёлаш дар андеша бингоштам,
Саранҷом чун дидамаш вақти кор,
На он буд, к-аз вай гирифтам шумор.
Ҷаҳоне дигар ҳаст пӯшидарӯй,
Ба он ҷо тавон кардан ин ҷустуҷӯй.
Дигарбора гуфташ: Ба ман гӯй рост,
Ки мулки ҷаҳон бар ду қисмат чарост?
Ҷаҳоне бад-ин хубӣ оростан,
Чӣ бояд ҷаҳоне дигар хостан?
Чу пайдост, к-ин ҷо тавонем зист,
Ба он ҷо сафар кардан аз баҳри чист?
Чу он ҷо нишастангаҳ омад дуруст?
Ба ин ҷо гузаштан чӣ бояд нахуст?»
Хирадманд шаҳ гуфт, к-эй содамард,
Чунин дону аз дил фурӯ шӯй гард,
Ки Эзад ду гетӣ бад-он офарид,
Ки он ҷо бувад ганҷу ин ҷо калид.
Дар ин ҷо кунӣ кишту кори наве,
Дар он ҷо бари киштаро бидравӣ.
Дар ин гардад аз ҳоли худ, ҳар чӣ ҳаст,
Дар он бар яке ҳол бояд нишаст.
Ду паргор барзад ҷаҳонофарин,
Дар ин офариниш, дар он офарин.
Пул аст ину бар пул бибояд гузашт,
Ба дарё бувад селро бозгашт.
Чу чашма равон гардад аз кӯҳсор,
Ба дарёш бояд гирифтан қарор.
Дигарбора пурсид ҳиндуи пир,
Ки «ҷон чист дар пайкари ҷонпазир?
Намояд маро, к-оташе тофтаст,
Шароре аз ӯ колбад ёфтаст.
Фурӯ мурдани ҷону оташ якест,
Дар ин бад бувад, гар касеро шакест.
Чу оташ дар ӯ гармдил гашт шоҳ,
Ба тундӣ дар ӯ кард лахте нигоҳ.
Бад-ӯ гуфт, к-аҳриманӣ-сони туст,
Агар ҷоне оташ бувад, ҷони туст!
Нахондӣ, ки ҷон чун сафарсоз гашт,
Аз он кас, ки омад, бад-ӯ боз гашт.
Чу з-оташ бувад ҷунбиши ҷон нахуст,
Ба дӯзах тавон ҷои ӯ бозҷуст.
Дигар он ки гуфтӣ ба вақти фароғ,
Фурӯ мурдани ҷон бувад чун чароғ.

Ғалат гуфтаӣ, ҷони улвигирой
Намирад, валекин шавад боз ҷой.
Ҳикоят зи шахсе, ки ӯ ҷон супурд,
Чӣ гӯянд, ҷон дод ё ҷон бимурд.
Бигӯянд ҷон доду ин нест зарқ,
Зи дода бувад то фурӯмурда фарқ.
Зи ҷон даргузар, к-он фурӯғест пок,
Зи нури илоҳӣ, на аз обу хок.
Дигаргуна ҳинду сухан кард соз,
Ба пурсидани хобаш омад ниёз,
Ки «бинандаи хобро дар хаёл
Чӣ неру бурун оварад парру бол,
Ки манзил ба манзил равад кӯҳу дашт,
Бибинад ҷаҳон дар ҷаҳон саргузашт?
Чу бинанда он ҷост, ин хуфта кист?
В-агар нақшбанд он шуд, ин нақш чист?
Ба посух дигарбора шуд шоҳ тез,
Ки хоб аз хаёле бувад хонахез.
Хаёли ҳама хобҳо хонагист,
Дар он ошноӣ, на бегонагист.
Агар мурда, гар зинда бинӣ ба хоб,
Зи шамъи ту мехезад он нуру тоб.
Намоянда андешаи поки туст,
Намуда таманнои идроки туст.
Гарат дар дил ояд, ки рози ниҳуфт
Чаро гашт пайдо бар он кас, ки хуфт?
Равон чун бараҳна шавад дар хаёл,
Напӯшад бар ӯ сурати ҳеҷ ҳол.
Набинӣ касе, к-ӯ риёзатгар аст,
Ба бедорӣ он ганҷро раҳбар аст.
Ҳамон бинад он марди бедорҳуш,
Ки дигар кас аз хобу хоб аз суруш».
Дигарбора ҳинду даромад ба гуфт,
Гуҳар кард бо нӯги алмос ҷуфт.
Ки «бе чашми бад шоҳие деҳ маро,
Зи чашми бад огоҳие деҳ маро.
Чӣ нерӯст дар ҷунбиши чашми бад,
Ки некӯи худро кунад чашмзад?
Аз ӯ коргартар ҷаҳонозмой
Надидаст бинандаи ҷонгазой.
Ҳама чизро, к-озмоиш расад,
Чу дида писандад, физоиш расад.
Ҷуз ӯро, ки ҳар ч-ӯ писанд оварад,
Сару гарданаш зери банд оварад,
Ба ҳар ҳирфате – дар, ки дидем жарф,
Дурустӣ надидем дар ҳеҷ ҳарф.
Ҳамин як камондор шуд, к-аз нахуст
Ба омоҷгаҳ тири ӯ шуд дуруст.

Бигӯ, то чӣ нерӯст нерӯи ӯ?
Сипанд аз чӣ бурд офат аз хӯи ӯ?
Чӣ донам, ки ман чашми бад дидаам,
Писандида ё announced нописандидаам.
Ҷаҳондор гуфташ, ки «соҳибқиёс
Чунин орад аз рои маънишинос,
Ки – бар ҳар чӣ гардад назар ҷойгир,
Гузар бар ҳавое кунад ногузир.
Бар он чиз, к-орад ҳаме тохтан,
Кунад бо ҳаво рои дам сохтан.
Буна чун дарорад бад-он рахнагоҳ,
Ҳаво низ ёбад дар он рахна роҳ,
Ҳаво гар ҳавое бувад судманд,
Дар аркони он чиз н-ояд газанд.
Мизоҷи ҳаво чун бувад заҳрнок,
Бияндозад он чизро дар мағок.
Ҳавои бад аст, он ки бар чашмзад
Бад орад ба ҳамроҳии чашми бад.
Валекин ба наздики ман дар ниҳуфт
Ҷуз ин иллате ҳаст, к-он кас нагуфт.
На чашми бад аст ончунон коргар,
Ки нақши равандаст пеши назар.
Чу бинад аҷабкорие дар хаёл,
Ба таъдиб чашмаш диҳад гӯшмол.
Тааҷҷуб раво нест дар роҳи ӯ,
Набояд ҷуз ӯ дар назаргоҳи ӯ.
Чу нақши ҳарифе шигифт оядаш,
Даҳо бохтан дар гирифт оядаш.
Гирифторкунро диҳад печ-печ,
Бад-он, то нагардад гирифтор ҳеҷ.
Касеро, ки чашме расад ногаҳон,
Даҳандарраааш уфтад дар даҳон.
Расонандаи чашмро ҷӯши хун
Бухоре зи пешонӣ орад бурун.
Ба ин ҳар ду маънишиносанду бас,
Ки ин чашмзан буду он чашмрас.
Сипанд аз паи он шуд афрӯхта,
Ки офат ба оташ шавад сӯхта.
Фусунгар дигаргуна гуфтаст роз,
Ки чун бо сипанд оташ омад фароз,
Расад бар фалак дуди мушкинсипанд,
Фалак худ зи раҳ боздорад газанд.
Дигарбора ҳиндуи румипараст
Даровард пӯлоди ҳиндӣ ба даст,
Ки «аз неку бад марди ахтарсигол
Хабар чун диҳад, чун занад нақши фол?
Зи нақше, ки аз кор н-ояд бурун,
Ба неку ба бад чун шавад раҳнамун?»

Чунин гуфташ он мояи эзадӣ,
Ки ҳар-ч он зи некӣ расад ё бадӣ,
Ҳар оина дар нақши ин гунбад аст,
Агар нек, нек аст, агар бад, бад аст.
Сиголандаи фол чун қуръа ронд,
Зи толеъ тавонад ҳаме нақш хонд.
Намудори толеъ намояд дуруст,
Зи тухме, ки хоҳад дар он заръ руст.
Худое, ки ҳаст офаринишпаноҳ,
Чу бинад ниёзе дар ин арзагоҳ,
Ба андозаи он ки бошад ниёз,
Намояд ба мо буданиҳои роз.
Фиристад сурушею бо ӯ калид,
Кунад рози сарбаста бар мо падид.
Аз он бода ҳинду чунон маст шуд,
Ки якбора шамшераш аз даст шуд.
Дигарбора пурсид, к-аз Чину Занг
Варақҳои сурат чаро шуд дуранг?
Чу яксон бувад рангҳо дар лавид,
«Чаро ин сияҳ гашту он шуд сапед?»
Ҷаҳондор гуфт: «Ин гироянда гӯй
Дуранг аст, якрангӣ аз вай мақӯй.
Дурӯяст хуршеди оинаваш,
Яке рӯй дар Чин, яке дар Ҳабаш.
Ба рӯе кунад рӯйҳоро чу моҳ,
Ба рӯе дигар рӯйҳоро сиёҳ».
Чу ҳиндуи доно ба чандин суол
Забун шуд зи фарҳанги донишсигол,
Ба таслими шаҳ бӯса бар хок зад,
Шаҳ аз хуррамӣ сар бар афлок зад.
Ҳама зиракон бар чунон ҳушу рой
Дамиданду хонданд номи Худой.

## ХИЛВАТ СОХТАНИ ИСКАНДАР БО ҲАФТ ҲАКИМ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биёр он Раҳи бостон,
Маро ёрие деҳ дар ин достон.
Зи дастони гетӣ магар ҷон барам,
Бар ин достон раҳ ба поён барам.

### ДОСТОН

Чунин омад аз файласуф ин сухан,
Ки чун шуд ба шаҳ тоза рӯзи куҳан,
Ба фирӯзии бахти фархундафол
Даромад ба бахшидани мулку мол.
Зи бас бахшиши ӯ дар он марзу бум
Барафтод дарвешӣ аз аҳли Рум,

Ниҳоданд сар хусравон бар дараш,
Ба фармондиҳӣ гашта фармонбараш.
Ба фархундагӣ шоҳи фирӯзбахт
Яке рӯз баршуд ба фирӯзатахт.
Сухан ронд аз инсофу аз дину дод,
Гаҳе дурҷ мебасту гаҳ мекушод.
Чу лахте сухан гуфт аз он дар ки буд,
Ба хилватгаҳи хеш рағбат намуд.
Аз он файласуфон гузин кард ҳафт,
Ки бар хотири кас хатое нарафт.
Балиноси барнову Суқроти пир,
Арасту ки буд мамлакатро вазир,
Фалотуну Волису Фарфуриюс,
Ки рӯҳулқудус кардашон дастбӯс.
Ҳамон ҳафтумин Ҳирмиси некрой,
Ки бар ҳафтумин осмон кард ҷой.
Чунин ҳафт паргор бар гирди шоҳ,
Дар он доира шаҳ шуда нуқтагоҳ.
Тарозанда базме, чу тобанда ҳур.
Ҳам аз бода холӣ, ҳам аз бод дур.
Дили шаҳ дар он маҷлиси тангбор
Ба абрӯфарохӣ даромад ба кор.
Ба донандагон роз бикшоду гуфт,
Ки «то кай бувад рози мо дар ниҳуфт?
Басе шаб ба мастӣ шуду беҳ(в)адӣ,
Гузорем як рӯз дар бихрадӣ.
Як имрӯз бинем дар моҳу меҳр,
Кушоем сарбастаҳои сипеҳр.
Бидонем, к-ин хиргаҳи говпушт
Чӣ гуна даромад ба хоки дурушт?
Чунин буд, то буд болову зер,
Бад-он сон ки буд, гуфт бояд далер.
Чунон воҷиб омад ба рои дуруст,
Ки таркиби аввал чӣ буд аз нахуст?
Чӣ афзоишу коҳиши нав ба нав
Ба нобуди пешина шуд пешрав.
Нахустин сабабро дар ин тору пуд
Биҷӯем аз аҷроми чархи кабуд.
Бад-ин зиракӣ ҷамъе омӯзгор
Наёрад ба ҳам баъд аз ин рӯзгор,
Надонем,аз мо дар ин роҳи ранҷ
Киро пой хоҳад фурӯ шуд ба ганҷ?
Бигӯед ҳар як ба фарҳанги хеш,
Ки ин кор аз оғоз чун буд пеш?
Ба тақдиру ҳукми ҷаҳонофарин
Нахуст осмон карда шуд ё замин?
Биё, то бурун оварем аз ниҳуфт,
Ки аввалбаҳори ҷаҳон чун шукуфт.

Чӣ гуна ниҳодаш биногар бино?
Чӣ бонг омад аз сози аввалғино?
Чу шоҳ ин суханро сароғоз кард,
Чунон ганҷи сарбастро боз кард.
Зи таърихи он коргоҳи куҳан
Фурӯ баст бар файласуфон сухан.
Сухан воҷиб омад ба фикри савоб,
Валекин ниюшандаро дар ҷавоб
Чунон рафт рухсат ба рои дуруст,
К-Арасту кунад пешвоӣ нахуст.

## ГУФТОРИ АРАСТУ ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Арастуи равшандили ҳушманд
Сано гуфт бар тоҷдори баланд,
Ки доим ба дониш гироянда бош,
Дари бастагиро кушоянда бош,
Ба нерӯи додофарин шод зӣ,
Зи банде, ки накшояд, озод зӣ!
Чу фармон чунин ояд аз шаҳрёр,
К-аз оғози ҳастӣ намоям шумор.
Нахустин яке ҷунбише буд фард,
Биҷунбид чандон, ки ҷунбиш ду кард
Чу он ҳар ду ҷунбиш ба як ҷо фитод,
Зи ҳар ҷунбише ҷунбише нав бизод.
Ба ҷуз он ки он ҷунбише фард буд,
Се ҷунбиш ба як ҷой дарх(в)ард буд.
Се хат з-он се ҷунбиш падидор шуд,
Се давре дар он хат гирифтор шуд.
Чу гашт он се давре зи марказ аён,
Тануманд шуд ҷавҳаре дар миён.
Чу он ҷавҳар омад бурун аз навард,
Хирад номи ӯ ҷисми ҷунбанда кард.
Дар он ҷисми ҷунбанда н-омад қарор,
Ҳамебуд ҷунбон басе рӯзгор.
Аз он ҷисм чандон, ки тобанда буд,
Ба болои марказ шитобанда буд.
Чу гарданда гашт, он чи боло давид,
Сукунат гирифт, он чи зер орамид.
Аз он ҷисми гардандаи тобнок
Равон шуд сипеҳри дурафшони пок.
Зи майле, ки бар маркази хеш дид,
Суи доира майли худ беш дид.
Ба он майл, к-аввал гироянда буд,
Ҳамасола ҷунбиш намоянда буд,
Чу паргори аввал чунон баст банд,
К-аз ӯ созвар шуд сипеҳри баланд.
Зи гашти сипеҳр оташ омад падид,
Ки оташ зи нерӯи гардиш дамид.

Зи нерӯи оташ ҳавое кушод,
Ки монанди ӯ гарм дорад ниҳод.
Ба таррӣ гироянда шуд гавҳараш,
Ки гардандагӣ дур буд аз бараш.
Чакид аз ҳаво таррие дар мағок,
Падид омад обе хушу нағзу пок.
Чу осуда гашт обу дурдӣ нишаст,
Аз он дурд пайдо шуд ин хоки паст.
Чу ҳар чор ҷавҳар ба амри Худой
Гирифтанд бар маркази хеш ҷой,
Мизоҷи ҳама дар ҳам омехтанд,
В-аз ӯ рустаниҳо барангехтанд.
В-аз он рустаниҳои пардохта
Зи ҳар гуна шуд ҷонвар сохта.
Ба андозаи ақли нисбатшинос
Аз ин беш натвон намудан қиёс.

## ГУФТОРИ ВОЛИС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чунин ронд Волиси доносухан,
Ки «нав бод шаҳ дар ҷаҳони куҳан!
Ба таълими дониш тануманд бод,
Ба донишпажӯҳӣ баруманд бод!
Чу фармуд солори гарданкашон,
Ки ҳар кас диҳад з-он чи дорад нишон,
Чунин гашт бар ман ба дониш дуруст,
Ки ҷуз об ҷавҳар набуд аз нахуст!
Зи ҷунбиш намудан ба ҷое расид,
К-аз ӯ оташе дар тахалхул дамид.
Чу оташ бурун ронд барқ аз бухор,
Ҳавое фурӯ монд аз ӯ обдор.
Такосуф гирифт об аз оҳистагӣ,
Замин созвар гашт аз он бастагӣ.
Чу ҳар ҷавҳари хос ҷое гирифт,
Ҷаҳон аз табиат навое гирифт.
Зи лутфе, ки сарҷӯши он ҷумла буд,
Гиреҳ баст гардуну ҷунбиш намуд.
Ниюшогар инро нахоҳад шунид,
К-аз обе чунин пайкар омад падид.
Намудори нутфа бари ростон
Далелест қатъӣ бар ин достон».

## ГУФТОРИ БАЛИНОС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Балиноси доно ба зону нишаст,
Заминро тилисми заминбӯса баст,
Ки «чандон, ки ҳаст офариниш ба ҷой,
Шаҳо, бар ту бод офарини Худой!

Зи дониш мабодо дили шоҳ дур,
Ки бо нур беҳ дида бо дида нур.
Чу фарҳанги хусрав чунон бозҷуст,
Ки пайдо кунам розҳои нахуст,
Нахустин тилисме, ки пардохтанд,
Замин буду таркиб аз ӯ сохтанд.
Чу нерӯи ҷунбиш дар ӯ кард кор,
Ба афсунгарӣ з-ӯ баромад бухор.
Аз ӯ ҳар чӣ рахшандаву пок буд,
Сазовори аҷроми афлок буд.
Дигар бахшҳо, к-он баландӣ надошт,
Ба ҳар марказе мояе мегузошт.
Яке бахш аз ӯ оташи равшан аст,
Ки болотари тоқи ин гулшан аст.
Дувум бахш аз ӯ боди ҷунбандахӯст,
Ки то ӯ наҷунбад, надонанд, к-ӯст.
Севум бахш аз ӯ оби равнақпазир,
Ки ҳасташ зи роваҷгарӣ ногузир.
Ҳамон қисмати чорумин ҳаст хок,
Зи саркӯби гардиш шуда гарднок».

## ГУФТОРИ СУҚРОТ ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чу Суқротро дод навбат сухун,
Рутабрез шуд хӯшаи нахлбун.
Ҷаҳонҷӯйро гуфт: «Поянда бош,
Ба дину ба дониш гироянда бош!
Ҳама орзуҳо шикори ту бод!
Ниҳуфти ҷаҳон ошкори ту бод!
Зи пурсидаи шаҳрёри ҷаҳон
Кӣ донад, ки ҳаст ин пажӯҳиш ниҳон?
Валекин ба андозаи рои хеш
Кунад ҳар касе арзи колои хеш.
Нахустин варақ, к-офариниш набуд,
Ҷуз Эзад худованди биниш набуд.
Зи ҳайбат барангехт абре баланд,
Ҳамон барқу борони ӯ судманд.
Зи борони ӯ гашт пайдо сипеҳр,
Падид омад аз барқи ӯ моҳу меҳр.
Зи моҳийяте, к-аз бухор уфтод,
Замин гашту бар ҷои хеш истод.
Аз ин бештар раҳнамун раҳ набурд,
Газофа сухан барнашояд шумурд».

## ГУФТОРИ ФАРФУРИЮС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Пас он гаҳ, ки хоки замин дод бӯс,
Чунин посух овард Фарфуриюс,

Ки «то давр бошад хиромишпазир,
Ту бодӣ, ҷаҳондовари давргир!
Сар аз доди ту барматобод даҳр,
Ки доди ту бедодро кард қаҳр.
Зи пурсидани шоҳи эзадшинос
Чунон дар дил омад маро аз қиёс,
К-аз он пештар, к-ин ҷаҳон шуд падид,
Ҷаҳонофарин ҷавҳаре офарид.
Зи парвардани файзи парвардгор
Ба обе шуд он ҷавҳари обдор.
Дунима шуд он оби ҷавҳаркушой,
Яке зеру дигар забар ёфт ҷой.
Ба табъ он дунима чу кофуру мушк,
Яке нима тар гашту як нима хушк.
Зи тарри яке нима ҷунбишпазир,
Зи хушкӣ дигар нима оромгир.
Шуд он оби ҷунбишпазир осмон,
Шуд ин орамида замин дарзамон.
Хирад то бад-ин ҷост, кӯшиш намой,
Бурун з-ин хат андешаро нест ҷой».

## ГУФТОРИ ҲИРМИС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чу қуфлозмоӣ ба Ҳирмис расид,
Ба занҷирхоӣ даромад калид.
Аз он пештар, к-он гиреҳ боз кард,
Сухан бар дуои шаҳ оғоз кард,
Ки «бар ҳар чӣ шояд кушодан зи банд,
Дилу рои шаҳ бод фирӯзманд!
Фалак бод гарданда бар коми ӯ,
Магардод аз ин хусравӣ номи ӯ!
Чу шаҳро чунин омадаст ихтиёр,
Ки нахле диҳад шохи ҳар мева бор,
Маро ҳам зи фармон набояд гузашт,
Кунун сӯи пурсиш кунам бозгашт.
Аз он гаҳ, ки бурдам ба андеша роҳ,
Дар ин тоқи пирӯза кардам нигоҳ.
Бар онам, ки ин тоқи дарёшукӯҳ
Муаллақ чу дудест бар авҷи кӯҳ.
Ба болои дуде чунин ҳавлнок
Фурӯзанда нурест софию пок.
Ниқобест ин дур дар пеши нур,
Дарича-дарича зи ҳам гашта дур.
Зи ҳар рахна, к-аз дуд раҳ ёфтаст,
Ба андоза нуре бурун тофтаст,
Ҳамон анҷум аз моҳ то офтоб
Фурӯғест, к-ояд бурун аз ниқоб.

Вуҷудофаринаш бидонам дуруст,
Надонам, ки чун офарид аз нахуст.

## ГУФТОРИ АФЛОТУН ДАР ОФАРИНИШИИ НАХУСТ

Фалотун, ки бар ҷумла буд устод,
Зи дарёи дил ганҷи гавҳар кушод,
Ки «равшанхирад подшоҳи ҷаҳон
Мабод аз дилаш ҳеҷ розе ниҳон.
Зи давлат ба ҳар кор ёриш бод,
Гузар бар раҳи растгориш бод!
Ҳадисе, ки пурсад дили поки ӯ,
Бигӯему тарсем аз идроки ӯ.
Зи ҳарфи хато чун надорем тарс,
Ки аз лавҳи нодида хонем дарс?
Дар андешаи ман чунон шуд дуруст,
Ки ночиз буд офариниш нахуст.
Гар аз чиз чиз офаридӣ Худой,
Азал то абад моя будӣ ба ҷой!
Таваллуд бувад, ҳар чӣ аз моя хост,
Худоӣ ҷудо, кадхудоӣ ҷудост.
Касеро, ки хонад хирад корсоз,
Ба чандин таваллуд набошад ниёз.
Ҷудогона ҳар гавҳареро нигошт,
Ки дар ҳеҷ гавҳар миёнҷӣ надошт.
Чу гавҳар ба гавҳар шуд ороста,
Хилоф аз миён гашт бархоста.
Аз он саркашони мухолифгирой
Бад-ин сарварӣ кард шахсе ба пой.
Агар гирӣ аз парри мӯре қиёс,
Тавон шуд бад-он ибрат эзадшинос».

## ГУФТОРИ ИСКАНДАР ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чу хатми сухан қуръа бар шоҳ зад,
Сухан сиккаи қадр бар моҳ зад.
Сикандар, ки хуршеди офоқ буд,
Ба равшандилӣ дар ҷаҳон тоқ буд,
Аз он равшанӣ буд, к-он равшанон
Бар ӯ анҷуман сохтанд ончунон.
Чу зирак бувад шоҳи омӯзгор,
Ҳама зиракон орад он рӯзгор.
Чу шаҳ гуфти он зиракон гӯш кард,
Ҷудогона ҳар ҷомро нӯш кард.
Бар он файласуфони мушкилкушой
Басе офарин тоза кард аз Худой.

Пас он гоҳ гуфт: «Эй ҳунарпарварон,
Басе кардам андеша дар ахтарон.
Бар онам, ки ин сурат аз худ наруст,
Нигорандае будашон аз нахуст.
Нигоранда донам, ки ҳаст аз дарун,
Нигориданашро надонам, ки чун?
Зи чункарди ӯ гар бидонистаме,
Ҳамон к-ӯ кунад, ман тавонистаме.
Ҳар он сурате, к-ояд андар замир,
Ту аз карданаш дар амал ногузир.
Чу мо лавҳи хилқат надонем хонд,
Таҷассус дар ӯ чун тавонем ронд?
Шумо, к-осмонро варақ хондаед,
Сухан бин, ки чун мухталиф рондаед.
Аз ин беш гуфтан набошад писанд,
Ки нақши ҷаҳон нест бенақшбанд».

## ГУФТОРИ ҲАКИМ НИЗОМӢ ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Низомӣ, бар ин дар маҷунбон калид,
Ки нақши азалбастаро кас надид.
Бузург офаринандае ҳар чӣ ҳаст,
Зи ҳар-ч офаридаст болову паст,
Нахустин хирадро падидор кард,
Зи нури худаш дида бедор кард.
Бар он нақш, к-аз килки қудрат нигошт,
Зи чашми хирад ҳеҷ пинҳон надошт.
Магар нақши аввал, к-аз оғоз баст,
К-аз он парда чашми хирад боз баст.
Чу шуд баста нақши нахустинтароз,
Исоба зи чашми хирад кард боз.
Ҳар он ганҷи пӯшида, к-омад падид,
Ба дасти хирад боз додаш калид.
Ҷуз аввалҳисобе, ки сарбаста буд
В-аз он ҷо хирад чашм барбаста буд.
Дигар ҷо, ки пинҳон набуд аз хирад,
Хирадро чу пурсӣ, бад-ӯ раҳ барад.
В-аз он ҷода, к-ӯ бар хирад баст роҳ,
Ҳикоят макун, з-ӯ ҳикоят махоҳ.
Ба он ҷо тавонад хирад роҳ бурд,
Ки фарсангу манзил тавонад шумурд?
Раҳи ғайб аз он дуртар шуд басе,
Ки андеша он ҷо расонад касе.
Хирадмандӣ онрост, к-аз ҳар чӣ ҳаст,
Чу нодиданӣ буд, аз ӯ дида баст.
Чу санъат ба сонеъ туро раҳ намуд,
Навое бар ин парда натвон фузуд.

Сухан бин, ки бо маркаби нимланг
Чӣ гуна бурун омад аз роҳи танг?
Ҳамоно, ки он ҳотифи Хизрном,
Ки хорошикоф асту хазрохиром,
Дурудам расониду баъд аз дуруд
Ба кохи ман омад зи гунбад фуруд.
Димоғи маро бар сухан кард гарм,
Сухан гуфт бо ман ба овози нарм,
Ки чандин суханҳои хилватсигол
Ҳаволат макун бар забонҳои лол.
Ту мехорӣ ин сарвро беху бун,
Бар он файласуфон чӣ бандӣ сухун?
Чаро баст бояд суханҳои нағз
Бар он устухонҳои пӯсидамағз?
Ба хони касон бармахур нони хеш,
Шакина бинеҳ бар сари хони хеш.
Бале, мардуми давр номардуманд,
На бар анҷуман, фитна бар анҷуманд.
На хокӣ, вале чун замин хокдӯст,
На хокодамӣ, балки хокӣ накӯст.
Мушаъбид шуд ин хоки найрангсоз,
Ки ҳам муҳрадузд асту ҳам муҳрабоз.
Кунад муҳраеро ба каф-дар ниҳон,
Дигарбора орад бурун аз даҳон.
Фурӯ бурданаш ҳаст зарнихи зард,
Баровarданаш нил бо лоҷвард.
Ба вақти хазон мехурад уди хушк,
Ба фасли баҳор оварад нофи мушк.
Тани одамиро, ки хоҳад фишурд,
Надонам, ки чун боз хоҳад супурд?
Тани мо, ки дар хокаш огандагист,
На дар нестӣ, дар парокандагист.
Парокандае, к-ӯ бувад ҷойгир,
Гар ояд фароҳам, бувад дилпазир.
Чу ҳар ч-он бувад бар замин рехта,
Дигарбора гардад барангехта.
Зари судаpo гар бувад рез-рез,
Ба симоб ҷамъ оварад хокбез.
Чу зарри парокандаро чорасоз
Ба симоби дигар раҳ орад фароз,
Гар аҷзои моро, ки будаш равон,
Дигарбора ҷамъе бувад, метавон.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ПАЙҒАМБАРӢ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, саҳаргоҳ бар бонги руд
Ба ёд овар он паҳлавонӣ суруд.

Нишоти ғино дар ман овар падид,
Фароғат диҳам, з-он чи натвон шунид.

## ДОСТОН

Ҳамон файласуфи муҳандисниҳод
Зи таърихи Рум инчунин кард ёд,
Ки чун пешвои баландахтарон,
Сикандар ҷаҳондори соҳибқирон
Зи таълими дониш ба ҷое расид,
Ки додаш хирад бар кушоиш калид,
Басе рахнаро бастан оғоз кард,
Басе бастаҳоро гиреҳ боз кард.
Ба донистани илмҳои ниҳон
Тамомӣ ҷуз ӯро набуд аз ҷаҳон,
Чу барзад ҳама илмҳоро руқум,
Чи бо аҳли Юнон, чи бо аҳли Рум.
Гузашт аз расадбандии ахтарон,
Набуд, он чи мақсуд будаш дар он.
Сарираш, ки тоҷ аз табоҳӣ раҳонд,
Амома ба тоҷи илоҳӣ расонд.
Назад дигар аз офариниш нафас,
Ҷаҳонофаринро талаб карду бас.
Дар он кашф кӯшид, к-аз рӯи роз
Барандозад ин ҳафткуҳли тироз.
Чунон бинад он диданиро, ки ҳаст,
Ба даст орад онро, ки н-ояд ба даст.
Дар ин ваъда мекард шабҳо ба рӯз,
Шабе толеаш гашт гетифурӯз.
Суруш омад аз ҳазрати эзадӣ,
Хабар додаш аз худ дар он бех(в)адӣ.
Суруши дурафшон чу тобанда ҳур,
Зи васвоси деви фиребанда дур.
Ниҳуфта бад-он гавҳари тобнок
Расонид ваҳй аз Худованди пок.
Чунин гуфт, к-афзунтар аз кӯҳу рӯд
Ҷаҳонофаринат расонад дуруд.
Бурун з-он ки дод ӯ ҷаҳонбоният,
Ба пайғамбарӣ дошт арзоният.
Ба фармонбарӣ чун туӣ шаҳрёр,
Чунин аст фармони парвардгор,
Ки бардорӣ ором аз оромгоҳ,
Дар ин доварӣ сар напечӣ зи роҳ.
Бароӣ ба гирди ҷаҳон чун сипеҳр,
Дарорӣ сари ваҳшиёнро ба меҳр.
Кунӣ халқро даъват аз роҳи бад
Ба дорандаи давлату дини х(в)ад.
Бино нав кунӣ ин куҳантоқро,
Зи ғафлат фурӯ шӯӣ офоқро.

Раҳонӣ ҷаҳонро зи бедоди дев,
Гироиш намоӣ ба кайҳонхидев.
Сари хуфтагонро барорӣ зи хоб,
Зи рӯи хирад баркушоӣ ниқоб.
Туӣ ганҷи раҳмат зи Яздони пок,
Фиристода бар бенасибони хок.
Такопӯй кун гирди паргори даҳр,
Ки то хокиён аз ту ёбанд баҳр.
Чу бар мулки ин оламат даст ҳаст,
Беҳ, ар мулки он олам орӣ ба даст.
Дар ин доварӣ, к-оварӣ роҳ пеш,
Ризои Худо бин, на озарми хеш.
Ба бахшоиши ҷонвар кун басеҷ,
Ба ноҷонвар бармабахшой ҳеҷ.
Гар аз ҷонвар низ ёбӣ газанд,
Замонаш мадеҳ, ё бикуш, ё бибанд.
Сикандар бад-он рӯйбаста суруш
Чунин гуфт, к-эй ҳотифи тезҳуш,
Чу фармон чунин омад аз кирдгор,
Ки берун занам навбате з-ин ҳисор,
Зи машриқ ба мағриб шабехун кунам,
Хумор аз сари халқ берун кунам.
Ба ҳар марз агар худ шавам марзбон,
Чӣ гӯям, чу касро надонам забон?
Чӣ донам, ки эшон чӣ гӯянд низ?
В-аз инам батар ҳаст бисёр чиз.
Яке он ки дар лашкарам вақти пос
Зи дужхим тарсам, ки ояд ҳарос,
Дигар он ки бар қасди чандин гурӯҳ
Сипаҳ чун кашам дар биёбону кӯҳ?
Гурӯҳе фаровонтар аз хоку об,
Чӣ гуна кунам ҳар якеро азоб?
Гар он кӯрчашмон ба ман награванд,
Зи каррӣ суханҳои ман нашнаванд,
Дар он ҷои бегона аз хушку тар
Чӣ дармон кунам хоса бо кӯру кар?
В-агар даъвӣ орам ба пайғамбарӣ,
Чӣ ҳуҷҷат кунад халқро раҳбарӣ?
Чӣ муъҷиз бувад дар сухан ёварам,
Ки доранд бинандагон боварам?
Даромӯз аввал ба ман расму роҳ,
Пас он гаҳ зи ман роҳ рафтан бихоҳ.
Баромудагоне чу дарё ба дур,
Сару мағзе аз хештан гашта пур.
Чӣ гуна тавон дод полағзашон,
Ки он кибр кам гардад аз мағзашон?
Суруши сарояндаи корсоз
Ҷавоби Сикандар чунин дод боз,

Ки ҳукми ту бар чор ҳадди ҷаҳон
Равандаст бар ошкору ниҳон.
Ба мағриб гурӯҳест саҳрохиром,
Маносик раҳо карда, носик ба ном.
Ба машриқ гурӯҳе фariштасиришт,
Ки ҷуз мансакаш ном натвон навишт.
Гурӯҳе чу дарё ҷанубигирой,
Ки будаст Ҳобилашон раҳнамой.
Гурӯҳе шимолист иқлимашон,
Ки Қобил хонӣ зи таъзимашон.
Чу ту борагӣ сӯи роҳ оварӣ,
Гузар бар сапеду сиёҳ оварӣ.
Зи носик ба мансак дарорӣ сипоҳ,
Зи Ҳобил ёбӣ ба Қобил роҳ.
Ҳама пеши ҳукмат мусаххар шаванд
В-агар сар кашанд аз ту, дар сар шаванд.
Надорад кас аз саркашон пои ту,
Нагирад касе дар ҷаҳон ҷои ту.
Ту он шабчароғӣ ба некахтарӣ,
Шабафрӯз чун Моҳу чун Муштарӣ,
Ки ҳар ҷо, ки тобӣ ба авҷи баланд,
Кушоӣ зи ганҷинаҳо қуфлу банд.
Чунон кун, ки чун сар ба роҳ оварӣ,
Ба дорандаи худ паноҳ оварӣ.
Ба ҳар ҷо, ки мавкиб дарорӣ ба роҳ,
Кунӣ довари доваронро паноҳ.
Наёрад ҷаҳон офате бар сарат,
Газанде на бар ту, на бар лашкарат.
В-агар з-он ки дар раҳгузарҳои нав
Касе боядат пасраву пешрав,
Ба ҳар ҷо гироиш кунад ҷони ту,
Бувад нуру зулмат ба фармони ту.
Бувад нурат аз пешу зулмат зи пас,
Ту бинӣ, набинад туро ҳеҷ кас.
Касе, к-ӯ набошад зи аҳди ту дур,
Аз он рӯшноӣ бад-ӯ бахш нур.
Касе, к-оварад бо ту дар сар хумор,
Бар ӯ зулмати хешро баргумор.
Бад-он, то чу соя дар он тирагӣ
Фурӯ мирад аз хорию хирагӣ.
Дигар чун инон сӯи роҳ оварӣ,
Ба кишвар кушудан сипоҳ оварӣ,
Ба ҳар тоифа, к-оварӣ рӯи хеш,
Луғатҳои бегонат оранд пеш.
Ба илҳоми ёридиҳи раҳнамун
Луғатҳои ҳар қавме орӣ бурун.
Забондон шавӣ дар ҳама кишваре,
Напӯшад сухан бар ту аз ҳар даре.

Ту низ он чи гӯӣ ба румизабон
Бидонад ниюшанда бе тарҷумон.
Ба бурҳони ин муъҷизи эзадӣ
Ту некию ёбад мухолиф бадӣ.
Чу шаҳ дид, к-он гуфт байғора нест,
Зи фармонбарӣ бандаро чора нест,
Пазируфт аз орандае он паём,
Ки ҳаст ӯ худованду мо банданом.
В-аз он рӯз ғофил набуд аз басеч,
Ҷуз он шуғл дар дил наёвард ҳеч.
Зи шуғли дигар даст кӯтоҳ кард.
Ба азми сафар тӯшаи роҳ кард.
Бурун з-он ки пайғоми фаррух суруш
Хабарҳои нусрат расондаш ба гӯш.
Зи ҳар донише чорае чуст боз,
Ки фаррух бувад мардуми чорасоз.
Сиголишгариҳои хотирписанд,
Ки аз раҳравон боздорад газанд,
Ба ҷуз Сифри Аъзам, ки дар бихрадӣ
Нишоне буд аз мояи эзадӣ.
Се фарҳангнома зи фаррух дабир
Ба мушки сияҳ нақш зад бар ҳарир.
Арасту нахустин варақ дарнавишт,
Хабар додаш аз гавҳари хубу зишт.
Фалотун дигар номаро нақш баст,
Зи ҳар донише, к-омад ӯро ба даст.
Севум дурҷро кард Суқрот банд,
Зи ҳар ҷавҳаре, к-он бувад дилписанд.
Чу гашт ин се феҳрист пардохта,
Суханҳои бо якдигар сохта,
Шаҳ он номаҳоро ҳама муҳр кард,
Бипечиду бинҳод дар як навард.
Чу ҳангоми ҳоҷат расидӣ фароз,
Ба он дурҷҳо даст кардӣ дароз.
Зи ганҷинаи ҳар варақпорае
Талаб кардӣ он шуғлро чорае.
Чу оҷиз шудӣ рояш аз доварӣ,
Зи файзи Худо хостӣ ёварӣ.
Нишаст аввалин рӯз бар тахти оҷ,
Ба торак баровардa пирӯза тоҷ.
Чунон дод фармон ба фаррух вазир,
Ки пеш оварад килки фармонпазир,
Нависад яке номаи судманд
Ба таъйиди фарҳангу рои баланд.
Мусалсал ба андарзҳои бузург,
К-аз ӯ созгорӣ кунад мешу гург.
Бурун шуд вазир аз бари шаҳрёр,
Зи шаҳ гуфтаро гашт пазруфтгор.

Хирадро ба тадбир шуд раҳнамун,
Бад-он, то зи кон гавҳар орад бурун.
Сари килкро чун забон тез кард,
Ба коғаз-бар аз най шакаррез кард.

## ХИРАДНОМАИ АРАСТУ

Чунин буд дар номаи раҳнамой,
Аз он пас, ки буд офарини Худой,
Ки «шоҳо, ба дониш дил обод дор,
Зи бедонишон дур шав, ёд дор.
Дареро, ки бандаш бувад нопадид,
Зи доно тавон бозҷустан калид.
Ба ҳар давлате, к-оварӣ дар шумор,
Суҷуде бикун пеши парвардгор.
Ба пирӯзии худ қавидил мабош,
Зи тарси Худо ҳеҷ ғофил мабош!
Худотарсро созгор аст бахт,
Бувад нохудотарсро кор сахт.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ тануманду шод,
Сипанде ба оташ фикан бомдод.
Мабош эмин аз дидани чашми бад,
На аз чашми бад, балки аз чашми х(в)ад».
Чунин зад масал марди гавҳаршинос,
Ки «гар хубӣ, аз хештан дарҳарос!
Зи бод он дарахте наёбад газанд,
Ки аз хок сар барнаёрад баланд.
Душохакушоёни нахчиргоҳ
Ба фаҳлони нахчир ёбанд роҳ.
Сабақбурди худро так оҳиста дор,
Ҳасадро ба худ роҳ барбаста дор.
Ҳасад мардро дил ба дард оварад,
Миёни ду озода гард оварад.
Ба кина мабар ҳеҷ касро зи ҷой,
Чу аз ҷой бурдӣ, дарораш зи пой.
Гарат бо касе ҳаст кини куҳун,
Нажодаш макан яксар аз беху бун.
Махоҳ аз касе кини обои ӯ,
Назар беш кун дар муҳобои ӯ,
Зи хуршед то соя мӯе бувад,
Ки ин равшан, он тирарӯе бувад.
Зи хурмо ба дасте бувад то ба хор.
Ки ин гулшакар бошад, он ногувор.
Садаф гарчи ҳамсоя шуд бо наҳанг,
Дури тоҷ дорад, на шамшери ҷанг.
Бародар ба ҷурми бародар магир,
Ки бас фарқ бошад зи хун то ба шир.
Мазан дар кас аз баҳри кас нешро,
Ба пои худ овез ҳар мешро.

Чу омурзиши эзадӣ боядат,
Набояд, ки расми бадӣ оядат.
Бадонро бад ояд зи чархи кабуд,
Ба некон ҳама некӣ ояд фуруд.
Макун ҷуз ба некӣ гироянд агӣ,
Ки дар некномист поянд агӣ.
Манеҳ бар дили некномон ғубор,
Ки бадномӣ орад саранҷоми кор.
Макун кори бадгавҳаронро баланд,
Ки парвардани гургат орад газанд.
Маёмез дар ҳеҷ бадгавҳаре,
Мадеҳ кимиёе ба хокистаре.
Чу бадгавҳарӣ сар барорад зи мард,
Кунад гавҳари сурхро рӯйзард.
Задан бо худованди фарҳанг рой,
Ба фарҳанг бошад туро раҳнамой.
Чу суди дирам беш хоҳӣ, на кам,
Мазан рой бо мардуми бедирам.
Кушиш ҷустан аз мардуми сусткӯш
Ҷавоҳирхарӣ бошад аз ҷавфурӯш.
Ҳама ҷинсе аз гӯру гову паланг
Ба ҷинсият оранд шодӣ ба чанг.
Чу дар парда ноҷинс бошад ҳамол,
Зи тухмат басе нақш бандад хаёл.
Ду оинаро чун ба ҳам барниҳӣ,
Шавад ҳар ду аз ориятҳо тиҳӣ.
Машав бо забунафканон говдил,
Ки монӣ дар андӯҳ чун хар ба гил.
Ҷавонмардии шер бо одамӣ
Зи мардумрамӣ дон, на аз мардумӣ.
Бар он кас, ки бо сахтрӯӣ бувад,
Дуруштӣ беҳ аз нармхӯӣ бувад.
Ситезандаро чун бувад сахт кор,
Ба нармӣ талаб кун, ба сахтӣ бидор.
Сари хасм чун гардад аз фитна пур,
Ба чарбӣ биёвар, ба тезӣ бибур.
Чу афтӣ миёни ду бадхоҳи хом
Парокандашон кун лагом аз лагом,
Дарафкан ба ҳам гургро бо паланг,
Ту бар ордро аз миёни ду санг.
Касеро, ки бошад зи деҳқону шоҳ,
Ба андозаи поя неҳ пойгоҳ.
Ба сӯи тавоно тавоно фирист,
Ба доно ҳам аз ҷинси доно фирист.
Фиристодаро чун бувад чорасоз,
Ба андарз кардан набошад ниёз.
Ба ҷое, ки оҳан дарояд ба занг,
Ба зар додан оҳан баровар зи санг.

Хазина зи баҳри зар огандан аст,
Зар аз баҳри душман парокандан аст.
Ба чарбӣ тавон пои рӯбоҳ баст,
Ба ҳалво диҳад тифл чизе зи даст.
Чу мутриб ба сури касон шод бош,
Зи банди худ, ар сарвӣ, озод бош.
Ҷаҳонро чу субҳи саҳархоста
Биёрой, то гардӣ ороста.
Маорой худро чу райҳони боғ,
Ба дасти камон хубтар шуд чароғ.
Хазина, ки бо туст, бар туст бор,
Чу додӣ, ба додан шавӣ растгор.
Зар он оташе нест, к-оганданист,
Шарорест, к-аз худ пароканданист.
Магӯ, к-аз зару соҳиби зар, ки беҳ,
Гиреҳ бадтар аз банду банд аз гиреҳ.
Чунин гуфт бо оташ оташпараст,
Ки «аз мо кӣ беҳтар ба ҷое, ки ҳаст?»
Бигуфт оташ: «Ар хоҳӣ омӯхтан,
Туро кушт бояд, маро сӯхтан».
Фарохостин шав, к-аз ин сабзшох
Фитад мева дар остини фарох.
Зи серӣ мабош ончунон шодком,
Ки аз ҳайза захре дарафтад ба ҷом.
Ба ганҷинае муфлисе роҳ бурд,
Бияфтоду аз шодмонӣ бимурд.
Ҳамон ташнаи гармро оби сард
Паёпай нашояд ба якбора х(в)ард.
Ба ҳар манзиле, к-оварӣ тохтан,
Нашояд дар ӯ хобгаҳ сохтан.
Махур оби ноозмуда нахуст,
Ба дигар даҳоне кун он бозҷуст.
На он меваe, к-ӯ ғариб оядат,
К-аз ӯ нотавонӣ насиб оядат.
Ба вақти хуриш ҳар кӣ бошад табиб,
Бипарҳезад аз хӯрдҳои ғариб.
Бар он раҳ, ки норафта бошад касе,
Марав, гарчи ҳамроҳ дорӣ басе.
Раҳе, к-ӯ бувад дур аз андеша пок,
Беҳ аз роҳи наздики андешанок.
Гаронбории мол чандон маҷӯй,
Ки афтад ба лашкаргаҳат гуфтугӯй.
Зи ҳар ғорату мол, к-орӣ ба даст,
Ба дарвеш деҳ ҳар як, аз ҳар чӣ ҳаст.
Ниҳонӣ ба хонандагон чиз деҳ,
Ки хушнудии Эзад аз чиз беҳ.
Диҳиш, к-аз назарҳо ниҳонӣ бувад,
Ҳисори бади осмонӣ бувад.

Сипаҳро ба андоза деҳ пойгоҳ,
Мадеҳ бештар моле аз харҷи роҳ.
Шикамбандаро чун шикам гашт сер,
Кунад баддилӣ, гарчи бошад далер.
На серӣ чунон деҳ, ки гарданд маст,
На бигзорашон аз хуриш тангдаст.
Чунон зӣ, ки ҳангоми сахтию ноз
Бувад лашкар аз ҷуз туе бениёз.
Ба рӯзе ду навбат баророй хон,
Сарони сипаҳро якояк бихон.
Махур бода дар ҳеҷ бегонабум,
Таносон машав, то набошӣ ба Рум.
Ба равшантарин кас вадиат супор,
Ки аз оби равшан наёяд ғубор.
Чу равшантар аст офтоб аз гурӯҳ,
Амонат бад-ӯ дод дарёву кӯҳ.
Агар муқбилӣ, муқбилонро шинос,
Ки иқболро дорад иқбол пос.
Мадеҳ мудбиронро суи хеш роҳ,
Ки ангур аз ангур гардад сиёҳ.
Вафо хислати модароварди туст,
Магар аз сиришти, ки буд аз нахуст.
Чу мардум бигардонад оину ҳол,
Бигардад бар ӯ сиккаи мулку мол.
Зи хӯи қадимӣ нашояд гузашт,
Ки натвон ба хӯи дигар бозгашт.
Манеҳ хӯи аслӣ чу фарзонагон,
Машав пайрави хӯи бегонагон.
Пиёда, ки ӯ ростоин шавад,
Нигунсор гардад, чу фарзин шавад.
Агар соҳибиқбол бинӣ касе,
Набинам, ки бо ӯ бикӯшӣ басе!
Ба ҳар гардише бо сипехри баланд
Ситеза мабар, то наёбӣ газанд.
Бинеҳ дил, ба ҳар-ч оварад рӯзгор,
Магардон сар аз панди омӯзгор.
Агар нозе аз давлат ояд падид,
Сар аз нози давлат набояд кашид.
Ба нозе, ки давлат намояд, маранҷ,
Ки дар нози давлат бувад кони ганҷ.
Чу ҳангоми нози ту ояд фароз,
Кашад давлат он рӯз низ аз ту ноз.
Садаф з-он ҳама тан шудаст устухон,
Ки мағзе чу дур дорад андар миён.
Аз он сахт шуд кони гавҳар чу санг,
Ки н-ояд гуҳар ҷуз ба сахтӣ ба чанг.
Ба сахтӣ дар ахтар машав бадгумон,
Ки фаррухтар ояд замон то замон.

Зи пирӯзагун гунбад андуҳ мадор,
Ки пирӯз бошад саранҷоми кор.
Машав ноумед, ар шавад кор сахт,
Дили худ қавӣ кун ба нерӯи бахт.
Барандоз санге ба боло далер,
Дигаргун бувад кор, к-ояд ба зер.
Раҳо кун ситамро ба якборагӣ,
Ки камумрӣ орад ситамкорагӣ.
Шаҳ аз доди худ гар пушаймон шавад,
Вилоят зи бедод вайрон шавад.
Туро Эзад аз баҳри адл офарид,
Ситам н-ояд аз шоҳи одил падид.
Накӯрой чун ройро бад кунад,
Чунон дон, ки бад дар ҳақи х(в)ад кунад.
Чу гардад ҷаҳон гоҳ-гоҳ аз навард
Ба гармои гарму ба сармои сард,
Дар он гарму сардӣ саломат маҷӯй,
Ки гардонад аз одати хеш рӯй.
Чунон беҳ, ки ҳар фасле аз фасли сол
Ба хосийяти худ намояд хисол.
Рабеъ аз рабеъӣ намояд сиришт,
Тамуз аз тамуз оварад сарнабишт.
Чу ҳар ч-ӯ бигардад зи тартиби кор,
Бигардад бар ӯ гардиши рӯзгор.
Ба ҷои ту гар бад кунад нокасе,
Ту низ ар кунӣ некуӣ бо касе,
Ҳамонро, ҳаминро фаромӯш кун,
Забон аз баду нек хомӯш кун.
Мижа дар нахуфтан чу алмос дор,
Ба бедорӣ офокро пос дор.
Чунин зад масал кордони бузург,
Ки поси шубон аст побанди гург.
Чу ёбӣ тавоноие дар сиришт,
Мазан ханда, к-он ҷо бувад ханда зишт.
В-агар нотавонӣ дарояд ба кор,
Макун оҷизӣ бар касе ошкор.
Лаб аз хандаи хуррамӣ дармабанд,
Ғамин бош пинҳону пайдо биханд,
Бар ҳар ҷо, ки ҳарбе фароз оядат,
Ба ҳарбозмоён ниёз оядат,
Ҳазимат пазир аз дигар ҳарбгоҳ,
Набояд, ки ёбад дар он ҳарб роҳ.
Гурезанда чун раҳ ба даст оварад,
Ба кӯшандагон – дар шикаст оварад.
Чу хоҳӣ, ки бошад зафар ёри ту,
Зафардида бояд сипаҳдори ту.
Ба фаррухрикобони фирӯзманд
Инони азимат баровар баланд.

Ба ҳар-ч орӣ аз неку аз бад ба ҷой,
Бад аз хештан бину нек аз Худой.
Чун ин номаи номвар шуд тамом,
Ба шаҳ доду шаҳ гашт аз ӯ шодком.

## ХИРАДНОМАИ АФЛОТУН

Дигар рӯз, к-аз атсаи офтоб
Дамиданд кофур бар мушки ноб,
Фиристод шаҳ, то ба равшан замир
Фалотун ниҳад хомаро бар ҳарир.
Нигорад яке номаи дилнавоз,
Ки хонандагонро бувад корсоз.
Ба фармони шаҳ пири дарёшукӯҳ
Ҷавоҳир бурун рехт аз кони кӯҳ.
Зи гавҳарфишон килки фармонбараш
Набишта чунин буд дар дафтараш,
Ки «бодо фузун з-осмону замин
Зи мо офаринандаро офарин!»
Пас аз офарин кардани кирдгор
Бисоти сухан кард гавҳарнигор,
Ки «шоҳи ҷаҳон аз ҷаҳон бартар аст,
Ҷаҳон кони гавҳар шуд, ӯ гавҳар аст.
Чу гавҳарниҳод асту гавҳарнажод,
Хатарнокии гавҳар орад ба ёд.
Намудор агар нек ,агар бад кунад,
Ба андозаи гавҳари х(в)ад кунад.
Камингоҳи дуздон шуд ин марҳала,
Нашояд дар ӯ рахт кардан яла.
Дар ин посгаҳ, ҳар кӣ бедор нест,
Ҷаҳонбонӣ ӯро сазовор нест.
Ҷаҳонгир чун сар барорад ба меғ,
Ба тадбир гирад ҷаҳонро чу теғ.
Ҳамон теғи мардон, ки хунрез шуд,
Ба тадбири фарзонагон тез шуд.
Ба рӯзу ба шаб базми шоҳаншаҳӣ
Зи доно набояд, ки бошад тиҳӣ.
Шаҳ он беҳ, ки бар дониш орад шитоб,
Набояд, ки бифребадаш хӯрду хоб.
Ду офат бувад шоҳро ҳамнафас,
Ки дарвешро нест он дастрас:
Як офат зи таббохаи чарбдаст,
Ки шаҳро кунад чарбу ширинпараст.
Дигар офат аз ҷуфти зебо бувад,
К-аз ӯ орзу ношикебо бувад.
Аз ин ҳар ду шаҳро набошад биҳӣ,
Ки он пур кунад табъу ин тан тиҳӣ.
На бисёркун шав, на бисёрхор,
К-аз он сустӣ ояд в-аз ин ногувор.

Ҷаҳонро, ки бинӣ чунин сурху зард,
Бисоте фиребанда шуд дар навард.
Ҷаҳон аждаҳоест маъшуқном,
Аз он ком не, ҷон барояд зи ком.
Нагӯям, ки дунё на аз баҳри мост,
Ки ҳамшаҳрии мову ҳам шаҳри мост.
Набошем аз ин гуна дунёпараст,
Ки орем хоне зи хуне ба даст.
Ниҳоде, ки бардошт аз хун кунад,
Фурӯдоште беҷигар чун кунад?
Аз ин чор таркиби ороста
Зи ҳар гавҳаре орият хоста.
Инон беҳ, ки печем аз он пештар,
Ки эшон зи мо бозпечанд сар.
Агар об дур, хок анбар шавад,
Саранҷом гавҳар ба гавҳар шавад.
Харе обкаш буду хикаш дарид,
Киробанда ғам хӯрду хар медавид.
Ҷаҳон хордарпушту мо хорпушт,
Ба ҳам лоиқ аст, ин дурушт, он дурушт.
Ду бева ба ҳам гуфтугӯ сохтанд,
Суханро ба таъна дарандохтанд.
Яке гуфт, к-аз зиштии рӯи ту
Нагардад касе дар ҷаҳон шӯи ту.
Дигар гуфт, некӯ сухан рондаӣ,
Ту дар хона аз некуӣ мондаӣ.
Чӣ хусбем чандин бар ин остон,
Ки бо марг шуд хоб ҳамдостон.
Касе, к-ӯ надонад, ки дар вақти хоб
Дигар раҳ ба бедорӣ орад шитоб,
Зи хуфтан чу мурдан бувад дар ҳарос,
Ки монад ба ҳам хобу марг аз қиёс.
Дар ин раҳ ҷуз ин хоби харгӯш нест,
Ки хуспандаи маргро ҳуш нест.
Чӣ будӣ, к-аз ин хоби зиракфиреб
Шикебо шудӣ дидаи ношикеб?
Магар дидӣ аҳволи нодидаро,
Писандидаву нописандидаро.
В-аз ин беҳуда доварӣ сохтан
Замоне баросудӣ аз тохтан,
Чаро аз паи як шикамвор нон
Киробанда тобад ба ҳар сӯ инон?
Шитоб оваридан ба дарёву дашт
Чаро чун ба ноне бувад бозгашт?
Шитобандагоне, ки соҳибдиланд,
Талабгори осоиши манзиланд,
Гузоранд гетӣ ҳама зери пой,
Ҳам охир ба осоиш оранд рой.

Ҳама раҳравон, пешбинандагон
Кунанд офарин бар нишинандагон.
Саломат дар иқлими осудагист,
К-аз ин бигзарӣ, ҷумла беҳудагист.
Чӣ бояд дар ин оташи ҳафтҷӯш
Ба сайди кабобе шудан сахткӯш.
Саранҷоми ҳар бози кӯшиданӣ
Ба ҷуз хӯрданӣ нест пӯшиданӣ.
Чу пӯшиданӣ бошаду х(в)арданӣ,
Ҳисобе дигар ҳаст нокарданӣ.
Ба дарё – дар он кас, ки ҷон меканад,
Ҳам он кас, ки дар кӯҳ кон меканад,
Кас аз рӯзии хеш дарнагзарад,
Ба андозаи хеш рӯзӣ х(в)арад.
Ҳавас бин, ки чандин ҳазор одамӣ
Ниҳад оз дар ҷону зар дар замӣ.
Зароган, ки ӯ хок бар зар кунад,
Хурад хоку ҳам хок бар сар кунад.
Ҷаҳон он касерост, к-ӯ дар ҷаҳон
Хурад тӯшаи роҳ бо ҳамраҳон.
Зи киса ба чарбӣ бурад бандро,
Диҳад фарбиҳӣ лоғаре чандро.
Ба як ҷав, ки чарбанда шуд санги хом,
Бад-он хушкияш чарб карданд ном.
Раҳе дуру барге дар он роҳ не,
Зи поёни манзил кас огоҳ не.
Набояд ғунудан чунон бехабар,
Ки ногоҳ силӣ дарояд ба сар.
На будан чунон низ бехобу х(в)ард,
Ки тан нотавон гардаду рӯй зард.
Куҷо азми роҳ оварад роҳҷӯй,
Наронад чу ошуфтагон пӯй-пӯй.
Нигаҳбон барангезад он роҳро,
Кунад бар худ эмин гузаргоҳро.
Шабу рӯз бедор бошад ба кор,
Ки бар хуфтагон раҳ занад рӯзгор.
Пасу пеш бинад ба фарҳангу ҳуш,
Надорад ба гуфтори бегона гӯш.
Чу лашкаркаше бошадаш раҳшинос,
Зи душвории раҳ надорад ҳарос.
Гузар гар ба ҳомун кунад, гар ба кӯҳ,
Парокандагӣ н-оварад дар гурӯҳ.
Ба мавкиб хиромад чу борону барф,
Ба ҳайбат нишинад чу дарёи жарф.
Заминхези он бумро як-ду мард
Ба даст ораду сер дорад ба х(в)ард.
В-аз эшон ниҳонӣ кунад бозҷуст,
Ки бе об тухм аз замин барнаруст.

Ба осонӣ он кор гардад тамом,
Зи сахтӣ набояд кашидан лагом.
Чу ояд зи яксар саломат падид,
Сари чанд касро набояд бурид.
Дар он раҳ, ки дасте қавитар бувад,
Задан пой пеш офати сар бувад.
Нашояд дар он доварӣ пай фишурд,
Ки даъвӣ нашояд дар ӯ пеш бурд.
Чу бар риштаи коре афтад гиреҳ,
Шикебоӣ аз ҷаҳди беҳуда беҳ.
Ҳама корҳо аз фурӯбастагӣ
Кушояд, валекин ба оҳистагӣ.
Фурӯ бастани кор дар раҳ бувад,
Кушоиш дар он низ ногаҳ бувад.
Сухан гарчи шуд гуфта бар ҷои хеш,
Сухандонии шоҳ аз ин ҳаст беш.
Ба ҳар ҷо, ки ронад ба некахтарӣ
Хирад худ кунад шоҳро раҳбарӣ.
Касеро, ки Яздон бувад корсоз,
Бувад з-одаму одамӣ бениёз.
Дилеро, ки орад фаришта дуруд,
Ба андешаи кас наёяд фуруд.
Агар ман ба фармони шоҳи ҷаҳон
Мисоле набиштам чу корогаҳон,
Наёвардам илло парастиш ба ҷой,
Ки иқбол шуд шоҳро раҳнамой.
Нашуд хотири шоҳ муҳтоҷи кас,
Худову хирад ёвари шоҳ бас.
Хирад бод дар неку бад ёри ӯ,
Худо бод созандаи кори ӯ!»
Хирадманд чун номаро кард соз,
Ба шоҳи ҷаҳон доду бурдаш намоз.
Дили шаҳ зи банди ғам озод гашт,
Аз он номаи номвар шод гашт.

## ХИРАДНОМАИ СУҚРОТ

Севум рӯз, к-ин тоқи бозичаранг
Баровард бозичаи Руму Занг,
Ба Суқрот фармуд донои Рум,
Ки муҳре зи хотам дарорад ба мум.
Нависад хираднома арҷманд
Зи ҳар навъи дониш, зи ҳар гуна панд.
Хирадманд рӯй аз пазириш натофт,
Ба ғаввосии дур ба дарё шитофт,
Чунин ронд бар коғази симсой
Саводи суханро ба фарҳангу рой,
Ки феҳрасти ҳар нақшро нақшбанд
Ба номи Худо сар барорад баланд.

Ҷаҳонофарин, Эзади корсоз,
Ки дорад бад-ӯ офариниш ниёз,
Пас аз номи Яздони гетипаноҳ
Тирози сухан баст бар номи шоҳ,
Ки, шоҳо, дар ин ҷоҳи тимсолпӯш
Машав ҷуз ба фармони фарҳангу ҳуш.
Туро, к-аз басе гавҳар омехтанд,
На аз баҳри бозӣ барангехтанд.
Паланг аст дар раҳ, ниҳон гуфтамат,
Далерӣ макун, ҳон-ҳон гуфтамат.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ зи пайкору сур
Мабош аз рафиқе сазовор дур.
Чу дар базми шодӣ нишаст оварӣ,
Беҳ, ар ёри хандон ба даст оварӣ.
Макун дар рухи ҳеҷ ғамгин нигоҳ,
Ки то бар ту шодӣ нагардад табоҳ.
Чу рӯзи сиёсат диҳӣ бори ом,
Маяфкан назар бар ҳарифони хом.
Набояд, к-аз он лаҳви густохкун
Равад бо ту густохие дар сухун!
Чу дарё макун хӯ ба танҳохурӣ,
Ки талх аст, ҳар-ч он чу дарё хурӣ.
Ба ҳар кас бидеҳ баҳра чун оби ҷӯй,
Ки то пешмират шавад ҳар сабӯй.
Таоме, ки дар хона дорӣ ба банд,
Ба ҳафтод хона расад бӯи ганд.
Чу аз хона берун фиристӣ ба кӯй,
Дару даргаҳатро кунад мушкбӯй.
Бунафша чу дар гул бувад ношукуфт,
Уфунат бувад бӯи ӯ дар ниҳуфт.
Сари зулфро чун дарорад ба гӯш,
Кунад хокро бод анбарфурӯш.
Ҳарисӣ макун, к-ин сарои ту нест,
В-аз ӯ ҷуз яке нон барои ту нест.
Ба як қурса қонеъ шав аз хоку об,
Наӣ беҳтар, охир, ту аз офтоб.
Худоист, рӯй аз хуриш тофтан,
Ки дар гову хар шояд ин ёфтан.
Касе, к-ӯ шикамбанда шуд чун сутур,
Сутуре бурун ояд аз нофи гӯр.
Чу бояд қиёмат тарозу ба даст,
Зи гове ба хар боядаш барнишаст.
Зи камхорагӣ кам шавад ранҷи мард,
На бисёр монд, он ки бисёр х(в)ард.
Ҳамеша лаби марди бисёрхор
Дар оруғи бад бошад аз ногувор.
Чу шерон ба андакхурӣ хӯй гир,
Ки баддил бувад гови бисёршир.

Хари коҳилонро, ки дум мекашанд,
Аз он аст, к-обе ба хум мекашанд.
Ба қатра ситон оби дарё чу меғ,
Ба ҳангоми додан бидеҳ бедареғ,
Ҳамон машки саққо, ки пур мешавад,
Аз афшондани об пур мешавад.
Чунон хур тару хушки ин хӯрдгоҳ,
Ки андозаи табъ дорӣ нигоҳ.
Бибахшу бихур, боз мон андаке,
Ки бар ҷои хеш аст аз ин ҳар яке.
Чу додию хӯрдию мондӣ ба ҷой,
Ҷаҳонро туӣ беҳтарин кадхудой.
Зи ҳар туъмае хушгувориш бин,
Ҳаловат мабин, созгориш бин.
Чу бо сирка созӣ, машав ширхор,
Ки бо шир сирка бувад ногувор.
Мадеҳ тан ба осонию лаҳву ноз,
Сафар бину асбоби рафтан бисоз.
Ба кор андарой, ин чӣ пажмурдагист?
Ки поёни бекорӣ афсурдагист.
Ба дасти касон кони гавҳар макан,
Агар зиндаӣ, дасту пое бизан.
Туро дасту пой он парастишгаранд,
Ки то нагзарӣ, аз ту дарнагзаранд.
Парастандагон гарчи дорӣ ҳазор,
Парастишгаронро маяфкан зи кор.
Чу ту хидмати пою нерӯи даст,
Ҳаловат кунӣ сӯи поинпараст.
Чу поинпарастат намонад ба ҷой,
На он гаҳ бимонӣ ту бе дасту пой?
Чу ёбӣ парастандаи нағзгӯй,
Аз ӯ беш аз он меҳрубонӣ маҷӯй.
Парастори бадмеҳри ширинзабон,
Беҳ аз бадхуе, к-ӯ бувад меҳрубон.
Ба гуфтори хуш меҳр шояд намуд,
Забон нохушу меҳрубонӣ чӣ суд?
Сухан, то тавонӣ, ба озарм гӯй,
Ки то мустамеъ гардад озармҷӯй.
Сухан гуфтани нарм фарзонагист,
Дуруштӣ намудан зи девонагист.
Суханро, ки гӯянда бадгӯ бувад,
На некӯ бувад, гарчи некӯ бувад.
Зи гуфтори бад беҳ бувад фармушӣ,
Пушаймон нагардад кас аз хомушӣ.
Зи шуғле, к-аз ӯ шармсорӣ расад,
Ба соҳибамал ранҷу хорӣ расад.
Зи ҳар-ч он наёбӣ, шикебанда бош,
Ба уммед худро фиребанда бош.

Умеди хуриш беҳтар аст аз х(в)ариш,
Ба ваъда бувад зираро парвариш.
Набинӣ, ки дар гармии офтоб
Ҳаром аст бар зира ҷуз зираоб?!
Чу зира ба оби даҳан мешикеб,
Ба оби даҳан зираро мефиреб.
Гиле, к-аз нами абр хобаш барад,
Чу борон ба сел ояд, обаш барад.
Ситамкорагонро макун ёварӣ,
Ки пурсанд рӯзет аз ин доварӣ.
Ба хун рехтан камтар овар басеч,
Дарандеш аз ин кундаи пойпеч.
Чӣ хоҳӣ зи чандин сар андохтан,
Бад-ин гӯй то кай гарав бохтан?
Басо оби дида, ки дар меғи туст,
Басо хун, ки дар гардани теғи туст,
Натарсӣ, ки шамшери гарданзанат
Бигирад ба хуни касе гарданат?
Кажова чунон рон, ки то як-ду мил
Наяндозадат ноқа дар пои пил.
Бибин, то чӣ хун дар ҷаҳон рехтӣ,
Чӣ сарҳо ба гардан даровехтӣ?
Басо мамлакатро, ки кардӣ хароб,
Чу пурсанд, чун дод хоҳӣ ҷавоб?
Бад-ин рост н-ояд, к-аз ин сабзбоғ
Гуле чандро сар дарорӣ ба доғ.
Манеҳ дил бар ин сабзхинги шамус,
Ки ҳаст аждаҳое ба рух чун арӯс.
Диле дорад аз меҳрубонӣ тиҳӣ,
Чӣ дил, к-аз танаш нест низ огаҳӣ?
Чу хок аз сукунат камарбаста бош,
Шитобон фалак шуд, ту оҳиста бош.
Ту шоҳӣ, чу шоҳин машав тезпар,
Ба оҳистагӣ кӯш чун шери нар.
Инон каш давон аспи андешаро,
Ки дар раҳ хасакҳост ин бешаро.
Ба коре, ки ғамро диҳӣ бастагӣ,
Шитобандагӣ кун, на оҳистагӣ.
Чу бо бегунаҳ рои ҷанг оварӣ,
Беҳ, ар дар миёна диранг оварӣ.
Ба ҷуз хунию дузди олудадаст,
Бибахшой бар ҳар гуноҳе, ки ҳаст.
Зи дунон нигаҳ дор пархошро,
Далерӣ мадеҳ бар худ авбошро.
Чу шаҳ бо раият ба довар шавад,
Раият ба шаҳ-бар диловар шавад.
Машав нармгуфтор бо зердаст,
Ки алмос аз арзиз гирад шикаст.

Гилеми касонро мабар сар ба зер,
Гилеми худ аз пашми худ кун чу шер.
Кафан ҳулла шуд кирми бодомаро,
Ки абрешим аз ҷон танад ҷомаро.
Зи пӯшидагон роз пӯшида дор,
В-аз эшон сухан нониюшида дор.
Маёвар ба афсӯс умре ба сар,
Ки афсӯс бошад бар афсӯсгар.
Сухан з-ин намат гарчи дорам басе,
Нагӯям, ки беҳ з-ин нагӯяд касе.
Туро, к-ояти осмонӣ бувад,
Аз ин беш гуфтан зиёне бувад.
Гарам тез шуд теғ, бар ман магир,
Зи тезӣ бувад теғро ногузир.
Ба теғе чунин тез бозуи шоҳ
Қавӣ бод, ҳар ҷо, ки ронад сипоҳ!
Чу пардохт з-ин дурҷи дур хомаро,
Пазируфт шоҳ он хираднномаро.

## ҶАҲОНГАРДИИ ИСКАНДАР БА ДАЪВИИ ПАЙҒАМБАРӢ (ШИКВАИ НИЗОМӢ АЗ РӮЗГОРИ ПИРӢ)

Саҳаргаҳ, ки сар баргирифтам зи хоб,
Барафрӯхтам чеҳра чун офтоб,
Сарири сухан баркашидам баланд,
Парокандам аз дил бар оташ сипанд.
Ба пероиши номаи хусравӣ
Куҳансарвро боз додам навӣ.
Зи ганҷи сухан муҳр бардоштам,
Дар ӯ дурри носуфта нагзоштам,
Сари килкам аз гавҳар андохтан,
Фалакро шикам хост пардохтан.
Даромад хиромон сумансинае,
Ба ман дод теғе дар оинае,
Ки ошуфтаи хеш чандин мабош,
Бибин хештан, хештанбин мабош.
Назар чун дар оина андохтам,
Дар ӯ сурати хеш бишнохтам.
Дигаргуна дидам дар он сабзбоғ,
Ки чун парниён буд дар парри зоғ.
Зи наргис тиҳӣ ёфтам хобро,
Надидам ҷавонсарви шодобро.
Суман бар бунафша камин карда буд,
Гули сурхро зардӣ озурда буд.
Аз он сиккаи рафта-рафта зи ҷой
Фурӯ мондам андар сухан сустрой.
На пое, ки худро сабукрав кунам,
На дасте, ки нақши куҳан нав кунам.

Хиҷил гаштам аз рӯи беранги хеш,
Навое гирифтам ба оҳанги хеш.
Ҳаросидам аз давлати тезгом,
Ки бигзорад ин нақшро нотамом.
Аз он пеш, к-ояд шабехуни хоб,
Ба бунёди ин хона кардам шитоб.
Магар хобгоҳе ба даст оварам,
Ки ҷовид дар вай нишаст оварам.

## ДОСТОН

Пажӯҳандаи даври гардандаҳол
Чунин гӯяд аз гардиши моҳу сол,
Ки: чун номаи ҳукми искандарӣ
Мусаҷҷал шуд аз ваҳйи пайғамбарӣ,
Зи девон фурӯ шуст унвони ганҷ,
Ки номаш баромад ба девони ранҷ.
Бифармуд, то ибраи Руму Рус
Набиштанд бар номи Искандарус.
Аз он пеш, к-аз тахти худ рахт бурд,
Бад-ӯ доду ӯро ба модар супурд.
Ба андарз бикшод муҳр аз забон,
Чунин гуфт бо модари меҳрубон,
Ки: ман рафтам инак, ту аз доду дин
Чунон кун, ки гӯянд, бодо чунин!
Падарвор бо бандагони Худой,
Чу модар шудӣ, меҳри модар намой.
Ба парвардани доду дин, зинҳор,
Нигаҳ дор фармони парвардгор.
Ба фармонбарӣ кӯш, к-орад беҳӣ,
Ки фармонбарӣ беҳ зи фармондиҳӣ.
Зарурат маро рафтанӣ шуд ба роҳ,
Супурдам ба ту шуғли дайҳиму гоҳ.
Гирифтам раҳе дурфарсанг пеш,
Надодам, ки оям бар авранги хеш?
Гар оям, чунон кун, ки аз чашми бад
На ту хира бошӣ, на ман чашмзад.
В-агар з-омадан ҳол берун бувад,
Баҳуш бош, то оқибат чун бувад.
Чунон кун, ки фардо дар он доварӣ
Нагирад забонат ба узроварӣ.
Сухан чун ба сар бурд, бардошт рахт,
Раҳо кард бар модар он тоҷу тахт.
Бифармуд, то лашкари Руму Шом
Бар ӯ арза карданд худро тамом.
Аз он лашкар он-ч ихтиёр омадаш,
Писандидатар сад ҳазор омадаш.
Гузин кард ҳар марде аз кишваре,
Ба мардонагӣ ҳар яке лашкаре,

Чаҳораш ҳазор уштур аз баҳри бор,
Пасу пеш лашкар кашида қатор.
Ҳазори нахустин аз ӯ бесурок,
Ба гарданкашӣ кӯҳро карда хок.
Ҳазори дигар бухтии боркаш,
Ҳама борҳошон хуришҳои х(в)аш.
Ҳазори севум ноқаи раҳнаврд,
Ба зери зару зевари сурху зард.
Ҳазори чаҳорум нақибони тез,
Чу оҳу гаҳи тохтан гармхез.
Зи ҳар пеша, к-ояд ҷаҳонро ба кор,
Гузин кард сад-сад ҳама пешакор.
Бад-ин созмандӣ, ҷаҳонгиршоҳ
Барафрохт роят зи моҳӣ ба моҳ.
Зи Мақдуния рӯй дар роҳ кард,
Ба Искандария гузаргоҳ кард.
Сарири ҷаҳондорӣ он ҷо ниҳод,
Бар ӯ рӯзаке чанд биншаст шод.
Ба оини Кайхусрави тахтгир,
Ки бурд аз ҷаҳон тахти худ бар сарир,
Бифармуд, миле барафрохтан,
Бар ӯ равшаноинае сохтан,
Ки аз рӯи дарё ба якмоҳа роҳ
Нишон боздод аз сапеду сиёҳ.
Бад-он, то бувад дидабонгоҳи тахт,
Бар ӯ дидабонони бедорбахт.
Чу з-оина бинанд пӯшида роз,
Ба дорандаи тахт гӯянд боз.
Агар душмане турктозӣ кунад,
Рақиби ҳарам чорасозӣ кунад.
Чу фориғ шуд аз тахтгоҳе чунон
Нишаст аз бари бӯри олиинон.
Нахустин қадам сӯи Мағриб ниҳод,
Ба Миср омад, он ҷо ду рӯз истод.
В-аз он ҷо бурун шуд ба азми дуруст,
Ба фармони Эзад миён баст чуст.
Чу лахте заминро тараф дарнавашт,
Зи паҳлӯи водӣ даромад ба дашт.
Зи Мақдас тане чанд ғамёфта,
Зи бедоди довар ситам ёфта,
Тазаллумкунон сӯи роҳ омаданд,
Инонгири инсофи шоҳ омаданд,
Ки чун аз ту покӣ пазируфт хок,
Бикун хонаи покро низ пок.
Ба Мақдас расон рояти хешро,
Барафкан зи гетӣ бадандешро.
Дар он ҷои покон як аҳриман аст,
Ки бо дӯстони Худо душман аст.

Мутеони он хонаи арҷманд
Набинанд аз ӯ ҷуз гудозу газанд.
Тариқи парастиш раҳо мекунад,
Парастандагонро ҷафо мекунад.
Ба хун рехтан сар барафрохтаст,
Басеро ба ноҳақ сар андохтаст.
Ҳама дар ҳаросем аз ин девзод,
Туӣ девбанд, аз ту хоҳем дод.
Сикандар чу дид инчунин зорие,
В-аз он сон бар эшон ситамкорие,
Ситамдидаро гашт фарёдрас,
Ба фарёд н-омад зи фарёди кас.
Чу аз қудсиён ин ҳикоят шунид,
Инон сӯи Байтулмуқаддас кашид.
Ҳисори ҷаҳонро, ки сар боз кард,
Зи Байтулмуқаддас сароғоз кард.
Сикандар ба Қудс омад аз марзи Рум,
Бад-он, то барад фитна з-он марзу бум.
Чу бедодгардушман огоҳ гашт,
Ки овози дод омад аз кӯҳу дашт,
Камар басту омад ба пайкори ӯ,
Набуд огаҳ аз бахти бедори ӯ.
Ба аввалшабехун, ки овард шоҳ,
Бар он роҳзандев барбаст роҳ.
Чу бедодгар дид, хун рехташ,
Зи дарвозаи Макдас овехташ.
Мунодӣ барангехт, то дарзамон
Зи бедоди ӯ баркушояд забон,
Ки ҳар к-ӯ бад-ин хона бедод кард,
Бад-ин гуна бахти бадаш ёд кард.
Чу з-ӯ бистад он хонаи покро,
Ба анбар баромехт он хокро.
Баросуд аз он ҷои осудагон,
Фурӯ шуст аз ӯ гарди олудагон.
Ҷафои ситамкора з-ӯ боздошт,
Ба тоатгарон ҷои тоат гузошт.
Аз ӯ кори Макдас чу босоз гашт,
Суи мулки Мағриб инонтоз гашт.
Бар Афранҷа овард аз он ҷо сипоҳ,
В-аз Афранҷа бар Андалус кард роҳ.
Чу омад гаҳи даъвию доварӣ,
Ба донишнамоию динпарварӣ,
Кас аз донишу дини ӯ сар натофт,
Раҳе дид равшан, бад-он раҳ шитофт.
Чу омӯхт бар ҳар касе дину дод,
Ба ҳар буқъа тоатгаҳе нав ниҳод.
Ба рафтан дигарбора лашкар кашид,
Ба оламкушоӣ алам баркашид.

Ба таъҷил меронд бар кӯҳу рӯд,
Куҷо сабзае дид, омад фуруд.
Чу аз мондагӣ гашт пардохта,
Дигарбора шуд азмро сохта.
Намуд аз биёбон ба дарё шитоб,
Дарафканд киштӣ ба дарёи об.
Се маҳ бар сари оби дарё нишаст,
Биёвард сайде зи дарё ба даст.
Аз он сӯ, ки хуршед мешуд ниҳон,
Такопӯй мекард бо ҳамраҳон.
Ҷазира басе дид бе одамӣ,
Бурун рафту мешуд замӣ бар замӣ.
Басе пешбоз омадаш ҷонвар,
Ҳам аз одамӣ, ҳам зи ҷинси дигар.
Дар ӯ ҳеҷ аз эшон наёмехтанд
В-аз ӯ кӯҳ бар кӯҳ бигрехтанд.
Саранҷом чун рафт роҳе дароз,
Нишеби замин дигар омад фароз.
Биёбоне аз реги рахшанда зард,
Ки ҷуз тини асфар наянгехт гард.
Бар он регбум ар касе тохтӣ,
Замин зераш оташ барандохтӣ.
Ҳамоно, ки бар ҷои таркиби хок
Зи таркиби гӯгирд буд он мағок.
Чу як маҳ дар он бодия тохтанд,
Аз ӯ низ ҳам рахт пардохтанд.
Чу поёни он водӣ омад падид,
Сикандар ба Дарёи Аъзам расид.
Дар он жарфдарё шигифте бимонд,
Ки юнонияш уқёнус хонд.
Муҳити ҷаҳон мавҷи ҳайбат намуд,
Аз он пештар ҷои рафтан набуд.
Фурӯрафтани офтоб аз ҷаҳон,
Дар он жарфдарё набудӣ ниҳон.
Ҳиҷобе муғонӣ буд он обро,
Напӯшидӣ аз дидаҳо тобро.
Фалак ҳар шабонрӯзе аз чашми дур
Ба дарё дарафкандӣ аз чашма нур.
Ба мо дар фурӯ рафтани офтоб
Ишорат ба чашма-сту дарёи об.
Ҳамон чашмаи гарм, к-ӯрост ҷой,
Ба дарё ҳаловат кунад раҳнамой.
Чу обе ба як ҷо муҳайё шавад,
Шавад ҳавзаву дар ба дарё шавад.
Муайяб бувад, то бувад дар мағок,
Муаллақ бувад, чун бувад гирди хок.
Дар он баҳр, к-ӯро муҳит аст ном,
Муаллақ бувад оби дарё мудом.

Чу хуршед пӯшад ҷамол аз ҷаҳон,
Паси атфи он об гардад ниҳон.
Ба вақти раҳил офтоби баланд
Зи паргори он баҳр пӯшад паранд.
Алам чун ба зер орад аз авҷи ӯ,
Тавон диданаш дар паси мавҷи ӯ,
Чу лахте равад, дар сар орад ҳиҷоб,
Ки ояд наварди замин дар ҳисоб.
Ба дониш чунин менамояд қиёс,
Дигар раҳбаре ҳаст бар раҳшинос.
Чу он чашмаи гармро дид шоҳ,
Нашуд чашми ӯ гарм дар хобгоҳ.
Зи доно бипурсид, к-ин чашма чист?
Ҳамэдун нигаҳбони ин чашма кист?
Чунин гуфт доно, ки: ин оби гарм
Басо дидаҳоро, ки бурд оби шарм.
Дар ин парда бисёр ҷустанд роз,
Наёмад ба каф ҳеҷ сарришта боз.
Ман ин қисса пурсидам аз чанд пир,
Ҷавобе надодаст кас дилпазир.
Диҳад ҳар касе шарҳи он нури пок,
Яке гирди марказ, яке зери хок.
Кӣ донад, ки берун аз ин ҷилвагоҳ
Куҷо мекунад ҷилва хуршеду моҳ?
Сикандар бар он соҳил ором ҷуст,
Суи оби дарё шуд ором суст.
Чу симоб дид оби дарё ситабр,
Гузар баста бар қатрадуздони абр.
Дар обе чунон киштӣ осон нарафт,
В-агар рафт, бе раҳшиносон нарафт.
Шаҳ аз раҳшиносон бипурсид роз
Ба санҷидани кору тартиби соз,
Ки киштӣ бад-ин об чун афканам?
Чӣ гуна буна з-ӯ бурун афканам?
Надиданд корозмоён савоб,
Ки шоҳ афканад киштӣ он ҷо бар об.
Намуданд шаҳро, ки сад раҳнамун
Аз ин об киштӣ наёрад бурун.
Дигар, к-андар ин оби симобфом
Наҳангаждаҳоест, Қассосаном,
Сиёҳу ситамкораву саҳмнок,
Чу дуде, ки ояд бурун аз мағок.
Сиёсат чунон дорад он ҷонвар,
Ки бинанда чун бинадаш як назар,
Диҳад ҷону дигар наҷунбад зи ҷой,
Ки бошад ба роҳе чунин раҳнамой.
Батар з-ин ҳама он к-аз ин хона дур
Яке фурза бинӣ чу тобанда нур.

Басе санги рангин дар он мавҷгоҳ
Ҳама азраќу сурху зарду сиёҳ.
Фурӯзанда чун марқашишои зар,
Манею ду ман камтару бештар.
Чу бинад дар ӯ дидаи одамӣ,
Бихандад зи бас шодию хуррамӣ.
В-аз он хуррамӣ ҷон диҳад дар замон,
Ҳамон дидану додани ҷон ҳамон,
Вале ҳар чӣ бошад зи мисқол кам,
Зи хосийят афтад в-агар сад ба ҳам,
Зи буҳтони ҷон бурданаш раҳнамой
Ҳамехонадаш паҳнаи ҷонгазой.
Чу шуд гуфта ин достон, шаҳрёр
Фиристоду кард озмоиш ба кор.
Чунон буд, к-он пири гӯянда гуфт,
Тане чанд аз он санг бар хок хуфт.
Бифармуд, то бар ҳаюнони маст
Ба он санги рангин расонанд даст.
Ҳама дидаҳо бозбанданд чуст,
Кунанд он гаҳ он сангро бозҷуст.
В-аз он санг, чандон ки ояд ба даст,
Барандаш ба пушти ҳаюнони маст.
Ҳама зеркарбосҳо карда банд,
Лифофа бар ӯ боз печида чанд,
Кунанд он ҳаюнон аз он санг бор,
Намонанд худро дар он сангсор.
Ба фармонпазирӣ рақибони роҳ
Ба ҷой овариданд фармони шоҳ.
Шаҳу лашкар аз бими чандон ҳалок
Гузаштанд чун, то аз он хоки зард
Шутурбон сад уштур гаронбор кард.
Чу омад ба ҷое, ки буд обгир,
Бару буми он ҷо иморатпазир,
Ба фармони ӯ сангҳо рехтанд
В-аз он санг бунёде ангехтанд.
Ҳама ҳамчунон карда карбоспеч,
К-аз эшон яке боз накшод ҳеч.
Ба таркиби он сангҳо банд-банд
Баровард бедар ҳисоре баланд.
Баровард кохе чу бодоммағз,
Ҳама як ба дигар баровардa нағз.
Гиле кард гӯянд аз он зардхок,
Буруни биноро барандуд пок.
Дарунро наяндуду холӣ гузошт,
Ки розе дар он парда пӯшида дошт.
Ханида чунин аст аз омӯзгор,
Ки чун муддате шуд бар он рӯзгор,
Фурӯ рехт карбос аз рӯи санг,
Падид омад он гавҳари ҳафтранг.

Буруни бино монд бар ҷои хеш,
К-аз андудиши гил ҳарам дошт пеш.
Дарунмондагон хирқа андохтанд,
Бар он хирқа бисёр ҷон бохтанд.
Ҳар он роҳрав, к-омад он ҷо фароз,
Ба дидори он ҳиснаш омад ниёз.
Талаб кард, бар бора чун раҳ надид,
Каманде барафканду боло давид.
Чу бар бора шуд, сангро дид зуд,
Чу оҳанрбо зуд аз ҷон рабуд.
Зи санге, ки дар як манаш хун бувад,
Чу кӯҳе ба ҳам барниҳӣ, чун бувад?
Шунидам зи шоҳон як озодмард
Шунид ин суханрову бовар накард.
Фиристоду ин қиссаро бозҷуст,
Бар ӯ қисса шуд з-озмоиш дуруст.
Чу шоҳ он бино кард, аз ӯ рӯй тофт,
Зи дарё ба сӯи биёбон шитофт.
Чу шаш моҳи дигар бипаймуд роҳ,
Сутӯҳ омад аз ранҷи рафтан сипоҳ.
Аз он раҳ, ки дар пои пил омадаш,
Гузаргаҳ суи рӯди Нил омадаш.
Ба сарчашмаи Нил рағбат намуд,
Ки он пояро дида нодида буд.
Шабу рӯз бар тарфи он рӯдбор
Дуаспа ҳамеронд бар кӯҳу ғор.
Бад-он раста, к-он рӯдро буд майл,
Ҳамешуд, чу ояд суи рӯд сайл.
Басе кӯҳу дашт аз ҷаҳон дарнавашт,
Ба поён расид охир он кӯҳу дашт.
Падид омад аз домани реги хушк
Баландигаҳе сабз бо бӯи мушк.
Камар дар камар кӯҳе аз хорасанг,
Бароварда чун сабзмино ба ранг.
Бар ӯ роҳ барбаста пӯяндаро,
Гузар гум шуда роҳ ҷӯяндаро.
Кашида амуд он шитобандарӯд,
Аз он кӯҳи миноваш омад фуруд.
Яке пушта бар роҳи он буд тунд,
Ки аз рафтанаш пойҳо буд кунд.
Касе, к-ӯ бад-он пуштаи хорпушт
Барандохтӣ ҷон ба чанголу мушт,
Задӣ қаҳқаҳа чун бар ӯ тохтӣ,
Аз он сӯй худро дарандохтӣ.
Бар ӯ гар яке рафтию гар ҳазор,
Чу мурғон паридӣ дар он марғзор.
Фиристода бар пушта шуд чанд кас,
К-аз эшон наёмад яке бозпас.

Чу ҳар кас, ки бурдӣ бар он пушта рахт,
Ту гуфтӣ, бар он ёфтӣ тоҷу тахт.
Чунон чашм аз он хайл бартофтӣ,
Ки чашм аз хаёлаш асар ёфтӣ.
Сикандар ҷаҳондидагонро бихонд,
Дар он чораҷӯӣ басе қисса ронд,
Ки натвон бар ин кӯҳ танҳо шудан,
Ду ҳамроҳ бояд ба як ҷо шудан.
Сукунат намудан дар он тохтан,
Ба ҳар даҳ қадам манзиле сохтан.
Чу бар пушта рафтан, гирифтан қарор,
Барандохтан, он чи бояд ба кор.
Ба тадриҷ дидан дар он сӯи кӯҳ,
Ба як раҳ надидан, ки орад шукӯҳ.
Бикарданд аз ин сону суде надошт,
Дигарбора доно назар баргумошт.
Чунин шуд дар он доварӣ раҳнамой,
Ки марде ҳунарманду покизарой
Нависанда бошад ҷаҳондида мард,
Ҳамон хомаву коғазаш дар навард.
Бувад хубфарзанде он мардро,
К-аз ӯ дур дорад ғаму дардро.
Чу майл оварад сӯи он пуштагоҳ,
Бувад пури ҳампушт бо ӯ ба роҳ.
Ба боло шавад марду фарзанд зер,
Бувад баччаи шер занҷири шер.
Гар ӯ бозпас н-ояд аз аслу бун,
Ба фарзанди худ боз гӯяд сухун.
В-агар з-он ки дорад забонбастагӣ,
Нависад мисоле ба оҳистагӣ.
Фурӯ афканад сӯи фарзанди хеш,
Набуррад дил аз меҳри пайванди хеш.
Ба даст оваранд марде шигарф,
Ки маҷмӯае буд аз он ҷумла ҳарф.
Суи кӯҳ шуд пиру бо ӯ ҷавон,
Чу бачча, ки бо шер бошад давон.
Дигар нимрӯз он ҷавони далер
Зи поёни он пушта омад ба зер.
Зи коғаз гирифта наварде ба чанг,
Бари шоҳ шуд, рафта аз рӯй ранг.
Ба шаҳ дод коғаз, фурӯ хонд шоҳ,
Набишта чунин буд, к-аз гарди роҳ
Ба ҷон ончунон омадам, к-аз ҳарос
Ба дӯзах раҳи хеш кардам қиёс.
Раҳе, гӯӣ, аз тори як мӯй руст,
Бар ӯ ҳар кӣ омад, зи худ даст шуст.
Дар ин раҳ, ки ҷуз шакли мӯе надошт,
Фуруд омадан ҳеҷ рӯе надошт.

Чу бар пуштаи хорасанг омадам,
Зи бас тангии раҳ ба танг омадам.
Аз он сӯ, ки дидам, дилам пора шуд,
Хирад з-он хатарнокӣ овора шуд.
В-аз ин сӯ раҳи пушта бероғ буд,
Тараф то тараф боғ дар боғ буд.
Пур аз меваву сабзаву обу гул
Баровардa овози мурғон духул.
Ҳаво аз латофат дар ӯ мушкрез,
Замин аз надоват дар ӯ чашмахез.
Такаш бо таловиш даровехта,
Чунин рӯде аз ҳар ду ангехта.
Аз ин сӯ ҳама зинату зиндагӣ,
Аз он сӯ ҳама озу афкандагӣ.
Биҳишт ину он ҳаст дӯзахсиришт,
Ба дӯзах наёяд касе аз биҳишт.
Дигар к-он биёбон, ки мо омадем!
Бибин, к-аз куҷо то куҷо омадем?
Киро дил диҳад, к-аз чунин ҷои нағз
Ниҳад пои худро дар он пойлағз?
Ман инак шудам, шоҳ падруд бод,
Шумо шод бошеду ман низ шод!
Шаҳ аз рози пинҳон чу огоҳ гашт,
Сипаҳ ронд аз он кӯҳпоя ба дашт.
Нагуфт, он чи бархонд бо ҳеҷ кас,
Ки то ҳар диле н-орад он ҷо ҳавас.
Чу донист, к-он ҷо нишастан хатост,
Гузаргаҳ талаб кард бар дасти рост.
Дар он раҳ зи рафтан наёсуд ҳеч,
Намекард ҷуз роҳ рафтан басеч.
Зи роҳи биёбон бурун шуд ба ранҷ,
Чу реги биёбон равон карда ганҷ.
Раҳаш регу андӯҳаш аз рег беш,
Тафи оҳаш аз дег бар дег беш.
Ҳама роҳ душман зи дому дада,
Ба ҳар гӯшае лашкаре саф зада,
Валекин чу кардандӣ оҳанги шоҳ,
Зи зулмат шудӣ раҳ бар эшон сиёҳ.
Кас аз тирагӣ раҳ набурдӣ бурун,
Магар рухсати шаҳ шудӣ раҳнамун.
Касе, к-ӯ кашидӣ сар аз рои ӯ,
Шудӣ ҷои ӯ кундаи пои ӯ.
Бурун аз миёнҷию аз тарҷума,
Бидонист як-як забони ҳама.
Суханро ба оҳангашон соз дод,
Ҷавоби сазоворашон боздод.
Бад-ин гуна мекард раҳро навард,
Замон зери гардун, замин зери гард.

Дар он раҳ набудаш ҷуз ин ҳеҷ кор,
Ки чун бод бурдӣ зи дилҳо ғубор.
Дили ошноро барафрӯхтӣ,
Ба бегонагон дин даромӯхтӣ.
Чу з-он дашт бигзашт чун девбод,
Қадам дар дигар девлохе ниҳод.
Биёбоне аз оташин ҷӯши ӯ
Забони сухан гуфта дар гӯши ӯ:
Ҷуз он зар, ки бошад худойофарид,
Кас аз рустаниҳо гиёҳе надид.
Ҷаҳонҷуй аз он кони зартофта
Бихандид чун тифли зарёфта.
Чу лахте дар он дашт паймуд роҳ,
Ба боғи Ирам ёфт оромгоҳ.
Падид омад он боғи зарриндарахт,
Ки Шаддод аз ӯ ёфт он тоҷу тахт.
Дарун рафт солори гетинавард,
Замин аз дарахтони зар дид зард.
Якояк дарахтонаш аз мева пур,
Ҳама мева беҷодаву лаълу дур.
Зи ҳар сӯ даровехта себу нор,
Ҳама нор ёқуту ёқут нор.
Зи норинҷи заррину симин турунҷ
Фиреб омада бо назарҳо ба ғунҷ,
Баҳораш ҷавоҳир, замин кимиё,
Зи беҷода гул в-аз зумуррад гиё.
Бисоте кашида дар он сабзбоғ,
Зи гавҳар барафрӯхта чун чароғ.
Ду тандисе аз зар барангехта,
Зи ҳар сурате қолабе рехта.
Чу дар чашми пайкаршинос омадӣ,
Агар зар набудӣ, ҳарос омадӣ.
Зи буллӯри тар ҳавзае сохта
Чу яхпораи сими бигдохта.
Дар он моҳиён карда аз ҷазъи ноб,
Намояндатар з-он, ки моҳӣ дар об.
Духиштӣ бароварда қасре азим,
Яке хишт аз зар, яке хишт сим.
Чу шаҳ шуд дар он қасри зарринахишт,
Гумон бурд, к-омад ба қасри биҳишт.
Чу бисёр баргашт пироманаш,
Дарида шуд аз ганҷи зар доманаш.
Равоқе ҷудогона дид аз ақиқ,
Зи бунёд то сар ба гавҳар ғариқ.
Дар ӯ гунбаде равшан аз зарри ноб,
Дурафшанда чун гунбади офтоб.
Наяфтода гарде бар он зарри хушк,
Ба ҷуз сӯниши анбару гарди мушк.

Дар ӯ рафт солори фарҳангу ҳуш,
Чу дар гунбади осмонҳо суруш.
Сутудоне аз ҷазъи тобанда дид,
К-аз ӯ бӯи кофури тар медамид.
Ниҳода бар он фарши миносиришт
Яке лавҳи ёқути минонавишт,
Набишта бар ӯ, к-эй худованди зӯр,
Ки ронӣ суи ин сутудон сутур,
Дар ин дахма хуфтаст Шаддоди Од,
К-аз ӯ рангу равнақ гирифт ин савод.
Ба озарм чун сӯи мо тохтан,
Макун қасди burқаъ барандохтан.
Бикун ситрпӯшӣ, ки пӯшидаем,
Ба расвоии кас накӯшидаем.
Нигаҳ дор номуси мо дар ниҳуфт,
Ки хоҳӣ ту низ андар ин хок хуфт.
Агар хуфтаеро дар ин хобгоҳ
Бароранд гунбад зи санги сиёҳ,
Саранҷомаш ин гунбади тезгашт
Зи девори гунбад дарорад ба дашт.
Танашро намаксуди мӯрон кунад,
Сараш хоки сумми сутурон кунад.
Бале, ҳар кас аз баҳри айвони хеш
Сутуне кунад бар сутудони хеш,
Валекин чу бинӣ саранҷоми кор
Барад бодаш аз ҳар суе чун ғубор.
Кӣ донад, ки Шаддодро пою даст
Ба наъли сутури кӣ хоҳад шикаст?
Ғубори парокандаро дар мағок
Раҳо кун, ки ҳам хок беҳ ҷои хок.
Аз он тан, ки бодаш пароканда кард,
Нишоне набинӣ ҷуз ин кӯҳи зард.
Ту низ, эй кушояндаи қуфли роз,
Битарс аз чунин рӯзу бо мо бисоз.
Мабош эмин, ар з-он ки озодаӣ,
Ки охир ту низ одамизодаӣ.
Ҳама ганҷи ин ганҷдон они туст.
Сару тоҷи мо ҳам ба фармони туст.
Кушодаст пеши ту дарҳои ганҷ,
Сипоҳи туро бас шуд ин пойранҷ.
Бибар ганҷ, к-он бар ту боре мабод,
Туро боду бо мо-т коре мабод!
Сикандар бар он лавҳи норехта
Чу лавҳе шуд аз шохе овехта.
В-аз он хат, ки чун қатраи об хонд,
Басо қатраи об, к-аз дида ронд.
Чу аз чашми гиряндаи ашкбор
Бар он хобгаҳ кард лахте нисор,

Бурун рафту з-он ганҷдон рахт баст,
Бад-он ганҷу гавҳар наёлуд даст.
Зи боғе, ки дар байъи теғ омадаш,
Яке мева чидан дареғ омадаш.
Чу донист, к-он фарши зарсохта
Ба умре дароз аст пардохта,
Аз он ганҷдон, к-он ҳама ганҷ дошт,
На худ баргирифту на касро гузошт.
Ҳама роҳи ӯ худ пур аз ганҷ буд,
Зари даҳ-даҳӣ, сими даҳ-panҷ буд.
Дигарбора сар дар биёбон ниҳод,
Бару буми худро ҳамекард ёд.
Чу як нима роҳи биёбон бурид,
Гурӯҳе дади одамисор дид.
Биёбониёне сияҳтар зи қир,
Ба байғулаи ғорҳо ҷойгир.
Бипурсидашон, к-андар ин содадашт
Чӣ доред аз афсонаҳо саргузашт?
Гузашт аз шумо кист аз дому дад,
Ки дорад дар ин дашт маъвои х(в)ад?
Чунин боздоданд шаҳро ҷавоб,
Ки дур аст аз ин бодия абру об.
Дар ин жарфсаҳро, ки маъвои мост,
Хуришҳои мо сайди саҳрои мост.
Дар ин дашт нахчирбонӣ кунем,
Ба расми дадон зиндагонӣ кунем.
Хурем, он чи з-он сайд ёбем нарм,
Кунем олати ҷома аз мӯю чарм.
На оташ ба кор ояд ин ҷо, на об,
Бувад об аз абр, оташ аз офтоб.
Ба рӯзи сапед офтоби баланд
Бувад оташи мо дар ин шаҳрбанд.
Зи шабнам чу гардад ҳаво низ тар,
Дами мо кунад з-он насим обх(в)ар.
Дар ин кунҷ моро ҷуз ин соз нест,
В-аз ин бартар анҷому оғоз нест.
Ҳамон низ пурсӣ зи дигар гурӯҳ,
Ки доранд маъво дар ин дашту кӯҳ.
Дар ин оташиндашти буннопадид,
Ки парранда дар вай наёрад парид,
Биёбониёнанд ваҳшӣ басе,
Ки ҳаргиз нагиранд хӯ бо касе.
Бибурранд чандон ба як рӯз роҳ,
Ки он барнахезад зи мо дар ду моҳ.
Аз эшон ба мо як-як ояд ба даст,
Бипурсем аз ӯ чун шавад пойбаст,
Ки бе об чун зиндагонӣ кунанд,
Ба мо - бар чаро сарфишонӣ кунанд?

Намоянд, к-об аз буна заҳри мост,
Зи тарри̣ хавоест, к-аз баҳри мост,
Насозем чун мор бо ҳеҷ кас,
Хуришҳои мо сусмор асту бас.
Зи шуғли шумо чун наёбем суд,
Шуморо парастиш чӣ бояд намуд?
Дигаргуна пурсемашон дар ниҳуфт,
Чи ҳангоми хӯрду чи ҳангоми хуфт,
Ки чандон ки рафтанд болову паст,
Дар ин бодия, к-об н-ояд ба даст.
Ба поёни ин бодия кас расид,
Ҳамон пайкаре дигар аз халқ дид.
Ба посух чунин гуфтаанд он гурӯҳ,
Ки бисёр гаштем дар дашту кӯҳ.
Давидем чун оҳувон солу моҳ,
Ба поёни водӣ набурдем роҳ.
Биёбониёне дигар дидаем
В-аз эшон хабар низ пурсидаем,
Ки берун аз ин пайкари қиргун
Нишоне дигар медиҳад раҳнамун.
Нишон додаанд аз бари хеш дур,
Бад-он ҷо, ки хуршедро нест нур.
Яке шаҳр чун бешаи мушкбед,
Дар ӯ одамипайкарони сапед.
Накӯрӯю хушхӯю зебохисол,
Зи понсад якеро фузун аст сол.
В-агар низ понсад барояд дигар,
Набинӣ касеро зи пирӣ асар.
Бурун аз ватангоҳи он дилкашон
Ба мо кас надодаст дигар нишон.
Аз он низ берун дар ин хоки паст
Басе кӯҳу саҳрои нодида ҳаст.
Дар ӯ нест рӯяндаро обх(в)ард,
Ки гармош гарм асту сармош сард.
Чу з-ӯ рустанӣ барнаёяд зи хок,
Дар он ҷонвар чун нагардад ҳалок?
Ҳамин аст розе, ки мо ҷустаем,
Зи дигар ҳикоят варақ шустаем.
Сикандар ба он халқи соҳибниёз,
Бибахшиду бахшудашон баргу соз.
Даромӯхтшон расму оини хеш,
Барафрӯхтшон дониш аз дини хеш
В-аз эшон ба ҳанҷорҳои дуруст
Суи рубъи маскун нишон бозҷуст.
Чу гаштанд аз ӯ он асирони ӯ,
Ба шавкат навозишпазирони ӯ.
Чу з-ӯ кори худ созвар ёфтанд,
Ба раҳ бурданаш зуд биштофтанд.

Аз он хоки ҷӯшону боди самум
Намуданд роҳаш ба ободбум.
Сикандар дар он дашт бегоҳу гоҳ
Дуаспа ҳамеронд бероҳу роҳ.
Саранҷом, к-он раҳ ба поён расид,
Дигарбора шуд афти дарё падид.
Ҳам аз оби дарё ба дарёканор
Таловишгаҳе дид чун чашмасор.
Фиганданд моҳе бар он чашма рахт,
Баросуда гаштанд аз он ранҷи сахт.
Дигарбора киштӣ басе сохтанд,
Зи соҳил ба дарё дарандохтанд.
Чу дарё буриданд як моҳ беш,
Ба хушкӣ расонданд бунгоҳи хеш.
Чу аз тоби анҷум шаби табзада
Бипечид чун мори ақрабзада,
Зи боди ҷанубӣ даромад насим,
Дили раҳравон раст аз андӯҳу бим.
Гирифтанд як моҳ он ҷо қарор,
Ки ҳам соябон буду ҳам чашмасор.
Ба марҳам расиданд аз он хастагӣ,
Зи тан ранҷашон шуд ба оҳистагӣ.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА АРЗИ ҶАНУБ ВА ДЕҲИ САРПАРАСТОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дилам дур гашт аз шикеб,
Самоъе деҳ имшаб маро дилфиреб.
Самоъе, ки чун дил ба ҷӯш оварад,
Зи беҳушиям боз ҳуш оварад.

### ДОСТОН

Сухансанҷи ин дурҷи гавҳарнигор
Зи дурҷ инчунин кард гавҳар нисор,
Ки чун шаҳ зи машриқ бурун бурд рахт,
Ба арзи ҷанубӣ барафрохт тахт.
Ҳавои ҷаҳон дида созандатар,
Замона заминро навозандатар.
Чу қорураи субҳи норинҷбӯй
Турунҷӣ шуд аз оби ин сабзҷӯй,
Аз он кӯчгаҳ рахт пардохтанд,
Суи кӯчгоҳе дигар тохтанд.
Намуданд манзилшиносони роҳ,
Ки чун шаҳ кунад кӯч аз ин кӯчгоҳ,

Деҳе бинад ороста чун биҳишт,
Саводаш пур аз сабзаву обу кишт.
Дар ӯ мардумоне ҳама сарпараст,
Раҳо карда фармони Яздон зи даст.
Магар шоҳашон дар паноҳ оварад
В-аз он гумраҳӣ боз роҳ оварад.
Чу шаб хуни хуршед дар ҷом кард,
Дар он манзил он шаб шаҳ ором кард.
Чу товуси хуршед бикшод бол,
Зарандуд шуд лоҷвардӣ ҳилол.
Ҷаҳонҷӯй бар борагӣ баста рахт,
Зи фитроки ӯ сар бароварда бахт.
Хироманда мерафт бар пушти бӯр,
Ба гӯрафканӣ ҳамчу Баҳроми Гӯр.
Падид омад он сабзаву ҷӯю боғ,
Ҷаҳон дар ҷаҳон равшанӣ чун чароғ.
Деҳе чун биҳиште барафрӯхта,
Биҳиштисифат ҳулла бардӯхта.
Чу шаҳ дар деҳи сарпарастон расид,
Деҳе диду деҳмеҳтареро надид.
Худое наю деҳхудоён басе,
На дар кас даҳое, на дар деҳ касе,
Хуме ҳар кас аз гил барангехта,
Зи кунҷид дар ӯ равғане рехта.
Ҷудогона дар равғани ҳар хуме
Фиганда зи номардумӣ мардуме.
Паси сӣ-чиҳил рӯз ё бештар
Кашидандӣ аз марди саргашта сар.
Саре будӣ аз мағзу аз пӣ тиҳӣ.
Фурӯ монда бар тан ҳама фарбиҳӣ.
Ниҳодандӣ он каллаи хушк пеш
В-аз ӯ бозҷустандӣ аҳволи хеш.
Қазибе задандӣ бар он устухон,
Шудандӣ бар он калла фарёдхон,
Ки имшаб, чӣ неку бадояд падид,
Ҳамон рӯзи фардо чӣ хоҳад расид?
Садое бурун омадӣ аз ниҳуфт,
Садое, ки монанд бошад ба гуфт,
Ки: Фардо чунин бошад аз гарму сард,
Чунин нақш дорад ҷаҳон дар навард.
Гирифтандӣ он нақшро дар хаёл,
Чунин будашон гардиши моҳу сол.
Чу донист фармондиҳи чорасоз,
Ки таълими дев аст аз он гуна роз,
Бифармуд, то каллаҳо бишкананд,
Хуми равған аз хонаҳо барканананд.
Басе ҳуҷҷат ангехт рояш дуруст,
Ки то дурашон кард аз он рои суст.

Даромӯхтшон расми динпарварӣ,
Ҳисоби худоию пайғамбарӣ,
Бар он қавм соҳибдиле баргумошт,
Ки донад диле чандро пос дошт.
Чу шуд кори он кишвар ороста,
Раворав шуд аз роҳ бархоста.
Ба фаррухрикобию хуррамдилӣ
Бурун ронд аз он шоҳ якманзилӣ.
Раҳанҷомро зери зин ром кард,
Чу анҷум дар он раҳ кам ором кард.
Раҳе печ бар печ торику танг,
Ҳама роҳи пурхору пурхорасанг.
Падидор шуд теғи кӯҳе баланд,
Ки аз бар шудан буд ҷонро газанд.
Пасу пеши он кӯҳро дид шоҳ,
Зарурат бар ӯ кард боисти роҳ.
Бурун бурд лашкар бар он теғи кӯҳ,
Зи ранҷ омада теғдорон сутӯҳ.
Зи тезию сахтӣ, ки он санг буд,
Суми чорпоён бар он санг суд.
Чу шаҳ дид, к-аз санги пӯлодсой
Харошида мешуд суми чорпой.
Бифармуд, то аз тани гову гӯр
Ба чарм андароранд сумми сутур.
Намадҳову карбосҳои ситабр
Бибанданд бар пои пӯёнҳизабр.
Ҳама раҳгузарҳо бирӯбанд пок,
Зи санге, ки пӯянда шуд з-ӯ ҳалок.
Ба фармони шаҳ роҳ мерӯфтанд,
Гарева ба пӯлод мекӯфтанд.
Аз онон ки буданд фарроши роҳ,
Тане чанд рафтанд наздики шоҳ,
Яке мушти санг овариданд пеш,
Ки сумми сутурон аз ин аст реш.
Ба наъли сутурон-дараш ёфтем,
Ба сахтиш аз он наъл бартофтем.
Басе кӯфтемаш ба пӯлоди сахт,
Нашуд пора, пӯлод шуд лахт-лахт.
Бар он санг зад шоҳ шамшери тез,
Набурриду шамшер шуд рез-рез.
Ба ҳар ҷавҳаре сохтандаш харош,
Ба арзиз бархост аз вай тарош.
Чу шаҳ дид, к-ӯ сангро ос кард,
Зи буррандагӣ номаш алмос кард.
Ҳамегуфт бо ҳар кас аз ҳар даре,
Ки ҳаст ин гаронмоятар ҷавҳаре.
Бад-он, то пажӯҳишсиголӣ кунанд,
Раҳи хеш аз алмос холӣ кунанд.

Намунаш ба ҳар сангҷӯе супурд,
Ки то роҳ донад бад-он санг бурд.
Чу афтод дар лашкар ин гуфтугӯй,
Миён баст ҳар як бад-ин ҷустуҷӯй.
Басе бозҷустанд болову паст.
Гаронмоя гавҳар кам омад ба даст.
Камар бар камар, гирд бар гирди кӯҳ
Яке водие буд дарёшукӯҳ.
Фаровон дар он водӣ алмос буд,
Ки равшантар аз об дар тос буд.
Чу дарё, ки гавҳар барорад зи ғор,
На дарёи моҳӣ, ки дарёи мор.
Зи морон дар ӯ сад ҳазорон ба ҷӯш,
Кӣ дидаст морони гавҳарфурӯш?
Магар з-он шуд он раҳ зи морон ба ранҷ,
Ки бе мор натвон шудан сӯи ганҷ?
Ҳамон роҳи ганҷина душвор буд,
Тариқи шудан нопадидор буд.
Чу шаҳ дид, к-он кони алмосхез
Гузаргоҳ дорад чу алмос тез,
Ҳам аз тарси морон, ҳам аз ранҷи роҳ
Касе сӯи водӣ нарафт аз сипоҳ,
Назар кард ҳар сӯ чу наззорае,
Бад-он, то ба даст оварад чорае.
Уқоби сияҳ бар камарҳои санг
Басе дид ҳар як шикоре ба чанг.
Чу з-ин сон уқобони парранда дид,
Уқобони андешаро сар кашид.
Бифармуд, к-оранд меше ҳазор,
Набинанд, к-он фарбеҳ аст, ин низор.
Гулӯ бозбурранд якборашон,
Кунанд он гаҳ аз якдигар порашон.
Куҷо кони алмос бинанд зер,
Бар он кон фишонанд як-як далер.
Ба фармонбарӣ з-он ки фармон бад-ӯст,
Аз он гӯсфандон кашиданд пӯст.
Куҷо кони алмос бишнохтанд,
Аз он гӯшт лахте биандохтанд.
Чу алмос дӯсида шуд бар кабоб,
Ба ҷунбиш даромад зи ҳар сӯ уқоб.
Кабобу намак ҳар ду бардоштанд,
Дар он ғор ҷуз мор нагзоштанд.
Бибурданду хӯрданд болои кӯҳ,
Паси ҳар уқобе давон даҳ гурӯҳ.
Ҳар алмос, к-аз гӯшт афтода буд,
Бари шоҳ бурд, он ки озода буд.
Шаҳ алмосҳоро ба ҳам гирд кард,
Бадаш обгун буду некӯш зард.

В-аз он ҷо суи пастӣ овард майл,
Фуруд омад аз кӯҳ чун тундсайл.
Дар он пӯя таъҷил месохтанд,
Раҳе бе қаловуз ҳаметохтанд.
Сутурон зи наъл оташ ангехта,
Ба ҷои хай аз сина хун рехта.
Чу рафтанд як моҳ аз роҳ беш,
Суми бодпоён шуд аз пӯя реш.
Ҳам охир ба нерӯи бахти баланд
Сипоҳ аз гила расту шоҳ аз газанд.
Бурун бурд шаҳ рахт аз он санглох,
Иморатгаҳе диду ҷое фарох.
Дар он заръгаҳ киштзоре шигарф
Навозиш гирифта зи борону барф.
Зи сабзию таррию тобандагӣ
Бар ӯ ҷону дилро шитобандагӣ,
Зи тороҷи он сабза пай карда гум
Сипанҷи сутурони бегонасум.
Ҷавоне дар он кишта чун шери маст,
Бараҳна сару пой, беле ба даст,
Зи хубию чолокии пайкараш
Сазовори тоҷи каёнӣ сараш.
Фурӯзанда белаш чу заррин калид,
Нишони барӯмандӣ аз вай падид.
Гаҳе бел бардошт, гоҳе ниҳод,
Гаҳе банд мебасту гаҳ мекушод.
Ҷаҳондор хондаш ба озарму гуфт,
Ки: хӯи ту бо хок чун гашт ҷуфт?
Ҷавонию хубию бедормағз,
Зи нағзон наёяд ба ҷуз кори нағз.
На кори ту шуд бел бардоштан,
Ба вайронае донае коштан.
Бад-ин фаррухӣ гавҳаре тобнок
На фаррух бувад ҳамтарозуи хок.
Биё, то туро подшоҳӣ диҳем,
Зи пайкор хокат раҳоӣ диҳем.
Ба посух кишоварзи оҳистарой,
Чу оварда буд шарти хидмат ба ҷой,
Чунин гуфт, к-эй роизи рӯзгор,
Ҳама тавсанон аз ту омӯзгор.
Чунон мон ба ҳар пешавар пешае,
Ки дар хилқаташ н-ояд андешае.
Ба ҷуз донакорӣ маро кор нест,
Ба ман подшоҳӣ сазовор нест.
Кишоварзро ҷой бошад дурушт,
Чу нармӣ бибинад, шавад кӯжпушт.
Танам дар дуруштӣ гирифтаст чарм,
Ҳалоки дуруштон бувад ҷои нарм.

Тани сахт, к-ӯ нозанинӣ кунад,
Чу самғе бувад, к-ангубинӣ кунад.
Хуш омад ҷаҳонҷӯйро посухаш,
Сано гуфт бар гуфтани фаррухаш.
Хабар бозпурсидаш аз кирдгор,
К-аз ин сон туро кист парвардгор?
Кӣ шуд посдори ту дар хуфту хез?
Паноҳат куҷо кард бозор тез?
Киро мепарастӣ, киро бандаӣ?
Назар бар кадомин раҳ афкандаӣ?
Ҷавонмард гуфт: – «Эй зи гетӣ Худой,
Ба пайғамбарӣ халқро раҳнамой,
Дар он кас дили хеш бастам, ки ту,
Ҳамон қибларо мепарастам, ки ту.
Барорандаи осмони кабуд,
Нигорандаи кӯҳу саҳрову рӯд,
Шабу рӯз пеши ҷаҳонофарин
Ниҳам чанд раҳ рӯйро бар замин.
Бад-ин чашму абрӯи ороста,
К-аз ин сон ба ман дод нохоста,
Ба дигар карамҳо, ки бо ман намуд,
Ки аз ҳар якам ҳаст сад гуна суд,
Сипосаш барам, воҷиб ояд сипос,
Бар он кас, ки ӯ бошад эзадшинос.
Туро к-омадастӣ ба пайғамбарӣ,
Пазируфтам аз роҳи динпарварӣ.
Туро дидаам пештар з-ин ба хоб,
Ба ту зинда гаштам чу моҳӣ ба об.
Кунун, к-омадӣ в-ин хабар шуд аён,
Ба хидматгарӣ чун набандам миён?
Нагӯям ҷаҳон чун туе н-оварид,
Ҷаҳонофарин чун туе н-офарид.
Ҷаҳонро туӣ мояи хуррамӣ,
Зи садди ту дорад ҷаҳон муҳкамӣ».
Сикандар бар он поксират ҷавон,
Ки будаш сару сояи хусравон,
Сано гуфту бар торакаш бӯса дод,
Ҳамон номи Яздон бар ӯ кард ёд.
Бароросташ хилъати хусравӣ,
Ба дини Худо кард пушташ қавӣ.
Дар он марзу он марғзори фарох,
Ки ҳам сурхгул буду ҳам сабзшох,
Шабонрӯзе осуд шаҳ бо сипоҳ,
Сабуктар шуд аз хастагиҳои роҳ.
Чу солори ин ҳафтхарвор кӯс
Баровард бонг аз гулӯи хурӯс,
Дигарбора шаҳ рафтан оғоз кард,
Дигар раҳ басеҷи сафар соз кард.

Чу з-он марҳала манзиле чанд ронд,
Ба манзил дигар бор манзил расонд.
Фурӯзанда марзе чу равшанбиҳишт,
Заминҳои вай ҷумла бе гову кишт,
Дарахту гулу сабза, оби равон,
Иморатгаҳе дархури хусравон,
Ҷуз онаш халал не, ки нокишта буд,
Замине ба обе дароғишта буд.
Бипурсид, к-ин марзро ном чист?
Сару сарвари ин бару бум кист?
Кишоварзу говоҳану гов ку?
Куҷо дар чунин деҳ кунад гов ҳу?
Яке аз муқимони он заръгоҳ
Чунин гуфт баъд аз заминбӯси шоҳ,
Ки «ақсои ин дилкушоянда марз
Ҳаволӣ басе дорад аз баҳри варз.
Дар ӯ ҳар чӣ корӣ ба ҳангоми хеш,
Яке з-ӯ ҳазор оварад, балки беш,
Валекин зи бедод ёбад газанд,
Нагардад кас аз дахли ӯ баҳраманд.
Агар дод будию довар басе,
Деҳ обод будию дар деҳ касе,
Ба инсофу дод орад ин хок бар,
Табоҳӣ пазирад зи бедодгар.
Чу аз дахли ӯ гардад инсоф кам,
Бисӯзад зи гармӣ, бипӯсад зи нам.
Ба як ҷав, ки дар молаш оранд майл,
Ҷаву гандумашро барад боду сайл.
Сабук манҷаниқ аст бозуи ӯ,
Ки гардад ба як ҷав тарозуи ӯ.
Чу хусрав хабар ёфт, к-он хоку об
Зи бедоди бедодгар шуд хароб,
Дар ӯ садде аз адл бунёд кард,
Ҳамон номаш «Искандаробод» кард.
Ба ободияш дод маншури хеш,
Ки ҳар кас диҳад ҳаққи муздури хеш.
Диҳад ҳар касе моли худро закот,
Ба тороҷашон кас наёрад барот.
Дар ӯ раҳ наёбад баротоваре,
Ҳазор офарин бар чунон доваре.

## ГУЗОР КАРДАНИ ИСКАНДАР ДИГАРБОРА БА ҲИНДУСТОН

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, мадор аз ғино даст боз,
Ки ин кор бе соз н-ояд ба соз.

Касеро, ки ин соз ёрӣ кунад,
Тараб бо дилаш созгорӣ кунад.

## ДОСТОН

Хушо, нузҳати боғ дар навбаҳор,
Ҷавон гашта ҳам рӯзу ҳам рӯзгор.
Бунафша талоякунон гирди боғ,
Ҳамон наргис оварда бар каф чароғ,
Зи хун мағзи мурғон ба ҷӯш омада,
Дил аз ҷӯши хун дар хурӯш омада.
Шикам карда пур зери шамшоду сарв
Хурӯси сурохӣ зи хуни тазарв.
Ба рақс омада оҳувон яксара,
Зи дашт омад овози оҳубара.
Бисоте гул афканда бар тарфи ҷӯй,
Ба ромишгарӣ булбулон нағзгӯй.
Насими гулу нолаи фохта
Чу ёрони маҳрам ба ҳам сохта.
Чу хуштар дар ин фасл з-овози руд,
В-аз он оби гул, к-аз гул ояд фуруд,
Сарояндае турк бо чашми танг
Фурӯҳишта гесӯ ба гесӯи чанг,
Басе сози абрешим аз нози ӯ
Дарида бар абрешими сози ӯ.
Суханҳои барсахта бар бонги соз
Ту гӯию ӯ гӯяд аз чанг боз.
Аз ӯ бӯса в-аз ту ғазалҳои тар,
Яке чун табарзад, яке чун шакар.
Ба бӯса ғазалҳои тар медиҳӣ,
Табарзад ситонӣ, шакар медиҳӣ.
Дилам боз тӯтиниҳод омадаст,
Ки Ҳиндустонаш ба ёд омадаст.

## ДОСТОН

Чу кӯҳ аз раёҳин кафал гирд кард,
Баромехт шангарф бо лоҷвард.
Гиёхораро гул зи гардан гузашт,
Нафири гавазн омад аз кӯҳу дашт.
Гули тар бурун омад аз хори хушк,
Бунафша баромехт анбар ба мушк.
Ба анбархарӣ наргиси хобнок
Чу кофури тар сар бурун зад зи хок.
Ба фасле чунон шоҳи Эрону Рум
Зи вайронӣ омад ба ободбум.
Дигарбора бар марзи Ҳиндустон
Гузар кард чун бод бар бӯстон.

В-аз он ҷо ба Машриқ алам барфарохт,
Яке моҳ бар дашту бар кӯҳ тохт.
Аз он роҳи чун дӯзахи тофта,
К-аз ӯ пушти моҳӣ табиш ёфта,
Даромад ба он шаҳри минусиришт,
Ки туркон-ш хонанд Лангарбиҳишт.
Баҳоре дар ӯ дид чун Навбаҳор,
Парастишгаҳе, номи ӯ Қандаҳор.
Арӯсони бутрӯй дар вай басе,
Парастандаи бут шуда ҳар касе.
Дар он хона аз зар буте сохта,
Бар ӯ хонаи ганҷ пардохта.
Сару тоҷи он пайкари дилрабой
Бароварда то тоқи гунбадсарой.
Ду гавҳар ба чашм-андарун дӯхта,
Чу равшан ду шамъи барафрӯхта.
Фурӯзанда дар саҳни он тозабоғ,
Зи бас шабчароғе ба шаб чун чароғ.
Бифармуд шаҳ, то баророанд гард
Зи тимсоли он пайкари солх(в)ард.
Зару гавҳараш баркушоянд зуд,
Ки бо бут зиён буду бо халқ суд.
Сухангӯ яке луъбат аз кунҷи кох
Суи шоҳ шуд карда абрӯ фарох,
Ба гесӯ ғубор аз раҳи шоҳ руфт,
Басе офарин кард бар шоҳу гуфт,
Ки: шоҳи ҷаҳон, довари додгар,
Ки аз Ховар ӯрост то Бохтар,
Ба зарру ба гавҳар надорад ниёз,
Ба гетифурӯз асту гарданфароз.
Дигар, к-ин бут аз гуфтаи ростон
Фиребанда дорад яке достон.
Агар шоҳ фармон диҳад дар сухан,
Фурӯ гӯям он достони куҳан.
Ҷаҳондор фармуд, к-он дилнавоз
Кушояд дари дурҷи ёқут боз.
Дигар раҳ парипайкари мушкхол
Кушод аз лаби чашма оби зулол.
Дуо гуфту гуфт: «Ин фурӯзандакох,
Ки зарриндарахт асту пирӯзашох,
Аз он пеш, к-ойини бутхона дошт,
Яке гунбади нимвайрона дошт
Ду мурғ омаданд аз биёбон нахуст,
Гирифта ду гавҳар ба минқор чуст,
Нишастанд бар гунбади ин сарой,
Зи фирӯзию фаррухӣ чун ҳумой,
Ҳама шаҳр монда дар эшон шигифт,
Ки чун шояд он мурғаконро гирифт?»

Бар ин чун баромад замоне дароз,
Фикананд гавҳар, париданд боз.
Бузургон, ки ин мамлакат доштанд,
Бар он гавҳар андеша бигмоштанд.
Тамаъ бар дили ҳар касе кард роҳ,
Ки бар гавҳар ӯро бувад дастгоҳ.
Падид омад андар миён доварӣ,
Хирад кардашон оқибат ёварӣ.
Бар он рафт мисоқи он анҷуман,
Ки аз баҳри бутхонаи хештан
Буте сохтанд, он ҳама зар дар ӯ,
Ба ҷои ду чашм он ду гавҳар дар ӯ.
Дуре, к-он раҳоварди мурғи ҳавост,
Гараш осмон барнагирад, равост.
Зи хуршед гирад ҳама дида нур,
Зи мо кай кунад дида хуршед дур.
Чароғе, ки кӯрон бад-он хурраманд,
Дар ӯ равшанон бод камтар даманд.
Макун бевае чандро гармдоғ,
Шаби бевагонро макун бечароғ.
Бути хушзабон чун сухан ёд кард,
Бути безабонро шаҳ озод кард.
Набишт аз бари пайкари он нигор,
Ки «бо доғи Искандар аст ин шикор».
Чу дид он парирух, ки дорои даҳр
Бар он қаҳрамонон наёвард қаҳр,
Яке ганҷи пӯшида додаш нишон,
К-аз ӯ хира шуд чашми гавҳаркашон.
Шаҳ он ганҷи огандаро баркушод,
Нигаҳ дошт бархею бархе бидод.
Дигар раҳ зи минуи рӯҳониён
Даровард сар бо биёбониён.
Басе ронд бар шӯраву санглох,
Гаҳе манзилаш тангу гоҳе фарох.
Ба ҳар буқъае, к-одамизод дид,
Ба эшон сухан гуфту з-эшон шунид.
Зи яздонпарастӣ хабар додашон,
Зи дин тӯтиёи назар додашон.
Зи паргори машриқ замин бар замин
Дигар раҳ даромад ба паргори Чин.
Чу хоқон хабар ёфт аз кори ӯ,
Баророст нузле сазовори ӯ.
Ба даргоҳи шоҳ омад ороста,
Ҷаҳон пур шуд аз ганҷу аз хоста.
Дигар раҳ заминбӯси шаҳ тоза кард,
Шаҳаш ҳашмате беш аз андоза кард.
Чу з-омезиши ин хуми лоҷвард
Кабудӣ даромад ба дебои зард,

Нишастанд кишвархудоён ба ҳам,
Сухан шуд зи ҳар кишваре бешу кам.
Пас он гаҳ, ки шуд рӯзгоре дароз,
Ҳама аҳдҳо тоза карданд боз.
Пазируфт хоқон аз ӯ дини ӯ,
Даромӯхт оёту ойини ӯ.
Дигар рӯз чун меҳр бар меҳр баст,
Қарохони ҳинду шуд оташпараст.
Сикандар ба хоқон ишорат намуд,
К-аз ин марҳала кӯч созем зуд.
Маро гуфт: – «Агарчанд ҷоест гарм,
Ба дарё нишастан ҳавоест нарм.
Бад-он ҷо чу оҳанги дарё кунам,
Дар ӯ неку бадро тамошо кунам.
Шигифте, ки бошад ба дарёи жарф,
Бибинам намудорҳои шигарф.
Ба шарте, ки бошӣ ту ҳамроҳи ман,
Барафрӯзӣ аз худ гузаргоҳи ман».
Пазируфт хоқон, ки «дорам сипос,
Гироям суи роҳ бо раҳшинос».
Бад-он хатм шуд ҳар дуро гуфтугӯй,
Ки қосид кунад роҳро ҷустуҷӯй.
Ба некахтарӣ рӯзе аз бомдод,
Ки шаб рӯзро тоҷ бар сар ниҳод,
Чунон рой зад тоҷдори ҷаҳон,
Ки пӯяд суи роҳ бо ҳамраҳон.
Тане даҳ ҳазор аз сипаҳ баргузид,
К-аз ӯ ҳар яке шоҳи шаҳре сазид.
Буна низ, чандон ки хор омадаш,
Ба миқдори хоҷат ба кор омадаш.
Дигар мобақиро зи ганҷу сипоҳ
Яла карду бигзашт аз он кӯчгоҳ.
Ҳамон хони хонон ба хидматгарӣ
Ҷарида ба ҳамроҳию раҳбарӣ.
Ба андоза ӯ низ бардошт барг,
Силоҳе, ки бояд зи шамшеру тарг.
Сипаҳ низ бо ӯ тане даҳ ҳазор,
Хирадманду мардонаву марди кор,
Азимат суи машриқ ангехтанд,
Ҳама раҳ зари мағрибӣ рехтанд.
Ба арзи ҷанубӣ намуданд майл,
Шикорафканон ҳар суе хайл-хайл.
Чиҳил рӯз рафтанд аз ин гуна роҳ,
Набурданд паҳлӯ ба оромгоҳ.
Чу наздики Оби Кабуд омаданд,
Ба поини дарё фуруд омаданд,
Бар он фурзагоҳ анҷуман сохтанд,
Аламҳо ба анҷум барафрохтанд.

Ҳикоят чунон рафт аз он оби жарф,
Ки дарёканорест ин ҷо шигарф.
Арӯсони обӣ чу хуршеду моҳ
Ҳама шаб бароянд аз он фурзагоҳ.
Бар ин соҳил оромсозӣ кунанд,
Ғиноҳо сароянду бозӣ кунанд.
Касе, к-ӯ ба гӯш оварад созашон,
Шавад беҳуш аз лутфи овозашон.
Дар ин баҳр байте сароянд пас,
Ки дар ҳеҷ баҳре нагуфтаст кас.
Ҳама шаб бад-ин сон дар ин кунҷи кӯҳ
Тараб мекунанд он гиромӣ гурӯҳ.
Чу бар нофаи субҳ бӯ мебаранд,
Ба Оби Сияҳ сар фурӯ мебаранд.
Ҷаҳондор фармуд, то як-ду мил
Кунад лашкар аз тарфи дарё раҳил.
Чу шаб нофаи мушкро сар кушод,
Ситора дари ганҷи гавҳар кушод,
Малик хонда маллоҳро яктана,
Равон гашт бе лашкару бе буна,
Бар он фурзагаҳ хаймае зад зи дур,
Ки гавҳар зи дарё баровард нур.
Дар он луъбатон дид, к-аз мавҷи об
Алам баркашиданд чун офтоб.
Пароканда гесӯ бар андоми хеш,
Зада мушк бар нуқраи хоми хеш.
Сароянда ҳар як дигаргун суруд,
Суруде навойинтар аз сад дуруд.
Чу он лаҳни ширин ба гӯш омадаш,
Ҷигар гарм шуд, хун ба ҷӯш омадаш.
Бар он лаҳну овоз лахте гирист,
Дигарбора хандид, к-ин гиря чист?
Шигифтӣ бувад лаҳни он зеру бам,
Ки он хандаву гиря орад ба ҳам.
Маликро чу шуд ҳоли эшон дуруст,
Дигарбора шуд боз ҷои нахуст.
Чу дебои Чин бар фалак зад тироз,
Шуд аз суф рӯи ҷаҳон бениёз.
Ба устоди киштӣ чунин гуфт шоҳ,
Ки: киштӣ дарафкан бад-ин мавҷгоҳ.
Дар ин оби шӯрида хоҳам нишаст,
Ки розе Худоро дар ин парда ҳаст.
Хатарнокии кор донистаам,
Шудан дур аз ӯ кам тавонистаам.
Агар пурсӣ аз ақли омӯзгор,
Ба коре давонад маро рӯзгор.
Нигаҳбони киштӣ пазиранда гашт,
Даровард киштӣ ба дарё зи дашт.

Шаҳи кордон гашт киштигирой,
Фурӯ монд ҳоқони Чинро ба ҷой.
Намудаш, ки то н-оям ин ҷо фароз,
Набояд, ки гардӣ ту з-ин ҷой боз.
Надонам дар ин роҳ камбудагӣ,
Ҳалокам давонад ба осудагӣ.
Гар оям, туро худ шавам ҳақгузор,
В-агар на, ту донию тартиби кор.
Чу гуфт ин сухан, дида чун рӯд кард,
Касеро, ки бигзошт, падруд кард.
Дарафканд киштӣ ба дарёи Чин,
Кӣ дидаст дарёи киштинишин?!
Аз он ҳамраҳони бакоромада
Бибурд, он чи буд ихтиёр омада.
Зи чандон ҳакимони исонафас
Балиноси фарзонаро бурду бас.
Суи жарфӣ омад зи дарёканор,
Ба дарёи мутлақ дарафканд бор.
Ҷаҳон дар ҷаҳон ронд бар оби шӯр,
Ҷаҳон медавондаш, зиҳӣ дасти зӯр!
Чу якчанд киштӣ равон шуд дар об,
Падид омад он мили дарёшитоб,
Ки сӯи муҳит об ҷунбиш намуд,
Ҳамон з-омадан бозгашташ набуд.
Навоҳишиносони обозмой
Ҳаросанда гаштанд аз он жарф ҷой.
Зи раҳнома чун бозҷустанд роз,
Суи бозпас гаштан омад ниёз.
Ҷазира яке гашт пайдо зи дур,
Дурафшанда монанди як пора нур.
Гирифтанд лахте дар он ҷо қарор,
Зи мили муҳитӣ ҳама тарсгор.
Зи пирони киштӣ яке кордон
Чунин гуфт бо шоҳи бисёрдон,
Ки: ин марҳала манзиле мушкил аст,
Ба раҳномаҳо-дар паси манзил аст.
Далерӣ макун, к-оби ин жарфҷой
Ба сӯи муҳит аст ҷунбишнамой.
Агар манзиле рахт аз он сӯ барем,
Аз он сӯи манзил дигар нагзарем.
Сикандар чу з-ин ҳолат огоҳ гашт,
К-аз он милгаҳ пеш натвон гузашт,
Тилисме бифармуд пардохтан,
Ишораткунон дасташ афрохтан,
К-аз ин пештар халқро роҳ нест,
Аз он сӯи дарё кас огоҳ нест.
Чу з-ин сон тилисме мисин рехтанд,
Зи рукни ҷазира барангехтанд,

Ки ҳар киштие, к-орад он ҷо шитоб,
Тилисмаш намояд ишорат ба об,
К-аз ин ҷой барнагзарад роҳи кас,
Раҳи одамӣ то бад-ин ҷост бас.
Ба таълими ӯ кордонони роз
Дигарбора з-он роҳ гаштанд боз.
Чу хусрав тилисме бад-он гуна сохт,
Дар он таъбия рози Яздон шинохт.
Ба фарзона гуфт: ин ҳама ранҷбурд,
Туфайли чунин шуғл бояд шумурд.
Бад-он то тилисме муҳайё кунанд,
Маро бин, ки чун Хизри дарё кунанд.
Ба фармони киштикаши чорасоз
Ҷаҳонҷӯй аз он милгаҳ гашт боз.
Зи дарё чу даҳрӯза бигзоштанд,
Ғалат буд манзил, хабар доштанд.
Падид омад аз дур кӯҳе баланд,
Зи гирдоба дар кунҷи он кӯҳ банд.
Дар он банд агар киштие тохтӣ,
Дар ӯ солҳо доира сохтӣ,
Бурун н-омадӣ, то нагаштӣ хароб,
Нарастӣ касе зинда з-он банди об.
Чу устоди киштӣ бад-он хат расид,
Ба паргори киштӣ хат андаркашид.
Фурӯ бурд лангар ба поини кӯҳ,
Бурун рафту бо ӯ бурун шуд гурӯҳ.
Ба болои он бандгоҳ истод,
Зи пайванду фарзанд мекард ёд.
Ҷаҳондор гуфташ: Чӣ бад ёфтӣ,
Ки рӯй аз ҷаҳон пок бартофтӣ?
Хабар дод шаҳро шиносои кор,
Аз он банди дарёи носозгор,
Ки ҳар киштие, к-ӯ бад-ин ҷо расид,
Аз ин бандгаҳ растгорӣ надид.
Хирадманд хонад варо коми шер,
Ки чун коми шер аст бар хун далер,
На бас буд моро хатарҳои об,
Қазои дигар кард бар мо шитоб.
Ба беморӣ-андар таб омад падид,
Рухи решро обила бардамид.
Агар роҳи пешин хатарнок буд,
Ки аз рафтан ояндаро бок буд,
Кунун дар хатаргоҳи ҷон омадем,
Зи борон суи новдон омадем.
Ҳамон чора бошад, к-аз ин теғи кӯҳ
Ба хушкӣ бурун ҷон баранд ин гурӯҳ.
Ба Қайсур мегардад ин роҳ боз
В-аз ҷо ба Чин аст роҳе дароз.

Зи дарё беҳ аст он раҳи дурдаст,
Ки дурию деришро чора ҳаст.
Масал зад Сикандар дар он кӯҳсор,
Ки деру дуруст ою андуҳ мадор.
Зи фарзонаи кордон бозҷуст,
Ки рое дар андеша дорӣ дуруст,
Ки он рои пирӯз ёрӣ диҳад,
Ба киштӣ раҳи растгорӣ диҳад?
Пазируфт фарзона, к-иқболи шоҳ
Кунад раҳнамунӣ маро сӯи роҳ.
Агар созад ин ҷо шаҳаншаҳ диранг,
Тилисме барорам аз ин рӯи санг.
Кунам гунбаде, з-ӯ барангезамаш,
Яке табл дар гардан овезамаш.
Касе, к-ӯ дар он гунбад орад қарор,
Бар он табл захме занад устувор.
Ба жарфӣ расад киштӣ аз бандгоҳ
Ба оини пешин дарафтад ба роҳ.
Ғариб омад ин шуъбада шоҳро,
Ки фарзона чун созад ин роҳро?
Ба фарзона фармуд, то он чи гуфт,
Ба ҷой оварад ошкору ниҳуфт.
Зи боистаниҳои ӯ ҳар чӣ хост,
Ҳама олати кори ӯ кард рост.
Ба устодкорӣ худованди ҳуш
Дар он бозии сахт шуд сахткӯш.
Яке гунбад афрохт аз хорасанг,
Пазирои ӯ шуд ба афсуну ранг –
Тилисме мисин дар вай ангехта,
Ба гардан-дараш табле овехта.
Ба шаҳ гуфт: «Чун гунбад афрохтам,
Тилисмею табле чунин сохтам.
Дарандоз киштӣ бад-он банди об,
Бизан табл, то чун намояд шитоб».
Шаҳ он кордонро, ки киштӣ раҳонд,
Бифармуд, то киштӣ он ҷо расонд.
Чу киштӣ дар он бандгоҳ уфтод,
Зи девонагӣ гашт чун девбод.
Шаҳ омад суи гунбади сангбаст,
Ба таблозмоӣ даволе ба даст.
Бизад таблу бонге зи табли раҳил
Баромад чу бонги пари Ҷабраил.
Бурун ҷаст киштӣ зи гирдоби танг,
Дар он ҷой гардиш намондаш диранг.
Шаҳ аз меҳри он кори сардӯхта
Чу меҳри баҳорӣ шуд афрӯхта.
Зи шодӣ ба фарзонаи чорасанҷ
Басе туҳфаҳо дод аз молу ганҷ.

Дигаргуна дар дафтар орад дабир,
Зи раҳномаи раҳшиносони пир,
Ки он коми шер аз ҳади Бобил аст,
Сухан чун дуқавлӣ бувад, мушкил аст.
Зи як баҳр чун нест берун ду рӯд,
Ҳамоно, ки мушкил набошад суруд.
Зи доно пажӯҳидам ин розро,
К-аз он табл пайдо кун овозро.
Хабар дод донои ҳайатшинос,
Ба андозаи он ки будаш қиёс,
Ки чун киштӣ афтад дар он кунҷи кӯҳ,
Яке моҳӣ ояд забонишукӯҳ.
Занад доира гирди киштӣ дар об,
Паси ӯ кунад тез киштӣ шитоб.
Бад-он, то чу киштӣ бидаррад зи ҳам,
Балодидагонро кашад дар шикам.
Чу он табли рӯини гургиначарм
Ба моҳӣ расонад як овози нарм,
Ҳаросон шавад моҳӣ аз бонги тез,
Суи жарфдарё намояд гурез.
Равон гардад об аз бару ёли ӯ,
Кунад майл киштӣ ба дунболи ӯ.
Бад-ин фан раҳад киштӣ аз тангной,
Надонад дигар розро ҷуз Худой.
Шаҳ аз бозии он тилисми шигарф
Гироянда шуд суи дарёи жарф.
Бар он кӯҳ дигар набудаш диранг,
Суи фурзагаҳ шуд зи болои санг.
Чу ҳиндуи шаб з-ин равоқи кабуд
Расан баст бар фурзаи Ҳафтрӯд,
Бар он фурза, бе он ки андеша кард,
Расанбозии ҳиндувон пеша кард.
Дар ин ғам, ки бар табли киштигирой
Кӣ захме занад, к-ӯ намонад ба ҷой.
Чунин кард лутфи Худо ёварӣ,
Ки ҳоҷат набудаш бад-он доварӣ.
Касе, к-ӯ кунад доруи чашм соз,
Ба доруи чашмаш набошад ниёз.
Басе табзада қурси кофур кард,
Нахӯрда, шуд он таб чу кофур сард.
Даво кардан аз баҳри дарди касон
Ба созанда бошад саломатрасон.
Шитобанда маллоҳи чолокчанг
Ба киштӣ даромад чу пӯённаҳанг,
Шиканҷа кушод аз раҳи бодбон,
Сутунро қавӣ кард кому забон,
Барафрохт афзори киштӣ ба соз
Бад-он раҳ, ки буд омада, гашт боз.

Равон кард киштӣ ба Оби Сиёҳ
Ба кам муддат омад суи фурзагоҳ.
Халоиқ зи киштӣ бурун омаданд,
Зи шодӣ раҳо кун, ки чун омаданд.
Чу Искандар омад зи дарё ба дашт,
Гузашта ба сар-бар басе саргузашт,
Баросуд бар хок аз он тарсу бок,
Ғаму дард бурд аз дили тарснок.
Басе бандаву бандӣ озод кард,
Зи Яздон ба некӣ басе ёд кард.
Чу хоқон аз он ҳолат огоҳ шуд,
Хиромону хандон суи шоҳ шуд.
Зи шукру зи шукрона боқӣ намонд,
Басе ганҷ дар пои хусрав фишонд.
Шаҳ аз дилнавозиш дар бар гирифт,
Суханҳои пешина аз сар гирифт.
Аз он селгаҳ в-он хатар сохтан,
Тилисме бад-он гуна пардохтан
В-аз он роҳ гум кардани он гурӯҳ,
Гирифтор гаштан бад-он банди кӯҳ.
В-аз он бар сари кӯҳ бигрехтан,
Раҳонандатабле барангехтан.
Чу ин қисса бишнид хоқони Чин,
Бар иқболи шаҳ тоза кард офарин,
Ки «бо шоҳи шоҳон фалак дод кард,
Дили хони хонон бад-ӯ шод кард.
Ҷаҳонро дар ин омадан роз буд,
Ки шоҳи ҷаҳон чорапардоз буд.
Зи ҳар неку ҳар бад, ки ояд ба даст,
Муроде дар ӯ рӯй пӯшидааст.
Хаёле, ки дар парда шуд рӯйпӯш,
Набинад дар ӯ ҷуз худованди ҳуш.
Гар он ҷо напардохтӣ шаҳрёр,
Зи дасти кӣ бархостӣ ин шумор?
Ҷаҳон аз ту дорад кушояндагӣ,
Туро дар ҷаҳон бод пояндагӣ!»
Чу Искандар осуда шуд ҳафтае,
Наёвард ёд аз чунон рафтае.
Ҷаҳонтохтан боз ёд омадаш,
Хатарнокии рафта бод омадаш.
Дарои шутур хост аз он кӯчгоҳ,
Сароҳанги лашкар даромад ба роҳ.
Қаловуз бардошт оҳанг пеш,
Шуд аз пои маҳмилкашон роҳ реш.
Зи рангиналамҳои гавҳарнигор
Ҳама рӯи саҳро шуда чун баҳор.
Зи теғу сипарҳои ороста
Гулу савсан аз дашт бархоста.

Баромад ба зин шоҳи гетинаворд,
Зи гетӣ ба гардун баровард гард.
Ба сӯи биёбон равон кард Рахш,
Сипаҳро зи молу хуриш дод бахш.
Биёбони ҷӯшанда бигрифт пеш.
Ки ҷӯшанда дид аз ҳаво мағзи хеш.
Чу даҳ рӯз роҳи биёбон набашт,
Иморат падид омаду обу кишт.
Яке шаҳри кофургун рух намуд,
Ки гуфтӣ, на аз гил, зи кофур буд.
Зи хоқон бипурсид, к-ин шаҳри кист?
Ба раҳнома – дар номи ин шаҳр чист?
Нишон дод донанда аз кори шаҳр,
Ки шаҳрест ин, аз ҷаҳон тангбаҳр.
Ба ҷуз симу зар, к-он бувад хонахез,
Дигар чизҳорост бозор тез.
Касеро бувад подшоӣ дар ӯ,
Ки бинанд фарри худоӣ дар ӯ.
Ғарибон гурезанд аз ин ҷойгоҳ,
Ки ваҳшат кунад равшанонро сиёҳ.
Чу хуршед сар барзанад з-ин ниток,
Барояд зи дарё тароқотурок,
Чунон к-аз чунон наъраи ҳавлнок
Бувад бим, к-андар дил ояд ҳалок.
Ба зери замин дахма доранд бист,
Ки тифлон дар он дахма донанд зист.
Бузургон дар он ҳол гиранд гӯш,
В-агарна на дил пой дорад, на ҳуш.
Дили шоҳ шӯрида шуд з-ин шумор,
Зи фарзона дархост тадбири кор.
Чунон дод фарзона посух ба шоҳ,
Ки фармон диҳад бомдодон ба гоҳ,
К-аз он пеш, к-афғон барорад хурӯс,
Барояд зи лашкаргаҳ овози кӯс,
Табиразанон таблбозӣ кунанд,
Ба бонги духул захмасозӣ кунанд,
Бад-он гуна, то рӯз гардад баланд,
Ба таблу дуҳул дарнаёранд банд.
Бад-он то зи дарё барояд хурӯш,
Ниюшандаро мағз н-ояд ба ҷӯш.
Ба фарзона шаҳ гуфт, к-ин бонги сахт,
К-аз ӯ мағзҳо мешавад лахт-лахт,
Чӣ бонг аст, к-афғон диҳад бодро,
Сабаб чист ин бонгу фарёдро?
Ба шаҳ гуфт фарзона, к-аз устод
Чунин ёд дорам, ки ҳар бомдод
Чу бар рӯи об уфтад офтоб,
Зи гармӣ муқаббаб шавад рӯи об.

Пас овозҳо хезад аз мавҷ-бар,
Ки афтанд чун кӯҳ бар якдигар.
Ба тундӣ чу тундар шаванд он замон,
Ки тундӣ ҳамон асту тундар ҳамон.
Дигаргуна доно барандохт рой,
Ки симоб дорад дар он обҷой.
Чу хуршед ҷӯшон кунад обро,
Ба худ даркашад ҷӯши симобро.
Дигарбора чун аз уфуқ бигзарад,
Бияндозад онро, ки боло барад.
Чу симоб дар пастӣ афтад зи авҷ,
Барояд чунон бонги ҳоил зи мавҷ.
Ҷаҳонмарзбон, корфармои даҳр
Даровард лашкар ба наздики шаҳр.
В-аз он марҳала барги раҳ соз кард.
Фуруд омад, осоиш оғоз кард.
Муқимони буқъа чу огаҳ шуданд,
Ба коло харидан суи шаҳ шуданд.
Матоъе, ки дархурди он шаҳр буд,
Хариданд, агар нӯш, агар заҳр буд.
Зи ҳар нақд, к-он буд пирояшон,
Яке бист мекард сармояшон.
Шаҳ аз хосаи хештан бебаҳо
Ба ҳар муштарӣ кард чизе раҳо.
Ҷудогона аз баҳри солорашон
Басе нақд бинҳод дар борашон.
Чу донист солори он анҷуман
Раҳу расми он шоҳи лашкаршикан,
Фиристод нузле ба тартиби хеш,
Хуришҳо дар он нузл аз андоза беш.
Ҳам аз ҷинси моҳӣ, ҳам аз гӯсфанд,
Дигар хӯрданиҳо ҷуз ин низ чанд.
Худ омад ба хидмат, басе узр хост,
Ки н-ояд зи мо нузли роҳи ту рост.
Биёбониёнро набошад наво,
Ба ҷуз гармие, к-он бувад дар ҳаво.
Бар ӯ кард шаҳ арз ойини хеш,
Хабар додаш аз донишу дини хеш.
Зи шаҳ дин пазируфту бо динсипос,
К-аз он гумраҳӣ гашт яздоншинос.
Зи даргоҳи худ шоҳи некахтараш
Гусӣ кард бо хилъате дар(х)вараш.
Чу сайфури шаб қирмизӣ дарнабашт,
Дарафтод ногоҳ аз ин бом ташт.
Фурӯ хуфт шаҳ бо рақибони роҳ,
Зи ранҷи раҳ осуд то субҳгоҳ.
Чу райҳони субҳ аз ҷаҳон бардамид,
Сароҳанги фарёди дарё шунид. –

«Магар ташти дӯшина, к-афтода буд,
Ба вақти саҳаргаҳ садо дода буд?»
Шаҳ аз ҳавли он бонги заҳрашикоф
Биғуррид чун кӯс худ дар масоф.
Бифармуд, то лашкар ошуфтанд,
Ба якбора навбат фурӯ кӯфтанд.
Хурӯшидани таблу фарёди кӯс
Ҷарас боз кард аз гулӯи хурӯс.
Ба овози табле, ки бардоштанд,
Дигар бонгро бод пиндоштанд.
Бад-ин гуна то сар баровард чошт,
Табира ҷаҳонро дар ошӯб дошт.
Ҳама шаҳр аз овози он табли тез
Барошуфта гаштанд чун растахез.
Давиданд бар табл, к-омад нафир,
Чу бар табли Даҷҷол барнову пир.
Шигифт омад овози он созашон,
Ки мебуд ғолиб бар овозашон.
Чу ниме шуд аз рӯзи гетифурӯз,
Равон гашт аз он ҷо шаҳи Нимрӯз.
Ҳама марду зан дар заминбӯси шоҳ,
Ба ҳоҷат намудан гирифтанд роҳ,
К-аз ин таблҳои шаноатнамой,
Чӣ бошад, ки табле бимонӣ ба ҷой?!
Магар чун хурӯшон шавад сози ӯ,
Шавад бонги дарё ба овози ӯ.
Ҷаҳондор дар вақти он дастбӯс
Бибахшидашон чанд харвор кӯс.
Дар он шаҳр аз он рӯз расм уфтод,
Ки дар ҷунбиш ояд дуҳул бомдод.
Шаҳ он расмро низ бар ҷой дошт,
Ки ҳар субҳдам бо дуҳул пой дошт.
Ба моҳе каму бештар з-он замин
Даромад ба ободии мулки Чин.
Ба лашкаргаҳи хеш раҳ боз ёфт,
Фалакро дигарбора дамсоз ёфт.
Биёсуд як моҳ аз он хастагӣ,
Ҳамекард айше ба оҳистагӣ.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ҲАДДИ ШИМОЛ ВА БАСТАНИ САДДИ ЯЪҶУҶ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дили тангро чора нест,
Ба ҷуз соз, к-он ҳасту байғора нест.
Димоғи маро, к-аз ғам омад ба ҷӯш,
Ба абрешими соз кун ҳалқагӯш.

## ДОСТОН

Чу дар хонаи хеш рафт офтоб,
Зи гармӣ шуд андоми шерон кабоб.
Табишҳои боҳурӣ аз дастбурд
Зи рӯи ҳаво чирки таррӣ сутурд.
Гиё дона бикшоду бинвашт барг,
Ба лоласитон андарафтод марг.
Бичӯшид дар кӯҳу саҳро бухор,
Шакарханда зад мева бар мевадор.
Зи ҳомун суи кӯҳ шуд андалеб,
Ба ғурбат ҳамегуфт чизе ғариб.
Ба гӯш-андараш аз ҳавои тамуз
Навои чаковак наёмад ҳанӯз.
Дурафшанда хуршеди гардуннавард
Зи боди хазон неши ақраб нах(в)ард.
Шабу рӯз мегашт дар Чину Занг
Ба дудафканӣ, ташти оташ ба чанг.
Чу шерон дарид аз сари дастзӯр
Гаҳе соқи гову гаҳе сумми гӯр.
Дар айёми боҳуру гармои гарм,
Ки аз тоби хуршед шуд санг нарм,
Сикандар зи Чин рои Хирхиз кард,
Дари хобро тангдаҳлез кард.
Раҳо кард хоқони Чинро ба ҷой,
Дигарбора сӯи сафар кард рой.
Басе ганҷ дар пеши хоқон кашид
В-аз он ҷо сипаҳ дар биёбон кашид.
Фурӯ кӯфт бар кӯси давлат давол,
Зи машриқ даромад ба ҳадди шимол.
Биёбону реги равон диду бас,
На парранда дар вай, на ҷунбанда кас.
Басе рафту кас дар биёбон надид,
Ҳамон роҳро низ поён надид.
Замин дид рахшону аз рахна дур,
Дар ӯ реги рахшанда монанди нур.
Ба шаҳ гуфт раҳбар, ки ин реги пок
Ҳама нуқра шуд, нуқраи тобнок.
Ба андоза бардор аз ин роҳ ганҷ,
На чандон ки маҳмилкаш ояд ба ранҷ.
Ба лашкар магӯ в-арна аз ишқи сим
Гаронбор гарданду ёбанд бим.
Ҳама бори шаҳ буд пур зарри ноб,
Бад-он нуқра н-омад дилашро шитоб,
Валек орзу дар маниш кор кард,
Аз ӯ уштуре чандро бор кард.
Бад-он роҳ мерафт чун боди тез,
Ҳаворо надид аз замин гардхез.

Ба як ҳафта наншаст бар ҷома гард,
Ки аз нукра буд он заминро навард.
Ту гуфтӣ, ки шуд хоку обаш дуним,
Яке нима симобу як нима сим.
На дар симаш ором шоист кард,
На симобро низ шоист х(в)ард.
На савдои раҳ, к-он на кам дард буд,
Саводе бад-он сим дарх(в)ард буд.
Куҷо чашмае буд монанди нӯш,
Дар он об симобро буд ҷӯш.
Чу шӯриш набудӣ дар оби зулол,
Зи симоб касро набудӣ малол.
Бихӯрдандӣ он обҳоро далер,
Ки об аз забар буду симоб зер.
Чу шӯриш дар об омадӣ пешу пас
Нахӯрдандӣ он обро ҳеҷ кас.
В-агар хӯрдӣ аз роҳи ғафлат касе,
Намондӣ дар ӯ зиндагонӣ басе.
Бифармуд шаҳ, то чу рой оваранд,
Дар он об дониш ба ҷой оваранд,
Чунон баркашанд обро з-обгир,
Ки сокин бувад оби ҷунбишпазир.
Бад-ин гуна як моҳ рафтанд роҳ,
Басе мардум аз ташнагӣ шуд табоҳ.
Расиданд аз он мафраши симсуд
Ба хоке, к-аз ӯ будашон зодбуд.
Ниҳоданд бар хок рухсори пок,
Ки хокӣ наёсояд, илло ба хок.
Падид омад оромгоҳе зи дур,
Чунон к-аз шаби тира тобанда ҳур.
Барафрохта тоқе аз теғи кӯҳ,
Ки аз диданаш дар дил омад шикӯҳ.
Ба болои он тоқи пирӯзаранг
Кашида камар кӯҳе аз хорасанг.
Гурӯҳе бар он кӯҳ динпарварон
Мусулмону ториғ зи пайғамбарон.
Ба илҳоми Яздон зи рӯи қиёс
Дар аҳволи худ гашта яздоншинос.
Чу диданд симои искандарӣ,
Пазиро шудандаш ба пайғамбарӣ.
Ба таълими ӯ хотир оростанд
В-аз ӯ донишу дод дархостанд.
Сикандар бар эшон дари дин кушод,
Ба ҷуз дину дониш басе чиз дод.
Чу диданд шоҳе чунон чорасоз,
Ба чорагарӣ дар кушоданд боз.
Ки шафқат кун, эй довари дастгир,
Бар ин зердастони фармонпазир.

Паси ин гарева дар ин санглох
Яке дашт бинӣ чу дарё фарох.
Гурӯҳе дар он дашт яъҷуҷном,
Чу мо одамизодаву девфом,
Чу девони оҳандил алмосчанг,
Чу гургони бадгавҳар ошуфтаранг,
Расида зи сар то қадам мӯяшон,
Набинӣ нишоне ту аз рӯяшон.
Ба чанголу дандон ҳама чун дада,
Ба хун рехтан чангу дандон зада.
Бигиранд ҳангоми так бодро,
Ба нохун бисунбанд пӯлодро.
Ҳама дар хирому хуриш носипос,
Набинӣ дар эшон кас эзадшинос.
Зи ҳар туъмае, к-он бувад ҷустанӣ,
Таоме надоранд ҷуз рустанӣ.
Надоранд ҷуз хобу ҷуз хӯрд кор,
Намирад яке, то назояд ҳазор.
Гиёест он ҷо заминхезашон,
Чу пилпил бувад донаи тезашон.
Аз он ҳар шабонрӯз бахре х(в)аранд,
Ҳамон ҷо бихуспанду дарнагзаранд.
Чу бар офтоб афканад моҳ ҷирм,
Биҷӯшанд бар худ ба кирдори кирм.
Хуранд, он чи ёбанд бе тарсу бим,
Бад-ин гуна, то моҳ гардад дуним.
Чу гирад камӣ моҳи нокоста,
Шараҳ гардад аз ҷумла бархоста.
Фитад сол то сол аз абри сиёҳ
Ситамкора тиннине он ҷойгоҳ,
Ба андозаи он ки дар дашту кӯҳ
Аз ӯ сер гарданд чандон гурӯҳ.
Ба уммеди он кӯҳи дарёситез,
Ки андозадаш абри селобрез,
Чу овози тундар хурӯш оваранд,
Заминро зи дӯзах ба ҷӯш оваранд.
Зи сармастии хуни он аждаҳо
Кунанд обу дона яке маҳ раҳо.
Дигар хӯрдашон нест, ҷуз беху барг,
Набошанд бемор то рӯзи марг.
Чу мирад аз эшон яке, он гурӯҳ
Хурандаш ҳамон сон дар он дашту кӯҳ.
На мурдор монад дар он хоки шӯр,
На кас мурдае низ бинад, на гӯр.
Ҷуз ин як ҳунар нест, к-он обу хок
Зи мурдор дур асту аз мурда пок.
Ба ҳар муддат оранд бар мо шитоб,
Кунанд ошёнҳои моро хароб.

Зи мо гӯспандон ба ғорат баранд,
Хуришҳои мо ҳар чӣ бошад, х(в)аранд.
Зи гург ончунон кам гурезад гала,
К-аз он гургсорони сагмашғала.
Чу дар мо ба куштан ситез оваранд,
Бикӯшанду бар мо гурез оваранд.
Гурезем аз эшон бар ин кӯҳи сахт,
Ба кирдори паррандагон бар дарахт.
Надоранд пое чунон он гурӯҳ,
Ки моро дароранд аз он теғи кӯҳ.
Ба дафъи чунон сахт патёрае
Савобат бувад, гар кунӣ чорае.
Чу бишнид шаҳ ҳукми Яъҷуҷро,
Ки пил афканад ҳар яке уҷро,
Бад-он гуна садде зи пӯлод баст,
Ки то растахезаш набошад шикаст.
Чу толеъ намуд он баландахтарӣ,
Ки шуд сохта Садди Искандарӣ.
Аз он марҳала сӯи шаҳре шитофт,
Ки бисёр кас ҷусту онро наёфт.
Дигарбора дар кори оламравӣ
Равон шуд саропардаи хусравӣ.
Бар он кор чун муддате баргузашт,
Битозид як моҳ бар кӯҳу дашт.
Падид омад ороста манзиле,
Ки аз диданаш тоза шуд ҳар диле.
Ҷаҳондор бо раҳбасечони хеш
Раҳ овард чашм аз раҳоварди пеш.
Дигаргуна дид он заминро сиришт,
Ҳам оби давон дид, ҳам кору кишт.
Ҳама роҳ пурбоғу девор не,
Гала дар гала кас нигаҳдор не.
Зи лашкар яке даст барзад фарох,
К-аз он меваe баркушояд зи шох.
Начида яке меваи тар ҳанӯз,
Зи хушкӣ танаш чун камон гашт кӯз.
Саворе дигар гӯспанде гирифт,
Табиш карду з-он кор панде гирифт.
Сикандар чу з-ин ибрат огоҳ гашт,
Зи хушку тараш даст кӯтоҳ гашт.
Бифармуд, то ҳар кӣ буд аз сипоҳ,
Зи боғи касон даст дорад нигоҳ.
Чу лахте гироянда шуд дар шитоб,
Гузар кард аз он сабзаву ҷӯи об,
Падидор шуд шаҳре ороста,
Чу фирдавсе аз неъмату хоста.
Чу омад ба дарвозаи шаҳр танг,
Надидаш даре з-оҳану чӯбу санг.

Дар он шаҳр шуд бо тане чанд пир,
Ҳама ғоятандешу ибратпазир.
Дуконҳо басе ёфт ороста,
Дару қуфл аз он ҷумла бархоста,
Муқимони он шаҳри мардумонавоз
Ба пеш омадандаш ба сад узр боз.
Фуруд оваридандаш аз раҳ ба кох,
Ба кохе чу минуи мино фарох.
Басе хони неъмат бароростанд,
Ниҳоданду худ пеш бархостанд.
Парастиш намуданд бо сад ниёз,
Зиҳӣ, мизбонони меҳмоннавоз!
Чу пазруфт шаҳ нузлашонро ба меҳр,
Бад-он хубчеҳрон барафрӯхт чеҳр.
Бипурсидашон, к-инчунин беҳарос
Чароеду худро надоред пос?
Бад-ин эминӣ чун зиед аз газанд,
Ки бар дар надорад касе қуфлу банд!
Ҳамон боғбон нест дар боғи кас,
Рама низ чӯпон надорад зи пас.
Шубоне наву сад ҳазорон гала,
Гала карда бар кӯҳу саҳро яла.
Чӣ гунасту ин ноҳифозӣ зи чист?
Ҳифози шуморо тавалло ба кист?
Бузургони он додпарвар диёр
Дуо тоза карданд бар шаҳрёр,
Ки он кас, ки бар фарқат афсар ниҳод,
Бақои ту бар қадри афсар диҳод!
Худо бод дар корҳо ёварат,
Ҳунар сиккаи номи номоварат!
Чу пурсидӣ аз ҳоли мо неку бад,
Бигӯем шаҳро ҳама ҳоли х(в)ад.
Чунон дон ҳақиқат, ки мо ин гурӯҳ,
Ки ҳастем сокин дар ин дашту кӯҳ,
Гурӯҳе заифони динпарварем,
Сари мӯе аз ростӣ нагзарем.
Надорем бар пардаи каҷ басеҷ,
Ба ҷуз ростбозӣ надонем ҳеҷ.
Дари каҷравӣ бар ҷаҳон бастаем,
Зи дунё бад-ин ростӣ растаем.
Дурӯғе нагӯем дар ҳеҷ боб,
Ба шаб божгуна набинем хоб.
Напурсем чизе, к-аз ӯ суд нест,
Ки Яздон аз он кор хушнуд нест.
Пазирем, ҳар ч-он худоӣ бувад,
Хусумат худойозмоӣ бувад.
Накӯшем бо кардаи кирдгор,
Парастандаро бо хусумат чӣ кор?

Чу оҷиз бувад ёр, ёрӣ кунем,
Чу сахтӣ расад, бурдборӣ кунем.
Гар аз мо касеро зиёне расад,
В-аз он рахна моро нишоне расад,
Бароремаш аз кисаи хеш ком,
Ба сармояи худ кунемаш тамом.
Надорад зи мо кас зи кас моли беш,
Ҳама ростқисмем дар моли хеш
Шуморем худро ҳама ҳамсарон,
Нахандем бар гиряи дигарон.
Зи дуздон надорем ҳаргиз ҳарос,
На дар шаҳр шаҳна, на дар кӯй пос.
Зи дигар касон мо надуздем чиз,
Зи мо дигарон ҳам надузданд низ.
Надорем дар хонаҳо қуфлу банд,
Нигаҳбон на бо гову бо гӯспанд.
Худо кард хурдони моро бузург,
Сутурони мо фориғ аз шеру гург.
Агар гург бар меши мо дам занад,
Ҳалокаш дар он ҳол барҳам занад.
Гар аз кишти мо кас барад хӯшае,
Расад бар дилаш тире аз гӯшае.
Бикорем дона гаҳи кишту кор,
Супорем кишта ба парвардгор.
Нагардем бар гирди говарсу ҷав,
Магар баъди шаш маҳ, ки бошад дарав.
Ба мо з-он чи бар ҷои х(в)ад мерасад,
Яке донаро ҳафтсад мерасад.
Чунин гар яке кору гар сад кунем,
Таваккул бар Эзад, на бар х(в)ад кунем.
Нигаҳдори мо ҳаст Яздону бас,
Ба Яздон паноҳему  дигар ба кас.
Суханчинӣ аз кас наёмӯхтем,
Зи айби касон дида бардӯхтем.
Гар аз мо касеро расад доварӣ,
Кунемаш суи маслиҳат ёварӣ.
Набошем касро ба бад раҳнамун,
Наҷӯем фитна, нарезем хун,
Ба ғамхории якдигар ғам х(в)арем,
Ба шодӣ ҳамон ёри якдигарем.
Фиреби зару симро дар шумор
Наёрему н-ояд касеро ба кор.
 Надорем хӯрде як аз як дареғ,
Нахоҳем ҷавсанге аз кас ба теғ.
Даду домро нест аз мо гурез,
На моро ба озори эшон ситез.
Ба вақти ниёз оҳуву ғурму гӯр
Зи дарҳо дароянд моро ба зӯр.

Аз он ҷумла чун дар шикор оварем,
Ба миқдори ҳоҷат ба кор оварем.
Дигарҳо, ки бошем аз он бениёз,
Надоремашон аз дару дашт боз.
На бисёрхорем чун гову хар,
На лаб низ барбаста аз хушку тар.
Хурем он қадар моя аз гарму сард,
Ки чандони дигар тавонем х(в)ард.
Зи мо дар ҷавонӣ намирад касе,
Магар пир, к-ӯ умр дорад басе.
Чу мирад касе, дил надорем танг,
Ки дармони он дард н-ояд ба чанг.
Паси кас нагӯем чизе ниҳуфт,
Ки дар пеши рӯяш наёрем гуфт.
Таҷассус насозем, к-ин кас чӣ кард,
Фиғон барнаёрем, к-онро кӣ х(в) ард.
Ба ҳар сон, ки моро расад хубу зишт,
Сари худ натобем аз он сарнавишт.
Ба ҳар-ч офаринанда кардаст рост,
Нагӯем, к-ин чуну он аз куҷост?
Касе гирад аз халқ бо мо қарор,
Ки бошад чу мо поку парҳезгор.
Чу аз сирати мо дигаргун шавад,
Зи паргори мо зуд берун шавад.
Сикандар чу дид oнчунон расму роҳ,
Фурӯ монд саргашта бар ҷойгоҳ,
К-аз он хубтар қисса нашнида буд,
На дар номаи хусравон дида буд.
Ба дил гуфт: аз ин розҳои шигифт,
Агар зиракӣ, панд бояд гирифт.
Нахоҳам дигар дар ҷаҳон тохтан,
Ба ҳар сайдгаҳ доме андохтан.
Маро бас шуд, аз ҳар чӣ андӯхтам,
Ҳисобе, к-аз ин мардум омӯхтам.
Ҳамоно, ки пеши ҷаҳонозмой
Ҷаҳон ҳаст аз ин некмардон ба ҷой.
Бад-эшон гирифтаст олам шукӯҳ,
Ки автоди олам шуданд ин гурӯҳ.
Агар сират ин аст, мо бар чием?
В-агар мардум инанд, пас, мо кием?
Фиристодани мо ба дарёву дашт
Бад-он буд, то бояд ин ҷо гузашт.
Магар сер гардам зи хӯи дадон,
Даромӯзам ойини ин бихрадон.
Гар ин қавмро пеш аз ин дидаме,
Ба гирди ҷаҳон барнагардидаме.
Ба кунҷе - дар аз кӯҳ биншастаме,
Ба эзадпарастӣ миён бастаме.

Аз ин расм нагзаштӣ оини ман,
Ҷуз ин дин набудӣ дигар дини ман.
Чу дидончунон дину динпарварӣ,
Накард аз буна ёди пайғамбарӣ.
Чу дар ҳаққи худ дидашон ҳақшинос,
Дуруду дирам додашон беқиёс.
Аз он мамлакат шодмон бозгашт,
Равон кард лашкар чу дарё ба дашт.
Зи рангиналамҳои дебои Рум
Вашипӯш гашта ҳама марзу бум.
Ба ҳар кӯҳу беша зи шоху зи шах
Пароканда лашкар чу мӯру малах.
Ба ҳар ҷо, ки ӯ тохтӣ борагӣ,
Раҳондӣ басе кас зи бечорагӣ.

## БОЗГАШТАНИ ИСКАНДАР АЗ ҲАДДИ ШИМОЛ БА АЗМИ РУМ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бисоз аз дами ҷонфизой
Калиде, ки шуд ганҷи гавҳаркушой.
Бар ин дар магар чун калид оварӣ,
Аз ӯ ганҷи гавҳар падид оварӣ.

## ВАСФИ ТОБИСТОН

Чу мева расида шавад шохро,
Кадевар фаромуш кунад кохро.
Зи бас меваи боғи ороста
Замин мӯҳташам гардад аз хоста.
Зи шодӣ лаби писта хандон шавад,
Рутаб бар лабаш тездандон шавад.
Шавад чеҳраи нор афрӯхта,
Чу тоҷе дар ӯ лаълҳо дӯхта.
Рухи сурхи себ андарояд ба ғунҷ,
Ба гарданкашӣ сар барорад турунҷ.
Арӯсони разро зи май гашта маст,
Ҳама себу норинҷ бинӣ ба даст.
Зи бас нор, к-оварда бустон зи шох,
Пур аз норпистон шуда кӯю кох.
Ба дуздӣ ҳам аз шохи анҷирдор
Даровехта мурғи анҷирхор.
Зи беравғанӣ хоки бодомдӯст
Зи сар канда бодомро мағзу пӯст.
Лаби лаъли унноби шаккаршикан
Зада бӯса бар финдиқи бедаҳан.

Дарахтон магар сур месохтанд,
Ки уннобу финдиқ барандохтанд.
Зи сармастӣ ангури мушкинкулоҳ
Бар ангушт печида зулфи сиёҳ.
Каду баркашида тарабрудро,
Гулӯгир гашта биҳ амрудро.
Сабадҳои ангури созандамай
Зи рӯи сабадкаш баровварда хай.
Шуда хӯша полуда сар то ба дум,
Зи чархушт шираш шуда сӯи хум.
Лаби хум баровварда ҷӯшу нафир,
Ҳам аз бӯи шира, ҳам аз бӯи шир!
Дар ин фасл, к-офоқро сур буд,
Сикандар зи сурӣ чунон дур буд.
Биёбону водию дарёву кӯҳ
Шабу рӯз мегашт бо он гурӯҳ.
Басе халқро аз раҳи сулҳу ҷанг
Бурун оварид аз гузарҳои танг.
Чу паймонаи умраш омад ба сар,
Бар ӯ низ ҳам санг шуд раҳгузар.
Ҷаҳонро ба омад-шудан ҳар кӣ ҳаст,
Дулахтӣ даре дид, лахте шикаст.
Аз ин сарви шашпаҳлуи ҳафтшох,
Ки болош танг асту паҳлӯ фарох,
Чунон-ш омад овози ҳотиф ба гӯш,
К-аз ин бештар сӯи бешӣ макӯш.
Расондӣ заминро ба охир навард,
Суи манзили аввалин бозгард!
Сикандар чу бар хат нигорад дабир,
Бувад панҷ ҳарф, ин сухан ёд гир.
Бас аст, ин ки бар кӯҳу дарёи жарф
Задӣ панҷ навбат бад-ин панҷ ҳарф.
Зи кори ҷаҳон панҷа кӯтоҳ кун,
Суи хона то панҷ маҳ роҳ кун.
Магар ҷон ба Юнон барӣ з-ин диёр,
Нишюшандаи маст шуд ҳушёр.
Битарсиду гӯше бар овоз дошт,
Аз он хушрикобӣ инон боздошт.
Ба шоистагон роз маълум кард
В-аз он ҷо гироиш суи Рум кард.
Ба хушкию таррию дарёву дашт
Басе роҳу бероҳро дарнавашт.
Ба Кирмон расид аз канори ҷаҳон,
Зи Кирмон даромад ба Кирмоншаҳон.
В-аз он ҷо ба Бобил бурун бурд роҳ,
Зи Бобил суи Рум зад боргоҳ.
Чу омад зи Бобил суи шаҳри Зур,
Саломат шуд аз пайкари шоҳ дур.

Ба сустӣ даромад таки борагӣ,
Зи тоқат фурӯ монд якборагӣ.
Бикӯшид, к-орад суи Рум рой,
Фурӯ баста шуд шахсро дасту пой.
Гумон бурд, к-оби газоянда х(в)ард,
Дар ӯ заҳру заҳр андар ӯ кор кард.
Ниҳеби таваҳҳум танашро гудохт,
Нашуд коргар, ҳар илоҷе ки сохт.
Дуаспа фиристод қосид зи пеш
Ба Юнонзамин пеши дастури хеш,
Ки биштобу таъҷил кун сӯи ман,
Магар боз бинӣ яке рӯи ман.
Ҳамон зираконро, ки корогаҳанд,
Биёвар, агар сад в-агар панҷаҳанд.
Чу қосид ба дастури доно расид,
Дари бастаро ҷуст бо худ калид.
Надид, он чи з-ӯ растгорӣ бувад,
Дар ӯ нақши уммедворӣ бувад.
Ҳама зираконро зи Юнону Рум
Талаб карду омад бад-он марзу бум.
Ҳам аз раҳ даромад бари шаҳрёр
Ба рӯзе, на к-он рӯз буд ихтиёр.
Тани шоҳро бар замин дид паст,
Ба ранҷе, ки натвон аз он ранҷ раст.
Пас он гоҳ зад бӯса бар дасти шоҳ,
Бимолидаш ангушт бар набзгоҳ.
Чу андозаи набз дид аз нахуст,
Нишон аз далеле дигар бозҷуст.
Бифармуд аз он ҷо, ки дарх(в)ард буд,
Давое, ки доруи он дард буд.
Даво гар бувад ҷумла Оби Ҳаёт,
Вафо чун кунад, чун дарояд вафот?
Ҷаҳонҷӯйро кор аз он даргузашт,
Ки ранҷаш ба роҳат кунад бозгашт,
Аз он моя, к-аз хонаи асл бурд,
Вадиат ба хоҳандагон месупурд.
Ҷаҳон чун зараш дод дар деги хос
Халосе, ки аз хок ёбад халос.
Вуҷудаш, ки сокин шуд аз тохтан,
Даромад ба барги адам сохтан.
Шакарханда шамъе, ки ҷон менавохт,
Чу шамъу шакар з-обу оташ гудохт.
Баромад яке боду зад бар чароғ,
Фурӯ рехт барг аз дарахтони боғ.
На сабзӣ раҳо кард бар шохи сарв,
На пар монд бар навбаҳори тазарв.
Фурӯзанда гулҳои мо бӯи мушк
Фурӯ пажмуриданд бар хоки хушк.

Сикандар, ки бар суфти маҳ зин ниҳод,
Зи нолангаги сар ба болин ниҳод.

## ВАСИЯТНОМАИ ИСКАНДАР

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, туӣ мурғи соатшинос,
Бигӯ, то зи шаб чанд рафтаст пос?
Чу дер омад овози мурғон ба гӯш,
Аз он мурғи суғдӣ баровар хурӯш!

### ВАСФИ ХАЗОН

Чу боди хазонӣ даромад ба дашт,
Дигаргуна шуд боғро саргузашт.
Аз он бод барбод шуд рахти боғ,
Фурӯ мурд бар дасти гулҳо чароғ.
Зарандуд шуд сабзаи ҷӯйбор,
Раёҳин фурӯ рехт аз баргу бор.
Дарахтон зи шох оташ афрӯхтанд,
Варақҳои рангин бар ӯ сӯхтанд.
Ба бозори деҳқон даромад шикаст,
Нигаҳбони гулбун дари боғ баст.
Фусурда шуд он обҳои равон,
Ки омад суи биркаи хусравон.
На хуррам бувад боғ бе баргу об,
Дарафканда девору гашта хароб.
Ба ҷои маю соқию нӯшу ноз
Даду дом карда бад-ӯ турктоз.
Гирифта забон мурғи гӯяндаро,
Хасак бар гузар бод пӯяндаро!
Тамошоравон боғ бигзошта,
Муғон аз чаман рахт бардошта.
Ба сӯҳон зада сиблати офтоб,
Чу сӯҳон пур аз чин шуда рӯи об.
Тиҳӣ монда боғ аз рухи дилкашон,
На аз булбул ово, на аз гул нишон.
Зада хор бар ҳар гуле доғҳо,
Навоеву барге на дар боғҳо.
Ба ҳангоми он баргрезони сахт
Фурӯ пажмурид он каёнидарахт.
Сикандар, саҳисарви шоҳаншаҳӣ
Шуд аз ранҷпарвар саломат тиҳӣ.
Дама сарду шаҳ бо дами сард буд,
Ҷаҳонгардро бо ҷаҳон гард буд.
Чу бунёди давлат ба сустӣ расид,
Тавоно ба нотандурустӣ расид.

Шикаста шуд он мурғро парру бол,
Ки ҷавлон задӣ дар ҷаҳон моҳу сол.
Бипажмурд лола, бияфтод сарв,
Ба чанголи шоҳин табаҳ шуд тазарв.
Табибони лашкар, бузургони шаҳр
Нишастанд бар гирди солори даҳр,
Мудовои беморӣ ангехтанд,
Зи ҳар гуна шарбат баромехтанд.
Зи қорураву набз ҷустанд роз,
Наёмад ба каф умри гумгашта боз.
Табиб ар чӣ донад, мудово намуд,
Чу муддат намонд, аз мудово чӣ суд?
Пажӯҳишкунон чора ҷустанд боз,
Нишинандаро рафтан омад фароз.
Ба чорагарӣ н-омад он дур ба чанг,
Ки пӯянда ёбад замоне диранг.
Чу вақти раҳил ояд аз ранҷу дард,
Замона барорад баҳона ба мард.
Чунон афшурад рӯзгораш гулӯ,
Ки бар марги хеш оядаш орзу.
Сиголиш басе шуд дар он ранҷу тоб,
Наяфтод аз он ҷумла рои савоб.
Чароғе, ки маргаш кунад дардманд,
Ҳам аз равғани хеш ёбад газанд.
Ҳар он меваe, к-ӯ бувад дарднок,
Ҳам аз ҷунбиши худ дарафтад ба хок.
Пизишке, ки ӯ чораи ҷон кунад,
Чу дармонда бинад, чӣ дармон кунад?
Шиносандаи ҳарфи нуҳ тахти нил
Ҳисоби фалак ронд бар тахту мил.
Рухи толеи асл бенур ёфт,
Назарҳои саъдон аз ӯ дур ёфт.
Надид аз мудорои ҳеҷ ахтаре,
Дар озарми ҳайлоҷ ёригаре.
Чу дид ахтаронро дил андар ҳарос,
Ҳаросанда шуд марди ахтаршинос.
Чу Искандар оина дар пеш дошт,
Назар дар танумандии хеш дошт,
Тане дид чун мӯй бигдохта,
Гурезанда ҷоне ба лаб тохта.
На дар табъ нерӯ, на дар тан тавон,
Хамида шуда зодсарви ҷавон.
Чу шамъ аз ҷудо гаштани ҷону тан
Ба сад дида бигрист бар хештан.
Талаб кард ёрони дамсозро,
Ба саҳро ниҳод аз дил он розро,
Ки киштӣ даромад ба гирдоби танг,
Даҳан боз кард он даманда наҳанг.

Хурӯши раҳил омад аз кӯчгоҳ,
Ба нахчир хоҳад шудан маҳди шоҳ.
Фалак пеш аз ин бар ман осуда гашт,
Ба осоишам дошт бар кӯҳу дашт.
Ба кина кунад дар ман акнун нигоҳ,
Ҳамон меҳрубонӣ шуд аз меҳру моҳ.
Чунон бар ман ошуфта шуд рӯзгор,
Ки раҳ н-оварам сӯи сомони кор.
Чӣ тадбир созам, ки чархи баланд
Кулоҳи маро дар сар орад каманд.
Куҷо хозини лашкару ганҷи ман,
Ба ришват магар кам кунад ранҷи ман?
Куҷо лашкарам, то ба шамшери тез
Диҳанд ин табишро зи ҷонам гурез.
Сикандар манам, хусрави девбанд,
Худованди шамшеру тахти баланд,
Камарбаставу теғбардошта,
Яке гӯш носуфта нагзошта,
Ба тӯфони шамшер заҳроб х(в)ард,
Зи дарёи Қулзум бароварда гард.
Басе хурдро карда аз худ бузург,
Басе гӯсфандон раҳонда зи гург.
Шикаста басеро ба ҳам бастаам,
Басе бастаро низ бишкастаам.
Ситамро ба шафқат бадал карда низ,
Басо мушкилеро, ки ҳал карда низ.
Зи Қаннуҷ то Қулзуму Қирвон,
Чу меғе равон буд теғам равон.
Чу марг омад, он теғ занҷир шуд,
На занҷир, доми гулӯгир шуд.
Набаштам басе кӯҳу дарёву дашт,
К-аз он сон касе дарнадонад набашт.
Ба дорои давлат сар афрохтам,
Зи Доро ба давлат сар андохтам.
Задам гардани Фури қаттолро,
Гирифтам ба Чин ҷои Чиполро.
Зи Қобилу Ҳобил кин хостам,
Зи носик ба мансак раҳ оростам.
Фурӯ шустам аз мулк расми маҷус,
Баровардам оташ зи дарёи Рус.
Шудам бар сари тахт ҷамшедвор,
Зи ганҷи Фаридун кушодам ҳисор.
Барандохтам дахмаи Одро,
Кушодам дари қасри Шаддодро.
Сарандебро кор барҳам задам,
Қадам бар қадамгоҳи Одам задам.
Хабар додам аз Рустаму лахти ӯ,
Ҳам аз ҷоми Кайхусраву тахти ӯ.

Зи машриқ ба мағриб расондам наванд,
Ҳамон Садди Яъҷуҷ кардам баланд.
Ба Қудс оваридам чу Одам нишаст,
Задам низ дар ҳалқаи Каъба даст.
Зи зулмот машъал барафрӯхтам,
Ба зулми ҷаҳон тахта бурдӯхтам.
Ба бозӣ наяндӯхтам ҳеҷ ном,
Ба ғафлат напардохтам ҳеҷ гом.
Ба ҳар ҷо ки рафтан басечидаам,
Сар аз доду дониш напечидаам.
Ҳавое, к-аз ӯ сангу хоро гудохт,
Чу нерӯи тан буд, бо мо бисохт.
Кунун дар шабистони хаззу паранд,
Чу нерӯ намондам, шудам дардманд.
Сар омад ба болин, чу тан гашт суст,
Напояд ба болин сари тандуруст.
Сияҳ то сияҳ дидам ин коргоҳ,
Зи реги сияҳ то ба оби сиёҳ.
Гарам бозпурсӣ, ки чун будаам,
Намоям, ки як дам напаймудаам.
Бад-он тифли якрӯза монам, ки мурд,
Надида ҷаҳонро, ҳаме ҷон супурд.
Ҷаҳон ҷумла дидам зи болову зер,
Ҳанӯзам нашуд дида аз дид сер.
На ин сию шаш, гар бувад сӣ ҳазор,
Ҳамин нукта гӯям саранҷоми кор:
«Кушодам дари розҳои сипеҳр,
Ҳам аз моҳ додам нишон, ҳам зи меҳр.
Ҷаҳондидагонро шудам ҳақшинос,
Ҷаҳонофаринро намудам сипос.
Набурдам ба сар умр дар ғофилӣ,
Магар дар ҳунармандию оқилӣ.
Зи ҳар донише дафтаре хондаам,
Чу марг омад, он ҷо фурӯ мондаам.
Кушодам дари ҳар ситамкорае,
Надонам дари маргро чорае.
Ба ҷуз марг ҳар мушкилеро, ки ҳаст,
Ба чорагарӣ чора омад ба даст.
Куҷо рафтаанд он ҳакимони пок,
Ки зар мефишондам бар эшон чу хок?!
Биёед, гӯ, хокро зар кунед,
Мудовои ҷони Сикандар кунед.
Арасту куҷо, то ба фарҳангу рой
Бурунам ҷаҳонад аз ин тангной?
Балинос ку, то ба афсунгарӣ
Кунад чораи ҷони Искандарӣ?
Куҷо шуд Фалотуни парҳезкор,
Магар нуктае бо ман орад ба кор?

Намудори Волиси доно куҷост?
Бидонад магар, к-ин газанд аз чӣ хост?
Бихонед Суқроти фарзонаро,
Кушояд магар қуфли ин хонаро?
Дуаспа ба Ҳирмис фиристед кас,
Магар шоҳро дил диҳад як нафас?
Баред ин ҳикоят ба Фарфуриюс
Магар бозхаррад маро з-ин фусус?
Дигарбора гуфт: «Ин сухан ҳаст бод,
Дар ин дард аз Эзад тавон кард ёд.
Зи ранҷам дар осоиш орад магар,
Бар ин хок бахшоиш орад магар?
Нагирад касам дасту н-орад ба ёд,
Бад-ин бекасӣ дар ҷаҳон кас мабод!
Чу гашт осмонам чунин гӯшпеч,
Набояд баровардан овоз ҳеч.
Зи хоке, ки сар баргирифтам нахуст,
Ҳамон хокро боядам бозҷуст.
Аз он пеш, к-афтам дар он обканд,
Сипар бар сари об хоҳам фиканд.
Зи модар бараҳна расидам фароз,
Бараҳна ба хокам супоранд боз.
Сабукбор зодам, гарон чун шавам,
Чунон к-омадам, беҳ ки берун шавам.
Яке мурғ бар кӯҳ биншасту хост,
Чӣ афзуд бар кӯҳ ё з-ӯ чӣ кост?
Ман он мурғаму мамлакат кӯҳи ман,
Чу рафтам, ҷаҳонро чӣ андӯҳи ман?
Басе чун маро зоду ҳам зуд кушт,
Ки нафрин бар ин дояи кӯжпушт!
Зи ман гарчи диданд шафқат басе,
Ситам низ ҳам дида бошад касе,
Ҳалолам кунед, ар ситам кардаам,
Ситамгаркушӣ низ ҳам кардаам.
Чу мушкин сарирам дарояд ба хок,
Ба мушкуи покон парад ҷони пок.
Ба ҷои ғуборе, ки бар сар кунед,
Ба омурзиши ман забон тар кунед!»
Бигуфт ину чун кас надодаш ҷавоб,
Фурӯ хуфту бехештан шуд ба хоб.

## САВГАНДНОМАИ ИСКАНДАР
## БА СӮИ МОДАР

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дигарбора бинвоз руд,
Ба ёд ор аз он хуфтагон дар суруд.

Бибин сӯзи ман, соз кун сози ту,
Магар хуш бихуфтам бар овози ту.

## ДОСТОН

Чу бар гул шабехун кунад замҳарир,
Ба тифлӣ шавад шохи гулбарг пир.
Нашояд шудан маргро чорасоз,
Дари чора бар кас накарданд боз.
Таби марг чун қасди мардум кунад,
Илоҷ аз шиносанда пай гум кунад.
Чу шабро гузориш даромад ба зист,
Бихандид хуршеду шабнам гирист.
Ҷаҳондор ноландатар шуд зи дӯш,
Зи бонги ҷарасҳо баромад хурӯш.
Арасту, ҷаҳондидаи чорасоз,
Ба бечорагӣ монд аз он чора боз,
К-умеди беҳӣ дар шаҳаншаҳ надид,
Дар андозаи кори ӯ раҳ надид.
Ба шаҳ гуфт, к-эй шамъи равшангарон,
Ба ту чашмравшан ҳама хусравон.
Чу парвардагонро назар шуд зи кор,
Назар дор бар файзи парвардгор.
Аз он пештар, к-омад ин сели тез,
Чаро барнаёмад зи мо растахез?
В-аз он пеш, к-ин май бирезад ба ҷом,
Чаро ҷони мо барнаёмад зи ком?
Нахоҳам, ки мӯет ларзон шавад,
Туро мӯй афтад, маро ҷон шавад,
Валек аз чунин шарбате ногузир
Набошад кас эмин зи барнову пир.
На дил медиҳад гуфтан, ин май бинӯш,
Ки майхорагонро барорад зи ҳуш.
На гуфтан тавон, к-ин сурохӣ бирез,
Ки дар базми шаҳ кард натвон ситез.
Дареғо, чароғе бад-ин равшанӣ
Бихоҳад нишастан зи беравғанӣ.
Мадор аз тиҳиравғанӣ дил бадоғ,
Ки ногаҳ зи пӣ барфурӯзад чароғ.
Ҷаҳондор гуфто: – «Аз ин даргузар,
Ки омад маро зиндагонӣ ба сар.
Ба фармони ман нест гардонсипеҳр,
На ман додаам гардиши моҳу меҳр.
Кафе хокаму қатрае оби суст,
Зи нармодае офарида нахуст.
Зи парвардагиҳои парвардгор
Ба он ҷо расидам саранҷоми кор,
Ки чандон ки шояд шудан пешу пас,
Маро буд бар ҷумлагӣ дастрас.

Дар он вақт кардам ҷаҳонхусравӣ,
Ки ҳам ҷон қавӣ буду ҳам тан қавӣ.
Чу омад кунун нотавонӣ падид,
Ба дигар када рахт бояд кашид.
Мадеҳ беш аз инам шароби ғурур,
Ки ҳаст Оби Ҳайвон аз ин чора дур.
Зи дӯзах машав ташнаро чораҷӯй,
Сухан дар биҳишт асту он чор ҷӯй.
Дуоро ба омурзиш овар ба кор,
Магар раҳмате бахшад омурзгор,
Чу рахт аз бари кӯҳ бурд офтоб,
Сари шоҳи шоҳон даромад ба хоб.
Шаб омад, чӣ шаб, к-аждаҳое сиёҳ
Фурӯ баст зулмат пасу пеши роҳ.
Шабе сахт бемеҳру торикчеҳр,
Ба торикӣ – андар кӣ дидаст меҳр?
Ситора гиреҳ баста бар корҳо.
Фурӯ дӯхта лаб ба мисморҳо.
Фалак дузду моҳи фалак дуздгир,
Ба ҳам ҳар ду афтода дар хумми қир.
Ҷаҳон чун сияҳдуде ангехта,
Ба мӯе зи дӯзах даровехта.
Дар он шаб бад-он гуна бигдохт шоҳ,
Ки дар бисту ҳафтум шаби хеш моҳ.
Чу аз меҳри модар ба ёд омадаш,
Парешонӣ андар ниҳод омадаш.
Бифармуд, к-аз румиён як дабир,
Ки бошад хирадманду бедору пир,
Ба дуди сияҳ даркашад хомаро,
Нависад суи модараш номаро.
Дар он нома савгандҳои гарон,
Фиребанда чун лобаи модарон,
Ки «аз баҳри ман дил надорӣ нажанд,
Накӯшӣ ба фарёди носудманд».
Дабири забоновар аз гуфти шоҳ
Ҷаҳон кард бар номахонон сиёҳ.
Душоха сари килк якшох кард,
Фалакро ба фарҳанг сӯрох кард.
Чу бар шиққаи коғаз омад абир,
Шуд андоми коғаз чу мушкин ҳарир.
Зи паргори маънӣ, ки борик шуд,
Нависандаро чашм торик шуд.
Пас аз офарин офаринандаро,
Ки биноӣ ӯ дод бинандаро,
Якеюю бад-ӯ ҳар якеро ниёз,
Якояк ҳама халқро корсоз.
Чунин баста буд он фурӯзон нигор,
Аз он парваришҳо, ки ояд ба кор,

Ки «ин нома аз ман, ки Искандарам,
Суи чор модар, на як модарам,
Ки гар қатра шуд чашма, падруд бод,
Шикастасабӯ бар лаби рӯд бод!
Агар сурхсебе даромад ба гард,
Зи равнақ маяфтод норинҷи зард!
Бар ин зардгул гар ситам кард бод,
Дарахти гули сурх сарсабз бод!
На ин гӯям, эй модари меҳрубон,
Ки меҳр аз дил ояд фузун аз забон.
Бисӯзӣ, яке гар хабар бишнавӣ,
Ки чун шуд ба бод он гули хусравӣ,
Масӯз аз паи дастпарварди хеш,
Бинеҳ даст бар сӯзиши дарди хеш.
Аз ин сӯзат айём дурӣ диҳод,
Худоят дар ин ғам сабурӣ диҳод.
Ба шире, ки хӯрдам зи пистони ту,
Ба хоби хушам дар шабистони ту,
Ба сӯзи дили модари пешмир,
Ки бошад ҷавон мурда, ӯ монда пир.
Ба фармонпазирони дунёву дин,
Ба фармондиҳи осмону замин,
Ба ҳуҷҷатнависони девони хок,
Ба ҷовидмонони минуи пок,
Ба зиндониёни заминзерихишт,
Ба нузҳатнишинони хоки биҳишт,
Ба ҷоне, к-аз ӯ ҷонвар шуд набот,
Ба ҷондорӣ, к-орад аз ғам наҷот,
Ба мавҷе, ки хезад зи дарёи ҷуд,
Ба амре, к-аз ӯ созвар шуд вуҷуд,
Ба он ном, к-аз номҳо бартар аст,
Ба он нақш, к-ороиши пайкар аст,
Ба пайгори ҳафт осмони баланд,
Ба феҳристи ҳафт ахтари арҷманд,
Ба огоҳии марди яздоншинос,
Ба тарсоии ақли соҳибқиёс,
Ба ҳар шамъ, к-аз дониш афрӯхтанд,
Ба ҳар киса, к-аз файз бардӯхтанд,
Ба фарқе, ки давлат бар ӯ тофтаст,
Ба пое, ки роҳи ризо ёфтаст,
Ба парҳезгорони покизарой,
Ба борикбинони мушкилкушой,
Ба хушбӯии хоки афтодагон,
Ба хушхӯии табъи озодагон,
Ба озарми султони дарвешдӯст,
Ба дарвеши қонеъ, ки султон худ ӯст,
Ба сарсабзии субҳи ороста,
Ба мақбулии нузли нохоста,

Ба шабзиндадорони бегоҳхез,
Ба хоки ғарибони хунобарез,
Ба шабнолаи талхи зиндониён,
Ба қандили меҳроби рӯҳониён,
Ба муҳтоҷии тифли ташна ба шир,
Ба навмедии дардмандони пир,
Ба зилли ғарибони бемортӯш,
Ба ашки ятимони печидагӯш,
Ба узлатнишинони саҳрои дард,
Ба нохункабудони сармои сард,
Ба нохуфтагиҳои ғамхорагон,
Ба дармондагиҳои бечорагон,
Ба ранҷе, ки хуспад бар осудагӣ,
Ба ишқе, ки пок аст аз олудагӣ,
Ба пирӯзии ақли кӯтоҳдаст,
Ба хурсандии зуҳди хилватпараст,
Ба ҳарфе, ки дар дафтари мардумист,
Ба нақше, ки маҳмилкаши одамист,
Ба дарде, ки захмаш падидор нест,
Ба захме, ки бо марҳамаш кор нест,
Ба сабре, ки дар ношикебо бувад,
Ба шарме, ки дар рӯи зебо бувад,
Ба фарёд-фарёди он як нафас,
Ки навмед бошад зи фарёдрас,
Ба сидқе, ки рӯяд зи динпарварон,
Ба ваҳйе, ки ояд ба пайғамбарон,
Бад-он раҳ, к-аз ӯ нест касро гузир,
Бад-он роҳбар, к-ӯ бувад дастгир,
Ба он дар, к-аз ин дар гузаштан бад-ӯст,
Марову туро боз гаштан бад-ӯст,
Ба нодидани рӯи дамсози ту,
Ба маҳрумии гӯш аз овози ту,
Ба он орзу, к-аз манат бас мабод,
Бад-ин оҷизӣ, к-инчунин кас мабод!
Ба додофарине, ки доранда ӯст,
Ҳамон ҷондиҳу ҷонбароранда ӯст,
Ки чун ин васиқат расад сӯи ту,
Нагирад гиреҳ тоқи абрӯи ту.
Мусибат надорӣ, напӯшӣ палос,
Ба ҳанҷори манзил шавӣ раҳшинос.
Напечӣ ба нола, нагардӣ зи роҳ,
Кунӣ дар саранҷоми гетӣ нигоҳ.
Агар монданӣ шуд ҷаҳон бар касе,
Бимон дар ғаму сӯгворӣ басе,
В-ар эдун, ки бар кас намонад ҷаҳон,
Ту низ ошно бош бо ҳамраҳон.
Гарат рағбат ояд, ки андӯҳ х(в)арӣ,
Кунӣ сӯгворию мотамгарӣ,

Аз он пеш, к-андуҳ хурӣ, зинҳор,
Баророй меҳмоние шоҳвор.
Бихон халқро ҷумла меҳмони хеш,
Мунодӣ барангез бар хони хеш,
Ки он кас хурад ин хуришҳои пок,
Ки ғоиб набошад варо зери хок.
Агар з-он хуришҳо хурад меҳмон,
Ту низ андуҳи ман бихур дарзамон.
В-агар кас наёрад назар сӯи х(в)ард,
Ту низ андуҳи ғоибон дарнавард.
Ғами ман махур, к-они ман даргузашт,
Ба кори ғами хеш кун бозгашт.
Чунон дон, ки ёбам ду чандин диранг,
На ҳам пои умрам дарояд ба санг?
Чу бисёрии умри мо андакест,
Агар даҳ бувад солу гар сад, якест.
Чаро тарсам аз рафтани ҳаштбоғ,
Ки дар бо калид асту раҳ бо чароғ?
Чаро сар наёрам суи он сарир,
Ки ҷовид бошам бар ӯ ҷойгир.
Чаро хуш наронам бад-он сайдгоҳ,
Ки бедуд абр асту бегард роҳ.
Чу бар ман намонд ин сарои фиреб,
Зи ман бод вомондагонро шикеб!
Чу шабдизи ман ҷаст аз ин тундрӯд,
Зи ман бод бар дӯстдорон дуруд!
Раҳонид моро фалак з-ин ҳисор,
Ки бодо ҳама кас чу мо растгор!»
Чу нома ба сар бурду унвон набишт,
Фиристоду худ рафт сӯи биҳишт.
Ба сад меҳнат овард шабро ба рӯз,
Ҳама рӯз нолид бо дарду сӯз.
Дигар шаб, ки шаб тахт бар пил зад,
Замин чун фалак ҷома дар нил зад.
Чу хуршеди гарданда бар гирди рӯй
Дар он шаб зи нохун баровард мӯй,
Ситора фурӯ рехт нохун зи чанг,
Ҳаво шуд пур аз нохуни симранг.
Зи дида фурӯ бастани рӯи шоҳ
Ба нохун харошида шуд рӯи моҳ.
Палосе зи гесӯи шаб сохтанд,
Заминро ба гардан дарандохтанд.
Зи коми занаб заҳре ангехтанд,
Маҳи чархро дар гулӯ рехтанд.
Дигаргуна шуд шоҳ аз оини хеш,
К-аҷал дид болои болини хеш,
Бияфшурд хуни рагаш зери пай,
Зи ҷӯшидани хун баровард хай.

Сиёҳӣ зи дида бидуздид хол,
Сапедадамашро даромад завол.
Ба ҷон омаду ҷонаш аз кор шуд,
Дами ҷон супурдан падидор шуд.
Бихандиду дар ханда чун шамъ мурд,
Бад-он кас, ки ҷон дод, ҷонро супурд.
Зи шамъи даманда чунон рафт нур,
К-аз ӯ монд бинандаро чашм дур.
Шитобанда мурғ ончунон барпарид,
Ки то ошён ҳеҷ мурғаш надид.
Надидам касеро зи корогаҳон,
Ки огаҳ шуд аз корҳои ниҳон.
Дар ин кор агар чорае кас шинохт,
Чаро чораи кори худро насохт?
Сикандар чу барбаст аз ин хона рахт,
Задандаш ба болои ин хайма тахт.
Чӣ некӣ, ки андар ҷаҳон ӯ накард,
Ҷаҳонаш биёзурду некӯ накард!
Саранҷом чун дар паси парда рафт,
Зи бедоди гетӣ дилозурда рафт.
Агарчи зи раҳ тофтан тафта буд,
Раҳе рафт, к-он роҳ норафта буд.
Раҳанҷомро ҳар куҷо соз дод,
Аз он раҳ ба гетӣ хабар боздод.
Чаро чун ба кӯчи адам роҳ руфт,
Хабарҳои он роҳ бо кас нагуфт.
Магар ҳар кӣ даргирад ин роҳ пеш,
Фаромуш кунад роҳи гуфтори хеш.
Агар гуфтанӣ будӣ ин қисса боз,
Ниҳуфта намондӣ дар ин парда роз.
Баҳори Сикандар чу аз боди сахт
Ба хок уфтод аз каёнӣ дарахт,
Заданд аз камарҳои заркори ӯ
Яке маҳди заррин сазовори ӯ.
Паранди дарунаш зи кофур пур,
Ба дебои берун баромуда дур.
Аз андудани мушку моварду уд
Ба Ҷудӣ шуда мавҷи тӯфони ҷуд.
Рақибе, ки атраш кафансой кард,
Ба тобути заррин-дараш ҷой кард.
Чу тан мурду андоми чун сим суд,
Кафан атру тобути симин чӣ суд?
Зи тобут фармуда буд шаҳрёр,
Ки як дасти ӯро кунанд ошкор.
Дар он даст хоке тиҳӣ рехта,
Мунодӣ зи ҳар сӯ барангехта,
Ки «фармондиҳи ҳафт кишвар замин
Ҳамин як тан омад зи шоҳон, ҳамин.

Зи ҳар ганҷи дунё, ки дар бор баст,
Ба ҷуз хок чизе надорад ба даст.
Шумо низ чун аз ҷаҳон бигзаред,
Аз ин хокдон тирахоке баред».
Суи Миср бурдандаш аз шаҳри Зур,
Ки буд он диёр аз бадандеш дур.
Ба Искандарияш ватан сохтанд,
Зи тахташ ба тахта дарандохтанд.
Зи доғи ҷаҳон ҳеҷ кас ҷон набурд,
Кас ин руқъа бо ӯ ба поён набурд.
Баробар дар айвони он тахтгоҳ
Ниҳоданд зери замин тахти шоҳ.
Надорад ҷаҳон дӯстӣ бо касе,
Наёбӣ дар ӯ меҳрубонӣ басе.
Ба хокаш супурданду гаштанд боз,
Дари дахма карданд бар вай фароз.
Ҷаҳонро бад-ин гуна шуд расму роҳ,
Барорад ба гоҳу надорад нигоҳ.
Ба поён расонданд чандин ҳазор,
Наёмад ба поён ҳанӯз ин шумор.
На з-ин ришта сар метавон тофтан,
На сарриштаро метавон ёфтан.
Таҷассусгарӣ шарти ин кӯй нест,
Дар ин парда ҷуз хомушӣ рӯй нест.
Бибин дар ҷаҳон, гар ҷаҳондидаӣ,
К-аз ӯ чанд касро зиён дидаӣ.
Ҷаҳоне, ки бо инчунин хорӣ аст,
На дархурди чандин ситамкорӣ аст.
Чӣ бинӣ дар ин торами сурмагун,
Ки меояд аз мили ӯ сели хун?!
Чу хуршед шуд оташин мили ӯ,
Дарандоз санге ба қандили ӯ.
Дар ин мил мангар, ки зарринваш аст,
Ки он зар на аз сурхии оташ аст.
Сари созгорӣ надорад сипеҳр,
Камар баста бар кини мо моҳу меҳр.
Машав ҷуфти ин ҷодуи зарқсоз,
Ки пинҳонкуш аст, ошкоронавоз.
Бурун лофи марҳампарастӣ занад,
Дарун захмаҳои дудастӣ занад.
Зи шуғли ҷаҳон даркаш, эй дӯст, даст,
Ки шоҳӣ бад-ин ҷавшан аз теғ раст.
Чу тӯфони инсофхоҳӣ бувад,
Натарсад зи ғарқ, он ки моҳӣ бувад.
Ҷаҳон чун дукони бирешимкашист,
Аз ӯ ниме обе, дигар оташест.
Диҳад ҳалқаеро аз ин сӯ беҳӣ,
В-аз он сӯ кунад ҳалқаеро тиҳӣ.

Ба гетипажӯҳӣ чӣ поем дер,
Ки дудест болову гардест зер.
Бад-он монад аҳволи ин дуду гард,
Ки ҳаст осмон бо замин дар набард.
Агар осмон бо замин сохтӣ,
Зи мо ҳар замонаш напардохтӣ.
Низомӣ, гиреҳ барзан ин бандро,
Матарсу матарсон тане чандро.
Ба меҳмонии базми султон шудан,
Нашояд ба раҳ-бар пушаймон шудан.
Чу султон сало дардиҳад, гӯш кун,
Маи талх бар ёди ӯ нӯш кун.
Сикандар, к-аз он ҷом чун гул шукуфт,
Ситад ҷому бар ёди ӯ хӯрду хуфт.
Касеро, ки он май хурад, нӯш бод,
Ба ҷуз ёди султон фаромӯш бод!

## РАСИДАНИ НОМАИ ИСКАНДАР БА МОДАРАШ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, як имшаб бар овози чанг
Халосам деҳ аз ранҷи ин роҳи танг.
Магар, чун шавад роҳ бар ман фарох,
Барам рахт берун аз ин санглох.

### ВАСФИ ЗИМИСТОН

Зимистон чу пайдо кунад дастбурд,
Фурӯ борад аз абр борони хурд.
Гулӯдарди офоқро аз ғубор
Луъобе зуҷоҷӣ диҳад рӯзгор.
Дару даштро шабнами чархи кӯз
Кунад эмин аз таффу тоби тамуз.
Ба ташнагиёҳони ҷуллобгир
Яхи хурдкарда диҳад замҳарир.
Ҷавонмардии боғи пироясанҷ
Шавад муфлис аз кимиёҳои ганҷ.
Диҳанд об райҳонфурӯшони дай
Сафолина хумро зи райҳони май.
Хуми хони деҳқон чу ояд ба ҷӯш,
Қасаб бифканад пири пашминапӯш.
Ғизолон, ки дар нофа мушк оваранд,
Кабоби тару нуқли хушк оваранд.
Нишинанд шоҳон ба ромишгарӣ,
Хуранд оби ҳайвони искандарӣ.

Чӣ гуфтам, дигар раҳ чӣ зод аз сухан,
Чӣ бозӣ баророст чархи куҳан!?

## ДОСТОН

Чу з-Искандар омад ба Рум огаҳӣ,
Ки олам шуд аз шоҳи олам тиҳӣ,
Мулуки тавоиф ба ҳар кишваре
Нишастанду гетӣ надорад саре.
Бузургон агар дастбӯс оваранд,
Ба даргоҳи Искандарус оваранд.
Ҳама зевари Рум шуд зоғранг,
Ба Рум андаромад шабехуни Занг.
Ҳамон номае шаҳ, ки бинвишт пеш,
Ба модар супурданд бар муҳри хеш.
Чу модар фурӯ хонд ғамномаро,
Сиятҳ кард ҳам ҷому ҳам ҷомаро.
Зи тӯмори он номаи дилшикан
Чу тӯмор печид бар хештан,
Вале гарчи шуд рӯз бар вай сиёҳ,
Сари худ напечид аз андарзи шоҳ.
Ба уммеди хушнудии ҷони ӯ
Нигаҳ дошт савганду паймони ӯ.
Паси шоҳ низ ӯ фаровон назист,
Ҳамасола хун хӯрду хун мегирист.
Чу шуд кори ӯ низ ҳам сохта,
Аз ӯ низ шуд кор пардохта.

## НОЛИДАНИ ИСКАНДАРУС ДАР МАРГИ ПАДАР ВА РАҲО КАРДАНИ ПОДШОҲӢ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бад-он сози ғамгиннавоз
Дар ин сӯзиши ғам маро чора соз.
Магар, к-аз як овози ромишфурӯз
Маро з-ин шаби меҳнат орӣ ба рӯз.

## ДОСТОН

Пас аз марги Искандар Искандарус
Ба ошӯби шоҳӣ назад низ кӯс.
Агарчи зи шоҳони пирӯзбахт
Ҷуз ӯ кас наёмад сазовори тахт,
Бад-ин мулки даҳрӯза рое надошт,
Ки чандон навои навое надошт.
Бинолид чун булбули дардманд,
Ки зер афтад аз шохи сарви баланд.

Бузургони лашкар намуданд ҷаҳд,
Ки бо он валиаҳд банданд аҳд.
Дари ганҷ бар вай кушоянд боз,
Ба ҷои Сикандар барандаш намоз.
Маликзодаро азми шоҳӣ набуд,
Ки дар вай ҷуз Эзад паноҳе набуд.
Зи шоҳону лашкаркашон узр хост,
Ки бар ҷуз мане шуғл доред рост,
Ки бар ман ҳаром аст май хостан,
Ба ҷои падар маҷлис оростан.
Маро бо ҳисоби ҷаҳон кор нест,
Ки ин риштаро сар падидор нест.
Ба моҳам гумон буд, ки гардад ба санг,
Ба хуршед, к-афтад ба коми наҳанг.
Гумонам набуд, к-он ҷаҳонгиршоҳ
Ба рӯзи ҷавонӣ кунад азми роҳ.
Фурӯ монад айвону аврангро,
Пазиро шавад дахмаи тангро.
Ман аз хидмати хокиён растаам,
Ба эзадпарастӣ миён бастаам.
Ба ин сарсарӣ пули нопойдор
Чӣ гуна тавон кард пой устувор?
Ҳамоно, ки беш аз падар нестам,
Падар чун фурӯ рафт, ман кистам?!
Нахоҳам шудан з-ӯ ҷаҳонгиртар,
На з-ӯ низ бороютадбиртар.
Зи дунё чӣ дид ӯ бад-он дилкашӣ,
Ки ман низ бинам ҳамон дилх(в)ашӣ.
Чу дидам, к-аз ин ҳалқаи ҳафтҷӯш,
Бар он тахтвар шуд ҷаҳон тахтапӯш,
Ҳама тахту пирояро сӯхтам,
Ба тахти каён тахта бардӯхтам.
Нишастам ба кунҷе чу афтодагон,
Ба озодии ҷони озодагон!
Ҳавасҳои ин нуқраи зархарид
Басо киса, к-аз нуқраву зар дарид.
Чу паймона пур гашту пуртар кунӣ,
Ба сар даркунӣ, ҳар чӣ дар сар кунӣ,
Ҳамон беҳ, ки пеш аз барангехтан
Шавам дур аз ин ҷой бигрехтан.
Надорам сари тоҷу савдои тахт,
Ки тарсам, шабехун дарояд ба бахт.
Дар ин ғор чун анкабутони ғор
Зи мӯру магас чанд гирам шикор.
Яке дайри хоро ба даст оварам,
Дар он дайр танҳо нишаст оварам.
Ба ашки худ аз гавҳари ҷони пок
Фурӯ шӯям олудагиҳои хок.

Бипечам сар аз ҳар чӣ печиданӣ,
Бисечам ба кори бисечиданӣ.
Шавам мурғу дар кӯҳ тоат кунам,
Ба тухми гиёҳе қаноат кунам.
Ба осонӣ аз ранҷҳо нагзарам,
Ки душвор мирам, чу осон х(в)арам.
Чу ҳангоми рафтан дарояд фароз,
Кунам бар фаришта дари дев боз.
Маро чун падар дар мағок афканед,
Кафе хокро зери хок афканед.
Чу аз марг бисёр ёд оварӣ,
Шикебанда бошӣ дар он доварӣ.
В-агар н-орӣ аз талхии марг ёд,
Ба душворӣ он дар тавонӣ кушод.
Саранҷом дар дайри кӯҳе нишаст,
Зи шуғли ҷаҳон дошт якбора даст.
Дил аз шуғли олам ба тоат супурд,
Бар ин зист гуфтан нашояд, ки мурд.
Ту низ, эй ҷавон, аз паси пири хеш
Магардон аз ин шева тадбири хеш,
Ки дар олам ин чархи найрангсоз
На он кард, к-онро тавон гуфт боз.
Басо, юсуфонро, ки дар чоҳ баст,
Басо, гарданонро, ки гардад шикаст.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ АРАСТУ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дилам сер гашт аз нафир,
Баровар яке нола бар бонги зер.
Магар нолаи зерам ояд ба гӯш,
Аз ин нолаи зор гардам хамӯш.

## ДОСТОН

Сикандар чу з-ин кунда бикшод банд
Барафканд бар ҳисни гардун каманд.
Ҳама файласуфони даргоҳи ӯ
Дар он пӯя гаштанд ҳамроҳи ӯ.
Арасту чу вомонд аз он офтоб,
Аз абри сияҳ баст бар худ ниқоб.
Сиёҳӣ бипӯшиду дар ғам нишаст,
Чу вақт омад, ӯ низ ҳам рахт баст.
Зи сарви саҳӣ рафт боландагӣ,
Табиат даромад ба нolандагӣ.
Нишастанд юнониён гирди ӯ,
Зи устоди ӯ то ба шогирди ӯ.

Чу диданд, к-он пайки манзилшинос
Ба манзил шавад бе рақибони пос,
Хабар бозҷустанд аз он ҳушманд,
Ки пайдо кун аҳволи чархи баланд.
Бигӯ, то чӣ ҷавҳар шуд ин осмон,
К-аз ӯ дур шуд ҳар касеро гумон.
Шитобандаи роҳи дигар сарой
Чунин гуфт, к-Эзад бувад раҳнамой.
Басе раҳбарӣ бар фалак сохтам,
Бад-ин дил, ки ман парда бишнохтам.
Чу хоҳам шуд акнун ба бечорагӣ,
Дар ин раҳ набинам ҷуз оворагӣ.
Ҷаҳон файласуфи ҷаҳон хонадам,
Расадбанди ҳафт осмон донадам.
«Ҷаҳонмадхал» аз дониш оростам,
Набиштам дар ӯ, ҳар чӣ мехостам.
Ҳама дар шиносоии ахтарон,
Фурӯ гуфта аҳволи гардун дар он.
Кунун, к-аз яқин гуфт бояд сухан,
Раҳо кун расадномаҳои куҳан.
Ба Яздони пок ар маро огаҳист,
Ки ин хони пӯшида пур ё тиҳист.
Сухан чун бад-ин ҷо расонид соз,
Сухангӯй мард аз сухан монд боз.
Биполуд равған зи равшанчароғ,
Бифармуд, к-оранд себе зи боғ.
Ба каф барниҳод он навозанда себ,
Ба бӯе ҳамедод ҷонро шикеб.
Нафасро чу з-ин торами нилранг
Гузаргаҳ даромад ба даҳлези танг.
Бихандиду гуфт: – «Арраҳил, эй гурӯҳ,
Ки субҳи маро сар баромад зи кӯҳ.
Зи Яздони пок омад ин ҷони пок,
Супурдам дигар раҳ ба Яздони пок».
Бигуфт ину барзад яке боди сард,
Баровард гардун аз ӯ низ гард.
Чу бигзашту бигзошт осебро,
Ба ёрон бияндохт он себро.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ ҲИРМИС

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бад-он ҷурраи ҷоннавоз
Бар оҳанги мо нолаи нав бисоз,
Ки гаштем чун булбул аз нола маст,
Бад-он нола з-ин нола донем раст.

## ДОСТОН

Чу Ҳирмис бад-ин жарфдарё расид,
Раҳе дид, к-аз вай раҳой надид.
Фурӯ рафту гуфт: «Офарин бар касе,
Ки колои киштӣ надорад басе.
Чӣ бояд гаронборие сохтан,
Ки бояд ба дарё дарандохтан?!
Ҷаҳон хонаи ваҳш буд аз нахуст,
Дар ӯ бо наво ҳар гиёҳе, ки руст,
Зи кӯҳи гарон то ба дарёи жарф
Чаҳу боми ӯ шуд ба борону барф.
Чу шуд оҳуи гӯри одам падид,
Гурезанда шуд гӯру оҳу рамид.
Ман он ваҳшиоҳум, к-аз дасти зӯр
Ба пои худам рафт бояд ба гӯр.
Дар ин раҳ паноҳи худ аз ҳеҷ кас
Насозам ҷуз аз покяздону бас.
Шумо низ чун азми роҳ оваред,
Ба покизаяздон паноҳ оваред».
Дар ин гуфтанаш хоби хуш бозбурд,
Суханро чӣ хуспонам, ӯ низ мурд.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ АФЛОТУН

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, баророй лаҳне дуруст,
Ки ин нест моро хатое нахуст.
Бад-он саҳн бурдан тавон бомдод
Ҳама лаҳнҳои ҷаҳонро зи ёд.

## ДОСТОН

Фалотун, чу дар рафтан омад, чӣ гуфт,
Ки мо низ дар хок хоҳем хуфт.
Чунон шуд ҳикоят дар он марзу бум,
Ки болиғтарин кас манам з-аҳли Рум.
Чу дар пардаи марг раҳ ёфтам,
Зи ҳар пардае рӯй бартофтам.
Бад-он тифл монам, ки ҳангоми хоб
Ба гаҳвораи хобаш ояд шитоб.
Ба хуфтан маниш раҳнамун оядаш,
Надонад, ки ин хоб чун оядаш.
Дар ин чортабъи мухолифниҳод,
Ки об омаду оташу хоку бод,
Чӣ гуна тавон ростӣ ёфтан?
Зи каҗжӣ бибояд инон тофтан,

Бувад чор девори он хона суст,
Ки бунёдаш аввал набошад дуруст.
Гузашт аз саду сездаҳ соли ман,
Ба даҳсолагон монад аҳволи ман.
Ҳамон орзухоҳиям дар сар аст,
Куҳан ман шудам, орзу навтар аст.
Бад-ин орзу чун замоне гузашт,
Фалак фарши ӯ низ ҳам дарнавашт.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ ВОЛИС

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, ба ёд ор бар ёди ман
Суруде бар оҳанги фарёди ман.
Бикун шодам аз шодии он суруд,
Магар бигзарам з-оби ин ҳафтрӯд.

## ДОСТОН

Чу Волисро сар даромад ба хоб,
Дарафканд киштӣ ба тӯфони об.
Нишаста рафиқони ёригараш
Ба ёригарӣ чун фалак бар сараш.
Чу бар нотавон ёфт тимор даст,
Танумандро нотавонӣ шикаст.
Зи нерӯи толеъ хабар бозҷуст,
Биноҳои автодро ёфт суст.
Ситора дил аз дод бардошта,
Ситамгар шуда, дод бигзошта.
Ба он ҳамнишинон, ки буданд пеш,
Хабар дод аз андозаи умри хеш.
Чунин гуфт, к-эмин мабошем кас
Аз ин ҳафт  ҳиндуи куҳличарас,
Ки ин ахтарон гарчи фаррухпаянд,
Зи нофаррухӣ низ холӣ наянд.
Чу наҳс уфтад даври сайёрагон,
Бувад давр даври ситамкорагон.
Шумори ситам то наёяд ба сар,
Ба гетӣ наёяд касе додгар.
Чу боз ахтари саъд ёбад қирон,
Ба некӣ расад кори некахтарон.
Фалак то расидан бад-он бозгашт,
Варақҳои мо боре андарнавашт.
Чу гуфт ин, паноҳандаро кард ёд,
Фурӯ баст лаб, дида бар ҳам ниҳод.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ БАЛИНОС

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дар ин пардаи дерсол
Навое барангезу бо ӯ бинол.
Магар бар навои чунин нолае
Фурӯ борад аз ашки ман жолае.

### ДОСТОН

Балиносро чун сар омад ҷаҳон,
Чунин гуфт дар гӯши корогаҳон,
Ки ҳангоми кӯч омад инак фароз,
Ба ҷои дигар мекунам турктоз.
Гилин хонае, к-ӯ сарои ман аст,
На ман ҳайкале дон, ки ҷои ман аст.
Ба ин ҳафт ҳайкал, ки дорад сипеҳр,
Сарам ҳам фурӯ н-ояд аз роҳи меҳр.
Ман он авҷи гардунпано-хусравам,
Ки дар хона меояму меравам.
Гаҳе дархазам ғунчаеро ба кох,
Гаҳе барпарам товусеро ба шох.
Париворам аз чашмҳо нопадид,
Бар ҳар ҷо, ки хоҳам, тавонам парид.
Шудомад ба қадри замон кай кунам,
Замонро куҷо пай ниҳам, пай кунам.
Чу кӯшам, ниҳам бар сари Сидра пой,
Чу хоҳам кунам дар дили сахра ҷой.
Ба дашту ба дарё тавонам гузашт,
Ҳам Илёси дарёву ҳам Хизри дашт.
Ҷуз ин ҳар чӣ ёбӣ дар айвони ман,
На ман ҳамнишинест бар хони ман.
Ман онам, ки хоҳам шудан бар фароз,
Бурун дон зи ман, ҳарчӣ ёбанд боз.
Чу гуфт ин тараннум ба овози нарм,
Суи ҳамраҳон борагӣ кард гарм.
Баросуд аз ошӯбҳои ҷаҳон,
Ки ҷашне бувад марг бо ҳамраҳон.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ ФАРФИРИЮС

### МУҒАННИНОМА

Биёр, эй муғаннӣ, навое шигифт,
Гирифта раҳо кун, ки хобам гирифт.
В-агар з-он тараннум шавам хуфта низ,
Набинам магар хоби ошуфта низ.

## ДОСТОН

Чу омад гаҳи азми Фарфириюс,
Буна бар шутур басту бинвохт кӯс.
Ба ҳамсуҳбатон гуфт, к-ин боғи нағз,
Ки манзури чашм асту райҳони мағз.
Чу пояндагӣ несташ дар сиришт,
Чи торикдӯзах, чи равшанбиҳишт.
Зи доноии мост моро ҳарос,
Ки аз раҳзан эмин нашуд раҳшинос.
Камонгар ҳамеша хамида бувад,
Қабодӯзро қаб дарида бувад,
Тарозуи чарбифурӯшон ба ранг
Бувад чарбу чарбӣ надорад ба санг.
Ҳамасола маҳмилкаши бори ганҷ
Наёсояд аз меҳнату дарду ранҷ.
Чу пардохт з-ин нақш паргори ӯ,
Кашиданд хат низ бар кори ӯ.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ СУҚРОТ

## МУҒАННИНОМА

Дарор, эй муғаннӣ, сарамро зи хоб
Ба абрешими руду чангу рубоб,
Магар, к-оби он руд чун оби рӯд
Ба хушкӣ кашӣ тарри орад фуруд.

## ДОСТОН

Чу Суқротро рафтан омад фароз,
Дуаспа ба пеши аҷал рафт боз.
Шунидам, ки заҳре баромехтанд,
Ниҳонӣ варо дар гулӯ рехтанд.
Тани заҳрхораш чу шуд дардманд,
Ба сӯи сафар базмае зад баланд.
Чунин гуфт: – «Чун муддат омад ба сар,
Нашояд шудан маргро чорагар.
Дар он хоб, к-афсурдаболин бувад,
Нишасти якояк ба поин бувад».
Чу диданд, к-он мурғи улвихиром
Бурун рафт хоҳад ба зудӣ зи дом,
Ба Суқрот гуфтанд, к-эй ҳушманд,
Чу берун равад ҷон аз ин шаҳрбанд,
Фурӯ монад аз ҷунбиш аъзои ту,
Куҷо беҳ бувад сохтан ҷои ту?
Табассумкунон гуфташон устод,
Ки бар рафтагон дил набояд ниҳод.

Гарам боз ёбед, гиред пой,
Ба ҳар ҷо, ки хоҳед, созед ҷой.
Даромад бад-ӯ низ тӯфони хоб,
Фурӯ бурд чун дигарон сар ба об.
Шуданд огаҳ он зиракон дар ниҳуфт,
Ки устоди доно бад-эшон чӣ гуфт.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ НИЗОМӢ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, раҳи Ромиши Ҷон бисоз,
Навозиш кунам з-он раҳи дилнавоз.
Чунон зан наво аз яке то ба сад,
Ки дар базми Хусрав задӣ Борбад.

### ДОСТОН

Низомӣ, чу ин достон шуд тамом,
Ба азми шудан низ бардошт гом.
На бас рӯзгоре бар-ин баргузашт,
Ки таърихи умраш варақ дарнавашт.
Фузун буд шаш маҳ зи шасту се сол,
Ки бар азми раҳ бар дуҳул зад давол.
Чу ҳоли ҳакимони пешина гуфт,
Ҳакимон бихуфтанду ӯ низ хуфт.
Рафиқони худро ба гоҳи раҳил
Гаҳ аз раҳ хабар доду гоҳ аз далел.
Бихандиду гуфто, ки омурзгор
Ба омурзишам кард уммедвор.
Зи мо заҳмати хеш доред дур,
Шумо в-ин серо, мову доруссурур.
Дар ин гуфтугӯ буд, ки хобаш рабуд,
Ту гуфтӣ, ки бедорияш худ набуд.

## СИТОИШИ МАЛИК ИЗУДДИН МАСЪУД ИБНИ АРСЛОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, раҳи ромиш овар падид,
Ки ғам шуд ба поёну шодӣ расид.
Раванда раҳе зан, ки бар руди соз
Чу умри шаҳ он роҳ бошад дароз.

### ДУОИ ПОДШОҲ

Гар он бихрадонро ситад рӯзгор,
Хирад монд бар шоҳи мо ёдгор.

Бақо бод шаҳро ба нерӯи бахт,
Бад-ӯ бод сарсабзии тоҷу тахт!
Бад-ӯ дод авранги худро каманд,
Малик Иззидин, он ки чархи баланд
Кушояндаи рози ҳафт ахтарон,
Вилоятхудованди ҳаштум қирон,
Нишинандаи базми Кисрову Кай,
Фаридункамар, шоҳи фирӯзпай,
Лабаш ҳуққаи нӯшдоруи аҳд,
Фурӯзандаи чархи фирӯзамаҳд.
Зи ширинии чашмаи нӯши ӯ
Шуда гӯши ӯ ҳалқа дар гӯши ӯ.
Чу базме баророяд аз бомдод,
Нишинад дар он базм чун Кайқубод.
Дар он ангубинхона бинӣ чу наҳл,
Ба ҷӯш омада зуфунони фаҳл.
Чу ҳар зуфунуне ба фарҳангу ҳуш,
Басо якфанонро, ки молида гӯш,
Нишаста ба ҳар гӯша гавҳаркаше,
Барангехта обе аз оташе.
Маликпарвароне малоиксиришт,
Калиди дари боғҳои биҳишт.
Вазире батадбир, беш аз Низом,
Ба акфалкифотӣ баровარда ном.
Чу шаҳ чун Маликшаҳ бувад дастгир,
Низоми дувум бояд ӯро вазир.
Зи ҳар кишваре карда шахсе гузин,
Бузургофариниш, бузургофарин.
Чу гул хӯрдани бодашон нӯшханд,
Чу булбул ба мастӣ ҳама ҳушманд.
Ҳама нимҳушёру шаҳ ниммаст,
Ҳама чарбгуфтору шаҳ чарбдаст.
Кӣ дорад чунон базме аз хусравон,
Ҷуз он ҳам малик, ҳам ҷаҳонпаҳлавон?
Дар он базм, к-ошӯбро кор нест,
Ҷуз ин номаи нағзро бор нест.
Бад-он то ҷаҳонро тамошо кунад,
Расанбандии кӯҳу дарё кунад.
Гаҳе тохтан дар Тароз оварад,
Гаҳе бар Ҳабаш турктоз оварад.
Нишаста ҷаҳонҷӯй бар ҷои хеш,
Ҷаҳон мулки офоқаш оварда пеш.
Ба пирӯзӣ ин номаи дилнавоз
Дари ҳафт кишвар бар ӯ карда боз.
Бад-ӯ маҷлиси шоҳ хуррам шуда,
Тасовири паргори олам шуда.
Хаҳ, эй ворисе базми кайхусравӣ,
Ба бозуи ту пушти давлат қавӣ.

Назар кун дар ин ҷоми гетинамой,
Бибин, он чи хоҳӣ зи гетихудой.
Хаёли чунин хилватизодае
Диҳад муждаи шаҳ ба шаҳзодае.
Ба ман – бар чунон дар кушод ин калид,
Ки дурре зи дарёе ояд падид.
Ки то мил зад субҳ бар тахти оҷ,
Чунон дарнапайваст бар ҳеҷ тоҷ.
Чу маҳд омад аввал ба тақрири кор,
Агар мадҳе ояд, шигифте мадор.
Баророй базме бад-ин хуррамӣ,
Камар банд чун осмон бар замӣ.
Чӣ будӣ, ки дар хулди он базмгоҳ
Маро як замон додӣ иқбол роҳ.
Магар з-он баҳӣ базми ороста,
Зи корам шудӣ банд бархоста.
Чу он ёваре нест дар дасту пой,
Ки дар маҳди мину кунам такяҷой.
Фиристодани ҷон ба минуи пок
Беҳ аз заҳмат овардани тирахок.
Ду гавҳар баромад зи дарёи ман,
Фурӯзанда аз рӯяшон рои ман.
Яке исмати марямӣ ёфта,
Яке нури Исо бар ӯ тофта.
Ба хубӣ шуд ин як чу бадри мунир,
Чу шамс он ба равшандилӣ беназир.
Ба навбатгаҳи шаҳ ду ҳиндуи бом
Яке Муқбилу дигар Иқболном.
Фиристодаам ҳар дуро назди шоҳ,
Ки ёқутро дурҷ дорад нигоҳ.
Арӯсе, ки бо муҳри модар бувад,
Беҳ, ар пардадораш бародар бувад.
Бибояд чу ояд бари шаҳрёр
Чунин пардагиро чунон пардадор.
Чу ман нузли хоси ту ҷон додаам,
Ҷигар низ бо ҷон фиристодаам.
Чунон бозгардонаш аз назди хеш,
К-аз уммеди ман бошад он рифқ беш.
Маро то бад-ин ҷо сарояд сухун,
Ту донӣ, дигар ҳар чӣ хоҳӣ, бикун!

## АНҶОМИШИ «ИҚБОЛНОМА»

Чу гавҳар бурун омад аз кони кӯҳ,
Зи гавҳархарон гашт гетӣ сутӯҳ.
Миён баста ҳар як ба гавҳархарӣ,
Харидори гавҳар бувад гавҳарӣ.
Ман он гавҳар оварда аз нофи санг,
Ба гавҳарфурӯшӣ тарозу ба чанг.

На аз баҳри он к-инчунин гавҳаре
Фурӯшам ба ганҷинаи кишваре.
Ба қорунии қуфлдорони ганҷ
Тамаъ дорам андозаи дастранҷ.
Фурӯ мондан аз баҳри кам беш нест,
Бале, Моҳ бо Муштарӣ хеш нест.
Нниюшандае бозҷӯям баҳуш,
К-аз ӯ нашканад номи гавҳарфурӯш.
Камархонии кӯҳ кардан чу дев,
Ҳамон чун дадон баркашидан ғирев,
Ба селоб-дар ганҷ пардохтан,
Ҷавоҳир ба дарё дарандохтан
Аз он беҳ, ки бар гӯши торикмағз
Кушодан дари достонҳои нағз.
Суханро ниюшанда бояд нахуст,
Гуҳар бе харидорон н-ояд дуруст.
Маро муштарӣ ҳаст гавҳаршинос,
Ҳамон гавҳар афшондани беқиёс.
Валекин зи сангозмоёни кӯҳ
Паи ман гирифтанд чандин гурӯҳ.
Чу лаъли шабафрӯзам омад ба чанг,
Зи ҳар манҷаниқе кушоданд санг,
Ки моро деҳ ин гавҳари шабчароғ
В-агар не, гаронӣ бурун бар зи боғ.
Барошуфтам аз сахтии корашон,
Зи бевазнии байъи бозорашон,
Ки байёъии дур на сарҳангӣ аст,
Писанди наво дар ҳамоҳангӣ аст.
Зи дур даргузар, байъи дарёст ин,
Баҳо ку, ки байъе муҳайёст ин?
Чу дар байъи дарё нишинад касе,
Хазина ба дарёш бояд басе.
Ба дарё кунад байъи дарё падид,
Кӣ дарё ба дарё тавонад харид?
Ҳар овоза, к-он шуд ба гетӣ баланд,
Аз андозае буд гетиписанд,
Чу бевазние бошад андозаро,
Баландӣ куҷо бошад овозаро?
Дар ин нукта, к-аз гул барад рангро,
Ҷавобест пӯшида фарҳангро.
В-агарна, мани дурбатороҷдеҳ
Камардуздро донам аз тоҷдеҳ.
На з-он аст чандин сухан ронданам,
Ҳамон ояти фоқа бархонданам,
Ки бо ман ҷаҳон сахтие мекунад,
Сутурам сабукрахтие мекунад.
Тиҳӣ нест аз таррае хони ман,
Зи нотандурустист афғони ман.

Чу паргори бунят набошад дуруст,
Қалам чун нагардад зи паргор суст?!
Ғуборе,ки бо тандурустӣ бувад,
Ҳама донаш анҷири бустӣ бувад.
Бале, гарчи шуд сол бар ман куҳан,
Нашуд равнақи тозагим аз сухан.
Ҳанӯзам куҳансарв дорад навӣ,
Ҳамон нуқрахингам кунад хушравӣ.
Ҳанӯзам ба панҷоҳ байт аз қиёс
Сад андар тарозу ниҳад ҳақшинос.
Ҳанӯзам замона ба нерӯи бахт
Диҳад дур ба домону дебо ба тахт.
Вале дорам, андешаи сарбаланд,
Ки бар сайди шерон кушоям каманд.
Чу шер афканам сайду худ бигзарам,
Хурад сина рубоҳу ман хун х(в)арам.
Чу сарсинаро гурба аз дег бурд,
Чӣ суд, ар аҷуза кунад сина хурд?
Ҷаҳоне чунин дар ғалат бохтан,
Сипеҳре чунин дар каҷ андохтан.
Ба шаст омад андозаи соли ман,
Нагашт аз худ андозаи ҳоли ман.
Ҳамонам, ки будам ба даҳсолагӣ,
Ҳамон дев бо ман ба даллолагӣ.
Гузашта чунон шуд, ки боде ба дашт
Фурӯ монда, ҳам зуд хоҳад гузашт.
Дарозию кӯтоҳии солу моҳ
Ҳисоби расан дораду далву чоҳ.
Чу давл обе аз чаҳ наёрад фароз,
Расан хоҳ кӯтоҳу хоҳӣ дароз.
Ман ин гуфтаму рафтаму қисса монд,
Ба бозӣ намебояд ин қисса хонд.
Ниёшанда беҳ, гар ғами худ х(в)арад,
Ки ӯ низ аз ин кӯчгаҳ бигзарад.
Нагӯяд, ки ӯ чун гузашт аз ҷаҳон,
Кунад чораи хеш бо ҳамраҳон.
Яке рӯз ман низ дар аҳди хеш
Сухан ёд мекардам аз аҳди пеш,
Ғами рафтагон дар дилам ҷой кард,
Ду чашми маро ашкпаймой кард.
Шаб омад яке з-он ғариқони об,
Чунин гуфт бо ман ба ҳангоми хоб:
Ғами мо бад-он шарт хӯрдан тавон,
Ки бошӣ ту берун аз ин ҳамраҳон!
Чу бо корвоне дар ин тохтан
Ҳаме кори худ боядат сохтан.
Аз он шаб басечи сафар сохтам,
Дил аз кори беҳуда пардохтам,

Ки эмин бувад марди бедорҳуш
Зи ғавғои ин боди қандилкуш.
Беҳ, ар дар хуми май фурӯ шуд хазам,
Чу май ҷомаеро ба хун меразам.
Гар аз пушти гӯрон надорам кабоб,
Зи гӯри шикам ҳам надорам азоб.
В-агар нест полудаи нағз пеш,
Кунам мағзи полударо қути хеш.
В-агар хушк шуд равғанам дар аёғ,
Ба беравғанӣ ҷон канам чун чароғ.
Чу аз нони таблӣ тиҳӣ шуд танам,
Чу табл аз тапончахурӣ нашканам.
Гарам бишканад гардиши солу моҳ,
Маро мумиёӣ бас иқболи шоҳ.
Худоё, ту ин иқди якриштаро,
Баруманд боғи ҳунаркиштаро
Ба беёрӣ андар ҷаҳон ёр бош,
Шабу рӯзаш аз бад нигаҳдор бош.
Ба поён шуд ин достони дарӣ
Ба фирӯзфолию некахтарӣ.
Чу номи шаҳаш фол масъуд бод
В-аз ин достон шоҳ маҳмуд бод!
Дуре буд носуфта, ман суфтамаш,
Ба фаррухтарин толиъе гуфтамаш.
Аз он ҷо, ки бар муқбилон нақш баст,
Аҷаб нест, гар муқбил омад ба даст.
Чу бархонад ин номаро шаҳрёр,
Хирад ёвараш боду фарҳанг ёр!
Ҳамин достон бод аз ӯ сарбаланд,
Ҳам ӯ бод аз ин достон баҳраманд!
Низомӣ, бад-ӯ олиовоза бод,
Ба назме чунин номи ӯ тоза бод!
Бад-ӯ бод фархунда чун номи ӯ
Аз оғози ӯ то ба анҷоми ӯ!
Сараш сабз боду дилаш шодмон,
Аз ӯ дур чашми бади бадгумон!
Ҷаҳонаш мутеъу замонаш ба ком,
Фалак бандаву рӯзгораш ғулом!

## Л УҒОТ

### А

**Аблақ** – дуранг, сиёҳу сафед.

**Абно** – писарон; мардумон.

**Або** – обӣ, обакӣ.

**Або** – ош; гиёҳеро низ меноманд, ки он дар дарёи Миср месабзад ва бехи онро истифода мебаранд. Бо юнонӣ онро папирус мегӯянд.

**Абра** – ғам, андӯҳ, тараддуди гиря.

**Адим** – чарм, чарми сурхранг.

**Адҳам** – шутури неки хокистаргун; асб.

**Азаб** – марди безан, муҷаррад.

**Айюқ** – ситораи хурди равшани сурхранг, ки дар тарафи рости Каҳкашон ва пайрави Сурайё мебошад.

**Аморӣ** – каҷовае, ки бар пушти фил мебанданд; тахти равон.

**Анӯшаманиш** – хушфикр, некақида, шодмонхотир.

**Анҷидагон** – яъне захмиён, маҷрӯҳон.

**Арзиз** – қалъаӣ.

**Арин** – беша, бешае, ки маъвои шер, гург, мор ва ғайра бошад.

**Ариш** – андозаи муайяне, ки аз сарангушти дасти рост то сарангушти дасти чап дар сурате, ки дастҳоро аз ҳам кушода доранд; аз сарангушт то оринҷ.

**Аррода** – олатест аз манҷаниқ хурдтар ва дар қадим ҳамчун аслиҳаи ҷангӣ истифода мебурданд; Аробаи дучархаи боркашӣ.

**Арӯсак** – манҷаниқи хурд, фалахмон.

**Асад** – шери беша, номи бурҷи панҷум аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ.

**Афзор** – гиёҳи хушбӯе ба монанди филфил, дорчину заъфарон.

**Ашҳаб** – шер; кори сахту душвор; асб.

**Аъдо** – адӯ, душман.

**Ағонӣ (ағният)** – навъе аз суруд.

**Ақсо** – гӯша, карона, дур, мунтаҳо.

## Б

**Бадром** – хушу хӯрам, ороста, осоишу ором.

**Байъат** – аҳду паймон.

**Байғора** – сарзаниш, таъна.

**Барзан** – кӯча, саркӯча, хона, саҳро; гӯшаи ҳаёт.

**Барид** – хабаровар, қосид.

**Барин** – болотарин, бартарин, аъло; доиму абадӣ.

**Барот** – ҳуҷҷат, навиштае, ки ин ё он чизро дар асоси он мегиранд; чек; дастовез.

**Баруманд** – тавонгар, хушбахт, комёб, хушнуд.

**Бат** – мурғобӣ,

**Бахта** – гӯспанд, қӯчқор, наргӯсфанди сесола ё чорсола.

**Бақам (баққам)** – чӯбест сурхранг ва порчаро бо он ранг мекарданд.

**Баҳром** – ситораи Миррихро меноманд.

**Бедбарг** – навъе аз пайкони тир, ки ба барги бед монандӣ доштааст.

**Бесурок** – шутури ҷавони пурқувват, шутурбаччаи яксолаву дусола; тойча, курра.

**Бидоят** — оғоз, шурӯъ, ибтидо.

**Бизоат** – сарват, асбоб, мулк, дороӣ, матоъ.

**Бирка** – ҳавз; чодар; пӯсти сари синаи шутур, гӯсфанди дӯшиданӣ.

**Биҳил** — бигузор.

**Бобзан** – сихи кабоб.

**Бодалӣ --** навъе аз матои бофташуда.

**Бора** – девор, ҳисор, қалъа; зулфу гесӯ; дӯсту ёр; одат, қоидаву қонун.

**Бурқаъ** – ниқоб, рӯбанд.

**Буқъа** – иморат, хона, сарой, ҷой.

## В

**Вазағ** – қурбоқа, ғук.

**Вашақ** – ҷонварест ба рӯбоҳ монанд ва аз пӯсти он пӯстин медӯзанд.

**Вушоқ** – даванда; хушхабар, ғулом, хидматгор.

## Г

**Газит** – хироҷ ва андозе, ки ҳокимон аз мардум меситонданд.

**Гарданон** – паҳлавонон.

**Гарева (гирева)** – кӯҳи паст; пуштаи баланд; замини обканда; роҳи душворгузар.

**Гела** – деҳа, русто.

**Говарса (говарс)** – донаҳои ба арзан монанде, ки ба кабӯтарон диҳанд; курмак, говарсаи нуқрагун – яъне обутоби шамшер.

**Говдум** – карнай; фароз, нишеб.

**Гавоҳан** – оҳане, ки бар сари чӯби махсус баста шуда, ба воситаи он заминро ҳамвор ё худ мола мекунанд.

**Гургина** – пӯстине, ки аз пӯсти гург месохтаанд.

**Гуроз** —хук;мардуми далеру шуҷоъ.

## Ғ

**Ғадр** – бевафоӣ, макру ҳила, хиёнат, кинахоҳӣ.

**Ғазбон** – манҷаниқ, санге, ки ба фалахмон гузошта, ба тарафи душман парронанд; ғазаб, хашмнок.

**Ғаливож (ғаливоҷ)** – мурғи гӯштхор, ки онро баъзан мушгир низ меноманд.

**Ғуроб** – зоғ.

## Д

**Дабба** – каду, регтӯда; оҳиста ва мулоим қадам задан.

**Дабиқ** – шаҳрест дар Миср; дабиқӣ – порчае, ки дар он шаҳр бофта мешавад.

**Даволӣ** – маккор, фиребдиҳанда.

**Давол** – тасмаи чармӣ, тасмаи рикоби асб, тасмаи шамшер, теғ.

**Даволак** – тасмаи хурдак; дувлакбозӣ—яъне ҳилагарӣ, маккорӣ.

**Дай** – замистон, хунукӣ, сармо.

**Дайҳим** – тоҷ, афсари шоҳон.

**Далв** — сатл, зарфи обкашӣ.

**Даррӣ** – занг, ҷарас; гуфтугӯ, муколима, оғозанда; путки оҳангарон.

**Дарюза** – гадоӣ, бенавоӣ, фақир, тангдастӣ; захираи мерос.

**Дарқ** – сахт аз ҳар чизе.

**Дашна** – навъе аз ханҷар, шамшер, корди нӯкборик.

**Даҳо** – зиракӣ, кордонӣ.

**Даҳра** – олоти ҷангие, ки дастааш оҳанин буда, сараш ба мисли дос мебошад. Ин асбоб бештар ба гелониҳову мозандарониҳо хос аст ва вай дар ниҳояти тезӣ мебошад.

**Дибоғат** – санъати пӯсткорӣ.

**Дижхим** – бадхӯй, бадхоҳа, бадрӯй, зишт, хунхор.

**Диръ** – зиреҳ; пероҳани ҷангӣ.

**Дом** – ҳайвоноти ғайридаранда аз қабили оҳу, нахчир, ғизол, парандаҳо, ҳашарот.

**Дуда** – табор, деҳа, вилоят.

**Дурбош** – найзаи душоҳа; асо; найзаи хурд; оҳи дил.

**Дурроъа** – ҷома; ҷавшан.

## Ё

**Ёсиҷ** – тири пайкондор; тире, ки дар гузашта ин ё он подшоҳ исми худро дар он менавишт.

## З

**Зайт** – равғани зайтун; номи асбе низ будааст.

**Залла** – таом, хӯрданӣ.

**Занбӯра** – навъе аз навои ҳиндуӣ, ки бо воситаи ин асбоб менавозанд; навъе аз тири пайхон, аслиҳаи ҷанги, тӯби хурд; анбӯҳи мардум.

**Зангонаруд** – созест, ки зангиён менавозанд.

**Заррофа** – дуруғгӯй.

**Зарғом** – шери беша.

**Зарқ** – риё ва нифоқ, дурангӣ, макру фиреб; тӯҳмат, ғайбат.

**Зиммат** – амон, аҳд, зинҳор, паймон.

**Захма** – табоҳшуда; мӣзроб ва олате, ки созандаҳо бад-он созе навозанд.

**Зеҳ** – подош, ҷазо, мукофот; зеҳе – офарин, таҳсин.

**Зукол (зугол)** – ангишт зуғол.

## И

**Иклил** – тоҷ; асои ба ҷавҳар ороишдодашуда; яке аз манзилҳои моҳ, ки чаҳор ситора дорад; гӯшти гирдогирди нохунро низ мегӯянд.

**Иқтоъ** – сарзаниш; бахшидани хироч, ба касе пораи замин додан.

## К

**Кабода** – камон, камони нарму суст.

**Каввал** – пӯстине, ки аз гӯспанд дӯзанд.

**Кадевар** – кадхудои хона, соҳиби мулку замин ва саро, заминдор; боғбон, деҳқон; раиси тоифа.

**Кайд** – макру ҳила; ҷангу ҷидол.

**Каркадан – (каргадан)** – ҷонвари пистондоре, ки бар болои бинӣ шохе дорад. Вай асосан дар Ҳиндустону Африка вуҷуд дорад.

**Карх** – хонаву ҷой, иморат, қаср.

**Кажоганд (кажоғанд)** – ҷомае, ки даруни онро бо абрешим пур кунанд ва бихядӯзӣ намоянд ва ин гуна ҷомаро дар рӯзҳои ҷанг мепӯшиданд.

**Каш** – хушию некӣ, шодию фараҳ.

**Кашаф** – сангпушт.

**Каъб** – ҳар банди устухон, устухонбанди пушти пои ҳайвон.

**Килла** – сақфи хона ва ҳар чизе, ки ба мисли сақфи хона бошад; парда; пардае, ки ҳамчу хона дӯхта бошанд ва арӯсро дар миёни он ороиш кунанд.

**Кимухт** – пӯсти ҳайвон, ки онро ба навъи махсусе сафед кардаву нақшунигордор мекунанд.

**Китиф** – китф.

**Кобин** – акди никоҳ бастан.

**Кӯла** – аблаҳ, аҳмак, ҳаромзада.

**Кӯпол** —гурзи оҳанин.

**Куҳлӣ (каҳл)** – сурмаӣ, сурма; куҳлипаранд- торикии шаб.

**Кӯҳа** – баландӣ, кӯҳони шутур; ҳамла; бим, ҳарос.

## Қ

**Қавора** – порча, пора, қисм.

**Каннуҷ** – шаҳрест дар Ҳиндустон.

**Қанут** – суханчин; сухан, калом.

**Қароба (қарроба)** – шишаи шароб, сурохӣ.

**Қафиз** – паймона, андозаи ғиллот, заминро гӯянд; қафизӣ-як навъ бозии кӯдакона.

**Қинтор** – доруест; зару сим, динор.

**Қуроза** – резаи зарру сим, ки аз тарошидан ҳосил мешавад.

## Л

**Лабиша (лавоша)** – ҳалқае аз ресмон, ки бар сари чӯбе банданду бар лаби асб гузошта битобанд, то ки вай ҳаракати нописанд накунад; монанди лаҷоми асб.

**Лавзина** – ҳалвое, ки аз мағзи бодом тайёр карда бошанд ҳар хӯрише, ки дар он мағзи бодом ҳамроҳ карда бошанд.

**Лавид** – деги бузурги бесарпӯш.

**Лафча** – гӯшти беустухон; каллаи бирёнкардашуда.

**Лахт** – чизу чора, кафшу мӯза; гурз.

**Лаҳиф** – ситамрасида, бечора, парешонрӯзгор; лиҳоф, рӯпӯш.

**Лиф** – чизе, ки аз пӯсти ҳурмобун ва ё мӯи асб созанд ва бад-он пойафзорро пок кунанд; чизи кисамонанде, ки дар ҳаммом бо он баданро шустушӯ кунанд.

**Лубод** – чӯбе, ки бар гардани гов мегузоранд, гарданбанди гов.

**Лӯрканд** – замине, ки селоб канда бошад, ҷои селканда.

## М

**Мавкиб** – сипоҳ, лашкар; гурӯҳи зиёди саворону пиёдагон.

**Мавло** – соҳиб, молик; озодкунанда.

**Мадхун** – тозакардашуда; замини аз бориши борон каме таршуда; пӯсти сафедкардашуда; равғанмолида.

**Мазич** – бодоми талх.

**Макавкаб** – ситорадор аз мехҳои зару сим мехкӯбшуда.

**Мандал** – хатте, ки азоимхонон бар даври худ мекашанд; навъе аз духул; чӯби уд.

**Маниш** – бузургии табъ, ҳиммат, караму саховат, ҷавонмардӣ, далерӣ; мизоҷ, сиришт.

**Мансуҷ** – матои бофташуда

**Марғӯл** – зулфу кокули печида, гесӯи печон, бонгу овоз, нағмаву овози хуш, овози мутрибон.

**Маслах** – ҷойгоҳе, ки дар он ҷо чорворо пӯст мекананд, қассобхона.

**Маснад** – ҷой, макон; такягоҳ; болишт.

**Массоҳ** – касе, ки заминро андоза мекунад ва масоҳати онро равшан менамояд.

**Масус** – зани нозуишвадор; таоме, ки аз гӯшти мурғ пазанд.

**Матраҳ** – ҷою мақом, маҳал, киса, ҷои ниҳодани чизе, шикорхалта.

**Мафлуҷ** – фалаҷшуда.

**Маҳмил** – каҷовае, ки бар шутурон бананд.

**Микис** – сахтгирӣ, кашокашӣ дар нарху наво.

**Миъод** – ваъдагоҳ, ҷои вохӯрӣ.

**Мисоқ** – аҳду паймон, устувории қавл.

**Митқол** – порчаи сафеднокарда, ки онро мисқолӣ низ мегӯянд.

**Микраъа** – тозиёна.

**Микроза** – навъе аз пайкони тир, ки душоха бошад; навъе аз ҳаво.

**Миҳак** – санге, ки бад-он зарру сим баркашанд, озмоиш, имтиҳон.

**Моида** – хӯрданӣ, дастархоне, ки бар вай таом гузошта шуда бошад; неъмат.

**Муаррич** – нардбон; муарричгарон – созандагони нардбон, нардбонсоз.

**Музаввир** – фиребдиҳанда, макркунанда.

**Муламмаъ** – равшанкардашуда, дурахшонкардашуда, рангоранг.

**Мусаққал (масқал)** – сайқал додан; асбобе, ки бад-он ба чизе ҷило медиҳанд, занграбо.

**Мустароҳ** – ҷои осоишу роҳат; канору роҳи об; бодгоҳ.

**Мусаҷҷал** – ороста, дуруст; собит; аҳду паймон намудан.

**Мутарро** – мусаффо, обдору пардохташуда, ороишёфта.

**Муқбил** – соҳибиқбол, некбахт, саодатманд.

**Муҳосиб** – ҳисобкунанда, мураттабкунанда.

**Муҷрим** – гуноҳкор, нофармон, осӣ.

**Муҳит** – баҳр.

**Муҳмил** – он ки бор мебарад, борбардор, ёридиҳандае, ки барои бори вазнинро бурдан дастёрӣ мекунад.

## Н

**Наванд** – нома, қосид; хабаровар; асби тезрав; садо ва овози баланд; маккор, фиребанда, номи ҷое, ки оташкадаи Барзин он ҷо буд; номи кӯҳе; номи падари Фарҳоди дар достонҳо машҳур.

**Навард** – инъом, бахшиш, пули нақд; дархуру лоиқ, арзишдор.

**Навол** – ато, диҳиш; сазовор.

**Нафх** – пуф кардан ба мақсади дамондани чизе.

**Нақиб** – пешво, каси бомаърифат.

**Нақл** – ато, бахшанда.

**Наҳунбан** – сарпӯши дег, табақи танӯр.

**Ниё** – бобо.

**Ниём** – ғилоф.

**Нифа** – банди изор, банди шалвор; порчаи чаҳоркунҷае, ки дар он либосвориҳо баста шаванд; пӯстини аз пӯсти ҳайвонот дӯхташуда.

**Ноб** – соф, пок; дандони пеш.

**Нол** – най.

**Нор** – анор; оташ; сурх.

**Ночах** – табарзин, пайкони душоха, найзаи хурд.

**Ноқа** – шутури мода; номи чандин ситора, ки ба шакли шутур мебошанд.

## О

**Обо** – падар, падаркалон, бобо.

**Озаранг** – ихтисорёфтаи озарранг, яъне оташранг.

**Олон** – қалъа, номи кишвар ва шаҳре дар Қафқоз.

**Омоидан** – ҳозир шудан, тайёр шудан.

**Омос** – варам, баромадагӣ дар ягон узвҳои бадан; саромос-яъне сарбаромада.

**Омуда** – ороста, пуркарда, муҳайёсохта.

**Обнӯс** – дарахте дар Ҳиндустон, ки чӯби он сиёҳу сахт аст.

**Ориз** – хабардиҳанда, арзкунанда.

**Ос** – ихтисори осиёб.

## П

**Пайк** – қосид, паёмгузор, хабаровар.

**Паранд --** матои абрешимӣ; теғ, шамшер. .

**Парвизан** – элак.

**Палорак** – ҷавҳари шамшер; навъе аз пӯлод; шамшер.

**Патёра** – офат, андӯҳ, чизҳои зишту ҳавлнок; хусумат, душманӣ.

**Полуда** – чизест аз хӯрокӣ; пок, соф.

**Пос** — муҳофизат, посбонӣ, нигоҳбонӣ, нигаҳдорӣ.

## Р

**Рабеъ** – баҳор.

**Разин** – муҳкам, устувор.

**Рағм** – бар хилофи хоҳишу майл, ба сахтӣ, нописандӣ.

**Ратл** – адл, навҷавони борикбадан; кӯдак; марди калонсоли заифшуда; андозаи вазн.

**Рафеъ** – шарифу баландқадр; олӣ ва афрохта, баланд.

**Рафраф** – марғзор, доманаҳои хиргоҳ; канораи фаршҳо, ки бар он зоид бошанд, саропарда;. дарахти нав шохабароварда; равшан; як навъ дарахти ямани.

**Руқоқ** – нони тунук, нони гирда; хӯроки тунуку нарм аз ҳар чизе.

**Рибо** – судхӯрӣ, зиёдагирӣ, ба насяя харидан.

**Рикоб (рикеб)** – узангу, асбоби пойгузорие, ки аз ду тарафи зин овехта шудааст; савора; пиёла ва ҷоми ҳаштпаҳлӯро низ меноманд.

**Ратл** — ҷоми шароб.

**Ричор** – мураббо; ҳар таоме, ки аз шири гӯспанд тайёр кунанд; маҷозан ҳар як сухани дарҳамбарҳамро низ мегӯянд.

**Рик(к)** – пӯсти тунуки оҳу, барги дарахт; номи гиёҳи хордор; банда; замини нарму фарох.

**Рубъ** – чаҳоряк

**Рӯйнатос** – нақора.

**Руйинадиз** – қалъа, номи қалъае.

**Рутаб** – хурмои тар.

**Руунат** – нодонӣ, камаклӣ; нармиву сустӣ; худоройӣ; зинат.

**Рухом** – санге бағоят суфтаву сахт, ки зарду сапеду сурх мебошад.

**Рӯйин** – биринҷин.

**Рӯйинахум** – дуҳулу нақораи бузург.

**Рӯйинакос** – нақораи биринҷини калон, табли биринҷин; ҷоми биринҷин.

**Рӯян** – рӯнос, яъне решаи яке аз гиёҳҳое, ки ба воситаи он пӯстро ранг мекунанд ва ӯ сурхранг аст.

## С

**Савб** – рост; қасду оҳанг, резиши борон.

**Савод** – сиёҳӣ, шаҳр, навоҳӣ; шахс, колбад.

**Савқӣ** – бозорӣ.

**Сайфур** – бофтаи абрешими бисёр латиф, матоъу порчаи шоҳӣ.

**Салаб** – навъе аз либоси ҷангӣ ба монанди ҷавшан.

**Сало** – фарёде, ки барои таом додани дарвешон, фақирон мекарданд, хабар кардан; Дар гузашта барои анҷом додани намозхонӣ фарёде мезаданду овозе мебароварданд.

**Самотин** – қолӣ, гилем; хонаи ороишёфта.

**Санҷақ** – байрақ, ливо; камарбанд.

**Сарсар** – боди сахтовоз ва ё боди сарди сахтовоз.

**Сарсом** – сарчархӣ, беҳушӣ, беҳудӣ, шайдоӣ, девонагӣ.

**Сетозан** – навозандаи сетор.

**Сафан** – пӯсти дурушт, пӯсти наҳанг, пӯсти сусмор, тешаи чӯбтарошӣ.

**Сахта** – санҷида, бовазн, боандеша.

**Сақл** – зидудан, тарошидан.

**Саққо** – обдиҳанда; дар шеър ба маънои соҳиби борон, боронбор омадааст.

**Сидра** – як дарахти канор; гӯё дарахтест дар биҳишт ё худ дар осмони ҳаштум.

**Сикоҳан** – ранги сиёҳе, ки аз сирка ва оҳан ё худ аз пӯсти анор тайёр карда мешавад. Бо ин ранг ҷомаву чармҳоро ранг мекарданд.

**Силеҳ** – силоҳ, aслиҳаи ҷангӣ.

**Сириш** – рустание, ки навраставу тозаи онро пухта мехӯранд. Ҳангоме ки вай ба камол мерасаду мепазад, онро хушконида, орд месозанд ва ордашро барои бастани ҷароҳат, шикастбандӣ истифода мебаранд; нолаву зорӣ, фарёд; бадкору бадамал.

**Ситом** – мехи наъли асб; зангӯла, нақора; даргоҳ; Остона; зебу зинати тиллоӣ.

**Сиҷил** – навиштаҷот; тӯмор; муҳр.

**Сов** – боҷу хироҷ; суҳоне, ки шамшер тез мекунанд; буттаи хордор ва сафеди баланд, ки дар миёни кирмҳои пила ниҳанд, то пила бар он танад.

**Солусӣ** – макру ҳилагарӣ, фиребгарӣ.

**Судоб** – қувват, қудрат, тавоноӣ; гиёҳи давоӣ, ки талху тунд аст.

**Сулб** – душвор, сахт; устувор, мустаҳкам.

**Сутудон** – қабр, мақбара, мазор.

**Сутурлоб (Устурлоб)** – олатест, ки барои андозагирии мавқеъ ва баландии ситорагон ва дигар умури фалакӣ ба кор мерафт.

**Сутӯҳ** – тарс, хавф, даҳшат, парешонӣ, изтироб.

**Суҳуф (суҳф)** – навиштаҳо, номаҳо китобҳо.

**Сӯг** – ғаму андӯҳ, кулфат.

## Т

**Табарзад** – набот.

**Табира** – дуҳул, нақора, табл.

**Тавфир** – такмил, афзунӣ, зиёдатӣ, фаровонӣ, фоидаву даромади мулк; тавфирсанҷ – он ки бисёр месанҷад.

**Тавқ** – гарданбанд; гиребон; сӯрох, ҳалқа.

**Тазаллум** – шикоят аз зулму ситам ва бедодӣ намудан, додхоҳӣ кардан.

**Тайёра** – ҳар чизи парвозкунанда.

**Такбир** – «Аллоҳу акбар», гуфтан.

**Тало** – колбад, шахс; ҷусса.

**Талоя** – ҷосус, хабаргир, ҷанговароне, ки посбонӣ мекунад.

**Талқ** – дар қайду банд гирифтор.

**Тамғоч – (Тамғоҷ)** – номи шаҳре дар Туркистон; абрӯи тамғочиён-яъне абрӯи пурчину урожинге, ки дар айёми ғазаболудӣ ба вуҷуд меояд.

**Тарг** – кулоҳи ҷангӣ, ки дар ҳангоми ҷанг бипӯшанд.

**Тароиф** – чизҳои латифу хуш ва писандида, молҳои наву тоза.

**Тафохур** – ифтихорӣ, ифтихормандӣ.

**Таъбия** – омода намудану тайёр кардани лашкар, оростан

**Тиннин** – мор, аждаҳо.

**Тироз** – ҷомаи қимату фохире, ки ҳамчун зинатворӣ истифода баранд; равиш, тарз, қоидаву қонун; нақшу нигор, зинату ороиш; канора.

**Тос** – пиёла, соғар, коса, ҷом; тоси нигун – яъне киноя аз фалаку осмон аст.

**Туд** – дарахти тут.

**Тундар** – раъду барқ.

**Тунг** – кӯзае, ки шикамаш калон ва гирдаш кӯтоҳу даҳонаш танг бошад.

**Турктоз** – тохту тороҷи лашкар, таъҷил, шитоб, ногоҳ, бехабар; нозу карашма, ишвагарӣ.

**Турки ҳисорӣ** – киноя аз моҳ ё худ офтоб.

**Турс** – сипар; пӯлодтурс – яъне сипари пӯлодин.

**Тӯбо** – номи дарахте дар биҳишт.

**Тӯз** – пӯсти дарахте, ки бисёр нозук ба монанди коғаз аст; тохту тороҷ, ғорату яғмо, ҳуҷуму ҳамла.

## У

**Улвӣ** – баланд, самоӣ, малак, фаришта.

**Уммӣ** – бесавод, касеро гӯянд, ки хондану навиштан, натавонанд.

## Ф

**Фаррот** – ҷамъи форит, яъне, каси пешраванда ба сӯи водӣ ва об.

**Фарруҷ** – чӯҷаи мурғ.

**Фархордис** – яъне монанди буткада; дисмонанд, Фархор -- номи шаҳрест, ки бо хубрӯёнаш машҳур аст ва инчунин ба маъниии буткада низ меояд.

**Фаръ** – шариф, аъло; шоху шоха, наслу нажод; ҳосилу маҳсул; Фаръхорони хок-одамизодро меноманд.

**Фаҳл** – ҳайвони зотӣ; ситораи низ меноманд; дарахти бесамар; ровӣ ва бозгӯяндаи шеър; нек, доно; хурмобун; номи мавзеъе дар Шом.

**Фиреш** – тохту тороҷ, ғорату яғмо.

**Фитрок** — тасмае, ки барои пасу пеш нарафтани зин аз пешу паси асб кашида мешавад.

**Фулка** – чархаест ба монанди чархи дук.

**Фур** – шоҳ, малик.

**Фурза** – соҳили дарё, даҳонаи ҷӯй; номи деҳаву мавзее низ будааст.

**Фуқоъ** – оби ҷав, ки дар гармӣ барои таскини бадан менӯшанд.

## Х

**Хаданг** – дарахтест бисёр сахт, ки аз чӯби он найза, тир ва зини асб месохтанд; хорпушт, харчанг.

**Хай** – арақи бадан, рутубат, қатраи об.

**Хайл** – анбӯҳ, лашкар сипоҳиён.

**Халлух** – шаҳре дар Чин, ки бо мушкаш машҳур аст; Дар шеър ба маънои муаттар, дилрабо, зебо меояд.

**Халхоли зар** – киноя аз офтоб.

**Ханида** – писандида, маъруф, машҳур; макида; садо ва овоз.

**Харос** – осиёи калоне. ки бо чорпо мегардонданд; ҳафтчашма харос киноя аз дунё, осмон мебошад.

**Харпушта** – пуштаи бузурги ноҳамвор, ки миёни он баланд бошад; тоқу айвон; навъе аз ҷавшан, ки дар рӯзи ҷанг пӯшанд.

**Хатлӣ (Хатл)** – Хатлон, яъне Кӯлоби кунунӣ ки дар гузашта асби хубро аз он ҷо меоваранд. Ғайр аз ин мардумонаш низ хушсурат будаанд.

**Хезон** – мавҷи об; ки ба ҳар тараф панҷа андохта бошад.

**Хидев** – подшоҳ; вазир; хайрхоҳ; ягонаи асру давр; худованд, молик; ёру дӯст, рафиқ.

**Хилол** – дандонков, чӯбе, ки бар забони шутур часпонад, то ки ӯ шир макида натавонад.

**Хитта** – замине, ки гирдогирди он хат кашида шуда бошад, ҳудуди махсус, пораи замин, қисми шаҳри калон.

**Хишт** – гурзи чаҳорпаҳлӯ; найзаи хурде.

**Хозин** – хазинадор, ганҷур.

**Хойиск** – путк, чаккуш болға.

**Хотуни яғмо** – киноя аз офтоб.

**Хоя** – тухми паранда.

**Хумбак (хунбак)** – доираи хурде, ки чанбараи он аз биринҷӣ бошад.

**Хумоҳан** – санги бағоят калони сурхранг ва бештар тираранг; муҳраи сиёҳи ба сурхӣ моиро низ мегӯянд.

## Ҳ

**Ҳазимат** – шикасти лашкар, парокандагии лашкар, гурехтани лашкар.

**Ҳамоил** – овезон.

**Ҳарро** – рахти асб, гирда тилоию нуқрагин, ки бо он зину афзоли асб зебу зинат дода мешуд; доруе, ки онро ҳалила низ меноманд.

**Ҳарун** – номи асбе, ки дар раҳгардӣ тавсанӣ кунад; ҳарунӣ– саркашӣ, гарданкашӣ, худсарӣ.

**Ҳаҷла** – хона, ҳуҷраи ороставу зинатдодашуда барои домоду арӯс.

**Ҳизабр** – шери беша; дурушт.

**Ҳирбуд** – пешвои оташпараст, пири оташкада; қозии зардуштиён.

**Ҳисн** – бино ва ҷои устуворе, ки ба даруни он даромадан ба осонӣ муяссар намегардад; қалъаи мустаҳкам.

**Ҳиштан** – гузоштан, тарк кардан, раҳо кардан; овехтан, овезон кардан, печондан.

**Ҳоил** – ҳавлнок, даҳшатнок, бимовар.

**Ҳорун** – қосид; посбон; ҳайрат.

## Ч

**Чарбидан** – ғолиб омадан; ғарқ кардан, вазнинӣ кардан.

**Чарз** – мурғест лазизгушт ва онро бо бозу шоҳин ши-кор мекарданд.

**Чолиш** – рафтор бо нозу ишва, хиромрафтор, ҳаракати зебову дилрабо; чолишгар-касе, ки бо нозу ишва раҳ мегардад.

## Ҷ

**Ҷавзан** – офате, ки ҷаву гандумро нобуд мекунад; тоифаи соҳироне аз Ҳиндустон дар қадим буданд, ки онҳо бо донаи гандуму ҷаву зардкардаашон соҳирӣ менамуданд.

**Ҷавсанг** – чизеро гӯянд, ки дар ҳаҷму вазн баробари донаи ҷав бошад, андозаи вазн.

**Ҷалоҷил** – зангҳо, доираҳое, ки пеш аз ҳуҷум овардан зада мешаванд; овози кӯсу нақора; мурғи хушовозро низ меноманд.

**Ҷамоза (ҷаммоза)** – навъе аз шутури тезрав.

**Ҷанибат** – асби боркаш.

**Ҷаноҳ** – болу бозу; гурӯҳе, ки бар ду тарафи лашкар ороста мешаванд.

**Ҷарида** – гурӯҳи саворон; найзаи кӯтоҳ; танҳо, фард.

**Ҷаъба** – сандукча.

**Ҷизят** – хироҷ.

**Ҷаноҳ (ҷаноҳ)** – гурӯҳ аз ҳар чизе; бозу, бол.

**Ҷурра** – наринаи ҳар як ҷонвару паранда; маҷозан ба маънои шуҷоъ, далер меояд. Ҷуррабоз – яъне бози нар.

## Ш

**Шабдиз** – шабранг; асби сиёҳи тирарангро меноманд, асби наҷиби покнажод; номи асби машҳури Хусрави Парвиз, номи лаҳне аз савтҳо; маҷозан ба маънои рӯзгор, замона, олам, дунё меояд.

**Шакарбӯза (шакарбӯра)** – санбӯсаи қандӣ, ки бо қанду мағзи бодом, мағзи писта тайёр мекарданд.

**Шамус** – маю шароб; бадхӯй, дурушт; саркаш; асб.

**Шангарф (шанҷарф)** – сурхранг; номи кирми гандумхӯр, ки агар дар киштзор пайдо шавад, хароб мекунад.

**Шарза** – тунду тез, хашмгин; бараҳнадандон, зӯрманд, даранда.

**Шаър** – мӯй; гиёҳ; дарахти заъфарон; навъе аз ҷомаи абрешимин.

**Шаҳна** – посбон, муҳофизи шаҳр.

**Шаҳруд** – созу навои румиён будааст.

**Шоварон** – номи вилояте дар Шервон.

**Шум** – чоруқ; пойафзор.

**Шуъбада** – бозӣ; чашмбандӣ, фиребгарӣ.

## Я

**Язак** – солор, ҷосус; язакдор-яъне раиси посбонон, сардори пешқаровулон.

**Ямон** – тобиш, ҷилодор.

**Ясор** – тарафи чап, ҷониби чап.

**Ятоқ** – пос доштан, ҳифз кардан, муҳофизат; ятокдор-посбон, нигаҳбон.

## МУНДАРИЧА

ИСКАНДАРНОМА..........................................................5 - 478
*ШАРАФНОМА*..........................................................6 - 303
*ИҚБОЛНОМА* ..........................................................304 - 462
ЛУҒОТ ..........................................................463 - 478

## "АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
## ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

**Ҷилди 21**

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
# ХАМСА:

**(Искандарнома)**


Муҳаррири ороиш **_Р. Шералӣ_**

Муҳаррири саҳифабандӣ **_М. Саидова_**

Тарроҳ **_Ҳ. Холов_**

Ҳуруфчини компютерӣ **_Ш. Муҳаммадиева_**
**_Р. Ализода_**

Ба матбаа 4.12.2012 таҳвил гардид. Чопаш 28.12.2012
ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Андозаи 60х90$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 108/12.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.